ISSN 2664-0651 (Print)
ISSN 2709-8567 (Online)

2023 - №1 (60)

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

Маҷаллаи илмию сиёсии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

Научно-политический журнал
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан

# PUBLIC ADMINISTRATION

Scientific and Political Journal
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan

*journal.apa.tj*
*journal.apa.tj@gmail.com*

**Душанбе - 2023**

ISSN 2664-0651 (Print)
ISSN 2709-8567 (Online)

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ
# 2023 / №1 (60)

Маҷаллаи илмию сиёсии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ
# 2023 / №1 (60)

Научно-политический журнал
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан

# PUBLIC ADMINISTRATION
# 2023 / №1 (60)

Scientific and Political Journal
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan

Шуъбаи таҳрир ва таъбу нашр
Душанбе – 2023

Маҷалла аз соли 2005 таъсис ёфтааст.

Маҷалла дар як сол 4 шумора бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Маҷалла дар Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия (аз 21.02.2023) ва Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 11.06.2019), ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии илмӣ оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳо ва доктори илмҳо нашр гарданд, ворид карда шудааст.

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) ворид карда шудааст. Ба таври доимӣ шумораҳои нашршудаи маҷалла дар китобхонаи илмии электронии e-library.ru ворид карда мешавад.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун васоити ахбори омма ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи № 012/МҶ-97 аз 03.07.2017.

**Маҷалла мақолаҳои илмии**
**соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:**

**5.2. (08.00.00) - ИҚТИСОДӢ**

5.2.3. Иқтисодиёти минтақавӣ ва соҳавӣ
5.2.4. Молия
5.2.5. Иқтисоди ҷаҳонӣ

**5.1. (12.00.00) - ҲУҚУҚ**

5.1.1. Илмҳои назариявӣ-таърихии ҳуқуқӣ
5.1.2. Илмҳои оммавӣ – ҳуқуқӣ (давлатӣ – ҳуқуқӣ)
5.1.3. Илмҳои хусусӣ – ҳуқуқӣ (маданӣ)

**5.5. (23.00.00) - СИЁСАТШИНОСӢ**

5.5.3. Идоракунии давлатӣ ва сиёсати соҳавӣ
5.5.4. Муносибатҳои байналмилалӣ

**МУАССИС ВА НОШИР:**
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сомонаи маҷалла: https://journal.apa.tj

**ISSN 2664-0651 (Print)**
**ISSN 2709-8567 (Online)**
©Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯИ МАҶАЛЛА

### САРМУҲАРРИР:

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Карамалишоев Карамалишо Нуралишоевич – номзади илмҳои таърих, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ**

**Бобоев Олимҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Низомова Тухфамо Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

**Ашуров Ихтиёр Саидович** –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон;

**Самандаров Искандар Ҳусейнович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур.

**12.00.00 – Илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Маҷидзода Зоир Ҷурахон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Диноршоев Азиз Диноршоевич –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Азизов Убайдулло Абдуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Раззоқов Баҳодур Ҳаётович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**Ибрагимов Солиҷон Ибрагимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Рустамзода Ҷумабек Юнус** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**23.00.00 – Илмҳои сиёсӣ**

**Олимов Рашид Қутбиддинович** – доктори имлҳои сиёсӣ, профессор, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Искандаров Акбаршо Искандарович –** доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Хидирзода Махфират Умар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Ҷононов Саидамир** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат;

**Шоисматуллоев Шоназар** – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Журнал основан в 2005 г.

Журнал выходит 4 раза в год на таджикском, русском и английском языках.

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук Высшей аттестационной комиссии при Министерстве науки и высшего образования Российской Федерации (от 21.02.2023 г.) и Перечень рецензируемых журналов Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан (от 11.06.2019 г.), в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук.

Журнал также включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ). Изданные выпуски журнала регулярно загружаются в открытый доступ Научной электронной библиотеки e-library.ru.

Журнал зарегистрирован как средство массовой информации в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 012/МЧ-97 от 03.07.2017 г.

**Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:**

**5.2. (08.00.00) - ЭКОНОМИКА**

5.2.3. Региональная и отраслевая экономика
5.2.4. Финансы
5.2.5. Мировая экономика

**5.1. (12.00.00) - ПРАВО**

5.1.1. Теоретико-исторические правовые науки
5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки
5.1.3. Частно-правовые (цивилистические) науки

**5.5. (23.00.00) - ПОЛИТОЛОГИЯ**

5.5.3. Государственное управление и отраслевые политики
5.5.4. Международные отношения

**УЧРЕДИТЕЛЬ И ИЗДАТЕЛЬ**
Академия государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86
Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Сайт издания: https://journal.apa.tj

**ISSN 2664-0651 (Print)**
**ISSN 2709-8567 (Online)**
©Академия государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**

**Гафурзода Абдухалил Давлатали** – доктор юридических наук, профессор, ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

Карамалишоев Карамалишо Нуралишоевич – кандидат исторических наук, доцент, проректор по науке и инновациям Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
**08.00.00 – Экономические науки**

**Бобоев Олимджон** – доктор экономических наук, профессор, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;
**Низомова Тухфамо Давлатовна** – доктор экономических наук, профессор, Таджикский национальный университет;
**Хамроев Фузайли Махмадалиевич** –доктор экономических наук, профессор, Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими;
**Ашуров Ихтиёр Саидович** –доктор экономических наук, профессор, Российско-Таджикский (Славянский) университет;
**Джонмамадов Шермамад Бекмамадович** – доктор экономических наук, профессор, Таджикский государственный финансово-экономический университет;
**Самандаров Искандар Хусейнович** –доктор экономических наук, профессор, Таджикский аграрный университет имени Ш. Шотемура.

**12.00.00 – Юридические науки**

**Рахмон Озода Эмомали** – кандидат юридических наук, доцент, руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан;
**Муртазозода Джамшед Сайдали** – доктор юридических наук, профессор, депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан;
**Маджидзода Зоир Джурахон** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана;
**Диноршоев Азиз Диноршоевич** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский национальный университет;
**Азизов Убайдулло Абдуллоевич** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский национальный университет;
**Раззоков Баходур Хаётович** – доктор юридических наук, профессор, Таджикский государственный университет комерции;
**Ибрагимов Солиджон Ибрагимович** – доктор юридических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана;
**Рустамзода Джумабек Юнус** – кандидат юридических наук, доцент, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

**23.00.00 – Политические науки**

**Алимов Рашид Кутбиддинович** - доктор политических наук, профессор, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан;
**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук, профессор, Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан;
**Искандаров Акбаршо Искандарович** – доктор политических наук, профессор, Национальная академия наук Таджикистана.
**Джононов Саидамир** – доктор философских наук, профессор, Институт туризма, предпринимательства и сервиса;
**Хидирзода Махфират Умар** – доктор философских наук, профессор, Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана;
**Шоисматуллоев Шоназар** – доктор социологических наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана.

The journal is established in 2005.
The journal is published 4 times a year in Tajik, Russian and English languages.
The journal is included in the Higher Attestation Commission under the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation's List of peer-reviewed scientific publications in which the main scientific results of dissertations for the degree of candidate of science, for the degree of doctor of science of the should be published (since February 21, 2023) and in the List of peer-reviewed journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan (since June 11, 2019), in which the main scientific results of dissertations for the degree of candidate of science, for the degree of doctor of science should be published.
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI). The publication regularly provides the information to the digital library e-library in the public domain.
The journal is registered as a mass media in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate No. 012/МЧ-97 from 03.07.2017.

**The journal accepts scientific articles in the following scientific specialties:**

**5.2. (08.00.00) - ECONOMICS**

5.2.3. Regional and Sectoral Economy
5.2.4. Finance
5.2.5. International Economics

**5.1. (12.00.00) - LAW**

5.1.1. Theoretical and Historical Legal Sciences
5.1.2. Public Law (State Law) Sciences
5.1.3. Private Law (civilistic) sciences

**5.5. (23.00.00) - POLITICAL**

5.5.3. Public administration and sectoral policies
5.5.4. International Relationships

**FOUNDER AND PUBLISHER**
Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir str.
Tel.: +992 (37) 224-17-86
Fax: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com
Web site: https://journal.apa.tj

**ISSN 2664-0651 (Print)**
**ISSN 2709-8567 (Online)**
©Academy of Public Administration
under the President of the Republic of Tajikistan

**EDITORIAL BOARD**
**CHIEF EDITOR:**

**Gafurzoda Abdukhalil Davlatali** – Doctor of Juridical Sciences, Professor, Rector of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.

**DEPUTY OF CHIEF EDITOR:**

**Karamalishoev Karamalisho Nuralishoevich -** Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Vice-Rector for Science and Innovation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.

**MEMBERS OF EDITORIAL BOARD:**
**08.00.00 – Economic Sciences**

**Boboev Olimjon -** Doctor of Economics, Professor, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan;
**Nizomova Tukhfamo Davlatovna -** Doctor of Economics, Professor, Tajik National University;
**Hamroev Fuzayli Mahmadalievich** – Doctor of Economic Sciences, Professor, Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi;
**Ashurov Ikhtiyor Saidovich** – Doctor of Economics, Professor, Russian-Tajik (Slavonic) University;
**Jonmamadov Shermamad Bekmamadovich -** Doctor of Economics, Professor, Tajik State Financial and Economic University;
**Samandarov Iskandar Khuseinovich -** Doctor of Economics, Professor, Tajik Agrarian University named after Sh. Shotemur.

**12.00.00 – Juridical Sciences**

**Rahmon Ozoda Emomali** – Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor, Chairman of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan;
**Murtazozoda Jamshed Saidali -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, Deputy of the Majlisi Namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan;
**Majidzoda Zoir Jurakhon -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan;
**Dinorshoev Aziz Dinorshoevich -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, Tajik National University;
**Azizov Ubaidullo Abdulloevich -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, Tajik National University;
**Razzokov Bakhodur Khayotovich -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, Tajik State University of Commerce;
**Ibragimov Solijon Ibragimovich -** Doctor of Juridical Sciences, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan;
**Rustamzoda Jumabek Yunus** – Candidate of Juridical Sciences, Associate Professor, **Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.**

**23.00.00 – Political Sciences**

**Alimov Rashid Kutbiddinovich -** Doctor of Political Sciences, Professor, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan;
**Muhammadzoda Parviz Abdurahmon -** Doctor of Political Sciences, Professor, Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan;
**Iskandarov Akbarsho Iskandarovich -** Doctor of Political Sciences, Professor, National Academy of Sciences of Tajikistan;
**Jononov Saidamir -** Doctor of Philosophical Sciences, Professor, Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service;
**Khidirzoda Mahfirat Umar -** Doctor of Philosophical Sciences, Professor, Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan;
**Shoismatulloev Shonazar -** Doctor of Social Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

# МУНДАРИҶА

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**ХОҶАЕВ П.Д., РАҲИМЗОДА М.Н.** ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ..... **17**

**ОДИНАЕВ Б.Ҷ., ЗАРИПОВ Ф.А.** НАҚШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КИШВАР ..... **27**

**ТОШМАТОВ А.Д., ҚОДИРОВА Д.Т., САФАРАЛИЕВ Ф.С.** ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ОБАНБОРҲОИ БАҲРИ АРАЛ БО РОҲИ ҲАЛ КАРДАНИ ТАНҚИСИИ ОБ ..... **33**

**РАСУЛОВА Л.Н.** БАМЕЪЁРГИРИИ МЕҲНАТ, БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..... **46**

**АСОЕВ М. М., МАНОНОВ С.С.** БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АСОСИИ РУШДИ ДЕҲОТ ..... **53**

**ИКРОМОВ Ф.Н., ҒАЮРОВ Ғ.Ҳ., СОДИҚЗОДА П.** ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР ..... **63**

**ҶУМЪАБОЕВ Х.Қ.** МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ МОНИТОРИНГИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА ..... **72**

**НИЁЗОВ И.Ш.** ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАХШИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..... **81**

**ШОВАЛИЕВА Ф.Ш.** ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..... **86**

**ХАЛИФАЗОДА С., МУМИНОВ Ф.Ш.** ТАҶРИБАИ ХОРИҶА ОИД БА ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ..... **92**

**АБДУСАЛОМЗОДА Д.** АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ..... **100**

**НАЗАРОВ М.С.** ҶАНБАҲОИ АСОСИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН ДАР МИНТАҚА ..... **106**

**САЙДАЛИЕВ Х.А.** АФЗАЛИЯТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА ..... **112**

**НАРЗИЕВ Ҷ. Б., СУРАЙЁИ А.** ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНУ ЯПОНИЯ ..... **119**

**ҶАМШЕДИ Ҷ.** ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН ..... **126**

**АБДУЛЛОЗОДА Х.А.** ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТ БО МАҚСАДИ БУНЁД ВА ИСТИФОДАИ ОБЪЕКТҲОИ ИҶТИМОӢ ..... **132**

**БОБОХОНОВА Ш.Х.** МУҲИТИ ТИҶОРАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..... **140**

**ҚУРБОНОВ А.М.** МОҲИЯТИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ МАҲСУЛОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ БОЗОР ..... **151**

**САФАРОВ А.С.** СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД - ОМИЛИ МУҲИММИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .............. **158**

**НУРАЛИЕВА М.Д.** МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ПРИНСИПҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚАВӢ .............. **164**

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

**ҒАФУРЗОДА А.Д., РАҶАБЗОДА М.С.** АТТЕСТАТСИЯИ КОРМАНДОНИ ПРОКУРОРИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА: ЗАРУРАТ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОН .............. **171**

**РАЗОҚОВ Б.Ҳ.** ИСЛОҲОТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРИИ ТОҶИКИСТОН-ТАЛАБИ ЗАМОН .............. **179**

**ҒАФУРЗОДА А.Д., РАҲИМОВ И.М.** РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МЕРОСГУЗОРӢ АЗ РӮИ ВАСИЯТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .............. **189**

**ИБОДУЛЛОЗОДА А.И., НАЗАРЗОДА Д.Қ.** ПРИНСИПҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО .............. **199**

**РУСТАМЗОДА Ҷ.Ю.** МОЛИЯИ ОММАВӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ: ТАНЗИМИ МОЛИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ .............. **207**

**АМИНОВ М.М.** ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ .............. **215**

**ОЛИМЗОДА Д.А.** НАҚШИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР АМАЛӢ ГАРДОНИДАНИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНД БА МУСОФИРАТ ВА ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛӢ ЗИСТ .............. **220**

**ҒОИБЗОДА М.А., РАҲМОН Т.Б., ОДИНАЕВА С.Н.** ҶАНБАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН .............. **228**

**БУРИЕВА Д.Т.** ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАНБАИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .............. **234**

**ТАҒОЗОДА Д.Ғ.** ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АМАЛИЁТҲО БО КОРТҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН .............. **243**

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ

**ҲАЙДАРОВ Р.Ҷ., ГУЛЯМОВ Ҷ.Ф.** ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК ҲАМЧУН УНСУРИ МУҲИММИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ – ВАТАНДӮСТӢ .............. **252**

**КОМИЛБЕК А.Ё., ЗУЛФОНОВ Б.Б.** ТАҲЛИЛИ ОЗМОИШИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ .............. **258**

**МУРОДЗОДА А.** ИНЪИКОСИ БАЪЗЕ ҶУЗЪИЁТИ ТЕМУР ВА ТЕМУРИЁН ДАР “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО”-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ .............. **266**

**ҚОСИМОВА Р., ҲАМИДЗОДА Ҳ.Х.** “ЭТНОС”, “ХАЛҚ” ВА “МИЛЛАТ”: АЙНИЯТ, ТАФОВУТ ВА КОРБУРДИ СИЁСИИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ГУНОГУН .............. **275**

**НЕЪМАТОВ И., БОЙМАТОВ У.М.** АҲАМИЯТ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ҚОЛАБҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА .............. **283**

**ФАЙЗОВ Р.Х.** МАҚОМИ САРВАРИИ СИЁСӢ АЗ НИГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ............ **294**

**АҲМАДЗОДА Д.Д.** ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ФАЛСАФӢ-СИЁСИИ ҶАВОНОН ............ **300**

**САФАРОВ Б.С.** ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ............ **318**

**БАЧАМАРДОВ А.Н.** РАВИШИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ КАДРӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРВАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ............ **326**

**АБДУЛҲАЕВ А.И.** ҶАҲОН ДАР ОСТОНАИ БУҲРОНИ ГИДРОПОЛИТИКӢ ... **333**

**МИРСАИДОВА Н.С.** ТАЪМИН НАМУДАНИ БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТ ДАР ШАБАКАҲОИ ГУНОГУН ............ **339**

**ТУРСУНОВ Ҳ.Ю.** ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ГУМАНИТАРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКИЯ ............ **348**

**ХУРРАМЗОДА М.Х.** НАҚШИ НБО-И “РОҒУН” ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ............ **353**

**БАРАКОТОВ Б.С.** ИНТИХОБОТ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН ............ **364**

**МИРЗОЕВА Н.З.** ҶАНБАҲОИ НАЗАРИВИЮ КОНСЕПТУАЛИИ ИШТИРОКИ СИЁСӢ ............ **370**

**МУЗАФАРЗОДА Ф.** БУҲРОНИ ГИДРОПОЛИТИКӢ ВА ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ ............ **376**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ


**ХОДЖАЕВ П.Д., РАХИМЗОДА М.Н.**ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ........ **17**

**ОДИНАЕВ Б.Д., ЗАРИПОВ Ф.А.** РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ ........ **27**

**ТОШМАТОВ А.Д., КОДИРОВА Д.Т., САФАРАЛИЕВ Ф.С.** ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ БАССЕЙНА АРАЛЬСКОГО МОРЯ, ВОДОДЕЛЕНИЕ И ПУТИ РЕШЕНИЯ ДЕФИЦИТА ВОДЫ ........ **33**

**РАСУЛОВА Л.Н.** НОРМИРОВАНИИ ТРУДА, РЫНОК ТРУДА И ТРУДОВЫЕ РЕСУРСЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ........ **46**

**АСОЕВ М.М., МАНОНОВ С.С.** СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПЛАНИРОВАНИЕ КАК ОСНОВНОЙ ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ ........ **53**

**ИКРОМОВ Ф.Н., ГАЮРОВ Г.Х., СОДИКЗОДА П.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ........ **63**

**ДЖУМАБОЕВ Х.К.** МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ МОНИТОРИНГА ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ ... **72**

**НИЁЗОВ И.Ш.** ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО И ЧАСТНОГО СЕКТОРА ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **81**

**ШОВАЛИЕВА Ф.Ш.** АНАЛИЗ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ УСЛУГ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **86**

**ХАЛИФАЗОДА С., МУМИНОВ Ф.Ш.** ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ ........ **92**

**АБДУСАЛОМЗОДА Д.** ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ МАРКЕТИНГОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ ........ **100**

**НАЗАРОВ М.С.** ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ И ПУТИ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В РЕГИОНЕ ........ **106**

**САЙДАЛИЕВ Х.А.** ПРЕИМУЩЕСТВА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В УПРАВЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА ........ **112**

**НАРЗИЕВ Д.Б., СУРАЙЁИ А.** ТАДЖИСКО-ЯПОНСКОЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ........ **119**

**ДЖУНАЙДУЛОЗОДА Д.** ЭКОНОМИЧЕСКО-СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА ........ **126**

**АБДУЛЛОЗОДА Х.А.**ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ В ЦЕЛЯХ СТРОИТЕЛЬСТВА И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ОБЪЕКТОВ СОЦИАЛЬНОГО НАЗНАЧЕНИЯ ........ **132**

**БОБОХОНОВА Ш.Х.** ДЕЛОВАЯ СРЕДА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУБЪЕКТОВ РЫНКА ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТА ДЖИКИСТАН ........ **140**

**КУРБАНОВ А.М.** СУТЬ РЕЗЕРВНОЙ МОЩНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В КОНТЕКСТЕ ИЗМЕНЕНИЯ РЫНКА ........ **151**

**САФАРОВ А.С.** НАЦИОНАЛЬНАЯ СТРАТЕГИЯ РАЗВИТИЯ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **158**

**НУРАЛИЕВА М.Д.** ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРИНЦИПОВ РЕГИОНАЛЬНЫХ ИНВЕСТИЦИИ ........ **164**

## ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ГАФУРЗОДА А.Д., РАДЖАБЗОДА М.С.** АТТЕСТАЦИЯ РАБОТНИКОВ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ: ЕЕ НЕОБХОДИМОСТЬ И ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ........ **171**

**РАЗАКОВ Б.Х.** РЕФОРМА АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА – ВЕЛЕНИЕ ВРЕМЕНИ ........ **179**

**ГАФУРЗОДА А.Д., РАХИМОВ И.М.** НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ НАСЛЕДОВАНИЕ ПО ЗАВЕЩАНИЮ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........ **189**

**ИБОДУЛЛОЗОДА А.И., НАЗАРЗОДА Д.К.** ПРИНЦИПЫ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ ........ **199**

**РУСТАМЗОДА Дж.Ю**. ПУБЛИЧНЫЕ ФИНАНСЫ ГОСУДАРСТВА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ: ФИНАНСОВ – ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ........ **207**

**АМИНОВ М.М.** ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В МЕСТНЫХ ИСПОЛНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ ........ **215**

**ОЛИМЗОДА Д.А.** РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В РЕАЛИЗАЦИИ ПРАВА ГРАЖДАН НА ПЕРЕДВИЖЕНИЕ И СВОБОДНЫЙ ВЫБОР МЕСТНОГО ПРОЖИВАНИЯ ........ **220**

**ГОИБЗОДА М.А., РАХМОН Т.Б., ОДИНАЕВА С.Н.** ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА ........ **228**

**БУРИЕВА Д.Т.** ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИСТОЧНИКА ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ........ **234**

**ТАГОЗОДА Д.Г.** ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОПЕРАЦИЙ С БАНКОВСКИМИ КАРТАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН ........ **243**

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**ХАЙДАРОВ Р.Д., ГУЛЯМОВ Д.Ф.** ВОСПИТАНИЕ ПАТРИОТИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ РЕАЛИЗАЦИИ ВОЕННОЙ ПОЛИТИКИ – ПАТРИОТИЗМ ........ **252**

**КОМИЛБЕК А.Ё., ЗУЛФОНОВ Б.Б.** ПИЛОТАЖНЫЙ АНАЛИЗ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В СФЕРЕ ТРАНСПОРТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ..... **258**

**МУРОДЗОДА А.** ОТРАЖЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ПОДРОБНОСТЕЙ ТИМУРА И ТЕМУРИЙЦЕВ В “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО” САМАРКАНДСКИХ

ГОСУДАРСТВ ........................................................................................................ 266
**КОСИМОВА Р., ХАМИДЗОДА Х.Х.** “ЭТНОС”, “НАРОД” И “НАЦИЯ”: ИХ ЗНАЧЕНИЕ, ОТЛИЧИЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В РАЗЛИЧНЫХ УЧЕНИЯХ ........................................................................ 275
**НЕМАТОВ И., БОЙМАТОВ У.М.** ЗНАЧЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В ДВУСТОРОННЕЙ И МНОГОСТОРОННЕЙ ФОРМАХ ................ 283
**ФАЙЗОВ Р.Х.** ПОЗИЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО РУКОВОДСТВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МИР САЙЕДА АЛИ ХАМАДАНИ ............................................................ 294
**АХМАДЗОДА Д.Д.** ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ИСТОЧНИК РАЗВИТИЯ ФИЛОСОФО-ПОЛИТИЧЕСКОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ МОЛОДЕЖИ .......................................... 300
**САФАРОВ Б.С.** ОСНОВА ДЛЯ ФОРМИРОВАНИЯ И ВНЕДРЕНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА ...................................................................... 318
**БАЧАМАРДОВ А.Н.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ПОДХОД О КАДРОВОЙ ПОЛИТИКЕ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАЖДАНСКОЙ СЛУЖБЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ........................................................................... 326
**АБДУЛХАЕВ А.И.** МИР СТОИТ НА ПОРОГЕ ГИДРОПОЛИТИЧЕСКОГО КРИЗИСА ................................................................................................. 333
**МИРСАИДОВА Н.С.** ОБЕСПЕЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РАЗЛИЧНЫХ СЕТЯХ ......................................................................... 339
**ТУРСУНОВ Х.Ю.** ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ГУМАНИТАРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И ТУРЦИЕЙ ....................... 348
**ХУРРАМЗОДА М.Х.** РОЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС В УКРЕПЛЕНИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ...... 353
**БАРАКАТОВ Б.С.** ВЫБОРЫ И ИХ РОЛЬ В ПРОЦЕССЕ ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА ............................................................................ 364
**МИРЗОЕВА Н.З.** ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ УЧАСТИЯ ПОЛИТИЧЕСКИЙ ............................................................................ 370
**МУЗАФАРЗОДА Ф.** ГИДРОПОЛИТИЧЕСКИЙ КРИЗИС И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ ........................................................................................................ 376

# CONTENT

## ECONOMIC SCIENCES


**KHODJAEV P.D., RAHIMZODA M.N.**TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF KHATLON REGION ............................................................... **17**

**ODINAEV B.J., ZARIPOV F.A.** ROLE OF AGRICULTURAL PRODUCTION IN THE COUNTRY'S FOOD SECURITY ....................................................................... **27**

**TOSHMATOV A.D., KODIROVA D.T., SAFARALIEV F.S.** WATER RESOURCES OF THE ARAL SEA BASIN, WATER DISTRIBUTION AND WAYS TO RESOLVE WATER DEFICIENCY ........................................................ **33**

**RASULOVA L.N.** REGULATION OF LABOR, LABOR MARKET AND LABOR RESOURCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ............................................... **46**

**ASOEV M.M., MANONOV S.S.** STRATEGIC PLANNING AS THE MAIN TOOL FOR THE DEVELOPMENT OF RURAL AREAS ......................................... **53**

**IKROMOV F.N., GAYUROV G.K., SODIKZODA P.** THEORETICAL ASPECTS OF IMPROVING THE COMPETITIVENESS OF THE BANKING SYSTEM IN MODERN CONDITIONS ...................................................................... **63**

**JUMABOEV K.K.** THE PLACE AND IMPORTANCE OF MONITORING THE EFFECTIVENESS OF TAX INCENTIVES IN MODERN CONDITIONS ................ **72**

**NIYOZOV I.S.** PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF THE PUBLIC AND PRIVATE SECTOR OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ......................................................................................... **81**

**SHOVALIEVA F.S.** ANALYSIS OF THE COMPETITIVENESS OF SERVICES IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........................................................................................ **86**

**HALIFAZODA S., MUMINOV F.S.** FOREIGN EXPERIENCE IMPROVING THE MECHANISM OF TAX ADMINISTRATION ................................................. **92**

**ABDUSALOMZODA D.** BASICS OF MARKETING ACTIVITY MANAGEMENT AT INDUSTRIAL ENTERPRISES OF KHATLON REGION ..... **100**

**NAZAROV M.S.** MAIN ASPECTS OF THE LEVEL AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION AND WAYS TO INCREASE IT IN THE REGION ........... **106**

**SAYDALIEV KH.A.** ADVANTAGES OF STRATEGIC PLANNING IN THE MANAGEMENT OF SUSTAINABLE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION ................................................................................................. **112**

**NARZIEV J.B.** TAJIKS-JAPANESE ECONOMIC COOPERATION ...................... **119**

**JAMSHEDI J.** ECONOMIC AND STATISTICAL ANALYSIS DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN TAJIKISTAN ........................................................................... **126**

**ABDULLOZODA K.A.** ENSURING THE EFFICIENCY OF LAND USE IN RURAL AREAS FOR THE CONSTRUCTION AND USE OF SOCIAL FACILITIES ..................................................................................................... **132**

**BOBOKHONOVA S.K.** BUSINESS ENVIRONMENT OF ACTIVITIES OF THE MARKET SUBJECTS OF ELECTRICITY SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN .................................................................................................. **140**

**KURBANOV A.M.** THE ESSENCE OF THE RESERVE POWER OF AGRICULTURAL PRODUCTS IN THE CONTEXT OF MARKET CHANGES ...... **151**

**SAFAROV A.S.** NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY IS AN IMPORTANT FACTOR OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........................................................................................................ **158**

**NURALIEVA M.D.** BASIC CONCEPTS OF SOCIO-ECONOMIC PRINCIPLES OF REGIONAL INVESTMENTS ................................................................................... **164**

## LEGAL SCIENCES

**RAJABZODA M.S.** ATTESTATION OF STAFF OF PROSECUTION BODIES: ITS NEED AND LEGAL REGULATION ...................... **171**

**RAZAKOV B.K.** REFORM OF THE ADMINISTRATIVE LAW OF TAJIKISTAN IS THE IMPERATIVE OF THE TIME ........................................................................ **179**

**GAFURZODA A.D., RAKHIMOV I.M.** SOME ISSUES OF INHERITANCE BY WILL UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ......... **189**

**IBODULLOZODA A.I., NAZARZODA D.Q.** PRINCIPLES OF LEGAL RESPONSIBILITY AND THEIR CLASSIFICATION ................................................ **199**

**RUSTAMZODA J.Y.** PUBLIC FINANCE OF THE STATE IN THE CONDITIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY: FINANCE - LEGAL REGULATION .......................................................................... **207**

**AMINOV M.M.** CIVIL SERVICE IN LOCAL EXECUTIVE BODIES OF STATE POWER ........................................................................................................... **215**

**OLIMZODA D.A.** THE ROLE OF THE STATE AUTHORITY IN IMPLEMENTING THE CITIZEN'S RIGHT TO TRAVEL AND FREE CHOICE OF LOCAL RESIDENCE ........................................................................................ **220**

**GOIBZODA M.A., RAHMON T.B., ODINAEVA S. N.** MAIN ASPECTS OF YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN ........................................................................... **228**

**BURIEVA D.T.** LEGAL REGULATION OF THE SOURCE OF LAND TAX IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ............................................................................ **234**

**TAGOZODA D.G.** LEGAL REGULATION OF TRANSACTIONS WITH BANK CARDS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........................................................ **243**

## POLITICAL SCIENCES

**HAYDAROV R.J., GULYAMOV J.F.** EDUCATION OF PATRIOTISM IN MODERN TAJIK SOCIETY AS AN IMPORTANT ELEMENT OF THE IMPLEMENTATION OF MILITARY POLICY – PATRIOTISM ............................ **252**

**KOMILBEK A.Y., ZULFONOV B.B.**PILOTAGE ANALYSIS OF STATE INVESTMENT PROJECTS IN THE SPHERE OF TRANSPORT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE ..................... **258**

**MURODZODA A.** REFLECTION OF SOME DETAILS OF TIMUR AND TEMURI IN THE "TAZKIRAT-USH-SHUARO" OF SAMARKAND STATES ...... **266**

**KOSIMOVA R., HAMIDZODA H.K.** "ETHNOS", "PEOPLE" AND "NATION": THEIR SIGNIFICANCE, DIFFERENCE AND POLITICAL USE IN DIFFERENT TEACHINGS ................................................................................................... **275**

**NEMATOV I., BOYMATOV U.M.** THE SIGNIFICANCE AND PROSPECTS OF COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES IN BILATERAL AND MULTILATERAL FORMS ............................. **283**

**FAYZOV R.K.** THE POSITION OF THE POLITICAL LEADERSHIP FROM THE POINT OF VIEW OF MIR SAID ALI HAMADANI ................................................. **294**

**AHMADZODA D.D.** MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A SOURCE OF DEVELOPMENT OF THE PHILOSOPHICAL AND POLITICAL WORLD VIEW OF YOUTH ......................................................... **300**

**SAFAROV B.S.** BASIS FOR THE FORMATION AND IMPLEMENTATION OF E-GOVERNMENT ........................................................................................................ **318**

**BACHAMARDOV A.N.** THEORETICAL APPROACH OF PERSONNEL POLICY IN THE CIVIL SERVICE SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ........................................................................................................ **326**

**ABDULKHAEV A.I.** THE WORLD IS ON THE THRESHOLD OF A HYDROPOLITICAL CRISIS ........................................................................... **333**

**MIRSAIDOVA N.S.** ENSURING INFORMATION SECURITY IN DIFFERENT NETWORKS ........................................................................................................ **339**

**TURSUNOV H.Y.** ECONOMIC AND HUMANITARIAN COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND TURKEY .................................................................. **348**

**KHURRAMZODA M.K.** THE ROLE OF NPS- "ROGUN" IN STRENGTHENING THE ENERGY INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN .............. **353**

**BARAKOTOV B.S.** ELECTIONS AND ITS ROLE IN THE DEMOCRATIC PROCESS OF TAJKISTAN SOCIETY ........................................................................ **364**

**MIRZOEVA N.Z.** THEORETICAL AND CONCEPTUAL ASPECTS OF PARTICIPATION POLITICAL ...................................................................... **370**

**MUZAFARZODA F.** HYDROPOLITICAL CRISIS AND INTERNATIONAL INITIATIVES OF TAJIKISTAN IN WORLD POLITICS ........................................... **376**

## ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ - ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 338.43.664**

# ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**ХОҶАЕВ ПАРВИЗ ДАВЛАТОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодию байналмилалии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.
Тел.: (+992) 938-60-75-03. E-mail: hojaev123p@mail.ru
**РАҲИМЗОДА МУҲАММАДҶОНИ НАЗАР,**
муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии Данғара.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, куч. Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 985-52-52-97.

*Дар мақола тамоюлҳои рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон дида баромада шудаанд. Исбот карда шудааст, ки таъсис ва истифодаи самарабахши иқтидори захиравии кишвар ва рафъи оқибатҳои манфии дарозмуддат таҳияи усулҳои муосири интегралии ташкили истеҳсолотро тақозо мекунад, ки ба такмил додани корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои дастовардҳои илм, инчунин ташаккули механизми воситаҳои ташкилӣ, диққати хосса дода шавад. Аз ин лиҳоз ба сифати объекти таҳқиқоти яке аз минтақаҳои саноатии мамлакат, вилояти Хатлон интихоб карда шудааст.*

*Муаллифон нишон медиҳанд, ки дар сохтори саноати коркарди вилояти Хатлон мавқеи асосиро истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол (37,3 %), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (31,81 %) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку (24,85%) ишғол менамояд. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм, истеҳсоли пойафзол ва истеҳсоли маснуоти резинӣ, пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ тамоюли афзоиш дошта, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку тамоюли пастшавӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *корхонаҳои саноатӣ, иқтидори захиравӣ, усулҳои муосир, ташкили истеҳсолот, такмил, принсипҳои асосӣ, ташаккул, механизм, инноватсия.*

Дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани сатҳи рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ масъалаи муҳимтарин ва дар натиҷа гузариши иқтисоди бозорӣ аз иқтисоди захираҳо ба намуди сифатан нави рушди иқтисодӣ - инноватсионӣ табдил меёбад.

Ташаккули иқтисодиёти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои рушди самараноки саноат дар шароити кунунӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Чунон ки маълум аст, намудҳо, шаклҳо ва усулҳои ташкили истеҳсолот муҳимтарин категорияҳое мебошанд, ки ташкили истеҳсолотро муайян мекунанд. Сарфи назар аз ҳалли бисёр проблемаҳои назариявӣ ва методологӣ, дар айни замон проблемаҳои ташаккул додан ва ба амал татбиқ намудани механизми рушди самараи ташкили системаҳои истеҳсолот дар кор карда баромадани илмӣ ва материалҳои методии адабиёти ватанӣ инъикос наёфтаанд. Тадқиқотҳои гузарондашуда масъалаҳои методологияи ягонаи баҳодиҳии самараи ташкили системаҳои истеҳсолотро дарбар намегиранд [9, с. 264].

Рушди инноватсионӣ дар марҳилаи ҳозира иқтидори инноватсионии тамоми бахши саноатро ташкил медиҳад. Дар баробари ин муайян намудани самтҳои асосии такмили

идоракунии тараққиёти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ барои таъмини тараққиёти босуръати хоҷагии халқ хеле мубрам буда, аҳамияти калон дорад [5, 7].

Дар марҳилаи муосир рушди корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ривоҷу равнақи тамоми ҷамъияти индустриалӣ нигаронида шуда, зарурати ошкор намудани омилҳои муҳимеро, ки ба кор карда баромадани стратегияи илман асосноки дар амал татбиқ намудани саноатикунонии босуръат мусоидат мекунанд, талаб мекунад [6, с. 16].

Дар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 се самти рушд: ҳимояи табақаҳои осебпазири аҳолӣ, рушди саноат ва ҷорӣ намудани дастовардҳои инноватсионӣ муайян шудааст. Дар асоси се принсип се сенарияи рушд омода шудааст: инерсиалӣ, индустриалӣ ва индустриалӣ-инноватсионалӣ. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳангоми таҳлили вазъи муосири саноати мамлакат асосҳои консептуалӣ ва амалӣ такмил дода, самтҳои такмил ва ташаккули механизми дахлдори самаранокии ташкили системаҳои истеҳсолот ошкор карда шаванд [1, с. 16].

Ба ақидаи мо, мушкилоти асосии саноати ватанӣ инҳоянд:

- нокифоя будани талабот ба маҳсулоти истеҳсолшуда;
- фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии воситаҳои асосӣ ва иншооти инфрасохторӣ;
- ибтидоии технологӣ;
- аутсорсинги қарзҳо;
- ихтилофи байни кисмҳои даромад ва харочот дар истеҳсоли маҳсулот;
- истифодаи бесамари системаи идоракунӣ.

Ҳамҷоягирии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва тақвияти иқтисодиёти ҷаҳонӣ илми иқтисоди муосири ватаниро водор мекунад, ки равишҳо ва тавсияҳои илмию методиро аз мавқеи комилан дигар, дар самтҳои асосии рушди босамари бахши саноат дар асоси иқтисодиёт пурра ва оқилона истифода бурдани захираҳои иқтисодии мамлакат, кор карда бароянд.

Бо дарназардошти шароити таҳкими ташаккули иқтисодиёти баъдииндустриалӣ, рушди саноат бояд ба мушкилоти инноватсионии иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти ташаккул ва рушди сохторҳои мукаммал ва устувори истеҳсолӣ такя кунад, ки ба таъмини эҷоди маҳсулоти рақобатпазир мусоидат мекунанд.

Таъсис ва истифодаи самарабахши иқтидори захиравии кишвар ва рафъи оқибатҳои манфии дарозмуддат таҳияи усулҳои муосири интегралии ташкили истеҳсолотро тақозо мекунад, ки ба такмил додани корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои дастовардҳои илм, инчунин ташаккули механизми воситаҳои ташкилӣ, диққати хоса дода шавад. Аз ин лиҳоз ба сифати объекти таҳқиқот яке аз минтақаҳои саноатии мамлакат, вилояти Хатлон интихоб карда шудааст.

Вилояти Хатлон соли 1992 ташкил шудааст. Масоҳаташ 24,7 ҳазор км. мураббаъ буда, ба 17 фоизи худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст. Маркази вилоят шаҳри Бохтар аст. Масофаи байни шаҳри Бохтар то шаҳри Душанбе 96 км мебошад [2, С. 6].

Шумораи аҳолӣ ба 1 январи соли 2021-ум 3425,0 ҳазор нафар мебошад. Зичии аҳолӣ ба 1 январи соли 2021 бо ҳисоби миёна ба майдони 1 км. мураббаъ 138,7 нафарро ташкил медиҳад.

Вилояти Хатлон аз рӯи сатҳи табиӣ вилояти кӯҳсор ба ҳисоб меравад. Дар қисми ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, ҳудуди он 24,7 ҳазор км. мураббаъро ташкил медиҳад, ки ба 17,0 фоизи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар аст.

Вилояти Хатлон дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Иқлими вилоят хушкӣ буда, ҳарорат дар тобистон то +48 дараҷа гарм ва зимистон то –20 дараҷа хунук мешавад [2, С. 6].

Аз рӯи структураи сарҳадӣ- ҳудуди вилоят ба 21 ноҳия, 4 шаҳр ва 23 ҷамоатҳои шаҳрак, 132 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад.

Вилоят аз кӯлҳо бой буда, сатҳи обҳои он 109,4 км. мураббаъро ташкил менамояд. Дарёҳои асосӣ: Панҷ (Амударё-Окс)- дарозияш 921 км, Вахш- 254 км, Қизилсу (ҷанубӣ)- 230 км, Оқсу- 160 км. Обанборҳои калонтарини вилоят Муъминобод (сатҳаш 3,4 км. кв., ҳаҷмаш 25 млн. метри мукааб) ва Норак (сатҳаш 106,0 км. кв. ҳаҷмаш 10500 млн. метри мукааб) мебошанд.

Аҳолии вилояти Хатлон гуногунмиллат буда, дар он зиёда аз 62 миллат, бисёртар тоҷикҳо, ӯзбекҳо, русҳо ва дигар миллатҳо зиндагонӣ мекунанд. Шумораи аҳолии шаҳрҳо 599,5 ҳазор нафар ва аҳолии деҳот 2748,7 ҳазор нафарро ташкил менамояд.

Дар вилоят ба 1 январи соли 2021-ум 170 корхона ва коргоҳҳои пахтатозакунӣ, 33 корхона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ ва 5 корхонаҳои ресандагӣ фаъолият доранд.

Корхонаҳои калонтарини вилоят: ҶДММ «Водии Заррин», ноҳияи Хуросон, ҶДММ «Ҷунтай моҳир семент» ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар, ҶСП "Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил"- и ноҳияи Данғара мебошанд [2, С. 64].

Ба 1 январи соли 2021-ум 619 корхонаи саноатӣ фаъолият кардааст, ки дар баланси мустақил қарор доранд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба 1 январи соли 2021-ум 8998,3 млн. сомониро ташкил додааст. Ба 1 январи соли 2021 дар вилоят 15923,1 млн. квт. соат қувваи барқ, трансформаторҳои қуввагӣ 397 адад, нахи пахта 57,6 ҳазор тонна ва дигар маҳсулотҳо истеҳсол карда шудааст [2, С. 64].

Комплекси сохтмонии вилоят дар солҳои охир рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар соли 2020-ум 2916 адад биноҳо ва иншоотҳои гуногуни хоҷагии халқ, инчунин ба миқдори 292,5 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Аз соли 1991 то ин давра сохтмон ва таҷдиди зиёда аз 450 адад иншоотҳои дорои аҳамияти давлатӣ ҷараён гирифтанд, аз он ҷумла: таҷдиди шоҳроҳи Душанбе- Бохтар- Данғара- Кӯлоб- Зиғар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Хитой, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад.

Дар ин давра, фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб, нерӯгоҳи барқии обии Сангтуда-1 ва Сангтуда-2, ки аҳамияти байналхалқиро доро мебошанд, сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин дар натиҷаи ҳамкорию муносибатҳои тарафайн бо ИМА, Ҷумҳурии халқии Хитой, Олмон, ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон нақби «Шар-шар», азнавбарқароркунии агрегатҳои НБО «Норак», азхудкунии заминҳои обёришаванда дар ноҳияи Данғара, беморхонаи перинаталӣ муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти навтарин дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Бохтар, таҷдид ва таъмири роҳҳои дохилии автомобилгарди шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб, сохтмони корхонаи коркарди пахта ва заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ёвон, заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба анҷом расонида шуданд.Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва шахсони саховатпеша сохтмони литсейи Президентӣ барои ятимон дар ноҳияи Кӯшониён, бинои Гимназия-интернат дар ноҳияи Данғара, гимназияи давлатӣ дар шаҳри Норак,театри мусиқӣ-мазҳакавии вилоят ва Қасри фарҳанг дар шаҳри Бохтар бунёд гардиданд [8, С. 74].

Дар вилоят дар охири соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят саршумори чорвои калон 1010971 сар, аз он ҷумла: модагов 514598 сар, гӯсфанду буз 2400223 сар, парранда 2205214 сар, асп 59127 сарро ташкил дод.

Истеҳсоли зироатҳои ғалладона ва лӯбиёгиҳо 985322 тонна, картошка 193104 тонна, пахта 277221 тонна, сабзавот 1470697 тонна, полезиҳо 589089 тонна, меваҷот 209094 тонна, ангур 107452 тонна расонида шудааст.

То 1 январи соли 2021-ум 66559 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамагӣ фонди манзили вилоят майдони умумии 34063,0 ҳазор метри мураббаъро дар бар мегирад. аз он ҷумла: фонди манзили шаҳр 8648,4 ҳазор метри мураббаъ ва фонди манзили деҳот 25414,6 ҳазор метри мураббаъ мебошад.

Дар вилоят 1354 мактабҳои маълумотҳои умумӣ, 6 муассисаҳои олии касбӣ, 25 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва коллеҷҳо, 4 театр, 22 осорхона ва 295 муассисаҳои фарҳангӣ мавҷуд аст. Дар вилоят 1174 адад муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббӣ амал мекунанд. Шумораи катҳои бистарӣ 13116 адад мебошад. Ба аҳолии вилоят дар ҳамаи соҳаҳои тандурустӣ 4147 нафар табибони маълумотнок ва 20136 нафар кормандони миёнаи тиббӣ хизмат мерасонанд [8, С. 64].

Солҳои охир, дар қаламрави вилоят ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, БРСММ, бонкҳои Исломии рушд, рушди Осиё, Бонки умумиҷаҳонӣ, «Хазинаи Оғохон» ва дигар ташкилоту ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ бо барномаҳои муайян фаъолият карда истодаанд.

Дар робита ба ин, мо таҳлили нишондиҳандаҳои асосиро, ки вазъи кунунии соҳаи саноати вилояти Хатлонро тавсиф мекунанд, анҷом додем. Тибқи маълумоти Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 нишондиҳандаҳои тараккиёти саноат ба рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири бевосита мерасонанд (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1***

***Нишондиҳандаҳои асосии, тавсифдиҳандаи саноати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **Суръати афзоиш 2020 /2014, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, (адад) | 565 | 577 | 537 | 591 | 583 | 595 | 619 | 109,6 |
| Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, (адад) | 88 | 88 | 90 | 90 | 91 | 91 | 93 | 105,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ | 4659,6 | 5321,3 | 5443,7 | 6766,5 | 7652,9 | 8900,4 | 8998,3 | 193,1 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи | 182,1 | 238,3 | 328,8 | 319,0 | 331,9 | 355,5 | 384,0 | 210,9 |

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Суръати афзоиш 2020 /2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| маъдан, млн сомони | | | | | | | | |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар | 19,7 | 18,6 | 17,6 | 18,4 | 17,7 | 20,1 | 20,7 | 105,1 |
| Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноати истихроҷи маъдан, ҳазор нафар | 3,0 | 2,6 | 2,7 | 1,9 | 1,9 | 2,0 | 2,2 | 73,3 |
| Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ, сомони | 236528 | 286091 | 309301 | 367745 | 432367 | 442806 | 434700 | 183,8 |
| Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноати истихроҷи маъдан, сомони | 60700 | 91654 | 121778 | 167895 | 174684 | 177750 | 174545 | 287,6 |

***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст***

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 565 адад ба 619 адад расид, ки суръати афзоиши он 109,6 %-ро ташкил медиҳад. Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан низ тамоюли афзоиш дошта, миқдори онҳо дар давраи таҳқиқотӣ аз 88 адад ба 93 адад расид. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳқиқотӣ ба андозаи 193,1 % афзуд. Ҳамзамон ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан ба 210,9 % афзудааст. Ҳосилнокии меҳнати коркунони истеҳсолоти саноатӣ ва саноати истихроҷи маъдан ба андозаҳои 183,8 ва 287,6 афзуданд.

Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 рушди кишвар дар асоси модели инноватсионии саноатӣ ба нақша гирифта шудааст, ки он таъмини рушди босуръати саноат, кишоварзӣ ва таҳкими бахши молиявиро дар назар

дорад. Ин, дар навбати худ, зарурати фароҳам овардани шароит барои ворид шудан ба бозорҳои нави содиротӣ, маҳдуд кардани воридоти бесамари истеъмолӣ ва рафъи вобастагии рушди иқтисод аз интиқоли маблағҳои муҳоҷиронро тақозо мекунад. Аҳамияти иқтисодии бомуваффақият тараққӣ кардани сектори саноат дар он аст, ки дар навбати аввал талаботи ҷамъият ба маҳсулоти хушсифат қонеъ гардонида шавад, дуюм, проблемаи зиёдатии аҳолии меҳнат ҳал карда шавад, сеюм, аз нав мусаллаҳшавии техникӣ ва интенсификасияи истеҳсолот таъмин карда мешавад [1, с. 74].

Саноат асоси пешравии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирии такрористеҳсолот мебошад. Дар Паёми худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди индустриалӣ ва инноватсионӣ дар назар аст. Ин маънои онро дорад, ки ба рушди сектори воқеии иқтисодиёт ва махсусан ба рушди саноат диққати махсус дода мешавад. Саҳми тавлидоти саноатӣ дар ММД-и кишвар то соли 2030 ба 22% расонда шавад» [3, 4].

Ба даст овардани вазифаи ба миён гузошташуда зарурати таҳлили ҳамаҷониба ва баҳодиҳии сохтори истеҳсолотро дар соҳаҳои асосии саноат тақозо мекунад (ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2*

***Сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Сохтор** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Тамоюли тағйирёбӣ бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Саноати истихроҷ** | **7.2** | **7.0** | **6,9** | **4,9** | **4,5** | **4,3** | **4,3** | -2.9 |
| **Саноати коркард** | **51.2** | **50.6** | **50,0** | **51,8** | **48,8** | **49,2** | **48,2** | -3.0 |
| **Таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво** | **41.2** | **42.0** | **42,8** | **42,9** | **46,3** | **46,0** | **47,0** | 5.8 |
| **Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа** | **0.4** | **0.4** | **0,4** | **0,4** | **0,4** | **0,5** | **0,5** | 0.1 |

***Источник: Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2020 г.[6.276-277]***

Мавриди зикр аст, ки дар сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлон мавқеи муҳимро саноати коркард ишғол менамояд вам ҳиссаи он дар соли 2020 48.2 %-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 3*

***Сохтори саноати истихроҷи маъдан дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Сохтор** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **Тамоюл** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | | | и тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | - |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| **истихроҷи маводҳои энергетикӣ** | 2,3 | 8,3 | 6,1 | 5,6 | 5,9 | 6,6 | 6,7 | 4.4 |
| **истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ** | 97,7 | 91,7 | 93,9 | 94,4 | 94,1 | 93,4 | 93,3 | -4.4 |

Аз маълумоти ҷадвали 3 дида мешавад, ки дар сохтори саноати истихроҷи маъдани вилояти Хатлон мавқеи асосиро саноати истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ ишғол менамояд ва ҳиссаи он дар соли 2020-ум 93,3 %-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки агар ҳиссаи истихроҷи маводҳои энергетикӣ дар давраи таҳқиқотӣ аз 2.3 % ба 6,7 % афзуда бошад, ҳиссаи истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ аз 97.7 % ба 93.3 % ё 4.4 пункти фоизӣ кам шудааст.

Чуноне, ки аз маълумоти ҷадвали 2 бармеояд, дар сохтори соҳаҳои саноати вилояти Хатлон мавқеи муҳимро саноати коркард ишғол менамояд ва таҳлили ҳаматарафаи он аз манфиат холи нест (ҷадвали 4).

*Ҷадвали 4*

***Сохтори саноати коркард дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Сохтор | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Тамоюли тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Саноати коркард** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | **100** | - |
| **аз ҷумла:** | | | | | | | | |
| **истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку** | 44,29 | 40,62 | 37,85 | 32,27 | 28,80 | 28,44 | 24,85 | -19,44 |
| **истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол** | 31,01 | 29,21 | 29,92 | 24,88 | 34,80 | 34,13 | 37,30 | 6,30 |
| **коркарди чӯбу тахта** | 0,41 | 0,62 | 0,73 | 6,27 | 0,61 | 0,54 | 0,46 | 0,05 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб** | | | | | | | | |
| **истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр** | 0,03 | 0,04 | 0,03 | 0,53 | 0,03 | 0,09 | 0,15 | 0,11 |
| **истеҳсоли маҳсулоти нафт** | 1,20 | 0,08 | 0,08 | 0,05 | 0,05 | 0,04 | 0,04 | -1,16 |
| **истеҳсоли кимиёвӣ ва фармасевтикӣ** | 0,31 | 0,33 | 0,35 | 0,35 | 1,01 | 1,54 | 1,95 | 1,64 |
| **истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти гайрифилизии маъданӣ** | 20,44 | 25,87 | 27,55 | 32,81 | 29,77 | 30,34 | 31,81 | 11,37 |
| **истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ** | 1,22 | 1,43 | 1,62 | 1,28 | 2,93 | 3,14 | 1,42 | 0,19 |
| **Истеҳсоли мошинолот ва таҷҳизоти ба дигар гӯруҳбандӣ дохил нашуда** | 1,09 | 1,79 | 1,87 | 1,57 | 2,00 | 1,75 | 2,02 | 0,93 |

Таҳлили маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар сохтори саноати коркарди вилояти Хатлон мавқеи асосиро истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол (37,3 %), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (31,81 %) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку (24,85%) ишғол менамояд. Ҳамзамон ҳаминро бояд таъкид кард, ки истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ, дузандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм, истеҳсоли пойафзол ва истеҳсоли маснуоти резинӣ, пластмассӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ тамоюли афзоиш дошта, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку тамоюли пастшавӣ дорад.

Ҳамин тариқ, рушди саноати сабук дар вилояти Хатлон омили муҳимтарини рушди иқтисодиёт буда, ба баландшавии некуаҳволии аҳолӣ ва паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ оварда мерасонад.

**Адабиёт**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан. Душанбе–2016, www.president.tj

2. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2020: маҷмӯаи оморӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. 2021. – 198 с.

3. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 22 декабря 2017г. [Электронный ресурс] http://www.prezident.tj

4. Послание Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 декабря 2018г. [Электронный ресурс] http://www.prezident.tj

5. Программа инновационного развития Республики Таджикистан на 2011-2020 гг. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля 2011 года №227

6. Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 гг. www.president.tj

7. Стратегии инновационного развития Республики Таджикистан на период до 2020 года». Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 мая 2015 года, № 354.

8. Таджикистан: 30 лет государственной независимости (статистический сборник). Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе: АПСППРТ, 2021. – 702 с.

9. Ходжаев П.Д., Джаборова М.Д. Анализ и оценка экономических показателей современного состояния цветной металлургической отрасли Республики Таджикистан//П.Д.Ходжаев. Экономика Таджикистана. – 2021. -№3. – С.264.

# ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**ХОДЖАЕВ ПАРВИЗ ДАВЛАТОВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор
кафедры мировой экономики и экономических и международных отношений
Таджикский государственный университет коммерции
734055, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Дехоти, ½;
Тел.: (+992) 938-60-75-03. E-mail: hojaev123p@mail.ru
**РАХИМЗОДА МУХАМАДДЖОНИ НАЗАР,**
старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и налогообложения
Дангаринского государственного университета.
735140, Республика Таджикистан, р. Дангара, улица Маркази 25.
Тел.: (+992) 985-52-52-97.

*В статье рассмотрены тенденции развития промышленности Хатлонской области. Доказано, что создание и эффективное использование резервных мощностей страны и устранение долгосрочных негативных последствий требуют разработки современных комплексных методов организации производства, особое внимание следует уделить совершенствованию промышленных предприятий на принципах научных достижений, а также формирование механизма организационного инструментария. В связи с этим в качестве объекта исследования был выбран один из промышленных регионов страны – Хатлонская область.*

*Авторы показывают, что в структуре обрабатывающей промышленности Хатлонской области основное место занимает производство текстильной и швейной продукции, производство кожи, кожгалантереи и производство обуви (37,3%), производство резины и пластмассы. продукции, производство любых неметаллических минеральных продуктов (31,81%), производство продуктов питания, напитков и табака (24,85%). При этом следует подчеркнуть, что производство текстильных изделий, пошив одежды, производство кожи, кожгалантереи, производство обуви и производство резино-пластмассовых изделий, производство любых нерудных минеральных продуктов имеет тенденцию к увеличению,*

*производство пищевых продуктов, наряду с напитками и табачными изделиями, имеет тенденцию к сокращению.*

***Ключевые слова:*** *промышленные предприятия, ресурсный потенциал, современные методы, организация производства, совершенствование, основные принципы, формирование, механизм, инновации.*

## TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF KHATLON REGION

**KHODJAEV PARVIZ DAVLATOVICH,**
Doctor of Economics, Professor of the
Department of World Economy and Economic and International Relations.
Tajik State University of Commerce
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, ½, Dehoty str.
Phone: (+992) 938-60-75-03. E-mail: hojaev123p@mail.ru
**RAHIMZODA MUHAMADJONI NAZAR,**
Senior Lecturer, Department of Accounting and Taxation, Dangara State University.
735140, Republic of Tajikistan, H. Dangara, 25, Markazi st.
Phone: (+992) 985-52-52-97.

*The article considers the trends in the development of industry in the Khatlon region. It has been proved that the creation and effective use of the country's reserve capacities and the elimination of long-term negative consequences require the development of modern integrated methods of organizing production, special attention should be paid to the improvement of industrial enterprises on the principles of scientific achievements, as well as the formation of a mechanism for organizational tools. In this regard, one of the industrial regions of the region, the Khatlon region, was chosen as the object of study.*

*The authors show that in the structure of the manufacturing industry of the Khatlon region, the main place is occupied by the production of textile and clothing products, the production of leather, leather goods and footwear (37.3%), the production of rubber and plastics. production, production of any non-metallic mineral products (31.81%), production of food, beverages and tobacco (24.85%). At the same time, it should be emphasized that the production of textiles, tailoring, the production of leather, leather goods, the production of shoes and the production of rubber-plastic products, the production of any non-metallic mineral products tends to increase, the production of food products, along with drinks and tobacco products, tends to increase. to the reduction.*

***Key words:*** *industrial enterprises, resource potential, modern methods, organization of production, improvement, basic principles, formation, mechanism, innovation.*

УДК: 338

# НАҚШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КИШВАР

**ОДИНАЕВ БОЙМУРОД ҶАЛИЛОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-80-90-89. E-mail: ofirdavs1977@mail.ru
**ЗАРИПОВ ФАЙЗАЛӢ АБДУХОЛИҚОВИЧ,**
ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 938-35-79-79. E-mail: Fayzali-95-95@mail.ru

*Дар мақола ҷанбаҳои муҳимми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар оварда шудааст. Таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ ҳамчун омили муҳим барои ноил гардидан ба ҳадафи сеюми стратегии кишвар “Таъмини амнияти озуқаворӣ” мусоидат менамояд.*

*Аз нуқтаи назари муаллиф соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаи асосии таъминкунандаи номгӯи молҳои озуқаворӣ дар бозори дохилӣ ба шумор меравад. Ҳаҷм ва устувории рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ яке аз омилҳои таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар ба ҳисоб рафта, самаранокӣ ва устувории рушди соҳаи кишоварзӣ, инчунин истифодаи самараноки заминҳои мамлакат дар он нақши муҳим мебозад.*

***Калидвожаҳо:*** *кишоварзӣ, маҳсулот, маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бозор, бозори озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ, ҳадди ақали зиндагӣ, аҳолии кишвар ва ғайраҳо.*

Таъмини бозори дохилӣ бо молҳои истеҳсолоти ватанӣ ҳамчун омили муҳим барои ноил гардидан ба ҳадафи сеюми стратегии кишвар “Таъмини амнияти озуқаворӣ” мусоидат менамояд. Дар ин асос барои баланд бардоштани иқтидори озуқаворӣи кишвар, пешгирии камчинии маҳсулоти босифати озуқаворӣ, ноил гардидан ба таносубияти мутавозини содирот ва воридот, қонеъсозии сифатноки талаботи аҳолӣ ба молҳои истеҳсоли ватанӣ, низоми мукаммалгардонии зерсохтори бозори дохилӣ таҳия карда шудааст.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаи асосии таъминкунандаи номгӯи молҳои озуқаворӣ дар бозори дохилӣ ба шумор меравад. Ҳаҷм ва устувории рушди истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ яке аз омилҳои таъмини бехатарии озуқаворӣи кишвар ба ҳисоб рафта, самаранокӣ ва устувории рушди соҳаи кишоварзӣ, инчунин истифодаи самараноки заминҳои корами мамлакат дар он нақши муҳим мебозад.

Доир ба масоили таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 23 декабри соли 2022 қайд намуданд, ки «*Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем*» [3].

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд.

Аз ҷумла соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд [3].

Маълумоти зикршуда собит месозад, ки дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дастовардҳо назаррас мебошанд. Аммо масоили асосӣ ин таъмини бозорҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ва танзими нархи маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо махсулоти тару тозаи кишоварзӣ дар фаслҳои тирамоҳу зимистон мебошад.

Дар моддаи 5 - и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» оварда шудааст, ки ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқаи сабади истеъмолӣ меъёрҳои илман асосноки талаботи физиологии инсон барои ҳадди ақали зиндагӣ, номгӯй, инчунин таркибу ғизонокии маҳсулоти озуқа, бояд маҳаки асосӣ бошанд [2].

Зикр кардан бамаврид аст, ки 31 августи соли 2018 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» тасдиқ гардидааст, ки шакли коркардшудаи он дар ҷадвали 1 оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.***

***Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар****

| № р/т | Номгӯи маҳсулот | Меъёри ситеъмол дар як шабонарӯз (бо грамм) | Меъёри ситеъмол дар як моҳ (бо кг) | Меъёри ситеъмол дар як сол (бо кг) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лубиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2. | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 93,4 | 40,8 |
| 3. | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4. | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5. | Тухм(дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6. | Равған (растанӣ ва чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |
| 7. | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8. | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9. | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10. | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11. | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

***Сарчашма:** *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар», аз 31 августи соли 2018, №451.*

Аз ин бармеояд, ки аксарияти номгӯи маҳсулоти сабади истеъмолиро маҳсулотҳои кишоварзӣ ташкил медиҳанд. Нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар мамлакат барои таъмини пурраи эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ нокифоя буда, қисман истеъмоли намудҳои асосии махсулот аз ҷониби аҳолии мамлакат асосан аз ҳисоби воридот қонеъ гардонида мешавад. Яъне, ҳоло ҳам дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушкилотҳои зиёде ҷой доранд, ки то ин ҷониб онҳо ҳалли худро наёфтаанд.

Мушкилии асосие, ки таи чанд соли охир бозори озуқавориро ба ташвиш меорад, ин устувор набудани нархи молу маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ мебошад. Яъне, нархи баъзе молу маҳсулоти кишоварзӣ дар як мавсим ба маротиб афзоиш ёфта, дар мавсими дигар яку якбора паст мегардад (ниг. ба расми 1).

(нархҳо бо сомонӣ: кг)




***Расми 1.*** *Мизони нархҳои миёнаи маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли картошка, бехпиёз, ва сабзӣ) дар бозорҳои ш. Душанбе дар моҳи январи солҳои 2020-2023.**

***Сарчашма:*** *Сомонаи расми Агентии омори назди Президенти ҶТ: https://stat.tj*

Аз расми 1 бармеояд, ки нархи молу маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои ҷумҳуриамон ноустувор ё чандирӣ ба назар мерасанд. Албатта, ин лаппиши чандирӣ аз нуктаи назари мо аз ду омили асосӣ вобастааст:

1. Ҷой надоштани гуногуншаклии (диверсификатсияи) истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар байни субъектон ва назорати доимии он аз ҷониби ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлат;

2. Таъсири боду ҳаво, новобаста аз мавсим ва ба талабот ҷавобгу набудани гармхонаву сардхонаҳо.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки механизми фаъолияти субъектони истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз танзими давлатӣ дур монда, диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз байн рафта истодааст.

Танзими давлатии бахши кишоварзиро мо аз нуктаи назари низоме баррасӣ мекунем, ки кушода ба ҳисоб рафта, ҳадди ақал ду зернизомро дар бар мегирад, ки якум бо дастрасӣ ба бозор ва бартараф кардани монеаҳои савдо алоқаманд буда, дувум бо чораҳо ва намудҳои дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошанд. Низоми мазкур (танзими давлатии бахши кишоварзӣ) қодир аст ба дигаргуншавӣ, тағйирот, мутобиқшавӣ, инчунин, пайдоиши унсурҳо ва ҷузъҳои нав асос ёбад. Чунин низом бояд на танҳо ба мутобиқшавӣ, балки ба мушкилиҳои муҳити беруна муқовимат карда, тамоюлоти наверо ба вуҷуд орад, ки ба истеҳсолкунандагони бахши кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонад. Дар зери мафҳуми танзими давлатии бахши кишоварзӣ мо таъсири иҷтимоию иқтисодии давлатро ба самтҳои асосии бахши кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин, коркард ва фурӯши маҳсулоти бахши кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ, бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар тавассути механизми самарабахши ташкилӣ ва иқтисодӣ, иборат аз ташкилию идоракунии, молиявӣ ва иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ, экологӣ дар бораи бахшҳои

ҳавасмандкунанда ва ҳуқуқӣ мефаҳмем. Танзими давлатии бахши кишоварзӣ маҷмӯи чораҳои афзалиятноки дорои хусусияти мустақим ва ғайримустақим (иқтисодӣ ва иҷтимоӣ) мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва сатҳҳои мухталифи идоракунӣ барои ба эътидол овардани истеҳсолоти кишоварзӣ, мутобиқгардонии истеҳсолкунандагони бахши кишоварзӣ ба мушкилоти экологӣ, рушди инноватсионии соҳа, ки ҳадафи ниҳоии он таъмин намудани амнияти озуқаворӣ пешбинӣ шудааст, амалӣ мегардад [5].

Батанзимдарорӣ дар бахши кишоварзӣ яке аз унсурҳои асосии низоми танзими давлатии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Бахши кишоварзӣ дар қатори дигар соҳаҳои иқтисодиёт, чун пайванди худтанзимнакунандаи низоми иқтисодӣ боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, сиёсати батанзимдарории давлатӣ ва дастгирии бахши кишоварзӣ ҷузъи муҳимми рушди устувор ва босуботи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва амнияти озуқавории кишвар ва минтақаҳои он мебошад. Хоҷагии кишоварзӣ ва субъектҳои соҳибкории он дар шароити муносибатҳои бозорӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд ва наметавонанд дар рақобати байнисоҳавӣ баробар иштирок кунанд.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки субъектони истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ҳангоми фаъолият принсипи диверсификатсияи истеҳсолотро пеша намуда, ва аз ҷониби давлат назорати ҷиддӣ аз болои ин механизм ба роҳ монда шавад. Дар ин сурат ҳам нархҳои бозори дохилӣ мувозинати худро гум намекунанд ва ҳам талаботи бозори дохилӣ бо молу маҳсулотӣ ватанӣ мунтазам таъмин карда мешаванд.

Ин бори дигар собит менамояд, ки бе таваҷҷуҳи махсуси давлат, мушкилоти зиёди хоҷагиҳои кишоварзии муосир, ки пеш аз ҳама, мустақилияти озуқавории давлат таъмин карда намешавад. Дар соҳаи кишоварзӣ имкони муқаррар намудани тавозуни нархҳои инҳисории соҳаи таъминкунандаи захираҳо, соҳаҳои коркардкунандаи ашёи хоми кишоварзӣ раванди мураккаб буда, коҳиши(нисбат ба дигар соҳаҳо) он дар асоси талабот ба маҳсулоти соҳа маҳдудиятро ба миён меорад [7].

Дар баробари ин, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти озуқаворӣ дар кишвар тариқи мукаммалгардонии дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ, дар шакли қарздиҳии имтиёзнок, пешниҳоди техника ва технология дар асоси шартномаҳои лизингӣ ва истифодабарии таҷрибаи муосир асоснок карда шудааст.

Рушди инфрасрасохтори истеҳсолии соҳа (сохтмони сардхонаҳои ҳозиразамони нигаҳдории маҳсулот, ҷойгиркунии корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот ва банду бasti он дар маҳалҳои истеҳсолот, таъмири роҳҳои дохилихоҷагӣ, харидории мошинҳои махсуси боркаш) дар ноҳияҳои дурдаст низ яке аз омилҳои рушди босуботи соҳа ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи паст қарор дошта, боиси талафи зиёда аз 30% маҳсулоти истеҳсолшуда мегардад [6].

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити номусоиди иқлимӣ ва сатҳи нокифояи дастгирии техникӣ ва технологии истеҳсолоти бахши кишоварзӣ имкон намедиҳанд, ки сатҳи пасти нархи маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шавад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки танҳо татбиқи тадбирҳои дастгирии давлат рушди бомуваффақияти иқтисодиёти кишварро таъмин карда метавонад.

Иқтисоди бозорӣ низомест, ки шарти ҷудонашавандаи он худтанзимкунӣ дар заминаи таъсири бевоситаи талабот ва пешниҳод, рақобати нархҳо ба ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасонӣ, ҳавасмандкунии меҳнатӣ ва истеъмол мебошад. Аммо таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон дод, ки худтанзимкунӣ дар шароити зиёдшавии монополияи истеҳсолоти арзишҳои истеъмолӣ, ки ба ҷомеа зарур аст, он қадар қавӣ набуда, бидуни танзими муайяни давлатӣ наметавонад онро иҷро кунад.

Ҳамин тавр, қайд намудан зарур аст, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ субъектҳои хоҷагидории бахши кишоварзӣ ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ шуда истодаанд, ки барои бартарафнамоии онҳо ва таъмини рушди босуботи хоҷагиҳо ба шаклҳои гуногуни дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Бинобар ин, ниҳодҳо (институтҳо)-и гуногуни давлатию ғайридавлатӣ, дар доираи имкониятҳояшон, бо роҳҳои гуногун ба 20 бахши кишоварзӣ кумак мерасонанд, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулоти хушсифат ва зарурӣ, ҳамзамон, амнияти озуқавории кишвар таъмин гардад [5].

Барои татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар рушди бахши кишоварзӣ, ки бозори дохилиро бо маҳсулоти дастраси баландсифати хоҷагии қишлоқ таъмин намуда, дар бозорҳои хориҷӣ ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар ин замина, давлат сиёсати низоманди институтсионалии ҳимояи бозори дохилиро бояд пеш барад то тавонад мушкилиҳои ҷойдоштаро дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифат ва дар сатҳи мунтазам нигоҳ доштани нархҳои молу маҳсулоти озуқавориро аз байн барад.

**Адабиёт**


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар», аз 31 августи соли 2018, №451;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», аз 19 майи соли 2009, № 521;
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» / Душанбе, 23.12.2022. - [манбаи электронӣ] – URL: http://president.tj/node/29823;
4. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 декабри соли2016, №636;
5. Собирзода Н.М., Қодирзода Д.Б.//Мавқеъ ва нақши танзими давлатӣ дар таъмини рушди босуботи бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон - бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ//№10.// 2022 сол;
6. Толибов Д.Қ.//Нақши инфрасохтори истеҳсолӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ // Кишоварз // №1-2022 сол.
7. Тиллоева С.Ҷ., Расулов Р.С., Маҳмадов Р.С.//Механизмҳои такмили дастгирии давлатӣ дар рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон//Идоракунии давлатӣ-бахши илмҳои иқтисодӣ//№3(57)//2022 сол;
8. https://www.stat.tj
9. https:// www.medt.tj


# РОЛЬ ПРОИЗВОДСТВА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ


**ОДИНАЕВ БОЙМУРОД ДЖАЛИЛОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент
кафедры государственного управления и национальной экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-80-90-89. E-mail: ofirdavs1977@mail.ru
**ЗАРИПОВ ФАЙЗАЛИ АБДУХОЛИКОВИЧ,**
ассистент кафедры государственного управления и национальной экономики
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 938-35-79-79. E-mail: Fayzali-95-95@mail.ru

*В статье представлены важные аспекты производства сельскохозяйственной продукции в обеспечении продовольственной безопасности страны. Обеспечение внутреннего рынка товарами отечественного производства способствует достижению третьей стратегической цели страны «Обеспечение продовольственной безопасности».*

*С точки зрения автора, сельское хозяйство является одним из основных поставщиков продовольственных товаров на внутреннем рынке. Объем и устойчивость развития сельскохозяйственного производства в республике считается одним из факторов обеспечения продовольственной безопасности страны, эффективности и устойчивости развития аграрного сектора, а также эффективного использования земель страны, играют в нем важную роль.*

***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, продукция, сельскохозяйственная продукция, производство сельскохозяйственной продукции, рынок, продовольственный рынок, продовольственная безопасность, прожиточный минимум, население страны и др.*

## ROLE OF AGRICULTURAL PRODUCTION IN THE COUNTRY'S FOOD SECURITY

**ODINAEV BOYMUROD JALILOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the
Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, str .
Phone: (+992) 918-80-90-89. E-mail: ofirdavs1977@mail.ru
**ZARIPOV FAYZALI ABDUKHOLIKOVICH,**
Assistant of the Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, str.
Phone: (+992) 938-35-79-79. E-mail: Fayzali-95-95@mail.ru

*The article presents important aspects of agricultural production in ensuring the country's food security. Providing the domestic market with domestically produced goods contributes to the achievement of the country's third strategic goal "Ensuring food security."*

*From the author's point of view, agriculture is one of the main suppliers of food products in the domestic market. The volume and sustainability of agricultural production in the republic is considered one of the factors in ensuring the country's food security, the efficiency and sustainability of the development of the agricultural sector, as well as the effective use of the country's land, play an important role in it.*

***Key words:*** *agriculture, products, production of agricultural products, market, food market, food security, living wage, population of the country, etc.*

**УДК:628.1.03**

# ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ОБАНБОРҲОИ БАҲРИ АРАЛ БО РОҲИ ҲАЛ КАРДАНИ ТАНҚИСИИ ОБ

**ТОШМАТОВ АБДУНАБӢ ДАВЛАТОВИЧ**,
номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти
кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 907-71-72-44.
**ҚОДИРОВА ДИЛАФРӮЗ ТОЛИБОВНА**,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988-45-51-47. E-mail: kodirovagulmo68@gmail.com
**САФАРАЛИЕВ ФАРҲОД САНГОВИЧ**,
ассистенти кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳои
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988-02-18-06.

*Дар мақола натиҷаҳои таҳлили ташаккул ёфтан ва ҳолати захираҳои обии обанбори баҳри Арал ва аҳамияти он дар рушди минтақа шарҳу эзоҳ дода шудааст. Инчунин дар мақола маълумот оид ба вазъияти хоҷагии обҳое дода шудааст, ки тақсимоти об байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мавҷуд аст. Таҳлил нишон дод, ки вобастагии мамлакатҳои Осиёи Миёна аз захираҳои обие, ки аз берун дохил мешаванд ва дар коэффисиенти вобастагии назди сарҳадӣ ифода карда мешавад, барои Қазоқистон 42 фоиз, Узбекистон 77 фоиз, Туркменистон 94 фоизро ташкил медиҳанд. Пас, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дар масъалаҳои ташаккул додан ва истифода бурдани захираҳои обӣ дар вобастагии дутарафаи зич қойгир мебошанд.*

*Дар мақола проблемаҳои асосии минтақавӣ ва миллӣ баён карда шудаанд, ки ба масъалаҳои идора кардан, истифода бурдан ва ҳифзи захираҳои обӣ тааллуқ доранд. Муваффақиятҳои рушди истифодаи об дар шароити афзоиши танқисии об асоснок карда шудаанд. Роҳҳои асосии ҳалли проблемаи об ва захираҳои рӯйпӯш кардани захираҳои обӣ, беҳтар кардани вазъияти хоҷагии оби обанбори баҳри Арал шарҳу эзоҳ дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои обӣ, обанбор, тақсимоти об, истифода бурдани об, танқисии об, обёрӣ, технологияҳои нигоҳдории об, ҳамкорӣ.*

Мавҷуд ва дастрас будани захираҳои обӣ аз бисёр ҷиҳат аз бехатарии миллии мамлакат ва муваффақиятҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии на фақат дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи минтақа, байни давлатҳо ва ҳаматарафа муайян карда мешавад. Аз солҳои 60- уми садсолаи гузашта дар натиҷаи тезу тунди рушди обёрӣ ва хоҷагии қишлоқ, махсусан пахтакорӣ, ҳоло мо бо зиёд шудани афзоиши танқисии об дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ дучор шудаем, ки шоҳиди фоҷиаи калонтарини ин дар доираи сайёра – хушк гардидани бахри Арал ва маҷмӯи дигар фалокатҳои маҳаллӣ мебошад. Дар натиҷаи аз худ кардани обёрӣ кардани замин, сарфи обҳо аз Амударё ва Сирдарё ду маротиба зиёд гардид, ки ин нисбат ба яку якбора кам шудани ҷараёни об дар бахри Арал, ва мувофиқан ба камшавии он оварда расонид.

Сабаби бевоситаи физикии пастшавии сатҳи баҳри Арал – ин вайрон гардидани мувозинатии ҳавзҳо мебошад, ки хароҷоти об нисбат ба воридот зиёд мебошад. Агар дар обёрӣ дар миёнаи садсолаи гузашта аз рӯди Амударё тақрибан 15,4 км$^3$ об гирифта шуда бошад, он гоҳ дар солҳои 60- ум ин нишондиҳанда тақрибан дучанд - 29,4 км$^3$, дар

солҳои 90- ум обгирӣ ба 64,9 $км^3$, дар солҳои охир 78,5 $км^3$ дар як сол зиёд шуданд, яъне обҳои Амударё пурра истифода бурда мешавад, ва бо назардошти истифода бурдани обҳои баргардонидашуда дараҷаи хоҷагии истифода бурдани рехтани об дар обанбори дарё ба 130 % мерасад. То имрӯз баҳри Арал зиёда аз 90 % ҳаҷми пешинаи худ ва зиёда аз 80 %- и масоҳаташро аз даст додааст, ки ин дар навбати худ, бисёр проблемаро на фақат аз ҷиҳати экологӣ, балки инчунин аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавлид мекунад.

Таҳлили офатҳои табиии ба амал омада, ки бо об алоқаманд аст (обхезӣ, сел, хушкӣ ва ғ.) нишон медиҳад, ки ин масъулияти ҷамъият ва давлат дар назди табиат буд ва нокифоя боқӣ мемонад. Аз тарафи дигар, дар айни замон ба захираҳои обӣ тағйирёбии иқлим, ва инчунин афзоиши бошитобӣ аҳолӣ (ба ҳисоби миёна 2,5 % дар як сол) ва зиёд шудани истеъмоли об дар дастколаҳои иқтисодиёт ба таври манфӣ таъсир мерасонад. Ҳамаи ин тағйирёбии асосиро нисбат ба об ҳамчун омили асосии олам, устуворӣ ва рушд дар минтақа талаб мекунад.

Дар айни замон аз сабаби муносибати бемунтазамӣ, номувофиқоӣ ва беҳамгироӣ нисбат ба банақшагирӣ ва идора кардани захираҳои обӣ дар Осиёи Миёна бо мунокишаҳои байни обёрикунӣ ва гидроэнергетика, экологияҳо ва иқтисодиёт дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ назорат карда мешавад. Бинобар ин, таҳқиқотҳои илмие, ки ба ҳалли проблемаи об дар соҳаи идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ таъсир мекунанд, аҳамияти амалии калон доранд.

Масъалаҳои асоси назариявӣ-методологии самаранок идора кардан ва истифода бурдани захираҳои обӣ, рушди нерӯи обӣ-энергетикӣ дар обёрӣ кардани заминҳо ва гидроэнергетика, ва инчунин проблемаҳои гидроэкологӣ дар вақтҳои гуногун дар корҳои В. Парето, Т. Ситовски, Л.И. Абалкин, И.Г. Галямин, Е.Г. Григорев, В.А. Духовный, В.И. Соколов, В.И. Данилов-Данилян, А.П. Мироненков, Т.Т. Сарсембеков, С.Р. Ибатулин, Е. Усубалиев, В.В. Шабанов, Х.М. Мухаббатов, Н.К. Носиров, Я.Э. Пулатов, Н.К. Нурматов, Р. Рахматиллаев, Ш.Я. Пулатов, Х.О. Арифов, Х.М. Ахмедов, Г.Н. Петров, Х.У. Умаров, Х.Р. Исайнов, Х.А. Одинаев, Г.Д. Купайи, У.И. Муртазаев ва диг. дида баромада шудаанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи самаранок идора кардан, истифода бурдан ва ҳифзи захираҳои обӣ дар обанбори баҳри Арал предмети таҳқиқоти илмии ҷиддӣ боқӣ мемонад. Аз рӯйи масъалаҳои муносиб дар байни фаъолони илм ва сиёсат дар сатҳи миллӣ ва байнидавлатӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Ба чунин омӯзиши гуногун ҷабҳаи проблемаҳои мазкур аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, тағйирёбиҳои ҳарсола, ки дар доираи маҷмааи хоҷагии обӣ минтақа ба амал меояд, таҳқиқотҳои иловагии маҷмӯӣ ва мунтазамиро талаб мекунад.

Мақсади асосии таҳқиқот ин гузаронидани таҳлил ва арзиши захираҳои обӣ, хусусиятҳои ташаккул ёфтани он ва тақсимоти байналхалқӣ, ҳолати идора кардани истифода бурдани об ва кор карда баромадани тавсияҳо аз рӯйи рӯйпӯш кардани танқисии об дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Методологияи иҷро кардани таҳқиқот ба ҷамъбасти илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои бисёрсолаи муаллифон асоснок карда шудааст. Бо вуҷуди ин методҳои таҳлили умумиилмии муқоисакунӣ, статистикӣ ва мунтазамӣ, методи абстрактӣ-мантиқӣ, таҳлили сабабиятӣ-натиҷавӣ, пешгӯйиҳои эҳтимолӣ, арзишҳои экспертӣ (мумайзӣ), метоҳои таҳқиқоти иқтисодӣ-математикӣ, ва инчунин методи мушоҳида ва гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ аз рӯйи технологияҳои нигоҳдории об дар заминҳои обёридиҳанда (солҳои 2005-2020) татбиқ карда шуданд. Инчунин системаҳои

иттилоотии миллӣ ва минтақавӣ, базаи маълумотҳо, маводҳои нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, Интернет-захираҳо истифода бурда шуданд [2, 4, 5, 7, 10-13, 15-17].

Дар обанбори баҳри Арал, ки дар он аз ҷиҳати территориявӣ Қазоқистон (аз ҷануб), Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон, Узбекистон ва Афғонистон (аз қисми шимол) дохил мешаванд, дарёҳои асоси Амударё ва Сирдарё мебошанд. Минтақа дар доирае ҷойгир аст, ки захираҳои обиаш омили муҳимтарини таъмин намудани бехатарии миллӣ ва минтақавӣ мебошад. Мувофиқи ҳисоботҳо аз рӯйи кадастр (маҷмӯйи маълумотҳо оид ба об), зиёда аз 90 %- и захираҳои обии минтақаро заминҳои кишоварзӣ истеъмол мекунад, ки то 30 % маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) минтақа ва зиёда аз 60 %- и аҳолиро ба кор таъмин менамояд. Нерӯгоҳҳои обии электрикӣ аз истеъмолии умумии минтақаҳои мамлакат фақат 27,3 %- ро барои энергияҳои электрикӣ таъмин мекунад. Дар Тоҷикистон ва Қирғизистон ин нишондиҳанда зиёда аз 90%- ро ташкил медиҳад ва ин равшану возеҳ вобастагии иқтисодиёти ин мамлакатҳоро аз мавҷуд будани захираҳои обӣ боис мегардад.

Аз рӯи ҳудудҳо, захираҳои обии Осиёи Марказӣ номунтазам тақсим шудаанд, ки ин зарурияти амалиёти якҷояи ҳамаи мамлакатҳои минтақаҳоро аз рӯи идора кардан аз тарафи онҳо ва оқилона истифода бурдани онҳо пешакӣ муайян карда мешавад.

Захираҳои обии минтақа аз ҳисоби обҳои фурӯ нишастани ҳавои атмосферӣ, пиряххҳои обшудаистода, обҳое зеризаминӣ ташаккул меёбанд. Параметрҳои резиши дарёҳои назди сарҳадии асосӣ – Амударё ва Сирдарё дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 1.***

***Ташаккул ёфтани сатҳи резиши об дар обанбори баҳри Арал***

| **Мамлакатҳо** | **Амударё** | | **Сирдарё** | | **Ҳамагӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | км$^3$ | % | км$^3$ | % | км$^3$ | % |
| **Узбекистон** | 4,70 | 5,99 | 4,14 | 11,15 | 8,84 | 7,65 |
| **Тоҷикистон** | 62,90 | 80,17 | 1,10 | 2,96 | 64,00 | 55,36 |
| **Қирғизистон** | 1,90 | 2,42 | 27,40 | 73,77 | 29,30 | 25,35 |
| **Туркменистон бо Эрон** | 2,78 | 3,54 | 0,00 | 0,00 | 2,78 | 2,40 |
| **Қазоқистон** | 0,00 | 0,00 | 4,50 | 12,12 | 4,50 | 3,89 |
| **Афғонистон** | 6,18 | 7,88 | 0,00 | 0,00 | 6,18 | 5,35 |
| **Ҷамъ** | **78,46** | **100,00** | **37,14** | **100,00** | **115,60** | **100,00** |

**Манбаъ:** маърӯзаи ташхисии «Оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ Осиёи Марказӣ». Тошкент-Бишкек: 2001. с. 68-83 [5].

Ҳосили ҷамъи резиши миёнаи солонаи дарёҳои асосии минтақа 116 км$^3$/солро ташкил медиҳад ва ин талаботи тақрибан 80%- и аҳолии Осиёи Марказиро таъмин менамояд. 83%- и резиши Амударё дар Тоҷикистон ва Афғонистон ва 81%- и резиши Сирдарё дар ҳудуди Қирғизистон ташаккул меёбанд.

Дарёи Амударё бо роҳи якҷоя шудани ду шохобҳои асосӣ ташаккул меёбад: дарёи Вахш, ки ибтидои худро дар қисми Қирғизистони кӯҳҳои Помир оғоз мекунад, ва дарёи Панҷ мегирад, ки қад-қади сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон ҷорӣ мешавад. Амударё бо дарозии 2450 км ва резиши миёнаи солонаи 78,5 км$^3$ пеш аз он, ки ба баҳри Арал мерезад, аз территорияи Афғонистон, Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркманистон мегузарад. Ба ҳисоби миёна ҷоришавии дарё дар он аз ду шохоби рости калонтарин – Кофарниҳон ва Сурхандарё ва як шохоби чап – дарёи Қундуздарё пайдо мешавад. Оби Амударёро барфҳои обшуда ва обҳои пиряхҳо ташкил медиҳанд, барои ҳамин хароҷоти аз ҳама зиёди об дар тобистон ва камтарин дар моҳҳои январ-феврал мушоҳида карда

мешавад. Аз рӯйи лойолуд (тира) будани об Амударё яке аз ҷойҳои аввалинро дар олам ишғол мекунад.

Дарёи Сирдарё аз рӯйи обдорӣ (мавҷудияти об) дуюм ва аз рӯйи дарозӣ якум дар минтақа мебошад ва аз якҷоя шудани ду шохоби асосӣ – Норин ва Қарадарё пайдо мешавад, ки сарчашмаи худро дар Қирғизистон мегиранд. Ҳангоми дарозии 2200 км ва резиши миёнаи солона дар 37 млрд. $м^3$ вай дар кӯҳҳои Тян-Шани Қирғизистон ибтидо гирифта, аз Узбекистон, Тоҷикистон ва ҷануби Қазоқистон гузашта, ба баҳри Арал мерезад. Таъмин кардани дарё бо обҳои барфҳо ва пиряххо ба амал оварда мешаванд, ки бо обхезиҳои баҳорӣ-тобистонӣ характернок аст ва аз ҳама резиши калони дарё тобистон, дар моҳи июн мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷаи ин ба дарёҳо дар минтақаи географӣ ва таърихӣ системаи беназири экологии ташаккулёбӣ ва истифода бурдани захираҳои обӣ ба вуҷуд омадааст [8].

Дар давраи рушди тезу тунди обёриҳо системаҳои обанборҳои танзими мавсимии резиши дарё ва обанборҳои беназири танзими бисёрсола дар дарёҳои асосӣ – Сирдарё ва Амударё сохта шуда буданд (ҷадвали 2).

***Ҷадвали 2.***

***Обанборҳои асосии калони танзими дуру дарози резиш дар дарёҳои Сирдарё ва Амударё***

| **Номғуйи обанбор** | **Меъёри резиши табиӣ дар маъбар,** $км^3/сол$ | **Ҳаҷми пурра,** $км^3$ | **Ҳаҷми лоиҳавӣ,** $км^3$ | **Танзими охирин,** $км^3$ |
|---|---|---|---|---|
| **Амударё** | | | | |
| **Норак (1972)** | 20,00 | 10,45 | 4,50 | 5,30 |
| **Туямуюн (1980)** | 68,00 | 7,80 | 5,27 | 5,27 |
| **Сирдарё** | | | | |
| **Токтогул (1974)** | 11,56 | 19,46 | 14,00 | 16,20 |
| **Андиҷон (1978)** | 3,81 | 1,90 | 1,75 | 1,85 |
| **Қайроқум(1956)** | 26,24 | 3,41 | 2,50 | 3,36 |
| **Чарвакск (1966)** | 6,55 | 2,01 | 1,58 | 1,82 |
| **Шардаринск (1966)** | 34,50 | 5,20 | 4,70 | 5,10 |

Обанборҳо имконият доданд, ки дараҷаи танзим кардани рехтани дарёи Сирдарё то 94% баланд бардошта шавад. Ин аз ҳисоби сохтмони панҷ обанбори калон бо ҳаҷми умумии 31,85 млрд. $м^3$ ва обанборҳои хеле зиёди хурд ба даст оварда шуд, ки дар обанбори ин дарё ҷойгир карда шудааст. Дар дарёи Амударё ду обанбори калон бо ҳаҷми умумии 18,25 $км^3$ сохта шуд, ки танзими рехтани дарё 78 %- ро ташкил медиҳад ва ин доир ба захираҳои мавҷуда барои танзими оянdaи резиш шаҳодат медиҳад. Баъди сохтмони обанбори Роғун танзими обёрии дарёи Амударё метавонад ба $87 - 92$ % омада расад.

Мувофиқи таҳлили гузаронидашуда ва маводҳое, ки дар асоси тафсири пешакии «Маърӯзаи ташхисӣ оид ба оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ аз рӯйи ҳолат барои соли 2019», мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи шартҳои иҷтимой-иқтисодӣ, демографӣ ва хоҷагии об нишондиҳандаҳои гуногунро доро мебошад (ҷадвали 3) [4].

***Ҷадвали 3.***

***Нишондиҳандаи муқоисавӣ аз рӯйи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон (соли 2018)***

| **Мамлакат** | **Масоҳат и обёрӣ,** хаз. га | **Аҳолӣ,** млн. одам | **ММД,** млрд. $ | **Зах. обӣ, ки дар дох. давлат ташаккул ёфтааст,** км$^3$ | **Обёрии умумии давлат,** км$^3$ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Қазоқистон** | 1345,71 | 18,40 | 170,50 | 56,50 | 18,73 |
| **Қирғизистон** | 1024,50 | 6,26 | 7,95 | 47,30 | 5,53 |
| **Тоҷикистон** | 760,00 | 9,13 | 7,52 | 64,00 | 12,31 |
| **Туркманистон** | 1553,10 | 5,85 | 40,76 | 1,40 | 25,38 |
| **Усбекистон** | 4302,60 | 33,26 | 50,50 | 12,40 | 50,95 |
| **Ҷамъ дар ОМ** | 8985,91 | 72,89 | 277,23 | 181,60 | 112,89 |
| **Афғонистон** | 378,37 | 8,20 | 20,51 | 21,23 | 3,50 |

Арзиши муқоисавӣ нишон медиҳад, ки мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз рӯйи нишондиҳандаи истеъмоли об бар сари аҳолӣ нисбатан минтақаи таъмин карда шуда ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷо ба сари ҳар як одам ба ҳисоби миёна $1700 - 2500$ м$^3$ рост меояд (маълумотҳои соли 2018).

Дарояндаи солҳои 2030-2050 моро чӣ интизор аст? Аз рӯйи маълумотҳои маркази илмӣ-иттилоотии комиссияи Байнидавлатии мутобиқати хоҷагии обӣ, агар дар айни замон ба ҳисоби миёна аз рӯйи минтақа ба сари ҳар як одам 2260 м$^3$ об рост ояд, он гоҳ ҳангоми нигоҳи некхоҳона дар оянда ин нишондиҳанда то 1570 м$^3$/одам кам мешавад, ҳангоми нигоҳ доштани тамоюлҳои имрӯзаи истифода бурдан он 1300 м$^3$/одам ва ҳангоми нигоҳи пессимистикӣ (ӯгурдаста) ин рақам то $< 1000$ м$^3$/одам паст мешавад (агар чораҳо аз рӯйи нигоҳ доштани об дида нашавад).

Пешгӯйиҳои экспертҳо нишон медиҳад, ки нисбат ба соли 2050 ҳаҷми рехтани дарёҳо дар обанбори дарёи Амударё ба 10 – 15 % ва Сирдарё ба 2 – 5 % кӯтоҳ мешавад.

Мувофиқи ҳисобкуниҳо, ҳаҷми истифода бурдани захираҳои обии обанбори баҳри Арал, ки аз обҳои сатҳӣ, зеризаминӣ ва обҳои такроран истифода бурдашудаи партофтҳо ва қубурӯ заҳбурҳо иборат аст, 133,64 км$^3$/сол- ро ташкил дод. Дар нисбати фоизҳо ин ҳаҷм ин тавр тақсим мешавад: Ҷумҳурии Қазоқистон - 11,4 %, Ҷумҳурии Қирғизистон - 4 %, Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10,7 %, Ҷумҳурии Туркменистон – 20,3 % ва Ҷумҳурии Узбекистон - 53,6 % (ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4.***

***Меъёрҳо барои сарфи захираҳои обии баҳри Арал барои мамлакатҳои Осиёи Марказӣ***

| **Мамлакат** | **Обанбори Амударё** | | **Обанбори Сирдарё** | | **Ҳамагӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | км$^3$/сол | % | км$^3$/сол | % | км$^3$/сол | % |
| **Қазоқистон** | - | - | 15,29 | 31,00 | 15,29 | 11,44 |
| **Қирғизистон** | 0,42 | 0,50 | 4,88 | 9,89 | 5,30 | 3,97 |
| **Тоҷикистон** | 10,63 | 12,607 | 3,66 | 7,42 | 14,29 | 10,69 |
| **Туркменистон** | 27,07 | 32,10 | - | - | 27,07 | 20,26 |
| **Узбекистон** | 46,20 | 54,79 | 25,49 | 51,68 | 71,69 | 53,64 |
| **Ҳамагӣ** | **84,32** | **100** | **49,32** | **100** | **133,64** | **100** |

***Манбаъҳо:*** *Аниқ кардани нақшаҳои ба таври маҷмаа истифода бурдан ва ҳифзи захираҳои обии д. Амударё (с. 1987), Аниқ кардани нақшаҳои ба таври маҷмаа истифода бурдан ва ҳифзи захираҳои обии обанбори д. Сирдарё (с. 19843)*

Натиҷаҳои ҳаҷмҳое, ки дар ҷадвали 4 оварда шудаанд, ба ҳамаи обанбори баҳри Арал тааллуқ доранд, ки дарёҳои сарбасти Зарафшон ва Қашқадарёро дарбар мегирад ва ҷӣ обҳои такроран истифодашуда (асосан аз мамлакатҳои болоӣ), ва ҷӣ инчунин хароҷотҳои ҳатмӣ ва сарфи резишро ба эътибор мегирад, ки интихобҳоро дар Афғонистон дар ҳаҷми 2,10 км$^3$ ва иҷозатномаҳои санитариро аз рӯйи дарёҳои Амударё ва Сирдарёро дарбар мегирад.

Меъёрҳои обгирӣ дар асоси Протоколи №566 аз 10 сентябри соли 1987 ҷаласаи шӯрои илмӣ-техникии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби СССР (ш. Москва) барои Амударё ва дар асоси Протоколи №413 аз 7 феврали соли 1984 ҷаласаи шӯрои илмӣ-техникии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби СССР (ш. Москва) барои Сирдарё ҳангоми 90- фоиз таъмин намудани об дар ҷадвали 5 оварда мешавад.

***Ҷадвали 5.***

***Тақсимоти об (меъёрҳо) байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ***

| Мамлакатҳо | Обанбори Амударё | | Обанбори Сирдарё | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | млрд. м$^3$ | % | млрд. м$^3$ | % | млрд. м$^3$ | % |
| **Қазоқистон** | 0,00 | 0,00 | 10,01 | 44,12 | 10,01 | 11.90 |
| **Қирғизистон** | 0,40 | 0,60 | 0,39 | 1,72 | 0,79 | 0,90 |
| **Тоҷикистон** | 9,50 | 15,40 | 1,81 | 7,98 | 11,31 | 13,4 |
| **Туркменистон** | 22,00 | 35,80 | 0,00 | 0,00 | 22 | 26,10 |
| **Узбекистон** | 29,60 | 48,20 | 10,48 | 46,19 | 40,08 | 47.60 |
| **Ҳамагӣ** | **61,50** | **100,00** | **22,69** | **100,00** | **84,19** | **100** |

Мамлактҳои Осиёи Марказӣ эътироф намуданд, ки ин нақшаро ба сифати дар доираи истифода бурдани захираҳои обӣ қабул намоянд. Ин бо Созишномаи байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркменистон оид ба ҳамкорӣ дар доираи якҷоя идора кардани истифода бурдан ва ҳифзи захираҳои обии манбаъҳои байни давлатӣ (Алма-Ато. 18.02.1992) ва изҳороти Нукуси Роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки 20 сентябри соли 1995 дар ш. Нукус (Узбекистон) дар конференсияи Байналхалқии ТДМ аз рӯйи рушди устувор (Ӯҳдадорӣ.) Қисми 1. Тарафдорӣ принсипҳои рушди устувор: «Мо бо он розӣ ҳастем, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ созишнома, шартномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии пештар навишта ва амалкунандаро, ки муносибати байни онҳоро аз рӯйи захираҳои обӣ дар обанбори Арал ба танзим медарорад ва онҳоро нисбат ба устуворона иҷро кардан қабул мекунанд») мустаҳкам мекунад [9, 14]. Лекин, ба назар гирифтан лозим аст, ки бо вуҷуди ин кор карда баромадани стратегияҳои нави тақсимоти об дар минтақа дар назар дошта мешавад, ки мутаассифона то ҳол иҷро карда нашудааст. Дар ин самт якчанд саъю кӯшиш карда шуд, лекин бо сабабҳои гуногун онҳо бо муваффақиятҳо анҷом нагардиданд.

Тарафи дигари ин проблемаҳо аз он иборат аст, ки мамлакатҳои болообӣ дар партофти максималии об дар давраи зимистон шавқу рағбат доранд, вақте ки талабот дар энергияҳои электрикӣ аз ҳама зиёд аст ва мамлакатҳои поёноб бошанд, дар партофти максималии об дар давраи тобистон барои обёрии заминҳо эҳтиёҷ доранд. Мамлакатҳои болообӣ умуман аз худ кардани захираҳои карбогидратҳоро дар ихтиёр надоранд ва манбаъҳои асосии таъмин намудан бехатарии энергетикӣ ва умуман бехатарии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ин захираҳои обӣ-энергетикӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон 98 %- и энергияи электрикии истеъмолшаванда бо нерӯгоҳҳои обии электрикӣ истеҳсол карда мешавад. Табиист, ки мухолифати манфиатҳои обёриҳо ва энергетикаи обӣ нисбат ба

мухолифати байни мамлакатҳои болооб оварда мерасонад, ки захираҳои карбогидратҳоро дар ихтиёр надоранд, ва баръакс, захираҳои бойи карбогидратҳоро мамлакатҳои поёноб соҳибихтиёр мебошанд.

Дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ масъалаҳои тақсимоти об гуногунмаъно ва мубоҳисавӣ мебошад. Лекин аксарияти экспертҳо ҳисоб мекунанд, ки зарурияти дида баромадани меъёрҳои тақсимоти об ва меъёрҳои захираҳои обӣ дар сатҳи обанборҳои дарёҳои аҳамияти байнидавлатӣ дошта наздик шудааст, яъне дида баромадани тақсимоти об расидааст, ки ба ҳуҷҷатҳои тасдиқ гардидаи давраи шӯравии СССР (солҳои 1974, 1978, 1985) асоснок карда мешаванд.

Омили дигар ин дида баромадани тақсимоти обии байни давлатҳо дар оянда афзоиши талаботи Афғонистон дар об ба ҳисоб меравад. Ин бо рушди обёрӣ дар қисми шимолӣ Афғонистон алоқаманд мебошад, ки дар он ҷо аз худ кардани заминҳои обёрии нав дар ҳаҷми 200 хаз. га ба нақша гирифта шудааст. Масъалаҳо оид ба вазъияти об ҳамчун захира ва оид ба эҳтиёҷоти ҳамаи истеъмолкунандагони он масъалаи баҳснок ба шумор меравад, ки талаботи дарёҳои Амударё ва Сирдарё, ҳавзҳои боқимондаи баҳри Арал ва дар намуди иҷозатномаҳои санитарӣ-экологиро дарбар мегирад.

Дар ҳамаи мамлакатҳо дар сатҳи миллӣ вобаста бо гузариш ба муносибати бозорӣ ва истифодаи пулакии об, тағйирёбии технологияҳои аграрӣ, парвариши навъҳои кишти хоҷагии қишлоқ, шароитҳои иқлим ва дигарҳо зарур аст, ки меъёрҳои истеъмоли об ва реҷаи обёрии кишти хоҷагии қишлоқ аз нав дида баромада шаванд, ки дар солҳои 80-уми садсолаи гузашта кор карда баромада шудааст ва то имрӯз татбиқ карда мешавад.

Муҳимияти масъала оид ба тақсимоти обро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ва муқобилияти мулоҳизаҳо аз рӯйи аксарияти аз масъалаҳоро, ки ба тақсимоти обӣ таалллуқ доранд, ба эътибор гирифта, ташкил кардани таҳқиқотҳои илмии маҷмаавӣ ва якҷоя аз рӯйи ба меъёр даровардани об дар обанборҳои дарёҳои байнидавлатии Амударё ва Сирдарё зарур аст.

Барои ноил гардидани бехатарии оби минтақавӣ мувозинатии манфиатҳои истеъмолкунадагони обҳои ҳамаи мамлакатҳои минтақаро дар асоси ҳамкории манфиати дутарафа ба эътибор гирифтан зарур аст. Мутаассифона, мамлакатҳои минтақа шавқу рағбати миллии истифода бурдани обро аз умумиминтақавӣ боло мегузоранд.

Барои дида баромадани тақсимоти об байни давлатҳо платформаҳои қонунбарорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ сохтан зарур аст, маҷмааи нави созишномаҳои байниҳукуматӣ доир ба муносиб кардани шароитҳои тақсимоти обӣ минтақавӣ кор карда баромадан лозим аст. Дар айни замон базаи ҳуқуқии мавҷуд будаи муносибатҳои обии байни давлатӣ такмил доданро талаб мекунад.

Вобаста ба он, ки мамлакатҳои болои обӣ (Тоҷикисттон ва Қирғизистон) ҳоло тасдиқ нашудаанд, ва мамлакатҳои пойён обӣ (Қазоқистон, Узбекистон ва Турменистон) нисбат ба созишномаи Байналхалқии об (Хелсинки, 1992) ҳамроҳ шуданд, ва дар оянда барои ноил гардидан ба мақсад созишномаи нави Минтақавии об ё ин ки доктринаро кор карда баромадан зарур аст, то ки ҳамаи доираи муносибатҳои обии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистонро ҷалб намояд.

Бо вуҷуди ин самаранокии муайяни пештар баста шудаи дутарафаи байни давлатҳо ва созишномаҳои гуногунро аз рӯйи масъалаҳои хоҷагии об эътироф кардан лозим аст. Дар натиҷаи ташкилотҳои эҷод карда ва амал кунунанда қариб 30 сол мамлакатҳои Осиёи Марказӣ байни худ мунокишаҳои «тафсон»- и обиро надоранд, проблемаҳои пайдошударо якҷоя ҳал мекунанд ва ба қадри кифоя захираҳои обиро идора мекунанд. Гарчанде, бисёр экспертҳо ҳисоб мекунанд, ки ташкилотҳои

минтақавии мавҷуда ислоҳотро талаб мекунанд ва баъзе созишномаҳои байни давлатӣ ғайрисамаранок мебошанд.

Яке аз роҳҳои асосии оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ дар шароитҳои афзоиши танқисии он ва таназзули заминҳои обёрии минтақа ин ҷоркардани технологияҳои нигоҳдорандаи обёрӣ дар таҷрибаи хоҷагӣ мебошад. Мамлакатҳои минтақа бояд барномаи давлатиро аз рӯйи нигоҳдории об, барнома аз рӯйи ҷорӣ кардани принсипҳои асосии ҳамгироии идора кардани захираҳои обӣ (ҲИКЗО) дар асоси механизмҳои бозории фаъолияти хоҷагидорӣ ва қисман кӯмакӣ давлатӣ доро бошанд.

Ҷорӣ кардани технологияҳои нигоҳдорандаи об ва энергияҳо, дар оянда такмил додани технологияҳои парвариш кардани кишти хоҷагии қишлоқ ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳоро дар шарорити иқлим дар назар дорад. Қариб дар ҳамаи майдонҳои обёрии минтақаи Осиёи Марказӣ татбиқ намудани техникаи анъанавии обёрӣ бо тарзи сатҳӣ-ҷӯякӣ давом дорад, ки дорои маҷмӯйи норасогиҳо мебошад, аз он ҷумла ба зангзании обёрии хок ва сарфи зиёд (то 40 – 50 %) ҳангоми обгирӣ оварда мерасонад.

Чӣ таре, ки натиҷаҳои таҳқиқотҳои бисёрсола нишон доданд, ҳангоми обёрии қатрагӣ сарфаи захираҳои обӣ метавонад то 31 – 55,4 %- ро ташкил диҳад, ва ҳосилнокии кишти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи муқоиса бо обёрии тарзи ҷӯякӣ ба 42,1 – 76,7 % меафзояд. Ин доир ба самаранокии обёрии қатрагӣ ҳамчун тарзи устувори муносиб ва экологӣ шаҳодат медиҳад (ҷадвали 6).

***Ҷадвали 6.***

***Ҳосилнокии кишти хоҷагии қишлоқ вобаста аз тарзҳои обёрӣ***

| **Кишти хоҷагии қишлоқ** | **Ҳосилнокӣ, т/га** | | **Афзоиши ҳосил** | | **Сарфи обҳо барои обёрӣ, %** |
|---|---|---|---|---|---|
| | Обгирии ҷӯякӣ | Обгирии қатрагӣ | т/га | % | |
| **Пахта** | 3,49 | 5,54 | 2,05 | 58,7 | 51,0 |
| **Ҷуворимакка** | 6,82 | 10,48 | 3,66 | 53,7 | 55,4 |
| **Гандум, нарм** | 4,03 | 6,81 | 2,78 | 69,0 | 49,5 |
| **Гандум, сахт** | 3,26 | 5,76 | 2,50 | 76,7 | 51,5 |
| **Сабзавот** | 38,0 | 54,0 | 14,0 | 42,1 | 31,0 |

***Манбаъ:*** *Пулотов Я.Э., Пулотова Ш.С. Тавсияҳо аз рӯйи татбиқ намудани обёрии қатрагии кишти хоҷагии қишлоқ. Душанбе, 2014. 96 с.*

Дар шароитҳои афзоиш ёфтани танқисии оби мамлакатҳои поёноб, ки дар қисми зиёди майдонҳо барои обёрии заминҳо ҷогир карда шудаанд, реҷаҳои мелиоративии нав кор карда баромадан зарур аст, ККФ- и системаҳои обгирӣ баланд бардошта шавад ва технологияҳои нигоҳдории нави обӣ ва тарзҳои бошиддати обгирӣ ҷорӣ карда шавад, таркиби кишти хоҷагии қишлоқ бо гузариш аз намдӯстдорӣ нисбат ба кишти хушкитобовар муносиб карда шавад. Ин бо шитоб додани гузариш нисбат ба принсипҳои «иқтисодиёти сабз» ва ҳамгироии идора кардани захираҳои обӣ мусоидат мекунад.

Ҷорӣ кардани истифодаи пулакии об инчунин яке аз воситаҳои амалкунандаи баланд бардоштани сифати хизматрасонии обёрӣ мебошад. Пулакӣ лаҳзаи калидии самаранок истифода бурдани об мебошад, лекин дар айни замон вай арзиши воқеиӣ захираҳои обиро дар минтақаҳои мамлакат инъикос намекунад, хароҷотро аз рӯйи таъмин кардани об пӯшида наметавонад, ба андозаи кифоя хароҷотҳоро барои ҳифзи

захираҳои обӣ ба эътибор намегирад. Ҳамаи инро ба эътибор гирифта, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ зарурияти ворид намудани истифодаи пулакии обро эътироф мекунанд. Лекин, эътироф кардан лозим аст, ки ҷорӣ кардани истифодаи пулакии об ҳоло моҳиятан ба сифати таъминот ва нигоҳдории об инъикос нагардидааст. Мушкилии гузариш нисбат ба истифодаи пулакии об бо набудани системаҳои муосири ҳисоби об ва тақсимоти об, ва инчунин системаҳои сарбасти интиқоли об алоқаманд мебошад. Нишондодҳои истифода бурдани об паст мебошад, меъёри обгирии миёна ба 30 – 35 % аз меъёрҳо зиёд аст, хароҷоти истеҳсолношудаи об дар системаи интиқол то майдони фермерҳо тақрибан 40 – 50 %- ро ташкил медиҳанд, ки ин ба ғайр бо пастшавии самараноки истифода бурдани обҳо барои обмонӣ, ба баланд гардидани сатҳи обҳои зеризаминӣ мусоидат мекунад, ва он нисбат ба ботлоқ гардидан ва такроран намакин гардидани замин оварда мерасонад.

Ба назар мегирем, ки сохтани механизми муносибатҳои обӣ зарур аст, ки ба рушди пай дар пайии принсипи истифодаи пулакии об дар асоси танзими фасеҳи сиёсати тарифӣ равона карда шудааст. Мунтазам ба даст даровардани худтаъминкунии хароҷот барои истифода бурдан ва хизматрасонии техникии системаҳои хоҷагии обӣ бо назардошти қобилияти пардохти воқеии истифодабарандагони об зарур аст. Мақсадҳои асосии ҷорӣ кардани истифодаи пулакии об ин рӯйпӯш кардани хароҷоти ташаккул додан, кашонидан ва тақсимоти об ва ҷорӣ кардани технологияҳои оқилона истифода бурдани об дар заминҳои обёришаванда мебошад.

Ҷорӣ кардани истифодаи пулакии об дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба пастшавии хароҷоти об ба ҳисоби миёна дар Қазоқистон ба 10 %, дар Қирғизистон ба 21 %, ва дар Тоҷикистон ба 6 % мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин камшавии истеъмоли об, кӯтоҳ гардидани ҳиссаи обёрии мошинӣ, кӯтоҳ гадидани кишти зироатҳои сероб (шолӣ, пахта), зиёд гардидани ҳиссаи кишти камоб (ғалладона, тамоку, офтобпараст), қисман беҳтар гардидани ҳолати мелиоративии замин ба даст оварда шуданд.

Омилҳои асосие, ки барои баланд бардоштани самаранокии истифода бурдани захираҳои обӣ-энергетикӣ мусоидат мекунанд, ин фаъол гардонидани маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои маблағгузорӣ мебошад. Ҳалли проблемаҳои маҷмааи обӣ-энергетикии мамлакатҳои Осиёи Миёна манбаъҳои устуворӣ маблағдиҳиро бо иштироки чӣ мамлакатҳои минтақа, ва чӣ инчунин қонуну қоидаҳои рушди байналхалқӣ, ва мавҷуд будани механизмҳои самараноки сиёсии ҳамкориҳои минтақавӣ талаб мекунад. Ҳаҷми умумии лоиҳаҳои аввалини маблағгузорӣ дар мамлакатҳои кӯҳӣ аз тарафи мутахассисон дар андозаи 15 млрд. долл. баҳо дода мешавад. Амалӣ кардани ин лоиҳаҳо аз сатҳи маблағи ҷудошуда вобаста мебошад, ки бо гузаронидани сиёсати мутобиқ кардашуда дар соҳаи самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ-энергетикӣ муайян карда мешавад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои табиӣ ва аналитикӣ аз рӯйи муайян кардани манбаъҳои асосии рӯйпӯш кардани танқисии об ва ҷалб кардани захираҳои оби иловагӣ дар гардиши хоҳагидорӣ, имконият пайдо мешавад, ки чунин тавсияҳои илмӣ-амалӣ асоснок кардашуда мухтасар ифода карда шаванд.

1. Дар сатҳи майдон:

- Риоя кардани реҷаи оқилонаи обёрӣ ва элементҳои техникаи об мондани кишти хоҷагии қишлоқ, ва ин имконият медиҳад, ки то 30 %- и обёрикунӣ сарфа карда шавад;
- Ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионии нигоҳдории обёрикунӣ (обёрии қатрагӣ, обпошӣ, обёрии зеризаминӣ ва дигар намудҳои обмониҳои хурд, ва инчунин усулҳои агротехникии нав), ва ин имконият медиҳад, ки то 50 %- и об сарфа карда шавад;

•Гузариш ба ҷорӣ кардани навъҳои камобталаб, ба хушкӣ тобовари кишти хоҳагии қишлоқ;

2. Дар сатҳи системаҳоиобёрикунӣ:

•Ташкил кардани ҳисоби мунтазами об ва баланд бардоштани аниқии он дар каналҳои асосӣ ва байни хоҷагиҳо, расонидани ККФ- и онҳо то меъёр ба 0,7 имконият медиҳад, ки захираҳои обӣ дар ҳаҷм то 4 $км^3$ дар ҳар сол захира карда шавад;

• Аз нав кардан ва баланд бардоштани ККФ- и системаҳои дохилихоҷагӣ, байнихоҷагӣ, ва асосии обёрикунӣ ва коллекторӣ-заҳбурӣ;

•Вусъат додани истифода бурдани обҳои партофт ва коллекторӣ-заҳбурӣ. Ҳамагӣ дар обанбор то 14 $км^3$ обҳои баргардонидашуда пайдо мешаванд, ки аз онҳо дар кул $7,39$ $км^3$, ва дар маҷрои Арал - 4,94 $км^3$ партофта мешавад. Тақрибан 2 $км^3$- и (ҳангоми минераликунонии камтар аз 2 гр./литр) ин обҳо мумкин, ки дар гардиши хоҷагидорӣ ҷалб карда шаванд.

3. Дар сатҳи обанборҳои дарёӣ:

•Талафот дар маҷрои дарё аз 5,76 $км^3$ дар соли камоб то 16,2 $км^3$ дар соли серобӣ ҳангоми меъёре, ки протоколи комиссияи мутобиқати Байналхалқии хоҷагии обӣ дар $9{,}03 - 9{,}23$ $км^3$ барқарор намудааст, тағйир меёбад. Ба тартиб даровардани тартибот дар ҳисоби обҳо дар сатҳи байни давлатӣ бо роҳи ҷорӣ кардани системаҳои доимо ба қайд гирифтани резиши SCADA имконият медиҳад, ки ҳамин тавр минимум $3 - 4{,}4$ $км^3$ дар як сол дошта шавад;

•Гузариш ба реҷаи бисёрсолаи ба танзим даровардани резиш аз рӯйи хотима ёфтани сохтмони НОБ- и Роғун ва мувофиқат кардани реҷаи корҳои системаҳои дохилии обанбор бо реҷаи обанборҳои маҷро. Ин кафолати интиқоли обро таъмин менамояд ва таъминоти оби заминҳои обёрикунандаро баланд мебардорад;

4. Дар сатҳи ҷомеа ва давлат:

•Эҷод кардани платформаҳои нигоҳ доштани об бо роҳи баланд бардоштани иштироки ҷомеа дар раванди идора кардани захираҳои обӣ;

•Баланд бардоштани мувофиқӣ дар шароитҳои тағйирёбии иқлим;

•Такмил додани базаҳои қонунгузорӣ ва қонуну қоидаҳои ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар обанбор;

•Эҷод кардани консорсиумҳои энергетикӣ ва хӯрокворӣ дар ҳудуди обанбори Арал;

•Баланд бардоштании боварии тарафайн ва ихтиёри худ, ба вуҷуд овардани сиёсати манфиати тарафайн ва муносибати дӯстона дар обанбори дарёи Амударё.

Равшан аст, ки бехатарӣ ва устувории мамлакатҳои минтақа, устувории рушди иқтисодии онҳо, бартараф кардани душвориҳои давраи гузариш ва таъмин намудани мустақилияти воқеии сиёсӣ ва иқтисодии мамлакатҳои Осиёи Марказиро фақат дар асоси ҳамкориҳои самаранок ва судбахши минтақа, боварӣ ва манфиати дутарафа имконпазир аст.

**Адабиёт**

1. Агальцева Н.А., Болгов М.В., Спекторман Т.Ю., Трубецкова М.Д., Чуб В.Е. Оценка гидрологических характеристик в бассейне Амударьи в условиях изменения климата // Метеорология и гидрология. 2011. №10. С. 58-69.

2. Аналитический обзор «Состояние и перспективы интегрированного управления водными ресурсами в Республике Таджикистан». Душанбе: ПРООН, 2011. 110 с.

3. Духовный В.А. Будущее –водосбережение и сотрудничество // Проблемы управления речными бассейнами в условиях изменения климата: сборник научных

трудов Сети водохозяйственных организаций Восточной Европы, Кавказа, Центральной Азии, вып. 10. Ташкент: НИЦ МКВК, 2017. С. 9-19.

4. Диагностический доклад о рациональном использовании водных ресурсов в Центральной Азии по состоянию на 2019 год. Ташкент, 2020. 135 с.

5. Диагностический доклад «Рациональное и эффективное использование водных ресурсов в Центральной Азии» / ООН, Специальная экономическая программа ЦА. Ташкент-Бишкек, 2001. С. 68-83.

6. Духовный В.А. Проблемы международных водотоков и подходы к их решениям с позиции водного права. Ташкент, 2005. 24 с.

7. Концепция по рациональному использованию и охране водных ресурсов в Республике Таджикистан (утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан № 551 от 1 декабря 2001 года).

8. Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана. Душанбе: Дониш, 2015. 565 с.

9. Нукусская декларация государств Центральной Азии и международных организаций по проблемам устойчивого развития бассейна Аральского моря (г. Нукус, 5 сентября 1995 г.).

10. Петров Г.Н. Комплекс прикладных методов и моделей для совершенствования использования водно-энергетических ресурсов трансграничных рек Центральной Азии. Дисс. … док. тех. наук. Москва, 2012. 269 с.

11. Пулатов Я.Э. Научные основы взаимосвязи воды, продовольствия, энергии и экологии // Управление водными ресурсами: проблемы и пути устойчивого развития.

Сборник научных трудов ГУ «ТаджикНИИГиМ». Том III. Душанбе, 2018. С. 328.

12. Пулатов Я.Э. Обзор водных ресурсов и проблем в бассейне реки Амударья // Последствия изменения климата, землепользования и интервенции адаптаций в области водных ресурсов и сельскохозяйственного производства в трансграничных бассейнах реки Амударьи. Материалы международной научно-практической конференции. Ташкент, 2020. С. 125-129.

13. Пулатов Я.Э. Водные ресурсы и водозабор. Душанбе: ТаджикНИИГиМ, 2009. 27 с.

14. Соглашение между Республикой Казахстан, Республикой Кыргызстан, Республикой Узбекистан, Республикой Таджикистан и Республикой Туркменистан о сотрудничестве в сфере совместного управления использованием и охраной водных ресурсов межгосударственных источников (г. Алма-Ата, 18.02.1992 г.).

15. Усубалиев Е., Усубалиев Э. Проблемы территориального урегулирования и распределения водно-энергетических ресурсов в Центральной Азии // Центральная Азия и Кавказ. 2002. № 1. С.18.

## ВОДНЫЕ РЕСУРСЫ ВОДОХРАЛИЩ АРАЛЬСКОГО МОРЯ, ВОДОХРАНИЛИЩ ПУТЁМ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМЫ ДЕФИЦИТА ВОДЫ

**ТОШМАТОВ АБДУНАБИ ДАВЛАТОВИЧ**,
кандидат физико-математических наук, доцент кафедры общий и теоретический физики
Кулябского государственного университета им. А. Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 907-71-72-44.
**КОДИРОВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
кандидат педагогических наук, доцент
кафедры методики преподавания физики и технологии материалов
Кулябского государственного университета им. А. Рудаки.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 988-45-51-47.
**САФАРАЛИЕВ ФАРХОД САНГОВИЧ**,
ассистент кафедры методики преподавания физики и технологии материалов
Кулябского государственного университета им. А. Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 988-02-18-06.

*В статье излагаются результаты анализа формирования и состояния водных ресурсов бассейна Аральского моря и их значение в развитии региона. Даётся информация о водохозяйственной обстановке, существующем вододелении между странами Центральной Азии. Анализ показал, что зависимость стран Центральной Азии от водных ресурсов, поступающих извне, которая выражается в коэффициенте трансграничной зависимости, составляет для Казахстана 42 процента, Узбекистана 77 процентов, Туркменистана 94 процента. Следовательно, страны Центральной Азии находятся в тесной взаимозависимости в вопросах формирования и использования водных ресурсов. Излагаются основные региональные и национальные проблемы, касающиеся вопросов управления, использования и охраны водных ресурсов. Обоснованы перспективы развития водопользования в условиях нарастающего водного дефицита. Изложены основные пути решения водных проблем и резервы покрытия дефицита водных ресурсов, улучшения водохозяйственной обстановки бассейна Аральского моря.*

***Ключевые слова:*** *водные ресурсы, бассейн, вододеление, водопользование, дефицит воды, ирригация, водосберегающие технологии, сотрудничество.*

## WATER RESOURCES OF THE ARAL SEA, WATER DISTRIBUTION AND WAYS TO RESOLVE WATER DEFICIENCY

**TOSHMATOV ABDUNABI DAVLATOVICH**,
Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of General and Theoretical Physics,
Kulob State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 907-71-72-44.
**KODIROVA DILAFRUZ TOLIBOVNA,**
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the
Department of Methods of Teaching Physics and Technology of Materials
Kulob State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 988-45-51-47.
**SAFARALIEV FARHOD SANGOVICH**,
Assistant of the Department of Methods of Teaching Physics and
Technology of Materials Kulob State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 988-02-18-06.

*The article presents the results of the analysis of the formation and state of water resources in the Aral Sea basin and their importance in the development of the region. Information is given on the water management situation, the existing water distribution between the countries of Central Asia. The analysis showed that the dependence of the Central Asian countries on water resources coming from outside, which is expressed in the coefficient of transboundary dependence, is 42 percent for Kazakhstan, 77 percent for Uzbekistan, and 94 percent for Turkmenistan.*

*Consequently, the countries of Central Asia are in close interdependence in the formation and use of water resources. The main regional and national problems related to the management, use and protection of water resources are outlined. Prospects for the development of water use in conditions*

*of increasing water deficit have been substantiated. The main ways of solving water problems and reserves of covering the shortage of water resources, improving the water management situation in the Aral Sea basin are outlined.*

***Key words:*** *water resources, pool, water distribution, water use, lack of water, irrigation, water saving technologies, cooperation.*

УДК: 331

# БАМЕЪЁРГИРИИ МЕҲНАТ, БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАСУЛОВА ЛУТФИЯ НУРАЛИЕВНА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 987-22-11-88. E-mail: r.lutfiya@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои бамеъёргирии меҳнат ва захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки меҳнат дар ҳамаи давру замонҳо сарчашмаи асосии таъмини талаботи моддӣ ва иҷтимоии кормандони корхона ва сифати кори корхона ба шумор меравад.*

*Дар мақола оид ба меъёргирии меҳнат ва вазифаҳои он пешниҳодҳои мушаххас дар шакли формулаҳо оварда шудааст.*

*Хулоса карда шудааст, ки беҳдошти шароити меҳнатӣ дар баробари самтҳои дигари ташкили меҳнат, чун тақсимот ва кооператсияи меҳнат, хизматрасонии ҷойҳои корӣ ва интизоми меҳнат, аз аҳамияти муҳимми иқтисодӣ - иҷтимоӣ бархурдор аст. Дар баробари ин беҳдошти шароити меҳнатӣ, дар низоми ташкили меҳнат ва истеҳсолот, нақшу аҳамияти хоси худро низ доро мебошанд ва ин нақшу аҳамияти хос дар он ифода меёбад, ки таввасути беҳдошти шароити меҳнатӣ, бевосита, ҳаёт ва саломатии баргузидаи кулли мавҷудот, яъне инсон, ҳифз карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *бамеъёргирии меҳнат, қувваи корӣ, шароити меҳнатӣ, захираҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти меҳнат, вақти корӣ, меъёрҳои меҳнатӣ.*

Дар шароити муосир бозори меҳнат унсури муҳимтарини бозори миллӣ ба шумор меравад. Дар доираи он раванди хариду фурӯши омили асосии истеҳсолоти ҷамъиятӣ – меҳнат (қувваи коргарӣ) ба вуҷуд меояд. Бозори меҳнат дараҷаи самаранок истифода бурдани меҳнати коргари кирояро муайян мекунад. Меҳнат - фаъолияти бошуурона, қувваи коргарӣ бошад, қобилияти ба меҳнат доштаи инсон аст. Бозори меҳнат - бозори махсус мебошад. Зеро меҳнаткунанда ифодакунандаи шахсияти беназири инсон мебошад, ки на танҳо қобилияти муайян ба меҳнат дорад, балки боз сифатҳои бисёри дигар дорад: боиси рафтори меҳнатӣ, таҷрибаи ҳаёти, хусусиятҳои рӯҳию физиологӣ ва ғайраҳо.

Аз тарафи дигар, кордиҳандагон ҳам на танҳо ба дараҷаи ихтисоснокӣ аҳамият медиҳанд, балки боз ба муносибати коргар ба дигарон, ҳунармандӣ, маҳорати корӣ, қобилияти бозомӯзӣ, зудҳаракатии меҳнати ва ғайраро ба ҳисоб мегиранд. Дар бозор ивазшавии шакли арзиш ба вуҷуд меояд: шакли молии арзиш (меҳнат) ба шакли пулии арзиш - музди кор.

Масъалаи музди кор яке аз умдатарин масоиле мебошад, ки оиди он аз қадим то инҷониб, соҳибкорону хоҷагидорон ва мутафаккирони зиёди илмҳои гуногун баҳсу мунозираи худро идома медиҳанд. Дар илми иқтисод фаҳмиш ва равияҳои гуногуну мухталиф оиди накш, моҳият ва шаклу низоми музди кор дида мешавад.

Чуноне, ки Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ сиёсати давлат дар соҳаи саноат комилан тағйир ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ ба тақвияти истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр бо роҳи ворид намудани технологияҳои нав, истифодаи ҳарчи бештари манбаъҳои ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди пурраи он ва истифодаи васеи захираҳои меҳнатӣ равона карда шудааст. Дар

сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад [8, с.7].

Классикони “иқтисоди сиёсӣ” (А.Смит, Д.Рикардо, К.Маркс) гумон доштанд, ки мояи ташаккули музди корро арзиши предметҳои истеъмолӣ ташкил медиҳанд. Таҳлилу тадқиқӣ доманадору амиқи масъалаи мазкур онҳоро ба хулосае овард, ки андозаи воқеию айнии онро на танҳо арзиши предметҳои истеъмолӣ ва хадамот, балки тақозою арзаи худи меҳнат ташкил медиҳад [2, с.23]. Меҳнат мол аст ва дорои нархи табиӣ буда, тибқи масрафи истеҳсолот дар шакли арзиши воситаҳои зиндагии коргар ва оилаи он муайян карда мешавад. Тибки ақидаи К.Маркс музди кор на ҳамчун нархи меҳнат (нархи истифодаи хизмати меҳнат), балки ҳамчун арзиши қувваи корӣ, яъне қобилияти меҳнат доштаи инсон баромад мекунад [5, с.125].

Бамеъёргирии меҳнат - ин муқаррар кардани андозаи меҳнат барои иҷрои кори муайяне, дар шароитҳои мӯътадили ташкилӣ-техникӣ тавассути истифодабарии усулҳои илман асоснокшуда мебошад. Тавассути ба меъёргири меҳнат ҳарчи муайяни қувваи корӣ барои истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот, муайян карда мешавад.

Меҳнат дар ҳамаи давру замонҳо сарчашмаи асосии таъмини талаботи моддӣ ва иҷтимоии коргарон ба шумор меравад. Вобаста ба ин, назорати меҳнат, фонди музди меҳнат, дуруст истифодабарии вақти корӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҳисобгирӣ дар ҳамаи корхонаҳои хоҷагии халқ ҳисобида мешавад. Меъёрҳои меҳнатӣ ҳамчунин барои ҳалли як қатор вазифаҳои дигари ташкилии истеҳсолот ва меҳнат аз қабили ҳисоб кардани хароҷотҳои воқеъӣ барои истеҳсоли маҳсулот ва захираҳои рӯшди ҳосилнокии меҳнат, муайян кардани имкониятҳои истеҳсолии ҳам коргарон ва ҳам таҷҳизотҳо (яъне иқтидори воқеъии онҳо), ҳисоб кардани самаранокии имконпазир, баъди ҷорӣ кардани ягон намуди техникаву технологияи нав ва ғайра низ, метавонанд хизмат намоянд.

Вазифаҳои меъёрҳои меҳнат чунин мебошанд:

- андозаи меҳнат;
- андозаи музди меҳнат;
- асоси банақшагирӣ ва ташкили истеҳсолот дар корхона;
- маҳаки баҳогузории ҷараёнҳои истеҳсолӣ;
- элементи муҳими нархгузорӣ ва ғайра [11, с.211];

Аммо иҷрои ин вазифаҳо дар ҳамон сурат имконапзир аст, ки агар меъёрҳои меҳнат аз нуқтаи назари таъсири омилҳои гуногуни шароитҳои ҷойдоштаи истеҳсолот ва меҳнат асоснок шуда бошад. Дар ҳақиқат бамеъёргирии меҳнат ҳамон вақт самара дода истода ба инкишофи корхона мусоидат менамояд, ки агар бо захираҳои моддиву техникии вуҷуддошта мувофиқат намояд. Аз ин рӯ меъёрҳои меҳнат бо назардошти таъсири омилҳои техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, психофизиологӣ ва иҷтимоӣ бояд асоснок карда шаванд. Маънои оқилона муқаррар кардани меъёрҳои меҳнат ҳам, дар маҷмуъ ҳамин аст. Дигаргуниҳои низоми иқтисодӣ ва гузориш ба шакли бозории хоҷагидорӣ, ба нақшу аҳамияти бамеъёргирии меҳнат бе таъсир намемонанд. Акнун меъёрҳои меҳнат аз тарафи институтҳои масъул кор карда баромада шуда, ҳамчун дастурамал ба соҳаҳои гуногун фиристода намешаванд, балки корхонаҳо ҳоло соҳибихтиёранд ва меъёрҳои меҳнатро бояд мутахассисони ҳар як корхона бо назардошти омилҳои дар боло номбаршуда муқаррар намоянд. Ин то дараҷае ба пурра мувофиқат кардани меъёрҳои меҳнатӣ ба шароитҳои корхона мусоидат хоҳад кард. Аз тарафи дигар шароитҳои кунунӣ худ низоми ба меъёргирии меҳнатро аз як усули шахшудаи умумӣ ба усули тағирпазиру инкишофёбанда табдил хоҳанд дод.

Ба ҳар сурат меъёрҳои меҳнат дар кадом шароите, ки бошанд бояд дар асоси маълумотҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадам муайян карда шавад. Асоноккунии

техникии ифодагари истифодабарии оқилона ва самараноки техника, таҷҳизот, асбобҳо ва усулҳои технологии иҷроиши амалиётҳо мебошад. Ба омилҳои техникӣ (хусусиятҳои ҷараёни технологӣ, таҷҳизотҳо, асбобҳо, талабтҳои техникӣ ба сифати маҳсулот ва ғайра) ҳамеша диққати махсус дода мешуд. Дар ҳақиқат меъёри меҳнат ба таври мустақим аз намуд ва сифати таҷҳизотҳои истифодашаванда вобастагӣ дорад. Аз як ҷиҳат меъёри меҳнат бо технологияҳои муоссир алоқамандии ногусастанӣ дорад, зеро муайянкунии мерёҳо баробар бо коркарди амалиётҳои технологӣ амали карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар бамеъёргирии меҳнат чун вазифаи муҳандисӣ боромад мекунад. Дар навбати худ ба меъёри меҳнат аз нуқтаи назари муҳандисӣ нигоҳ кардан кафолати самаранок истфодабарии захираҳои меҳнатӣ ва моддии корхона хоҳад гашт.

Барои оқилона ташкил намудани меҳнат, ба нақша гирифтани он ва тақсимоти вақти корӣ дар байни соҳаҳои истеҳсолот, мо бояд оиди андозаи меҳнат, яъне андозаи хароҷоти сифатӣ ва миқдории меҳнат, ба ҳар як намуди истеҳсолот тасаввуроти комил дошта бошем. Ҳар қадар тақсимоти ҷамъиятии маҳнат васеъу амиқ бошад, ҳамон қадар ҷамъият ба муайян кардан ва мувофиқ, гардонидани таносуби сифативу миқдории меҳнат, ба чен кардани миқдори меҳнате, ки барои истеҳсоли ин ё он намуди неъматҳои моддӣ зарур аст, ба муайян кардани андозаи меҳнат яъне вақти кории зарури барои иҷрои ягон намуди кори алоҳида, эҳтиёҷ ҳис менамояд [10, с. 58].

Дар маҷмуъ намудҳои зерини меъёри меҳнат фарқ карда мешаванд: яъне меъёри вақт, меъёри коркард, меъёри хизматрасонӣ, меъёри шумора, меъёри идоракунӣ ва супоришҳои ба меъёр гирифташуда.

**Меъёри вақт** - ин миқдори вақти кориест, ки ба як коргар барои иҷрои як воҳиди муайяни кор, бо назардошти шароитҳои оқилонаи ташкилӣ-техникии ба ҳамин корхона хос буда, муқаррар карда шудааст. Меъёри вақтро бо одам-соат, одам-дақиқа ва ё одам-сония ифода мекунанд.

Барои муқаррар кардани меъёри вақт, бояд хароҷоти вақти корӣ барои иҷрои кори мазкур муайян карда шавад. Ҳайати меъёри вақтро метавон бо формулаи зерин ифода намуд:

$$Н_{вқ}=Т_{о.ч}+Т_{оп}+Т_{х.ч.к.}+Т_{н.э.ш.}+Т_{т.н.},$$

$$Т_{оп}=Т_{ас}+Т_{ёд},$$

ки дар ин ҷо:

$Н_{вқ}$-меъёри вақт;

$Т_{о.ч}$ - вақти омодакунию ҷамъбасткунӣ;

$Т_{оп}$ - вақти оперативӣ;

$Т_{х.ч.к}$ - вақти хизматрасонии ҷойҳои корӣ;

$Т_{н.э.ш}$ - вақти истироҳат ва рафъи эҳтиёҷоти шахсӣ;

$Т_{т.н}$ - танаффусҳое, ки бо хусусиятҳои хоси технология ва ташкили истеҳсолот вобастаанд;

$Т_{ас}$ - вақти асосӣ;

$Т_{ёд}$ - вақти ёридиҳанда.

Бо истифодаи ин таснифот ва яке аз усулҳои ченкунии меҳнат (бааксгирии вақти корӣ, хронометраж ё усули мушоҳидаҳои лаҳзавӣ) муайян кардани меъёри вақт бо ёрии формулаи мазкур имконпазир мегардад.

**Меъёри коркард** - ин миқдори натуралӣ (дона, метр, тонна) ё шартии воҳиди маҳсулот мебошад, ки дар як воҳиди муайяни вақт (смена, моҳ) бояд истеҳсол карда шавад. Барои ҳисоб кардани меъёри коркард формулаи зерин истифода бурда мешавад.

$$Н_{кор}=\frac{Тсм}{Нвк}$$

ки дар ин ҷо:

$Н_{кор}$ - меъёри коркард;

$Т_{см}$- фонди сменавии вақти корӣ;

$Н_{вк}$ - меъёри вақти муқарраршуда барои истеҳсоли як вохиди маҳсулот.

Дар байни меъёри вақт ва меъёри коркард вобастагии чаппа вуҷуд дорад, яъне бо камшавии меъёри вақт, меъёри коркард зиёд мешавад, Аммо ин ду бузурги баробар тағир намеёбанд: меъёри коркард нисбат ба камшавии меъёри вақт бештар зиёд мешавад.

Байни тағирёбии меъёри вақт ва меъёри коркард таносуби зерин ҷой дорад: Т = > - < = V

ки дар ин ҷо:

t- фоизи пастшавии меъёри вақт;

*V*- фоизи болоравии меъёри коркард.

**Меъёри хизматрасонӣ -** ин миқдори муқарраршудаи як воҳиди таҷҳизот ё ҷои корӣ мебошад, ки як коргар ё як гурӯҳи кормандон дар давоми вақти корӣ ба он хизматрасонӣ мекунад ва он аз меъёри вақт баровaрда мешавад. Барои ҳисоб кардани меъёри хизматрасонӣ бояд меъёри вақти хизматрасонӣ муайян карда шавад. Меъёри вақти хизматрасонӣ ин ҳамон хароҷоти вақте мебошад, ки барои хизматрасонии як воҳиди таҷизот ё ҷои кори дар давоми вақти корӣ сарф карда мешавад. Меъёри вақти хизматрасониро бошад бо ёрии хронометраж ҳисоб мекунанд. Акнун формулаи зеринро истифода бурда меъёри хизматрасониро муайян кардан мумкин аст:

$Н_х = Н_{вкх}$

ки дар ин ҷо:

$Н_х$ - меъёри хизматрасонӣ;

$Н_{вкх}$- меъёри вақти хизматрасонии як таҷизот ё як ҷойи кор.

**Меъёри идоракунӣ -** ин муқаррар кардани шумораи коргаронест, ки онҳоро як роҳбар бояд идора кунад.

**Меъёри шумора** - ин бузургии пешакӣ муқарраршудае мебошад, ки шумораи коргаронро барои иҷрои як воҳиди корӣ мушаххас ё хизматрасонии объекти муайян ифода мекунад, ки онро бо формулаи зерин ифода кардан мумкин аст:

$Н_ш + У + Н_х$

ки дар ин ҷо:

$Н_ш$- меъёри шумора;

У- шумораи умумии таҷҳизот ё ҷои кор;

$Н_х$ - меъёри хизматрасонӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани самараноки меҳнати коргароне, ки ба музди меҳнати вақтбайъ кор мекунанд барои онҳо дар асоси меъёрҳои дар боло номбаршудаи меҳнат супоришҳои ба меъёргирифташуда муқаррар карда мешавад.

**Супоришҳои ба меъёргирифташуда -** ин ҳаҷми муқаррар шудаи кор мебошад, ки коргар ё гурӯҳи коргарон бояд дар давраи муайян бо риоя кардани талаботҳои сифатии маҳсулот иҷро намоянд. Супоришҳои ба меъёргирифташударо метавон ҷудо-ҷудо муқаррар кард ва дар ҳолатҳои алоҳида бо меъёри хизматрасонӣ ё ба меъёри шумора баробар донист. Вобаста ба ташкили истеҳсолот ва характери корҳои иҷрошаванда супоришҳои ба меъёргирифташударо ба бастҳо (смена), моҳ ё ягон давраи истеҳсолот муқаррар менамоянд.

Дар байни ҳамаи меъёрҳои меҳнат нақши асосиро меъёри вақт иҷро мекунад, зеро меъёрҳои боқимонда аз меъёри вақт баровaрда мешавад. Меъёрҳои меҳнат ду паҳлуи фаъолияти хоҷагиро инъикос мекунанд: хароҷотҳо ва натиҷаҳоро. Ба меъёрҳое, ки хароҷотро ифода мекунанд меъёри вақт ва меъёри шумора дохил карда мешавад, ба меъёрҳое, ки

натиҷаро ифода мекунанд, меъёри хизматрасонӣ, меъёри коркард ва супоришҳои ба меъёргирифташударо дохил кардан мумкин аст.

Ҳангоми омӯзиш ва чен кардани хароҷотҳои меҳнатӣ таъмини комплексӣ будани тадқиқотҳо аҳамияти муҳим дорад, яъне бояд натанҳо хароҷотҳои меҳнатӣ коргарони оддӣ, балки хароҷотҳои меҳнатӣ ҳамаи категорияҳои коргарон ва дар навбати аввал хароҷотҳои меҳнатӣ роҳбарон ва мутахассисон чен карда шавад. Интихоби чунин равия ба ташаккулёбии муносибатҳои муътадили иҷтимоӣ - меҳнатӣ, фазои мусоиди маънавии психологӣ дар корхона мусоидат менамояд ва аз кори иҷрошуда самараи дилхоҳ ба даст меояд. Аммо барои он ки аз натиҷаҳои ченкунӣ, сарфи ғайриистеҳсолии вақти корӣ ошкор карда шавад ва дар оянда ин камбудиҳо бартараф карда шуда бузургии меъёри меҳнат асоснок карда шавад, бояд пеш аз ҳамаи хароҷотҳои вақти корӣ таснифот карда шаванд, яъне мувофиқи аломатҳои муайянашон ба гурӯҳҳои алоҳида муттаҳид карда мешаванд.

Умуман хулоса кардан мумкин аст, ки беҳдошти шароитҳои меҳнатӣ низ дар баробари самтҳои дигари ташкили меҳнат, чун тақсимот ва кооператсияи меҳнат, хизматрасонии ҷойҳои корӣ ва интизоми меҳнат, аз аҳамияти муҳими иқтисодӣ - иҷтимоӣ бархурдор аст. Дар баробари ин беҳдошти шароитҳои меҳнатӣ, дар низоми ташкили меҳнат ва истеҳсолот, нақшу аҳамияти хоси худро низ доро мебошанд ва ин нақшу аҳамияти хос дар он ифода меёбад, ки таввасути беҳдошти шароитҳои меҳнатӣ, бевосита, ҳаёт ва саломатии баргузидаи кулли мавҷудот, яъне инсон, ҳифз карда мешавад. Ин омили муҳим, ҳар як иштирокчии истеҳсолотро аз коргари оддӣ сар карда то роҳбари корхона водор менамояд, ки ба беҳдошти шароитҳои меҳнатӣ ва пайваста такмил додани онҳо аҳамияти ҷиддитарин ҷудо намоянд ва ин ниҳоят муҳим аст, махсусан аз он ҷиҳат, ки беҳдошти шароитҳои меҳнатӣ, на танҳо ба сифати омили муҳими ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти инсон баромад мекунад, балки ба сифати омили муҳими муътадилнокии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии коллективи меҳнатӣ низ баромад мекунад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021 - 56с.
2. Адам Смит. «Исследование о природе и причинах богатства народов» / А.Смит // отца экономической науки 1776 г., 145 стр.
3. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, Хатлон 2020, 28 саҳ.
4. Давид Рикардо Экономика, Д.Рикардо, В. С.Афанасьев М: 1988. — 128 стр.
5. Карл Маркс Капитал. Критика полит, экономии. Т.1. кн. 1. Процесс производства капитала /Маркс К., Энгельс Ф. Соч. —2-е изд. - Т.23. - С. 8773.
6. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2022 сол.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021.
9. Сомонаи расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.mehnat.tj/.
10. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии

«Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.

11. Фасехзода И.С. Продовольственная безопасность и ее роль в устойчивом развитии Республики Таджикистан / И.С. Фасеҳзода, М.С. Назаров // Образование и наука в России и зарубежом. 2021, №5 (81), С.209-217.

12. Фасехзода И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях рыночной экономики / И.С.Фасехзода, С.Дж. Тиллоева // Просвещение и познание. 2021, №4 (4). С.3-20

13. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми молия ва иқтисод, 2022, №2 (31), с.95-102.

## НОРМИРОВАНИИ ТРУДА, РЫНОК ТРУДА И ТРУДОВЫЕ РЕСУРСЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**РАСУЛОВА ЛУТФИЯ НУРАЛИЕВНА,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры
экономики предприятия и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абуабдулла Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 987-22-11-88. E-mail: r.lutfiya@mail.ru

*В данной статье рассматриваются вопросы оценки труда и трудовых ресурсов в регионах Республики Таджикистан. Отмечается, что труд является основным источником обеспечения материальных и социальных потребностей работников компании и качества работы компании во все времена.*

*В статье о нормировании труда и его задачах представлены конкретные предложения в виде формуле.*

*Сделан вывод о том, что улучшение условий труда наряду с другими направлениями организации труда, такими как разделение и кооперация труда, обслуживание рабочих мест и трудовая дисциплина, имеет большое экономическое и социальное значение. В то же время улучшение условий труда в системе организации труда и производства также имеет свою роль и значение, и это роль и значение выражается в том, что через улучшение условий труда непосредственно жизнь и здоровье всех существ, то есть человека, защищено.*

***Ключевые слова:*** *оценка труда, рабочая сила, условия труда, трудовые ресурсы, экономика труда, рабочее время, нормы труда.*

## REGULATION OF LABOR, LABOR MARKET AND LABOR RESOURCES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RASULOVA LUTFIYA NURALIEVNA,**
Candidate of Economics, associate Professor of the
department of Enterprise Economics and Entrepreneurship
Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, Sangak Safarov str.
Phone: (+992) 987-22-11-88. E-mail: r.lutfiya@mail.ru

*This article discusses the issues of assessing labor and labor resources in the regions of the Republic of Tajikistan. It is noted that labor is the main source of ensuring the material and social needs of the company's employees and the quality of the company's work at all times.*

*The article on the regulation of labor and its tasks presents specific proposals in the form of a formula.*

*It is concluded that the improvement of working conditions, along with other areas of labor organization, such as the division and cooperation of labor, maintenance of jobs and labor discipline, is of great economic and social importance. At the same time, the improvement of working conditions in the system of organization of labor and production also has its role and significance, and this role and significance is expressed in the fact that through the improvement of working conditions, the life and health of all beings, that is, a person, is directly protected.*

***Key words**: labor assessment, labor force, working conditions, labor resources, labor economics, working hours, labor standards.*

УДК:332.1

# БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АСОСИИ РУШДИ ДЕҲОТ

**АСОЕВ МУФАРАҲ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru
**МАНОНОВ САИДНОЗИМ САИДАКРАМОВИЧ,**
унвонҷуи кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-88-88-01. E-mail: Saidnozim.tj@hotmail.com

*Дар мақола рушди деҳот, ки дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ ва табиист, ҳамчун омили асосии ҳалли мушкилоти иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Муаллифон барои ҳалли мушкилоти мавҷуда банақшагирии стратегиро ҳамчун воситаи асосии рушди деҳот, истифодаи оқилона ва самараноки ин усул барои рушди устувории кишвар, рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёт, бо кор пурра таъмин кардани аҳолӣ мусоидат намуда, сифати зиндагонии аҳолии деҳотро беҳтар месозад.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди деҳот, аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, сатҳи бекорӣ, самаранокии деҳот, сатҳи иқтисодӣ, демографӣ, фарҳанги зиндагии мардуми деҳот ва рушди устувор.*

Минтақаи деҳот унсури муҳимми ҳаёти ҳар як кишвар ба шумор рафта, дорои имкониятҳои васеи иқтисодӣ, табиӣ, демографӣ ва фарҳангӣ мебошад. Истифодаи пурра, оқилона ва самараноки минтақаҳои деҳот, рушди босуботи кишварро таъмин намуда, ба рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, шуғли пурраи аҳолӣ, инчунин ба сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолии деҳот таъсири назаррас мерасонад. Бинобар ин, ҳар як кишвар рушди минтақаҳои деҳотро ҳамчун ҳадафи стратегӣ қарор медиҳад ва дар маҷмуъ ба афзуншавии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамояд [2].

Дар робита бо ин, қайд намудан зарур аст, ки бо иқдоми хирадмандонаву давлатсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2022 дар Паёми худ ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» иброз намуданд, ки « Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади татбиқи ҳадафу афзалиятҳои рушд бояд раванди банақшагирии стратегиро дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ пурра ҷорӣ карда, барои иҷрои нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се вилоят, 69 шаҳру ноҳия (18 шаҳр ва 51 ноҳия), 65 шаҳрак ва 368 ҷамоати деҳот иборат буда, аз ин 4 шаҳр, 21 ноҳия, 23 шаҳрак ва 132 ҷамоати деҳот ба вилояти Хатлон, 8 шаҳр, 10 ноҳия, 23 шаҳрак ва 93 ҷамоати деҳот ба вилояти Суғд, 1 шаҳр, 7 ноҳия, 4 шаҳрак ва 42 ҷамоати деҳот ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), 4 шаҳр, 9 ноҳия, 15 шаҳрак ва 101 ҷамоати деҳот ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳур (НТҶ) ва 4 ноҳия ба шаҳри Душанбе рост меояд. Шумораи аҳолии кишвар ба ҳолати 1 январи соли 2021-ум 9,5 млн. нафар, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 3,4 млн., дар вилояти Суғд 2,8 млн., дар ВМКБ 230 ҳазор, дар НТҶ 2,2 млн. ва дар шаҳри Душанбе 872 ҳазор нафарро ташкил медиҳад [8].

Рушди мутавозини минтақаҳои кишвар яке аз самтҳои бунёдии сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун заминаи низоми ягонаи рушди устувор, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул арзёбӣ мегардад [11].

Дар ин замина, минтақаҳои кишвар дорои кӯҳҳои сарбафалак, табиати нодиру нотакрор, обҳои мусафои шифобахш, иқлими мусоид барои парвариши маҳсулот ва меваю сабзавоти аз лиҳози экологӣ тоза, ҳунарҳои миллии қадима ва захираҳои фаровони табиӣ буда, дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ободонию сабзу хуррамгардонии шаҳру ноҳияҳо, дастгирии иҷтимоии табақаҳои ниёзманд ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди соҳаҳои иктисодиёт дар маҳал пешравии назаррас дида мешавад.

Дар доираи таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ ба рушди мутавозини минтақаҳо диққати аввалиндарача дода, низоми банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозиро дар сатҳи маҳал такмил дода истодааст. Барномаҳои сатҳи маҳал бо барномаҳои сатҳи миллӣ ва соҳавӣ ҳамоҳанг карда шуда, рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо барномаҳои миёнамуҳлат таъмин гардида истодаанд, ки дар заминаи уҳдадориҳои байналмилалӣ вобаста ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор таҳия шудаанд [9].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нобаробарии рушд байни минтақаҳои кишвар, махсусан деҳот бетағйир мондааст. Ҷойгиршавии нобаробари иқтидорҳои истеҳсолӣ ва захираҳои табиӣ ба сатҳи рушди шаҳру ноҳияҳо, шаҳракҳои нав ва деҳот таъсир мерасонад. Дар баробари ин ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо батадриҷ, аз ҷумла дар натиҷаи муҳоҷирати дохилӣ, рушди шаҳрҳои хурд ва ташкили шаҳракҳои нав афзоиш меёбад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 «Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021 ва Нақшаи чорабиниҳои корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бахшида ба таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар заминаи мусоид гузошта аст,вале боз ҳам баъзе мушкилотҳоро дар минтақаҳои деҳот ба мушоҳида мерасад аз ҷумла:

Лозим ба ёдоварист, ки сатҳи зиндагии аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр дар алоқамандӣ бо даромаднокӣ хеле паст аст. Сабаби асосии ин, баланд будани сатҳи бекорӣ ва паст будани музди миёнаи меҳнат дар деҳот мебошад.

Барои муайян намудани сатҳи бекорӣ дар деҳоти ҷумҳурӣ таҳлилҳои илмӣ гузарнида шуда, дар асоси онҳо муайян гардид, ки дар яке аз деҳаҳои зери таҳлил қарор гирифта, тақрибан 380 нафар аҳолии қобили меҳнат мавҷуд аст. Аммо аз ин шумора танҳо 35 нафар дар ин ё он корхонаҳои давлатӣ машғули кор мебошанд, ки 9,2 фоизро ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда хеле нишондиҳандаи паст аст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки дар деҳот аҳолии ғайриқобили меҳнат аз аҳолии қобили меҳнат ду маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар он зоҳир мегардад, ки як оилаи ҷавон 4 ва аз ин ҳам зиёдтар фарзанд дорад.

Ин масъалаҳо дар маҷмуъ рушди инфрасохтори истеҳсолию иҷтимоиро тақозо мекунад, ки ин яке аз омилҳои асосии таъсиррасони рушди устувори минтақаҳои деҳот тавасути банақшагирии стaратегӣ ба шумор меравад.

Гуфтан ба маврид мебошад,ки барномаҳои миёнамуҳлат дар сатҳи минтақа яке аз механизмҳои асосии банақшагирии стартеги хизмат намуда аз ҷумла марҳилаи якуми амалӣ шавии стартегия ба мо имконият дод,ки  тадбирҳои андешии ба беҳтар гардидани

сатҳи некуаҳволии мардум ва коҳишёбии нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар мусоидат намояд.Аз ҷумла камбизоатӣ дар маҳаллаҳои деҳот аз 35,2 фоиз дар соли 2015 то 30,1 фоиз дар соли 2020, дар шаҳрҳо аз 23,2 фоиз то 18,4 фоиз паст гардид [6].

Арзёбӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра суръати пастшавии камбизоатӣ дар ВМКБ (9,7 банди фоизӣ), вилоятҳои Суғд (6,9 банди фоизӣ), Хатлон (3 банди фоизӣ) НТҶ (4,9 банди фоизӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Дар робита ба ин, ҳарчанд сатҳи камбизоатӣ дар шаҳри Душанбе (2,4 банди фоизӣ) мутаносибан паст бошад ҳам, зарурати вусъатдиҳӣ ва натиҷабахшии фаъолнокии иқтисодӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсулро тақозо мекунад. [9].

*Диаграммаи №.1.*

**Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои кишвар дар давоми солҳои 2015-2022**




Дар ин радиф баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ дар шаҳрак ва деҳот, таъсис додани шароити мусоид барои пешбурди тиҷорат, ташаккули асосҳои институтсионалии шаҳрнишинӣ, ташаккули кластерҳои минтақавӣ – истеҳсолӣ ва ҳудудҳои рушди саноатӣ ҳамчун афзалияти рушди устувори минтақаҳо ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид мебошад,ки банақшагири стратеги яке аз механизмҳои асосии таъмини рушди устувор дар сатҳи миллӣ ва минтақави ба шумор рафта,ҳамчун воситаи асоси дарояндаи наздик хизмат менамояд.

Дар адабиёти муосири илмӣ, зери мафҳуми минтақаи деҳот – ҳудудҳои дурдасти берун аз шаҳрҳо, аз ҷумла нуқтаҳои аҳолинишин зикр гардидааст.

Тибқи маълумоти расмӣ ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 141, 3 ҳазор киллометри мураббаъ буда, 71 фоизи он, ки ба 100,3 ҳазор киллометри мураббаъ баробар аст, ба минтақаҳои деҳот алоқаманд аст. Илова бар ин, аз масоҳати умумии ҳудуди ҷумҳурӣ 6,9 млн. гектарашро (49,2%) заминҳои аҳамияти кишоварзидоштаро ташкил медиҳад [4, с. 22]. Дар шароити имрӯзаи ҷумҳурӣ, қисми зиёди майдони мазкур дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ихтиёри аҳолӣ қарор дорад.

Дар асоси маълумоти оморӣ шумораи аҳолии ҷумҳурӣ сол то сол афзоиш меёбад ва ба ҳолати 1 январи соли 2022 ба 10000 ҳазор нафар баробар гардидааст [10, с.. 28].

Пас гуфтан ба маврид мебошад, ки беш аз 73 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ (6939,5 ҳаз. наф.) дар деҳот зиндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минтақаҳои деҳот ва шуғли аҳолии он ҳамчун масъалаҳои рӯзмара таваҷҷуҳи хоса дода, як қатор барномаҳои ҳадафмандро дар ин самт қабул ва дар амал тадбиқ намуда истодааст.

Дар ин самт баҳри бартараф намудани мушкилотҳои ҷой дошта Ҳукумати кишвар ду стратегияи миллии рушди дарозмуҳлат ва беш аз 500 барномаҳои соҳавию минтақавиро бо маром татбиқ намуд. Айни замон Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мавриди татбиқ қарор доранд, инчунин ба фаъолияти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ бо назардошти воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) мусоидат мекунад.Барои тадбиқи муқарраroти барномаи зикргардида Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд СМР), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 таҳия ва пешниҳод гардидааст, ҳадафҳои асосии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикстонро дар дурнамои дарозмуддат, инчунин рушди устувори минтақаҳои деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии онро муайян менамояд [12].

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид мебошад, ки тадбирҳо ва банақшагириҳои стратегиро дар ба рушди сифатан нав, амалисозии тадбирҳо оид ба бунёди инфрасохтор, ки тавассути сохтмони роҳҳои оҳану автомобилӣ, фурӯдгоҳҳо, шабакаҳои алоқа, гардиши мол, хизматрасониҳо, сармоя ва мардумро дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, байналмиллалӣ ва минтақавӣ ба ҳам мепайвандад, инчунин таъмини ҳамаҷонибаи ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию экологӣ, ҳифзи захираҳои табиӣ, объектҳои таърихию фарҳангии деҳот ва ғайра талаб мнамоя, чун,ки дар шароити ниҳоят ҳасоси ҷомеъа банақшагирии стратегӣ ҳамчун ҳимоякунадаи вазъи минтақаҳо аз хавфу хатарҳо дар оянда мебошад.

Қобили тазаккур мебошад,ки фароҳам овардани шароит барои рушди устувори минтақаҳои деҳот яке аз муҳимтарин мақсадҳои стратегии сиёсати давлатӣ ба шумор рафта, ба таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт дар шароити хавфҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Кишвари мо дорои захираву имкониятҳои бузург ва ба таври зарурӣ истифоданашуда мебошад, ки роҳандозии самаранок ва оқилонаи онҳо дар марҳилаи навбатии рушди миёнамуҳлат барои таъмини суботи макроиқтисодӣ, кам кардани вобастагии иқтисоди миллӣ аз таъсири омилҳои манфии беруна, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва диверсификатсияи истеҳсолот метавонад заминаҳои мусоид фароҳам оварад.

Ҳамин тариқ қайд намудан ба маврид мебошад,ки дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 пешбини шудааст,ки сатҳи кабизоати то соли 2025 ба 18% оварда расонида шавад ва рушди устувори иқтисоди минтақаҳои кишвар муайян карда шудаанд.

Дар давоми солҳои 2013-2020 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар минтақаҳо ба маблағи умумии 54,9 млрд сомонӣ манзилҳои истиқоматӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, дармонгоҳҳо, беморхонаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Аз ҷумла аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ин давра ба НТҶ 23,6 млрд сомонӣ, вилояти Хатлон 15 млрд сомонӣ, вилояти Суғд 13,1 млрд сомонӣ ва ВМКБ 3,2 млрд сомонӣ равона гардидааст *(диаграммаи №2.)*.

***Диаграммаи №.2.***




Бо мақсади фароҳам овардани заминаи воқеӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, мунтазам пайгирӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳадафҳои стратегӣ, ки дар СМР 2030 муайян шудаанд, тамоми вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои кишвар бо Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин гаштаанд.

Бо мақсади фароҳам овардани заминаи воқеӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, мунтазам пайгирӣ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ноил гаштан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳадафҳои стратегӣ, ки дар СМР 2030 муайян шудаанд, тамоми вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои кишвар бо Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин гаштаанд.

Бояд қайд намуд, ки шумораи лоиҳаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар барнома инъикосгардида дар кишвар дар маҷмуъ 6028 лоиҳаро бо маблағи 33,5 млрд сомонӣ ташкил намуда, аз ин дар вилоятҳои Хатлон 2136 лоиҳа бо маблағи 17,3 млрд сомонӣ, Суғд 2281 лоиҳа бо маблағи 11,8 млрд сомонӣ, ВМКБ 516 лоиҳа бо маблағи 1,9 млрд сомонӣ ва НТҶ 1905 лоиҳа бо маблағи 2,5 млрд сомонӣ мебошад *(диаграммаи №2.)*.

***Диаграммаи №3.***




***Сарчашма: Ҳисоботҳои вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Бояд қайд кард, ки дар робита бо рушди минтақавӣ аз ҷониби аҳолии шаҳр ва деҳот сифати об барои ниёзҳои хоҷагӣ ва нӯшиданӣ тафовути зиёд боқӣ мондааст,

фарқият байни минтақаҳо дар сатҳи инкишофи инфрасохтори иҷтимоӣ низ ба назар мерасад. Дар баробари ин, фишори нисбатан баланди демографӣ дар деҳот аз ҷиддӣ будани мушкилии алоқаманд бо шуғл ва даромад дар деҳот шаҳодат медиҳад.

Бо назардошти ҳамбастагӣ бо равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ равандҳои демографӣ барои рушди дарозмуҳлат хеле муҳим мебошанд. То соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, ба 11,5 млн. нафар хоҳад расид. Азбаски аҳолии кишвар бо суръати баланд афзоиш меёбад, суръати афзоиши истеҳсолот низ бояд баланд бошад. Ин барои пешгирӣ намудани коҳишёбии сатҳи бадастомадаи некӯаҳволии мардум, коҳишёбии қобилияти низомҳои мавҷудаи дастгирии ҳаёт ва самаранокии онҳо зарур мебошад. Чунин масъала дар асоси усулҳои анъанавии ғайрисамарабахши хоҷагидорӣ наметавонад ҳалли худро ёбад. Зарурати суръатбахшии урбанизатсия, сохтмони манзил дар миқёси калон, сармоягузориҳо ба инфрасохтори коммуналӣ, иҷтимоӣ ва роҳҳо ба миён омада истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёт ташаккули минтақаҳои деҳот ин банақшагирии стратегӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, тамоми кишварҳо дар нақшаҳою барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлате, ки барои рушди иқтисодиёти худ тарҳрезӣ менуканд, пеш аз ҳама ба рушди минтақаҳои деҳот таваҷҷуҳ намоянд.Чун ки ба ҳамагони мо маълум мебошад,ки ҳиссаи зиёди аҳолии мамлакат дар минтақаҳо зиндагӣ ба бар мебарад. Аз ин лиҳоз амният оядаи иҷтимои ва иқтисоди аз ин самт зиёд вобаста мебошад. Дар робита бо ин, дар Ҷумҳурии Қазоқистон солҳои охир бо мақсади таъмини самараноки аҳолии қобили меҳнат ба шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар деҳот як қатор барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таҳия ва қабул карда шуданд. Қабл аз ҳама Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз санадҳои муҳиме, ки рушди тамоми ҷабҳаҳои иқтисодию иҷтимоиро дар бар мегирад, яъне «Стратегияи Қазоқистон - 2050»-ро қабул намудааст, ки дар доираи ин барномаи бузург Барномаи нави сиёсии «Харитаи роҳ оид ба шуғл - 2020», ки он ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ бо роҳи шуғли пурмаҳсул аз ҳисоби ҷалбсозии аҳолии бекор ва камбизоат ба кор нигаронида шуда буд. Барномаи рушди шуғли пурмаҳсул ва соҳибкорӣ барои солҳои 2017-2021 зери унвони «Енбек» барои баланд бардоштани шуғли аҳолии деҳот бо назардошти рушди соҳибкории хурду миёна равона карда шуда буд, ки дар асоси ин барнома чорабиниҳои зиёд ва тадбирҳои муҳим ҷиҳати ҳалли масоили инфрасохтори деҳот анҷом дода шуданд. Илова бар ин, барномаи мазкур бо лоиҳаи «Барномаи рушди саноатӣ-инноватсионии ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2019» ва «Барномаи дастгирӣ ва рушди тиҷорат «Харитаи роҳ оид ба тиҷорат - 2020»»» алоқамандии зич дошта, ба васеъшавии доираи тиҷорати соҳибкорон, афзоиши сатҳи ҷойҳои корӣ ва талабот ба меҳнат дар ҳудудҳои деҳот, мусоидат кардааст.

Аз ҳамин лиҳоз ба роҳ бо суръат баланд анҷом додани тавсеаи шуғли пурмаҳсул бояд дар Барномаи рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, аз ҷумла дар асоси омӯзиши талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои коргарии соҳибтахассус дар сатҳи марказ, вилоятҳо ва минтақаҳои калон ислоҳоти маҷмӯӣ пешбинӣ карда шавад

Ҳалли масоили рушди деҳот аз сиёсати самараноки давлат дар самти минтақаҳо вобаста аст. Бинобар ин, диққати асосӣ ба масъалаи ояндаи деҳот, стратегияи сиёсати иҷтимоӣ ва равона шудааст.

Баландбардории ангезиш, тахассусмандӣ ва салоҳияти ҳайати субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои деҳот бо мақсади коркард ва тадбиқи стратегияи рушди минтақавӣ метавонад нуктаи муҳим барои пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ гардад. Стратегияҳои мазкур ташаббусҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва фарҳангиро

ҳавасманд намуда, имконият фароҳам меорад, ки шароитҳои ҳаётгузаронӣ дар минтақаҳои деҳот баланд бардошта шаванд. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи бештар ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ ба монанди: нафақахӯрон, занон ва ҷавонон дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳама давраҳои ташаккули вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ҷиҳати рушди деҳот ва минтақаҳои он чорабиниҳои муҳим пешбинӣ гардида, барномаҳои гуногун вобаста ба самтҳои алоҳидаи ин масъала қабул шудаанд. Аммо барои дар сатҳи баланд татбиқ гаштани барномаҳои қабулшуда, пурзӯр намудани сиёсати давлатӣ муҳим ва самаранок мебошад.

Сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори минтақаҳои деҳот низоми тадбирҳои ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодӣ ва ташкилиро фаро гирифта, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатиро, ки ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти деҳот, сатҳу сифати зиндагии аҳолии он, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои табиии минтақаҳои деҳот равона гардидааст, муайян менамояд.

Ба андешаи мо, масъалаҳои асосие, ки дар сиёсати давлатӣ оид ба рушди устувори деҳот барои давраи то соли 2020 пешбинӣ шуда буд, ба қадри имкон ҳаллӣ худро ёфтанд. Вале масоили афзоиши табии аҳолӣ, талаботи онҳо (*яъне талабот ба озуқа, ба замин, манзил ва дигар маводҳои зарурӣ*), инчунин тағйирёбии шароиту муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ водор менамояд, ки дар ҳар давраи рушд роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда, пеш аз ҳама аҳамияти хосса дода шавад ба банақшагирии стратегӣ, баланд бардоштани шуғли аҳолӣ ва беҳтар сохтани сатҳи зиндагии аҳолӣ пешбинӣ карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки оид ба баланд бардоштани шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат, инчунин беҳтар сохтани вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои деҳот ва сатҳи зиндагии аҳолии он, ҳалли масоили зерин муҳим мебошанд: боназардошти ҳама гуна шаклҳои ташкилию техникӣ зиёд намудани ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ, махсусан дар комплексҳои истифодабарандагони об ва сахтмон, ки дар шароити кунунии кишвар рӯ ба инкишоф ниҳодаанд; зиёд намудани шумораи корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии маҳаллӣ, ки захираҳои ашёи хоми онҳо дар минтақаҳои деҳот хеле зиёданд; соҳаҳои ҳифзи манбаъҳои фароғатӣ ва экологӣ, сайёҳӣ ва тиҷорати меҳмоннавозӣ, корхонаҳои саноатии ёрирасон, коргоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ дар деҳот, ки дар шароити имрӯза давлат ба рушди ин соҳаҳо имкониятҳои зиёд додааст ва ғайра.

Ҳамин тариқ, тамоми чорабиниҳои дар боло зикршуда сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро беҳтар сохта, даромаднокии онҳоро баланд мебардорад ва ба рушди минтақаҳои деҳот лаппиши нав мебахшанд.

Хулоса, бо роҳи рушди минтақаҳо яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ ба шумор меравад, ташаккул додан мумкин аст. Вале бояд қайд кард, ки расидан ба чунин ҳадафи бузург ҷаҳду талошҳо ва муҳлати нисбатан зиёдтар зарур мебошад. Бинобар ин, барои амалӣ гаштани ҳадафи мазкур тадбирҳои зеринро асоснок мешуморем:

- ➢ хуб мешуд, ки бо мақсади рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ Барномаи нави рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ барои солҳои 2024-2024 қабул мегардид, то ин ки дар доираи ҳадафу вазифаҳои он аз тибқи талаботҳои банақшагирии стратегӣ рушд мeёфт;

➢ барои вусъат бахшидан ба раванди рушди шуғлварзидагон ва дарёфти истеъдодҳо дар тамоми макотиби таҳсилоти миёнаи минтақаҳои деҳот ташкил намудани дарсҳои махсус ва озмӯнҳо дар ин самт беманфиат нест;

➢ ташкил намудани коргоҳҳои ҳунарҳои мардумӣ дар шоҳроҳҳо, маркази минтақаҳои аҳолинишин, бозорҳо ва ба мисли инҳо бо мақсади ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ, ки ба ташаккули сайёҳӣ дар деҳот мусоидат мекунад, самаранок мебошад.

➢ баланд бардоштани сатҳи дастрасии худмашғулбудагон ва дарёфти истеъдодҳо ва ба қарзҳои имтиёзнок таъмин намудан ҷиҳати пешкаш намудани маҳсули меҳнат;

➢ банақшагирии стратегӣ ва ташкили равандҳои мониторинг ва арзёбӣ (танзими равандҳо ва давраҳои баргузорӣ, иштирокчиён, тақсимоти масъулият).

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ», аз 23.12.2022.// http://www.president.tj

2. Асоев М.М. Омили асосии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимои иқтисоди деҳот дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ нашр шуда Идоракунии Давлатӣ – Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷалаи илмӣ-сиёсӣ №4 (44) Душанбе, с. 2019. С. 25-29

3. Асоев М.М. Интегратсияи истеҳсолӣ – асоси рушди инфрасохтори маҳал дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ. Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд» (11 – 12-уми ноябри соли 2022)- Душанбе, АИДНПҶТ, Душанбе, с. 2020. - №11., С. 234 – 241

4. Асоев М.М. Ташаккули ҳамгироии иқтисодӣ – роҳ барои самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар деҳот. Идоракунии Давлатӣ – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷалаи илмӣ-сиёсӣ, шумораи №3 (57) Душанбе, соли 2022, С. 27 -36.

5. Асоев М.М. Рушди деҳот – масоили асосӣ ва ҳалталаби стратегӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд». – Душанбе-2022,: АИДНПҶТ, – 436 с.

6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – 349 саҳ.

7. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30 – соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021 – 604 саҳ.

8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш. Душанбе, 22 бекабри соли 2017, 47 саҳ.

10. Шарҳи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020\Ҳисоботҳои рамии вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳури Тоҷикистон

11. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025\\\Ҳисоботҳои рамии вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳури Тоҷикистон

12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022

13. Дастовардҳои иқтисодии кишвар дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ – Душанбе 2021. 192 саҳифа

14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 «Дар бораи солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021[Захираи электронӣ]

15. Нақшаи чорабиниҳои корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бахшида ба таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]

16. Ҳисоботҳои вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон[Захираи электронӣ]

## СТРАТЕГИЧЕСКОЕ ПЛАНИРОВАНИЕ КАК ОСНОВНОЙ ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ

**АСОЕВ МУФАРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
заведующий кафедрой государственного управления и национальной экономки
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru
**МАНОНОВ САИДНОЗИМ САИДАКРАМОВИЧ,**
соискатель кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003 Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 918-88-88-01. E-mail: Saidnozim.tj @hotmail.com

*В статье рассматривается развития сельских территорий, обладающих большим природно-хозяйственным потенциалом, как основной фактор решения экономических проблем. Для решения существующих проблем авторами предложено стратегическое планирование как ключевой инструмент развития сельских территорий, рациональное и эффективное использование этого метода в сельских территорий, обеспечивает стабильное развитие страны и способствует устойчивому развитию отраслей экономики, обеспечить полную занятость, а также улучшает качества жизни сельского населения.*

***Ключевые слова:*** *развитие сельских территорий, население, трудовые ресурсы, уровень безработицы, эффективность сельских территорий, экономическая, демографическая, культурная, уровень жизни сельского населения и устойчивое развитие*

## STRATEGIC PLANNING AS THE MAIN TOOL FOR THE DEVELOPMENT OF RURAL AREAS

**ASOEV MUFARAH MAZORIDDINOVICH**
Head of the Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru
**MANONOV SAIDNOZIM SAIDAKRAMOVICH,**
Aspirant of the Department of Public Finance Management
Academy of Public Administration under
President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-88-88-01. E-mail: Saidnozim.tj @hotmail.com

*The article reviews the development of rural areas with great natural and economic potential as the main factor in solving economic problems. To solve existing problems, the authors proposed*

*strategic planning as a key tool for the development of rural areas, the rational and efficient use of this method in rural areas, ensures the stable development of the country and contributes to the sustainable development of economic sectors, ensure full employment, and also improves the quality of life of the rural population*

***Key words:*** *development of rural areas, population, labor resources, unemployment rate, efficiency of rural areas, economic, demographic, cultural, standard of living of the rural population and sustainable development.*

УДК: 336.71

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ИКРОМОВ ФАЗЛИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий
кафедрой управления государственными финансами
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 981-07-67-67. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru
**ГАЮРОВ ГАЙРАТ ХАКИМОВИЧ,**
кандидат экономических наук, старший преподаватель
кафедры банковской деятельности Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 904-46-68-68. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru
**СОДИКЗОДА ПАРВИЗ,**
кандидат экономических наук, доцент
кафедры мировой экономики Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 100-11-93-06. E-mail: parvizis91@mail.ru

*В статье авторы представляют теоретические аспекты совершенствование конкурентоспособности банковской системы в современных условиях. С точки зрения авторов проблемы совершенствования банковской конкурентоспособности является важным фактором развития банковской системы. Данный вопрос отражался ещё в начале возрождение банковских институтов и до сих пор считается одним из основных показателей банковской деятельности. Вопросами банковской конкуренции занимались очень много специалистов, разных экономических школь. Как со стороны представителей классических школь, так и со стороны представителей современных экономических школь глубоко рассмотрен вопросы, связанные с конкурентоспособностями организаций.*

*По определению многих экспертов банковская конкуренция в банковском секторе Республики Таджикистан не выполняет своих функции на должном уровне. Это обусловливается тем, что необходимо формировать и совершенствовать конкурентную среду в банковском секторе республики. Нужно в полной мере изменить подход и управление к разработке конкурентной борьбы коммерческих банков. Современное условия показывает, что конкурентная среда быстро изменяется и банкам необходимо своевременно реагировать на такое изменения.*

***Ключевые слова:*** *кредитная организация, банк, коммерческие банки, кредит, банковские услуги, банковский кредит, конкуренция, банковская конкуренция, конкурентоспособности банка, цифровизация, цифровая экономика и др.*

В условиях перехода к цифровой экономике банковский бизнес выходит на новое пространство развития. И это прежде всего, касается коммерческим банкам, что они являются основными игроками в финансовом секторе экономики. В нынешних условиях, роль коммерческих банков в экономике страны вырос как никогда, и банки занимают одно из ключевых месть среды субъектов хозяйствования. Нужно отметить, что современный банковский рынок представляет собой сложную область формирования спроса и предложения на продукты банковской деятельности, которые относятся к товарному типу денежно-кредитных и финансовых отношений. В условиях нестабильности отношений между ведущими странами мира и в связи с переменами в

глобальной экономике актуальными становятся такие характеристики, как стабильность и конкурентоспособность банковской системы.

Проблемы совершенствования банковской конкурентоспособности является важным фактором развития банковской системы. Данный вопрос отражался ещё в начале возрождение банковских институтов и до сих пор считается одним из основных показателей банковской деятельности. Вопросами банковской конкуренции занимались очень много специалистов, разных экономических школь. Как со стороны представителей классических школь, так и со стороны представителей современных экономических школь глубоко рассмотрен вопросы, связанные с конкурентоспособностями организаций.

Особенно важно отметить, мнению К. Маркса, что в своем общеизвестном труде «Капитал» подчеркивает конкуренцию как: «*возможность после того как познается внутренняя природа*» [5]. То есть, по определению Маркса конкуренция возникает исходя из внутренних возможностей. Представители политической экономики связывают появление конкуренции с развитием и совершенствованием производства и производительных сил в экономике. Они видят появлению конкуренции в развитие производства среды экономических субъектов. Постепенно с учетом развитие общества совершенствовались и производительные силы. По определению многих ученых, это, прежде всего, связанно с развитием улучшением трудовых средств и совершенствованием способности человека. Как показывают литературные источники, трудовые отношений считаются основой экономики, но на первом этапе развитии данных отношений соперничество в виде конкуренция между субъектами не существовала. Первый очередь, это говорить о том, что отсутствовало экономическое независимость при принятия необходимых решений. Это в основном обусловливается не развитым уровнем производительных сил и производственных отношений в тогдашний период развития. Только после разделения труда формировался системный процесс товарного производства и являлся основой предпосылкой развитию торговли.

Вышеизложенные показывают, что основной причиной появления конкуренции в современной экономики является совершенствование экономических отношений. Развитие экономических отношений обусловили образованию конкурентной среды и начал формироваться рынок нерегулируемого обмена. То есть, развитие обмена товаров между продавцами и покупателями (объекты и субъекты) стало явным толчком эволюции при образование конкурентной среды. Мимо этому, одновременно с объектами и субъектами конкурентной среды существуют и конкурентные факторы, т.е. те обстоятельство, которые могут повлиять на взаимодействия субъектами и объектами конкуренции. Постепенно с усложнением банковских операций и появлением новых форм банковских услуг государственные органы начали, вводит ограничение в виде пошлин, гильдий и др. При таком раскладе в конкурентной среде появился новый элемент, который формально будет проводить надзор и регулирования конкурентной среды.

В современном понятие банковская конкуренция, прежде всего это совокупность объектов и субъектов на рынке банковских услуг. Основные субъекты банковской конкуренции считаются небанковские кредитные организации и другие структуры, которые оказывают подобные услуги (лизинг, факторинг, небанковские кредиты). Можем подчеркивать, что сегодня и другие поставщики финансовых услуг конкурируют с банками на рынке (см. рис. 1).




***Рисунок 1. Субъекты, конкурирующие с банками***

Исследование показывают, что с развитием экономических отношений число организаций, которые будут конкурировать с коммерческими банками, возрастают. Кроме того субъекты которые не являются участниками банковской системы занимаются отдельными банковскими услугами, что от коммерческих банков требует дополнительной планирования собственной деятельности. В последняя время вопрос банковской конкуренции становится весьма важными в деятельности каждой кредитной организации. Субъекты банковской конкуренций находясь в единой конкурентной среде, могут располагаться в ее разных сегментах — контурно ограниченных частях банковской конкурентной среды, число активных субъектов конкуренции в которой меньше общего числа участников банковской конкурентной среды в силу законодательных ограничений, различий в приоритетах бизнес – стратегий и т.д. [1].

Национальный банк Таджикистан (НБТ) одновременно как надзорный орган банковской системы является и субъектом банковской конкуренции, другими словами НБТ специфически влияет на банковскую конкурентную среду. Механизмы денежно-кредитной политики дают права НБТ повлиять на конкурентной среде банковской системы, что основными методами данной политики на современном этапе являются:

- операции на открытом рынке;
- ставка рефинансирования (предложение кредитов кредитным организациям);
- эмиссия государственных и собственных ценных бумаг;
- определение ставки обязательных резервов и т.д.

С применениями методов денежно-кредитной политики НБТ как регулятор банковской системы вступает в конкуренцию с другими кредитными организациями и становится субъектом банковской конкурентной среды. В частности, у кредитной организации есть временно свободные деньги, которые он может покупать облигации НБТ, а также может в качестве кредита предлагать другому банку, предприятию или физическому лицу. Изменяя уровень процентной ставки, регулятор сохраняет приемлемый в настоящий момент времени объем привлеченных денежных средств.

Как показывают многие литературные источники объектами конкурентной среды в банковской системы являются в основном клиенты, т.е., юридические и физические лиц, за которыми конкурируют кредитные организаций. Данное определение на наш взгляд лежит только на поверхности. В реальности объектом банковской конкуренции можно считать экономических отношений, которые возникают между банками с своими клиентами при заключении разных соглашений. Как известно основной целью кредитной организации является не только приобретение клиентов и потребителей, но и построение с ними экономических отношений, которые принесли бы банку прибыль.

В современных научных источниках такие экономические категории как: «конкуренция» и «конкурентная борьба» в основном рассматривается как единое целое. На наш взгляд данный подход является не полноценным. Потому, что конкуренция является одно из характеристик конкурентной среды, в свое время соперничество или конкурентная борьба состоит из двух элементов. Первый это процесс привлечения новых клиентов с целью заключения с ними экономически выгодных отношений. Второй элемент является сохранения выгодных экономических отношений с темы клиентами, который банк работает уже на протяжении нескольких лет (так называемых неплохих клиентов). Принятые качественные характеристики конкуренции описывают некоторые черты конкурентной среды. Сегодня на банковском рынке конкуренции различают разнообразные подходы и методы с целью количественного описания конкуренции. Здесь речь идет об уровне конкуренции как характеристике конкурентной среды.

Можно подчеркнут, что конкуренция не определяет присутствия конкурентной борьбы на банковском рынке. Выше указанные экономические категории (конкуренция и конкурентная борьба) представляют разные экономические явлений. Если уровень конкуренция на рынке уменьшается, то это показывает того, что роль лидирующих банков вырастает. В обратном случае, когда снижается их конкурентоспособность это говорить о том, что они потеряли свою месту на рынке и больше не могут привлечь дополнительные ресурсы и клиентов. То есть, они потеряют свое преимущество по сравнению с другими участниками рынка.

Имеется такой подход, соответственно которой во главу угла находится максимизация прибыли. Данный принцип является основной цель у каждой отдельной организации, включая кредитных организаций. В месте с тем, у кредитных организаций существуют и другие важные цели: одной из таких стратегических считается рыночная доля.

Деятельность кредитных организаций является сложным видом предпринимательство и в свою очередь весьма долгосрочным. Большинство участников банковского рынка заинтересованы в продолжение бизнеса на перспективу. Когда уровень конкуренция на рынке снижается это не показатель того, что снижено уровень конкурентной борьбы. Банки и в этом случае также активно предлагают услуги клиентам. Конкурентная борьба продолжается и в условиях снижение конкуренция на рынке. И этот пример является основным различием «конкурентной борьбы» от «конкуренции». Это обусловливает изменчивый характер уровня конкуренции в определенной период времени. Фактически конкурентная борьба является производной категорией от конкурентной среды. Это аргументируется тем, что конкурентная борьба имеется, а борьба (конкурентная соперничества) в нем не существует. Примером этого можем считать деятельность Национального банка Таджикистана, который выпускает собственных ценных бумаг, и таким образом влияет на ресурсной базы кредитных организаций. Эти деньги являются кредитными деньгами, равно как векселя и чеки,

которые вправе формировать любое лицо. При всем том, реальная конкурентная борьба с «официальными» деньгами на практике не существуют. Сегодняшняя конкуренция на банковском секторе Республики Таджикистан не оказывает влияние на уровень конкурентной борьбы. Несмотря на высокий или низкий уровень конкуренции конкурентная борьба может остаться довольно высоким. Однако обратное не является верным, то есть, низкий уровень конкурентной борьбы на банковском рынке говорить о нулевом уровне конкуренции. Примером можем привести банковскую систему СССР, в которой абсолютно отсутствовало конкурентная борьба.

Таким образом, на основе вышеизложенных можем подчеркнут, что банковская конкуренция в первую очередь является экономическое явление, который возникает в банковской конкурентной среде. Банки стимулируют субъектов конкуренции, чтобы вести конкурентной борьбы за приобретение новых клиентов с целью дальнейшего построение с ними взаимовыгодных отношений и сохранение экономических отношений с функционирующими клиентами. Каждое экономическое явление выполняет особенной функции, которые присуще ему. Также и конкуренция на банковском секторе имеет некоторых существенных функций, которые определены состязательным характером взаимоотношений между субъектами конкуренции (см. рис.2).




***Рисунок 2. Основные функции конкуренции в банковском секторе***

Анализ показывает, что функции конкуренции имеют с конкурентности банковской среды прямое взаимосвязь. Многие экономисты в том числе, Мамаева Д. С., Тавасиев А. М. и Ребельский Н. М. настаивают на том, что именно уровень конкурентной борьбы определяет конкурентность банковской среды. Особенно Тавасиева А.М. подчеркивает, что «*конкуренция как проявление рыночной сути экономических взаимоотношений между банками и их клиентами должна регулировать спрос, предложение и цену на предлагаемые услуги*» [4].

Таким образом, взаимосвязь банков с своими клиентами построится на основе взаимовыгодных отношений. Цена банковских услуг может, определят уровень конкурентоспособности банка на рынке. Поэтому, банкам необходимо разрабатывать эффективную ценовую стратегию, чтобы приобрести устойчивую позицию на конкурентной среде банковской системы. После перехода на рыночную экономику конкурентная среда в Республике Таджикистан формировался, и банки начали конкурировать между собой. Необходимо подчеркнут, что конкуренция на банковском рынке является важным направлением в деятельности кредитных организаций и каждая организация должен укреплять собственную позицию на рынке. И так, сегодня в Республике Таджикистан банковская конкуренция входит на свой новый этап развития и банки применяя современные методы, стремятся работать эффективно. Как любой субъект экономики на уровень конкурентоспособность кредитных организаций влияет целый комплекс факторов внешней и внутренней среды банка. Факторы воздействуют как на макро, так и на микро-уровне деятельности банка (см. рис.3).




***Рисунок 3. Основные факторы, которые влияют на повышение конкурентоспособности коммерческих банков***

Воздействия факторов зависит от уровень интегрированности государства на мировой финансовый рынок и до качества банковского менеджмента. В этой связи можем отметить, что влияющих факторов на уровень конкурентоспособности банка можно разделить на внешних и на внутренних. Внутренние факторы являются ликвидность банка, платежеспособность банка, доходность, менеджмент и т.д., что считаются весьма важными. Внешние факторы в основном не контролируются банком, и эти факторы не зависимо от деятельности банка могут воздействовать на уровень конкурентоспособности банка. Поэтому коммерческим банкам необходимо учитывать каждого фактора по отдельности и реагировать своевременно, чтобы обеспечить уровень конкурентоспособности.

Важно подчеркнут, что сегодня Национальный банк Таджикистана активно занимается вопросами трансмиссию кредитных организаций с целью экономического развития и формировании эффективной конкурентной среды, что будет способствовать

повышение уровня работы кредитных организаций. Радикальные изменение в финансовой системе и трансформация деятельности кредитных организаций в мире существенно влияет на банковскую систему Республики Таджикистан. Для эффективной работы, обеспечения рентабельности и укрепления конкурентной позиции на рынке банковских услуг, банкам необходимо реагировать на происходящих изменениях. Особенно цифровизация банковских услуг и применения новых банковских технологии становится важным аспектом в деятельности кредитных организаций. Основоположник национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем очередном Послании от 23 декабря 2022 года отметил, что *«… с целью расширения финансового охвата в стране для развития сетей цифровых финансовых обслуживаний, обеспечения разновидности финансовых обслуживаний, защиты прав пользователей финансовых услуг и повышения их финансовой грамотности» [6]* или в другом месте отмечает: *«… ускорению процесса цифровизации экономических секторов»[6]*. Безусловно, коммерческие банки вносят большой вклад в реализацию процесса цифровизации отраслей экономики. При этом банки могут создать новую банковскую конкуренцию в направлении цифровизации. Цифровизация банковских услуг на сегодня считается основным орудием конкурентоспособности кредитных организаций. Данный процесс является важнейшим средством дифференциации продукта и конкурентоспособности банка. В лидирующих банках формируется новая банковская культура, неотъемлемым элементом которой является инновативность – способность банка к внедрению и применению новых методов работы с использованием инструментов **digital**–маркетинга. Как показывает исследования аналитической компании McKinsey & Company диджитализация способствует сокращению расходов коммерческих банков до 10–15%, а технологии больших данных – **«BIG DATA»**, позволят максимально точно оценивать клиента при выдаче кредита и повысить безопасное деятельность кредитных операций.

По определению многих экспертов банковская конкуренция в банковском секторе Республики Таджикистан не выполняет своих функции на должном уровне. Это обусловливается тем, что необходимо формировать и совершенствовать конкурентную среду в банковском секторе республики. Нужно в полной мере изменить подход и управление к разработке конкурентной борьбы коммерческих банков. Современное условия показывает, что конкурентная среда быстро изменяется и банкам необходимо своевременно реагировать на такое изменения.

В целом можно подчеркивать, что для повышения конкурентоспособности банковской системы необходимо осуществить следующие действия: увеличение качества предоставляемых услуг и расширение их наименования; улучшение контроля и надзора за деятельности коммерческих банков; внедрение инновационных банковских технологий; усиление защиты интересов вкладчиков и привлечение международных клиентов; повышение эффективности валютного регулирования и валютного контроля; унификация правил деловой этики для участников финансового рынка; формирование здоровой конкуренции на банковском рынке и т.д.

## Литература

1. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционной - кредитной деятельности банков в условиях высокого риска [Текст] / Г.Х. Гаюров // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. № 2/4 (169) -С.223-226.
2. Икромов Ф.Н. Проблемы развития институтов рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического

пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2022. С. 224-227.

3. Икромов Ф.Н., Икромов Н.К. Механизм регулирования антикризисных мер банков в республике таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов //В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2022. С.227-231.

4. Мамаева Д.С. Об оценке кредитоспособности банковских заемщиков [Текст] / Д.С. Мамаева // Банковское дело. 2016. № 8. С. 34.

5. Маркс К. Капитал [Текст]// К.Маркс, Ф.Энгельс. Соч.2-е изд.-Т. 23.

6. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» / Душанбе, 23.12.2022. - [электронный ресурс] – URL: http://president.tj/ru/node/29824

7. Ребельский Н.М. Конкуренция в банковском секторе России [Текст] / А.М. Тавасиев, Н.М. Ребельский. Учебное пособие для вузов. Москва, 2011.

8. Тавасиев А.М. Банковская система: здоровое развитие и кризисное состояние [Текст] / А.М. Тавасиев // Вестник университета. 2006. № 1 (14). С. 152-167.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАЛАНДБАРДОРИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ИКРОМОВ ФАЗЛИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири
кафедраи идоракунии молияи давлатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 981-07-67-67. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru.

**ҒАЮРОВ ҒАЙРАТ ҲАКИМОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони
кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 904-46-68-68. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru.

**СОДИҚЗОДА ПАРВИЗ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 100-11-93-06. E-mail: parvizis91@mail.ru.

*Дар мақола муаллифон ҷанбаҳои назариявии баландбардории рақобатпазирии низоми бонкиро дар шароити муосир пешниҳод кардаанд. Аз нуқтаи назари муаллифон, мушкилоти баланд бардоштани рақобатпазирии бонкӣ омили муҳими рушди низоми бонкӣ мебошад. Ин масъала дар ибтидои эҳёи ниҳодҳои бонкӣ инъикос ёфта, то ҳол яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкӣ маҳсуб мешавад. Оид ба масъалаҳои рақобати бонкӣ бисёре аз мутахассисон ва мактабҳои гуногуни иқтисодӣ кор кардаанд. Аз ҷониби намояндагони мактабҳои классикӣ ва ҳам намояндагони мактабҳои муосири иқтисодӣ масъалаҳое, ки оид ба рақобатпазирии ташкилотҳо алоқамананд, чуқур дида баромаданд.*

*Тибқи таърифи аксари коршиносон, рақобати бонкӣ дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои худро дар сатҳи зарурӣ иҷро намекунад. Ин аз он иборат аст, ки дар бахши бонкии ҷумҳурӣ муҳити рақобатро ташаккул додан ва такмил додан зарур аст. Муносибат ва идоракуниро ба инкишофи муборизаи рақобати бонкҳои тиҷоратӣ ба куллӣ тағйир додан лозим аст. Шароити кунунӣ нишон медиҳад, ки муҳити рақобат босуръат тағйир меёбад ва бонкҳо бояд ба чунин тағйирот сари вақт вокуниш нишон диҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ташкилоти қарзӣ, бонк, бонкҳои тиҷоратӣ, қарз, хизматрасониҳои бонкӣ, қарзи бонкӣ, рақобат, рақобати бонкӣ, рақобатпазирии бонкҳо, рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ ва ғайра.*

## THEORETICAL ASPECTS OF IMPROVING THE COMPETITIVENESS OF THE BANKING SYSTEM IN MODERN CONDITIONS

**IKROMOV FAZLIDDIN NURIDDINOVICH,**
Candidate of Economics Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Public Finance Management Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue.
Phone: (+992) 981-07-67-67. E-mail: Fazliddin-91-91@mail.ru.
**GAYUROV GAIRAT KHAKIMOVICH,**
Candidate of Economics Sciences, Senior Lecturer,
Department of Banking, Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue.
Phone: (+992) 904-46-68-68. E-mail: gayrat-gayurov@mail.ru.
**SODIKZODA PARVIZ,**
Candidate of Economics Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy, Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue.
Phone: (+992) 100-11-93-06. E-mail: parvizis91@mail.ru.

*In the article, the authors present theoretical aspects of improving the competitiveness of the banking system in modern conditions. From the point of view of the authors, the problem of improving banking competitiveness is an important factor in the development of the banking system. This issue was reflected at the beginning of the revival of banking institutions and is still considered one of the main indicators of banking activity. A lot of specialists, different economic schools were involved in banking competition issues. Both representatives of classical schools and representatives of modern economic schools have deeply considered issues related to the competitiveness of organizations.*

*By the definition of many experts, banking competition in the banking sector of the Republic of Tajikistan does not fulfill its functions at the proper level. This is due to the fact that it is necessary to form and improve a competitive environment in the banking sector of the republic. It is necessary to fully change the approach and management to the development of the competition of commercial banks. Modern conditions show that the competitive environment is changing rapidly and banks need to respond to such changes in a timely manner.*

***Key words:*** *credit institution, bank, commercial banks, credit, banking services, bank credit, competition, banking competition, bank competitiveness, digitalization, digital economy, etc.*

**УДК:336.221(075)**

# МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ МОНИТОРИНГИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**ҶУМЪАБОЕВ ХУРШЕД ҚОДИРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумуҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 934-34-85-58. E-mail: andoz-73@mail.ru.

*Дар мақолаи мазкур дар доираи таҳқиқоти олимони ватанӣ оид ба нақш ва аҳамияти ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин зарурияти татбиқ намудани мониторинги самаранокии арзёбии он, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Имтиёзҳои андозии амалкунанда ба ҳавасмандгардонии навсозии технологии истеҳсолот, сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, рушди фаъолияти инноватсионӣ, таҷдиди сохтори энергетика ва дигар соҳаҳо равона карда шудаанд. Ин ҳавасмандиҳо бо роҳи кам кардани манбаи андоз, паст кардани меъёри андозҳо, озод кардани корхонаҳои истеҳсолӣ ва шахсони воқеӣ аз пардохти андоз ва дигар шаклҳои гуногуни имтиёзҳои андозӣ дар амал татбиқ мегардад. Қайд гардидааст, ки новобаста ба тамоюли зиёдшавии шумораи имтиёзҳои андозӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир аз тарафи олимон ва иқтисодчиёни соҳавӣ таҳлилҳои ҳаматарафаи мушаххас аз нуқтаи назари самаранокии иқтисодӣ, буҷетӣ ва иҷтимоӣ он субъектҳои хоҷагидорие,ки аз имтиёзҳои андозӣ баҳравар ҳастанд, анҷом дода нашудааст. Танҳо дар рафти гузаронидани мониторинги қайдшуда дар асоси таҳлили нишондодҳои молиявию иқтисодии ин корхонаҳое, ки имтиёзҳои андозиро истифода мебаранд, бо муқоисаи дараҷаи расидан ба он ҳадафҳое, ки ин имтиёзҳо нигаронида шуда буданд, самаранокии онро метавон бо таври саҳеҳ ва дақиқ арзёбӣ намуд.*

*Аз тарафи муаллиф як қатор муаммоҳо муайян гардидааст, ки ба татбиқи механизми мониторинги имтиёзҳои андозӣ дар амал монеъ мешаванд. Танҳо баъди роҳандозӣ намудани мониторинги самаранокии имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла таъсири мусбати он ба тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ имконпазир мегардад, ки дар бораи ба мақсад мувофиқ будани ин имтиёзҳо масъалагузорӣ карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки дар оянда ба қонунгузории амалкунандаи андоз ва гумруки кишвар тағйиротҳои зарурӣ ворид карда шуда, имтиёзҳои бесамарро бекор намуда, ки дар натиҷаи роҳандозии ин амалҳо ба афзоиши маблағҳои буҷетӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин дар охири мақолаи илмӣ аз тарафи муаллиф як қатор пешниҳодҳои мушаххас манзур гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми андоз, кодекси андоз, бахшҳои иқтисодиёт, рушди иктисодиёти миллӣ, мониторинги андоз, имтиёзҳои андозӣ, саноат, корхонаҳои саноати пахта, қонунгузории андоз, самаранокӣ, вазифаи ҳавасмандӣ, фаъолияти инноватсионӣ, даромадҳои буҷет, ӯҳдадории андоз, манбаи андозбандӣ, меъёрҳои андоз.*

Имтиёзҳои андозӣ яке аз воситаҳои асосии амалигардонии вазифаи муҳими танзими андозбандӣ ба ҳисоб рафта, моҳияти иқтисодӣ-иҷтимоии он аз он иборат аст, ки давлат ҳамчун иштирокчии фаъол ба равандҳои тақсимкунӣ ва такрористеҳсолкунӣ, бо воситаи шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.Он ҳамчун унсури сиёсати фискалии давлат амалӣ намуда, метавонад ба рушди истеҳсолот, такмили соҳаҳо ва сохтори худудии он, ба вуҷуд овардани иншооти зарурии инфрасохторӣ ва ғайра таъсири мусбӣ расонад. Инчунин бо ёрии имтиёзҳо вазифахои муҳими иҷтимоӣ, аз он ҷумла дастгирии табақаи гуногуни аҳолӣ бо воситаи озод намудани андозҳои алоҳида аз даромад,амвол амалӣ карда мешавад. Инчунин дар самти ҷалби бештараи сармоягузории дохиливу хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, имтиёзҳои андозӣ барои ҳавасмандгардонии он бештар истифода мешаванд

Оид ба мавқеъ ва аҳамияти имтиёзҳои андозӣ дар рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва муайянамоии самаранокии он дар шароити имруза аз тарафи олимони ватанӣ фикру ақидаҳои мухталиф вучуд дорад.

Чи тавре,ки Улуғхоҷаева Х.Р қайд менамояд «дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ барои ворид шудан бо маҳсулоти истеҳсолии худ ба бозори ҷаҳонӣ хеле муҳим аст. Бо ин мақсад ҳавасмандгардонии навсозии технологии истеҳсолот, сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, рушди фаъолияти инноватсионӣ, таҷдиди сохтори энергетика ва дигар соҳаҳо зарур аст. Барои ин бо рохи кам кардани манбаи андоз, паст кардани меъёри андоз, озод кардани корхонахои хурд ва шахсони воқеӣ аз пардохти андоз, шаклхои гуногуни имтиёзҳои андозиро ҷорӣ кардан лозим аст»[8, с.61].

Аз нуқтаи назари Шогунбеков М. В «дар давраи нисбатан кӯтоҳ вале бойи рӯйдодҳои ғанӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи тоҷикон таҷрибаи ташаккули низоми андоз аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи дигаргунсозии иқтисодиёти бозорӣ он дар таҳкими вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо натиҷаи пешбинишударо наовард. Камбудии ҷиддӣ, ба монанди сатҳи баланди гирифтани маблағҳои андозӣ ва самараи паст будани имтиёзҳои андозӣ то ҳоло боқӣ мондааст. Ин боиси аз даст рафтани захираҳои озоди молиявии субъектҳои хоҷагидор, афзоиши ноустувории молиявӣ, коҳиши фаъолияти сармоягузорӣ, махдуд шудани фаъолияти инноватсионӣ ва зиёд шудани қарзҳои кредиторӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои худи онҳо мегардад»[13, с.79].

Ба ақидаи Салимова М.М «муқаррар намудани имтиёзи андозӣ дорои хусусияти истисносии ҳар як намуди андоз ва яке аз унсурҳои ҳатмии он ба ҳисоб рафта, инчунин он ҳамчун фишанги бозории танзими иқтисодиёт ба воситаи он масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳал карда мешаванд. Аз ҷониби дигар, имтиёзҳои андозӣ принсипи адолатнокиро вайрон мекунад,яъне низоми имтиёзноки як андозсупоранда гаронии иловагиро ба души соҳибкорони дигар вогузор менамояд»[6, с.6-7].

Олими дигар Тоҷибоева Ф зарурияти татбиқи имтиёзҳои андозиро дар иқтисодиёти миллӣ таъкид намуда ба хулоса меояд,ки «имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозии истифодашуда сершумор, бенизом ва бесамар мебошанд. Барои муайян намудани сабабҳои истифодаи бесамарии имтиёзҳои андозӣ, ба низом даровардан ва азнавбаруйхатгирии имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозии мавҷудбуда, инчунин аз нуқтаи назари стратегияи дарозмуддати рушди давлат, муносибнамудани гаронии андоз зарур мебошад»[7, с.4].

Яке аз масъалаҳое, ки ба он бояд таваҷҷуҳ зоҳир кард- ин надоштани маълумоти пурра аз тарафи мақомоти андоз ва корхонаҳо оид ба натиҷаҳои имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозӣ «….ва сабаби онро маҳз дар набудани мониторинг ва арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозӣ вобаста карда ҳолати мазкур имкон намедиҳад,ки дар бораи бекор кардани баъзе аз ин ё он имтиёзҳо қарори дахлдор кабул карда шавад»[7, с.89].

Чи тавре,ки аз ақидаҳои олимони соҳавии иқтисодии ватанӣ,ки дар самти андоз ва андозбандӣ корҳои илмиву тадқиқотиро пеш мебаранд хулоса намудан мумкин аст,ки онҳо аҳамияти татбиқи имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозиро барои андозсупорандагони алоҳида ва бахшҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ҷонибдорӣ намуда, дар баробари ин, зарурияти таҳияи коркарди механизми арзёбии самаранокии имтиёзҳои муқарраршударо ва дар амал татбиқ намудани онро таъкид менамоянд.

Дар вақтҳои охир дар низоми андози миллӣ бо мақсади ҷалб намудани бештари маблагузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ дар чорчубаи чор ҳадафи стратегии кишвар, инчунин ҳавасмандгардонии рушди баъзе минтақаҳои дурдасти

кишвар барои дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ шумораи зиёди имтиёзҳои гуногун муқаррар гардидааст. «То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад.Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад»[11].

Аз рӯи натиҷаҳои таҳлили Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳри нав дар соли 2022 шумораи умумии имтиёзҳои андозии барои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳодшударо 215 номгуй ташкил менамояд [3, с.168-182;223-227;255-256;280;287]. Қисми зиёди имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои саноат, сохтмон, кишоварзӣ, истихроҷи сарватҳои табиӣ рост меояд [2, с.126].

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки имтиёзҳои андозие,ки ба бахши иқтисодиёти воқеъӣ равона карда шудаанд дар он вақт самаранок мебошанд агар:

•.ба ноил шудан ба ҳадафҳои макроиқтисодии муқарраршуда, ки аз вазъи мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ кишвар бармеоянд, мусоидат менамояд;

• боиси зиёд шудани сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ракобатнок мегардад;

• ба беҳбудии вазъи иҷтимоию иқтисодии ташкилотҳо ва минтақахои ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Яке аз мушкилоти низоми андози кишвар чи тавре, ки таҳлилгарони ватанӣ қайд намуданд, ин пеш набурдани корҳои назоратӣ оид ба арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозии амалкунанда ба ҳисоб меравад.Зарурияти ҳалли масъалаи мазкур дар яке аз баромадҳои Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ қайд гардидааст «....таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизм ва муҳлати пешниҳоди имтиёзҳо, инчунин, омори онҳо то ҳанӯз ба танзим дароварда нашудааст ва аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ мониторинг ва ҳисобот оид ба имтиёзҳои амалкунанда ва татбиқшуда ба таври дахлдор пеш бурда намешавад» [9].

Чи тавре,ки дида мешавад масъалаи муҳимияти омӯзиши ҷорӣ намудани мониторинги имтиёзҳои андозӣ ва арзёбии самаранокии он бояд дар мадди назари аввал қарор дода шавад чун,ки самаранокии фаъолияти иқтисодии субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ бевосита аз самаранокии низоми андоз ва аз он ҷумла, низоми ҳавасмандгардонии амалкунандаи андозбандӣ вобаста аст.

Аз ин нуктаи назар роҳандозӣ намудани мониторинги имтиёзҳо ва арзёбии самаранокии амалии онҳо имкон медиҳад, ки дар бораи дароз намудани муҳлати амалӣ ё бекор кардани онҳо қарорҳои асоснокшуда қабул карда шавад. Дар ҳолати имрӯза ягон механизми вобастагии мақсадноки имтиёзҳо аз хусусиятҳои натиҷаи кори андозсупорандагон таъсис дода нашудааст. Ихтисор намудани шумораи имтиёзҳои андозӣ набояд бо таври худкор амалӣ карда шавад. Мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо ҳукумат бояд меъёрҳои возеҳ барои пешниҳоди имтиёзҳои андозиро таҳия кунанд, ки барои ҷонибҳои манфиатдор боваркунонанда бошад» [5, с.93].

Тибқи Барномаи маъмурикунонии андоз дар солхои 2020-2025 яке аз самти муҳими роҳандозии он - ин фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорону сармоягузорон ҳамчун омили асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои андозӣ мебошад. Инчунин қайд намудан зарур аст, ки дар баробари ин масъалаи муҳими

дигар ин «баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байниидоравӣ бо дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаи маъмурикунонии андоз ин таҳияи тартиби баҳодиҳии танзими меъёрҳои андоз ва таъсири имтиёзҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ» ба ҳисоб меравад [1, с.5].

Барои он, ки механизми мониторинги имтиёзҳои андозии муқарраргардида дар амал татбиқ гардад, пеш аз ҳама як қатор чораҳои муҳим бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад,аз он ҷумла:

- зарур аст, ки мафҳуми самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозӣ ба таври возеҳ ва дақиқ дар ҳуҷҷатҳои меъёри-ҳуқуқии соҳаи андоз муайян карда шавад.

- самаранокии истифодаи имтиёзҳои андозиро аз рӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ таҳия гардида шавад.

- натиҷаи мониторинги гузаронидашудаи баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ бевосита бо қарорҳои дахлдор дар бораи дароз ё бекор намудани мӯҳлати амалии ин имтиёзҳо алоқаманд карда шавад.

Дар баробари ин, ба фикри мо нишондиҳандаҳои самаранокии имтиёзҳои андозӣ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

– алоқамандии пешниҳоди имтиёзҳои андозии ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиет равонашударо бо дараҷаи ноил шудани ба ҳадафҳои стратегии кишвар ҳамоҳанг карда шавад;

– дар бораи рафти истифодаи имтиёзҳои андозӣ маълумотҳои заруриро таҷассум намояд;

– тафсири нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии самаранокии имтиёзҳои андозӣ истифода мегарданд бояд дастрас, мукаммал ва дақиқ бошанд;

– мониторинги гузаронидашуда бояд аз руи нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатӣ асоснок карда шавад;

- натиҷаи таҳлили анҷомдодашудаи мониторинги самаранокии имтиёзҳои андозӣ мунтазам тавассути ахбори омма дастраси аҳли ҷомеъа гардад.

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст,ки барои роҳандозӣ намудани мониторинги самаранокии имтиёзҳои андозӣ чунин муаммоҳо вучуд дорад:

- набудани механизми ҷамъоварии маълумот дар бораи истифодаи имтиёзҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ аз ҷониби андозсупорандагон;

- дар қонунгузории андози амалкунанда мавҷуд набудани номгӯи пурраи намудҳои имтиёзҳои андозӣ ;

- дар Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани ӯҳдадории андозсупорандагон оид ба пешниҳоди маълумот (ба гайр пешниҳоди эъломияҳои андозӣ) дар самти истифодаи маблагҳои имтиёзҳои гирифташуда ба мақомоти андози кишвар (масалан барои харидорӣ ва муҷҷаҳазнамоии технологияи ҳозиразамон, баланд бардоштани музди меҳнати коргарон ва г) ё пешниҳоди маълумоти нопурраи он, ки таҳлили самаранокии имтиёзҳои андозиро душвор месозад;

- ҳамкории нокифояи байни сохторҳои давлатӣ, ки дар бораи гурруҳои имтиёзноки андозсупорандагон маълумот доранд;

- мушкилии ба инобат гирифтани сатҳи таъсири омилҳои дигар (мавҷудияти рақобат дар бозори истеъмоли молу маҳсулоти шабеҳ, қобилияти харидории аҳолӣ ва гайра),ки ба баҳогузории натиҷаи роҳандозии имтиёзҳои мушаххаси андозӣ мерасонад.

Барои гузаронидани мониторинги баррасишаванда пеш аз ҳама, ба шаклҳои амалкунандаи эъломияҳо, ки дар мақомоти андози кишвар муқаррар гардидааст, ворид намудани тагйиротхои зарурӣ аз он ҷумла, илова намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва самти истифодабарии он вобаста ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти андозсупорандагон

ба анҷом расонида шавад. Амалӣ намудани усули арзёбии самаранокии иқтисодии имтиёзҳои андозӣ дар асоси мониторинги як қатор нишондиҳандаҳо (афзоиши фонди музди меҳнат, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ) ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад[6, с.15].

Натиҷаи татбиқи амалии ин ва дигар пешниҳодҳо имкон медиҳад, ки дар бораи шумора ва гуруҳбандии андозсупорандагоне, ки аз имтиёзҳои муайяни андозӣ истифода мебаранд, инчунин дар бораи маблағҳои камомади даромадҳо дар низоми буҷети сатҳои гуногуни давлатӣ, ки аз натиҷаи истифодаи ҳар як намуди имтиёзҳои татбиқшаванда ба амал меояд,маълумотҳои омории дақиқ ва саҳеҳ пайдо гардад.

Ҳамин тариқ, масъалаи муҳлати дароз намудани имтиёзҳои андозӣ ё бекор намудани он бояд бо таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи натиҷаи самаранокии он дар давраи амалии ин имтиёзҳои андозӣ мавриди мониторинг қарор дода шуда, танҳо баъди он қарорҳои дахлдор қабул карда шавад. Дар асоси баҳодиҳии мазкур, инчунин дар бораи сатҳи талабот ба мавҷудияти имтиёзҳои мушаххас, натиҷаҳои татбиқи онҳо дар робита ба мувофиқати ҳадафҳои дар ибтидо гузошташуда хулосбарорӣ намуда, имкони аз истифодаи баъзе имтиёзҳои бесамар даст кашида шавад.

Дар шароити имруза дар раванди таҳия, баррасӣ ва қабули Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омори расмии маблагҳои пешгуйинамудаи имтиёзҳои андозии ба андозсупорандагон ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, инчунин дар бораи шартҳои пешниҳодмешудаи ин имтиёзҳо ва ҳаҷми ин маблағҳои ба буҷети давлатӣ вориднамешуда, маълумоти дақиқ ва мушаххас пешбинӣ намегардад.

Барои муқаррар намудани ҳаҷми умумии маблаги имтиёзҳо ва дигар сабукихои андозӣ, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои алоҳидаи қабулмешудаи ҳукумати кишвар барои андозсупорандагон пешбинӣ шудаанд, бояд корҳои ҷиддии тадқиқотӣ анҷом дода шаванд. Дар баробари ин, ҳатто маълумоти мавҷудаи оморие, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маблагҳои имтиёзҳои андозии дар бахшхои мухталифи иқтисодиёт пешниҳод мегардад бо сабаби номукаммал будани он, самаранокии муайян намудани ин имтиёзҳо на танҳо душвор, балки амалан имконнопазир аст. Инчун як нуктаи муҳимро бояд қайд намуд, ки мақомоти андози кишвар танхо корҳои назоратиро аз он ҷумла, қонунӣ будани аризаи андозсупорандагони мушаххасро оид ба истифодабарии имтиёзҳои андозӣ ва дуруст ҳисоб кардани маблағи онҳоро назорат намуда, барои пеш бурдани назорати самаранокии имтиёзҳои андозӣ масъул намебошад.

Таҳлили бомуваффақияти самаранокии имтиёзҳои андозӣ на танҳо маълумоти ибтидоӣ, балки ҳадафҳои мушаххаси пешниҳоди онҳоро низ талаб мекунад. Аммо, тавре ки таҳлили тағйирот ба бобҳои дахлдори Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба имтиёзҳои андозӣ, ки дар тӯли солҳои мавҷудияти низоми андози кишвар қабул шудаанд, нишон медиҳад, ки чунин ҳадафҳо барои ҳеҷ яке аз онҳо дар санадҳои дахлдор татбиқ нагардидаанд. Табиист, ки имтиёзҳои андозӣ ҳангоми баррасии онҳо дар мақомотҳои қонунгузорӣ ва иҷроия дар шакли умумӣ муҳокима карда мешаванд. Аз ҷумла, солҳои охир тақрибан ҳар сол барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ва субъектхои алоҳидаи хоҷагидорӣ имтиёзҳои андозии нав ҷорӣ карда мешаванд. Аммо дар ин тағйирот, барои истифодаи маблағҳои аз андозсупорандагон ҷудошуда, ба мақсади рушди истеҳсолот амалан шарт ва меъёрҳои қонунгузорӣ муқаррар карда нашудааст. Масалан, аз маблагҳои захирашудаи дар натиҷаи татбиқи имтиёзҳои андозии дар самтҳои муқарраршуда,андозсупорандагон

бояд фоизи муайяни як қисми фоидаи худро ҳамчун сармоя барои васеъ намудани фаъолияти соҳибкории худ равона намояд.

Барои ҳамаи озодкуниҳои пешниҳодшудаи андозӣ, ягон далели таъсири эҳтимолии иқтисодӣ ё иҷтимоии онҳо вуҷуд надорад. Гузашта аз ин, аксар вақт сабабҳои беамалии имтиёзҳои андозие, ки барои бекоркунӣ пешниҳод карда мешаванд, таҳлил карда намешаванд. Маҳз сабаби тез-тез тағир додани қонунгузории андоз ва бекор кардани он дар самти имтиёзҳои андозӣ, аз он иборат мебошад, ки асоснокии он дар марҳилаи ҷорӣ намудани ин имтиёзҳо ба таври дақиқ анҷом дода намешаванд. То қабул ва дар амал татбиқ намудани Кодекси андоз дар таҳрири нав (аз 1 январи соли 2022) масъалаи мазкур новобаста аз он ки,тибқи қонунгузории андоз солҳои дароз ба субъектҳои хоҷагидорӣ шумораи зиёди имтиёзҳои андозӣ роҳандозӣ карда мешуд, аммо ба самара ё натиҷаи ниҳоии ин сабукиҳои пешниҳодшуда ва дар маҷмуъ, таъсири мусбӣ ё манфии он ба фаъолияти ин субъектҳо, аз тарафи мақомоти молияву андози кишвар кам таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

Зарурияти масъалаи мазкурро ба инобат гирифта тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон“Баҳогузории самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ” қабул гардида ва дар оянда тибқи ҳуҷҷати мазкур дар рафти баҳогузорӣ меъёрҳои зерин истифода хоҳанд шуд: [4, с.10].

- самаранокии буҷетӣ – арзёбии натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии гуруҳҳои андозсупорандагоне, ки ба онҳо имтиёзҳои андозӣ дода шудаанд, аз нуқтаи назари таъсири онхо ба воридоти маблағҳои буҷетӣ;

– самаранокии иқтисодӣ – арзёбии динамикаи нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии фаъолияти иқтисодии андозсупорандагоне, ки аз имтиёзҳои андозӣ истифода мебаранд;

– самаранокии иҷтимоӣ – арзёбии дараҷаи ба даст овардани самараи муҳими иҷтимоӣ, ки дар тағирёбии сифат ва ҳаҷми хизматрасонӣ дар натиҷаи татбиқи низоми тадбирҳо оид ба беҳтар намудани сатҳи зисту зиндагонии андозсупорандагон ифода меёбад;

Чи тавре,ки дар боло қайд намудем дар қонунгузории андозу гумрукии кишвар ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар, аз он ҷумла бо назардошти татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат–саноатикунии босуръат,ки зарурияти воридоти технологияи ҳозиразамон ва навсозии истеҳсолотро, ки яке аз омилҳои муҳими пешравии фаъолияти ин корхонаҳо ба ҳисоб меравад, як зумра имтиёзҳо ва дигар сабукиҳои андозӣ пешниҳод гардидааст.Танҳо дар соҳаи саноати сабук, аз он ҷумла он корхонаҳое,ки бо коркарди пурраи пахта то истеҳсоли маҳсулоти матоъи дузандагии ниҳоӣ машгул ҳастанд аз пардохти 6 намуди андозҳо озод мебошанд.Инчунин фуруши маҳсулоти таёри мактабӣ ва воридоти таҷҳизоти технологӣ барои истеҳсоли ин маҳсулот аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд[10].

Таҳлилҳои банҷомдодаи мақомоти андоз нишон медиҳад, ки аз 12 корхонаҳои истеҳсолии дар самти коркарди пурраи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ ба қайд гирифта шуда, танҳо 3-тои он аз он ҷумла, ҶДММ “Файзи Истиқлол 2011”, ҶДММ “Иттиҳодияи истеҳсолии Нассоҷи тоҷик” ва ҶСП “Чжунтай Данғара Син Силу Текстайл пурра фаъолият намуда, боқимонда танҳо бо фаъолияти хариду фуруши пахта машғул мебошанд[12, с.16].Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки новобаста ба дастгирии давлатӣ дар самти роҳандозӣ намудани имтиёзҳои андозӣ, фаъолияти бархе аз корхонаҳои истехсолии саноатӣ ба талабот ҷавобгуй нест. «...Масалан фурӯши либосҳои мактабӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва воридоти ашёи такмилӣ барои истеҳсоли либосҳои мактабӣ аз боҷи воридотӣ ва аз андоз аз арзиши иловашуда озод

карда шуда бошад, ҳам танҳо дар соли 2018 аз ҳаҷми 98 ҳазор тонна нахи пахтаи истеҳсолшуда 93 ҳазор тоннаи он бо дарназардошти бақияи соли гузашта содирот шуда, сатҳи таъминоти хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ дар 8 моҳи соли 2019 ҳамагӣ 9 фоизро ташкил намуд, ки ниҳоят ташвишовар мебошад» [10].

Паст кардани меъёри андоз, инчунин озод кардан аз пардохти андоз аслан маънои ба андозсупоранда бе ягон уҳдадорӣ чудо кардани маблағҳои иловагии молиявиро дар самти истифодабарии онҳоро дорад. Ба ибораи дигар,давлат ягон кафолате надорад, ки маблағҳои имтиёзҳои андозии гирифташуда ё ҳадди аққал як қисми онҳо аз ҷониби андозсупорандагон ба самтҳое,ки фаъолияти субъектони хоҷагидориро васье менамояд, масалан барои рушд ва навсозии истеҳсолот ё баланд бардоштани сатҳи касбияти коргарони корхона  равона карда мешавад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар чунин ҳолатҳо на бештар аз сеяки захираҳои молиявии озодшуда ба таври мақсаднок сарф карда мешавад. Дар ҳамин ҳол давлат бояд дар сурати паст кардани меъёри андоз ва дар сурати дар шакли дигар додани имтиёзҳои андозӣ ба самараи кафолатноки иқтисодӣ умед бандад. Тартиб, меъёр ва мақсади истифодаи маблағҳои дар натиҷаи татбиқи  имтиёзҳои  равонашуда  махсусан барои мақсадҳои рушди корхонахои истеҳсолӣ дар санадҳои меъёри-хуқуқие, ки муносибатҳои андозиро ба танзим медарорад  муқаррар карда шавад. Барои ин  зарур аст,ки  тартиби муқаррар намудани низоми кафолатҳои истифодаи як қисми маблағҳои молиявӣ аз ҷониби андозсупоранда барои  мақсадҳои дар боло қайд шуда, бо назардошти хусусият ва самти фаъолияти иқтисодии  категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон ҷорӣ карда шавад. Илова бар ин, барои ҳар як гурӯҳи имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла ҳаҷми маблагхои имтиёзие, ки андозсупорандагон воқеан истифода мебаранд, ҳисоботи дахлдори оморӣ ҷорӣ кардан лозим меояд.

Танҳо таҳияи чораҳои мақсаднок оид ба ташкили низоми  ҳавасмандгардонии андоз ва танзими он дар чорчубаи амалӣ намудани мониторинги самаранокии имтиёз ва дигар сабукиҳои андозии  муқарраргардида, ба гузариши иқтисодиёти кишварамон ба роҳи рушди инноватсионӣ мусоидат  менамояд.

**Адабиёт**


1. Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар солхои 2020-2025с / Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 30 декабри соли 2019 таҳти  №643.18 саҳ
2. Джумабоев Х.К. Вопросы теории и практики эффективности налоговых льгот / Х.К. Джумабоев // Современная налоговая система: состояние, проблемы и перспективы развития. материалы XV Международной научной конференции. - Уфа, 8 июня 2022г. - С. 124-129.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 324с
4. Қарори Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ»  аз 31.12.2020, таҳти №670 / – Душанбе, 2020. – 31с.
5. Махмадуллоев Д.О льготах и санкциях в налоговом механизме. / Д.О.Махмадуллоев //Вестник-ТГУ (серия социально-экономических и общественных наук )№ 2/8 (100).Часть 2.2012.  С.93-97
6. Салимова М.М.Оид ба масоили самаранокии имтиёзҳои андоз: таҷрибаи муосир. /  М.М.Салимова. // Ахбори ДДБХСТ №1.2019. С.5-18
7. Тоджибоева Ф. Э. Влияние налогового механизма на развитие экономики Таджикистана. диссе…канд. экон. наук по спец.: 08.00.10 / Ф.Э.Тоджибоева.-Душанбе-2020.-150 с.
8. Улугходжаева Х.Р. Методы государственного налогового регулирования и стимулирования инвестиционно-инновационных процессов. /Х.Р.Улугходжаева.,

Ф.Э.Таджибаева Х.Р //Вестник-ТГУ (серия социально-экономических и общественных наук ) 2018. №8. С. 60-63

9. Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорон. ш.Душанбе, 14.10.2017. http://www.president.tj

10. Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони соҳаи саноати кишвар. ш.Душанбе, 14.10.2019. http://www.president.tj

11. Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ш.Душанбе,23.12.2022. http://www.president.tj

12. Ҳисобот оид ба баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозию гумрукӣ. –Душанбе, 2021. – 39с.

13. Шогунбеков М. В. Совершенствование механизма налогово-бюджетной поддержки развития региона (на материалах Согдийской области РТ): дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / М.В. Шогунбеков. – Худжанд, 2018. – 138 с.

# МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ МОНИТОРИНГА ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**ДЖУМАБОЕВ ХУРШЕД КОДИРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложения
Таджикского государственного финансового экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 934-34-85-58. E-mail: andoz-73@mail.ru.

*В данной статье в рамках исследований отечественных ученых изучено и проанализированно роль и значение внедрения налоговых льгот в деятельность хозяйствующих субъектов, а также о необходимости осуществления мониторинга оценки его эффективности. Действующие налоговые льготы направлены на поощрение технологической модернизации производства, инвестиций в приоритетные отрасли экономики, развитие инновационной деятельности, реструктуризацию энергетики и других направлений. Эти льготы реализуются путем сокращения налоговой базы, снижения налоговой ставки, освобождения производственных предприятий и физических лиц от уплаты налогов и других различных форм налоговых льгот.В последние годы ученые и экономисты не проводили всестороннего комплексного и конкретного анализа с точки зрения экономической, бюджетной и социальной эффективности тех хозяйствующих субъектов, которые пользуются налоговыми льготами. Только в ходе указанного мониторинга, на основе анализа финансово-экономических показателей этих компаний, использующих налоговые льготы, сопоставления степени достижения целей, на которые эти льготы были направлены, можно точно оценить его эффективность.*

*Автором выявлены ряд проблем, препятствующих реализации механизма мониторинга налоговых льгот на практике.Только после проведения мониторинга эффективности налоговых льгот в том числе о ее положительном влияние на развитие отдельных отраслей национальной экономики можно будет ставит вопрос о целесобразности данных льгот. Это дает возможность в далнейшем внести необходимые изменения в действующем налоговом и таможенном законодательстве страны по отмене налоговых льгот, тем самым оно будет способствовать к увеличению бюджетных средств.Также в конце научной статьи автором представлены ряд конкретных практических предложений.*

***Ключевые слова**: налоговая система, налоговый кодекс, отрасли экономики, развитие народного хозяйства, налоговый мониторинг, налоговые льготы, промышленность, предприятия хлопковой отрасли, налоговое законодательство, эффективность,*

*стимулирующая функция, инновационная деятельность, доходы бюджета, налоговое обязательство, налогооблагаемая база, налоговые ставки.*

## THE PLACE AND IMPORTANCE OF MONITORING THE EFFECTIVENESS OF TAX INCENTIVES IN MODERN CONDITIONS

**JUMABOEV KHURSHED KODIROVICH,**
Candidate of economics sciences, Associate Professor of the
Taxes and Taxation Department, Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov st.
Phone: (+992) 934-34-85-58. E-mail: andoz-73@mail.ru.

*In this article, within the framework of research by domestic scientists, the role and importance of introducing tax incentives into the activities of economic entities, as well as the need to monitor the evaluation of its effectiveness, have been studied and analyzed. The current tax incentives are aimed at encouraging the technological modernization of production, investment in priority sectors of the economy, the development of innovative activities, the restructuring of the energy sector and other areas. These benefits are implemented by reducing the tax base, lowering the tax rate, exempting industrial enterprises and individuals from paying taxes and other various forms of tax benefits. In recent years, scientists and economists have not conducted a comprehensive, comprehensive and specific analysis in terms of economic, budgetary and social efficiency those economic entities that enjoy tax benefits. Only in the course of this monitoring, on the basis of an analysis of the financial and economic indicators of these companies using tax incentives, a comparison of the degree of achievement of the goals for which these incentives were directed, it is possible to accurately assess its effectiveness.*

*The author identified a number of problems that impede the implementation of the mechanism for monitoring tax benefits in practice. Only after monitoring the effectiveness of tax benefits, including its positive impact on the development of certain sectors of the national economy, it will be possible to raise the question of the appropriateness of these benefits. This makes it possible in the future to make the necessary changes in the current tax and customs legislation of the country to abolish tax benefits, thereby contributing to an increase in budgetary funds. Also at the end of the scientific article, the author presents a number of specific practical proposals.*

***Key words:*** *tax system, tax code, sectors of the economy, development of the national economy, tax monitoring, tax incentives, industry, cotton industry enterprises, tax legislation, efficiency, stimulating function, innovation, budget revenues, tax liability, taxable base, tax rates.*

УДК 439 (275.3)

# ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАХШИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**НИЁЗОВ ИСЛОМ ШАРИФОВИЧ,**
муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992)935-29-21-22. Email: islom.niyezov@bk.ru

*Дар мақола масъалаҳо вобаста ба “Дурнамои рушди ҳамкориҳои бахши давлатию хусусии таҳсилоти олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳлил ва арзёбӣ гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити ҳозираи идома ёфтани ислоҳоти иқтисоди бозорӣ дар мамлакат идоракунии низоми маориф ва илм бояд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Айни замон дар ҷумҳурӣ фактҳои мувофиқат накардани таҳияи кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат ба назар мерасад. Чунин камбудиҳо махсусан дар таъминоти кадрии корхонаҳои бахши истеҳсолӣ ба назар мерасад. Аз ин нигоҳ боздеҳи маблағҳои барои таҳия, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо сарфшуда дар сатҳи паст мебошад.*

*Аз ин лиҳоз зарур аст, дар шароити ҳозираи шиддат ёфтани рақобат масъалаҳои рушди маориф, таҳияи кадрҳои илмию техникӣ, қонеъ гардонидани бозори меҳнат бо мутахассисони варзида, ташаббускор ва ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ дар маркази диққат қарор бигиранд.*

***Калидвожаҳо:*** дурнамои рушди ҳамкории давлатию хусусӣ *таҳсилоти олии касбӣ, иқтисоди бозорӣ, кадрҳои илмию техникӣ, бозори меҳнат, боздеҳи маблағҳо, дастрасӣ ба бозори меҳнат, тавозуни талаботу пешниҳодот, омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо, рақобатпазирии таълимоти касбӣ, низоми идоракунии стратегияи донишгоҳ, низоми таҳслоти касбӣ, модернизатсияи таҳсилоти ватанӣ.*

Бо андозаи мураккабшавии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, давлат ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ғайра, беш аз ҳама бо масъалаҳое бархӯрд мекунад, ки ҳалли онҳо ҷалби захираҳои молиявӣ, идоракунӣ ва инсониро тақозо менамоянд.

Дар шароити кам будани захираҳои давлатӣ, барои қонеъгардонии тамоми талаботи ҷамъиятӣ дар як қатор соҳаҳое ки пештар истисноан дар доираи масъулияти давлат қарор доштанд (нақлиёт, электроэнергетика, комплекси ҳарбию саноатӣ , ҳамчунин соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, илм, тандурустӣ) дар айни замон ҷалби захираҳои сохторҳои соҳибкорӣ ба мушоҳида мерасад. Яке аз шаклҳои муносибатҳои ҳамкории байни давлат ва бизнес ҳамкории давлатию хусусӣ мебошад.

Тибқи қоида, лоиҳаҳои дар доираи ҳамкории давлатию хусусӣ -лоиҳаҳои амалишаванда ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба хизматрасонӣ ба аҳолӣ, рушди моликияти давлатӣ ва мунитсипалӣ, аз ҷумла дар бахши таҳсилоти олии касбӣ, нигаронида шудаанд. Бартарияти муҳими муносибати мазкур хусусияти дарозмуҳлатии муносибатҳои ҳамкорӣ аст, ки кафолати рушди соҳа мебошад. Чунин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳо ҳатто дар соҳаҳое ки камдаромад ҳастанд, яъне дар соҳаҳои бахши иҷтимоӣ (маориф, илм), ба туфайли имкониятҳои ҷалби захираҳои бахши хусусӣ, амалӣ гардонида шаванд.

Дар адабиёти ватанӣ синонимҳои мухталифи истилоҳи ҳамкории давлатию хусусӣ мавҷуданд: ҳамкории давлатию хусусӣ, ҳамкории хусусию ҷамъиятӣ, ҳамкории оммавию хусусӣ, ҳамкории давлат ва бизнеси хусусӣ, кооператсияи хусусию давлатӣ, ҳамкории ҷамъиятию хусусӣ. Азбаски дар таҷрибаи қонунгузории ватанӣ таърифи

ягонаи ҳамкории давлатию хусусӣ вуҷуд надорад, баррасии тафсири гуногуни мафҳуми мазкур дар таҷрибаи хориҷа мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Дар робита ба он, ки консепсияи ҳамкории давлатию хусусӣ дар хориҷа тавлид ёфтааст, аввал баррасии таърифи дар таҷрибаи ҷаҳонӣ пазируфташуда мувофиқи мақсад хоҳад буд. Масалан, Бонки ҷаҳонӣ ҳамкории давлатию хусусиро ба маънои васеъи "созишномаи миёна ва дарозмуҳлат дар байни бахшҳо, ки дар доираи онҳо хизматрасонӣ ба амал меояд, аммо татбиқи онҳо тавассути бахши хусусӣ сурат мегирад ва дар ин ҳолат тақсимоти дақиқи масъалаҳои рушди инфрасохтор ва (ё) хизматрасонии ҷамъиятӣ вуҷуд дорад", муайян мекунад.

Дар ИМА, масалан, ҳамкории давлатию хусусӣ "созишномаи байни давлат ва бахши хусусӣ мебошад, ки дар шакли шартнома ба расмият дароварда мешавад ва ба бизнес имкон медиҳад дар шакли мувофиқашуда дар моликияти давлатӣ иштирок кунад ва функсияҳоеро дар бахши масъулияти ҳукумати ҷамъиятӣ қарор доштанд, иҷро намояд". Дар ин ҳолат, нақши тарафҳо дар лоиҳаҳое ки дар доираи ҳамкории давлатию хусусӣ амалӣ гардонида мешаванд, метавонад тағйир ёбад. Яъне бахши хусусӣ аз гирифтани рискҳои муайян ва розӣ шудан ба системаи таҳримоти ҷаримавӣ то иҷрои лоиҳаҳои комплексии дарбаргирандаи сохтмон, модернизатсия, ба кор даровардан ва идоракунии объектҳоро бар дӯши худ мегирад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ба хулосае меоварад, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ду муносибат дар муайянкунии консепсияи ҳамкории давлатию хусусӣ вуҷуд дорад. Аз як тараф, дар зери ҳамкории давлатию хусусӣ системаи муносибатҳои байни давлат ва бизнес фаҳмида мешавад, ки ба сифати абзори танзимкунандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии байналмиллалӣ, миллӣ, минтақавӣ, мунитсипалӣ васеъ истифода карда мешавад, аз тарафи дигар, ҳамкории давлатию хусусӣ ҳамчун лоиҳаҳои мушаххасе баррасӣ карда мешаванд, ки мақомоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ ба таври муштарак дар объектҳои моликияти давлатӣ ва мунитсипалӣ амалӣ мекунанд.

Олими дигари рус М. В. Вилисов дар асарҳои худ дар зери ҳамкории давлатию хусусӣ "механизми ҳуқуқии мувофиқакунонии манфиатҳо ва таъмини баробарҳуқуқии давлат ва бизнес дар доираҳои амалигардонии лоиҳаҳои иқтисодии барои расидан ба ҳадафҳои идоракунии давлатӣ нигаронидашуда"-ро мефаҳмад» [40].

Таърифи нисбатан кӯтоҳро муҳаққиқи масъалаи ҳамкории давлатию хусусӣ дар Россия В. А. Кабашкин пешниҳод менамояд. Ӯ ҳамкории давлатию хусусӣ ро ҳамчун "ҷалби бахши хусусӣ барои нисбатан самаранок ва босифат иҷро кардани масъалаҳои вобаста ба бахши оммавӣ дар шароити ҷубронкунии хароҷот, тақсимоти рискҳо, ӯҳдадориҳо, салоҳиятҳо" мефаҳмад. [60, с.57].

Таърифи ироадодаи намояндагони Бонки иқтисодии берунӣ, ки соли 2011 Маркази амалигардонии ҳам кории давлатию хусусӣ лоиҳаҳоро созмон дода буданд, низ таваҷҷуҳро ба худ ҷалб менамояд. Тибқи тафсири онҳо, дар зери ҳамкории давлатию хусусӣ "ҷалби бахши хусусӣ дар асоси шартнома аз тарафи мақомоти ҳукуматӣ барои иҷрои нисбатан самаранок ва босифати масъалаҳои вобаста ба бахши оммавии иқтисод дар шароити ҷубронкунии хароҷот, тақсимоти рискҳо, ӯҳдадориҳо, салоҳиятҳо" фаҳмида мешавад [35].

Пас аз таҳлили таърифҳои дар боло овардашуда, хусусиятҳои хоси зерини ҳамкории давлатию хусусӣ - лоиҳаҳоро зикр намудан мумкин аст:

— муносибатҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровардашудаи байни давлат аз як тараф ва бизнес-сохторҳо аз тарафи дигар;
— қатъан хусусияти ихтиёрӣ дорад;
— усули асосии он ҳамкорӣ дар заминаи манфиатҳои байниҳамдигарӣ мебошад;

— тақсимоти масъулият, ӯҳдадориҳо, рискҳо ва захираҳоро бо мақсади расидан ба самаранокии ниҳоӣ ҳангоми амалигардонии лоиҳа дар назар дорад;
— асосан хусусияти дарозмуҳлатӣ дорад;
— натиҷаи амалигардонӣ хусусияти муҳими ҷамъиятӣ дорад.

Азбаски кори мазкур ба таҳқиқи ҳамкории давлатию хусусӣ дар бахши таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст, ба расмият даровардани таърифи ҳамкории давлатию хусусӣ дар бахши мазкур зарур аст. Ба ақидаи мо, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси дар боло овардашудаи ҳамкорӣ, метавон ҳамкории давлатию хусусӣ дар бахши таҳсилоти олии касбиро ҳамчун системаи муносибатҳои дарозмуддат ва муфиди байни давлат ва бизнес бо ҳадафи тақсимоти самараноки нақшҳо дар байни шарикон (масалан ҳангоми сохтмон, азнавсозӣ ва ба кор даровардани объектҳои инфрасохтори таълимӣ, ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стандартҳои таълимӣ, ҳангоми ташкили конфронсҳо ва гузаронидани машваратҳо ва ғайра) дар бахши таҳсилоти олии касбӣ муайян кард.

Тасаввур карда мешавад, ки ҳадафи ҳамкории давлатию хусусӣ дар бахши мазкур сохтани шароити захираҳои молиявӣ ва захираҳои дигаре аст, ки ба рушди самаранокӣ ва рақобатпазирии системаи ватании таҳсилоти олии касбӣ, ҷаззобияти инвеститсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин таъмини пешниҳоди хизматрасониҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ, бо нигоҳ доштани сифати баланди онҳо, мусоидат карда тавонад.

Дар байни вазифаҳои расидан ба ҳадафи мазкур, инҳоро зикр намудан мумкин аст:
— рушди пойгоҳи моддию техникии инвеститсияҳои хусусӣ дар бахши таҳсилоти олии касбӣ;
— фароҳам овардани шароит барои ҷалби инвеститсияҳо дар бахши таҳсилоти олии касбӣ;
— нигоҳ доштани сифати баланди хизматрасонӣ дар доираҳои бахши таҳсилоти олии касбӣ;
— ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳамкории гузаронидани фаъолияти илмию таҳқиқотӣ;
— таъмини дастрасии тамоми қишрҳои аҳолӣ ба хизматрасонӣ дар бахши таҳсилоти олии касбӣ.

Муҳтавои иктисодии ҳамкории давлатию хусусӣ, пеш аз ҳама, аз мувофиқакунонии манфиатҳои давлат иборат мебошад, ки манфиатҳои ҷамъият ва бизнесро ифода менамояд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ш. Душанбе, 28 декабри соли 2012, №907
2. Қарор дар бораи номгӯи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимои, ки нисбат ба онҳо Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусуси"татбиқ карда мешавад.
3. Айрапетян М.С. Зарубежный опыт использования государственно-частного партнерства //Государственная власть и местное самоуправление № 2 - 2009. -С. 35-42.
4. Аналитический отчет по результатам исследования «Развитие государственно-частного партнерства в регионах ЦФО: инвестиции инфраструктура» // М.: Центр развития государственно-частного партнерства - 2010. - 128 с.
5. Артемов С. Частно-государственное партнерство - вызов правительству // Коммерсант. «Business Guide (Инновации)». Приложение, № 164(3495) - 2006.

6. Ахинов Г.А., Жильцов Е.Н. Экономика общественного сектора // М.: ИН-ФРА-М-2008-256 с.

# ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО И ЧАСТНОГО СЕКТОРА ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**НИЁЗОВ ИСЛОМ ШАРИФОВИЧ,**
старший преподаватель кафедры экономической теории
Таджикский государственный педагогический Университет имени С. Айнӣ.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел.: (+992) 935-29-21-22. Email: islom.niyezov@bk.ru

*В статье рассмотрены вопросы совершенствования механизмов управления учреждений высшего профессинального обравзования Республики Таджикистан. Авторы отметили, что в нынешних условиях продолжения рыночных преобразований, управление образованием и наукой должно подняться на более высокомий уровень. В настоящее время в республике наблюдаются факты несоответствия уровня подготовки специалистов к современным требованиям рынка труда. Такие недостатки имеются и в кадровом обеспечений производственных предприятий. Поэтому эффективность и отдача израсходованных денежных средств в сфере подготовки, обучения и переобучения кадров продолжают оставаться низкимнияи, хотя имееются некорорые достижения по диверсификации источников финансирования отрасли.*

*С учетом сложивщейся ситуации, в условиях напряженности конкуренции, вопросы образования, подготовки, обучения и совершенствования квалификации научно-технических кадров, отвечающимся международным стандартам входят в число приоритетных задач национальной экономики.*

**Ключевые слова:** *механизм управления, учреждения высшего профессионального образования, рыночная экономика, научно-технические кадры, рынок труда, отдача денежных средств, доступ к рынку труда, баланс спроса и предложения, обучение и переобучение кадров, конкурентоспособность профессионального обучения, система управления стратегии университета, система профессионального обучения, модернизация отечественного обучения.*

# PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF THE PUBLIC AND PRIVATE SECTOR OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**NIYOZOV ISLOM SHARIFOVICH,**
Senior Lecturer, Department of Economic Theory
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 935-29-21-22/ Email: islom.niyezov@bk.ru

*The article considers the issues of improving the management mechanisms of institutions of higher professional education of the Republic of Tajikistan. The authors noted that under the current conditions of continuing market reforms, the management of education and science should rise to a high level. At present, in the republic there are facts of inconsistency with the level of training of specialists for the modern requirements of the labor market. Such shortcomings exist in the staffing of production enterprises.*

*Therefore, the efficiency and return on spent money in the field of training, education and retraining of personnel continue to be low. Given the current situation in the face of competition, issues of achieving education, training, training and improving the qualifications of scientific and technical personnel that meet international standards are among the priority sectors of Tajik society.*

**Key words:** *management mechanism, institutions of higher professional education, market economy, scientific and technical personnel, labor market, cash return, access to the labor market, supply and demand balance, training and retraining of personnel, competitiveness of vocational training, university strategy management system, vocational training system, modernization of domestic education.*

УДК 338.46.

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ШОВАЛИЕВА ФАРЗОНА ШЕРАЛИЕВНА**,
ассистенти кафедраи иқтисодиёти
Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Борбад.
Тел.: (+992) 985-54-54-91. E-mail: farzona-1991@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳлили вазъи рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Хизматрасонии таълимӣ, ба монанди ҳама гуна маҳсулот, дар бозор фурӯхта мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи харидорон ва фурӯшандагони мавҷуда ва эҳтимолии мол фаҳмида мешавад. Бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар ин маврид бозорест, ки дар он талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ аз субъектҳои асосии хоҷагидорӣ (шахсони воқеӣ, хоҷагиҳо, корхонаю ташкилотҳо, давлат) ва пешниҳоди онҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии гуногун мутақобила мешаванд.*

*Дар мақола тавсия дода мешавад, ки рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ дар се сатҳ дида баромада шавад:*

*- дар сатҳи макро - ҳамчун қобилияти муассисаи таълимӣ барои расонидани хизмат, ки татбиқи он некуаҳволии кишварро баланд мебардорад;*

*- дар сатҳи мезо- мувофиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ ба талаботи ҷомеа, аз ҷумла бозори меҳнат;*

*- дар сатҳи микро – ҳамчун дараҷаи мутобиқати хусусиятҳои сифатии хизматрасониҳои таълимии аз ҷониби муассиса, ба талаботи истеъмолкунандагон ва намояндагони онҳо мувофиқат кардан.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобатпазирӣ, хизматрасониҳои таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ, низоми таҳсилот, бозори хизматрасонии таълимӣ, таҳсилоти олии касбӣ, маҳсулот.*

Дар айни замон, мушкилоти рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯҳои рӯзмарра дар нашрияҳои махсус, нашрияҳои алоҳида, конференсияву семинарҳои гуногуни донишгоҳу донишкадаҳо, ки ба муайян кардани дурнамои рушди муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ бахшида шудаанд, ба шумор меравад. Сабаби асосии зиёд шудани таваҷҷуҳ ба рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, дар фазои ҷаҳонишавии иқтисодиёт мебошад, ки барои муқоисаи самаранокии низомҳои гуногун, аз он ҷумла низоми таълимӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Амалигардонии стратегияву барномаҳои қабулнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти касбӣ дар ҷомеаи муосир, роҳи асосии болоравии дониш ва худшиносии касбӣ мегардад, аз ин рӯ, талабот ба хизматрасониҳои муассисаҳои таҳсилотии олии касбии муайян ба яке аз меъёрҳои арзёбии сифати таҳсилот, яке аз нишондиҳандаҳои дараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Хатлон мебошад. Ба ғайр аз ин агар аз як тараф нишондиҳандаҳои дараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Хатлон бошад, аз тарафи дигар, сатҳ ва аҳамияти таҳсилоти гирифташуда муҳимтарин нишондиҳандаҳои вазъи иҷтимоӣ ва муваффақияти фард низ ба ҳисоб меравад.

Дар масъалаи хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии аз ҷониби иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқотҳои илмии зиёде ба анҷом расонида шудааст,

аммо дар мавзӯи ҷанбаҳои назариявии рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври бояду шояд таҳқиқотҳо гузаронида нашудаанд.

Ҳамзамон дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем, ки мафҳуми «рақобатпазирӣ»-ро омӯхта ва роҳҳои баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳоро дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хизматрасонии ҷаҳонии таҳсилотӣ муайян намоем.

Дар масъалаи мазкур олими ватанӣ Бобиев А.Қ. дар рисолаи илмии худ бо номи “Механизми таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таълимии бахши давлатии таҳсилоти олӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)” қайд кардааст, ки хизматрасонии таълимиро метавон ҳамчун фаъолияти меҳнатӣ маънидод кард, ки ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ё субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ ба таълим, аз он ҷумла аз худ намудани дониш, малака ва маҳорат нигаронида шудааст. Хизматрасонии таълимӣ ҳамчун натиҷаи меҳнат ифода гардида, манфиати иқтисодӣ, рушди сармояи инсонӣ, инчунин ҳамчун омили рушди иқтисодӣ, афзоиши истеҳсолоти ММД инъикос менамояд. Ҳамин тариқ, хизматрасонии таълимӣ маҳсули асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад[1, с.18].

Хизматрасонии таълимӣ, ба монанди ҳама гуна маҳсулот, дар бозор фурӯхта мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи харидорон ва фурӯшандагони мавҷуда ва эҳтимолии мол фаҳмида мешавад. Бозори хизматрасониҳои таълимӣ дар ин маврид бозорест, ки дар он талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ аз субъектҳои асосии хоҷагидорӣ (шахсони воқеӣ, хоҷагиҳо, корхонаю ташкилотҳо, давлат) ва пешниҳоди онҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимии гуногун мутақобила мешаванд. Ба иштирокчиёни бозори мазкур ба ғайр аз истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасонии таълимӣ доираи васеи миёнаравҳо, аз ҷумла Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, биржаҳои меҳнат, мақомоти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимӣ, фондҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ инчунин мақомотҳои махсусгардонидашуда, марказҳои таълимӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Рашидова Д.Ҷ. дар мақолаи илмии худ бо номи “Методикаи арзёбии рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” қайд намудааст, ки дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, гарчанде, ки фарқиятҳои хоси соҳавӣ вуҷуд доранд, ин аз хусусиятҳои мушаххаси мундариҷа, технологияҳо ва шароити истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, инчунин дар таркиб ва сатҳи хизматрасониҳои таълимӣ зоҳир мешаванд, салоҳиятҳои касбии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, вале он бо қонунҳои бозори мол ва ҳамкории иштирокчиёни рақобат тавсиф мешавад. Дар доираи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ объекти рақобатпазирӣ хизматрасониҳои таълимӣ баромад мекунанд. Хизматрасонии мазкур ҳамчун объект дар натиҷаи фаъолияти субъектҳо – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташаккул меёбад, ки равандҳои идоракунӣ, ташкилӣ, истеҳсолӣ ва маркетингиро фаро мегирад. Аз ин рӯ, қобилияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар рақобат, ғолибият дар рақобат, ки ба он имкон медиҳад мавқеи мавҷуда, ҷалби истеъмолкунандагони нав ва ба даст овардани мавқеи устувор дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ, рақобатпазирии МТОК-ро тавсиф кунад. Ҳамин тариқ, рақобатпазирӣ натиҷаи функсионалии истифодаи системаи омилҳо, амали рақобат дар бозорро инъикос мекунад[7, с.155-163].

Ба фикри инҷониб мафҳуми рақобатпазирӣ, яке аз категорияи иқтисодӣ буда, барои тавсифи ҳама гуна намудҳо ва соҳаҳои фаъолият истифода мешавад, дар ҳолатҳое, ки онҳоро аз рӯи баъзе хусусиятҳояшон муқоиса кардан мумкин бошад.

Ҳамин тариқ, хулосаҳо дар бораи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, дастаҳои варзишӣ, назарияҳои илмӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё иқтисодиёти кишварҳои алоҳида мувофиқанд. Мафҳуми баррасишаванда танҳо хусусиятҳои умумии объекти дахлдорро нишон медиҳад, ки бартариятҳои рақобатии онро, фарқиятҳо аз дигар объектҳои якхела «ғайрирақобатро» ифода мекунад.

Рақобатпазирӣ - маҷмӯи ҳолатҳо, хосиятҳо, хусусиятҳои субъектҳои муайяни дорои як хусусият, ки қобилияти (тайёр будани) онҳоро барои беҳтар қонеъ гардонидани талаботи мушаххаси шахс, гурӯҳҳои одамон ва умуман ҷомеаро муайян мекунанд. Истеъмолкунанда бо ба таври муайян ҷойгир кардани ин хосиятҳо, дар муносибатҳои муайян гузоштани онҳо маҷмӯи муайяни «монандиҳо» ва фарқияти объектҳои муқоисашавандаро ташкил медиҳад, ки имкони дар шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ интихоби огоҳона кунад [8, с.53-59].

Ба фикри инҷониб, моҳияте, ки ба истеъмолкунанда афзалият дода шудааст, рақобатпазирӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки аз мақолаҳои батабърасида, тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, мафҳуми «рақобатпазирӣ» аксар вақт дар баробари мафҳумҳои «самаранокӣ» ва «сифат» истифода мешавад, вале ин мафҳумҳо, гарчанде ки бо ҳам алоқаманданд, якхела нестанд. Пас, агар рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар муқоиса бо низоми маорифи дигар кишварҳо муқаррар карда шавад, он гоҳ самаранокии ин низом барои муҳите, ки дар он фаъолият мекунад, алалхусус барои давлат ва ҷомеа муайян карда мешавад. Муайян намудани самаранокии низоми таҳсилоти олии касбӣ муқоисаи онро бо низоми маорифи дигар кишварҳо пешбинӣ намекунад, балки муқаррар намудани дараҷаи ноил шудан ба натиҷаҳои таълимии дар стандарт муқарраргардидаро бо харҷи камтарини имконпазир дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, баъд аз омӯзиши ақидаҳо оид ба рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ - ин қобилияти аз дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касби аз рӯйи нишондиҳандаҳои беҳтарини иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили сифати таълим, нарх, шаклу усулҳои таълим, шароит, мавқеъ, мақом, нуфуз, реклама ва ғайра фарқ кардан мебошад.

Ҳамзамон вазъи рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2015-2020 дар ҷадвали зерин дида мебароем.

***Ҷадвали 1.***

***Динамикаи вазъи рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Соли 2020 нисбат ба соли 2015 бо (%)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| Адади муассисаҳо, воҳид | 37 | 39 | 39 | 39 | 40 | 41 | +10,8 |
| Миқдори донишҷӯён дар муассиса-ҳо, ҳаз. нафар | 176,5 | 186,9 | 195,7 | 209,8 | 229,6 | 245,9 | +39,3 |
| Ба 10000 нафар аҳолӣ | 209 | 216 | 221 | 232 | 249 | 261 | +24,9 |
| Аз шумораи умумии донишҷӯён – занҳо, ҳаз. нафар | 59,0 | 65,9 | 70,4 | 76,4 | 86,5 | 87,4 | +48,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз шумораи умумии донишҷӯён – занҳо (бо %) | 33,4 | 53,3 | 36,0 | 36,4 | 37,7 | 35,5 | +2,1 |
| Аз шумораи умумии донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона таҳсил доштанд, ҳаз. нафар | 120,5 | 127,4 | 133,7 | 144,7 | 151,7 | 167,6 | +39,1 |

**идомаи ҷадвали 1.**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз шумораи умумии донишҷӯён дар шуъбаи ғоибона таҳсил доштанд, ҳаз. нафар | 56,0 | 59,5 | 62,0 | 56,1 | 77,9 | 78,3 | +39,8 |
| Қабули донишҷӯён, ҳаз. нафар | 38,5 | 42,7 | 46,6 | 51,4 | 60,4 | 61,9 | +60,8 |
| Қабули донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона, ҳаз. нафар | 31,2 | 36,0 | 37,9 | 40,8 | 43,4 | 50,2 | +60,9 |
| Қабули донишҷӯён дар шуъбаи ғоибона, ҳаз. нафар | 7,3 | 6,7 | 8,7 | 10,6 | 17,0 | 11,7 | +60,3 |
| Хатми мутахассисон, ҳаз. нафар | 29,5 | 33,2 | 38,5 | 446 | 43,2 | 42,4 | +43,7 |
| Хатми мутахассисон дар шуъбаҳои рӯзона, ҳаз. нафар | 20,3 | 22,6 | 26,0 | 27,3 | 28,6 | 27,7 | +36,4 |
| Ба 10 000 нафар аҳолӣ мутахассисон тайёр карда шуданд | 35 | 38 | 43 | 49 | 47 | 44 | +25,7 |

***Сарчашма:*** *муаллиф ҷадвалро дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе-2021. С.416. таҳия намудааст.*

Аз ҷадвали 1 маълум мегардад, ки дар солҳои таҳлилӣ рақобатпазирии хизматрасониҳоро дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 37 адад муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2015 буда, дар соли 2020 ин адад ба 41 расонида шудааст, ки аз ҷониби инҳо таъмин карда мешавад. Ҳамчунин маълумотҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар солҳои таҳлили ҳамаи нишондиҳандаҳо рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Миқдори муассисаҳои таҳлимӣ дар солҳои таҳлилӣ 10,8% зиёд гардидааст, яъне агар соли 2015 37 ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 41 адад расонида шудааст. Миқдори донишҷӯён дар муассисаҳои таълими дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 39,3% афзудааст. Агар миқдори донишҷӯёни таҳсилкунандаро ба 10 000 нафар аҳолӣ муқоиса намоем, маълум мешавад, ки дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 24,9 % зиёд гардидааст. Аз шумораи 245,9 ҳазор нафар донишҷӯён, ки дар соли 2020 таҳсил мекарданд, 87,4 ҳазор нафарашонро занҳо буданд, ки – 35,5 %-ро ташкил доданд. Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 60,8% афзудааст. Ин нишондиҳанда дар шуъбаи рӯзона бошад ба 60,9% ва шуъбаҳои ғоибона ба 60,3% баробар аст.

Ба 10 000 нафар аҳолӣ мутахассисон дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 25,7% зиёд тайёр карда шуданд.

Хатми мутахассисон дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 43,7% зиёд аст, ки ин нишондиҳанда барои шуъбаҳои рӯзона 36,4% мебошад.

Дар солҳои таҳлили шумораи умумии донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона таҳсил доштанд 39,1 % афзудааст. Дар шуъбаҳои ғоибона бошад ин нишондиҳанда ба 39,8% мерасад.

Ҳамин тариқ, тавсия дода мешавад, ки рақобатпазирии хизматрасониҳо дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ дар се сатҳ дида баромада шавад:

- дар сатҳи макро - ҳамчун қобилияти муассисаи таълимӣ барои расонидани хизмат, ки татбиқи он некуаҳволии кишварро баланд мебардорад;

- дар сатҳи мезо- мувофиқати фаъолияти муассисаи таълимӣ ба талаботи ҷомеа, аз ҷумла бозори меҳнат;

- дар сатҳи микро – ҳамчун дараҷаи мутобиқати хусусиятҳои сифатии хизматрасониҳои таълимии аз ҷониби муассиса, ба талаботи истеъмолкунандагон ва намояндагони онҳо мувофиқат кардан.

**Адабиёт**

1. Бобиев А.К. Механизм обеспечения конкурентоспособности образовательных учреждений государственного сектора высшего образования (на материалах Республики Таджикистан)/ Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. – Душанбе, 2018 г. – 198 с.
2. Джураева Ш.А. Анализ современного состояния и развития системы управления образовательных учреждений в Республике Таджикистан/ М.Х. Саидова, Ш.А. Джураева.//Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2020, №10. Ч.2. – С. 173-185
3. Джураева Ш.А. Проблемы и задачи совершенствования системы управления школьного образования в Республике Таджикистан/ Ш.А. Джураева, З.Х. Кадырова, А. Джураева.// Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2020, №9. – С. 18-22
4. Джураева Ш.А. Совершенствование системы управления образовательными услугам/ Назаров Д.М., А.М. Джураева, Х.Р. Рустамова, Ш.А.Джураева.// Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2019, №1, С.5-11
5. Джураева Ш.А. Финансовая составляющая системы управления образованием Республики Таджикистан/ Ш.А. Джураева, А. Джураева, З.Х. Ибодзода. // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: 2020, №10. Ч.1- С. 203-206
6. Раҳмонзода З.Ф. Хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: мафҳум, омилҳо ва равандҳои асосӣ//Паёми молия ва иқтисод - Душанбе, 2021 - №1(25). С.49-57
7. Рашидова Д.Дж. Методика оценки конкурентоспособности образовательных услуг, учреждений высшего профессионального образования//Вестник Таджикского государственного университета коммерции – Душанбе, 2020. – №4-1 (33). - С. 155-163.
8. Шаропов Ф.Р., Рустамов Ф.М. Иқтидори кадрӣ ҳамчун омили рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – Душанбе, 2021 - №1(35). С.53-59

## АНАЛИЗ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ УСЛУГ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ШОВАЛИЕВА ФАРЗОНА ШЕРАЛИЕВНА,**
ассистент кафедры экономики
Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, микрорайон Борбад.
Тел.: (+992) 985-54-54-91. E-mail: farzona-1991@bk.ru

*В данной статье исследуются анализ конкурентной ситуации услуг в высшего профессионального образования Республики Таджикистан. Образовательные услуги, как и любой товар, продаются на рынке, под которым понимается совокупность существующих и потенциальных покупателей и продавцов товаров. Рынок образовательных услуг в данном случае представляет собой рынок, на котором взаимодействуют спрос на образовательные услуги со стороны основных хозяйствующих субъектов (физических лиц, фермерских хозяйств, предприятий и организаций, государства) и их предложение различными образовательными учреждениями.*

*В статье рекомендуется рассматривать конкурентоспособность услуг в высших профессиональных учебных заведениях на трех уровнях:*

*- на макроуровне - как способность образовательного учреждения оказывать услуги, реализация которых повышает благосостояние страны;*

*- на мезоуровне соответствие деятельности образовательного учреждения потребностям общества, в том числе рынка труда;*

*- на микроуровне - как степень соответствия качественных характеристик образовательных услуг, предоставляемых учреждением, требованиям потребителей и их представителей.*

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, образовательные услуги, образовательные учреждения, система образования, рынок образовательных услуг, высшее профессиональное образование, продукция.*

# ANALYSIS OF THE COMPETITIVENESS OF SERVICES IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SHOVALIEVA FARZONA SHERALIEVNA,**
Assistant of the Department of Economics
Kulob Institute of Technology and Innovation Management.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, Borbad microdistrict.
Phone: (+992) 985-54-54-91. E-mail: farzona-1991@bk.ru

*This article explores the analysis of the competitive situation of services in higher professional education in the Republic of Tajikistan. Educational services, like any product, are sold on the market, which is understood as the totality of existing and potential buyers and sellers of goods. The educational services market in this case is a market in which the demand for educational services from the main economic entities (individuals, farms, enterprises and organizations, the state) and their supply by various educational institutions interact.*

*The article recommends considering the competitiveness of services in higher professional educational institutions at three levels:*

*- at the macro level - as the ability of an educational institution to provide services, the implementation of which increases the welfare of the country;*

*- at the mesolevel, the compliance of the activities of the educational institution with the needs of society, including the labor market;*

*- at the micro level - as the degree of compliance of the qualitative characteristics of educational services provided by the institution with the requirements of consumers and their representatives.*

***Key words:*** *competitiveness, educational services, educational institutions, education system, educational services market, higher professional education, products.*

**УДК: 330**

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶА ОИД БА ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ

**ХАЛИФАЗОДА САИДАҲТАМ,**
аспиранти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 985-03-03-27.
**МУМИНОВ ФАТҲУЛЛО ШАМСУЛЛОЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷменти молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
Тел.: (+992) 937-61-61-40.

*Дар мақола таҷрибаи хориҷӣ оид ба низоми андозбандӣ ва такмили механизми маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ ва кишварҳои ИДМ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нуқтаи назари олимони хориҷӣ оиди низоми андоз ва механизми маъмурикунонии он, ташаккули фишангҳои назорату санҷишҳои андозӣ ва ҷорӣ намудани низоми нави андозбандӣ гирд оварда шудааст. Самтҳои асосии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар ва истифодаи вариантҳои беҳтарини он барои шароити ҷумҳурии мо арзёбӣ шудааст. Инчунин масъалаи дастгирии давлатии такмили механизми маъмурикунонии андоз ва фаъолияти кормандони мақомоти андоз дар кишварҳои хориҷӣ, усулҳо ва фишангҳои танзими механизми маъмурикунонии андоз дар кишварҳои ИДМ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *маъмурикунонии андоз, низоми андоз, таҷрибаи хориҷӣ, назорати андозӣ, механизми маъмурикунони андоз, танзими давлатӣ, мақомоти андоз, санҷишҳои андозӣ.*

Масъалаи ташаккул ва такмили механизми маъмурикунонии андоз ин муаммои бисёрҷанба буда, ба ғани гардонидани қисмати даромади буҷети давлатӣ ва ҳавасмандгардонии иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ равона карда шудааст. Гузариш ба модели нави рушди иқтисодиёт, ки дар кишвари мо амали гардида истодааст, бо ҳама мушкилҳои худ дар рушди муносибатҳои андозӣ ва такмили механизми маъмурикунонии он нақши созгор дорад. Дар ин раванд, омӯзишу таҳлили таҷрибаи давлатҳои пешқадами иқтисодӣ ва кишварҳои собиқ Шӯравӣ (ИДМ) оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз ва истифодаи вариантҳои беҳтарини он барои ҷумҳурри мо аз фоида холӣ нест.

Таҷрибаи давлатҳои рушкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки бе дахолати давлатӣ рушди низоми андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии он ғайримкон мебошад. Дар аксарияти кишварҳои дунё идоракунии мақомоти андозӣ зернизоми асосии вазорати молия ва дар баъзеҳои он ҳамчун мақомоти алоҳидаи давлатӣ фаъолият менамояд. Масалан, дар ШМА ва Британияи Кабир ин мақомоти андоз ҳамчун Хизматрасонии даромадҳои дохила (ХДД), дар Франсия - Саридораи Раёсати Андоз (СРА), дар Олмон - Идораи Федеретавии Андоз ё Идораи андози замин ва амсоли инҳо ном бурда мешавад. [1, с.7].

Дар Япония функсияи асосии маъмурикунонии андоз - ин пардохт ва ғункунии маблағҳои андозӣ ва боҷҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ин вазифаро Агентии миллӣ андоз (Nafional Tax Agency- NTA) ба уҳдадошта, дар тобеияти Вазорати молия фаъолият менамояд. Вай аз дастгоҳи марказӣ, 30 шӯъбаҳои минтақавӣ, раёсати идоракунии

минтақавии Окунаве ва 554 нозирони андоз дар маҳаллҳо иборат мебошад. Функсияҳои дастгоҳи марказӣ банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати андозӣ ва механизми маъмурикунонии андоз, корҳои фаҳмондадиҳии қонунгузории бахши мазкур, танзим ва назорати фаъолияти кормандони мақомоти андоз дар минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Инчунин ин агенти меёърҳо ва қоидаҳои умумии фаъолияти нозирони андозро муайян ва таҳрезӣ намуда, тайёр ва бозомӯзии мутахассисони соҳа ва сохтори идоракунии мақомоти андозро ҳамоҳанг месозад.

Дар Канада мақомоти асосии маъмурикунонии андоз - ин агентии даромадҳои Канада (Canada Revenue Agency - CRA) ба ҳисоб рафта, соли 1999 ташкил карда шудааст. Агентии мазкур дар тобияти Вазорати молияи кишвар қарор дошта, вазифадор аст, ки ҳар сол дар назди парлумони кишвар оид ба фаъолияти агенти ҳисобот диҳад. Инчунин звенои иловагии сохтори идоракунӣ ва назоратии он - Шӯрои идоракунии он мебошад. Вай аз 15 аъзо, ки аз ҷониби генерал - губернатори Канада таъин мегардад иборат буда, 11-тои онро намояндаи минтақаҳо ва ноҳияҳои кишвар ташкил медиҳанд.

Дар сохтори алоҳидаи мақомоти андоз, ки дар назди вазорати молияии кишвар фаъолият менамояд, функсияи маъмурикунонии андозро ба уҳда дошта, фишанги маъмурӣ-идоракунӣ (сиёсати кадрӣ, таъмини моддӣ-техникӣ ва амсоли инҳо) низ аз ҷониби ин сохтор амалӣ карда мешавад. Чунин тарзи раванди кор дар якчанд кишварҳои дигар, ба монанди: Австрия, Франсия, Шветсария ва дигарҳо низ ба роҳ монда шудааст.

Низоми андози ШМА ҳамчун низоми ғайримарказонидашудаи фаъолияти кормандони мақомоти андози кишвар тавсиф дода шуда, танзими давлатии маъмурикунонии андоз ба воситаи механизми тақсимоти буҷетҳои сатҳои гуногун амалӣ карда мешаванд.

Мақомоти назорати андозӣ дар ШМА ин органҳои хизматрасонии даромадҳои дохила (ХДД) ба ҳисоб рафта, вобсата ба се сатҳи низоми андозӣ, мақомотҳои андозӣ ба маъмурикунонии андозбандии чунин сатҳо сару кор доранд:

-сатҳи болоӣ, ки органҳои хизматрасонии даромадҳои дохила (ХДД) таъмини қонунгузории бахши андозӣ ва маъмурикунонии андозҳои федеративӣ, ба мисли: андоз аз даромад; андози туҳфа; аксизҳо; налоги амвол ва ғайра;

-сатҳи миёна, ки назорат аз болои андозҳои штатҳо, ки маҷлиси намояндагони он муайян ва муқарар намуданд, ба сомон мерасонанд;

-сатҳи поёнӣ, ки ба маъмурикунонии органҳои мақомоти маҳҳалӣ машғул буда, дар якҷояги бо роҳбарони мақомоти маҳҳалӣ механизми андоситониро танзим ва назорат мебаранд.

Дар сохтори Органҳои хизматрасонии даромадҳои дохила (ХДД) мақомоти марказӣ, 7-то минтақавӣ ва 58 органҳои ноҳиявӣ шомил буда, вазифаи мақомоти минтақавӣ ва ноҳияивӣ, пеш аз ҳама, дар дуруст пардохт намудан ва саривақт ворид гардидани маблағҳои андозӣ ба буҷети сатҳои гуноугун, инчунин маъмурикунонӣ ва назорати қарзҳои андозӣ ва баргардонидани қисмати зиёдатии маблағҳои андозӣ масҳуб меёбад. Дар ШМА се шакли асосии назорату санҷишҳои андозӣ мавҷуд мебошад:

-ғоибона (бо воситаи почта равон намудани ҳуҷҷатҳои лозима ба мақомоти андоз, яъне раёсати санҷишҳои хизматрасонии даромадҳои дохила);

-санҷиши камеравӣ (дар макони ҷойгиршавии хизматрасонии даромадҳои дохила);

-санҷиши берунӣ (дар макони ҷойгиршавии андозсупоранда).

Принсипи асосии дар механизми маъмурикунонии андози ШМА ба тарзи ихтиёрӣ ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ба ҳисоб рафта, бе ягон чораҳои маъмурӣ-ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорӣ маблағҳои андозӣ пардохт карда мешаванд.

Хизматрасонии даромадҳои дохила дар ШМА на фақат барои ғундоштани андозҳо, балки барои муҳаё сохтани шароити беҳтарин ба андозсупорандагон оиди сари вақт пардохтани андозу боҷҳои давлатӣ фароҳам оварда шуда, маблағҳои андозӣ бе санҷишҳои иловагӣ ва назоратии андозӣ ворид мегарданд. Ин гуфтаҳо бо он тасдиқи худро меёбад, ки дараҷаи риояи бахши қонунгузории андоз дар ШМА яке аз баландтарин дар ҷаҳон буда, 83%-и пардохтҳои андозӣ ба тарви ихтиёрӣ анҷом дода мешавад, ки ин натиҷа тавассути такмили механизми маъмурикунонии андоз тайи 15-соли охир ба даст оварда шудааст [3, 16].

Низоми андозбандӣ дар Олмон аз низоми андозбандии ШМА куллан фарқ намуда, ба танзими давлатии механизми маъмурикунонии он нигаронида шудааст. Функсияи ҳавасмандии иқтисодӣ дар ин низоми андозбандӣ ба иқтидори сармоягузории кишвар нигаронида шуда, дар заминаи баҳои меъёри истеҳлоки фондҳои асосӣ, инчунин имтиёзҳои андозии субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ нигаронида шудааст, диққати махсус дода мешавад.

Дар Олмон чунин принсипҳои асосии механизми маъмурикунонии андоз амалӣ карда мешавад:

-андоз аз рӯйи имкониятҳои  субъектҳои  хоҷагидорӣ;

-ҳадди ақал ё зарурии хароҷотҳо барои пардохти андозҳо;

-андоз рақобатнокиро напазируфта, ба тағийротҳои гуногуни соҳавӣ ниёз надорад;

-андоз ба сохтори сиёсати давлатӣ бояд мутобиқат карда шавад;

-андоз ба ҳадафҳои миллӣ тақсимоти одилонаи даромади субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони воқеъӣ нигаронида шавад;

-низоми андоз механизми андозбандии дукаратаро намепазирад.

Дар заминаи он принсипҳои маъмурикунонии андоз дар таъмини  умумии воридшавии андозу боҷҳо чунин мебошад: андози федератвӣ - 48%; андози замин -34%; ҷамоавӣ - 13%. Инчунин, андози калисоӣ, ки онро дар ҳисоботи молиявии давлатӣ нишон дода намешавад ва боҷи гумрукӣ низ  ситонида мешавад [6, 244].

Ҳамин тариқ, бо ҳамаи камбудиҳои ҷойдошта механизми маъмурикунонии андоз дар кишвари Олмон яке аз беҳтарини низоми андозбандӣ дар кишварҳои федеративӣ рафта, истифодаи баъзе вариантҳои он барои ҷумҳурии мо аз фоида холӣ нест.

Дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ ба таври маҷбурӣ ба воситаи фишангҳои махсус, ба мисли: бастани суратҳисоби бонкӣ, мусодираи молу амвол ва манъ намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба андозсупорандагон таъсир расонида мешавад. Барои мисол кишвари Гретсияро мегирем, ки камомади буҷети давлатиро дар солҳои 2013-2015 тавассути ин механизмҳо аз 2,9% то 0,2% поён намудаанд. Инчунин дар паст намудани камомади буҷети ин кишвар ҷудо намудани қарзҳои ФБА ва ду бастаи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, махсусан, баланд бардоштани андоз аз арзиши иловашуда (НДС) ва андоз аз айшу нӯш (роскошь) мусоидат намудааст. Дар баробари ин мақомоти андозии вазорати молияи Юнон муборизаро бо фасод ва пинҳон намудани андозу боҷҳо пурзур намуда, фақад дар соли 2015-2018 фоизи корхонаҳои ғайриқонунӣ фаъолият намуда ба 23% расониданд, сабаби асосии онро ба рушди иқтисодиёти сиёҳ, ки тайи солҳои 2000-ум ба 27%-ро ташкил медод, рабт медонанд. [7, 456].

Қисмати зиёди истеҳсолоти Италияро ин истеҳсоли маҳсулотҳои брендӣ ташкил дода, аз ҳисоби пинҳон намудани андозҳо дар бисёр мавридҳо ба кормандон музди меҳнати нақдӣ дода мешавад. Ин ба пайдоиши иқтисодиёти ғайриқонунӣ оварда расонида, коркарди барномаҳои махсуси такмили механизми маъмурикунонии андозро тақозо менамояд. Дар заминаи рушди иқтисодиёти сиёҳ мубориза бо фасодкорӣ ва таъмини ҷавонон бо ҷойҳои кори нави мушкили эҷод менамояд. Маслан, мақомоти

андози Италия барои корхонаҳои фаъолияташонро дар минтақаҳои афшорӣ ба роҳ мемонанд, чораҳои зарурӣ андешида, тавассути он дар ин кишвар иқтисодиёти сиёҳ алаккай соли 2015 ба 20,6% поён фароварда шудааст [4, 432], ки барои мақомоти андоз усули маҷбурӣ ва назорати андозӣ роҳандозӣ мегардад.

Тавассути механизми маъмурикунонии андоз шафофияти фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва назорату санҷишҳои андозӣ, баланд бардоштани самаранокии механизми маъмурикунонии андоз хеле хуб арзёбӣ мегардад (ҷадвалӣ 1.).

Ҳамин тариқ, дар аксарияти кишварҳои хориҷӣ низоми иттилоотии пешқадами низоми андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии андоз ба роҳ монда шудааст, ки чунин шаклу самтҳои самараноки он роҳандозӣ карда мешавад:

-пешниҳоди эъломияи андоз дар шакли электронӣ;

-ҷори намудани технологияи пешқадами пардохти электронии андозу боҷҳо;

-пешниҳод ва дастрасии сари вақти ба маълумотҳои онлайнӣ оиди раванди пардохти андозу боҷҳои давлатӣ, вазъи буҷети давлатии сатҳои гуногун;

-бақайдгирии давлатии андозсупорандагон бе алоқаи пешаки бо мақомоти давлатӣ ва ғайра.

Агар ба таҷрибаи давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ назар андозем, механизми маъмурикунонии андоз дар Федератсияи Россия аз бисёр ҷиҳат ба механизми идораи муносибатҳои андозии федеративӣ шабоҳат дорад. Аммо, дар раванди маъмурикунонии андоз он аз кишварҳои дигар фарқ мекунад, чунки хусусияти фарққунандаи ин принсипи «маҷбурикунӣ» дошта, вобаста ба фишангҳои амали намудани он характери мустақилона ва дар асосии чораҳои маъмурии мақомоти андоз пиёда карда мешавад.

*Ҷадвали 1.*

***Меъёрҳои амалкунандаи хизматрасониҳои маъмурикунонии андоз дар кишварҳои хориҷӣ, ба ҳолати соли 2020***

| Шаклҳои хизматрасонӣ | Кишварҳо | Меъёрҳои муайянгардида |
|---|---|---|
| Коркарди электоронии эъломияҳои андоз аз даромад | Австралия | 90%-и коркарди маълумотҳо дар 14 рузи корӣ |
| | Ирландия | 100% - дар 5 рузи корӣ |
| Коркарди эъломияҳои варақӣ оиди андоз аз даромад | Ирландия | 80%- дар 10 рузи корӣ ва 100% - дар 20 рузи корӣ |
| Коркарди варақии эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда ва тақзои пардохти онҳо | Австралия | 90%-и коркарди эъломияҳои электоронӣ дар 14 рузи корӣ, 85%-и эъломияҳои варақӣ дар 14 рузи корӣ. |
| | Дания | 98% - дар муҳлати 21 рузи корӣ |
| | Франсия | 80% - дар муҳлати 30 рузи корӣ |
| Ҷавоб ба телефонҳои андозсупорандагон | Канада | 80%-и ҷавобҳои телефонӣ дар муҳлати 2 дақиқа хизмат расонида мешавад |
| | Ирландия | 50%-и ҷавобҳои телефонӣ дар муҳлати 30 сония, 85% дар 3 дақиқа ва 100% дар муҳлати 5 |

| | | |
|---|---|---|
| | | дақиқа хизмат расонида мешавад |
| Аз нав ба қайдгирии шахси ҳуқуқӣ дар мақомоти андоз | ШМА | 100% - дар муҳлати 4 рузи корӣ |

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф*

Мақсади ҷори намудани механизми маъмурикунонии андоз дар Федератсияи Россия ин татбиқи сиёсати давлатии андоз ба ҳисоб рафта, ба воситаи он танзими муносибатҳои андозбандӣ, муносибати байни мақомотҳои давлатӣ ва андозсупорандагон амали карда шуда, яке аз омилҳои муҳими рушди муносибатҳои молиявӣ-андозӣ ва иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, «.. усули маъмурикунонии андоз яке аз усули иқтисодии идоракунии муносибатҳои андозӣ буда, он тавсифи идораи мақомоти андоз ва андозсупорандагон, инчунин фишанги муҳими ҳавасмандгардонии моддию материалии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад....» [9, 29], ки вай тавассути чунин фишангҳо пиёда сохта мешавад: танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ, раванди бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорӣ, баҳисобгирӣ ва назорати андозӣ, таъмини иҷроиши уҳдадориҳо оиди пардохти саривақтии андозу боҷҳои давлатӣ, истифодаи таҳримҳо, ҳалли баҳсҳои андозӣ ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Белорус мақомоти андоз яке аз звенои мустақили идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, мувофиқи моддаи 80 Кодекси андози Ҷумҳурии Белорус органи давлатии махсус буда, салоҳияти шахси ҳуқуқӣ дошта, дар доираи уҳдадориҳои худ амали намудани сиёсати давлатии низоми андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии онро пиёда месозад. Дар бахши қонунгузории мазкур, мақомоти гумрук ва дигар органҳои давлатӣ низ иштирок намуда, баъзе аз функисияи мақомоти андозро ба ӯҳдаи худ мегиранд. Мақомоти андозӣ Ҷумҳурии Белорус, мақомоти гумрук ва дигар органҳои давлатӣ, ки салоҳиятҳои мақомоти андоз ба души худ доранд, дар раванди идоракунӣ ва назорату санҷишҳои андозӣ, таҳрезӣ ва амали намудани механизми маъмурикунонии андоз бевосита иштирок менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба души мақомоти андоз вазифаи ба таври пурра ва саривақти ба буҷети сатҳои гуногун ворид шудани маблағҳои андозӣ ва боҷҳои давлатӣ вогузор мебошад. Мақомоти андози Ҷумҳурии Қазоқистон аз органҳои ваколатдори давлатӣ ва назорати андозӣ иборат буда, ба онҳо функсияҳои мақомоти ҷумҳуриявии андоз, минтақавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ вогузор карда мешавад. Дар мавриди ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ имтиёзҳои андозӣ дар ин минтақаҳо ҷори карда мешавад.

Мақомоти андози Ҷумхурии Қазоқистон бевосита дар шакли амудӣ органҳои болоии мақомоти давлатиро итоат намуда, дар фаъолияти худ ба мақомоти маҳаллӣ ягон рабт надорад. Дар ин кишвар механизми маъмурикунонии андоз функсияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи субъектҳои хоҷагидориро ба уҳда дошта, дар баъзе мавридҳо оиди қонунвайронкуниҳои соҳаи мазкур назорат мебаранд. Мақомоти андоз дар мавриди маъмурикунонии андоз, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ салоҳиятҳои бештар дошта, он дар қонунгузории кишвар ҷой дода шудааст.

Миёни кишварҳои собиқи Шуравӣ омӯзиши таҷрибаи Грузия оидиислоҳоти низоми андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии он хеле ба маврид мебошад. Сар карда аз солҳои 2011 Ҳукумати ин кишвар қадамҳои бузург дар самти ҷалби бештари сармояҳо, тавассути фишангҳои андозӣ ва хизматрасониҳои андозӣ ноил гаштааст. Дар ин кишвар такмили механизми аксизкунонии маҳсулотҳои саноатӣ, шаклҳои махсуси он

ба роҳ монда шудааст. Миёни фишангҳои нави андозситонӣ метавон механизми “ҳалли пешакӣ”, ки ба воситаи он андозсупорандагон ва шахсони воқеъӣ ба таври пешакӣ оиди раванди санҷишҳои андозӣ аз ҷониби нозирони андоз огоҳ карда мешаванд. Бар замми ин, « ҳангоми амал намудани чунин механизм андозсупорандагон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ба ҷарима кашида намешаванд » [8, 9]. Аз ин хотир, самти муҳими амали намудани такмили механизми андозбандӣ дар таҷрибаи аксарияти кишварҳои хориҷӣ ин татбиқи он дар таҷрибаи хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи чунин таҷрибаи низоми муносибатҳои андоз ва механизми маъмурикунонии он, барои кишвари мо хеле муҳим ва зарур арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, истифодаи усулҳо ва шаклҳои пешқадами таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва такмили механизми маъмурикунонии андоз барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фоида холӣ набуда, онҳо тавассути чунин чораҳо роҳи ҳалли худро меёбанд:

-механизми маъмурикунонии андоз, бе такмили механизми ҳавасмандгардонии иқтисодии корхонаю ташкилотҳо ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ ғайримкон буда, дастгирии давлатии самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти андозӣ, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ ба рақобатпазири субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд;

-яке аз механизми самаранокии маъмурикунонии андоз дар давлатҳои хориҷӣ - ин ҳамкориҳо ва кумаки нозирони андоз ба субъектҳои хоҷагидорӣ (ба мисли, сари вақт пешниҳод намудани маълумотҳо ва ҳисоботҳои бухгалтерӣ, пешниҳод намудани эъломияи андозӣ, таҷҳизот ва техникаи нави санҷишҳои берунӣ ва ғайра), ки дар баланд бардоштани самаранокии механизми маъмурикунонии андоз ва ва беҳшавии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мақоми бузург дорад;

-таҷрибаи мамлакатҳои рушкардаи иқтисодӣ (ШМА, Япония, Олмон ва дигарҳо) нишон медиҳад, ки низоми идоракунии механизми маъмурикунонии андоз шарти муҳими тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ ва таъмини буҷети сатҳои гуногун ба ҳисоб рафта, барои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар арзёбӣ мегардад. Ин ҷо, хусусиятҳои хоси миллӣ ва раванди муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишвар ба назар гирифта шуда, муносибати субъектҳои хоҷагидорӣ бо органҳои мақомоти андозии кишвар ҷонок карда мешавад, ки он ба вазъи молиявӣ-иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди устувори иқтисодиёти мамлакат заминаҳои мусоид фароҳам месозад.

**Адабиёт**

1. Адамов Н. Тенденции совершенствования налогового администрирования и зарубежный опыт. //Финансовая газета. - 2009.- № 23. - С. 7-10.

2. Баташев Р. В.. Джабраилова Х. М. И др. Зарубежный опыт налогвого администрирования и возможности его применения в России // Экономические исследования. -№6 (10). -2021. - С. 988-995.

3. Болеева Н. Ю., Павлова Т.С. и др. Тенденции налогового администрирования в практике зарубежных стран и возможность их адаптации в России // Вестник Пензенского университета. -№1 (29), 2020. –С.15-18.

4. Гибескул, М. С. Специфика применения мирового опыта в области методов налогового администрирования в ПМР. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. -2017. -№ 7 (141). -С. 226-230.

5. Кипкеева А. М., Урусов Х. К. Перспективы развития налогового администрирования в Российской Федерации // Естественно-гуманитарные исследования.-№26 (4). -2019. –С. 98-102.

6. Налоговые системы зарубежных стран: Учебник для вузов, под ред.В.Г. Князев, Д.Г. Черник. - М.: Закон и право, Юнити, -2009. -С. 242-243.

7. Попова, Л. В. Налоговые системы зарубежных стран: учебно-методическое пособие. -2-еизд., перераб. и доп. - Москва : Дело и Сервис, 2011. - 432 с.

8. Эриашвили, Н. Д. Налоговое право: учебник для магистрантов, обучающихся по программам направлений «Юриспруденция», «Экономика» и «Менеджмент». -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2020. –С. 9.

9. Черник Д. Налоги в странах с развитой рыночной экономикой. // РЭЖ, -2011. -№7.-С. 29.

10. Улугходжаева Х. Р., Джураева М. Н. Проблемы совершенствования системы налогообложения в Республике Таджикистан // Вестник Таджикиского национального Университета.-Душанбе, 2010. -№6 (62). - С. 31.

# ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ

**ХАЛИФАЗОДА САИДАХТАМ,**
аспирант Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 985-03-03-27.
**МУМИНОВ ФАТХУЛЛО ШАМСУЛЛОЕВИЧ,**
ассистенти кафедры менеджмента
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 937-61-61-40.

*В статье изучен зарубежный опыт системы налогообложения и совершенствования механизма налогового администрирования в экономически развитых странах и странах СНГ. Собраны точки зрения зарубежных ученых на налоговую систему и механизм ее администрирования, формирование инструментов контроля и налоговых проверок и введение новой системы налогообложения. Оценены основные направления совершенствования механизма налогового администрирования в экономически развитых странах с учетом специфики развития отраслей народного хозяйства и использования его оптимальных вариантов для условий нашей республики. Также был изучен и проанализирован вопрос государственной поддержки совершенствования механизма налогового администрирования и деятельности налоговых органов в зарубежных странах, методы и инструменты регулирования механизма налогового администрирования в странах СНГ, внесены конкретные предложения по повышению эффективность налогового администрирования в условиях рыночной экономики.*

***Ключевые слова**: налоговое администрирование, налоговая система, зарубежный опыт, налоговый контроль, механизм налогового администрирования, государственное регулирование, налоговые органы, налоговые проверки.*

# FOREIGN EXPERIENCE IMPROVING THE MECHANISM OF TAX ADMINISTRATION

**HALIFAZODA SAIDAHTAM,**
postgraduate student of the Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov street.

Phone: (+992) 985-03-03-27.
**MUMINOV FATKHULLO SHAMSULLOEVICH,**
assistant of the Department of Management
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov street.
Phone: (+992) 937-61-61-40.

*The article studies the foreign experience of the taxation system and improvement of the tax administration mechanism in economically developed countries and CIS countries. The points of view of foreign scientists on the tax system and the mechanism of its administration, the formation of control tools and tax audits and the introduction of a new taxation system are collected. The main directions of improving the mechanism of tax administration in economically developed countries are assessed, taking into account the specifics of the development of sectors of the national economy and the use of its optimal options for the conditions of our republic. The issue of state support for improving the mechanism of tax administration and the activities of tax authorities in foreign countries, methods and tools for regulating the mechanism of tax administration in the CIS countries were also studied and analyzed, specific proposals were made to improve the efficiency of tax administration in a market economy.*

***Key words**: tax administration, tax system, foreign experience, tax control, tax administration mechanism, government regulation, tax authorities, tax audits.*

УДК: 338

# АСОСҲОИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**ДАВЛАТАЛИИ АБДУСАЛОМЗОДА,**
докторант (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 989-00-44-25.

*Дар мақола ҷанбаҳои назариявии моҳияти идоракунии маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ ва унсурҳои таркибии он таҳлил карда шудааст. Таҷрибаи давлатҳои тараққикарда дар соҳаи идоракунии маркетинг нишон медиҳад, ки нақши муҳим дар рушди тиҷорати ҳар як давлат нақши калидиро дар самити идоракунӣ ин ба фуруш гузоштани он иҷро менамояд. Муаллиф қайд менамоянд, ки ҷоннок намудани фаъолияти идоракунии маркетинг на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ барои Тоҷикистон муҳим аст, чунки дар ин маврид нақши якуминдараҷа ва асоситарини ин корхонаҳои саноатӣ ба мақсади рақобатпазир гардондани давлат пайдо мегардад. Муаллиф ақида бар он доранд, ки яке аз омилҳои асосие, ки барои суръатбахшии идоракунии маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Хатлон таъсир мерасонад, ин рушди интенсивии истеҳсолот мебошад. Идоракунии самарабахш дар тамоми самтҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ ва маркетингӣ яке аз масъалаҳои асосии идоракунии корхонаи саноатӣ мебошад. Яке аз усулҳои муҳимтарин, ки ба ҳалли ин мушкилот нигаронида шудааст, раванди идоракунии корхонаҳои саноатӣ мебошад. Идоракунии маркетингро метавон ҳамчун як раванди алоҳидаи тиҷорат ҷудо намуд, зеро он бо принсипҳои гуногун фарқ намудани равандҳои бизнесро қонеъ менамояд. Дар айни замон, ҳеҷ яке аз равандҳои гуногуни тиҷоратро бе реклама тасаввур кардан ғайриимкон аст, зеро реклама ин муҳаррики тиҷорат мебошад. Ҳамин тариқ, маркетинг ин раванди асосии тиҷорат ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *корхонаҳои саноатӣ, хизматрасонӣ, рақобатпазирӣ, маркетинг, идоракунии технологияҳо, фаъолияти маркетингӣ, системаҳои технологӣ, хизматрасонии маркетинг, хароҷот, корхонаҳои саноатӣ.*

Дараҷаи баланди номуайянии истеҳсолот дар корхонаҳои саноатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ вобаста ба фурӯш имрӯзҳо ба яке аз самтҳои душвортарини фаъолияти идоракунӣ табдил меёбанд, ки ин омил ба дигар соҳаҳои функсионалии корхона таъсири назаррас мерасонад.

Ин мушкилиҳо на танҳо ба талаботи бозор мутобиқ намудани истеҳсоли маҳсулоти корхонаро дар бар мегирад, балки ба фаъолона ташаккул додани бозор ҳам аҳамияти калон пайдо мекунад. Зарурати пайвастани унсурҳои ҷудогонаи фаъолияти идоракунӣ, ки ба таъсир ва сатҳ, вакт ва сохтори талабот вобастаанд, ба яклухтии ягона зиёд мешаванд. Вобаста ба ин, масъалаи идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ, ки сатҳи зарурии менеҷмент ва маркетингро таъмин менамояд, беш аз пеш тезу тундтар гардида, дар шароит ва маҳдудиятҳое, ки барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукумфармост, дар навбати аввал мавқеи масъалаҳоеро ишғол мекунанд, ки ба таблиғоти маҳсулоти дохилӣ, махсусан истеҳсолоти саноатӣ бахшида шудаанд. Ҷустуҷӯи бозорҳои нави фурӯш, баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, истифодаи усулҳои навини идоракунии маркетингӣ ба самтҳои афзалиятноки корхонаҳои хурди саноатӣ ворид кардан мумкин аст.

Дар шароити муосири рақобатнокии бозорӣ молҳои саноатӣ, бахусус бозори молҳои озуқаворӣ ва бозори молҳои ғайриозуқаворӣ, муаммоҳои истеҳсоли молҳои саноатии содиротивазкунанда ва мувофиқ ба талаботи аҳолии кишвар яке аз масъалаҳои

мубрами рӯз ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ идоракунии таъсири маркетинги корхонаҳо дар сурати донистани вазъи бозор ва мақсаднок идора кардани маркетинг метавонад, хеле манфиатнок бошад. Бинобар ин, махсусан муҳим аст, ки маркетингро аз нуқтаи назария ва идора баррасӣ намоем, яъне на танҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳое, ки бо онҳо корхона вазъияти бозорро меомӯзад ва ба он таъсир мерасонад, балки ҳамчун вазифаи идоракунӣ, ки дар доираи онҳо таҳлил ва банақшагирӣ, ташкил, ва назорат ба амал бароварда мешавад.

Маркетинг як намуди мушаххаси фаъолияти инсон аст, ки манфиатҳои истеъмолкунандагон ва фурӯшандагонро тавассути мубодилаи мутақобилан судманди молҳо, ки қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагонро таъмин намуда, барои баланд кардани самаранокии инкишофи соҳибкорони саноатӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки инкишоф ва таҳияи чораҳои мутобиқи дастгирии давлатӣ зарур аст.

Беъэтиноӣ ба нақши маркетинг, бахусус дар давраи муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ ба касодии маҳсулот ҳам аз ҷиҳати миқдор ва сифат, бевосита ба муфлисшавии корхонаҳо оварда мерасонад. Қайд намудан бомаврид аст, ки дар давраи ҳозира мақоми маркетинг ба фаъолияти корхонаҳо ва рушди ояндаи он бевосита таъсир мерасонад. Таҷрибаи корхонаҳои тараққинамудаи мамолики хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ва самаранок истифода накардани тарзу усулҳои муосири идоракунии маркетингӣ истеҳсолкунандагони молу хизматҳо мавқеи худро дар бозори истеҳсолӣ аз даст дода, ба муфлисшавӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Бинобар он дар чунин ҳолатҳо роҳбари корхона ва хадамоти маркетингии корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама рақибони худро бояд омӯзанд, роҳҳои арзон дастрас намудани захираҳои ашёи хомро ҷустуҷӯ намоянд, ба ҳиссаҳои (сегменти) муайяни бозор маҳсулотро пешниҳод намоянд, талаботҳои истеъмолкунандагонро омӯхта, навъҳои муайяни маҳсулотро пешниҳод намоянд, яъне бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки дар фаъолияти хоҷагидорӣ ҳаҷму миқдори маҳсулот тез гардиш намояд. Ғайр аз ин ҳангоми омӯхтани талаботи истеъмолкунандагон нисбати маҳсулоти корхонаҳо бояд тарзи борпечӣ, хусусиятҳои хоси маҳалҳо ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Дар давраи муносибати иқтисоди бозорӣ ҳар як корхонаҳо дар фаъолияти худ бояд чунин элементҳои асосиро ба инобат гиранд: омӯзиши маҷмӯи комплекси бозор, банақшагирии номгӯи хелҳои маҳсулот, коркарди чорабиниҳо оид ба таъмини талаботи дар бозор вуҷуд дошта, муайян намудани дараҷаи талаботҳои қонеъгардида, банақшагирии азнавсозии истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулот ва таъминоти он, ташкили бонизоми идоракунии истеҳсолот ва ғайраҳо. Маркетинг ҳоло характери комплексӣ пайдо намуда, фаъолияти ҳаматарафаи корхонаю ширкатҳоро дар бар мегирад. [3]

Ҳамин тавр, маркетинг яке аз элементҳои асосии истеҳсолот ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти корхонаҳо ҳаракати маҳсулот, ба истеъмолкунандагон муҳайё намудани шароит оид ба қонеъ гардонидани талаботи зиёдро нисбати махсулот дар бар мегирад. Дар фаъолияти корхонаи саноатӣ маркетинг вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Асосҳои онҳо дар шакли умумӣ дар расми 1 оварда шудаанд.




***Расми 1. Вазифаҳои маркетинг***

Тавассути амалисозии вазифаи таҳлилии маркетинг дар фаъолияти корхонаи саноатӣ омӯзиш ва таҳлили бозорӣ, истеъмолкунандагони молҳо, сохтори корпоративӣ, инчунин баҳодиҳии имкониятҳои дохилии худи субъекти хоҷагидор таъмин карда мешавад.

Вазифаи фурӯши маркетинги корхонаҳои саноатиро ба таври дигар функсияи фурӯш меноманд. Татбиқи он барои ҳавасмандгардонии фурӯш ва мусоидат ба ташаккули талабот, инчунин ташкили хизматрасонӣ ва системаи тақсимот пешбинӣ шудааст. Маҳз барои таъмини татбиқи сиёсати мақсадноки молӣ ва нархгузории корхонаи саноатӣ хизмат мекунад.

Асоси амалисозии вазифаи истеҳсолии маркетинг дар доираи фаъолияти корхонаи саноатӣ, мусоидат намудан ба ташкили таъминоти моддию техникӣ, коркарди технологияи нав ва ташкили истеҳсоли махсулоти нав, инчунин пурзӯр намудани рақобат ва сифати маҳсулоти тайёр.

Аз нуқтаи назари ҳадафҳои дохилии корхонаи саноатӣ, тамоми маҷмӯи вазифаҳои маркетингӣ дар фаъолияти он метавонад, танҳо ба се қисмат - таҳкими рақобатпазирӣ, васеъ ва нигоҳ доштани ҳиссаи бозор, инчунин таъмини фоидаи устувор кам карда шавад.

Бо мақсади амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар ва коҳиш додани шиддати омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ гардида, дар доираи он барномаҳои соҳавӣ, барномаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, рушди металургияи ранга ва сиёҳ, рушди саноати хӯрокворӣ, рушди соҳаи мошинсозӣ, рушди саноати сабук ва соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла то давраи соли 2025 таҳия гардидааст, ки мавриди амал қарор доранд. Дар 9 моҳи соли 2022 рушди саноат дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилоятҳои Суғд (101,3 фоиз), Хатлон (100,4 фоиз), ВМКБ (108,4 фоиз), НТҶ (1109 фоиз) ва шаҳри Душанбе (101,9 фоиз) таъмин гардидаанд. [4.]

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳим дар пешрафти иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад, бинобар ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон санаи 21-уми декабри соли 2021 қайд намуданд, «Бинобарин аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои

ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд». [1.]

Бояд қайд намуд, ки вилояти Хатлон минтақаи калонтарини агросаноатии мамлакат буда, дар он иқтидори бузурги захираҳои табиӣ, ашёи хоми маҳаллӣ мавҷуд мебошад. Инфрасохтори он (роҳҳои оҳан, автомобилгард, фурудгоҳҳои байналмилалӣ, хатҳои баландшиддати барқӣ ва ғайра), имконият фароҳам меоварад, ки иқтидори содиротии мамлакат зиёд гардида, рушди устувори иқтисодиёти кишвар таъмин гардад. Вилояти Хатлон бо ҳудуди 24 600 км² дар водии Вахш ҷойгир буда, 17,2% ҳудуди Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ин вилоят дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар ғарб ба масофаи 103 км бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб ба масофаи 420 км бо ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Масофаи роҳи автомобилгард аз маркази вилоят - шаҳри Бохтар то пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе 100 км.-ро ташкил медиҳад.[9]

Соли 2021 аз вилоят ба маблағи қариб 2 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ ё 19 фоиз аз ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда содирот шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест. Зеро он ҳамагӣ 8 фоизи сатҳи кишварро ташкил дода, 93 фоизи содироти маҳсулоти саноатии вилоят ба чор намуд, аз ҷумла нерӯи барқ, нахи пахта, калобаи пахтагин ва семент рост меояд. [2]

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сол то сол дар ҳолати афзоишёбӣ қарор дорад, ки динамикаи афзоиши онро аз диаграммаи зерин дида мебароем.

***Диаграммаи 1.***

***Динамикаи афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати дар солҳои 2016-2021 млн. сомони***




***Сарчашма**: Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ 2021. саҳ. 400.*

Дар соли 2016 мувофиқи маълумотҳои оморӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 15 млрд 90 млн сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба миқдори 20 млрд 29 млн, сомонӣ мебошад ки нисбати соли гузашта 4 млрд 939 млн, сомонӣ (агар бо фоиз нишон диҳем 24,65%) зиёд мебошад. Тибқи нишондодҳои оморӣ дар маҷмӯъ дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба миқдори 23 млрд 736 млн, сомонӣ истеҳсол маҳсулоти саноатӣ афзоиш ёфтааст. [6]

Дар маҷмӯъ истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар солҳои нишондодашуда нисбатан боло рафтааст, ки ин аз болоравии рушди иқтисодиёти мамлакат далолат мекунад.

Маълумотҳои пешниҳодшуда далолат ба он дорад, ки барои дарёфти бозорҳои нави фурӯш, ташаккули сатҳи баланди маҳсулоти рақобатпазири корхонаҳо дар шароити муосир ба масъалаҳои маркетинги саноатӣ диққат додан лозим аст. Таъминкунандагони маҳсулоти истеҳсолӣ ба он такя менамоянд, ки нақши маркетинг дар бозори фурӯши маҳсулот барои рушд додани соҳаи истеҳсолот ва ҷустуҷӯи сармоягузорони нав аввалиндараҷа ҳисобида мешавад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 26.01.2021 [захираи электронӣ] URL:http://www.president.tj/node/27417 (санаи истифодабарӣ 02.11.2022)

2. Садои мардум-нашрияи Маҷлиси олии Ҷухурии Тоҷикистон. - Соҳаи саноат дар вилояти Хатлон бояд равнақ дода шавад. https://sadoimardum.tj/ma-lisi-ol/ifzi-isti-loliyati-davlat-ifzi-asolatu-uviyat-ast/3. Шуклина З.Н., Самусенко А.В., Мелешенко Н.В. Современное значение маркетинго-вого управления бизнес-организациями // Молодой ученый. – 2017. – №13 (147). – С. 410-416.

4. Маҷлиси намояндагони маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [захираи электронӣ] URL:https://parlament.tj/news/713-sanoatikunonii-bosur-ati-kishvar-baroi-ta-mini-ustuvorii-i-tisodiyot-zaminai-ami-meguzorad (санаи истифодабарӣ 08.11.2022)

5.Открытый журнал. – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://journal.openbroker.ru/research/promyshlennoe-proizvodstvo-v-rossii-vyroslo/ Дата обращения: 03.06.2022.

6. Маҷалаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ 2021. саҳ. 400

7. Палажченко А.И., Блохин М.С. Исследование средств маркетинговых коммуникаций для продвижения молодого агентства в сфере разработки ПО // Студенческий. – 2019. – № 26-3. – С. 6-9.

8. Мухтасаров А.Ф. Проблемы и перспективы продвижения товаров и услуг малых предприятий средствами интернет – рекламы // Новая наука: проблемы и перспективы. –2017. – Т. 1, № 2.– С. 168-173.


# ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ МАРКЕТИНГОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


**ДАВЛАТАЛИИ АБДУСАЛОМЗОДА,**

докторант (PhD) кафедры менеджмента и маркетинга

Кулябского государственного университета имени Абуабдуллах Рудаки.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.

Тел.: (+992) 989-00-44-25.



*В статье анализируются теоретические аспекты сущности управления маркетингом на промышленных предприятиях и его составных элементов. Опыт развитых стран в области управления маркетингом показывает, что маркетинг играет важную роль в развитии бизнеса любой страны. Автор отмечает, что активизация деятельности по управлению маркетингом важна для Таджикистана не только с теоретической, но и с практической точки зрения, поскольку в этом случае первая и самая главная роль этих промышленных предприятий появляется в целях делает государство конкурентоспособным. Одним из основных факторов, влияющих на ускорение управления маркетингом на промышленных предприятиях Республики*

*Таджикистан, в том числе в Хатлонской области, автор считает интенсивное развитие производства. Эффективное управление во всех сферах производственной, финансовой и маркетинговой деятельности является одним из основных вопросов управления промышленным предприятием. Одним из важнейших методов, направленных на решение этой проблемы, является процесс управления промышленными предприятиями. Управление маркетингом можно выделить как отдельный бизнес-процесс, поскольку оно удовлетворяет разным принципам разных бизнес-процессов. При этом ни один из разнообразных бизнес-процессов невозможно представить без рекламы, ведь именно реклама является двигателем бизнеса. Таким образом, маркетинг является основным процессом бизнеса и управления им на промышленных предприятиях.*

***Ключевые слова**: промышленные предприятия, услуги, конкурентоспособность, маркетинг, управление технологиями, маркетинговая деятельность, технологические системы, маркетинговые услуги, затраты.*

## BASICS OF MARKETING ACTIVITY MANAGEMENT AT INDUSTRIAL ENTERPRISES OF KHATLON REGION

**DAVLATALI ABDUSALOMZODA,**
doctoral student (PhD) of the Department of Management and Marketing of
Kulob State University named after Abuabdullahi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, 16, S. Safarov, str.
Phone: (+992) 989-00-44-25.

*The article analyzes the theoretical aspects of the essence of marketing management in industrial enterprises and its constituent elements. The experience of developed countries in the field of marketing management shows that marketing plays an important role in the development of business in any country. The author notes that the activation of marketing management activities is important for Tajikistan not only from a theoretical, but also from a practical point of view, since in this case the first and most important role of these industrial enterprises appears in order to make the state competitive. One of the main factors influencing the acceleration of marketing management at industrial enterprises of the Republic of Tajikistan, including in the Khatlon region, the author considers the intensive development of production. Effective management in all areas of production, financial and marketing activities is one of the main issues of industrial enterprise management. One of the most important methods aimed at solving this problem is the process of managing industrial enterprises. Marketing management can be distinguished as a separate business process because it satisfies different principles of different business processes. At the same time, none of the various business processes can be imagined without advertising, because it is advertising that is the engine of business. Thus, marketing is the main process of business and its management in industrial enterprises.*

***Key words**: industrial enterprises, services, competitiveness, marketing, technology management, marketing activities, technological systems, marketing services, costs.*

УДК: 338

# ҶАНБАЪҲОИ АСОСИИ САТҲУ СИФАТИ ЗИНДАГИИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ОН ДАР МИНТАҚА

**НАЗАРОВ МУРОДАЛӢ СОЛИҲОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.
Тел.: (+992) 986-07-97-97. Email: murodali90@list.ru

*Дар мақола оид ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа ва роҳҳои мукаммалгардонии он сухан меравад. Ҷанбаъҳои асосии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо таҳлилу иқтибосҳо нишон дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки равандҳои дар аксари ҳолатҳо мушоҳида шаванда, ин бозгӯии воқеии даромади миёна ва аз миёна пасттари одамон буда, барои сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот таъсири манфии худро мерасонад.*

*Дар мақола муайян карда шудааст, ки сифати ҳаёт хусусияти ҷудонашавандаи сатҳи рушд ва қонеъ гардонидани талаботи одамон мебошад, ки бо стандартҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои захиравии ҷомеа вобастагӣ доранд. Инчунин оид ба ҳолат ва роҳҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ пешниҳодҳо ба таври мушаххас оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сифати зиндагии аҳолӣ, рушди аҳолии деҳот, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди неруи инсонӣ, дарозумрӣ, солимии аҳолӣ, мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ, омилҳои асосии бозгӯикунандаи сифати зиндагии аҳолии минтақа.*

Дар айни замон, сифати зиндагӣ маънои сатҳи изтиробро вобаста ба зичии аҳолӣ, сифати ғизо ва дараҷаи ифлосшавии муҳити атрофро ифода менамуд, ки дар натиҷа шумораи ҳолатҳои изтиробие, ки сифати зиндагиро паст мекунанд, афзоиш меёбад.

Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоратӣ, афзоиши таҳримҳо, тағйирёбиии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷаҳон, паҳншавии беморӣи сироятии КОВИД–19 ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешид, ки соли 2021 суръати рушди иқтисодӣ ба беш аз 9 фоиз баробар гардид. Рушди иқтисодӣ дар ин давра аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 22 фоиз, маҳсулоти кишоварзӣ 6 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23 фоиз ва гардиши савдо 13 фоиз таъмин карда шуд. Соли 2021 қисми даромади буҷети давлатӣ иҷро шуда, даромади пулии аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020-ум 15 фоиз афзоиш ёфт ва ба зиёда аз 75 миллиард сомонӣ баробар гардид [5, с.12-13].

Дар адабиёти илмӣ тафриқаи миёни аҳолӣ аз рӯйи сатҳи сифати зиндагӣ муфассал омӯхта мешавад. Аммо, ин тақсимот нишондиҳандаҳои фаъолияти иҷтимоӣ: хусусияти фаъолияти меҳнатӣ, иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, хусусияти фароғат ва ғайраро ба назар намегиранд. Барои дигар нишондиҳандаҳо, ки сифати зиндагии аҳолиро тавсиф мекунанд, фаркиятҳои назаррас то андозае ба инобат гирифта мешавад, масалан, аз рӯйи сатҳи омилҳои манфӣ – майзадагӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ, азхудкунӣ, зӯроварӣ ва ғайра. Ҳатто дар самти рафтори муқаррарӣ ва риояи қонун тафовути ҷиддии хусусияти кор, фаъолияти фароғатӣ, тарзи тарбияи фарзанд ва шаклҳои муошират ба назар мерасад.

Ба ақидаи Фасеҳзода И.С. яке аз мушкилоти муҳимтарини замони мо тафриқаи назарраси аҳолӣ аз ҷиҳати некӯаҳволӣ ва сифати зиндагӣ мебошад, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои онро дар алоҳидагӣ мураккабтар месозад [9, с.96].

Раванде, ки дар аксари ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ин бозгӯи воқеии даромади аз миёна, миёна ва аз миёна пасттари одамон буда, он ҳар гурӯҳро то андозаи мушаххас

нишон намедиҳад, хусусиятҳои сифатиро ошкор намесозад. Ғайр аз ин, дар чунин тақсимот нишондиҳандаҳои фаъолияти иҷтимоӣ, аз ҷумла хусусияти кор, иштирок ва ё иштирок накардан дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ташкили истироҳат ва ғайра ба назар гирифта намешаванд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар арзёбии ҳамаҷонибаи фарқияти аҳолӣ аз рӯйи сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагӣ, пешниҳод карда мешавад, ки сатҳҳои асосии некӯаҳволӣ ба инобат гирифта шавад (Расми 1).




***Расми 1. Сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ***

Камбизоатии дарозмуддат бояд он гурӯҳи одамонро дар бар гирад, ки даромади онҳо аз ҳадди ақали зиндагии аҳолӣ камтар бошад, яъне онҳо бо як қатор сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ музди ночиз мегиранд, ки ба ҳадди ақали зиндагӣ мувофиқат намекунад, даромади камтар аз ҳадди ақали зиндагиро муддати дуру дароз мегиранд ё фарогири гурӯҳи одамонест, ки кори доимӣ надоранд ва ё гурӯҳи одамоне, ки рафтори ноҷоиз доранд.

Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи одамоне, ки даромади онҳо аз ҳисоби миёна камтар аст, аҳолии дорои даромади кам ва камбизоат дохил мешаванд. Ба гурӯҳи одамоне, ки сатҳи пасти зиндагӣ ба онҳо хос аст, шахсони дорои даромади хеле паст ва камбизоатон дохил мешаванд.

Камбизоатии дарозмуддат бояд гурӯҳе аз одамонро дар бар гирад, ки даромади онҳо аз ҳадди ақали зиндагии аҳолӣ камтар бошад, яъне онҳое, ки бо як қатор сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ музди ночиз мегиранд, ки ба ҳадди ақали зиндагӣ мувофиқат намекунанд ва даромади камтар аз ҳадди ақали зиндагиро ба муддати дуру дароз мегиранд ё гурӯҳи одамоне, ки кори доимӣ надоранд ва ё рафтори манфӣ доранд.

Рафтори манфӣ ин рафтори шахс ё гурӯҳест, ки ба меъёрҳои аз ҷониби умум қабулшуда мувофиқат накарда, дар натиҷа ин меъёрҳо аз ҷониби онҳо вайрон карда мешаванд. Шаклҳои асосии рафтори манфӣ одатан ҷинояткорӣ, аз ҷумла нашъамандӣ, мастӣ ва худкушӣ мебошанд.

Ҷузъи сеюми сатҳи зиндагии аҳолӣ тарзи зиндагӣ намудан аст. Ба андешаи Фасеҳзода И.С. дар фаҳмиши «тарзи ҳаёт» чунин мафҳумҳо, ба монанди сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, тарзи ҳаёт муттаҳид карда мешаванд [8, с. 151].

Ӯ «тарзи ҳаёт»-ро ҳамчун воситаи ҳаёти солим муайян мекунад, ки ба ягонагӣ такя дошта, бо мафҳумҳои сатҳ, сифат ва тарзи ҳаёт тавсиф мешаванд. Аксар вақт муродифоти луғавии ифодагари «сатҳи зиндагӣ» бо шаклҳои гуногун истифода мешаванд: сатҳи зиндагӣ, тарзи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, тарзи ҳаёт, ҳаёти солим ва ғ.

Моҳиятан таснифи ҷузъи «сатҳи саломатӣ ва дарозумрии аҳолӣ» ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии сохтории сифати зиндагӣ ба шумор рафта, дар амалияи ҷаҳонӣ сатҳ ва нигаҳдории саломатӣ, дарозии умр мавқеи аввалиндараҷаро ҳамчун талаботи асосии мавҷудияти инсон, шарти асосии пешрафти ҳаёти ӯ касб менамояд. Омилҳои асосии бозгӯикунандаи сифати зиндагии аҳолии минтақа ба дараҷаи фарқият аз рӯйи тағйирёбандаҳои иҷтимоию демографӣ (аз ҷумла таносуби «камбизоатии дарозмуддат»), сатҳи фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, дараҷаи ташаннуҷи иҷтимоӣ, сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ, мураккабии вазъи экологӣ алоқаманд мебошад.

Тавсифоти хусусияти сифатии ҳаёти аҳолӣ, «сифати зиндагӣ» яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ ва фалсафа, иқтисод, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад. Аммо, бо дарназардошти он ки сифати зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ дар рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии нақшаҳои ҳаёташ, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, вобастагӣ дорад. Дар натиҷаи ин ҷараёни мураккаб омилҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба ташаккули сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд, ки аҳамияти баррасии моҳияти ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Дар асоси таҳқиқи моҳияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ҳамчун як хусусияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ як қатор хусусиятҳои хоси онро муайян метавон кард. Умуман муносибати байни ду мафҳуми «Дараҷаи зиндагӣ» ва «Сифати зиндагӣ»-ро дар расми 2. бо пуррагӣ шарҳ додаем.




***Расми 2.*** *Муносибати байни сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ*
***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Сатҳи зиндагӣ хусусияти ҷудонашавандаи сатҳи рушд ва қонеъ гардонидани талаботи одамон мебошад, ки бо стандартҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои захиравии ҷомеа вобастагӣ доранд. Дар ҷараёни ислоҳоти бозорӣ, бо ташаккули истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста ба тафовутҳои салоҳиятҳои ҷумҳурӣ, доираҳои маҳаллӣ ва шаҳрии

ҳокимият вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фарқиятҳои назаррас бархӯрдор гаштанд.

Муносибатҳои иқтисодӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тезутунд гардида, ин ба тағйироти ҷиддии сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда расонд, ки пеш аз ҳама ин вазъ дар вазъи душвори иқтисодии аҳолӣ ва афзоиши ифлосшавии муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ зоҳир шуданд. Чунин тамоюлҳои манфӣ, аз қабили бад шудани вазъи саломатии умум, кам шудани давомнокии миёнаи умр, афзоиши ҷинояткорӣ, зиёд шудани фарқияти даромади гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, бад шудани ҳифзи иҷтимоӣ, рӯ ба коҳиш ниҳодани вазъи иҷтимоии як қисми аҳолӣ меафзоянд.

Тавсифоти хусусияти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар мафҳуми сатҳи зиндагӣ яке аз омилҳои асосии сохтори ҷамъиятӣ ва шарти асосии зиндагии одамон мебошад, бинобар ин, он аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ, фалсафа, иқтисодӣ, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар шарҳ дода мешавад. Аммо, бо дарназардошти он ки сатҳи зиндагӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва экологӣ вобаста ба рушди минтақаҳо ташаккул меёбад, унсурҳои сохтории он нишондиҳандаҳое мебошанд, ки сатҳи татбиқи ниёзҳои инсон, дараҷаи қаноатмандии ӯ аз амалисозии нақшаҳои ҳаёташро, ки бо стандартҳои қабулшудаи иҷтимоӣ ва потенсиали захиравии қаламрав алоқаманд аст, акс менамояд. Дар натиҷаи ин раванд омилҳои минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ ба ташаккули сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд, ки аҳамияти баррасии моҳияти ин мафҳумро аз нуқтаи назари ҷанбаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад.

Дар айни замон, сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, аз як тараф, вазъи кунунии шахсро инъикос намуда, аз тарафи дигар, он бо маҷмӯи хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки барои таъминоти рӯзмарра заруранд, инчунин шароити муқаррарии зиндагӣ барои шахс ва дар маҷмӯъ ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ тавсиф карда мешавад. Дар асоси ин нуқтаҳои муҳими илмӣ мо метавонем таърифи зерини ин мафҳуми иқтисодиро пешниҳод намоем: сатҳи зиндагии аҳолии минтақа як хусусияти мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти аҳолӣ мебошад, ки дараҷаи қаноатмандии фардро аз талаботи зиндагӣ (маънавӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ) инъикос намуда, он бо низоми нишондиҳандаҳои муайян, аз ҷумла сатҳи камбизоатии дарозмуддат ва мувофиқати шароити зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стандартҳои қабулшуда тавсиф карда мешавад.

Тавассути таҳқиқи моҳияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ як қатор хусусиятҳои хоси он муайян карда шудаанд.

Аввалан, сатҳи зиндагии аҳолии як минтақа мафҳуми васеъҳаҷми фарогири сатҳи зиндагӣ, хусусиятҳои хоси шароити зиндагӣ ва сатҳи камбизоатии дарозмуддати аҳолӣ вобаста ба шароити мавҷудаи минтақаи баррасишаванда мебошад.

Дувум, ҳангоми арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ду нуқтаи муҳим ба назар гирифта мешавад: баҳодиҳии объективӣ (дараҷаи қаноатмандӣ аз талаботи зиндагӣ аз нигоҳи стандартҳои қабулшуда) ва баҳои субъективӣ (дараҷаи қаноатмандӣ аз талаботи ҳаёт аз нуқтаи назари эҳтиёҷот ва манфиатҳои шахсӣ).

Сеюм, муҳимтарин хусусияти сатҳи зиндагии аҳолии минтақа ин нишондиҳандаи камбизоатии дарозмуддат буда, он ба ҳиссаи сокиноне алоқамандӣ дорад, ки имкониятҳои воқеии қонеъ кардани ниёзҳои моддию маънавиро дар давраи муайян ба сатҳи барои минтақа қабулшуда надоранд, Дар ин замина сатҳи камбизоатии дарозмуддат бозгӯи вазъи иқтисодиву маънавии ҷомеа буда, вобаста ба дараҷаи сатҳи камбизоатии шадид он ба сустшавии такрористеҳсолкунии манбаъҳои сифатии меҳнат,

бад шудани ҳавасмандсозиҳо оварда мерасонад ва дар натиҷа коҳиши суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ дар минтақа ба миён меояд.

Дар айни замон, «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», аз як тараф, ҳолати кунунии шахсро инъикос мекунад, аз тарафи дигар, он бо маҷмӯи хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки барои таъмин кардан заруранд, ба монанди шароити муқаррарии зиндагӣ барои шахс ва дар маҷмӯъ ҷомеа бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ тавсиф карда мешавад. Дар асоси ин, мо метавонем таърифи зеринро дар ифодаи мафҳуми мазкур пешниҳод намоем: сатҳи зиндагии аҳолии минтақа як хусусияти мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти аҳолӣ мебошад, ки дараҷаи қаноатмандии ниёзҳои ҳаётро (маънавӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, экологӣ ва демографӣ) инъикос намуда, бо низоми нишондиҳандаҳои муайян, аз ҷумла сатҳи камбизоатии дарозмуддат ва мувофиқати шароити зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои қабулшуда тавсиф мешавад.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса метавон омад, ки муҳаққиқони ватанию хориҷӣ арзёбии васеътари шароити зиндагии аҳолӣ, аз ҷумла омилҳоро ба монанди озодии интихоб, ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, суботи сиёсию иҷтимоӣ ва амнияти ҷомеа пешниҳод кардаанд.

Умуман сифати ҳаёт хусусияти ҷудонашавандаи сатҳи рушд ва қонеъ гардонидани талаботи одамон мебошад, ки бо стандартҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои захиравии ҷомеа вобастагӣ доранд. Дар ҷараёни ислоҳоти бозорӣ, бо афзоиши истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсӣ, фарқияти салоҳиятҳои ҷумҳурӣ, сатҳҳои минтақавӣ ва шаҳрии ҳокимият, тафриқаи вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфт. Бисёр равандҳо дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шадидтар шуданд, ки ин онҳо ба тағйироти ҷиддии сатҳи зиндагии аҳолӣ оварда расонида, инро, пеш аз ҳама, дар вазъи душвори иқтисодии аҳолӣ ва афзоиши ифлосшавии муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида менамоем. Чунин тамоюлҳои манфӣ, аз қабили бад шудани вазъи саломатии аҳолӣ, кам шудани давомнокии миёнаи умр, афзоиши ҷинояткорӣ, зиёд шудани фарқияти даромади гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, бад шудани ҳифзи иҷтимоӣ, таназзули иҷтимоии як қисми аҳолӣ меафзоянд.

## Адабиёт


1. Аламшоев А.К. Некоторые аспекты к исследованию личности как объекта системного и комплексного анализа /А.К. Аламшоев // В Сборнике: Современное государственное управление: образование, наука, практика. сборник статей международной научно-практической конференции. Минск, 2021. С. 185-188.
2. Аламшоев А.К. Развитие системных представлений о реализации воспроизводственного цикла в современных условиях / А.К. Аламшоев / Экономические науки. 2021. № 204. С. 37-43.
3. Нурализода (Нуралиев) А.Н. Пути повышения уровня жизни сельского населения: на материалах Республики Таджикистан // А.Н.Нуралиев кондид. Диссертация, 2010 г., 150 стр.
4. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021 Хатлон 2021, 375 с.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021 с., саҳ.11-14
6. Солехзода А.А. Стратегические аспекты обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / А.А.Солехзода, И.С. Фасехзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 3. С. 5-9.
7. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.

8. Фасехзода И.С. Пути совершенствования производства сельскохозяйственной продукции в развитии производства продовольственной продукции / И.С.Фасехзода, Х.А.Сайдалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018, №10, С.149-156.

9. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми молия ва иқтисод, 2022, №2 (31), с.95-102.

10. Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷаъмиятӣ 2020, №7, саҳ 214-218.

## ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ УРОВНЯ И КАЧЕСТВА ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ И ПУТИ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В РЕГИОНЕ

**НАЗАРОВ МУРОДАЛИ СОЛИХОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры экономической теории
Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 986-07-97-97. E-mail: murodali90@list.ru

*В статье рассматривается уровень и качество жизни населения региона и пути его повышения. В анализе и цитатах показаны основные аспекты уровня жизни и качества жизни населения. Отмечено, что наблюдаемые тенденции в большинстве случаев являются реалистичным отражением среднего и ниже среднего уровня доходов населения, что негативно сказывается на качестве жизни сельского населения.*

*В статье качество жизни определено как неотъемлемая часть уровня развития и удовлетворения потребностей людей, которое зависит от социальных стандартов и ресурсного потенциала общества. Также были даны конкретные рекомендации по ситуации и путям сокращения бедности.*

***Ключевые слова:*** *качество жизни, развитие сельских районов, доступ к продуктам питания, сокращение бедности, человеческое развитие, долголетие, здоровье населения, понятие уровня жизни, основные факторы, отражающие качество жизни населения.*

## MAIN ASPECTS OF THE LEVEL AND QUALITY OF LIFE OF THE POPULATION AND WAYS TO INCREASE IT IN THE REGION

**NAZAROV MURODALI SOLIKHOVICH,**
Doctoral (PhD) of the chair of economic theory of
Tajik State Finance and Economics University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimova Ave.
Phone: (+992) 986-07-97-97. E-mail: murodali90@list.ru

*The article discusses the level and quality of life of the population of the region and ways to improve it. The analysis and quotations show the main aspects of the standard of living and quality of life of the population. It is noted that the observed trends in most cases are a realistic reflection of the average and below average income levels of the population, which negatively affects the quality of life of the rural population.*

*In the article, the quality of life is defined as an integral part of the level of development and satisfaction of people's needs, which depends on social standards and the resource potential of society. Specific recommendations were also given on the situation and ways to reduce poverty.*

***Key words:*** *quality of life, rural development, access to food, poverty reduction, human development, longevity, public health, the concept of standard of living, the main factors reflecting the quality of life of the population.*

УДК:338

# АФЗАЛИЯТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ДАР ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

**САЙДАЛИЕВ ХУСРАВ АМИРХОНОВИЧ,**
докторант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикисатон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru

*Дар мақола вобаста ба стратегияи давлатӣ дар бахши идоракунии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа таҳқиқот бурда шудааст. Аз ҷумла қайд шудааст, ки стратегияи рушди иқтисодро ҳамчун фаъолиятҳои дарозмуддате тасаввур кардан мумкин аст, ки аз муайян намудани мақсадҳо, тавсифи он ки минтақа дарояндаи дарозмуддат чӣ гуна бошад, банақшагирии чорабиниҳои кӯтоҳмуддат, ки қадамҳои аввалин барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ мегарданд, иборат мебошад.*

*Инчунин, дар таҳқиқоти мазкур нақши асосии банақшагирии стратегии рушди усувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа муайян карда шуда, моҳияти таҳия ва пиёдасозии он дар давраи кӯтоҳ ва дарозмуддат қайд гардидааст. Ҳангоми таҳияи стратегия мавқеъ, нақш ва вазифаи минтақаҳо дар шароити муосири хоҷагидорӣ муқаррар, афзалиятҳои стратегии рушди минтақаҳо муайян ва механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкили татбиқи стратегия дар муҳити нави хоҷагидорӣ асоснок карда мешаванд.*

*Дар асоси омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки дар шароити иқтисоди давраи гузариш нақаши асоси ва муҳимтарин сохторҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар чунин стартегияҳо саъю кӯшиш барои ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки ба ширкатҳо ва соҳибкорон дар ташкил кардани ҷойҳои кор ва афзоиши сатҳи некуаҳволӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолат ба вуҷуд овардани фазои ҳамкориҳои шарикона байни субъектҳои давлатӣ бо соҳибкории хусусӣ афзалиятнок мебошад.*

***Калидвожаҳо**: стратегияҳои давлатӣ, банақшагирии стратегӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мақомотҳои маҳаллии идоракунӣ, сифати зиндагӣ, идоракунии давлатӣ, минтақа, сатҳи зиндагии аҳолӣ, нишондиҳандаҳо, иқтисоди бозаргонӣ.*

Имрӯзҳо пешрафти ҷомеаи ҷаҳон аз стратегияи давлатӣ дар бахши идоракунии иқтисодӣ бештар вобастагӣ дорад. Дар давраи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди идоракунии иқтисодӣ ба тағйироти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Дар натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии иқтисодиёт мунтазам самар овард. Пешвои миллат дар ҳамаи баромадҳои худ нақши идоракунии иқтисодиётро дар рушди бахшҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар назаррас дониста, пайваста самтҳои асосии фаъолияти ҳукумати кишварро ба он равона менамоянд.

Мақсади идоракунии давлатӣ дар ҷомеаи демократӣ танзиму баланд бардоштани самаранокии равандҳои ташаккул ва амалишавии ҳокимияти давлатӣ мебошад. “Таърих гувоҳ аст-менависад Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст ” [1, с.23].

Дар давраи муосир рушди иқтисодӣ ҳамчун раванди банақшагирӣ ва минбаъд ба амал баровардани тадбирҳои мушаххас бо тартиби беҳтарин пайиҳам ва бо самарабахши

ҳадди аксар ё хароҷоти ҳадди ақал бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ муайян карда мешавад.

Банақшагирӣ зинаи муҳим дар раванди идоракунӣ буда, мақсаду методҳо ва воситаҳои афзалиятдорро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва системаи нишондиҳандаҳои муқаррарсозандаи чараёни корҳо ҷиҳати дастрасӣ ёфтан ба мақсадҳои гузоштаашударо дар худ таҷассум менамояд.

Банақшагирӣ аз як ҷониб ин ҳадафгузорӣ ва ошкор сохтани роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳо ва аз ҷониби дигар дигар, маҷмӯи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманде мебошад, ки дуруст будани роҳи расидан ба мақсад ва ҷараёни ин равандро нишон медиҳад.

Банақшагирӣ бо ёрии нишондиҳандаҳо ин васитаи пиёдасозии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ва самти асосии таъсиррасонии он ба рафти таҳаввулоти иқтисодӣ бозаргонӣ мебошад.

Методи мазкур аз раванди ташаккулёбии маҷмӯи нишондиҳандаҳое иборат мебошад, ки вазъият ва ҳолати рушди иқтисодии ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар муносиб, инчунин таҳияи фишангҳои таъсиррасони давлатиро ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо мақсади ноил шудан ба нишондиҳандаҳои муқарраркардашуда, нишон медиҳад. Ба сифати нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ меъёрҳое баромад мекунанд, ки тағйирёбии сохтор ва самарабахшии иқтисоди минтақавӣ, ҳолати молиявӣ, гардиши пули миллӣ, бозори мол ва хизматрасониҳо, тағйирёбии нархҳо, шуғли аҳолӣ ва сатҳи сифати зиндагонии онҳо ва монанди инҳоро нишон медиҳанд.

Вобаста ба сифат ва моҳияти он дар асарҳои олими шинохта Кодирзода Д.Б. ба таври васеъ ва муфассал бозгӯӣ шудааст. Олими мазкур қайд менамояд, ки ҷаҳони муосир ба одамони содиқ, иродаи қавии онҳо, донишмандон ва шахсони боистеъдод; ташкилотҳои қавӣ; кори машаққатталаби сермаҳсул; маҳсулоти хушнавъ ва сифати баланди зиндагӣ ниёз дорад, ки ҳамаи ин омилҳо сатҳи баланди зиндагиро таъмин менамоянд. Шарти муҳим дар рушди босубот ба гуфтаи Д.Қодирзода доштани истеъдоди табиӣ ва маънавии халқ мебошад [4, с.176].

Муҳаққиқи дигари ватании ин бахш Фасеҳзода И.С. сатҳи зиндагии аҳолиро ҳамчун бозгӯи вазъи некӯаҳволӣ дарк мекунад. Ба андешаи ин муҳаққиқ онро дар асоси ҳадафҳои мансуб ба сиёсати давлатие метавон муайян сохт, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, баланд бардоштани некӯаҳволии умумии аҳолӣ, нигоҳ доштани чунин шароите, ки инсон ва табиат метавонанд ҳамзистии алоқамандро ба роҳ монанд, нигаронида шудаанд [10, с.83-84].

Банақшагирӣ ҳамчун дар пеш гузоштани мақсадҳо, вазифаҳо, муайян намудани стратегия ва роҳҳои ба амал баровардани онҳо дар асоси ба кор андохтани манбаъҳои зарурии иқтисодӣ, гузаштан аз нақшагирии директивӣ ба нақшагирӣ аз рӯи нишондиҳандаҳоро мефаҳмонад.

Стратегияи рушди иқтисодро ҳамчун фаъолиятҳои дарозмуддате тасаввур кардан мумкин аст, ки аз муайян намудани мақсадҳо, тавсифи он ки минтақа дар ояндаи дарозмуддат чӣ гуна бошад, банақшагирии чорабиниҳои кӯтоҳмуддат, ки қадамҳои аввалин барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ мегарданд, иборат мебошад.

Стратегияи рушди минтақавӣ – ин усул, василаи расидан ба ҳадафҳои муайянгардида, шакли идоракунии фаъолияти хоҷагӣ ва ташкили ҳудудии ҷамъият мебошад. Интихоби дурусти стратегия имкон медиҳад, ки қувва ва манбаъҳои барои ба амал татбиқ кардани иқтидори рушди иқтисоди муттамарказ гардонда шавад ва ҳамин восита рушди самарабахши минтақаҳо дар шароити бозаргонӣ таъмин карда шавад.

Ҳангоми таҳияи стратегия мавқеъ, нақш ва вазифаи минтақаҳо дар шароити муосири хоҷагидорӣ муқаррар, афзалиятҳои стратегии рушди минтақаҳо муайян ва механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкили татбиқи стратегия дар муҳити нави сохторӣ асоснок карда мешаванд.

Стратегия бояд дар худ се ҷузъи асосиро дошта бошад:

- стратегия ва диди дарозмуддат, ё муҳимтарин мақсад, инчунин барномаҳои асосии амалҳо, ки расидан ба онҳо дар давоми 15-20 соли давраи татбиқи стратегия ба нақша гирифта мешавад:

- бизнес-нақашаи миёнамуҳлати лоиҳаҳои афзалиятдор, ки бояд дар муддати банақшагирифтаи аз 3 то 5 сола ба анҷом расонида шаванд ё оғоз карда шаванд:

- нақшаи солонаи амал, ки вазифаи дар соли оянда иҷрошавандаро дар бар мегирад.

Дар шароити иқтисоди давраи гузариш нақши асосӣ ва муҳимтарини ташкилотҳои давлатӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунӣ дар чунин стратегияҳо ба ақидаи мо саъю кӯшиш барои ба вуҷуд овардани шароите мебошад, ки ба ширкатҳо ва соҳибкорон дар ташкил кардани ҷойҳои кор ва афзоиши сатҳи некуаҳволӣ мусоидат менамояд. Дар ҳолат ба вуҷуд овардани фазои ҳамкориҳои шарикона байни субъектҳои давлатӣ бо соҳибкории хусусӣ афзалиятнок мебошад.

Гузаштан ба иқтисодиёти танзимшавандаи бозорӣ дигаргунии сифатиро дар шакл ва мазмуни банақшагирии минтақавӣ тақозо мекунад. Тағйирот дар мароми банақшагирӣ руй медиҳад. Дар шароити муосир банақшагирӣ аз воситаи идоракунии фаврӣ ба воситаи қабули қарорҳои стратегӣ табдил меёбад. Нақшаи дурнамо асоси таҳия сохтани сиёсати оқилонаи иқтисодӣ мегардад, ки стратегияи рушди минтақа дар он инъикос меёбад.

Дар асоси истифода бурдани механизмҳои таъмини рушди устувори минтақа идоракунии иқтисодиро ба самтҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

- ҷорӣ ва амалӣ намудани барномаҳои пеш аз сармоягузорӣ барои рушди устувори механизмҳои иқтисодӣ;

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои миллӣ, нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи нақшаҳои минтақавӣ ва барномаҳо дар самти рушди устувори субъектҳои иқтисодии минтақа;

- такмил додани низоми буҷет; андоз, сиёсати сармоягузорӣ дар самти таъмини рушди усутувори соҳаҳои иқтисодии минтақа, рушди инфраструктура, соҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ дар самти рушди энергетика, нақлиёт ва дигар соҳаҳои асосии иқтисодии минтақа;

- беҳтарнамоии механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- коҳиш додани дараҷаи ифлосшавии муҳити табиӣ, татбиқи ҷуброн ва тадбирҳои ҳифзи муҳити зист;

- фароҳам овардани шароит барои азнавсозӣ ва баланд бардоштани сатҳи идоракунии иктисодиёт, аз ҷумла рушди соҳаи саноати коркард, соҳаҳои илмталаб ва ғайра;

- рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳалли мушкилотҳои байнисарҳадӣ, аз ҷумла бо иштироки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ.

Консепсия ва барномаҳои рушди стратегии минтақа бешубҳа ба ҳадафҳо ва вазифаҳои барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодиёти минтақа равонашуда (нигаред ба расми 1).




***Расми 1.*** *Вазифаҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти минтақа*

Идоракунии стратегӣ самти асосии рушди дараҷаи идоракунии соҳаҳои мухталифи минтақаро ифода менамояд. Аз ҷумла, тавассути идоракунии стратегии иқтисодиёт ҳамаи объектҳои иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рушд менамоянд: фирмаҳои тиҷоратӣ, мақомотҳои давлатӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо.

Дар Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, ки рушди устувори минтақаҳои ҷумҳурӣ яке аз мақсадҳои муҳимтарини стратегии сиёсати давлатӣ буда, дастрасӣ ба он имконият медиҳад, ки бехатарии озуқавории мамлакат, рақобатпазирии иқтисод ва некуаҳволии аҳолӣ баланд бардошта шавад [3].

Дар раванди таҳия ва татбиқи стратегияи рушди минтақа баҳо додан ба дараҷаи ноил шудан ба рушди устувори минтақавӣ хеле мусоид аст, зеро ҳангоми татбиқи барномаҳо натиҷаҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки дар онҳо муайян карда мешаванд, назорат карда мешаванд.

Ба ақидаи олими рус В.В. Добринин танзими давлатӣ фарогири «... низоми фишангҳо ва ҳавасмандгардонии иқтисодӣ мебошад, ки тавассути он давлат ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад. Барои идоракунии равандҳои дар ҷомеа рухдода

институтҳои давлатиро ба вуҷуд меорад, ки фаъолияти бонизоми онҳо нигоҳ доштани тавозуни дурусти механизмҳои бозор ва вазифаҳои иқтисодии давлатро фаро мегирад» [2., с.402].

Таъмини рушди устувори иқтисоди минтақа ниҳоят муҳим аст, зеро нигоҳ доштани мувозинати муътадили низоми иҷтимоию иқтисодӣ кафолати амният, субот ва эътимоднокӣ заминаи рушди субъекти иқтисодии минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бе фароҳам овардани заминаи устувори илмӣ ва таъминоти методии низомҳои идоракунии рушди устувори иқтисоди минтақа бо асосноккунии фаъолиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама сатҳҳо ғайриимкон аст.

Боиси қайд аст, ки низоми минтақавӣ, аз як тараф, аз уҳдаи таъсиррасонии бевосита ба омилҳои берунӣ намебарояд. Аз ин бармеояд, ки низоми минтақавӣ бояд ба онҳо мутобиқ шавад. Аз тарафи дигар, низоми минтақавӣ имконият дорад, ки омилҳои дохилиро идора кунад, ба монанди муҳити зист (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ, ҳуқуқӣ ва экологӣ). Ҳамин тариқ, низоми минтақавӣ бо таъсири омилҳои дохилӣ устувории рушди иқтисоди минтақаро идора мекунад.

Зарурати рушди устувор бо шаклҳои зуҳури он муайян карда мешавад (ниг. расми 2).




***Расми 2.*** *Шаклҳои зуҳурии рушди устувории минтақа*

Рушди устувор пайдо кардани низоми минтақавиро дар мувозинати динамикӣ дар назар дорад, ки бо маҷмӯи нишондиҳандаҳои ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ муайян карда мешавад. Рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рушди динамикӣ ва мутавозини он тавассути беҳтарсозии сиёсати минтақавӣ, дарёфт намудани таносуби минтақавии раванди такрористеҳсолкунӣ таъмин карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Бунёди давлатдории навин.-Москва: Радуница, 2002.-414с.
2. Добрынин В.А. Актуальные проблемы экономики и АПК. М.: Издательство МСХА, 1996.-402с.
3. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658.
4. Қодирзода Д.Б. Таҷрибаи рушди хоҷагии қишлоқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ // Д.Б.Қодирзода, С.М. Собирзода / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №9, 2020 с., с. 176-182.
5. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Ирфон». 2018 сол., 255с.
6. Назаров Т.Н. Об идеологии развития Таджикистана. / Т.Н.Назаров // Материалы Семинара «Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана».-Душанбе, 1996 г.- с. 35-37.
7. Нуриддин К. Экономическая безопасность Таджикистана: угрозы и их предотвращение /К.Нуриддин // Материалы научно-практической конференции «Угрозы экономической безопасности Республики Таджикистан».-Душанбе; 2007, -с.11-18.
8. Солехзода А.А. Стратегические аспекты обеспечения продовольственной безопасности в Таджикистане / А.А.Солехзода, И.С. Фасехзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.
9. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворении Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд// Х.А.Сайдалиев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, Душанбе– 2019,с., саҳ.94-99.
10. Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С.Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷаъмиятӣ. Душанбе-2020, №7, саҳ 83-89.


# ПРЕИМУЩЕСТВА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В УПРАВЛЕНИИ УСТОЙЧИВОГО СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА


**САЙДАЛИЕВ ХУСРАВ АМИРХОНОВИЧ,**
докторант (PhD) Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира 33,
Тел.: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru



*В статье рассматривается государственная стратегия в управлении устойчивым социально-экономическим развитием региона. В частности, отмечается, что стратегию экономического развития можно представить как долгосрочную деятельность, которая состоит из определених целей, описания того, каким будет регион в долгосрочной перспективе, планирования краткосрочных мероприятий, являющихся первыми шагами для достижения*

*конечной цели.*

*Также в данном исследовании определена главная роль стратегического планирования социально-экономического развития региона, отмечена сущность его разработки и реализации в краткосрочной и долгосрочной перспективе. В ходе разработки стратегии устанавливаются положение, роль и функции регионов в современных экономических условиях, определяются стратегические приоритеты развития регионов, обосноваеться экономические, финансовые и организационные механизмы реализации стратегии в новых экономических условиях.*

*На основе изучения и анализа мнений отечественных и зарубежных исследователей автор пришел к выводу, что в условиях переходной экономики основная и важнейшая роль государственных органов и органов местного самоуправления в таких стратегиях заключается в стремлении создать условия, позволяющие компаниям и предпринимателям организовать рабочие места и повышения уровня благосостояния населения. В этом случае предпочтительнее создать атмосферу партнерства между государственными структурами и частным бизнесом.*

***Ключевые слова**: государственные стратегии, стратегическое планирование, социально-экономическое развитие, органы местного самоуправления, качество жизни, государственное управление, регион, уровень жизни населения, показатели, рыночная экономика.*

## ADVANTAGES OF STRATEGIC PLANNING IN THE MANAGEMENT OF SUSTAINABLE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION

**SAYDALIEV KHUSRAV AMIRKHONOVICH**
Doctoral student (PhD) of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir, str.
Phone: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru

*The article discusses the state strategy in managing the sustainable socio-economic development of the region. In particular, it is noted that the economic development strategy can be represented as a long-term activity, which consists of defining goals, describing what the region will be like in the long term, planning short-term activities that are the first steps to achieve the ultimate goal.*

*Also in this study, the main role of strategic planning of the socio-economic development of the region is determined, the essence of its development and implementation in the short and long term is noted. During the development of the strategy, the position, role and functions of the regions in the current economic conditions are established, the strategic priorities for the development of the regions are determined, the economic, financial and organizational mechanisms for implementing the strategy in the new economic conditions are justified.*

*Based on the study and analysis of the opinions of domestic and foreign researchers, the author came to the conclusion that in a transitional economy, the main and most important role of state bodies and local governments in such strategies is the desire to create conditions that allow companies and entrepreneurs to organize jobs and improve welfare population. In this case, it is preferable to create an atmosphere of partnership between government agencies and private business.*

***Key words**: state strategies, strategic planning, socio-economic development, local governments, quality of life, public administration, region, standard of living of the population, indicators, market economy.*

УДК: 338 (575.3:520)

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОНУ ЯПОНИЯ

**НАРЗИЕВ ҶАҲОНГИР БАХТИЁРОВИЧ,**
докторант ( PhD)-и Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 939-38-88-80. E-mail: narziev.jahongir@bk.ru
**СУРАЙЁИ АБДУҚОСИМ,**
ходими хурди илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 911-10-03-89. E-mail: surayoia98@gmail.com

*Дар мақола муаллифон раванди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Японияро мавриди таҳлил қарор доданд. Дар он нишондиҳандаҳои гардиши тиҷоратии кишварҳо муайян карда, динамикаи ҳамкориҳои тиҷоратии Тоҷикистону Японияро муаяйн намудаанд. Дар рушди ҳамкориҳои иқтисодиёт саҳми роҳбарояти кишварҳо назаррас мебошад.*

*Япония кишваре мебошад, ки ба қатори кишварҳои абарқудрат шомил буда, бо техникаю технологияи нав ба нави худ дар дунё машҳур гардидааст. Нигоҳи Япония ба Осиёи Марказӣ назаррас буда, бо кишварҳои минтақа робитаҳои гуногунсамтаи худро бевосита дар амал татбиқ намуда истодааст. Тоҷикистон бо Япония дар ҳамаи соҳаҳо ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ монда ва бо ин восита тавонист ба рушди пайвастаи иқтисодиёти кишвар саҳми бепоёни худро гузоштааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Япония, ҳамкориҳо, иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, гардиши мол,Ҷайка (JICA),*

Заминаҳои асосии рушд ва тараққиёти кишварро дипломатияи иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки он яке аз соҳаҳои муҳим дар сиёсати хориҷии давлат мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии худ дар солҳои аввали он 1992-1997 ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки дар натиҷаи он иқтисодиёташ хело ҳам заиф шуда буд, аммо ба ин нигоҳ накарда, дар солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистон тавонист ба воситаи дипломатияи иқтисодӣ бо давлатҳои дуру наздики пешрафта ва манфиатовар муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодиро ба роҳ монад. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва инчунин бо дигар созмонҳову ниҳодҳои хусусияти иқтисоди дошта равобити хуберо барқарор намуд. Бахри рушди пайвастаи иқтисодиёти кишвар ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои беназир намуд. Япония яке аз кишварҳое буд, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро шинохта, 2-юми феврали соли 1992 муносибатҳои сиёсӣ-дипломатии худро бо кишвари мо ба роҳ монд ва дар ҳама соҳаҳо муҳими робитаҳои дуҷониба замина гузошт. Дар баробари ин аз замони ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар равобити иқтисодӣ низ хело хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар натиҷаи талошҳои дипломатӣ дар соли 1996 тамоюли ба роҳ мондан ва таҳкими равобити Тоҷикистону Япония дар заминаи дуҷониба мушоҳида шуд. Моҳи январ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Э.Раҳмон аз Сарвазири Япония Рютаро Ҳошимото паёми ҷавобӣ дарёфт кард, ки дар он омодагии ҷониби Ҷопон барои таҳкими робитаҳои гуногунҷанба бо Тоҷикистон дар заминаи мутақобила изҳори назар карда шуда буд. Баъдан як ҳайати Вазорати корҳои хориҷии Япония таҳти роҳбарии сафир оид ба ҳамкориҳои Осиё ва укёнуси Ором Хиромото Секи аз Тоҷикистон дидан кард.

Дипломати японӣ паёми раиси ҳукумати кишварашро ба Президенти Тоҷикистон расонда, омодагии Японияро барои кӯмаки изофӣ ба ҷумҳурӣ ба маблағи 2,5 миллион

доллари амрикоӣ эълон кард. Моҳи июн Япония барои содироти молҳои кишоварзӣ ва саноатӣ ба Тоҷикистон имтиёзи гумрукиро фароҳам овард[1,с.20].

Дар ин раванд, мусоидат ба ташаккули иқтисодиёти самаранок тавассути ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати кишвар муҳим арзёбӣ мегардид. Тоҷикистон Японияро ҳамчун кишвари аз лиҳози пешрафти иқтисодӣ дар ҷаҳон ва бо дар назар гирифтани нақш ва мавқеи он дар бозори ҷаҳонӣ яке аз шарикони боэътимоди худ медонад. Аз ин рӯ мехоҳад аз таҷриба ва дастовардҳои ин кишвар дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеаи худ истифода намояд.

Аз ин рӯ, Япония бо Тоҷикистон бо якчанд лоиҳаҳои дорои хусусияти иқтисодидошта ҳамкорӣ намуда истодааст. Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ миёни ду кишвар моҳи августи соли 2006 барқарор гардида, Намояндагии Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Япония “Japan International Cooperation Agency” минбаъд JICA дар Душанбе таъсис дода шуд. Дар чорчӯбаи барномаҳои JICA барои мутахассисони Тоҷикистон имконияти таҳсили соҳаҳои мухталиф дар Япония фароҳам омадааст.

14 январи соли 2009 дар бинои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон маросими ба имзо расидани табодули ёддоштҳо вобаста ба лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Дӯстӣ – Панҷи Поён» сурат гирифт.

Аз 22 сентябри соли 2011 нахустин Корхонаи дорувории муштараки Тоҷикистону Япония «Аввалин» дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон фаъолияти худро оғоз намуд. Мубодилаи мол миёни кишварҳо дар соли 2012 18338,33 ҳазор дол. ИМА-ро ташкил дод, ки яке аз мисоли назарраси рушди муносибатҳои иқтисодии ду кишвар мебошад. (13940,26 ҳазор дол. ИМА дар соли 2011). Дар нимсолаи аввали соли 2013 мубодилаи мол миёни кишварҳо 2456,80 ҳазор дол. ИМА-ро ташкил дод[2].

Бояд қайд, ки дар рушди муносибатҳо миёни давлатҳо роҳбарон нақши муҳим мебозанд. Маҳз аз иродаи мустаҳками онҳо дар сиёсати хориҷӣ метавонад, такондиҳандаи муносибатҳо гардад. Аз ин рӯ, нахустин ташрифи Сарвазири Япония Синдзо Абэ ба Тоҷикистон, ки рӯзи 24 октябри соли 2015 сурат гирифта буд, яке аз руйдодҳои муҳим дар таърихи муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ истиқболи расмии меҳмони оликадр бо баргузории маросими бошукӯҳ дар назди Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт[3].

Дар ин сафар роҳбарони ду кишвар ба баланд бардоштани сатҳи шарикӣ миёни Япония ва Тоҷикистон бар асоси дӯстӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба изҳори умед карданд. Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмӣ миёни роҳборани ду кишвар 8 санади меъёрию ҳуқуқӣ ба имзо расид, ки санадҳои нави ҳамкорӣ ин: Изҳороти муштарак оид ба шарикӣ миёни Тоҷикистон ва Япония; Созишнома тариқи мубодилаи ёддоштҳо оид ба лоиҳаи «Барқарор намудани низоми таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳияи Панҷи Вилояти Хатлон (даври 2)»; Созишномаи грантӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Япония оид ба ҳамкории байналмилалӣ оид ба татбиқи лоиҳаи «Барқарор намудани низоми таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳияи Панҷи Вилояти Хатлон (даври 2)»; Изҳороти ҳамкорӣ миёни Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба мубодилаи иттилоот дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Маркази кашшофии молиявии комиссияи миллии бехатарии ҷамъиятии Япония; Созишнома тариқи мубодилаи ёддоштҳо миёни Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) ва Ҳукумати Япония оид ба лоиҳа барои беҳсозии тарзи идоракунии мубориза бар зидди малах дар Тоҷикистон; Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) оид ба татбиқи лоиҳа барои беҳсозии тарзи идоракунии мубориза бар зидди малах; Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи илмӣ миёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ва Донишгоҳи Тсукубаи Япония; Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Япония оид ба ҳамкории иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ[4].

Баъди имзои яке аз санадҳои ҳуқуқӣ миёни кишварҳо, ки ҳамкориҳои иқтисодиро ба тамзим медарорад, ки ин Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Япония оид ба ҳамкории иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад. Дар асоси санади номбаршуда санаи 14 апрели соли 2017 дар Токио нахустин даври Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Япония оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ баргузор гардид. Аз ҷумла қобили қайд аст, ки дар ин ҳамоиш ки яке аз мавзуҳои он ин “Муҳити макроиқтисодӣ ва имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон ба ширкатҳои хориҷӣ” буд соҳибкорон ва намояндагони сохторҳои давлатию хусусии кишвари Япония бо намояндагони расмии Тоҷикистон гуфтушунид анҷом доданд.

Дар ин вохӯрӣ аз тарафи Япония намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати иқтисод, савдо ва саноат, Палатаи савдо ва саноат, Иттиҳодияи дӯстии Тоҷикистон ва Япония доир ба муносибатҳои иқтисодию фарҳангӣ, Роҳбари Намояндагии доимии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Япония, Ҷамъияти Япония оид ба савдо бо Россия ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ROTOBO), Донишкадаи иқтисодӣ ва энергетикии Япония, Донишкадаи робитаҳои байналмилалии асъор, инчунин намояндагони ширкатҳои бузурги японӣ аз ҷумла: ITOCHU Corporation, Toshiba Corporation, Hitachi Ltd, Sumitomo Corporation, Hokaido Intellect Tank, Sojits Corporation, Akebono Boeki Co Ltd, Hit World Management Group, Marubeni Corporation, Nissin Corporation, Cockey Co Ltd, NPO ALBERI DEL CACAO – Cacao no ki, Toyo Kanetsu ва Dainichi Hanso ширкат варзиданд. Дар рафти мулоқот зимни суханронии ифтитоҳӣ, собиқ Сафири фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Япония Ҳамрохон Зарифӣ оид ба рушди пайвастаи тиҷорату иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои мусоиди сармоягузорӣ ва зарурати ҷалби технологияи муосири Япония дар бахшҳои гуногуни соҳаи саноати Тоҷикистон баромад намуд. Дар ин мулоқот Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Неъматулло Ҳикматуллозода низ дар бораи ҳамкориҳои макроиқтисодӣ ва имкониятҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ширкатҳои хориҷӣ баромад намуда, фикру андешаҳои хешро баён намуд. Ҳамзамон иштирокчиён аз раванди татбиқи тарҳҳои афзалиятноки кишвар, барномаҳои рушди соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ, кишоварзӣ, гидроэнергетика, истихроҷ ва саноати кимиёӣ бо ҷалби технологияи муосир шинос шуданд. Татбиқи тарҳҳои мазкур дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаи миёнамуҳлати рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба нақша гирифта шудааст. Инчунин дар ин мулоқот таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сармоягузории японӣ муносиб мебошад. Аз ин рӯ, ширкатҳои япониро даъват карда шавад то бо ҳамтоёни тоҷикистонии худ дар татбиқи тарҳҳои мутақобилан судманд ва бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ бо истифода аз ашёи хоми Тоҷикистон фаъолона ва пайваста ҳамкорӣ намоянд.

Дар таърихи муносибатҳо санаи 3-5 октябри соли 2018 Япония бахри таҳким додани муносибатҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Япония Синдзо Абэ мулоқоти расмӣ анҷом доданд. Дар ин мулоқот масъалаҳои муҳими миёни ҳар ду кишвар муҳокима ва баррасӣ гардид. Яке аз омилҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ ин ҳавасмандгардонии соҳибкорони ҷопонӣ ва ҷорӣ намудани тиҷорати

бомуваффақият дар Тоҷикистон мебошад. Инчунин таъкид гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ бунёд гардидааст ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ имконияти фарохро муҳайё намудааст. Баъд аз фарҷоми мулоқот 7 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд:

- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Япония барои солҳои 2019 - 2021;
- Ёддоштҳои табодулӣ вобаста ба лоиҳаи “Барномаи бурсияҳои таҳсилӣ барои рушди иқтисоди захираҳои инсонӣ” (лоиҳаи JDS);
- Созишномаи грантии лоиҳаи “Бурсияҳои таҳсилӣ барои рушди захираҳои инсонӣ” (лоиҳаи JDS);
- Ёддошти тафоҳум оид ба давраи машқу тамрини пеш аз Бозиҳои олимпӣ ва паралимпии Токио - 2020 миёни Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳупии Тоҷикистон ва шаҳри Аомории Япония Созишномаи ҳамкорӣ байни Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Япония;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва Вазорати маориф, фарҳанг ва варзиши Япония;
- Ёддошти тафоҳум байни Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ва Палатаи савдо ва саноати Япония[5].

Дар ҷадвали 1 маълумоти 9 соли охир дар мавриди содироти Тоҷикистон ба Ҷопон ва воридоти мо аз ин кишвар оварда шудааст.

(ҳазор долл. ИМА)

| Гардиши мол миёни Япония ва Тоҷикистон | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сол | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 |
| Содирот | 547,36 | 3,315.59 | 1,750.61 | 9,308.49 | 25912,07 | 13051,46 | 10871,35 | 1114,03 |
| Воридот | 1,393,94 | 279.60 | 5.87 | 3.82 | 1400,24 | 888,8 | 7466,99 | 1342,77 |
| Ҳаҷми умуми | 1,941.34 | 3,673.54 | 1,756.48 | 9,312.31 | 27312,31 | 13940,26 | 18338,34 | 2456,8 |
| Сол | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Содирот | 1384,43 | 2230,14 | 1161,95 | 1456,12 | 12,593.83 | 19,872.52 | 3,624.96 | 86,9 |
| Воридот | 14160,35 | 5328,67 | 3588,89 | 5907,32 | 694.15 | 1,498.72 | 1,385.17 | 2 |
| Ҳаҷми умуми | 15544,78 | 7558,81 | 4750,84 | 7363,44 | 13,287,98 | 21,371.24 | 5,010.13 | 88,9 |

***Манбаъ:*** *сомонаи Бонки ҷаҳонӣ ва сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузори ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[6].*

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми гардиши савдои хориҷии мутақобила бо Япония дар моҳи соли 2020 30,2 миллион долларро ташкил дода, нисбат ба давраи таҳлилии соли 2019 23,5 миллион доллар кам шудааст. Содироти мол ба Япония аз Тоҷикистон дар ин муддат 1,0 миллион долларро ИМА ташкил додааст. Воридот аз Япония 29,2 миллион долларро ташкил дод. Ҳиссаи савдо бо Япония дар ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 2020 0,9 фоизро ташкил дод[7].

Аз таҳлили ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистон ва Япония дар солҳои охир дар сатҳи баланд арзёби кард. Зеро аз динамикаи нишондиҳандаи савдои тиҷоратии кишварҳо бар меояд, ки Япония ягона давлати

минтақаи Осиёи Шарқӣ мебошад, ки ба кишвари мо диққати зиёд медиҳад. Дар рушди инфрасохтори давлатӣ ва рушди самтҳои кишваорзӣ JICA саҳми арзанда гузоштааст.

Баъд аз барқарор шудани муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод ва молия низ ҳамкориҳо оғоз ёфтанд. Фаъолияти нахустин корхонаи муштараки Тоҷикистону Япония "Аввалин" ки онро ширкати "Коки" -и Япония дар вилояти Хатлон таъсис додааст, низ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ саҳми назаррас дорад. Ширкати мазкур бо истеҳсол намудани дору аз гиёҳҳои Тоҷикистон машғул мебошад.

Воридот, воситаҳои нақлиёти заминӣ, ғайр аз воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан ё трамвай, лавозимот ва қисмҳои онҳо, мошин ва таҷҳизоти барқӣ, қисмҳои онҳо; дастгоҳи сабткунанда ё садобароваранда, дастгоҳ барои сабт ва айнан такрор шудани тасвири телевизионӣ ва садо, қисмҳо ва лавозимоти онҳо, реакторҳои ҳастаӣ, дегҳо, таҷҳизот ва дастгоҳҳои механикӣ; қисмҳои онҳо, асбобу анҷом ва дастгоҳҳои оптикӣ, аксбардорӣ, синамогарӣ, ченкунӣ, назоратӣ, претсизионӣ, тиббӣ ё ҷарроҳӣ; қисмҳои онҳо ва лавозимот.

Содирот бошад, шилми табиии тозакарданашуда; камеди (самғ), қатрон ва дигар ҷавҳар ва афшураи растанӣ маҳсулоти маъданӣ, металлҳои асосӣ ва маҳсулоти коркардшудаи онҳо, бофандагӣ ба роҳ монда шуд[8].

Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Эмомалӣ Раҳмон ба ҳукумати Япония барои дастгирӣ дар рушди ислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ изҳори миннатдорӣ намуда, тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва илмӣ-техникиро қайд кард". Дар ҷараёни музокирот раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид кард, ки "бо дастгирии молиявӣ ва техникии Япония, дар Тоҷикистон 340 лоиҳа дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва бахши иҷтимоӣ амалӣ карда шудааст".

Мусоҳибон ба зарурати ҷалби сармояи Япония ва қарзҳои имтиёзнок барои рушди минбаъдаи иқтисоди Тоҷикистон, бахусус дар соҳаҳое, ба монанди саноат, энергетика, нақлиёт ва бахши кишоварзӣ, мувофиқат карданд ва таваҷҷӯҳро ба захираҳои калони мавҷуда ҷалб карданд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҶАЙКА (JICA)

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Япония "Japan International Cooperation Agency" минбаъд (JICA) ҳамкорӣ менамояд. ҶАЙКА ҳамкориҳои техникии худро бо Тоҷикистон соли 1993 бо даъвати хизматчиёни давлатии Тоҷикистон барои таҳсил дар Япония оғоз кард, то дониш ва таҷриба дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва рушди макроиқтисодӣ гирад. Дар соли 2006 дар Тоҷикистон дафтари JICA ифтитоҳ ёфт ва аз ҳамон вақт инҷониб лоиҳаҳои мухталифи грантӣ ва кӯмаки техникӣ дар соҳаҳое, ба монанди кишоварзӣ ва рушди деҳот, таъминоти оби нӯшокӣ, тандурустӣ, нақлиёт, сайёҳи, энергетика, такмили ихтисос инчунин мусоидат ба рушд тиҷорати миёна. Дар оғози соли 2018 шумораи умумии иштирокчиёни барномаи ҳамкории донишҳои JICA, ки қаблан "Курсҳои омӯзишӣ" ном дошт, аз 2200 нафар гузашт. Дар айни замон, JICA дар Тоҷикистон 35 лоиҳаро амалӣ намуда, ки маблағи умумии онҳо зиёда аз 349,6 миллион долларро ташкил медиҳад (82 миллион доллар кумаки техникӣ ва 267,6 миллион доллар кумаки грантӣ), аз он ҷумла 11 лоиҳа фаъол мебошанд.

Бузургтарин лоиҳаҳои техникии он:

1) «Лоиҳаи тақвияти идоракунии хадамоти оби водоканалҳои Панҷ ва Ҳамадонӣ», (Project for Strengthening the Water Service Management of Pyanj and Khamadoni Vodokanals),

2) "Лоиҳаи беҳтар намудани Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе" (Project for Improvement of Dushanbe International Airport;) ,

3) “Лоиҳаи беҳтар намудани вазъи зеристгоҳҳои барқии шаҳри Душанбе” (Project for Improvement of Substations in Dushanbe) мебошад.

Татбиқи лоиҳаҳо оид ба барқарорсозии роҳҳои Дӯстӣ-Панҷи поён, Бохтар-Дӯстӣ ва сохтмони терминали боркаш дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе (2017-2018) намунаи ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвар мебошанд.

Ҳукумати Япония дар такмили системаи оби нӯшокӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ доимо саҳм мегузорад. Лоиҳаи "Барқарорсозии системаи таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳияи Панҷи вилояти Хатлони Тоҷикистон" аз ҷониби Ҷамъияти муҳандисони шаҳрвандии Япония (ҶСК) ҳамчун лоиҳаи беҳтарин дар хориҷи кишвар дар соҳаи сохтмони шаҳрвандӣ татбиқ карда шуд [9].

Аз нишондиҳандаҳои муқоисавии савдои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ дар доираи ташкилоти JICA Тоҷикистону Япония динамикаи ҳамкориҳои дуҷонибаро хело рушд дод.

Омӯзиши таҷрибаи Япония дар самтҳои андозбандӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва рушди инноватсионӣ метавонад дар оянда ба рушди ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодиёти кишвар саҳми худро гузорад.

**Адабиёт**

1. Зафар Сайидзода Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства(1992-2004 гг.)Монография- Душанбе ООО «Контраст» 2010 - Седьмое издание-445 стр
2. Сомонаи расмии бонки ҷаҳони (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2006,2020/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups)
3. Рузномаи Садои Мардум соманааш [https://sadoimardum.tj/president/nahustin-safari-sarvaziri-yaponiya-ba-um-urii-to-ikiston/] (санаи истифодабари 1.11.2022).
4. РузномаиҶумҳурият:[https://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=21550 Санаи нашр: 27.10.2015] (санаи истифодабари 1.11.2022).
5. http://www.president.tj (санаи истифодабари 1.11.2022).
6. Сомонаи расмии бонки ҷаҳони (https://wits.worldbank.org/CountryProfile/en/Country/JPN/Year/2006,2020/TradeFlow/EXPIMP/Partner/TJK/Product/All-Groups)
7. Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://www.stat.tj/ (25.09.2022)
8. Сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузори ва идораи амволи давлатӣ https://tajtrade.tj/menu/28?l=tj
9. Японское Агентство международного сотрудничества (JICA) в Таджикистане//https://www.jica.go.jp/tajikistan/russian/office/about/about.html санаи муроҷиат 1.05.2022

## ТАДЖИСКО-ЯПОНСКОЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО

**НАРЗИЕВ ДЖАХОНГИР БАХТИЁРОВИЧ,**
докторант (Phd) Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана.
734035, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33.
Тел.: (+992) 939-38-88-80. E-mail:narziev.jahongir@bk.ru
**СУРАЙЁИ АБДУКОСИМ,**
младший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы
Национальной академии наук Таджикистана.

734035, г.Душанбе, проспект Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992) 911-10-03-89. E-mail: surayoia98@gmail.com

*В данной статье проанализировали процесс экономического сотрудничества между Таджикистаном и Японией. В нем были определены показатели товарооборота стран и динамика торгового сотрудничества между Таджикистаном и Японией. В развитии экономического сотрудничества значителен вклад руководства страны.*

*Япония – страна, входящая в число сверхдержав и прославившаяся в мире своими новыми технологиями. Взгляд Японии на Центральную Азию значителен, и она напрямую реализует свои разнонаправленные отношения со странами региона. Таджикистан наладил двустороннее сотрудничество с Японией во всех сферах и благодаря этому смог внести свой вклад в постоянное развитие экономики страны.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Япония, сотрудничество, экономика, торговля, инвестиции, торговля, JICA.*

## TAJIKS-JAPANESE ECONOMIC COOPERATION

**NARZIEV JAHONGIR BAKHTIYOROVICH,**
Doctoral student (PhD) of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
734035, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Dushanbe, 33, Rudaki ave.
Phone: (+992) 939-38-88-80. E-mail: narziev.jahongir@bk.ru
**SURAYOI ABDUKOSIM,**
junior researcher of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
734035, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Dushanbe, 33, Rudaki ave.
Phone: (+992) 911-10-03-89. E-mail: surayoia98@gmail.com

*This article analyzed the process of economic cooperation between Tajikistan and Japan. It determined the indicators of the trade turnover of the countries and the dynamics of trade cooperation between Tajikistan and Japan. The contribution of the country's leadership is significant in the development of economic cooperation.*

*Japan is a country that is one of the superpowers and has become famous in the world for its new technologies. Japan's view of Central Asia is significant, and it directly implements its multidirectional relations with the countries of the region. Tajikistan has established bilateral cooperation with Japan in all areas and, thanks to this, was able to contribute to the continuous development of the country's economy.*

***Key words:*** *Tajikistan, Japan, cooperation, economy, trade, investment, trade, JICA.*

УДК: 338

# ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ТОҶИКИСТОН

**ҶАМШЕДИ ҶУНАЙДУЛОЗОДА,**
докторант (PhD)-и кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru

*Дар ҷомеаи муосир, ки бо тағйироти динамикӣ дар асоси табдили муносибатҳои байни меҳнат ва сармоя, рушди технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ тавсиф мешавад, таҳсилоти олии касбӣ бо аҳамияти худ барои таъмини пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мақсадҳои низоми маориф ба равандҳои таълиму тарбияи шахсият ба манфиати ҷомеа асос меёбад. Ин равандҳо аз ҷиҳати институтсионалӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимшаванда ва қоидаҳои муқарраршуда дастгирӣ карда мешаванд, дар ҳоле ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати ноил шудан ба сатҳҳои таълимии муқарраршуда вазифадоранд. Раванди таълим дар мактабҳои олӣ бо азхудкунии ҳам донишҳои касбӣ ва ҳам илмӣ ҳамроҳ мешавад, ки рушди иқтисодиёти донишро ҳамчун шакли нави зуҳури ҷомеаи иттилоотӣ тавсиф мекунад. Илова бар ин, ташаккули малакаҳои зарурӣ барои амалисозии шахсият дар ҷомеаи постиндустриалӣ вуҷуд дорад, ки ба био ва нанотехнологияҳо, энергетикаи атомӣ, технологияҳои кайҳонӣ, эҷоди маводи нав, давраҳои пӯшидаи истеҳсолӣ асос ёфтааст.*

*Ташаккули иқтисодиёти самарабахши дониш тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро талаб мекунад. Бо ин мақсад дар соҳаи маориф ҳазорҳо нафар мутахассисон кору фаъолият мебаранд.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, омор, низоми таҳсилоти олии касбӣ, илм ва маориф, кадр, истеҳсолот, ҷамъият, раванди таълим, мактабҳои олӣ, иттилоот, технология, коммуникатсия.*

Дар ҷомеаи муосир равандҳои дигаргунсозии раванди таълим бо рушди ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд аст, ки консепсияи назариявии ҷомеаи постиндустриалӣ мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ донишу иттилоот муттаҳид ва афзун гардида, фазои ягонаи иттилоотиро ташкил медиҳад. Дар ин фазо одамони дорои интеллектуалӣ, ки тавоноии таҳия ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, низомҳои коммуникатсионӣ ва дигар маҳсулоту хидматҳои иттилоотиро доранд, ба майдон меоянд. Дар натиҷа, ҷамъшавӣ ва афзоиши дониш ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал меояд, ки дар ниҳоят боиси ташаккули фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мегардад. Дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ муомилоти самарабахши одамони гуногун ва қонеъ гардонидани талаботи онҳоро ба маҳсулоти фазои иттилоотӣ таъмин менамояд. Талабот дар ҷомеаи иттилоотӣ ба мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ вобаста ба соҳае, ки ин шахсон дар он кор мекунанд, фарқ мекунад.

Дар айни замон сифати хизматрасониҳои таълимии донишгоҳ дар соҳаи маориф мавқеи муҳим дорад. Давлат, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон намояндагӣ мекунад, сифати хизматрасониро аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ бо роҳи ташаккул додани супориш барои ҳар як донишгоҳ оид ба тайёр кардани кадрҳо назорат мекунад ва ба ин васила ҳаҷми маблағгузориро барои пӯшонидани хароҷоти таълимии категорияи муайяни омӯзгорон муайян менамояд.

Яке аз омилҳои асосии баландравии сатҳ ва сифати таълим дар низоми маориф ин баланд будани музди меҳнатии омузгорон ба ҳисоб меравад.




Чи хеле, ки аз расм бар меояд дар солҳои 2000-ум музди меҳнат тақрибан 12 сомониро ташкил медод. Дар солҳои 2010-ум ин нишондиҳанда тақрибан ба 280 сомони баробар шуд. Дар соли 2020-ум бошад ин нишондиҳанд тақрибан ба 1200 сомони баробар шуд. Дар асоси ин нишондиҳандаҳо хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки соҳаи маориф Тоҷикистон дар рушди босубот қарор дорад.

Дараҷаи таълим дар ҷомеаи иттилоотӣ бо талаботи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, таъмини рушди иқтисодӣ, инкишофи низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ ва илму техника вобаста аст. Аз ин рӯ, зарурати ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбӣ ва ташаккули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии сатҳи нав – муассисаҳои шакли инноватсионӣ ба таври объективӣ пухта шудааст.

***Ҷадвали 1.***

***Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ[1, саҳ. 92.]***

*(дар аввали соли таҳсил, ҳазор нафар)*

| Солҳо | Микдори муассисаҳо, воҳид | Шумораи донишҷӯён | Аз он ҷумла занон | Таносуб бо фоиз % | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардҳо | Занҳо |
| 2016/17 | 39 | 186,9 | 65,9 | 64,7 | 35,3 |
| 2017/18 | 39 | 195,7 | 70,4 | 64,0 | 36,0 |
| 2018/19 | 39 | 209,8 | 76,4 | 63,6 | 36,4 |
| 2019/20 | 40 | 229,6 | 86,5 | 62,3 | 37,7 |
| 2020/21 | 41 | 245,9 | 87,4 | 64,5 | 35,5 |

Таҳлили оморӣ дар ҷадвали №1 овардашуда нишон медиҳад, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 39 муассисаи олии касбӣ бошад, пас дар айни замон шумораи онҳо ба 41 адад расидааст. Дар соли 2017 шумораи донишҷӯён 186,9 ҳазор нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 65,9 ҳазор нафараш занҳо мебошанд. Дар соли 2021 бошад шумораи донишҷӯён ба 245,9 ҳазор нафар расида, 87,4 нафарашон занҳо мебошанд.

Дар соли таҳсили 2019-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардани кадрҳои дорои маълумоти олии касбӣ аз ҷониби 40 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда мешавад. Ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2011-2012 33 ададро ташкил дод. Аксарияти донишгоҳҳои мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рақибони мустақим дар таъмини як маҳсулоти таълимӣ мебошанд. Дар ҳоле ки самти асосии фаъолияти донишгоҳҳо пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ мебошад, донишгоҳҳо як қатор хидматҳои иловагиро бо нархҳои муқоисашаванда пешкаш мекунанд.

Санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ҳуқуқи одамонро ба таҳсил тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, ҳуқуқ ба таҳсил дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (моддаи 26), дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (моддаҳои 13,14) Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ эълон шудааст (моддаи 2 Протоколи якум). Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳар як шахс ҳуқуқи таҳсилро дорад». Таҳсилоти олӣ умумӣ нест, аммо ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад онро гирад. Дар солҳои охир, таваҷҷӯҳи бештар ба равандҳои модернизатсия дар Тоҷикистон дода мешавад. Гузашта аз ин, на ба навсозии технологияҳо, балки ба соҳаи иҷтимоӣ бештар диққат дода мешавад, зеро тартиби технологӣ як падидаи иҷтимоию иқтисодӣ аст. Татбиқи навсозии низоми таҳсилоти олии касбӣ бояд ба кадрҳои баландихтисоси педагогӣ асос ёбад.

***Ҷадвали 2.***

***Ҳайати омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [1, саҳ. 111.]***

| Солҳо | Ҳамагӣ (ҳайати асосӣ) | Аз шумораи умумӣ унвони илмӣ доранд | | | | Аз шумораи умумӣ-занон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Номзади илм | Аз он ҷумла занон | Доктори илм | Аз он ҷумла занон | |
| 2016/17 | 10010 | 2590 | 777 | 603 | 84 | 3471 |
| 2017/18 | 10321 | 2687 | 724 | 619 | 92 | 3541 |
| 2018/19 | 10581 | 2808 | 832 | 630 | 88 | 3807 |
| 2019/20 | 11681 | 2939 | 923 | 630 | 97 | 3956 |
| 2020/21 | 11872 | 3213 | 953 | 694 | 108 | 4195 |

Дар соли таҳсили 2016-2017 дар муассисаҳои олии касбии ҶТ 10,1 ҳазор нафар омӯзгорон дарс мегуфтанд, ки аз ин шумора 603 нафарашон унвони доктори илм, 2,59 ҳазор нафарашон унвони номзади илм доштанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон шумораи занҳо дар ин давра 3, 471 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар соли таҳсили 2020-2021 бошад, шумораи умумии омӯзгорон ба 11, 872 нафар расида, 694 нафарашон доктори илм, 3, 213 ҳазор нафарашон номзади илм буда, шумораи занон аз шумораи умумӣ 4,195 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

***Ҷадвали 3.***

***Харочоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф [1, саҳ. 12.]***

| Солҳо | Харочоти буҷети давлатӣ барои маориф, ҳаз. сомонӣ | Ба ҳисоби фоиз | |
|---|---|---|---|
| | | Ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | Нисбат ба харочоти буҷетӣ давлатӣ |
| 2016 | **3093759,0** | **5,6** | **16,9** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2017 | **3572650,3** | **5,5** | **16,0** |
| 2018 | **3072635,4** | **4,3** | **15,3** |
| 2019 | **4338559,0** | **5,5** | **18,2** |
| 2020 | **4429685,9** | **5,4** | **17,8** |

Муносибатҳои инноватсионии рушди низоми маориф ба талаботи давлат, ҷомеа ва шахсият ҷавобгӯ мебошанд. Аммо инкишофи на танҳо усулҳои навоварона, балки тамоми низоми маълумоти олӣ бояд ба манбаъҳо ва ҳаҷми гуногуни маблағгузорӣ асос ёбад. Чунон ки аз ҷадвал дида мешавад, дар соли 2016 дар Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар соҳаи маориф 3093759000 сомонӣ маблағ ҷудо шудааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 бошад ба 4429685000 сомонӣ баробар шуд.

Ҷамъиятигардонии муносибатҳои ташкилӣ, идоракунӣ ва иқтисодӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи ҳавасмандгардонии давлатии рушди илм, маориф ва инноватсия сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар қисмати хароҷоти буҷети давлатӣ соҳаи маориф нисбат ба дигар соҳаҳо аз ҳама хароҷоти зиёдро дар бар мегирад.

Дар ислоҳоти низоми таҳсилоти олии касбӣ ба истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Ин ҳам истифодаи технологияҳои нав ва ҳам воситаҳои электронии таълимиро талаб мекунад.

***Диаграмма № 1[1, саҳ. 18.]***




Аз диаграмма бармеояд, ки бештари донишҷӯён дар соҳаи маориф-41,10%, иқтисодиёт-27%, саноат ва сохтмон-13,7%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш-9,7% рост меоянд.

Маҷмӯи шартҳои бунёдии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат кард. Ин шартҳо аз инҳо иборатанд: неруи зеҳнии ҷомеа; таъминоти илмию техникӣ ва технологии тараққиёти иқтисодиёт; ташаккули иқтисодиёти дониш, вақте ки дониш мухимтарин омили истеҳсолот мегардад; нававарии иқтисодиёт, ба гуфтаи Н.В. Тихомирова, «нававарӣ шакли каскадҳоро мегирад ва татбиқи онҳо дар ҷомеа хеле тезтар пеш меравад»; бунёди асосҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ ва идоракунӣ барои идоракунии ҷомеаи муосир. Низоми таҳсилоти олии касбӣ ба мағзи тағири муносибатҳо дар ҷомеаи муосир, ба ташаккули низоми нави технологӣ табдил меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 70% маблағгузорӣ дар соҳаи маориф сурат мегирад. Аз ҳама бештари ин маблағҳо ба таҳсилоти олии касбӣ рост меояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тайёр намудани кадрҳо низоми таҳсилоти касбӣ саҳми калон дорад.

***Ҷадвали 4.***

***Иҷроиши Буҷети давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ бо млн. сомонӣ[2, саҳ. 5; 3, саҳ. 5; 4, саҳ. 5; 5, саҳ. 5, саҳ. 5.]***

| Солҳо | Нақша | Иҷроиш | Фоизи иҷро |
|---|---|---|---|
| 2017 | 855,8 | 711,1 | 83,1% |
| 2018 | 877,0 | 771,6 | 87,0% |
| 2019 | 1015,14 | 888,9 | 87,5% |
| 2020 | 1026,5 | 906,4 | 88,3% |
| Нимсолаи 1-уми 2021 | 686,8 | 442,0 | 64,4% |

Чи тавре, ки аз ҷадвали №4 бар меояд маблағгузории таҳсилоти олии касбӣ сол аз сол афзоиш ёфта истода, бештари маблағгузориҳои соҳаи маорифро ташкил медиҳад. Дар соли 2017 маблағгузории соҳаи мазкур 855,8 млн. сомониро ташкил дода, дар соли 2020 ба 1026,5 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нишондиҳандаи соли 2020 нисбат ба соли 2017 20% зиёд мебошад.

## Адабиёт


1. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-соли истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, 2021 с.
2. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017.
3. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018.
4. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019.
5. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020.
6. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2021.
7. -Приоритеты профессионального образования // Высшее образование сегодня. - 2010. - №9. - С. 7-13.
8. Тихомирова Н.В. Управление современным университетом, интегрированным в информационное пространство: концепция, инструменты, методы. - Дисс. .. .д-ра экон. наук. - М.: МЭСИ, 2009. - С.61.
9. Терентьева И.А., Семкина Т.А. Оценка инновационной деятельности в организациях высшего профессионального образования как фактора ее конкурентоспособности // Инновации и инвестиции. 2012. №4. С. 31-33
10. Волкова И.Е., Иванов С.С. Качество высшего образования в информационном обществе // Открытое образование. 2009. № 2. С. 18-22.

# ЭКОНОМИЧЕСКО-СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

**ДЖАМШЕДИ ДЖУНАЙДУЛОЗОДА,**
докторант (PhD) кафедры экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел.: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru

*В современном обществе для которого характерны динамичные изменения, основанные на трансформации отношений между трудом и капиталом, развитии новых информационных и коммуникационных технологий, высшее профессиональное образование занимает особое положение своей значимостью для обеспечения социально-экономического прогресса. Цели системы образования основаны на процессах личного воспитания и обучения на благо общества. Эти процессы институционально поддерживаются нормативными документами и установленными правилами, а высшие учебные заведения обязаны достигать установленных образовательных уровней. Образовательный процесс в высшей школе сопровождается приобретением как профессиональных, так и научных знаний, что характеризует развитие экономики знаний как новой формы информационного общества. Кроме того, происходит формирование навыков, необходимых для реализации личности в постиндустриальном обществе, в основе которого лежат био- и нанотехнологии, атомная энергетика, космические технологии, создание новых материалов, замкнутые производственные циклы. Формирование эффективной экономики знаний требует подготовки высококвалифицированных кадров. Для этого в сфере образования работают тысячи специалистов.*

***Ключевые слова:*** *экономика, статистика, система высшего профессионального образования, наука и образование, кадры, производство, общество, образовательный процесс, вузы, информация, технология, связь.*

# ECONOMIC AND STATISTICAL ANALYSIS DEVELOPMENT OF THE SYSTEM OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN TAJIKISTAN

**JAMSHEDI JUNAYDULOZODA,**
Doctoral student (PhD) of the Department of Economics and Management of the
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 907-11-33-31. E-mail: jstar_90@list.ru

*In modern society which is characterized by dynamic changes based on the transformation of relations between labor and capital, the development of new information and communication technologies, higher professional education occupies a special position due to its importance for ensuring socio-economic progress. The goals of the education system are based on the processes of personal education and training for the benefit of society. These processes are institutionally supported by normative documents and established rules, and higher education institutions are required to achieve established educational levels. The educational process in higher education is accompanied by the acquisition of both professional and scientific knowledge, which characterizes the development of the knowledge economy as a new form of the information society. In addition, there is a formation of the skills necessary for the realization of the individual in a post-industrial society, which is based on bio- and nanotechnologies, nuclear energy, space technologies, the creation of new materials, closed production cycles. The formation of an effective knowledge economy requires the training of highly qualified personnel. For this, thousands of specialists work in the field of education.*

***Key words:*** *economics, statistics, system of higher professional education, science and education, personnel, production, society, educational process, universities, information, technology, communication.*

УДК: 332

# ТАЪМИНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТ БО МАҚСАДИ БУНЁД ВА ИСТИФОДАИ ОБЪЕКТҲОИ ИҶТИМОӢ

**АБДУЛЛОЗОДА ХИСРАВ АБДУЛЛО,**
докторант (Phd)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи, С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-07-02-02.

*Мақолаи мазкур ба баррасӣ ва таҳлили ҳолати истифодабарии заминҳои ҳудудҳои деҳоти Тоқикистон бахшида шудааст. Дар шароити кунунӣ истифодабараии самараноки ҳар як қитъаи замин аз масоили мубрам ва дорои аҳамияти муҳим ба шумор меравад. Дар минтақаҳои деҳот сохтмони иншоотҳои иҷтимоӣ ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ мегардад, зеро ҳар як ваҷаби замин бояд сарфакорона ва бо таъиноти хоси худаш истифода шавад. Маълум аст, ки замин аз захираҳои маҳдуди табиӣ дар Тоҷикистон ба шумор меояд, аз ин ру истифодаи он ба мақсади бунёди биноҳо ва иншооти саноатӣ ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ мегардад. Дар мақола муаммоҳои истифодаи самараноки замин бо мақсади бунёд ва истифодаи сохторҳои иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд. Кӯшиш шудааст, ки ҷанбаҳои назариявии ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати беҳтар намудани истифодаи қитъаҳои замин дар ҳудудҳои деҳот тавсияҳо пешниҳод гарданд. Қайд шудааст, ки қонунгузории Тоҷикистон дар робита ба истифодаи самараноки замин имтиёзҳои зиёдеро ба назар гирифтааст, ки истифода аз ин имтиёзҳо метавонад самаранокии истифодаи заминро ба таври чашмгир боло барад. Мутаассифона, дар ҳудудҳои деҳот на ҳамеша талаботҳо ва принсипҳои консепсия рушди босубот, ки қисмати муҳимми онро принсипҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд, ба назар гирифта мешавад. Вобаста ба ин дар мақолаи мазкур ҷиҳати такмили низоми мавҷуди тақсим ва истифодаи замин, баҳогузории он, беҳдошти заминҳои истифодашаванда, интихоби оқилонаи ҷойи сохтмон ва амсоли он тавсияҳои судманд пешниҳод шудаанд. Бештар ба масоиле аҳамият дода шудааст, ки ҷанбаҳои муҳимтарини таъминоти инфрасохтории хизматрасонии иҷтимоиро инъикос менамоянд. Тавсияҳои дар мақола пешниҳодшударо метавон дар раванди танзими давлатии рушди иҷтимоии ҳудудҳои деҳот истифода бурд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳудудҳои деҳот, замин, самаранокӣ, объектҳои иҷтимоӣ, сатҳи зист, муаммоҳои заминистифодабарӣ.*

Таърихан, одамон барои зиндагии муназзами худ иншоотҳои мухталиф месохтанд, фаъолияти истеҳсолӣ ташкил мекарданд, маҳалҳои аҳолинишин месохтанд. Ҳамин тариқ заминҳои боқимондаи дуру наздикро ва ҳатто заминҳои деҳаҳои ҳамсояро бо мақсади таъмини ғизо ба аҳолӣ, парвариши гиёҳҳои зироатӣ ва ҳайвоноти хоҷагӣ истифода мекарданд. Замин барои пешбурди ҳама гуна фаъолияти иқтисодии одамон муҳимтарин захира ба ҳисоб меравад, хусусан дар шароити Тоҷикистони камзамин. Бо рушди ҷомеаи инсонӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, мақсад, вазифа ва хусусиятҳои истифодабарии замин низ торафт мураккабтар шуда истодаанд.

Дар баробари ин, шароити ба таври динамикии тағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ татбиқи ғояҳои илмиро оид ба ҳалли масъалаҳои истифодаи замин барои иншооти иҷтимоии деҳот тақозо мекунад. Аҳолии деҳот ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди зист дар деҳот, таъмини шароити зарурии умумӣ барои зиндагии сокинони деҳа, қитъаҳои заминро тибқи қонунгузории мамлакат истифода менамоянд. Умуман, ба манфиати аҳолии сокини деҳаҳо, бояд ҳамаи заминҳо истифода шаванд, ки мувофиқи меъёри мақсадҳои гуногуни функсионалӣ ва самтҳои истифода, тибқи қонун ба категорияҳои алоҳида тақсим карда мешаванд. Тибқи ин принсип, қонунгузории ватанӣ категорияҳоеро фарқ мекунад, ки аз рӯи мақсад ва режими ҳуқуқии истифодаи қитъаҳои замин дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва фаъолияти иқтисодӣ фарқ мекунанд [1, с.75].

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо моделҳои мухталифи сиёсати иҷтимоии давлатӣ дар амал татбиқ карда мешаванд. “Моделҳои муосири сиёсати иҷтимоӣ бо дараҷаи дахолати давлат ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, дараҷаи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, дар сатҳи озодии интихоби иҷтимоӣ дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва таъсири равандҳои иҷтимоӣ дар бораи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, фарқ мекунанд” [2, с.101]. Аммо ҳамаи ин моделҳо зарурати инкишофи иншоотҳои иқтимоиро дар ҳудудҳои деҳот таъкид менамоянд.

Барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни сокинони деҳот, қитъаҳои замин лозиманд, ки дар онҳо: корҳои кишоварзиро пеш баранд, иншоотҳои саноатӣ ва корхонаҳо ҷойгир намоянд, биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ, боғ ва иншооти обӣ ҷойгир намоянд, майдонҳои истироҳати созмон диҳанд, туризм, варзиш, чорабиниҳои фароғатӣ ва ғайраро роҳандозӣ намоянд, ки бо мақсадҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ истифода бурда мешаванд.

Бе дарназардошти маҷмуияти таъминоти ба талабот мувофиқи захираҳои замин, ташаккул ва рушди зиндагии шоиста дар деҳот ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар шароити муосир фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташкили оқилонаи истифодаи замин барои объектҳои иҷтимоии деҳот, оптимизатсияи истифодаи заминҳои иншооти иҷтимоии деҳот шарти аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо зарурати такмил додани ҳама гуна муносибатҳо нисбат ба захираҳои замин дар деҳот ба вуҷуд омада, ҳамзамон ба тартиб даровардани сохтори истифодаи қитъаҳои замин барои иншооти иҷтимоии деҳот, таҳияи тартиби истифода ва тақсимоти замин барои объектҳои иҷтимоии деҳот, ситонидани пардохтҳо барои заминҳои иншооти иҷтимоии деҳот ба қатори мушкилотҳои марказии ҳудудҳои деҳоти вилояти Хатлон шомил мебошанд.

Дар раванди идоракунии истифодаи заминҳое, ки ба иншооти иҷтимоӣ дар деҳот ворид карда шудаанд, зарур аст, ки ду намуди истифодаи замин фарқ карда шавад:

– Истифодаи заминҳои иншооти анъанавии иҷтимоӣ;

– Истифодаи замин барои объектҳои дигар, ки ғайримустақим ба рушди иҷтимоии хонагии деҳот равона карда шудаанд [3].

Рушди сатҳи баланди роҳсозӣ, таъминоти нерӯи барқ ва дигар захираҳо, сохтани шабакаҳои зарурии муҳандисӣ ва ба монанди ин гуна бахшҳои муҳими фаъолияти деҳот, низ иншоотро талаб мекунад. Таъмини қитъаҳои замин барои ин мақсадҳо тибқи қонунгузорӣ ва қоидаҳои махсуси идоравӣ сурат мегирад. Худи ҳамин ба объектҳои алоқа, фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва дигар иншооти анъанавии иҷтимоии ҳудуди деҳот дахл доранд [4, с.29].

Барои сохтмони манзил дар деҳот, ки аз ҳисоби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ анҷом дода мешаванд, заминҳои ҳаҷмашон бузургтар лозиманд. Бе шароити хуби манзилӣ таъмин кардани кишоварзӣ бо коргарони боихтисос, ҳавасманд кардани ҷавонон барои мондан дар деҳот ва беҳтар кардани вазъи демографии деҳот мушкил аст. Иншооти фароғатӣ инчунин таъмини захираҳои замин, муқаррар намудани режими махсуси истифодаи захираҳои табииро тақозо мекунад.

Дар шароити муосир, замин вазифаи объекти муомилоти бозор, асоси комплекси амволи ғайриманқулро иҷро мекунад. Ҳамаи сокинони деҳот бояд ҳуқуқи ба даст овардани моликият ба заминро ҳамчун амволи ғайриманқул дошта бошанд, ки ин ба таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии аҳолии деҳот ба замин мувофиқат мекунад.

Ғайр аз ин, ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ дар замини наздиҳавлигӣ ҳамчун манбаи даромад хизмат мекунад ва имкон медиҳад, ки кӯдакон ба корҳои кишоварзӣ одат кунанд, малакаҳо ва усулҳои кишоварзиро аз худ кунанд, ки ин ба таҳкими оилаҳои

деҳот ва нигоҳ доштани анъанаҳои тарзи ҳаёти деҳот мусоидат мекунад. Истифодаи заминҳои иҷтимоӣ аз ҷониби мо ҳамчун истифодаи заминҳо бо мақсади бунёди объектҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хизматкунанда фаҳмида мешавад. Мафҳуми истифодаи заминҳои иҷтимоӣ, ин қитъаи замин ё масоҳати муайяне, ки заминаи ҳудудии ҷойгиркунии иншооти иҷтимоии деҳотро ташкил медиҳанд ва дорои хусусиятҳои дақиқи бақайдгирии замин (андоза, вазифа, ҳудуд) мебошанд. Ғайр аз ин, мафҳуми истифодаи заминҳои иҷтимоӣ ҳамчун системаи истифодаи замин барои объектҳои иҷтимоии деҳот муайян кардан мумкин аст [5, с.55].

Тавре ки дар боло гуфтем, иншооти иҷтимоӣ дар деҳот хеле гуногун буда, ниёзҳои мухталифи иҷтимоии мардуми деҳотро қонеъ мекунанд. Ин объектҳо дар заминҳои таъиноти гуногун ҷойгиранд. Ин зарурати ба назар гирифтани хусусияти гуногуни функсионалии қитъаҳои заминро ҳангоми таъминоти ҳудудии объектҳо, ки дар заминҳои шаҳракҳои деҳот, заминҳои кишоварзӣ, дар заминҳои категорияҳои дигари замин ҷойгиранд, муайян мекунад. Рушди иншооти мазкур ҳадафи ягона дорад ва он рушди иҷтимоии деҳот мебошад. Аммо худи иншооти иҷтимоӣ хусусияти гуногуни функсионалӣ доранд, ки ин аз бисёр функсияҳои кишоварзӣ, деҳот, инфрасохтори иҷтимоӣ ва захираҳои замин барои худи онҳо вобаста аст. Ҳангоми пешниҳоди захираҳои замин барои иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот бояд ин гуногунфунксионализм ба назар гирифта шавад.

Дар ин самт воситаҳои идоракунӣ барои ба даст овардани натиҷаҳое истифода шаванд, ки ҷомеа ва давлат ба он ниёз доранд. Вектори умумии рушди системаи таъминоти замин ва захираҳо бояд тавассути дастурҳои бунёдии мақомоти дахлдор муқаррар карда шавад.

Таҳлили ҳолати имрӯзаи дастгирии ташкилӣ ва ҳудудии рушди иҷтимоии деҳот ба мо имкон медиҳад, ки дар ин соҳа тамоюлҳои манфии муайянро ошкори намоем. Дар минтақаҳои гуногуни кишвар ин тамоюл бо тарзу динамикаи гуногун зоҳир мешаванд, аммо, сарфи назар аз хусусиятҳои минтақавӣ, мушкилоте мавҷуданд, ки мавҷудияти онҳо барои тамоми давлат хос аст. Бисёр олимони бонуфузи ватанию хориҷӣ ба масъалаҳои зерини истифодаи замин, ҷиҳати ташкил ва бунёди иншооти иҷтимоии деҳот ишора мекунанд:

– кам шудани майдони заминҳои кишоварзӣ дар кишвар пас аз ислоҳоти замин, коҳиш ёфтани хосиятҳои истеҳсолии заминҳои кишоварзӣ, ки боиси паст гардидани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ мегардад;

– суръат ва ҳаҷми пасти сохтмони иншооти муҳандисӣ ва шабакаҳо дар деҳот, мушкилот дар тақсимоти захираҳои замин дар байни бахшҳои гуногуни соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ;

– ҳаҷм ва суръати пасти сохтмонҳои фарҳангӣ, варзишӣ, тандурустӣ, маориф, хизматрасонии маишӣ дар деҳот, набудани қитъаҳои замини ройгон барои сохтмони иншооти иҷтимоӣ дар шаҳракҳои деҳот, камбудиҳо дар банақшагирии рушди деҳот ва кӯчонидан, ҳолатҳои гардиши ғайриқонунии қитъаҳои замин;

– сохтмони худсаронаи манзил аз тарафи сокинони деҳот, ноустувории сарҳадҳои маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ҳаҷм ва сифати пасти манзил дар деҳот, арзиши баланди манзил, амалҳои шубҳанок дар гардиши бозори замин;

– мушкилоти фароҳам овардани шароити ташкилию ҳудудӣ ва додани қитъаҳои замин барои ташкили истироҳат, рушди эстетикӣ, туризм, варзиш, истироҳати аҳолии деҳот, риоя накардани талаботи истифодаи оқилонаи заминҳои фароғатӣ, бад шудани вазъи экологии заминҳо;

– мушкилот дар ташаккул ва бақайдгирии қонунии иншоот дар деҳот, нокифоягии фазои озод барои эҷоди амволи ғайриманқули сокинони деҳот, қобилияти пасти харидории аҳолии деҳот, мушкилоти рушди иҷора ва муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи истифодаи замин, мушкилот дар рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва деҳқонӣ ва амсоли он.

Барои ба куллӣ тағйир додани вазъ дар соҳаи истифодаи замини деҳот ба мақсадҳои иҷтимоӣ, тадбирҳои сохтори заруранд. Аз ҷумла, барои ҳалли масъалаи якбора коҳиш додани иқтидори заминии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ андешидани чораҳои зерин зарур аст:

- риояи бе чуну чарои принсипи афзалияти истифодаи замин ба мақсади истеҳсоли кишоварзӣ;

- ҷудо кардани заминҳои махсусан гаронбаҳои истеҳсолӣ ва муқаррар кардани қоидаҳои қатъии истифодаи кишоварзӣ дар робита бо онҳо;

- ҷалби сармоя барои азхудкунии заминҳои истифоданашуда ва партофташуда, барқарор кардани қитъаҳои заминҳои харобшуда;

- пурзӯр намудани назорат аз болои истифодаи мақсадноки замин, пурзӯр намудани тартиби ҳифзи замин, назорати ҳолати экологии замин.

Барои ҳалли масъалаи дастгирии сохтмони шабакаҳои муҳандисӣ ва иншоот, ба назари мо, зарур аст, ки чораҳои зерин андешида шавад:

- содда кардани тартиби қонунии пешниҳоди қитъаҳои замин барои сохтмони иншооти муҳандисӣ дар деҳот;

- кам кардани пардохти андоз, қарздиҳии имтиёзнок барои сохтмони асосӣ;

- маблағгузории мақсадноки чорабиниҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта, таъсис имтиёз ба корхонаҳои сохтмонӣ, ки объектҳои иҷтимоиро дар деҳот бунёд ва истифода мебаранд.

Барои рафъи мушкилоти таъминоти замин барои сохтмони иншооти нави иҷтимоӣ дар меъёрҳои қонунгузорӣ бояд риояи афзалияти иншооти иҷтимоӣ, ҷудо кардани қитъаҳои замин барои иншоотҳои иҷтимоӣ, навсозии иншооти фарсудашуда ба назар гирифта шавад. Инчунин банақшагирии ҳудудӣ, риояи қатъии муқаррароти банақшагирии шаҳракҳои деҳот бо мақсади таъмин намудани майдонҳои зарурии замин барои иншооти иҷтимоӣ, ҷудо кардани имтиёз барои сохтмони объектҳои иҷтимоии деҳот ва ғ. аз талаботҳои муҳим дар ин самт мебошанд [6, с.97].

Ҳалли масъалаи дастгирии ташкилӣ ва ҳудудии сохтмони манзил дар деҳот, ба андешаи мо, бояд самтҳои зеринро дар бар бигирад:

– баланд бардоштани сифати тарҳрезии маҳаллаҳои нави истиқоматӣ дар деҳот;

– ба аҳолии деҳот ройгон додани қитъаҳои замин барои бунёди манзил;

– бидуни мамониат замин додан ба маъмурият ва ташкилотҳои маҳаллӣ, ки дар деҳот манзил месозанд;

– ҷуброни пардохтҳои андоз аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ;

– содда кардани тартиби гирифтани қитъаҳои замин барои рушди манзил дар деҳот ва ғ.

Ҳалли мушкилоти таъмин бо қитъаҳои замин барои иншооти фароғатию иҷтимоӣ пурзӯр намудани қоидаҳои экологӣ барои истифодаи замин ва дигар захираҳои табииро талаб менамояд. Инчунин такмил додани раванди банақшагирии ҳудудӣ ва экологӣ, таҳияи системаи назорати давлатӣ ва маҳалӣ, истифода аз абзорҳои ҳифзи захираҳои замин, иштироки фаъоли ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани вазъи экологӣ ва ҳифзи замин, оммавӣ гардонидани мафҳуми эҳтиром ба табиат ва зарурати нигоҳдории дурусти иншооти фароғатӣ аз афзалиятҳои сиёсати мақомоти дахлдор ба ҳисоб меравад.

Чораҳои зерин бояд ба беҳтар намудани таъмини ҳуқуқҳои сокинони деҳот ба замин мусоидат кунанд:

– пурзӯр кардани назорат аз болои истифодаи заминҳои саҳмиявӣ, бозхости саҳмияҳои замини истифоданашуда;

– аз нав тақсим кардани қитъаҳои замини аз истифода дуршуда ва истифоданашуда ва заминҳое, ки аз муомилоти иқтисодӣ берун шудаанд, заминҳои селшуста ва ғ.;

– ҷудо намудани фонди манзил барои шаҳрсозӣ;

– тақвияти иҷрои таъиноти уҳдадориҳо дар робита ба истифодаи замин;

– ҷуброни хароҷоти ба даст овардани моликият ба замин барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ, шуғли инфиродии кишоварзӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти кишоварзӣ;

– озодкунӣ аз андози замин, иҷораи замин барои истифодаи кишоварзӣ ё ҷуброни хароҷот барои ин мақсадҳо;

– тақвияти дастгирӣ нисбат ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

– эҷоди монеаҳо дар муомилоти замин бо мақсадҳое, ки бо татбиқи истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд нестанд;

– соддагардонии тартиби маъмурии сохтмони объектҳои иҷтимоӣ дар деҳот ва ғ.

Бо назардошти маҳдуд будани захираҳои замин байни субъектҳои истифодабарандаи замин дар деҳот (деҳқон, соҳибкорон, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ғ.) зуҳур, ихтилоф ва мунокишаҳо аз эҳтимол дур нест. Ҷиҳати бартараф намудани ин падидаи номатлуб ва таъсири манфии амалҳои субъектҳои алоҳида ба рушди истифодаи замин барои мақсадҳои иҷтимоӣ дар шароити деҳот маҷмӯи баъзе тадбирҳои амалӣ пешбинӣ ва тавсия мегардад, ки дар ҷадвали нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 1***

***Чораҳои бартарафнамоии таъсири манфии амалҳои субъектҳои алоҳидаи истифодабарандаи замин дар шароити деҳот***

| Субъектҳо | Амалҳое, ки таъсири манфӣ доранд | Тадбирҳо барои бартараф кардани таъсири манфӣ |
|---|---|---|
| Мақомоти идоракунии сабти асноди манзил | 1. Ваколатдории бемаҳдуди вазифаҳои идоракунии замин аз тарафи кадастри амволи ғайриманқул.<br>2. Фарҳанги номатлуби муносибат ба замин ҳамчун моликият, на чун сарвати табиӣ.<br>3.Назорати ғайрисамараноки давлатии аз болои истифода ва ҳифзи захираҳои замин.<br>4. Камбудиҳои раванди истеҳсолӣ дар пешбурди кадастри объектҳои амволи ғайриманқул. | 1. Такмили сохтор, вазифа ва фаъолияти мақомоти идоракунии замин.<br>2. Таъмини меъёрҳои қонун афзалияти манфиатҳои давлат ва кишоварзӣ дар ташкили истифодаи замин, афзалияти объектҳои иҷтимоӣ дар замин.<br>3. Ислоҳоти Хадамоти назорати давлатии замин, хориҷ кардани он аз тобеияти мақомоти кадастрӣ.<br>4. Дар кишвар ҷорӣ намудани тартиби ҳатмии бақайдгирии ҳуқуқи замин ва бақайдгирии кадастрӣ. |
| Мақомоти | 1. Набудани назорати | 1. Такмили вазифаҳои |

| | | |
|---|---|---|
| идоракунии шаҳрсозӣ | муассир аз болои иҷрои муқаррароти ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ.<br>2. Муносибати расмӣ ба муқаррароти ҳатмии ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, ки ба тағиротҳои ғайринақшавӣ имкон медиҳад.<br>3. Хусусияти расмии тартиби баррасии оммавӣ ҳангоми ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ. | мақомоти идоракунӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ.<br>2. Муттаҳид сохтани муқаррарот дар меъёрҳои қонун, ки устувории ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро бар зидди тағйироти беасос зиёд мекунанд.<br>3. Таъмини озодии иродаи мардуми деҳот оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, заминӣ ва амволи дигар. |
| Органҳои ҳукумати маҳаллӣ | 1. Такроршавии функсияҳои мақомоти мухталифи идораи замин.<br>2. Ташаккули буҷа тавассути фурӯши қитъаҳои замин, аз ҷумла барои мақсадҳои рушди иҷтимоӣ.<br>3. Характери ғайриҷамъиятӣ доштани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ оид ба истифодаи захираҳои замин.<br>4. Назорати сусти замин дар шаҳр.<br>5. Риоя нашудани қонунгузории замин. | 1. Инкишофи имкониятҳои худидоракунии деҳот дар рушди иншооти иҷтимоӣ.<br>2. Эҷоди монеаҳо барои гардиши озоди қитъаҳои замин, ки барои мақсадҳои иҷтимоӣ мувофиқанд.<br>3. Такмили тартиби баррасии ҷамъиятӣ оид ба ташкили истифодаи захираҳои замин.<br>4. Рушди назорати шаҳрӣ ва ҷамъиятии замин.<br>5. Пурзӯр кардани масъулият барои вайрон кардани қонунгузории замин. |

**Бо натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб асоснок карда шудааст.**

Барҳамдиҳии муназзами ин ихтилофҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои беҳтар намудани таъминоти замин бо инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҳал карда шаванд. Ин раванд бояд ба равандҳои банақшагирии ҳудудӣ, рушди кишоварзӣ, заминсозӣ мувофиқ бошад. Дар баробари ин, бояд на танҳо ниёзҳои муосири инфрасохтори иҷтимоӣ ба замин, балки бо назардошти вазифаҳои рушди деҳоти минтақа, эътимодбахш ба назар гирифта шаванд [7, с.68].

Барои такмили фаъолияти мақомоти идоракунии феҳристи амволи ғайриманқул андешинаи чораҳои зерин зарур аст:

– банақшагирии оқилонаи истифодаи захираҳои замин, такмили низоми заминсозӣ, назорати давлатии замин, мониторинги замин, муқаррар намудани пардохтҳои оқилона барои замин, танзими рушди афзалиятноки истифодаи замин;

– баланд бардоштани сатҳи назорати замин аз ҷониби мақомоти бақайдгирӣ ва баҳисобгирии он ба амал оварда мешавад, ошкор ва рафъи хатогиҳои кадастрӣ;

– такмили вазифаҳои идоракунӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ;

– дар амалия татбиқ намудани меъёрҳое, ки устувории ҳуҷҷатҳои шаҳрсозиро таҳким мебахшад, то аз ҷониби шахсони манфиатдор ягон тағйирот мухолифи манфиатҳои рушди иҷтимоии деҳот ба вуҷуд наояд;

– тағйироти куллӣ дар тартиби ба назар гирифтани нуқтаи назари сокинони деҳот оид ба рушди иҷтимоӣ, истифодаи захираҳои замин ва идораи амвол;

– такмили вазифаҳои худидоракунии маҳаллӣ дар деҳот ва кори кормандони коммуналӣ;

– маҳдуд кардани гардиши заминҳои кишоварзӣ, фароғатӣ, заминҳои назди иншооти иҷтимоӣ;

– пешгирии тағйирот дар хусусияти истифодаи мақсадноки замин, ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ;

– таъмини риояи кафолати ҳуқуқи аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои босифати иҷтимоӣ;

– такмили назорати захираҳои замини маҳаллӣ ва ноҳиявӣ;

– пурзӯр кардани масъулият барои ҳуқуқвайронкунандагон дар соҳаи истифодаи замин ва рушди иҷтимоии минтақаҳои деҳот ва инфрасохтори онҳо.

Ҳамин тавр, ба назар гирифтани тартиботи маъмурии тақсимоти замин ва истифодаи самараноки он дар ҳудудҳои деҳот аз омилҳои муҳими боло бардоштани дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Такмили ин раванд метавонад ба беҳтар шудани инфрасохтори иҷтимоии ҳудудҳои деҳот оварда расонад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусан, вилояти Хатлон, хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

**Адабиёт**


1. Чешев А.С. Социо-эколого-экономические условия развития и становления землепользования сельскохозяйственных предприятий//Экономика и экология территориальных образований. - Ростов-на-Дону, 2017. - № 4. - С. 68-79.
2. Самиева М.Б. Тамоюлгириҳои сиёсати иҷтимоии давлат дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон//Идоракунии давлатӣ. - Душанбе, 2022. - № 1 (55). - С.98-105.
3. Земельный кодекс Республики Таджикистан//Свод законов и другие нормативно-правовые акты о земле//Госкомитет Республики Таджикистан по землеустройству. - Душанбе: «Сарпараст», 2004 г.
4. Зиёев Б.С. Экономико-экологический аспект регулирования регионального землепользования// Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2018. - №-3. – С.25-31.
5. Исайнов Х.Р. Проблемы мелиорации орошаемого земледелия Таджикистана / Материалы республиканской научно-практической конференции (17-18 августа 2001 г.). – Душанбе, 2017. – С. 53-58.
6. Краснощеков В. Н., Шералиев Э.Н. Основные направления развития эколого-экономического механизма землепользования в сельском хозяйстве Таджикистана//Природо обустройство. - М., 2013. - № 4. - С.95-101.
7. Мирбобоев Р.М., Саидова Х.М. Хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ//Идоракунии давлатӣ. - Душанбе, 2021. - № 3 (52). - С.65-73.


## ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬ В СЕЛЬСКОЙ МЕСТНОСТИ В ЦЕЛЯХ СТРОИТЕЛЬСТВА И ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ОБЪЕКТОВ СОЦИАЛЬНОГО НАЗНАЧЕНИЯ


**АБДУЛЛОЗОДА ХИСРАВ АБДУЛЛО,**

докторант (Phd) Кулябский государственный университет имени А. Рудаки

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.

Тел.: (+992) 988-07-02-02

*Данная статья посвящена обзору и анализу землепользования в сельской местности Таджикистана. В современных условиях эффективное использование каждого участка земли является одним из актуальных и важных вопросов. В сельской местности строительство социальных объектов сталкивается с множеством проблем, ведь каждая пядь земли должна использоваться экономно и по своему назначению. Известно, что земля является одним из ограниченных природных ресурсов Таджикистана, поэтому ее использование в целях строительства зданий и промышленных объектов сталкивается со многими проблемами. В статье рассматриваются проблемы эффективного использования земли в целях строительства и эксплуатации социальных сооружений. Сделана попытка обсудить теоретические аспекты данного вопроса и дать рекомендации по улучшению использования земельных участков в сельской местности. Отмечено, что законодательством Таджикистана опредлены льготы для эффективного использования земель. Оптимальное использование этих льгот может способствовать повышению эффективности землепользования. К сожалению, в сельской местности не всегда учитываются требования и принципы концепции устойчивого развития, важной частью которой являются принципы в социальной сфере. В связи с этим в данной статье представлены полезные рекомендации по совершенствованию существующей системы распределения и использования земли, ее оценки, улучшение состояние используемых земель, рационального выбора места строительства и тому подобное. Больше внимания уделяется вопросам, отражающим наиболее важные аспекты инфраструктурного обеспечения социальных услуг. Представленные в статье рекомендации могут быть использованы в процессе государственного регулирования социального развития сельской местности.*

***Ключевые слова:*** *сельская местность, земля, эффективность, социальные объекты, уровень жизни, проблемы землепользования.*

## ENSURING THE EFFICIENCY OF LAND USE IN RURAL AREAS FOR THE CONSTRUCTION AND USE OF SOCIAL FACILITIES

**ABDULLOZADA KHISRAV ABDULLO,**
doctoral student (Phd),
Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, S. Safarova st.
Phone (+992) 988-07-02-02

*This article is devoted to the review and analysis of land use in rural areas of Tajikistan. In modern conditions, the effective use of each piece of land is one of the most urgent and important issues. In rural areas, the construction of social facilities faces many problems, because every inch of land must be used economically and for its intended purpose. It is known that land is one of the limited natural resources of Tajikistan, so its use for the construction of buildings and industrial facilities faces many problems. The article deals with the problems of effective use of land for the construction and operation of social facilities. An attempt was made to discuss the theoretical aspects of this issue and give recommendations for improving the use of land in rural areas. It is noted that the legislation of Tajikistan defines benefits for the efficient use of land. Optimal use of these incentives can help improve the efficiency of land use. Unfortunately, in rural areas, the requirements and principles of the concept of sustainable development, an important part of which are the principles in the social sphere, are not always taken into account. In this regard, this article provides useful recommendations for improving the existing system of distribution and use of land, its assessment, improving the condition of used land, rational choice of construction site, and the like. More attention is paid to issues that reflect the most important aspects of the infrastructure provision of social services. The recommendations presented in the article can be used in the process of state regulation of the social development of rural areas.*

***Key words:*** *countryside, land, efficiency, social facilities, standard of living, land use problems.*

**УДК 338.465**

# МУҲИТИ ТИҶОРАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОБОХОНОВА ШАҲРБОНУ ХОЛНАЗАРОВНА**
унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумхурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 918-63-52-87. E-mail: b.bonu1974@mail.ru.

*Соҳаи электроэнергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон самти муҳимтарини стратегии иқтисодиёт буда, мубрамияти рушди он қотеона тасдиқ шудааст. Вазъ ва мушкилоти электроэнергетика ҳам ба рушди умумӣ ва ҳам ба рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас мерасонанд.*

*Фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар мамлакат таҳти таъсири хавфҳои гуногуни тиҷоратӣ, молиявӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ қарор дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки мушкилоти молиявӣ дар қатори афзоиши сатҳи хавфҳои ба муҳити сармоягузорӣ ва тиҷоратии дар мамлакат хосбуда метавонанд ба вазъи иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла ба муҳити сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ дар соҳаи электроэнергетика таъсири манфӣ расонанд.*

*Мақолаи мазкур ба таҳқиқи муҳити тиҷоратӣ ва молиявии фаъолияти субъектҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ бахшида шудааст. Ба асарҳои илмии муаллифони ватанӣ, ки дар онҳо ҷанбаҳои муайяни фаъолият дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таҳқиқ шудаанд, баҳо дода мешавад.*

*Мушкилоти мубрами дар фаъолияти субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мавҷудбуда, чун пардохт накардани арзиши барқи фурӯхташуда аз ҷониби истеъмолкунандагон, зиёд будани қарздориҳои кредиторӣ, талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ таҳқиқ шудаанд.*

*Натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаи мамлакат, ки ҳадафи ниҳоии он ноил гардидан ба шаффофият ва самаранокӣ дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мебошад, арзёбӣ карда шудаанд. Тасдиқ карда шудааст, ки дар мамлакат то имрӯз бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки ба талаботи муносибатҳои нави иқтисодӣ мувофиқ бошад ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат мусоидат кунад, ташаккул наёфтааст. Барои расидан ба ҳадафҳои ислоҳот ва беҳтар гардонидани муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи электроэнергетика, бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, инҳисороти табиӣ, напардохтани арзиши нерӯи барқ, қарздории кредиторӣ, талафоти барқ, ислоҳоти соҳаи электроэнергетика.*

Имрӯз дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккаби ташкилӣ-сохторӣ мушоҳида мешавад. Гарчанде ислоҳоти низоми электроэнергетикӣ дар тамоми солҳои истиқлолият идома дошта бошад ҳам, то ҳол бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки ба талаботи муносибатҳои нави иқтисодӣ мувофиқ бошад ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат мусоидат кунад, ташаккул наёфтааст. Ноил гардидан ба шаффофият ва самаранокӣ дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ки аз ҳадафҳои муҳими ислоҳот ба ҳисоб меравад, ҳанӯз ба даст наомадааст. Мавҷудияти мушкилоти мубрам ва ҳалталаб, чун напардохтани арзиши барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон (қарздории дебиторӣ), сатҳи баланди қарздориҳои кредиторӣ, талафот ҳангоми интиқол ва

истифодаи барқ – нишонаҳои асосии вазъи имрӯзаи бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар мамлакат мебошанд.

Албатта, мушкилоти номбурда ба фаъолияти тиҷоратии субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, имрӯз масъалаи таҳқиқи муҳити тиҷоратӣ ва молиявии фаъолияти субъектҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ мубрам аст.

Дар адабиёти ватании солҳои охир интишорот оид ба омӯзиши бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ зиёд шудааст. Паҳлуҳои мухталифи ташаккул ва рушди электроэнергетика ва бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар асарҳои муаллифон А.Ҳ. Авезов [1], М.М. Аламшоева [2], Б.Х. Асоев [3], А.Д. Аҳророва [5], И.А. Бобиев [6], Ҳ.Р. Исайнов [8], Ш.Р. Собирова [10], А.Ғ. Улфатов [13], Қ.Х. Хушвахтзода [15], Ҷ.Х. Ҷӯраева [7] ва дигарон мавриди таҳқиқ фаро гирифта шудаанд. Аммо дар адабиёти ватанӣ муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳо дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар шароити инҳисороти табиӣ амал менамояд. Соҳаи электроэнергетикаи иқтисодиёти миллӣ асосан аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» идора мешавад. Аз соли 2002 дар асоси шартномаи консессия идоракунии шабакаи таъминоти барқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба муҳлати 25 сол ба корхонаи хусусии ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» («Помир Энерҷӣ») супорида шудааст, ки он берун аз шабакаҳои муттамаркази Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Субъектҳои мустақили бозор - ҶСК «Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1» (саҳоми назораткунанда – ширкати давлатии Федератсияи Россия - «Росатом») ва НБО Сангтӯда-2 (соҳибмулк – ширкати Сангоби Ҷумҳурии Исломии Эрон) ҳамчун шариконі бозорӣ дар баробари ҶСК «Нерӯгоҳи барқии обии Роғун» (соҳибмулк – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) барқи истеҳсолкардаи худро бевосита ба ШСХК «Барқи Тоҷик» мефурӯшанд.

ШСХК «Барқи Тоҷик» ширкати миллӣ буда, тамоми дороиҳои он моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳадафи асосии он истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши нерӯи барқ ва гармӣ дар бозори дохилии мамлакат буда, дар фаслҳои алоҳидаи сол нерӯи барқро ба бозори берунӣ (Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон) низ содирот мекунад.

Акнун муҳити тиҷоратӣ ва молиявии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикии мамлакатро таҳлил намуда, мушкилоти асосии дар он ҷойдоштаро ҷудо ва таҳқиқ менамоем.

Мушкилоти асосӣ, ки имрӯз ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, - ин напардохтани арзиши нерӯи барқ аз ҷониби истеъмолкунандагон (мавҷудияти қарздории дебитории тиҷоратӣ) мебошад. Маълумот оид ба қарздории дебитории тиҷоратӣ ва дигар қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» (бе баҳисобгирии захира аз рӯи қарзҳои шубҳанок) дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

*Ҷадвали 1.*

***Қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» (бе баҳисобгирии захира аз рӯи қарзҳои шубҳанок), ҳазор сомонӣ***

| Намуди қарздории дебиторӣ | 01.01.2021 с. | 01.01.2020 с. |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши барқи фурӯхташуда) | 2131542 | 1720968 |
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши гармии фурӯхташуда) | 43060 | 29017 |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои қабул (арзиши корҳо ва хизматрасониҳо) | 4955 | 5398 |
| Дигар қарздории дебиторӣ | 15 | 196 |
| **Ҳамагӣ қарздории дебиторӣ** | **2179572** | **1755579** |

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия намудааст*

Тавре аз ҷадвали 1 ба назар мерасад, ба ҳолати 1 январи соли 2021 ҳаҷми умумии қарздории дебитории ШСХК «Барқи Тоҷик» 2 млрд. 179 млн. 572 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳолати ҳамин санаи соли 2020 ба андозаи 423 млн. 993 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Ҳиссаи муҳими қарздории дебиторӣ ба қарздории дебитории тиҷоратӣ аз рӯи ҳисобҳои пардохтнашудаи муштариёни нерӯи барқ рост меояд: ба ҳолати 1 январи соли 2021 – 2 млрд. 131 млн. 542 ҳазор сомонӣ (97,8%), ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 1 млрд. 720 млн. 968 ҳазор сомонӣ (98,0%).

Дебиторони муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик» аз ҳисоби напардохтани маблағи нерӯи барқи таҳвилшуда - ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (390 млн. 66 ҳазор сомонӣ), корхона ва муассисаҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (287 млн. 955 ҳазор сомонӣ) ва ҶСК «НБО Роғун» (98 млн. 864 ҳазор сомонӣ) мебошанд (ҷадвали 2).

***Ҷавали 2.***

***Маълумот оид ба дебиторони муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳазор сомонӣ***

| **Дебитор** | **01.01.2021 с.** |
|---|---|
| ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | 390066 |
| Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 287955 |
| ҶСК «НБО Роғун» | 98864 |
| Корхонаи шабакаҳои гармии Душанбе | 39895 |
| Ширкати Da Afganistan Breshna Sherkat | 30631 |
| ҶСК «Тоҷикхимпром» | 30080 |
| Ширкати «Узбекэнерго» | 29332 |
| КВД «Маҷмааи гармхона» | 11124 |
| КВД «Обу корези Душанбе» | 5136 |
| ҶДММ «Кохи Наврӯз» | 4328 |
| ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» | 3610 |
| Низоми Энергетикии Миллии Қирғизистон | 2905 |

***Сарчашма****: муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия намудааст*

Мушкилоти муҳими дигар, ки ба вазъи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таъсири манфӣ мерасонад, ҷой доштани қарздории кредиторӣ мебошад. Дар таркиби қарздории кредитории ширкат қарздории ҳам кӯтоҳмуҳлат (ба ҳолати 1 январи соли 2021 – 5 млрд. 593 млн. 412 ҳазор сомонӣ, 1 январи соли 2020 – 3 млрд. 745 млн. 524 ҳазор сомонӣ) ва ҳам дарозмуҳлат (905 млн. 479 ҳазор сомонӣ) мавҷуд мебошанд (ҷадвали 3).

***Ҷадвали 3.***

***Таркиби қарздории кредитории ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳазор сомонӣ***

| **Намуди қарздории кредиторӣ** | **01.01.2021 с.** | **01.01.2020 с.** |
|---|---|---|
| Қарздории кредитории кӯтоҳмуҳлат | | |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои пардохти барқ | 4301628 | 3098183 |
| Ҳисобҳо барои пардохти молҳо ва хизматрасониҳо | 792585 | 380061 |
| Ҳисобҳо барои пардохти таҷҳизот | 367869 | 244250 |
| Ҳисобҳо барои пардохти корҳои сохтмонӣ | 128912 | 21152 |
| Дигар ҳисобҳо барои пардохт | 2418 | 1878 |
| **Ҳамагӣ қарздории кредитории кӯтоҳмуҳлат** | **5593412** | **3745524** |
| Қарздории кредитории дарозмуҳлат | | |
| Ҳисобҳо барои пардохти барқи МБГ Душанбе-2 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 905479 | 905479 |
| **Ҳамагӣ қарздории кредитории дарозмуҳлат** | **905479** | **905479** |
| **Ҳамагӣ қарздории кредиторӣ** | **6498891** | **4651003** |

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ШСХК «Барқи Тоҷик» таҳия намудааст*

Кредиторони муҳимтарини ҶСК «Барқи Тоҷик» ширкати эронии «Сангоб» барои барқи аз НБО Сангтуда-2 харидашуда (2 млр. 268 млн. 523 ҳазор сомонӣ), ҶСК «НБО Сангтуда-1» (1 млрд. 595 млн. 179 ҳазор сомонӣ) ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқи аз МБГ Душанбе-2 харидашуда (905 млн. 479 ҳазор сомонӣ) мебошанд (ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4.***

***Маълумот дар бораи кредиторони муҳимтарини ШСХК «Барқи Тоҷик», ҳазор сомонӣ***

| Кредитор | 01.01.2021 с. |
|---|---|
| Ширкати «Сангоб», Ҷумҳурии Исломии Эрон (Сангтуда-2) | 2268523 |
| ҶСК «НБО Сангтуда-1» (Федератсияи Россия) | 1595179 |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои барқи МБГ Душанбе-2 | 905479 |
| ҶСК «НБО Роғун» | 437926 |
| ҶСК «ТоҷикТрансГаз» | 79243 |
| Ширкати Калпатару Пауэр Трансмишн (Украина) | 154408 |
| ҶДММ «Агротехстрой» | 123671 |

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, № 330 ва аз 1 майи соли 2020, № 259 дар пояи ШСХК «Барқи Тоҷик» мувофиқан ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» таъсис дода ва онҳо аз моҳи январи соли 2021 ба фаъолият шуруъ намуданд. Ҳамин тавр, акнун дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикии мамлакат се субъект вобаста ба самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи электроэнергетика амал мекунанд: ШСХК «Барқи Тоҷик» - истеҳсоли нерӯи барқ, ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» - интиқоли нерӯи барқ ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» - тақсимот ва фурӯши нерӯи барқ.

Тавре аз маълумоти ҳисоботии ШСХК «Барқи Тоҷик» ба назар мерасад, дар ҷамъбасти соли 2021 ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» аз ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ», силсилаи нерӯгоҳҳои Варзоб, нерӯгоҳҳои хурд ва дигар истеҳсолкунандагони барқ бе назардошти содирот ва талафот ба андозаи 16 млрд. 807 млн. кВт-соат нерӯи барқро қабул намуд (дар соли 2020 – 16 млрд. 76 млн. кВт-соат). Ҳаҷми умумии нерӯи барқи ҳисобшуда 12 млрд. 683 млн. кВт-соатро ташкил дод (дар соли 2020 – 11 млрд. 161 млн. кВт-соат). Маблағи ҳисобузамшудаи нерӯи барқ 3 млрд. 322 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 193 млн. сомонӣ) ва маблағи ҷамъоваришуда 3 млрд. 113 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 152 млн. сомонӣ)-ро ташкил додааст. Яъне дар соли 2021 нақшаи ҷамъоварии маблағи нерӯи барқ ба андозаи 93,7% (аз ҳисоби аҳолӣ –

96,5%) иҷро шудааст. Бояд қайд кард, ки маблағи ҷамъоваришудаи нерӯи барқ дар соли 2020 (бе содирот) ҳамагӣ 2 млрд. 815 млн. сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 1 млрд. 88 млн. сомонӣ)-ро ташкил дода, нақшаи ҷамъоварии маблағ ҳамагӣ 82,5% иҷро шуда буд (маблағи нерӯи барқи фурӯхташуда бе назардошти содирот – 3 млрд 414 млн. сомонӣ) [11].

Бояд гуфт, ки дар таҳти назорати ҷиддӣ қарор додани истифодаи барқ дар корхонаҳои азим ва насб намудани ҳисобкунакҳои муосири электронии зеҳнӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва бахши аҳолӣ яке аз омилҳои баланд шудани сатҳи ҷамъоварии маблағи барқи фурӯхташуда ҳисобида мешавад.

Агар дар ҷамъбасти соли 2020 маблағи умумии қарздории дебиторӣ ба андозаи 693 млн. 700 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 430 млн. 800 ҳазор сомонӣ) зиёд шуда бошад, ҳамин нишондиҳанда дар ҷамъбасти соли 2021 ба маблағи 213 млн. 700 ҳазор сомонӣ (аз ҳисоби аҳолӣ – 41 млн. 400 ҳазор сомонӣ) зиёд шудааст. Зиёдшавии маблағи қарздории дебиторӣ асосан аз ҳисоби напардохтани маблағи нерӯи барқ аз ҷониби корхонаҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (75 млн. сомонӣ), ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» (69 млн. 300 ҳазор сомонӣ) ва корхонаву муассисаҳои буҷетӣ (20 млн. 400 ҳазор сомонӣ) ба миён омадааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2022 маблағи умумии қарзи нерӯи барқ бо назардошти қарзҳои солҳои пешин 3 млрд. 316 млн. сомонӣ, аз ҷумла аҳолӣ – 1 млрд. 384 млн. сомонӣ, ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» - 459 млн. 400 ҳазор сомонӣ, корхонаҳои кишоварзӣ – 206 млн. 300 ҳазор сомонӣ, ҶСК «НБО Роғун» - 36 млн. 200 ҳазор сомонӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 373 млн. 100 ҳазор сомонӣ, корхона ва муассисаҳои буҷетӣ - 112 млн. 400 ҳазор сомонӣ, КВД «Обу корези ҷумҳурӣ» - 53 млн. 500 ҳазор сомонӣ, КМ «Тоҷиккимиёсаноат» - 34 млн. 200 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва филиалҳои он ба 2931 муштарии дебитор ба маблағи 316 млн. 900 ҳазор сомонӣ даъво пешниҳод гардид, ки 81 млн. 700 ҳазор сомонии он рӯёнида шуд. Ба маблағи 115 млн. 100 ҳазор сомонӣ ба мақомоти прокуратура мавод супорида шуд ва нисбати рӯёнидани 93 млн. 800 ҳазор сомонӣ аризаҳои даъво ба судҳо пешниҳод шудааст [11].

Талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – мушкилоти дигар дар фаъолияти ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад, ки имрӯз бояд бартараф карда шавад. Қобили зикр аст, ки ҳоло дар шабакаҳои тақсимоти барқи маҳаллӣ ҳисобкунии масрафи нерӯи барқ, маблағҳои ҳисобузамшуда ва пардохтшуда тавассути барномаҳои биллингӣ ба ҷо оварда мешавад.

Дар оғози таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» муҳим буд, ки аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» сатҳи талафоти воқеии барқ аниқ муайян карда шавад. Роҳи асосии ҳисоб ва арзёбӣ кардани нерӯи барқи ҳисобшуда ва талафоти он татбиқи низоми электронии биллингӣ буд. Дар натиҷа ошкор карда шуд, ки талафоти нерӯи барқ дар шабакаҳои тақсимоти барқ дар моҳи январи соли 2021 ба 43,5% (690,5 млн. кВт-соат) баробар аст.

Сабабҳои асосии баланд будани сатҳи талафоти барқ чунинанд: пурра ба низоми электронии ҳисобкунӣ фарогир набудани муштариён, дер сабт кардани нишондоди ҳисобкунакҳо, саривақт пешниҳод нашудани ҳисоботҳои дахлдор, интизоми меҳнати пасти нозирони барқ, ба эътибор гирифтани маълумоти берун аз пойгоҳи додаҳои низоми биллингӣ, корбурди нопурраи низоми ҳисобкунии электронӣ, чун талафот эътироф кардани ҳамагуна нишондиҳандаи истифодаи барзиёди барқ.

Бо роҳандозӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мазкур дар моҳи декабри соли 2021 сатҳи талафоти барқ ба 29,1% (436,6 млн. кВт-соат) расонида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири ҳалли мушкилоти ҷойдошта ният дорад то соли 2030 ислоҳоти соҳаи электроэнергетикаро, ки ба таъмини шароит барои амалкунии механизми бозорӣ ва ташаккули муҳити рақобат дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ нигаронида шудааст, анҷом диҳад. Дар ин бора дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъкид шудааст [12].

Таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» ва дар пояи он таъсис додани субъектҳои нави бозор – ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» бояд мушкилоти ислоҳот ва рушди рақобатро дар соҳаи электроэнергетика ҳал мекард, вале он барои ба даст овардани натиҷаҳои муносиб дар рушди низоми электроэнергетикии мамлакат мусоидат накард. Муҳити тиҷоратӣ ва инфрасохтори муносиби бозорӣ дар соҳаи электроэнергетика ташаккул наёфтаанд. Бинобар ин, дар бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ истифодаи амсилаҳои тиҷоратии гуногуни ба рушди бозории соҳа мусоидаткунанда зарур аст.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷии равандҳои ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии корпоративӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои электроэнергетикӣ ва идоракунии самараноки захираҳои электроэнергетикӣ кафолати рушди соҳаи мазкур дар самти муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии корпоративӣ ҳамчунин таҷзияи корхонаҳои бузурги электроэнергетикии дар шароити инҳисорӣ фаъолияткунанда метавонанд ба ҳалли мушкилоти мубрами дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта мусоидат кунад.

Амсилаи имрӯз дар фаъолият ва идоракунии субъектҳои бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ татбиқшаванда бештар равона кардани диққатро ба ҷанбаҳои хоҷагидорӣ-молиявӣ талаб менамояд, чунки тавре таҳқиқоти мо тасдиқ кард, аксари омилҳои ба мушкилоти мубрами соҳа боисшуда маҳз дар низоми ба андозае косташудаи хоҷагидорӣ-молиявӣ ва идоракунии он мушоҳида мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» то таҷдиди сохтори худ чун корхонаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда фаъолият мекард. Вале фаъолияти он пас аз таҷдиди сохтор низ дар доираи амсилаи ба таври амудӣ ҳамгирошуда ба роҳ монда шудааст. ШСХК «Барқи Тоҷик» ҳанӯз ҳам ширкати холдингӣ буда, тамоми саҳмияҳои он ба давлат тааллуқ доранд.

Акнун мувофиқи сохтори ҷадид бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ аз муҳити дар мамлакат пойдоргардидаи фаъолияти субъектҳо дар соҳаи электроэнергетика вобаста буда, дар асоси омезиши инфрасохтори технологӣ ва тиҷоратии дар таҳти назорат ва танзими давлатӣ қарордошта ва корхонаҳои ба истеҳсол, интиқол, тақсимот ва фурӯши неруи барқ машғлбуда амал мекунад (расми 1).

***Расми 1.***

***Сохтори ҷадиди бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***




***Сарчашма:** таҳияи муаллиф*

Агар соҳаи электроэнергетикаро чун сохтори ба таври амудӣ ҳамгирошуда, ки занҷираи истеҳсол ва интиқоли нерӯи барқ тавассути инфрасохтори шабакавӣ ва бевосита фурӯши онро дарбаргиранда баррасӣ кунем, пас маҳз корхонаҳои тақсимот (фурӯш)-и барқ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ расонидани нерӯи барқро анҷом медиҳанд ва бори гарони қарзҳо (пардохт нашудани арзиши нерӯи барқ ва дигар хизматрасониҳо)-ро ба душ доранд, иттилоотро бевосита аз мизоҷон ҷиҳати сифат ва шароити таъмини нерӯи барқ мегиранд ва бо ин барои истеъмолкунандагон пешниҳодҳоро оид ба нархҳо таҳия менамоянд.

Корхонаи фурӯши барқ бо корхонаи шабакаҳои барқӣ шартномаи хизматрасонӣ оид ба интиқоли нерӯи барқ аз нерӯгоҳҳо то нуктаи таҳвил ба истеъмолкунандагон мебандад. Корхонаи фурӯши барқ бояд ба ҳамаи истеъмолкунандагон дастрас намудани барқро кафолат диҳад, яъне вай дар бозор чун таъминкунандаи кафолатдиҳанда баромад мекунад. Таъминкунандаи кафолатдиҳанда субъекти тиҷоратие мебошад, ки бо ҳар як истеъмолкунандаи муроҷиаткунанда бояд шартнома оид ба фурӯши барқ ба имзо расонад. Таъминкунандаи кафолатдиҳанда дар ҳудуди маҳалли муайян амал мекунад, масалан, филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Душанбе - таъминкунандаи кафолатдиҳандаи барқ дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад.

Таъминкунандаи кафолатдиҳанда «нерӯи барқро аз шабакаҳои интиқоли барқ барои ҷуброни талафот харид мекунад, ки ҳаҷми он чун фарқи байни нерӯи барқи ба шабака дохилшаванда (шабакае, ки дар ҳудуди он таъминкунандаи кафолатдиҳанда амал мекунад) ва ҳаҷми муфиди қабулшуда, ки дар асоси нишондодҳои ҳисобкунакҳои истеъмолкунандагон ё бо тарзи ҳисобкунӣ ташаккул меёбад» [9, с.69]. Ҳар қадаре ки дар ин ё он ҳудуд истеъмоли баҳисобгирифтанашуда ва бешартномаи нерӯи барқ зиёд бошад, он ҷо шабакаҳои барқӣ бехтар фарсуда шудаанд ва ҳолатҳои корбурди усулҳои бо ҳисобкуниҳо асосёфтаи муайян кардани ҳаҷми барқи истеъмолшуда (ҳангоми набудани ҳисобкунакҳо) зиёд мебошанд, пас он ҷо ҳаҷми талафоти барқ, ки таъминкунандаи кафолатдиҳанда бояд аз корхонаи шабакаи интиқоли барқ харид кунад, зиёд аст. Дар мавриди кам кардани ҳолатҳои баррасишуда, «талафот низ бояд кам шавад,

бинобар ин, корхонаҳои шабакаҳои баркӣ ҳавасманд мебошанд, ки ҳаҷми муфиди барқи қабулшуда ҳарҷӣ бештар ба ҳаҷми нерӯи барқи ба шабака воридшуда наздик бошад. Дар ҳолати мазкур корхонаи шабакавӣ арзиши хизматрасониҳои ба таъминкунандаи кафолатдиҳанда таҳвилкардаи худро оид ба интиқоли нерӯи барқ ба ҳадди баландтарин мерасонад» [14, с. 2505].

Бо нерӯи барқ таъмин намудани шахсони воқеӣ (аҳолӣ) тавассути бастани шартнома байни шабакаҳои барқии маҳаллӣ ва таъминкунандаи кафолатдиҳанда, ки нерӯи барқро аз шабакаҳои интиқоли барқ харида ба аҳолӣ пешниҳод мекунад, ба ҷо оварда мешавад. Дар навбати худ аҳолӣ бо шабакаи барқии маҳаллӣ шартнома оид ба истеъмоли барқ мебандад.

Дар таҳвили нерӯи барқ барои аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими давлатии ҳамафарогир то ҳол нигоҳ дошта мешавад. Ҳамин тавр, корхонаҳои фурӯши барқ, ки ҳама чун воҳиди сохторӣ ё филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» фаъолият мекунанд, дар бозори яклухт нерӯи барқро аз корхонаҳои интиқолдиҳанда (ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ») ва истеҳсолкунандаи барқ (нерӯгоҳҳо) ба мақсади таҳвил додан ба аҳолӣ бо шартномаҳои махсуси аз ҷониби мақоми давлатӣ танзимшаванда мехаранд, ки дар онҳо нархҳои танзимшаванда муқаррар карда мешаванд.

Ҷиҳати бо барқ таъмин намудани корхонаҳо ва ташкилотҳо (тиҷоратӣ ва буҷетӣ) метавон нархҳои озодро қисман истифода бурд, вале ҳоло дар низоми ташаккули нархҳо ва тарифҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин амал ба назар намерасад. Дар назари аввал нерӯи барқ дар бозори яклухт мубодила мешавад, ки таҳвилкунандагони асосӣ нерӯгоҳҳо – нерӯгоҳҳои барқи обӣ (НБО) ва марказҳои барқу гармидиҳӣ (МБГ) мебошанд ва он ҷо ташаккули нарх шартан озод аст. Танҳо ду истеҳсолкунанда – НБО Сангтуда-1 ва Сангтуда-2 ҳоло имконияти воқеии бо нархҳои озод пешниҳод кардани нерӯи барқро доранд, вале низоми тарифии аз ҷониби давлат муқарраршудаи нархи нерӯи барқ барои тамоми гурӯҳҳои истеъмолкунандагон ба ин монеа мешавад. Дар натиҷа ШСКХ «Барқи Тоҷик» нерӯи барқро аз ин ду истеҳсолкунандаи мустақил бо нархҳои шартан озод харид карда, ба истемолкунандагон бо нархҳои танзимшаванда таҳвил менамояд.

Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ ва маълумоти ҳисоботии ШСХК «Барқи Тоҷик» нишон медиҳад, ки вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии ширкат, корхонаҳои фаръӣ ва филиалҳои онҳо нигаронкунанда мебошанд. Гувоҳи дурустии андешаи мо аудити ҳисоботи молиявии муттаҳидгардидаи ширкат барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2020 гузарониашуда мебошад. Аз натиҷаи санҷиши аудитории мазкур, ки аудиторони ташкилоти аудитории ҶСП «БДО Армения» гузаронидаанд, дар санаи 15 июли соли 2021 хулосаи аудитории мусбати шартӣ (бо тавзеҳот) таҳия гардидааст. Аудиторҳо барои изҳор намудани хулосаи аудитории бо тавзеҳот низоми номукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, амалҳои ширкат (ва корхонаҳои фаръии он) оид ба эътироф кардани даромадҳо, қарздории дебиторӣ ва пешпардохтҳои барои таҳвилиояндаи барқ гирифташударо чун асос иброз доштаанд [4].

Тавре аудиторҳо дар хулосаи худ зикр намудаанд, ШСХК «Барқи Тоҷик» якҷоя бо филиалҳо ва корхонаҳои фаръии худ дар солҳои охир нерӯи барқро аз НБО Роғун, НБО Сангтуда-1 ва НБО Сангтуда-2 харид намудааст. Бо сабаби гузаштани мухлати пардохтҳо барои нерӯи барқ ба НБО Сангтуда-2 ва аз ин ҳисоб ба ҳолати санаи 1 январи соли 2021 ҷой доштани қарздории кредитории муҳлатгузашта ба маблағи 1,6 млрд. сомонӣ ҷарима ҳисобузам карда шудааст (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 1,1 млрд. сомонӣ). Вале ШСХК «Барқи Тоҷик» ҷаримаҳои ҳисобузамшударо эътироф накардааст ва роҳбарияти ширкат барои бекор кардани ҷаримаҳои ҳисобузамшуда муколама бурда

истодааст. Ҳамин тавр, ба аудиторҳо муяссар нагардид, ки эҳтимолияти бекор кардани ҷаримаҳоро арзёбӣ намоянд. Дар ҳолати ба мувофиқа наомадан, ба санаи 1 январи соли 2021 маблағи дигар қарздориҳои кредиторӣ, инчунин зарари ғуншуда ба андозаи 1,6 млрд. сомонӣ зиёд мешавад.

Мувофиқи хулосаи аудиторӣ қарзҳо ва вомҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» ба ҳолати 1 январи соли 2021 маблағи 16,2 млрд. сомониро ташкил медиҳанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 16,8 млрд. сомонӣ).

Аудиторҳо ҳамчунин дар хулосаи аудиторӣ номуайянии муҳимми бо фаъолияти беисти ширкат алоқамандро қайд намудаанд. Онҳо ба он диққат додаанд, ки ШСХК «Барқи Тоҷик» дар соли ҳисоботии 2020 ба маблағи 6 млрд. 590 млн. сомонӣ зарар дидааст (дар соли ҳисоботии 2019 – 5 млрд. 670 млн. сомонӣ) ва ба ҳолати санаи 1 январи соли 2021 уҳдадориҳои ширкат нисбат ба дороиҳои он ба андозаи 10 млрд. 600 млн. сомонӣ зиёд мебошанд (ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 9 млрд. сомонӣ). Ин рӯйдодҳо ё шароит дар баробари дигар масъалаҳои ҷойдошта, ки аудиторҳо онҳоро қайд кардаанд, аз мавҷуд будани номуайянии муҳим дарак медиҳанд, ки метавонад дар тавонойии ширкат барои идома додани фаъолияти худ дарояндаи наздик шубҳаи муҳимро ба миён оранд. Идома ёфтани фаъолияти ширкат дарояндаи наздик аз дастгирии молиявии саҳоми ягона (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҷонибҳои дигари бо он алоқаманд, инчунин аз ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ вобаста мебошад.

Ислоҳоти сиёсати муқаррар намудани тарифҳои хизматрасонӣ дар соҳаи электроэнергетика, пушонидани қарздориҳои корхонаҳои давлатӣ, таҷдиди сохтори фаъолияти бозори яклухти нерӯи барқ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳо ба хотири ҳавасмандкунии рақобат дар дохили бозори яклухт, метавонанд ба фаъолияти корхонаҳои соҳаи электроэнергетика таъсири муҳим расонанд.

**Адабиёт**

1. Авезов А.Х. Тарифное регулирование и реструктуризация электроэнергетики Таджикистана / А.Х. Авезов // Системное тарифное регулирование в энергетической отрасли: теория, методология, практика. – Москва, 2022. – С. 280-306

2. Аламшоева М.М. Таҳлили рушди соҳаи энергетика дар даврони 30 соли истиқлоли давлатӣ / М.М. Аламшоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 7. – С. 65-74

3. Асоев Б.Х. Асосҳои илмии ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ / Б.Х. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 9. – С. 239-243

4. Аудиторское заключение по консолидированной финансовой отчетности ОАХК «Барки Точик» за 2020 г. [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://barqitojik.tj/activity/finansy-i-audit/auditorskie-otchety/ (дата обращения: 25.01.2022)

5. Ахророва А.Д., Бобоев Ф.Д. Современные тенденции и стратегические приоритеты развития электроэнергетики Республики Таджикистан / А.Д. Ахророва, Ф.Д. Бобоев // Системное тарифное регулирование в энергетической отрасли: теория, методология, практика. – Москва, 2022. – С. 62-71

6. Бобиев И.А., Мирзохонов С.О. ОАХК «Барки Точик» - ключевой элемент энергетической системы Республики Таджикистан: анализ финансовых результатов и финансового положения / И.А. Бобиев, С.О. Мирзохонов // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2019. - № 2 (25). – С. 303-310

7. Джураева Дж.Х. Анализ современного состояния и перспективы развития электроэнергетики в Таджикистане / Дж.Х. Джураев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - № 2/8. – С. 112-117

8. Исайнов Х.Р., Асоев Б.Х. Инновационная модернизация на рынке электроэнергетики стран Центрально-Азиатского региона / Х.Р. Исайнов, Б.Х. Асоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. - № 2. – С. 13-20

9. Кононов Ю.Д. Пути повышения обоснованности долгосрочных прогнозов развития ТЭК / Ю.Д. Кононов. - Новосибирск: Наука, 2015. - 147 с.

10. Собирова Ш.Р. Государственное регулирование развития розничного рынка энергетических услуг (на примере Республики Таджикистан) / Ш.Р. Собирова / Дисс. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук. – Чкаловск, 2016. – 160 с.

11. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/tj/info/news/197627/ (санаи муроҷиат: 28.01.2022)

12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 1 декабри соли 2016, № 636. – Душанбе: ҶДММ Контраст, 2016. – 88 с.

13. Улфатов А.Г. Состояние энергетического хозяйства и использование электрической энергии в Республики Таджикистан / А.Г. Улфатов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2021. - № 4 (265). – С. 92-100

14. Федоров Я.П. Финансово-экономические аспекты и проблемы энергосбытового бизнеса России / Я.П. Федоров // Финансы и кредит. – 2018. – Т. 24. - № 11. – С. 2503-2522

15. Хушвахтзода Қ.Х., Холназаров М.Б. Таҳлили самаранокии рушди электроэнергетика ва таҳдидҳои дохилии бехатарии энергетикӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, М.Б. Холназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - № 2. – С. 49-55

## ДЕЛОВАЯ СРЕДА ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУБЪЕКТОВ РЫНКА ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**БОБОХОНОВА ШАХРБОНУ ХОЛНАЗАРОВНА,**
соискатель кафедры менеджмента и маркетинга
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 918-63-52-87. E-mail: b.bonu1974@mail.ru.

*Сфера электроэнергетики в Республике Таджикистан как и в других странах мира, является важнейшим стратегическим направлением экономики, и важность ее развития твердо подтверждена. Состояние и проблемы электроэнергетики оказывают существенное влияние как на общее развитие, так и на развитие отдельных отраслей национальной экономики.*

*На деятельность субъектов рынка электроэнергетических услуг в стране влияют различные коммерческие, финансовые, политические, социальные, правовые и законодательные риски. Опыт показывает, что финансовые проблемы, наряду с повышением уровня рисков, присущих инвестиционной и деловой среде в стране, могут оказывать негативное влияние на состояние национальной экономики, в том числе на инвестиционную и деловую среду в сфере электроэнергетики.*

*Данная статья посвящена исследованию деловой и финансовой среды субъектов рынка электроэнергетических услуг. Дана оценка научным работам отечественных авторов, в которых исследуются определенные аспекты деятельности на рынке электроэнергетических услуг.*

*Исследованы актуальные проблемы в деятельности субъектов рынка электроэнергетических услуг, такие как неплатежи за отпущенную потребителям электроэнергии, большие суммы кредиторской задолженности, потери при передаче и использовании электроэнергии.*

*Дана оценка результатам реформ электроэнергетики страны, конечной целью которых является достижение прозрачности и эффективности на рынке электроэнергетических услуг. Подтверждено, что в стране еще не сформирован рынок электроэнергетических услуг, отвечающий требованиям новых экономических отношений и способствующий достижению целей экономического и социального развития государства. Предложены рекомендации в целях достижения целей реформы и улучшения деловой среды субъектов рынка электроэнергетических услуг.*

***Ключевые слова:*** *сфера электроэнергетики, рынок электроэнергетических услуг, естественная монополия, неплатежи за электроэнергию, кредиторская задолженность, потери электроэнергии, реформирование электроэнергетики.*

## BUSINESS ENVIRONMENT OF ACTIVITIES OF THE MARKET SUBJECTS OF ELECTRICITY SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BOBOKHONOVA SHAHRBONU KHOLNAZAROVNA,**
Applicant for the Department of Management and Marketing
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 918-63-52-87. E-mail: b.bonu1974@mail.ru.

*The electric power industry in the Republic of Tajikistan, as in other countries of the world, is the most important strategic direction of the economy, and the importance of its development has been firmly confirmed. The state and problems of the electric power industry have a significant impact on both the overall development and the development of individual sectors of the national economy.*

*Various commercial, financial, political, social, legal and legislative risks affect the activities of the subjects of the electricity services market in the country. Experience shows that financial problems, along with an increase in the level of risks inherent in the investment and business environment in the country, can have a negative impact on the state of the national economy, including the investment and business environment in the electricity sector.*

*This article is devoted to the study of the business and financial environment of the subjects of the electricity services market. An assessment is given to the scientific works of domestic authors, in which certain aspects of activity in the market of electric power services are studied.*

*Actual problems in the activities of subjects of the market of electric power services, such as non-payment for electricity supplied to consumers, large amounts of accounts payable, losses in the transmission and use of electricity, have been studied.*

*An assessment is given of the results of reforms in the country's electric power industry, the ultimate goal of which is to achieve transparency and efficiency in the electric power services market. It was confirmed that the country has not yet formed a market for electric power services that meets the requirements of new economic relations and contributes to the achievement of the goals of the economic and social development of the state. Recommendations are proposed in order to achieve the goals of the reform and improve the business environment of the subjects of the electricity services market.*

***Key words:*** *electric power industry, electric power services market, natural monopoly, non-payments for electric power, accounts payable, electric power losses, reforming the electric power industry.*

УДК: 330

# МОҲИЯТИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ МАҲСУЛОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ БОЗОР

**ҚУРБОНОВ АНИС МАҲМУДОВИЧ,**
доторант (PhD)-и кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 985-53-99-79.

*Дар мақола оид ба рушди соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ сухан меравад. Масъалаҳое, ки бояд дар истеҳсолот ва истеъмолот дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизо, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ маркази масъалаҳоро дарбар мегиранд.*

*Самтҳои асосии ислоҳоти комплекси агросаноатӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ карда шудааст, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо бояд пайваста барномаҳо ва стратегияҳои соҳавии давлатӣ, алалхусус дар самти таъмини бехатарии озуқавории кишвар амалӣ карда мешаванд. Дар мақола қайд карда мешавад, ки таҳия ва татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ самараи дилхоҳ медиҳад. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии стратегияи бехатарии озуқаворӣ ҷанбаи методии он шарҳ дода шудааст. Ташкили низоми таъминоти аҳолӣ бо ғизо ва расидан ба мақсади дастрасии озуқа, ҳамзамон таъсиси кластерҳои истеҳсолӣ-илмӣ-инноватсионӣ барои таъмини самаранок ва саривақтии аҳолӣ бо озуқаворӣ пешниҳод шудааст.*

*Хулоса карда шуд, ки танҳо татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ бевосита барои ҷомеа манфиатовар буда, барои расидан ба ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад намуд.*

***Калидвожаҳо:*** *бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, таъминнокӣ, таъминнокии аҳолии мамлакат ба маҳсулоти ватанӣ, таъмини корхонаҳои саноатӣ ба ашёи хом, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, содироти маҳсулоти ватанӣ ба хориҷи кишвар, рушди босуботи иқтисодиёт.*

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Ҳукумати кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон бахри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин, тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад. Чун ки бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумат, яъне амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад.

Дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ - иқтисодӣ новобаста ба намуди он, тағйироти захираҳои маҳсулоти муайян рӯй медиҳад, ки ба қонеъ гардондани талаботи болораванда ва васеъшавандаи ин ё он истеъмолкунандагон равона карда мешавад. Ба қонеъ гардондани талаботи истеъмолкунандагони худ кӯшиш намуда, ҷамъият беш аз пеш бо норасоии захираҳои барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ зарур рӯ ба рӯ мешавад. Ба ибораи дигар, афзудани талабот аз як тараф ва норасоии захираҳо аз ҷониби дигар дар назди инсоният мушкилоти тағйирнопазирро мегузоранд. Албатта, сухан дар бораи захираҳои табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, захираҳои неруи барқ ва соҳибкорӣ меравад.

Пеш аз ҳама, заминро ҳамчун захираи табиии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳем. Дар илми иқтисодӣ ин мафҳум маънои васеъ дорад, яъне дар зери мафҳуми он ҳама гуна захира - аз нуриҳо ва ҷангал гирифта, то газ ва ҳаво, дар назар дошта мешавад [10, с.22-23].

Нишондиҳандаҳои мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [3, с.20].

Дар соҳаи кишоварзӣ замин омили фаъоли истеҳсолот мебошад. Дар сатҳи корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ мафҳуми майдони умумии замин ва замини кишти хоҷагии қишлоқро фарқ мекунанд, яъне заминҳои барои истифода муайяни хоҷагии қишлоқ: корам, марғзор, чарогоҳ, дарахтони бисёрсола ва монанди инҳо. Ин заминҳо бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд мебошанд. Онҳо гурӯҳи заминҳои кишти хоҷагии қишлоқро ташкил медиҳанд. Аммо истеҳсолоти кишоварзӣ бе роҳҳои асосӣ ва роҳҳои воридии сӯйи саҳро, алафзор, анборӣ, бинокорӣ ё иншоотҳои берун аз нуқтаҳои аҳолинишин (ферма, молхона) вуҷуд дошта наметавонад. Замини ин объектҳо ҳам заминҳои корхонаи соҳаи кишоварзӣ ҳисоб мешаванд. Ба ҳамин гурӯҳ замини мавзеъҳои нобоби аз нуқтаҳои аҳолинишин берун – сойҳо, ботлоқҳо ва монанди инҳо, ки ба заминдорони муайян тааллуқ доранд, дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, майдони умумии замин масоҳати ба корхонаи соҳаи кишоварзӣ вобасташуда мебошад. Аммо он қисми майдони умумии кишт, ки бевосита барои истеҳсоли кишоварзӣ истифода мешавад, ба заминҳои корами кишоварзӣ дохил мешавад.

Хоҷагиҳои қисмати шарқӣ, ки дар онҳо чарогоҳҳои табиӣ – чарогоҳ, алафзорҳо бартарӣ доранд, истисно карда мешаванд.

Таносуби монанд дар сохтори заминҳои корам низ ҷой дорад. Дараҷаи баланди кишти заминҳои корами кишоварзӣ маънои истифодаи самараноки захираҳои заминии хоҷагиро дорад.

Захираҳои моддӣ – воситаҳои истеҳсолот, яъне восита ва олоти меҳнат, ки барои таъмини ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддӣ заруранд: мошинҳо, таҷҳизот, асбобҳо, ҳайвоноти маҳсулдиҳанда, боғу ҷангал, ашёи хом, мавод, истеҳсоли қатъшуда ва монанди инҳо.

Дар истифодаи илмӣ ва хоҷагӣ аз давраи низоми хоҷагидории марказонидашудаи нақшавӣ то замони муосир ба ин захираҳо ҳамчун фондҳои асосӣ ва гардишкунанда баҳо дода мешавад. Истифодаи ин истилоҳҳотро дар муомилот зарурати нишон додани фарқияти корхонаҳо дар капитализм ва сотсиализм ба миён овард.

Дар замони капитализм шахси хоҷагидор сармояи шахсиашро барои хариди воситаҳои истеҳсолот сарф мекард. Дар шароити сотсиализм ба ҳар як корхона мутамарказона барои истифодаи воситаҳои зарурӣ ҷудо карда мешуд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба корхона фондҳои асосӣ намедиҳанд, онҳоро аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ, қарзӣ, ҷалбкардашуда ёфтан лозим, аммо мафҳуми фондҳои асосӣ ва гардишкунанда то ҳол боқӣ мондаанд.

Ҳангоми дарёфти фондҳои асосӣ сифату хусусияти онҳоро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Якум, фондҳои истеҳсолӣ иқтидори истеҳсолии меҳнатро баланд мекунанд ва дурудароз истифода карда мешаванд. Дуюм, барои дарёфти фондҳои асосӣ маблағҳои калони пулӣ лозим аст, ки дар муҳлати тез хароҷотро бароранд. Сеюм, қиматии фондҳои асосиро ба назар гирифта, шароитҳои мувофиқи пайдо кардани онҳоро ҷустуҷӯ кардан лозим аст: бо роҳи қарзгирӣ, лизинг, бо нархҳои паст ва ғайра. Чорум, афзудани фондҳои асосӣ бо ду роҳ мегузарад: экстенсивӣ (бо роҳи вусъат додани заминҳои кишт) ва интенсивӣ (баланд кардани ҳосилнокии замин). Дар роҳи экстентивии тараққиёт зиёд кардани

миқдори фондҳои асосӣ шарт аст, роҳи интенсивии (самаранокӣ) таҷдид ва ивази фондҳои асосиро ба ҷадидтар ё маҳсулнокиро бе тағйири сифати маҳсулот дар назар дорад. Панҷум, теъдоди зиёди фондҳои истеҳсолӣ имкониятҳои мутобиқатшавии иқтисодиёти корхонаро ба бозори тағйирёбанда кам мекунад. Дар натиҷаи хароҷоти зиёд корхона дар ҳолати душвори иқтисодӣ афтида, ба талаботи тағйирёбандаи бозор мутобиқ шуда наметавонад. Захираҳои меҳнатӣ қисми таркибии кувваҳои истҳсолкунандаи ҷамъият, аҳолии қобили меҳнати мамлакат мебошанд, ки барои таъмини раванди истеҳсолот соҳиби донишҳои махсус, омодагии касбӣ ва таҷриба ҳастанд. Қувваи корӣ меҳнати фикрӣ ва ҷисмониро дар бар мегирад, аммо тамоюли ивази меҳнати ҷисмонӣ ба фикрӣ вусъат ёфта истодааст. Қувваи корӣ, бо вуҷуди мавҷуд будани бекорӣ аз рӯйи ҳайати касбӣ ва зеҳнии худ маҳдуд аст. Захираҳои меҳнатӣ унсурҳои моддии истеҳсолотро ба ҳаракат медароранд, маҳсулот, нарх ва маҳсулоти иловагиро дар шакли даромад ҳосил мекунанд. Тафовути захираҳои меҳнатӣ аз намудҳои дигари захираҳои корхона дар он аст, ки ҳар як коргари кироя метавонад шароитҳои ба ӯ пешниҳодшударо рад намояд ва тағйири шароити меҳнатро талаб намояд ва ҳатто бо хоҳиши худ аз кор равад. Новобаста ба афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ (10 млн. нафар) истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар даврони истиқлолият рӯ ба беҳбудӣ овардааст, ки мо дар ҷадвали №1 бо пуррагӣ шарҳ додаем.

***Ҷадвали 1***

***Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ,*** *кг*

| **Номгӯйи маҳсулот** | **Солҳо** | | | | | | | **1991 нисбат ба 2020 (%)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1991** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | |
| Ғалладона | 54,3 | 164,8 | 163,4 | 161,2 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 3-баробар |
| Картошка | 32,3 | 105,0 | 103,9 | 88,6 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 3-баробар |
| Сабзавот | 112,1 | 197,2 | 202,2 | 210,4 | 234,8 | 236,7 | 263,5 | 2-баробар |
| Полизӣ | 31,2 | 70,1 | 68,7 | 71,4 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | + 58,0 % |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 31,6 | 35,4 | 42,1 | 45,8 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | + 57,2 % |
| Ангур | 21,6 | 24,1 | 24,8 | 25,8 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | + 11 ,7 % |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 13,4 | 13,2 | 13,5 | 14,1 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | + 19,4 % |
| Шир | 104,9 | 105,2 | 106,2 | 107,5 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | + 0,3 % |
| Тухм, дона | 81,1 | 42,3 | 39,0 | 38,6 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | + 28,8 % |

***Сарчашма:*** *Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2021, С.15.*

Чуноне ки аз ҷадвали мазкур ба мо маълум гашт истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолии кишвар дар бештари маврид нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 1991 рушд ёфтааст. Яъне ғалладона аз 54,3 ба 165,0 кг., картошка аз 32,3 ба 108,7 кг., сабзавот аз 112,1 ба 263,5 кг., Зироати полезӣ аз 31,2 ба 80,5 кг., Меваҷот аз 31,6 ба 45,7 кг., ангур аз 21,6 ба 25,4 кг., гӯшт аз 13,4 ба 16,0 кг., шир аз 104,9 ба 108,5 кг. ва тухм бошад аз 81,1 ба 104,5 дона расонида шудааст.

***Ҷадвали 2***

***Таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол)***

| Навъҳои маҳсулот | Меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол | СОЛҲО | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | | 2019 | | 2020 | |
| | | Ба сари аҳолӣ, | Сатҳи таъмин будан, % | Ба сари аҳолӣ кг. | Сатҳи таъмин будан, % | Ба сари аҳолӣ, кг. | Сатҳи таъмин будан, % |
| Ғалла маҳсулоти ғалладонагӣ | **147,7** | 141,5 | 95,8 | 152,2 | 103,0 | 165,0 | 111,7 |
| Картошка | **92,0** | 106,8 | 116,0 | 107,9 | 117,2 | 108,7 | 118,1 |
| Сабзавот ва обчакорӣ | **166,1** | 234,8 | 141,3 | 236,7 | 142,5 | 263,5 | 158,6 |
| Мевагӣ ва ангур | **124,1** | 76,4 | 61,5 | 78,2 | 63,0 | 75,1 | 60,5 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | **115,3** | 106,2 | 92,1 | 49,6 | 43,0 | 50,4 | 43,7 |
| Гӯшт ва маҳсулотӣ гуштӣ | **40,8** | 14,5 | 35,5 | 14,8 | 36,2 | 16,0 | 39,2 |
| Тухум (дона) | **180,0** | 49,9 | 27,7 | 78,7 | 43,7 | 104,5 | 58,0 |

***Сарчашма:*** *ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021, саҳ.15*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи молҳои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии содирот дар солҳои 2020 - 2021 -ум мутобиқан 2,3 ва 2,5 фоизро ташкил кардааст. Дар воридот таносуби онҳо хеле зиёд буда, мутобиқан, 24,1 ва 21,0 фоизро ташкил додааст. Молҳои асосии воридшаванда аз инҳо иборатанд: гандум, ки таносуби бештарро ташкил медиҳанд, қанду шакар, маҳсулоти ширӣ, тухм ва ғайраҳо. Дар соли 2021 воридоти молҳои озуқаворӣ 2,8 фоиз зиёд шудааст, аз он ҷумла воридоти шир ва маҳсулоти ширӣ 7,4 фоиз, гандум 2,9 фоиз, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 12,4 фоиз, шарбати меваю сабзавот 26,7 фоиз, меваҷот ва бехмеваҳо 42,8 фоиз ва тухм 8,7 фоиз ба миён омадааст (нигаред ба ҷадвали 3).

***Ҷадвали 3***

***Содироту воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии савдо дар моҳҳои январ – декабри солҳои 2020-2021***

***(ҳазор тонна)***

| Номгӯйи маҳсулот | Содирот | | 2021 нисбат ба 2020 (%) | Воридот | | 2021 нисбат ба 2020 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2020 | 2021 | | 2020 | 2021 | |
| Молҳои озуқаворӣ | 14,4 | 14,8 | 102,8 | 412,5 | 380,4 | 92,2 |
| Аз онҳо: | | | | | | |
| Гандум | - | - | - | 203,9 | 219,5 | 107,7 |
| Орд | - | - | - | 23,1 | 11,8 | 51,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қанду шакар ва масնуоди қандӣ | - | - | - | 58,4 | 54,6 | 93,8 |
| Макарон ва маҳсулоти он | - | - | - | 4,4 | 3,7 | 84,1 |
| Равғани растанӣ | - | - | - | 23,3 | 20,6 | 88,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | - | - | - | 1,9 | 2,1 | 110,6 |
| Тухм | - | - | - | 0,2 | 0,2 | 100,0 |
| Чой | - | - | - | 1,1 | 1,1 | 100,0 |
| Картошка | - | - | - | 8,0 | 10,0 | 125,0 |
| Сабзавот | 6,7 | 5,4 | 80,6 | 10,4 | 13,8 | 132,7 |
| Меваҷот ва бехмеваҳо | 5,0 | 5,9 | 118,0 | 15,1 | 17,1 | 113,2 |
| Шарбати мева ва сабзавот | - | - | - | 0,7 | 0,3 | 42,9 |
| Сабзавоти консервашуда, қайлаҳои помидор | - | - | - | 0,3 | 0,4 | 133,0 |
| Ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз | 2,8 | 3,0 | 107,1 | 30,8 | 29,6 | 96,1 |

***Сарчашма:*** *Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2021. С 20.*

Истифодаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба сари аҳолӣ барои якчанд сол имконият медиҳад, ки аз рӯи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин мавҷудияти озуқаворӣ барои истеъмоли аҳолӣ баҳо дода шавад.

Рушди соҳаи кишоварзӣ барои муваффақ шудан дар роҳи раҳо намудани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон аз камбизоатӣ ва таъмини онҳо бо маҳсулоти баландсифат, дар ин замина таъмини бехатарии озуқаворию кишвар дар сатҳи ҷаҳон муҳим дониста мешавад.

Охир заминҳои корам, меҳнати одамон, воситаҳои истеҳсолот, олами ҳайвоноту растаниҳо ҳадди эътидоли истифода доранд. Бинобар ин санъати идоракунии иқтисодиёт аз он иборат аст, ки дар шароити молик будан ба захираҳои маҳдуд вазифаи зерин: чӣ, гуна ва барои кӣ истеҳсол карданро бо истифодаи самараноки захираҳои дардастдошта бомуваффақият ҳал кардан лозим аст.

Умуман, метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили хоҷагии қишлоқ ва рушди соҳаи кишоварзӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад моро зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ боз ҳам мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори инсонии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва пеш аз ҳама дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе – 2021. – С. 24-25.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, 2021, 340 с.
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2021 - 56с.

4. Загайтов И.Б. Актуальные вопросы теории планирования / И.Б. Загайтов. - Воронеж: ФГОУ ВПО ВГАУ, 2008. - 224 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021 с, 35 с.

7. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.

8. Солиев, А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов [Текст] / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.

9. Фасеҳзода (Фасихов) И.С. Иқтисодиёти агросаноатӣ ва муносибатҳои бозорӣ. Васоити таълимӣ / И.С.Фасеҳзода.-Душанбе, 2015.-303 с.

10. Фасеҳзода (Фасихов) И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности Республики Таджикистан). Монография / И.С.Фасихов.-*Душанбе: Ирфон,2016.150 с.*

## СУТЬ РЕЗЕРВНОЙ МОЩНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В КОНТЕКСТЕ ИЗМЕНЕНИЯ РЫНКА

**КУРБАНОВ АНИС МАХМУДОВИЧ,**
доторант (PhD) кафедры экономики предприятия и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абу Абдулла Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 985-53-99-79.

*В статье рассматривается вопрос о необходимости разработки и реализации стратегии продовольственной безопасности в Таджикистане на долгосрочную перспективу. Предлагаются вопросы, которые должны быть включены в стратегию, в том числе физическая и экономическая доступность качественного продовольствия, сохранение экологических норм и эффективного менеджмента, соблюдения агротехнических норм и в целом использование преимуществ страны в производстве органической сельскохозяйственной продукции. Достижение стратегических целей, доступность продовольствия населению, снижение уровня бедности и развитие агропромышленного сектора составляют основу исследования.*

*Основные направления реформирования агропромышленного комплекса и основные принципы государственной поддержки отраслей производства продовольственных товаров обозначены в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 года, что предусматривает поэтапную реализацию соответствующих отраслевых программ или стратегий развития, в том числе и в сфере продовольственной безопасности.*

*В статье указывается, что составление и реализация стратегии продовольственной безопасности даст положительный эффект. С целю повышения эффективности стратегии продовольственной безопасности предложены методические рекомендации по ее составлению. Предложены меры по организации системы продовольственного обеспечения населения, достижение цели доступности продовольствия, также организация производственно-научных и инновационных кластеров для эффективного и своевременного обеспечения населения продовольствием.*

*Сделан вывод, что только реализация стратегии продовольственной безопасности считается выгодным для всего общества, которая содействует достижению стратегических*

*задач Правительства Республики Таджикистан в области обеспечения устойчивого роста национальной экономики.*

***Ключевые слова***: *продовольственная безопасность, доступность продовольствия, агротехнические нормы, продовольственное обеспечение, норма потребления, сельского хозяйство, снабжение промышленных предприятий сырьем, развитие дехканских хозяйств, экспорт отечественной продукции в страну, устойчивое экономическое развитие.*

## THE ESSENCE OF THE RESERVE POWER OF AGRICULTURAL PRODUCTS IN THE CONTEXT OF MARKET CHANGES

**KURBANOV ANIS MAKHMUDOVICH,**
doctoral (PhD), Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship
Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, Sangak Safarov str.
Phone: (+992) 985-53-99-79

*In article the question of need of development and realization of strategy of food security in Tajikistan for a long-term outlook is considered. Questions which have to be included in strategy, including physical and economic availability of qualitative food, maintaining environmental standards and effective management, respect for agro technical norms and in general use of advantages of the country in production of organic agricultural production are offered.*

*The main directions of reforming of agro-industrial complex and the basic principles of the state support of branches of production of food products are designated in the National development strategy of the Republic of Tajikistan till 2030 that provides stage-by-stage implementation of the appropriate industry programs or development strategies including in the sphere of food security.*

*It is specified in article that drawing up and realization of strategy of food security will give positive effect. In order to increase an efficiency of strategy of food security methodical recommendations about her drawing up are offered. Measures for the organization of system of food supply of the population, achievement of the goal of availability of food, also the organization of production and scientific and innovative clusters for effective and timely providing the population with food are proposed.*

*The conclusion is drawn that only realization of strategy of food security is considered favorable to all society, which promotes achievement of strategic objectives of the Government of the Republic of Tajikistan in the field of ensuring sustainable growth of national economy.*

***Key words:*** *food security, availability of food, agrotechnical standards, food supply, consumption rate, agriculture, supply of industrial enterprises with raw materials, development of dekhkan farms, export of domestic products to the country, sustainable economic development.*

УДК: 330

# СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД - ОМИЛИ МУҲИММИ ИНКИШОФИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САФАРОВ АҲЛИДДИН САЙВАЛИЕВИЧ,**
ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кулоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 987-10-10-72.

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ ва омилҳои стратегии рушди босуботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки ҳангоми ташкили низоми босамари танзими давлатӣ, бояд ба рушди зина ба зинаи бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ такя карда шавад.*

*Дар мақола барои ба даст овардани ҳадафҳои рушди устувор як қатор пешниҳодҳои мушаххас оварда шудааст. Инчунин хулоса карда шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани ин вазифаи стратегӣ дар ҳамкории босамар бо шарикони рушд, ҳаллу фаслсозии масъалаҳои рушди шабакаи ягонаи роҳҳо, пайваст намудани долонҳои нақлиётии байналмилалӣ, таъмини алоқаи доимии нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя, такмилу таҳия ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилии соҳа мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *танзими давлатӣ, рушди иқтисоди миллӣ, стратегия, рушди босубот, омилҳои истеҳсолот, шарикони рушд, афзалиятҳои стратегӣ.*

Амалисозии чараёни танзими иқтисодиёт бо роҳи банақшагирӣ ё дигар вазифаҳои идоракунӣ амалӣ мегардад, ки дар бисёр ҳолат ба ташкили фаъолият ё шароити мусоиди кории соҳаҳои алоҳида алоқамандӣ дошта, бо роҳи таҳияю истифодаи меъёрҳои қонунгузорӣ ва қабули барномаҳои мақсадноки рушди бахшҳои алоҳидае, ки сохторҳои марбутаи давлатӣ таҳия намудаанд, иҷро карда мешаванд. Ин дигаргуниҳо на танҳо заминаи фаъолияти низоми иқтисодӣ, балки соҳаҳо ва корхонаҳоеро дар бар мегиранд, ки онҳо дар доираи стратегия ва ё консепсияи қабулшуда фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки чунин мафҳуми иқтисодиёти намунавӣ мавҷуд нест ва ҳар як давлат вобаста ба шароити мавҷудбуда ва неруи иқтисодии мамлакаташ кӯшиш менамояд, ки ин чараёнро дар дохили кишвараш мукаммал намояд. Вале бояд дар назар дошт, ки чӣ гуна сохторе, ки ташкил нашавад, он аз омилҳои дохилию берунӣ сахт вобаста буда, мақсади асосиро таъмини мувофиқати байни сохтори худӣ ва ин омилҳо ташкил медиҳанд.

Дар навбати худ, бояд дар ёд дошт, ки сохтори давлатӣ аз маҷмӯи ниҳодҳо (институтҳо) ва механизмҳои танзими давлатӣ иборат аст, ки барои идоракунии тамоми соҳаҳои дараҷаи муайяни инкишофдошта истифода мешаванд. Вале, дар ҳолатҳои зарурӣ ба нақшаю барномаҳои қабулшуда ва фишангҳои алоҳидаи интихобшудаи танзими иқтисодиёт тағйиротҳо ворид карда мешаванд, ки аз натиҷаҳои бадастомада ва камбудиҳои ҷойдошта сарчашма мегиранд.

Чунин натиҷа, ки аз нақшаи қабулшуда фарқ дорад босамартар аст аз он ҳолате, ки инкишофи бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт инкор шаванд, чунки фақат дар якҷоягӣ фаъолияти босамари ҳамаи бахшҳо натиҷаҳои рушди иқтисодиётро мукаммал мегардонанд.

Бинобар ин, кушиш намудан зарур аст, ки сохтори идоракунии иқтисодиёт хеле босамар бошад, вале вобаста ба муҳити таъсиррасон ва омилҳои манфӣ онро доимо мукаммал ва мутобиқшаванда намудан зарур аст. Чунин ба назар мерасад, ки ин чизи маъмул аст ва сохторҳои идоракунанда бояд аз ин ҳолат огоҳӣ дошта, барои бартараф намудани он чораҷуӣ намоянд. Вале, мутаассифона, чунин ҳолатҳоро дар иқтисодиёти

давлатҳои алоҳида мушоҳида намудан мумкин аст, ки аз беаҳамиятии сохторҳои (ниҳодҳои) давлатӣ ба иқтисодиёти мамлакат зарари калон расонида мешавад.

Ҳангоми ташкили низоми босамари танзими давлатӣ, ба назари мо, бояд такя ба рушди зина ба зинаи бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ карда шавад, яъне кӯшиши якбораи инкишоф додани тамоми соҳаҳои иқтисодиёт хеле мураккаб буда, маблағи зиёд ва тағйиротҳои куллиро тақозо менамояд, ки на ҳама иқтисодиёт инро амалӣ карда метавонад. Бинобар ин, зарур аст, ки сиёсати нақшавии рушди бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ истифода гардад [2, с. 78-79].

Вобаста ба ин, мақсади асосии танзими давлатии иқтисоди миллӣ ин мукаммалнамоии чорабиниҳои таҳияи модели рушди самти алоҳидаи низоми иқтисодии мамлакат мебошад.

Барои ба даст овардани ин ҳадаф зарур аст, ки корҳои зерин анҷом дода шаванд:

- хусусияти асосии соҳаи таҳлилшаванда муайян гардад, яъне самтҳои стратегии фаъолияти он ҷудо карда шуда, шартҳои фаъолияти он асоснок шаванд;
- самтҳои афзалиятноки фаъолият барои ба даст овардани мақсади гузошташуда муайян гардад;
- гурӯҳбандии намудҳои фаъолият гузаронида шавад, то ки вазифаҳои иҷрошаванда такрор нашаванд;
- низоми босамаре ташкил гардад, ки ба тағйиротҳои муҳити дохилию беруна тобовар бошад ва мутобиқ гардад;
- монеаҳо барои ба даст овардани маълумоти саривақтӣ ва мукаммал аз байн бурда шаванд;
- мавқеъ ва функсияҳои субъектҳои асосии хоҷагидорӣ муайян гардида, мавқеи онҳо дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мушаххас карда шавад;
- рушди иқтисодии мамлакат чунин бояд асоснок карда шавад, ки дараҷаи баланди ҳавасмандгардонӣ дар рушди инноватсионии бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт таъмин гардад;
- самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ бояд чунон муайян ва ҷорӣ карда шавад, ки ҳар яки онҳо ҳиссаи худро дар баландбардории самаранокии умумии низоми иқтисодӣ дошта бошанд. Ба ғайр аз ин, зарур аст, ки баъзе функсияҳои иҷтимоӣ ба ӯҳдаи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ гузошта шаванд, то ки сатҳи некуаҳволии мардум баланд бардошта шавад;
- дастаи кормандони асосии назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷараёни амалисозии барномаҳои мушаххаси мақсаднок ва стратегияҳоро зери назорат гиранд ва ҷавобгариро барои иҷро нашудани самтҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба уҳда дошта бошанд ва ғ.

Таҳлили пешакии ҳама гуна соҳаи иқтисоди миллӣ, бахусус хоҷагии қишлоқ, бояд, пеш аз ҳама, аз таҳлили ҳаматарафаи шароитҳои мавҷудаи фаъолият оғоз гардида, дараҷаи рушди мавҷудаи сохтори истеҳсолотро инъикос намояд ва омилҳои стратегии дар оянда таъсиррасонро ҷудо созад. Ин гуна тадқиқот бахшҳои зеринро бояд дар бар гирад:

- таҳлили муҳити беруна. Барои ин ба омилҳои иқтисодӣ, бозорӣ ва рақобатие баҳогузорӣ намудан зарур аст, ки ба рушди соҳа таъсиргузор мебошанд. Самти афзалиятнок дар ин ҳолат ин таҳияи нақшаи “маҳсулот - бозор” аст;
- таҳлили муҳити дохилӣ. Дар ин зинаи тадқиқот бояд вазифаҳои субъектҳо гурӯҳбандӣ шаванд, ба муҳити сармоягузорӣ баҳогузорӣ намуда, шаклҳои танзими давлатӣ мушаххас гарданд ва дараҷаи рушди техникаю технология, инфрасохтори иҷтимоию муҳандисӣ таҳлил карда шавад;

- масъалаҳою мақсадҳои стратегӣ мушаххас гарданд. Зарур аст, ки самтҳои стратегии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ аниқ гардида, мақсадҳо ба таври мушаххас асоснок карда шаванд. Барои ба даст овардани мақсаду вазифаҳои гузошташуда таҳлили миқдорию сифатии захираҳои инсонӣ, молиявӣ ва моддӣ гузаронида шавад;

- дар навбати худ, таҳлили самтҳои асосии фаъолияти соҳаи кишоварзӣ гузаронида шавад. Дар ин зина баҳогузории комплексии корҳое, ки дар доираи самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян гардидаанд, гузаронида шуда, пешниҳодҳои мушаххас барои ба даст овардани мароми мақсадҳои гузошташуда таҳия мегарданд, ки вазъи муҳити дохилию берунаро ба инобат мегиранд;

- таҳлили сохторӣ гузаронидан зарур аст. Бояд сохтори идоракунӣ муайян карда шуда, сатҳи марказонияти таъсиррасонӣ ба соҳа асоснок карда шавад, яъне ниҳодҳои (институтҳои) зарурӣ ташкил карда шуда, мутахассисони зарурӣ барои таҳия ва амалисозии барномаҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд;

- мустаҳкам намудани иқтидори давлат ба воситаи ҷалби ниҳодҳои ҷамъиятӣ. Дар ин зина бояд меъёрҳое таҳия гарданд, ки фаъолияти органҳои идоракуниро назорат намуда, ба рушди шаклҳои гуногуни назорати ҷамъиятӣ такя карда, фаъолияти соҳибкорон ва ниҳодҳои давлатиро таҳти назорат гиранд.

Ҳамин тавр, баҳогузории фаъолияти соҳаи кишоварзӣ бояд ба ташхиси пешакӣ такя намуда, мавқеи субъектҳои фаъолро доир ба бадастории мақсадҳо ба назар гирад.

Ин мақсадҳо бояд бо сохтори мавҷуда муқоиса шаванд, то ин ки муайян карда шавад, ки то чӣ андоза онҳо ба ҳамдигар мувофиқат менамоянд. Бояд зикр намуд, ки меъёрҳои мутлақ дар ягон самти фаъолият мавҷуд нестанд, ки дар асоси он сохтори идоракунии соҳаи алоҳида ё кишоварзӣ баҳогузорӣ гардад, вале принсипҳои умумии идоракунии субъектҳо мавҷуданд, ки бо такя ба онҳо самти самараноки истифодаи таъсиррасонии ниҳодҳои давлатиро ба соҳаи кишоварзӣ мушаххас намоем. Ҳамаи ин вазифаи танзими давлатии соҳаи кишоварзиро мураккаб менамояд, ки бояд дар фаъолияти рӯзмарра ба инобат гирифта шавад [10, с.14].

Дар айни замон баъзе самтгириҳое мавҷуданд, ки барои бадастории онҳо ҳангоми омӯзиши масъалаи танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ кӯшиш бояд намуд, ки аз инҳо иборатанд:

- муайян намудани самти фаъолияти соҳаи кишоварзӣ вобаста ба иқтидори истеҳсолии бахшҳои алоҳидаи он. Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзе давлатҳо бе назардошти вазъи иқтидорҳои мавҷуда дар назди худ вазифаҳои мураккабро мегузоранд, ки дар натиҷа ба натиҷаҳои манфӣ оварда мерасонад. Бинобар ин зарур аст, ки сиёсати санҷидашудаи фаъолияти самтҳои алоҳидаи бахшҳои кишоварзиро муайян намуда, натиҷаҳои банақшагирифташударо бо қобилияти иҷрои онҳо муқоиса намоем;

- тақсимоти корҳо. Дар ин самт бояд сохторҳои идоракунӣ муайян гардида, шуъбаю бахшҳои алоҳида ташкил карда шаванд, ки барои расидан ба мақсади ниҳоӣ заруранд. Ин сохторҳо бояд фаъолияти пурсамарро барои беҳтар намудани натиҷаҳои фаъолияти бахши кишоварзӣ таъмин намоянд;

- таъмини чандирияти сохтори ташкилӣ. Сохтори бахши кишоварзӣ бояд ба таҳдиду хатарҳое, ки аз дохили мамлакат ва ё берун аз он ба ин низом расиданаш мумкин аст, мутобиқат дошта, ба ҳолатҳои пешбининашуда фишангҳои ҳифзро тайёр намояд;

- муайян намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои иҷрокунандагон. Иҷрокунандагони мутасаддӣ бояд мавқеъ ва ҷойи худро дар ҳалли мушкилоти бамиёномада ҳамчун шахси инфиродӣ ва аъзои даста дарк намоянд. Бояд самтҳои таъсиррасониҳои онҳо ва функсияҳои зарурӣ барои расидан ба ҳадафи умумӣ муайян гарданд;

- ғайримарказонидани ҷараёни идоракунӣ. Функсияҳои идоракунӣ бояд ба худи субъектҳои хоҷагидорӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххас дода шавад, то ки бо мақсади таъмини чандирияти низоми идоракунӣ зинаҳои нолозими идоракунӣ барҳам дода шаванд.

Таъмини чандирияти сиёсати иқтисодӣ ва стратегияи рушди устувор талаби асосиест, ки ба танзими давлатии бахши кишоварзӣ равона гардидааст, чунки амалисозии он бештар аз дараҷаи тахассусии кормандони идораҳои давлатӣ вобастагӣ дорад. Идоракунии илмӣ бояд ба таври мушаххас дар баъзе ҳолатҳо ба соҳибкорон гузаштҳоро пешниҳод намуда, дар ҳолати аз назорати иҷтимоӣ баромадани фаъолияти онҳо фишангҳои босамари таъсиррасониро истифода намоянд, то ки давлат ҳама вақт дар ҷараёни рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ва бахшҳои алоҳидаи он бошад.

Ҳамин тавр, давлати муосир бояд таъсири амиқи омилҳою фишангҳои гуногунро дарк намуда, барои интихоби сиёсати иқтисодии босамар замина муҳайё созад. Ин гуна сиёсати иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқтисоди миллӣ бояд бо назардошти авзои тағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ амалӣ гардида, хусусиятҳои хосси рушди соҳаи кишоварзии Тоҷикистонро ба инобат гирад. Фақат интихоби дурусти механизму фишангҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ метавонад барои расидан ба ҳадафҳои асосии мамлакат, аз ҷумла барои ҳалли вазифаи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ заминаҳои мусоид фароҳам орад.

Марҳилаи аввалини вазифаи стратегӣ ин раҳо шудан аз бунбасти коммуникатсионӣ буд, ки бо ҷаҳду талош ва кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ‒ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии шарикони рушд иҷро шуд.

Имрӯз Тоҷикистон дорои шабакаҳои доимамалкунандаи нақлиётии дохилӣ буда, бо кишварҳои ҳамсоя низ робитаи доимии нақлиётиро барқарор намудааст. Чи тавре ки дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста садо медиҳад, дар замони Истиқлолият беш аз 2000 километр роҳи мошингард, 190 километр роҳи оҳан ва зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар ба харҷи умумии 11,4 милиард сомонӣ мавриди истифода қарор дода шуданд [4, с.9].

Дар натиҷа, мо ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ҷиҳати таъмини рафту омади доимии нақлиёти мусофиркашу боркаш байни минтақаҳои гуногуни кишварамон ва давлатҳои ҳамсоя ноил шуда, қаламрави сепорчаи Тоҷикистонро танҳо дар замони Истиқлолият ба кишвари воҳид табдил додем.

Бояд қайд кард, ки заминаи асосӣ барои рушди соҳаи нақлиёт ва ҳамлу нақл дар Тоҷикистон вазъи рушдкунандаи иқтисоди кишвар, рушди тиҷорат бо кишварҳои дуру наздик, ҳамчунин имконоти транзитии кишвар барои селаҳои тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ, дигар кишварҳои Осиё ва Аврупо ба ҳисоб меравaнд [7, с.8].

Бояд қайд кард, ки рушди соҳаи нақлиёт, аз ҷумла афзоиши миқдори ширкатҳои нақлиётӣ ва хизматрасонии босифати онҳо, ҳамчунин ба паст шудани арзиши молу маҳсулоти содиротию воридотии кишвар ва то андозаи муайян ба рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ мусоидат мекунад.

Умуман, баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани кишвар яке аз вазифаҳои стратегии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани ин вазифаи стратегӣ дар ҳамкории босамар бо шарикони рушд, ҳаллу фаслсозии масъалаҳои рушди шабакаи ягонаи роҳҳо, пайваст намудани долонҳои нақлиётии байналмилалӣ, таъмини алоқаи

доимии нақлиётӣ бо кишварҳои ҳамсоя, такмилу таҳия ва ба талаботи байналмилалӣ мутобиқгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилии соҳа ва ғайраро ҳамчун афзалиятҳои аввалиндарача муайян кард.

**Адабиёт**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Душанбе – 2020, 255 с.
2. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ / Китоби дарсӣ / Душанбе – «Ирфон»-2018, 648 саҳ.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007,тахти № 241 «Дар бораи дастгирии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021.
5. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворіи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд / ХА. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2019. №9, С. 86-96.
6. Самандаров И.Х., Роль государства в формирован ии системы экономической безопасности сельского населения / И.Х.Самандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-эконо мических и общественных наук, № 2-11 (155). - С. 92-96., 2014
7. Солеҳзода, А.А. Ҷабҳаҳои стратегии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон / А.А.Солеҳзода, И.С. Фасеҳзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дар шумораи илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва умумӣ. Душанбе, 2018. №3.- С. 3-8.
8. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон барои давраи солҳои 2010-2015, Душанбе 2005, 84 саҳ.
9. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон дар давраи то соли 2030, Душанбе 2016, 80 саҳ.
10. Тагоев Дж.Х. Государственное инвестирование и проблемы развития предприятий аграрного сектора в Республике Таджикистан / Дж.Х.Тагоев, И.С. Фасехзода (Фасихов) / Вестник Таджикского национального университета. Серя социально – экономических и общественных наук. 2012. № 2/5 (92). С.12-15.
11. Фасехзода И.С. Продовольственная безопасность и ее роль в устойчивом развитии Республики Таджикистан / И. С. Фасехзода, М. С. Назаров / Образование и наука в России и за рубежом, 2021 г., № 5 (81), с.209-217.
12. Фасихов (Фасехзода) И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях трансформации национальной экономики (на примере продовольственной безопасности РТ). Монография / И.С.Фасихов Душанбе, «Ирфон»-2016.- 130 с.


## НАЦИОНАЛЬНАЯ СТРАТЕГИЯ РАЗВИТИЯ – ВАЖНЫЙ ФАКТОР СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**САФАРОВ АХЛИДДИН САЙВАЛИЕВИЧ,**
ассистент кафедры менеджмента и маркетинга
Кулябского государственного университета имени Абу Абдуллахи Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова.
Тел.: (+992) 987-10-10-72.



*В данной статье рассматриваются основные вопросы развития национальной экономики и стратегические факторы экономической стабильности Республики*

*Таджикистан. Отмечается, что при создании эффективной системы государственного регулирования следует опираться на поэтапное развитие отдельных отраслей народного хозяйства.*

*В статье представлен ряд конкретных предложений по достижению целей устойчивого развития. Также сделан вывод о том, что Правительству Республики Таджикистан в целях реализации данной стратегической задачи в эффективном сотрудничестве с партнерами по развитию решить вопросы развития единой сети автомобильных дорог, соединения международных транспортных коридоров, обеспечения постоянного связи с соседними странами, для улучшения и развития и соответствия международным требованиям является адаптация внутренних нормативно-правовых актов отрасли.*

***Ключевые слова:*** *государственное регулирование, национальное экономическое развитие, стратегия, устойчивое развитие, факторы производства, партнеры по развитию, стратегические приоритеты.*

## NATIONAL DEVELOPMENT STRATEGY IS AN IMPORTANT FACTOR OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SAFAROV AKHLIDDIN SAYVALIYEVICH,**
Assistant of the Department of Management and Marketing
Kulob State University named after Abuabdullahi Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, Sangak Safarov str.
Phone: (+992) 987-10-10-72.

*This article discusses the main issues of the development of the national economy and the strategic factors of the economic stability of the Republic of Tajikistan. It is noted that when creating an effective system of state regulation, one should rely on the phased development of individual sectors of the national economy.*

*The article presents a number of specific proposals for achieving sustainable development goals. It was also concluded that, in order to implement this strategic task, in effective cooperation with development partners, the Government of the Republic of Tajikistan should solve the issues of developing a single network of roads, connecting international transport corridors, ensuring constant communication with neighboring countries, to improve and develop and comply with international requirements is the adaptation of internal regulations of the industry.*

***Key words:*** *government regulation, national economic development, strategy, sustainable development, factors of production, development partners, strategic priorities.*

**УДК: 330**

# ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРИНЦИПОВ РЕГИОНАЛЬНЫХ ИНВЕСТИЦИИ

**НУРАЛИЕВА МИЖГОНА ДАВЛАТАЛИЕВНА**,
ассистент кафедры экономики предприятия и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абуабдулла Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова.
Тел.: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

*В статье рассматриваются основные понятия социально-экономических принципов региональных инвестиции, пути уменьшения инвестиционных рисков в коммерческих и некоммерческих организациях, пути повышения эффективности получения прибыли от инвестиционных вложений, активизации инвестиционных процессов в определенных регионов страны, меры преодоления инвестиционного кризиса в некоторых регионах Республики Таджикистан и в ряде ключевых отраслей народного хозяйства.*

*А также в статье показаны определяющие параметры, инвестиционной привлекательности региона: уровень и качество жизни населения региона, человеческий потенциал, инфраструктура, высокие технологии, капитал, органы местной (региональной) власти, бизнес среда (инфраструктуры) и власть. Дано оценка увеличения объёма привлечения инвестиций определенного региона, инвестиция и инвестиционная привлекательность как одна из наиболее часто используемый в макроэкономической системе так и на региональном уровне, интенсивности использования природно-ресурсного потенциала. Обобщение различных теоретических и методологических источников в статье позволило установить, что для уточнения сущности инвестиционной привлекательности важным считается выявление особенности и специфику условий определенного региона, что, даст полную и содержательную определению инвестиционную привлекательность региона и рассматриваются основные факторы, влияющие на продовольственную безопасность Республики Таджикистан, а также проводиться детальный анализ использования земельных ресурсов в сельском хозяйстве. Поэтому изучение инвестиции в условиях рынка и на новой социально-экономической базе является одной из важнейших задач отечественной науки для разработки целенаправленных инвестиционных программ по развитию приоритетных отраслей и экономики в целом.*

***Ключевые слова**: Понятия, объем привлечения инвестиций определенного региона, экономический риск, повышение эффективности инвестиции.*

Как известно, в большом экономическом словаре под инвестиции понимается «совокупность затрат, реализуемых в форме долгосрочных вложений капитала в промышленность, сельское хозяйство, транспорт и другие отрасли хозяйства. К инвестициям относятся: денежные средства, целевые банковские вклады, паи, акции и другие ценные бумаги, технологии, машины, оборудования, лицензии, кредиты, любое другое имущество или имущественные права, интеллектуальные ценности, вкладываемые в объекты предпринимательской и других видов деятельности в целях получения, прибыли (дохода) и достижения положительного социального эффекта». В данной определение отсутствует объект вложений, более того, кроме экономической и социальной эффект в процессе реализации инвестиционных проектов возможно получение технологического и экологического эффекта. Если экономический эффект выражается в виде (роста прибыли, рентабельности и платежеспособности), социальный эффект в виде (роста доходов населения, создания новых рабочих мест, улучшения условий труда и отдыха), то экологический эффект выражается в (рациональном использовании природных ресурсов, производстве экологически чистой продукции и охране окружающей среды), а технологический эффект в виде (снижение трудоемкости,

улучшения качества продукции, сокращение потерь продукции на каждый технологический цикл и др.).

Поскольку в совокупности потенциал и риск региона определяют его инвестиционный привлекательность, можно выделить следующие видов инвестиционного риска региона:

- экономический риск, связано с тенденции в экономическом развитии региона;

- финансовый риск, учитывает степень сбалансированности регионального бюджета и финансов предприятий;

- политический риск, связано с распределение и политических симпатий на селения по результатам последних парламентских выборов, авторитетность местной власти и др.

- социальный риск связанно с уровнем социальной напряженности в обществе [9, с.216].

Для оценки социального риска региона должны быть использованы следующие показатели: уровень развития инфраструктуры, уровень медицинского обслуживания, состояния рынка труда региона, уровень среднемесячной заработной платы, прожиточный минимум и др.

- экологический риск охватывает уровень загрязнения окружающей среды и отражает вероятность возникновения и развития неблагоприятных природно-техногенных процессов, сопровождающихся существенными экологическими последствиями.

- криминальный риск характеризует уровень преступности в регионе с учетом диференцации тяжести преступлений [6, с.12-15].

Следует отметить, что определяющим фактором инвестиционной привлекательности региона является точное определение инвестиционных рисков, так как оно оценивает вероятность потери инвестиций и дохода от них.

Из вышеназванного определения, с чем и мы согласны, следует, что на инвестиционную привлекательность региона воздействует объективные и субъективные факторы. Однако, выявление этих факторов на региональном уровне считается архисложным и при выявление этих факторов иногда допускаются ошибки, что приводить к увеличению уровня инвестиционных рисков.

Обобщение различных теоретических и методологических источников позволило нам установить, что для уточнения сущности инвестиционной привлекательности важным считается выявление особенности и специфику и условий определенного региона, что, на наш взгляд, даст полную и содержательную определению инвестиционную привлекательность региона.

Так как, для регионов Республики Таджикистан характерна значительная дифференциация социально-экономических условий, то на наш взгляд, теоретически целесообразно рассматривать инвестиционную привлекательность региона.

Более того, региональная экономика обладает специфическими характерными особенностями. Например, региональная экономика как подсистема национальная экономика не может рассматриваться изолированно. Или региональная экономика в большой степени зависит от природно-климатических факторов – наличие полезных ископаемых, благоприятных условий географической среды. Также региональная экономика, имея в наличии многие отрасли и производства, не обладает, как правило, их самодостаточной структурой, т.е., многие регионы узко специализированы на тех или иных сферах деятельности.

Иногда специфические особенности регионов способствует активизировать инвестиционную деятельность, что является движущей силой социально-экономического развития региона и государства в целом и находится в центре внимания региональных и государственных властей.

На рост уровня инвестиционных рисков, также влияет социально-экономические, природные, географические факторы.

Учитывая эту обстоятельству И.С.Фасехзода указывает на то, что каждый регион отличается своими социально-экономическими, природными и демографическими условиями, поэтому инвестиции в первую очередь необходимо направлять в регионы с богатыми природными ресурсами, высокотехнологичными производственными мощностями и квалифицированными кадрами, в которых остро стоит вопрос решения занятости и другие социальные проблемы [10, с.17].

Такой подход на наш взгляд, считается необоснованным, так как, регионы богатыми природными ресурсами и наличием надлежащей инфраструктурой сами по себе являются привлекательными для инвесторов. Считаем, что для каждого региона необходимо индивидуальный подход, т.е. для депрессивных регионов и регионы недостаточно развитыми в социальном плане важно реализовать механизм льготного налогообложения и другие административные и экономические меры привлечения инвестиции.

Исходя из этого можно выделить следующие определяющие параметры, инвестиционной привлекательности региона:

- уровень и качество жизни населения региона, включает в себя - наличие жилья для различных слоев населения региона, социальные услуги, качество продуктов питания, наличие условия для отдыха, уровень и доступность услуги образования и здравоохранения;
- человеческий потенциал – подготовка кадров, повышения квалификации, их адаптация к меняющимся социально-экономическим условиям;
- инфраструктура, охватывает наличие транспортной коммуникации, средства связи, образовательные и медицинские организации, гостиночные и бытовые услуги и пр.;
- высокие технологии – способность региона развивать и поддерживать высокотехнологичные отрасли, обновлять существующую базу;
- капитал объем капитала, концелидированная на территории региона в виде собственных и привлеченных средств;
- органы местной (региональной) власти – мобильность, рациональность, эффективность, честность, отсутствие бюрократизма;
- бизнес среда (инфраструктуры) – доступность и уровень услуг в области консалтинга, аудита, рекламы, права, информации, институциональные условия осуществления сделок и титулами собственности;
- власть – компетентность членов команды, команда личностей, нестандартность идей, стиль принятия решений, прозрачность законотворчества, отношение к социальным проблемам.

Повышение эффективности функционирования системы землепользования является необходимым условием обеспечения устойчивости сельского хозяйства, увеличения объема производства сельскохозяйственной продукции. Повышение эффективности использования земельных ресурсов в сельском хозяйстве Республики Таджикистан в значительной степени зависит от четырех факторов: экологического менеджмента, формы собственности, эффективности хозяйствования на земле, эффективности

инвестиций. Относительно эффективности инвестиций таджикский ученый Солехзода А. и Фасехзода И. отметили, что она проявляется в освоении земель пригодных к орошению, способствующих увеличению производства продукции и обеспечению населения продовольствием [5, 18].

Одним из основных условий увеличения продукции сельского хозяйства является эффективное использование земельных угодий, обеспечивающее будущую урожайность растениеводческих культур. В разрезе четырех регионов Республики Таджикистан посевные земли неравномерно распределены, что усугубляет положение дел с продовольственным обеспечением населения как в масштабах страны, так и ее регионов по отдельности (таблица 1).

***Таблица 1***

***Сельское хозяйство в разрезе четырех регионов Республики Таджикистан (ориентировочные данные)***

***(в процентах)***

| **Регион** | **Согдийская область** | **Хатлонская область** | **РРП** | **ГБАО** | **Таджикистан** |
|---|---|---|---|---|---|
| Валовой сельскохозяйст-венный продукт | 25% | 45% | 26% | 4% | 100% |
| Сельскохозяйственные земли | 24% | 33% | 26% | 17% | 100% |
| Засеянные | 32% | 49% | 18% | 1% | 100% |
| Крупный рогатый скот | 27% | 40% | 26% | 7% | 100% |
| Овцы/козы | 31% | 39% | 22% | 8% | 100% |

***Источник:*** *Lerman, Z and D Sedk (2020) The Economy Effects of Land Reform in Tajikistan, EC/FAO Food Security Programme, Phase 2*

Горный регион ГБАО является крупнейшим в стране, но с меньшим количеством населения и сельскохозяйственной деятельности. Хатлонская область с наибольшим количеством населения (2,5 млн.) является крупнейшим регионом в Таджикистане с долей сельского хозяйства 45 процентов в валовом сельскохозяйственном продукте страны, где доля хлопка 60 процентов, зерновых - 50 процентов, и пастбищ для скота и мелкого рогатого скота - 40 процентов. Согдийская область и РРП имеют вместе примерно такой же вклад в сельскохозяйственное производство страны, а Горно-Бадахшанской автономная область - 8 процентов. В целом, площадь посевов зерновых в Согдийской области и РРП примерно одинакова.

Известный отечественный экономист в области инвестиции Дж.Х. Тагоев отмечает, что «близко к понятию инвестиционного климата является инвестиционный привлекательность» [7, с.30].

То есть, эти понятия по свей природе схожи между собой. Однако между этими понятиями существует отличия. Следовательно, Дж.Х. Тагоев инвестиционную привлекательность характеризует следующим образом «инвестиционная привлекательность – это результат сформировавшегося инвестиционного климата». На практике встречаются случаи когда для развития определенного региона или зоны создаются благоприятный инвестиционный климат или условий, а инвестиционный активность не повышается. Например, в 2006 году в Таджикистане создано такие свободные экономические зоны, как «Согд», «Дангара», «Пяндж», «Памир» и в 2018 году «Куляб» формировалось нормативно-правовая база для привлечения инвестиции.

Таким образом, определяя понятие «инвестиции» можно сделать следующие выводы:

- Инвестиции – это вложение капитала (ценностей, ресурсов в любую форму их проявления) в предпринимательский и любой другой вид деятельности (не противоречащей законам и законодательным актам страны) с целью получения дохода (экономической выгоды) или социального, экологического эффекта.
- Инвестиции – понятие шире, чем капитальные вложения, так как инвестициями могут быть как реальные (материальные и нематериальные) активы, так и финансовые (акции, облигации и другие ценные бумаги) активы, а к капитальным вложениям обычно относят денежные средства.
- Инвестиции отличаются от капитальных вложений по объектам вложений средств. Например, вложения средств в любой вид деятельности, который приносит доход, считаются инвестициями. А капитальные вложения в основном направляются на воспроизводство основных фондов. Капитальные вложения по своим параметрам равны инвестициям в основной капитал, который является частью капиталообразующих (реальных) инвестиций.
- Инвестирование как процесс содержит больше этапов, чем капитальные вложения. Например, здесь добавляются процедуры аккумуляции средств с помощью эмиссии акции, облигации и др. ценных бумаг, а процесс распределения дохода между инвесторами также можно считать добавлением к вышесказанному.

Все вышесказанные пункты, параметры и процедуры требуют новых отношений в административном, организационном, правовом, а также и в психологическом смысле. Поэтому изучение этих отношений в условиях рынка и на новой социально-экономической базе является одной из важнейших задач отечественной науки для разработки целенаправленных инвестиционных программ по развитию приоритетных отраслей и экономики в целом.

**Литература**

1. Вазъи ичтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, Хатлон 2020, 28 саҳ.

2. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2022 сол.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016 г. саҳ. 6-9.

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021.

5. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов Журнала «Научные исследо-вания: Ключевые проблемы III тысячелетия», Россия-Москва 8 (9), 2016, С.15-23.

6. Тагоев Дж.Х. Государственные инвестиции и проблемы развития предприятий аграрного сектора // Дж.Х.Тагоев, И.С.Фасихов / Вестник Тадж. гос. нац. ун.та Душанбе, 2012. №2/5.-С.12-15.

7. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий РТ) // Дж.Х.Тагоев / – Душанбе.: «Ирфон», 2009. – С. 30.

8. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии

«Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.

9. Фасехзода И.С. Продовольственная безопасность и ее роль в устойчивом развитии Республики Таджикистан / И.С. Фасеҳзода, М.С. Назаров // Образование и наука в России и зарубежом. 2021, №5 (81), С.209-217.

10. Фасехзода И.С. Формирование стратегии экономической безопасности в условиях рыночной экономики / И.С.Фасехзода, С.Дж. Тиллоева // Просвещение и познание. 2021, №4 (4). С.3-20

11. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С.Фасеҳзода, Х.А.Сайдалиев // Паёми молия ва иқтисод, 2022, №2 (31), с.95-102.

## МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ПРИНСИПҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ САРМОЯГУЗОРИИ МИНТАҚАВӢ

**НУРАЛИЕВА МИҶГОНА ДАВЛАТАЛИЕВНА**
ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова.
Тел.: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

*Дар мақола мафҳумҳои асосии принсипҳои иҷтимоӣ-иқтисодии сармоягузории минтақавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, роҳҳои камшавии хавфҳои сармоягузорӣ дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фоида аз маблағҳои сармоягузорӣ, фаъолнамоии раванди сармоягузорӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат, чораҳои бартарафсозии буҳрони сармоягузорӣ дар як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи кишвар муайян карда шудааст.*

*Инчунин дар мақола меъёрҳои муайянкунандаи имкониятҳои ҷалби сармоягузории минтақа вобаста ба сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа, захираи иқтидори инсонӣ, технологияҳои баландиқтидор, маблағгузорӣ, фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муносибати байни соҳибкорон ва мақомоти идоракунӣ ва ғайра баҳогузорӣ гардида, роҳҳои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ пешниҳод гардидааст. Дар мақола ба масъалаи афзоиши ҳаҷми ҷалби сармоя, сармоягузорӣ ва ҷолиябияти сармоягузорӣ ба минтақаи муайян ҳамчун яке аз воситаҳои серистеъмол дар системаи макроиқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ ва инчунин шиддатнокии истифодаи иқтидори захираҳои табиӣ баҳогузорӣ гардидааст. Ҷамъбасти сарчашмаҳои гуногуни назариявӣ ва методологӣ дар мақола имкон дод, ки барои муайян кардани моҳияти ҷолибияти сармоягузорӣ хусусияти шароити минтақаи муайян муҳим ҳисобида мешавад, ки ин ба муайянкунии пурра ва пурмазмуни ҷолибияти сармоягузории минтақа ва омилҳои асосии ба амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон, инчунин таҳлили муфассали истифодаи захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ имкон додааст. Маҳз ба ин хотир омӯзиши сармоягузорӣ дар шароити бозорӣ ва базаи нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ яке аз вазифаҳои асосии илми ватанӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои мақсадноки сармоягузорӣ оид ба рушди соҳаҳои афзалиятнок ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишвар мебошад.*

***Калидвожаҳо****: мафҳум, ҳаҷми ҷалби сармоягузорӣ дар минтақаи муайян, хавфи иқтисодӣ, баладшавии самаранокии сармоягузорӣ.*

## BASIC CONCEPTS OF SOCIO-ECONOMIC PRINCIPLES OF REGIONAL INVESTMENTS

**NURALIEVA MIJGONA DAVLATALIEVNA,**
Assistant, Associate Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship
Kulyab State University named after Abu Abdullah Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Sangak Safarov str.

Phone: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

*The article discusses the basic concepts of socio-economic principles of regional investment, ways to reduce investment risks in commercial and non-profit organizations, ways to improve the efficiency of making profits from investments, enhancing investment processes in certain regions and countries, measures to overcome the investment crisis in some regions of the Republic of Tajikistan and in several key sectors of the national economy.*

*The article also shows the defining parameters of the region's investment attractiveness: the level and quality of life of the region's population, human potential, infrastructure, high technology, capital, local (regional) authorities, business environment (infrastructures) and power. The estimation of increasing the volume of attracting investments of a particular region, investment and investment attractiveness is given as one of the most frequently used in the macroeconomic system and at the regional level, the intensity of use of natural resource potential. The generalization of various theoretical and methodological sources in the article allowed to establish that to clarify the essence of investment attractiveness, it is important to identify the features and specifics and conditions of a particular region, which will give a complete and meaningful definition of the investment attractiveness of the region and consider the main factors affecting the food security of the Republic of Tajikistan, as well as a detailed analysis of land use in agriculture.*

*Therefore, the study of investment in the market and on the new socio-economic base is one of the most important tasks of domestic science for the development of targeted investment programs for the development of priority sectors and the economy as a whole.*

***Key words:*** *volume of attracted investments of a given region, the economic risk, increase the efficiency of investment.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 342.9

# АТТЕСТАТСИЯИ КОРМАНДОНИ ПРОКУРОРИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА: ЗАРУРАТ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ОН

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail: Khalil-77@mail.ru
**РАҶАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛӢ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ,
муовини прокурори шаҳри Душанбе, мушовири адлияи дараҷаи 1,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 777-77-38-38. E-mail: rmuteollo@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти Прокуратура мавриди баррасию муҳокима қарор дода шудааст. Аттестатсия дар мақомоти Прокуратура ҳамчун заминаи муҳимми ташаккули хизмати давлатӣ дар ин ниҳод, баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ ва хоста гирифтани кадрҳои баландихтисос арзёбӣ мегардад. Дар мақолаи мазкур муаллифон таъкид менамоянд, ки аттестатсия дар болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ низ воситаи муҳим буда, ташкили онро дар доираи муҳлатҳои пешниҳодшуда ба манфиати ташаккули хизмати давлатӣ эътироф мекунанд. Ҳамзамон муаллифон Низомномаҳои танзимкунандаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ ва аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар мисоли мақомоти Прокуратура таҳлил намудаанд ва ҷиҳати мукаммалнамоии онҳо ибрози андеша намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; мақомоти Прокуратура; аттестатсия; болоравии мансабӣ; кадрҳо; хизматчиёни мақомоти Прокуратура; комиссияи аттестатсионӣ; баҳодиҳӣ; сатҳи дониш; тахассус.*

Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз марҳилаҳои асосӣ дар раванди адои хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла дар мақомоти Прокуратура мебошад. Аттестатсия дорои ҳадафу вазифаҳои ба худ хос буда, нисбати ҳама хизматчиёни давлатӣ паҳн намегардад. Аттестатсия дар боло бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ, салоҳиятнокӣ ва касбияти онҳо таъсири мусбӣ дошта, хизмати давлатиро аз кадрҳои тасодуфӣ тоза менамояд. Истилоҳи аттестатсия аз калимаи лотинии attestatio (шаҳодатнома, тасдиқ кардан) гирифта шуда, маънои муайян кардани тахассуси корманд, сатҳи дониши донишҷӯён, алоқа, хусусиятҳо, раванди арзёбии мутобиқати кас ба меъёрҳои муайянро дорад.

Аттестатсия ба чунин маъноҳо шарҳ дода мешавад: 1) муайян ва муқаррар намудани мувофиқати сатҳи дониш ва тахассуси корманд ба мансаби ишғолкардааш, ҷойе, ки ӯ талабгор аст; муқаррар намудани дараҷаи музди меҳнати корманд мувофиқи тахассуси ӯ; 2) муайян, тасдиқи ҳуҷҷатии сифат, санҷиши маҳсулот, мувофиқати ҷои кор ба меъёрҳои бузургӣ; 3) тавсифнома, хулоса, фикру мулоҳиза дар бораи сифатҳои корӣ ва дониши кормандон [3,с.38]. Дар “Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ” бошад, аттестатсияи кормандон ба маънои муқаррар намудани дараҷаи ихтисос ва вазифаи корманд, ки мувофиқати онро ба вазифаи ишғолнамудааш собит месозад, омадааст [9,с.65].

Дар таъмини самаранокии назорати риояи дақиқу иҷрои якхелаи қонунҳо ва иҷрои дигар вазифаҳои ба зимаи мақомоти прокуратура вогузошташуда, омӯзиш ва баҳодиҳии кадрҳои мақомоти прокуратура муҳим арзёбӣ мегардад.

Намояндагони илми Шуравӣ аттестатсияи коргаронро на танҳо санҷиши сифатҳои кории онҳо, балки ҳамчун тадбири ҳавасмандии онҳо ба мунтазам баланд бардоштани дониши касбӣ ва сифатҳои мафкуравию сиёсӣ медонанд. Мақсади аттестатсия, вусъати самаранокии меҳнат, поквиҷдонона иҷро кардани вазифаҳо, такмили маҳорати кордонӣ, мафкуравию сиёсии коргарон ва беҳтар намудани интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо ҳисобида мешуд [4,с.52].

Баъзе ҳуқуқшиносон аттестатсияро ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла, Курилов В.А. иброз медорад, ки муайян кардани тахассус, сатҳи дониши корманд, таълимгиранда, шаҳрванд, мувофиқати сифатҳои корию сиёсии ӯ ба касб, ихтисос, тахассус ё вазифаи муайянро ба маънои васеъ аттестатсия номидан мумкин аст. Ба маънои маҳдуд ин бо ёрии комиссияи аттестатсионӣ давра ба давра гузаронидани омӯзиши сифатҳои корӣ, сиёсӣ, ташкилотчигӣ, маънавӣ ва шахсии кормандони категорияи муайян дар шакли махсуси ташкилӣ дар корхона, муассиса ва ташкилот бо мақсади мунтазам баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва сатҳи донишҳои ғоявию сиёсии кормандон, такмил додани интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо мебошад [5,с.99].

Ба андешаи Ойев Х. аттестатсия ин муайян намудани тахассуси хизматчии давлатӣ, баҳодиҳӣ ба сифатҳои касбӣ, кордонӣ ва шахсӣ, сатҳи донишҳои махсус ва ҳуқуқӣ, натиҷаҳои ичрои вазифаҳои хизматии ӯ буда, бо мақсади такмили фаъолияти хизмати давлатӣ, беҳтар гардонидани тайёрӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, таъмини мувофиқати онҳо ба мансаби ишғолнамуда, ҳавасмандгардонии такмили сатҳи касбӣ ва сифату самаранокии кор гузаронида мешавад [10, с.109].

Ба ақидаи Братановский С.Н., аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ фаъолиятест, ки дар раванди он комиссияи аттестатсионӣ дар доираи расмиёти муқарраршуда бо мақсади муайян кардани дараҷаи мувофиқати корманд ба вазифаи ишғолкардааш, ба сифатҳои корӣ, шахсӣ, ҳуқуқии хизматчӣ, раванд ва натиҷаҳои фаъолияти ӯ баҳодиҳӣ менамояд [8, с.93].

Дар замони муосир аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, аз он ҷумла аттестатсияи кормандони мақомоти Прокуратураи ҶТ бо қонунгузории муосир ҳамчун меъёри ҳатмӣ барои муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда, таъмини болоравии касбӣ, ҳалли масъалаи ба ӯ додани рутбаи ибтидоии тахассусӣ (дараҷавӣ) ва ғайра муқаррар карда мешавад. Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 54 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ” кормандони мақомоти Прокуратураи ҶТ мутобиқ ба тартиби аз ҷониби Прокурори генералии ҶТ муайянкардашуда аз аттестатсия гузаронида мешаванд [11]. Ин тартибро Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст, муайян мекунад [1, с.149-157].

Тибқи санади мазкур ҳадафи асосии аттестатсиякунонӣ ин муайян намудани муносиб будани корманди прокурорӣ ба мансаби ишғолнамудааш, лоиқ будани ӯ ба мансаби дигар ё мансаби баланди пешбаришаванда (ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда) ва дуруст амалӣ намудани кор бо кадрҳо, ҳалли масъалаҳои додани рутбаи ибтидоии дараҷавӣ, пеш аз муҳлат ё ғайринавбатӣ додани рутбаҳои дараҷавӣ ва дар прокуратураи ҳарбӣ – рутбаҳои ҳарбӣ, ҳалли масъалаи ба мансаби аввала ё рутбаи дараҷавӣ барқарор намудан мебошад. Ҳамаи ин муқарраротро метавон ба вазифаҳои аттестатсияи кормандони прокурорӣ рабт дод.

Тибқи банди 10 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 30.05.2008, №468 тасдиқ карда шудааст, аз аттестатсия хизматчиёни давлатии маъмурии дар мансаби

ишғолнамудаи хизматии давлатӣ камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда, озод карда мешаванд. Омузиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба объекти аттестатсия муайян намуд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ оид ба хизмат дар мақомоти Прокуратураи ҶТ оид ба озод будани кормандони прокурории камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда меъёр муқаррар карда нашудааст.

Бинобар ин, зарур шуморида мешавад, ки дар банди 7 Низомнома "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ ҷумлаи нав бо мазмуни зайл: "Аз аттестатсия кормандони прокурории камтар аз як сол фаъолиятнамуда, дар ихтиёри кадрҳо ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда озод карда мешаванд." илова карда шавад.

Мутобиқи банди 10 Низомномаи дар боло зикршуда комиссияи аттестатсионӣ нақшаи аттестатсиякунонии кормандони прокурориро ҳар сол баррасӣ ва ҷонибдорӣ менамоянд, ки он аз тарафи Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ташкил ва назорати кори комиссияҳои аттестатсионӣ ба зиммаи роҳбарияти прокуратураҳои номбаршуда вогузор шудааст.

Фаъолияти ҳар як корманди прокурорӣ ҳаматарафа ва пурра омӯхта, таҳлил ва дар ҳолатҳои зарурӣ интихобан мавриди санҷиш қарор дода шуда, пас аз он аттестатсия тартиб дода мешавад, ки ҳуҷҷати асосии тавсифдиҳанда мебошад. Аттестатсия аз ҷониби роҳбари бевоситаи корманд таҳия карда мешавад. Ба прокуророни ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сардори Раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ тартиб медиҳад. Ба прокуророни шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва ба онҳо баробаркардашуда, ш.Душанбе, нақлиёти Суғд ва Хатлон сардорони шуъбаҳои кадрҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, ш.Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тартиб медиҳад. Дар мавриди ҳалли масъалаи ба вазифаи аввала ё рутбаи дараҷавӣ барқарор намудани корманд нисбати ӯ аттестатсияро сардори раёсати кадрҳои Прокуратураи генералӣ тартиб медиҳад.

Омӯзиш ва таҳлил собит намуд, ки хулосаи тартибдиҳандаи аттестатсия тибқи талаботи сархати 3 банди 16 Низомнома "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ" нопурра буда, он бояд бо назардошти талаботи банди 25 ҳамин низомнома мукаммал гардонида шавад. Зеро тибқи банди 25 Низомнома комиссияи аттестатсионӣ се қарорро аз қабили, дар бораи ба вазифаи ишғолнамудааш муносиб будани корманд, муносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: оид ба ҳавасмандгардонӣ, пеш аз муҳлат ва ғайринавбатӣ сарфароз намудан бо рутбаи дараҷавӣ (рутбаи ҳарбӣ) ва ғайра) ва номуносиб будан бо тавсияҳо (шаш номгӯ: аз вазифа ишғолнамуда озод намудан, ба вазифаи пасттар гузаронидан ва ғайра), ки бо дуи баъди бо иловаи як қатор тавсияҳо қарор қабул мекунад.

Комиссияи аттестатсионӣ аттестатсияи кормандро шунида, онро муҳокима намуда, дониш ва лаёқатмандии ӯро ҳаматарафа ба воситаи саволу ҷавобҳо санҷида, дар ғоибии корманд бо аксари овозҳо қарор қабул менамояд. Қарорҳои комиссияҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва нақлиёти Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Ҳангоми гузаронидани аттестатсияи ғайринавбатии кормандони прокурорӣ қарорҳои комиссияҳои аттестатсионӣ аз ҷониби Прокурори генералӣ тасдиқ карда мешавад. (банди 26 Низомнома)

Танзими ҳуқуқии аттестатсияи кормандони прокурорӣ бо ёрии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои Прокурори генералии ҶТ марбут ба аттестатсия амалӣ карда мешавад. Аттестатсияро ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ метавон аз чанд ҷанба баррасӣ кард: ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ва низоми муносибатҳо. Муносибатҳо миёни субъектони гуногуни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд: байни хизматчӣ ва роҳбари мақомоти марбута (хадамоти кадрӣ), байни роҳбар ва комиссияи аттестатсионӣ. Муносибатҳои баррасишавандаро аз рӯи тавсифи меъёр метавон ба моддӣ ва мурофиавӣ ҷудо кард.

Барои хизматчӣ аттестатсия ин ухдадорӣ буда, дар як вақт роҳи татбиқи ҳуқуқи худ ба болоравии хизматӣ ҳангоми мавҷуд будани имконият (мансаби холӣ, гирифтани таҳсилоти иловагӣ ва ғайра), ҳамчунин иловапулӣ барои дараҷаи рутбаи тахассусӣ ҳангоми додани он, маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, аттестатсия кафолати корманд ҳангоми аз кор озод шудани ӯ мебошад. Аз мазмуни қонунгузории соҳавӣ бармеояд, ки роҳбари мақомоти дахлдор ҳуқуқ надорад хизматчиро аз рӯи номувофиқияти ӯ ба вазифаи ишғолнамуда бе гузаронидани аттестатсия аз кор озод кунад.

Аттестатсия ҳамчун муносибат бо қабули қарори ниҳоии комиссияи аттестатсионӣ қатъ мегардад. Аттестатсияшаванда метавонад аз болои қарори комиссияи аттестатсионӣ дар муҳлати як моҳ ба прокурори болоӣ шикоят намояд. Дар сурати бо қарори прокурори болоӣ розӣ набудан бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суд муроҷиат намояд. Мутаассифона дар мавриди қонеъ шудани шикояти аттестатсияшаванда аз ҷониби прокурори болоӣ дар Низомнома тартибе (меъёре) пешбинӣ карда шудааст. Зарур аст, ки ин норасоӣ бо ворид намудани тағйироти дахлдор бартараф карда шавад.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ”, аттестатсияро аз рӯи асосҳои баргузорӣ ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: Аттестатсияи ибтидоӣ, навбатӣ ва ғайринавбатӣ (пеш аз муҳлат).

Дар баробари ин, дар тартиби аттестатсияи кормандони прокурорӣ истисно вуҷуд дорад. Аз ҷумла, аттестатсияи кормандоне, ки зиёда аз 25 сол дар мақомоти прокуратура собиқаи корӣ доранд, ба воситаи суҳбат ва баҳо додан ба сифатҳои шахсӣ ва кориашон гузаронида мешавад.

Тибқи талаботи банди 3 Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15-уми феврали соли 2016, №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ» ҳангоми аттестатсиякунонии кадрҳои прокурорӣ диққати асосӣ бояд ба омӯхтани сифатҳои кордонию шахсӣ, сатҳи дониши онҳо, қобилияти онҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар назди мақомоти прокуратура гузошташуда, ҳалли масъалаҳои муҳим, ҷустуҷӯ ва татбиқи шаклҳои самарабахши таъсиррасонии прокурорӣ дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, суботкорона ва мунтазам ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас дода шавад. Бояд ба эътибор гирифт, ки аттестатсиякунонӣ яке аз воситаҳои ҳақиқии тоза намудани мақомоти прокуратура аз кормандони бемасъулият ва аз ҷиҳати касбӣ ва маънавӣ номувофиқ гардад [2, с.120.].

Истифодаи аттестатсия бештар аз муносибати расмӣ ба баҳодиҳӣ ба сифатҳои корӣ ва шахсии шахсии аттестатсияшаванда шаҳодат медиҳад ва баъзан аттестатсия бо ҳуҷҷатҳо табдил меёбад. Ҳамин тариқ, тибқи банди 14 Низомнома аттестатсияи корманди прокуратураро роҳбари бевоситаи ӯ ба истиснои аттестатсияи прокурорҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон, назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ба прокурорҳои шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо ва ба онҳо баробаркардашуда, шаҳри Душанбе, нақлиёти Суғд ва Хатлон мутаносибан сардорони раёсати кадрҳои

Прокуратураи генералӣ ва шуъбаҳои кадрҳои прокуратураҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, нақлиёти Тоҷикистон тартиб медиҳанд. Минбаъд аттестатсия ба комиссияи аттестатсионӣ дар муҳлати як моҳ фиристода мешавад.

Ба андешаи мо, қатъиян муқаррар намудани манъи бевоситаи тайёр кардани аттестатсия аз ҷониби худи корманди аттестатсияшаванда ба объективона баҳо додан ба фаъолияти вай мусоидат мекунад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба Низомнома “Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ” меъёре илова карда шавад, ки шахси мутассадиро вазифадор кунад, ки ба корманди аттестатсияшаванда мустақиман аттестатсия тартиб дода, иштирок охиронро дар тайёр кардани аттестатсия манъ намояд ва барои вайрон кардани ин талабот ҷавобгарии интизомӣ пешбинӣ кунад.”

Самаранокии татбиқи расмиёти аттестатсионӣ бештар ба салоҳияти комиссияи аттестатсионӣ вобаста аст. Вобаста ба ин, Розенбаум Ю. А. таъкид мекунад, ки таъсиси комиссияи мустақил ва баландихтисоси аттестатсионӣ муҳимтарин шарти баҳодиҳии хизматчии давлатӣ мебошад. Барои баҳодиҳии холисона ба корманд ҳадди аққал се шарт бояд риоя карда шавад:

- мустақилияти комиссия аз роҳбари мақомоти давлатӣ, ки шахси баҳодиҳанда дар он кор мекунад;
- сатҳи тайёрии касбӣ ва дониши аъзоёни комиссия нисбат ба шахсони аттестатсияшаванда баланд бошад;
- татбиқи усулҳои илмии баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва шахсии корманд.

Ҳамчунин, муаллиф комилан дуруст қайд мекунад, ки дар низоми баҳодиҳии кадрҳои мақомоти давлатӣ дигаргунии куллӣ ба амал наомадааст [7, с.25].

Ба кори хизматчии давлатӣ баҳодиҳӣ намудан ниҳоят душвор аст. Фаъолияти касбии ӯ аз иҷрои вазифаҳои оммавӣ-хизматӣ иборат аст ва то ҳол усулҳои дақиқи таснифи саҳми як корманди мушаххас ба кори умумӣ вуҷуд надоранд. Ба мақсади такмили фаъолияти хизматчиёни давлатӣ низоми нави нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии фаъолияти онҳоро таҳия ва татбиқ кардан зарур аст. Ҳамзамон ба инобат гирифтан лозим: баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчӣ бояд ба мувофиқати ӯ ба талаботи тахассусии вазифаи ишғолнамуда, иштироки ӯ дар ҳалли вазифаҳои ба воҳиди дахлдор вогузошташуда, мураккабии кори ӯ ва самаранокии он асос ёбад. Дониши касбӣ, таҷрибаи кор, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва қобилияти ташкилотчигии ӯ ба назар гирифта шавад. Барои баҳодиҳии холисона ба фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ба ҳайати комиссияҳои аттестатсионӣ дар баробари намояндагони мақоми давлатӣ, мутахассисони соҳаи кадрҳо ва хадамоти ҳуқуқӣ, инчунин намояндагони муассисаю ташкилотҳои илмӣ, таълимӣ ва ғайра низ бояд дохил карда шаванд.

Бояд гуфт, ки шомил кардани коршиносони мустақил ба ҳайати комиссияҳои аттестатсионӣ як навоварӣ ба қонунгузорӣ буда, масъулияти хизматчиёни давлатиро ба дараҷае баланд бардошта, ба он кордонӣ ва аҳамияти иҷтимоӣ мебахшад. Иштироки коршинос ҳангоми аттестатсия ваколати комиссияи аттестасиониро зиёд намуда, низоми баҳодиҳиро такмил медиҳад.

Вобаста ба ин, Новиков С.Н. иброз медорад, ки дониши касбии равоншиносӣ барои муайян кардани дурнамои касбии хизматчии давлатии аттестатсияшаванда, имкони барвақт мутобиқ шудан ба шароити нави меҳнат, ҳайат, барои муайян ва ҳалли баъзе мушкилоте, ки дар ҷараёни иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии корманд ба миён меоянд, мусоидат мекунад [6, с.64].

Ба андешаи мо низ, иштироки равоншинос дар аттестатсияи кормандони прокурорӣ имкон медиҳад, ки шахсияти корманди мушаххас ҳамаҷониба ва дар сатҳи

касбӣ баҳо дода шавад. Аз ин рӯ, бояд аттестатсиякунониро яке аз шаклҳои асосии ташкил намудани захираи амалкунандаи кадрҳо барои давра ба давра пешбарӣ намудан ба вазифаҳои баланд ҳисобид. Ҳанӯз мақсади сохтани модели мутахассиси баландихтисос, ки дар асоси он метавон сифатҳои корӣ ва шахсиро ташхис карда, одамонро ба ҷои кор, мансаб, намуди фаъолият муносиб донистан мумкин бошад, нигоҳ дошта мешавад. Ба андешаи мо, иштироки ҳатмии коршиносон ва равоншиносон дар расмиёти аттестатсия метавонад ба ҳалли ин мушкилот мусоидат намояд. Аммо, ин қонунан муқаррар карда нашудааст. Аз ин рӯ, ба Низомномаи "Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурориимақомоти Прокуратураи ҶТ" тағйирот дароварда, ба ҳайати комиссияҳо дохил кардани ин шахсонро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Хуллас, таҳлилҳо собит месозанд, ки дар давраи муосир зарурати мукаммал намудани аттестатсия дар мақомоти Прокуратураи ҶТ ба миён омадааст. Дар Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ" мафҳуми аттестатсия дар мақомоти прокуратура пешбинӣ нашудааст. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки танзими аттестатсия бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номукаммал гардидааст. Гарчанде, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" мафҳуми расмии аттестатсия ба мазмуни ба ҳам монанд, ифодаи худро ёфта бошад ҳам, дар ин санадҳо танҳо 2 фарқияти ҷузъӣ ҷой доранд, ки асосан ба субъект алоқа дошта, ба ҷои корманд- хизматчии давлатии маъмурӣ ва ба ҷои вазифа- мансаб оварда шудааст. Дигар ин ки, тибқи қонуни соҳавии хизмати давлатӣ хизматчиёни давлатии сиёсӣ аттестатсия карда намешаванд. Мафҳумҳои дар боло зикршуда фаҳмиши аз ҷониби умум қабулшудаи аттестатсияро дар бар мегиранд ва ҳадафи асосии татбиқи онро пайгирӣ мекунанд. Мазмун ва моҳияти аттестатсия дар принсипҳои аттестатсия равшан мегарданд. Онҳо дар таҷрибаи аттестатсионии мақомоти прокуратура таҳия карда мешаванд. Ташкил ва баргузории аттестатсия ба як қатор принсипҳои заминавӣ аз қабили ғайриҳизбӣ, умумӣ, ошкорбаёнӣ, беғаразӣ, коллегиалӣ, баҳодиҳӣ ва тавсиядиҳии асоснок, давравӣ (бонизомӣ), объективӣ, маҷмуӣ ва таъсирбахшӣ асос меёбад. Риояи ин принсипҳо имкон медиҳад, ки дар ҳадди ниҳоӣ аттестатсия дар идоракунии ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар прокуратура истифода гардад. Дар асоси ин принсипҳо ва таърифҳо мафҳуми «аттестатсия» ва ҷамъбасти онҳо метавон гуфт, ки аттестатсияи корманди прокурорӣ расмиёти муқарраршудаи баҳодиҳӣ ба натиҷаи фаъолияти хизматӣ, савияи дониш, маҳорати касбӣ ва дигар сифатҳои зарурии касбию ахлоқӣ бо мақсади муайян кардани муносиб будани ӯ ба мансаби ишғолкарда, ташкили захираи кадрҳои ба мансаб пешбаришаванда, ҳалли масъалаи додани рутбаи дараҷавӣ, ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомот мебошад.

**Адабиёт**


1. Низомнома «Оид ба аттестатсиякунонии кормандони прокурории мақомоти Прокуратураи ҶТ», ки бо фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15 марти соли 2016, №5-37 тасдиқ шудааст. // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.149-157.
2. Фармони Прокурори генералии ҶТ аз 15-уми феврали соли 2016, №1 «Оид ба самтҳои асосии кор бо кадрҳо дар мақомоти прокуратураи ҶТ». // Фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.120-125

3. Борисов А.Б. Большой юридический словарь. – М.: Книжный мир, 2010. –С. 38
4. Курилов В. И. Аттестация работников по советскому праву // Правоведение. 1978. –№2. –С.52.
5. Курилов В.И. Аттестация и личность работника в советском трудовом праве. – Владивосток: Дальневосточного ун-та, 1984. –С.99.
6. Новиков С.Н. Этика и психология управления. –М., 2006. –С.64.
7. Розенбаум Ю.А. Проблемы оценки государственного служащего // Административное право и административный процесс: Старые и новые проблемы (по материалам Лазаревских чтений) // ГиП 1998. –№8. – С.25.
8. С.Н. Братановский Административное право. Общая часть: учебник. –М.: Директ-Медиа, 2013. – С.93.
9. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ // Зери таҳрири Маҳмудов М.А., – Д.: Эр-граф, 2004. – С.65.
10. Х.Ойев Хизмати давлатӣ. – Д.: Ирфон, 2016. – С.109
11. Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ аз 25.07.2005, №107 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 11.04.2023).

## АТТЕСТАЦИЯ РАБОТНИКОВ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ: ЕЕ НЕОБХОДИМОСТЬ И ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ

**ГАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛИ,**
доктор юридических наук, профессор, ректор
Академии государственной управлении при Президенте Республика Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail: Khalil-77@mail.ru
**РАДЖАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛИ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственной управлении при Президенте Республика Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 777-77-38-38. E-mail: rmuteollo@mail.ru

*В данной статье рассматриваются и обсуждаются вопросы, связанные с аттестацией государственных служащих в органах прокуратуры. Аттестация в органах прокуратуры рассматривается как важная основа формирования государственной службы в данном учреждении, повышения уровня знаний государственных служащих и подбора высококвалифицированных кадров. В данной статье авторы подчеркивают, что аттестация также является важным инструментом продвижения государственных служащих, и признают ее организацию в предлагаемые сроки в интересах формирования государственной службы. При этом авторы проанализировали Положения, регламентирующие аттестацию гражданских служащих и аттестацию государственных служащих правоохранительных органов на примере прокуратуры и высказали свое мнение по их совершенствованию.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба в правоохранительных органах; органы прокуратуры; аттестация; повышение; персонал; служащих органов прокуратуры; аттестационная комиссия; оценка; уровень знаний; квалификация.*

## ATTESTATION OF STAFF OF PROSECUTION BODIES: ITS NEED AND LEGAL REGULATION

**GAFURZODA ABDUKHALIL DAVLATALI,**
doctor of Law, Professor, Rector of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.

Phone: +992 (37) 224-17-86. E-mail: Khalil-77@mail.ru
**RAJABZODA MUTEULLO SAFARALI,**
applicant for the Department of Administrative Law and public service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 777-77-38-38. E-mail: rmuteollo@mail.ru

*This article examines and discusses issues related to the attestation of civil servants in the prosecutor's office. Attestation in the prosecutor's office is considered as an important basis for the formation of the civil service in this institution, increasing the level of knowledge of civil servants and the selection of highly qualified personnel. In this article, the authors emphasize that attestation is also an important tool for the promotion of civil servants, and recognize its organization within the proposed time frame in the interests of the formation of the civil service. At the same time, the authors analyzed the Regulations governing the certification of civil servants and the certification of civil servants of law enforcement agencies on the example of the prosecutor's office and expressed their opinion on their improvement.*

***Key words:*** *civil service in law enforcement agencies; prosecution authorities; attestation; promotion; staff; employees of the prosecutor's office; certifying commission; grade; knowledge level; qualification.*

УДК: 342

# ИСЛОҲОТИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРИИ ТОҶИКИСТОН-ТАЛАБИ ЗАМОН

**РАЗОҚОВ БАҲОДУР ҲАЁТОВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти ½.
Тел.: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru

*Мақола ба масъалаҳои рушди ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир бахшида шуда, муаллиф нисбати ислоҳоти он андешаҳои худро баён менамояд. Таъкид мегардад, ки нақши муассири ин соҳаи мустақили низоми ҳуқуқи миллӣ тасвиби онро на танҳо ҳамчун василаи таъмини тартиботу амнияти ҷамъиятӣ тақозо дорад, балки ба "сипари" боэътимоди шаҳрванд табдил ёфтанашро зимни амалҳои зиддиҳуқуқии ҳомилони ҳокимияти умум ба рӯзнома мегузорад. Дар натиҷаи ҷамъбасти афкори ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ пешниҳодҳо ҷиҳати таҷҳизи низоми ҳуқуқи маъмурӣ ва дар ҳаёти ҳуқуқӣ ҷорӣ кардани ниҳодҳои пешқадами маъмурӣ-ҳуқуқӣ асоснок шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи маъмурӣ, мавзӯи ҳуқуқи маъмурӣ, ислоҳоти ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи маъмурии хориҷӣ, ҳуқуқи идора.*

Тоҷикистон даҳсолаи сеюми истиқлолияти давлатии худро убур намуд. Ин неъмати бебаҳо ва дастоварди муқаддас имкон дод, ки арзишу ғояҳои сиёсиву ҳуқуқии пешқадами тамаддун эътироф ва дар заминаи онҳо эъмори давлатдории навини миллӣ шӯруъ шавад. Бо қабули умумихалқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳроҳи рушди мамлакат муайян гашта, таҳкурсии устувори ҳуқуқӣ барои дигаргунсозиҳои амиқ дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа гузошта шуд. Иваз шудани сохти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, аз як тараф ва такя ба арзишу суннатҳои аслии ниёгон, аз тарафи дигар, ба ташаккули падидаи нав - ҳуқуқи миллӣ мусоидат намуд. Биноан, истифодаи вожаи "миллӣ" мансубиятро ба миллати мушаххас дар назар надорад, он ҳамчун ифодаи махсусияти давлат, қонунҳои дар он амалкунанда, фарҳангу омилҳои таърихӣ баромад мекунад.

Айни ҳол дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи миллӣ дар ҳаҷми гуногун ислоҳот ҷараён дорад. Аз ин раванд ҳуқуқи мамурӣ низ дар канор намонд, зеро вазъ ва рушди он бо табиати фаъолияти ташкилотчигии давлат зич алоқаманд мебошад. Воқеан ҳам, агар бо даврони шӯравӣ муқоиса кунем, тағйирот дар унсурҳои таркибии ҳуқуқи маъмурӣ хеле назаррасу ҷолиб мебошанд. Ба мисол, қабули қонунҳо дар бораи хизмати давлатӣ, расмиёти маъмурӣ, муқовимат ба коррупсия, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хизматрасониҳои давлатӣ, ки қаблан вуҷуд надоштанд, қонунгузории маъмуриро афзун намуданд. Мавриди амал қарор гирифтани Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масоили марбут ба таъқиби маъмуриро ба таври тафриқавӣ танзим намуд, ба рушди минбаъдаи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ шоҳроҳи фаррох фароҳам оварда, бешак, заминаи ташаккули соҳаи нави ҳуқуқи мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҳуқуқи маъмурии мурофиавӣ мегардад.

Тибқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028, ки бо Фармони Президенти мамлакат аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқи миллӣ баррасӣ гашта, нақши муассири он дар устувории пояҳои дастгоҳи давлатӣ таъкид мешавад. Консепсияи мазкур рушди минбаъдаи ҳуқуқи маъмуриро бо ислоҳоти маъмурӣ алоқаманд менамояд, ки ба амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар сатҳи идораи давлатӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ, устувории ташкил ва самаранокии

фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, рушди хизмати давлатӣ, таъмини мукаммали қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ ва такмили мурофиаи маъмурӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои марбут ба идораи давлатиро танзим намуда, ниҳоду зерсоҳаҳои муайянро дар бар мегирад, ки зарурат ба рушд додани онҳо ба миён гузошта мешавад. Якчанд омилҳое ишора мешавад, ки зарурати такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ва идораи давлатиро ба миён меоваранд: амалигардонии ҳамаҷонибаи функсияҳои идораи давлатӣ, рушди асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқи, рушди мурофиаи маъмурӣ ва таъмини босуботи қонунияту интизом дар идораи давлатӣ [18].

Ҳамзамон, новобата аз тағйироти бебаҳси мусбӣ ва дастовардҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ нисбати воқеан ҳам тағйироти сифатӣ касб намудани ҳуқуқи маъмурӣ дар давраи пасошӯравии рушди ҷумҳурӣ ҳанӯз шубҳаҳои асоснок ҷой доранд. Асоси аввал бо ҳолати илми маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон рабт дорад, ки ҳанӯз ҳам хислати мактаби самтиро касб накардааст. Зиёда аз он, тадқиқоти алоҳидае, ки бурда мешаванд, бештар хислати тавсифӣ дошта, аксаран аз тасаввуроти анъанавии ташаккулёфтаи маъмурӣ-ҳуқуқӣ берун намебароянд. Вазъи нигаронкунанда дар таълими ҳуқуқи маъмурӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мушоҳида мешавад: бо назардошти ислоҳот бинобар гузариш ба технологияи кредитии тадрис дар мактабҳои олӣ бар замми ихтисори соатҳои таълимӣ дар стандартҳои давлатии таълимии ихтисосҳои зиёди тамоюли ҳуқуқшиносӣ он умуман пешбинӣ нашудааст ё ба интихоби донишҷӯён ҳавола мегардад. Агар қувват гирифтани чунин раванд дар мамлакатҳои оилаи ҳуқуқи англисӣ, ки маъмулан ба ҳама гуна зуҳуроти давлатӣ шак доранд, қобили қабул дониста шавад, пас, дастгирӣ ёфтани ин зайл иқдом нисбати ҳуқуқи миллии Тоҷикистон, ки шомили оилаи ҳуқуқи романӣ буда, он бо ҳузури назарраси давлат чӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва чӣ ҳаёти хусусӣ фарқ мекунад, нофаҳмо мебошад. Илова бар он низом ва услуби таълими фанни ҳуқуқи маъмурӣ низ кӯҳна шуда, ба таҷдиди ҷиддӣ ниёз дорад.

Чаро чунин вазъи таззоднок нисбати ҳуқуқи маъмурӣ дар Тоҷикистон ҷой дорад? Ҷавоб ба ин савол ёдоварии даврони шӯравиро тақозо менамояд, зеро яке аз омилҳои муайянкунандаи тавлиди муаммоҳо дар рушди ин соҳаи ҳуқуқи кишвар тасаввуротҳои қаблӣ мебошанд. Табиист, ки афзалияти мутлақи давлат нисбати ҳамаи дигар субъектҳои ҳуқуқ, таъқиби моликияти хусусӣ, инкори ҳуқуқҳои фитрии инсон, инҳисори давлатӣ ба аксарият намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, омезиши ниҳодҳои ҳизбию давлатӣ ба табиати ҳуқуқи маъмурии шӯравӣ таъсир расонида, ба он тобишу мазмуни хос бахшиданд. Ин нигоҳ то ҳанӯз ба мундариҷа ва низоми ҳуқуқи маъмурӣ таъсир дошта, дар барномаҳои кории таълимии (силлабусҳои) муасиссаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии тоҷик, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии ангуштшумори нашршуда бо забони давлатӣ аз ин фанни ҳуқуқшиносӣ инъикос ёфтаанд. Агар маводи мавҷудаи таълимиро бо мазмуни барнома ва китобҳои ҳуқуқи маъмурии замони шӯравӣ муқоиса кунем, фарқиятро танҳо дар иваз намудани чанд истилоҳу зуҳурот, дур шудан аз тавсифҳои мафкуравии яккаҳизбӣ дарёфта, шабоҳати низому сохтор ва консепсияи умумии пешниҳоди мавзуҳоро ошкор менамоем [9].

Муддати мадид вазъ чунин давом карда наметавонад, зеро он ба афзоиши тафриқа байни назария ва амалия боис гашта, ба самарабахшии ҳуқуқтатбиқсозӣ ва раванди идораи давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Кушодани "гиреҳи муаммоҳо", ба андешаи мо, тавассути дарёфти мақсадҳои аслии ҳуқуқи маъмурӣ дар марҳилаи муосири рушд муяссар мегардад. Мусаллам аст, ки аксарияти мутахассисони соҳавӣ мавзӯи танзими ҳуқуқи маъмуриро бо фаъолияти шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти

иҷроия алоқаманд медонанд. Зумрае ин масъаларо фаррохтар баррасӣ намуда, ба фаъолияти маъмурияти давлатӣ ишора менамоянд. Вале дар ҳар ду ҳолат ҳам сухан дар бори як зуҳурот – идораи давлатӣ дар маънии маҳдуд меравад, ки ифодаи фаъолияти иҷроия-амрдиҳанда баромад мекунад. Пас, вобаста ба ҳамин ҷойгоҳ мақсади асосии ҳуқуқи маъмурӣ чист – ифодаи манфиатҳои давлатӣ ё ин ки ҳимояи инсон (шаҳрванд) аз худсарӣ ё худ зиёдаравии маъмурияти давлатӣ. Аз ҷавоб ба ин савол муайянсозии самтҳо ва дурнамои рушди ҳуқуқи маъмурӣ вобаста буда, мазмун ва низоми он равшан мегардад.

Агар бори дигар ба таърихи замони шӯравӣ дар қарни гузашта рӯ орем, аён мегардад, ки ҳама гуна дигаргунии куллӣ дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба тақдири ҳуқуқи маъмурӣ таъсир дошт: солҳои 30-юм, бинобар нумӯи нигилизми ҳуқуқӣ, соҳаи мазкур мавриди табъиз қарор гирифта, ҳатто аз нақшаҳои таълими ихтисосҳои ҳуқуқшиносии мактабҳои олӣ ихтисор карда шуд; охири солҳои 80-ум, бинобар эълони сиёсати бозсозӣ ва танқиди низоми муттамаркази идораи давлатӣ, ки “маъмурӣ-фармонфармоӣ” эътироф шуда буд, “маҳкумсозии” соҳаи мазкур дубора авҷ гирифт. Минбаъд аз ҷониби иддае аз олимон даъватҳо нисбати ба “лонаи ибтидоии” ҳуқуқи полисӣ баргардонидани он садо доданд [3].

Марбут ба зарурати таҷиди назар ба мазмуни ҳуқуқи маъмурӣ ва низоми он мутахассисони соҳавӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ мунтазам табодули афкор намуда, роҳҳои матраҳи он пешниҳод мешаванд [11]. Боиси таассуф аст, ки афкори ҳуқуқии тоҷик ҳатто ба гузориши масъала ҷуръат намекунад. Бо эҳтимоли зиёд мактаби ҳуқуқии маъмуриятшиносӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ибтидоии ташаккул қарор дорад, вале олимони соҳаҳои ҳамҷавори ҳуқуқ, ки аксар маврид аз худ мутахассиси ҳуқуқи маъмурӣ “метарошанд” ва дар фаъолияти шуроҳои диссертатсионии якдафъина “ҷавлон” мезананд, имкон доранд бо иштирок дар мубоҳисаҳои илмӣ иқтидори коршиносии худро собит намоянд. Ба ҳар ҳол, ин камбудии мактаби ҳуқуқии миллӣ дар шароити муосир муаммову душвориҳои зиёдро дар амалияи идорӣ ба вуҷуд овардааст, ки нисбати он дар яке аз тадқиқоти қаблӣ мо ишора доштем [10, 11].

Баргардем ба муҳтавои мавзуъ: агар меҳвари масъала танҳо тақвияти унсури полисӣ дар фаъолияти маъмурияти давлатӣ бошад, ҳеҷ зарурати таҷдиди нигоҳи маъмул ҷой надорад, зеро ҳуқуқи маъмурӣ дар афкори умум ва ҳатто байни аксар ҳуқуқшиносони касбӣ то ҳол бо ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва мақомоти татбиқи ҷазои маъмурӣ шабеҳ дониста мешавад. Дар асл мо фаҳмиши яктарафаи ҳуқуқи маъмуриро мушоҳида менамоем, ки ба ҷанбаи “маҷбурсозандагии” он аҳамият дода, ҷанбаи мусбӣ - танзими фаъолияти идориро сарфи назар менамояд. Ҳатто дар ҳамин нигоҳи маҳдуд ба мазмуни ҳуқуқи маъмурӣ ҳадафи ҳимояи ҳуқуқии он, ки ба таъмини, пеш аз ҳама, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва субъектҳои ғайридавлатӣ дар муносибат бо маъмурияти давлатӣ равона шудааст, умуман фаромӯш мегардад. Бешак, ҳуқуқи маъмурӣ яке аз соҳаҳои асосии ҳуқуқи умумӣ маҳсуб меёбад, вале сирф манфиатҳои давлатӣ шумоhad тамоми манфиатҳои умумӣ нодуруст мебошад.

Аз нигоҳ ба таърихи ташаккули ҳуқуқи маъмурӣ дар тамаддун сабабҳои зуҳури он баръало аён мегарданд: зарурати таъсиси механизми муқовимат ба худсарии давлатӣ, маҳдуд сохтани фаъолияти мутлақи аз ҷониби касе ва чизе боздошт нашудаи полис ва ғ. Масалан, дар натиҷаи тавсифи рушди ҳуқуқи маъмурӣ дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон олимони россиягӣ - А.Н.Козирин ва М.А.Штатина ба хулоса омаданд, ки “ҳуқуқи маъмурӣ дар ибтидо ҳамчун ҳуқуқи контрол нисбати маъмурияти давлатӣ, ҳуқуқи ҳифзи шаҳрванд аз худсарии ҳокимияти маъмурӣ ба вуҷуд омад” [1,7]. Дар адабиёти ҳуқуқии Ғарб андешае маъмул аст, ки тибқи он ба ташаккули ҳуқуқи маъмурии муосир таъсис

ёфтани низоми адлияи маъмурӣ дар Франсия такон бахшид, ки минбаъд аз ҷониби кишварҳои зиёди аврупоӣ дастгирӣ ёфт. Рушди минбаъдаи ҳуқуқи маъмурӣ дар Аврупо бо бартараф намудани фаҳмиши маҷбурсозандагии ин соҳаи ҳуқуқ, даст кашидан аз баррасии ниҳодҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ беистисно аз лиҳози фаъолияти полисӣ рабт дорад.

Дар сохти шӯравӣ, ки фаҳмиши меъёрии ҳуқуқ ҷавлон дошта, манфиатҳои давлат ба афзалияти бебаҳс соҳиб буд, тариқаи хоси мазмуни ҳуқуқи маъмурӣ ташаккул ёфт. Аввалан, ба рушди дубораи илми ҳуқуқи маъмурӣ Конститутсияи ИҶШС 1937 ибтидо гузошт, ки дар он мақомоти идоракунии давлатӣ ва шакли фаъолияти онҳо дақиқ муайян гардид. Сониян, машварати Умумииттифоқӣ оид ба масъалаҳои давлат ва ҳуқуқи шӯравӣ (июли соли 1938, ш.Москва) дар заминаи меъёрҳои нави конститутсионӣ баҳри оғози дубораи пажӯишҳо дар соҳаи илми ҳуқуқи маъмурӣ тасмим гирифта, дар ҳуҷҷатҳои худ диққати онро ба таҳияи масоили ҳаҷми ваколати мақомоти идораи давлатӣ, омӯзиши усулҳои идораи иқтисодиёт, бунёди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғ. равон кард. Соли 1940 дар Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин китоби дарсӣ бо номи “Ҳуқуқи маъмурии шӯравӣ” бо забони русӣ нашр гардид. Дар он таъкид мегашт, ки “мавзӯи ҳуқуқи маъмурии шӯравиро фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаи мақомоти идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад” [11, 6].

Мазмуни соҳаи баррасишавандаи ҳуқуқ дар китоби мазкур – иборат аз ташкили мушаххаси идораи давлатӣ ва фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаи мақомот ва шахсони мансабдори дастгоҳи идора тавсиф ёфт. Ҳамзамон, дар он ишора мешуд, ки ҳуқуқшиносони буржуазӣ доираи ҳуқуқи маъмуриро танҳо бо муносибатҳои байни ҳокимиятдорон бо шаҳрвандон маҳдуд намуда, хислати ҳуқуқии муносибатҳои байни мақомоти идора, инчунин ҳамин мақомотро бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ инкор мекунанд. Ҳамин нигоҳ ба нақш ва мазмуни ҳуқуқи маъмурии шӯравӣ, ки бо тақозои вазифаҳои давлати сотсиалистӣ ва мубоҳисаҳои олимони шӯравӣ бо ҳамкасбони ғарбӣ ташаккул ёфт, дар аксар китобҳои дарсии минбаъда ривоҷ ёфта, мавқеи устувор гирифт. Тавре аён мегардад, зуҳури ҳуқуқи маъмурӣ дар замони шӯравӣ бо шароитҳои мушаххаси таърихӣ тақозо мегашт. Ҳуқуқи маъмурии шӯравӣ, пеш аз ҳама, ҳуқуқ дар бораи маъмурияти давлатӣ ва барои маъмурияти давлатӣ буд ё бо ибораи дигар - баҳри танзими фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ хизмат мекард. Табиист, ки дар чунин тарҳ барои ҳуқуқҳои шаҳрвандон (инсон умуман) ва иттиҳодияҳои онҳо ҷойи фаррох муайян нашуда буд.

Аслан гирем, бо маъмурияти давлатӣ тавъам додани ҳуқуқи маъмурӣ чандон нигаронкунанда нест. Нигоҳ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва анъанаҳо дар кишварҳои алоҳидаи оилаҳои гуногуни ҳуқуқӣ собит менамояд, ки бо назардошти сатҳи рушди ҷомеа ва давлат дар консепсияи мазкур ҷавҳари мусбӣ низ нуҳуфта аст ва он ҷонибдорони зиёд дорад. Масалан, мутахассисони ҳуқуқи муқоисавии Ғарб ишора менамоянд, ки агар дар оилаи ҳуқуқи англисӣ вазифаи ҳуқуқи маъмурӣ - контроли ҳуқуқии маъмурияти давлатӣ бошад, пас, дар Олмон ҳуқуқи маъмурӣ – ҳуқуқ дар бораи маъмурият аст [17,4]. Олимони россиягӣ дар ин ҷода боз ҳам возеҳтар андеша баён кардаанд: дар кишварҳои англусаксонӣ мақсади асосии ҳуқуқи маъмурӣ ҳимояи манфиатҳои хусусӣ аз худсарии маъмурият эълон мешавад, вале дар мамлакатҳои оилаи ҳуқуқии қитъавӣ ҳуқуқи маъмурӣ – ҳуқуқи маъмурияти умум гашта, илми он на танҳо ихтилофҳоро дар соҳаи идора меомӯзад, балки принсипҳои ташкили маъмурияти умумӣ, зинаҳои сохтории дохили онро низ дар бар мегирад [1. 12]. Ба ҳар навъ олимони соҳавӣ дар кишварҳои мухталиф робитаи устувори ҳуқуқи маъмуриро дар умқи худ бо фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия таъкид менамоянд.

Вале ҳатто дар чунин мавқеъгирии қатъӣ қабули қотеъонаи консепсияи ҳуқуқи маъмурӣ баҳри маъмурияти давлатӣ аз таваккалҳо орӣ нест. Дар илми ҳуқуқи маъмурии

ватанӣ таҳти таъсири анъанаҳои замони шӯравӣ нигоҳ ба ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун соҳаи танзиму ҳифз ва хизматрасонии беистисно манфиатҳои давлатӣ пойбарҷост. Нигоҳи анъанавии илми ҳуқуқи маъмурӣ боис ба он мегардад, ки дар аксар маврид мо "забони" ҳамкасбони хориҷии худро бо душворӣ мефаҳмем. Мисоли равшан мафҳуми ҷавобгарии маъмурӣ шуда метавонад. Вақто мо ниҳоди мазкурро ёдрас мешавем, касе шубҳа намекунад, ки дар умум сухан дар бораи ҷавобгарии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мансабдор дар назди давлат барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меравад. Вале барои олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурии хориҷ ин мафҳум тобиши тамоман баръакс дорад – ҷавобгарии давлат дар назди шаҳрванд (инсон).

Ё худ мисоли дигар – адлияи маъмурӣ. Мо бо қаноатмандии зиёд дар назди ҳамкасбони хориҷӣ меболем, ки ниҳоди мазкур дар Тоҷикистон ривоҷ ёфтааст ва ба амали Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунииии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора менамоем. Вале чунин тарзи масъалагузорӣ онҳоро ба ҳайрат меорад, зеро дар фаҳмиши классикӣ адлияи маъмурӣ фаъолияти судҳои махсуси маъмуриро дар назар дорад, ки ба ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ байни шаҳрвандон ва маъмурияти давлатӣ машғул мебошанд. Баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби судҳо ҳанӯз нишонаи адолати судии маъмурӣ нест (дар аксар кишварҳои ҷаҳон он ҳатто мавзӯи ҳуқуқи маъмурӣ ҳисоб намешавад). Тавре олими ватании соҳавӣ – С.И.Иброҳимов бо таассуф таъкид менамояд, консепсияи адлияи маъмурӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул ва барои бунёди маъмурии Тоҷикистон ояндабахш мебошад, дар афкори касбӣ устувор набуда, қонунгузорӣ миллӣ аз қабули расмии он то ҳанӯз худдорӣ менамояд [5,14].

Ба мазмуну мундариҷаи ҳуқуқи маъмурӣ дар кишварҳои мухталиф гуногунии нигоҳҳо ба фаҳмиши мавзӯи он, консепсияҳои эътирофшуда, мақсаду вазифаҳои гузошташуда таъсир мебахшанд. Масалан, дар Олмон, ки кишвари дорои анъанаҳои амиқ дар ҳуқуқи маъмурӣ мебошад, низоми соҳаи мазкур қисмҳои умумӣ ва махсусро дар бар мегирад. Дар қисми умумӣ масоили марбут ба субъектҳои идораи умум ва шаклҳои фаъолияти онҳо омӯхта мешаванд. Меҳвари ин қисми ҳуқуқи маъмурии олмониро санади маъмурӣ ташкил медиҳад, ки шакли асосии идора эътироф мегардад. Қисми махсуси ҳуқуқи маъмурии олмонӣ аз ҳуқуқи полис, ҳуқуқи хизматӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи сохтмон, ҳуқуқи таҳсилот ва ғ. иборат мебошад. Ҷойи махсус дар он ба мурофиаи маъмурӣ ҷудо шудааст, ки адлияи маъмуриро дар назар дорад. Айни ҳол дар доираҳои илмии ин мамлакат, бинобар вусъати меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва танзими бозор, зарурати ташаккули ҳуқуқи хоҷагӣ-маъмурӣ асоснок мегардад [13].

Дар байни олимони ҳуқуқи маъмурии Франсия дар ин ҷода мубоҳисаҳои боз ҳам доманадор идома доранд. Мусаллам аст, ин кишвар дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи маъмурӣ саҳми назаррас гузошта, мазмуни соҳаи мазкур, ки аксаран бо ҳуқуқи умумӣ ҳаммаъно эътироф мегардад, анъанавӣ хеле васеъ мебошад. Масалан, бастани қарордодҳои (шартномаҳои) умумӣ дар ин кишвар ба ҳуқуқи хусусӣ шомил нест, он бо меъёрҳои ҳуқуқи умумӣ танзим мегардад. Дилхоҳ фаъолнокии иқтисодии хислати умумӣ дошта (таъминоти барқ, об, газ ва ғ.) қисми таркиби хизматрасонии умумӣ эътироф шуда, бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ фаро гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, дар ҳуқуқи маъмурии франсавӣ ҳама гуна фаъолнокии маъмурӣ мавзӯи ҳуқуқи умумӣ мебошад. Яке аз мутахассисони маъруфи ҳуқуқи маъмурии ин мамлакат – Г.Брэбан ишора намудааст, ки "ҳеҷ як ҷанбаи ҳаёти ҷамъиятӣ вуҷуд надорад, ки пурра аз контроли маъмурӣ-ҳуқуқӣ берун монда бошад" [4, 22]. Қисматҳои хеле бузурги ҳуқуқи маъмурии Франсия ба масоили хизмати давлатӣ, контроли фаъолияти маъмурияти давлатӣ, хизматрасониҳои умумӣ ва шахсони ҳуқуқии умумӣ бахшида шудаанд. Ниҳоди

ҷавобгарии маъмурӣ дар ин кишвар масъулияти давлат ва шахсони умумро барои амалҳои ғайриҳуқуқӣ дар назар дорад. Ҳамин минвол мазмун дар ҳуқуқи маъмурии аксар кишварҳои аврупоӣ мушоҳида мешавад, ки ба он ҳар чӣ бештар ташаккулёбии ҳуқуқи маъмурии Иттиҳоди Аврупо таъсир мерасонад.

Дар Британияи Кабир – “модари” оилаи ҳуқуқи умумӣ – меҳвари ҳуқуқи маъмурӣ таъмини равандҳое баромад мекунад, ки аз ҳукумат вобаста набуда, ба пешгирии амалҳои худсаронаи маъмурияти давлатӣ нигаронида шуданд. Татбиқи волоияти қонун нисбати фаъолияти маъмурияти умум - вазифаи калидии ҳуқуқи маъмурӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳуқуқи маъмурии ин мамлакат аз расмиёт ва техникаи ҳуқуқие иборат мебошад, ки баҳри контроли санадҳои (қарорҳои) ҳокимияти умум хизмат намуда, онҳоро ба анҷоми амалҳои масъул водор (маҷбур) месозад. Ҳаҷми бузурги ҳуқуқи маъмурии англисӣ ба масоили амалҳои расмии маъмурияти давлатӣ, баҳсҳо бо маъмурияти давлатӣ, ташкили адлияи маъмурӣ, ҳуқуқи хусусӣ дар фаъолияти маъмурияти давлатӣ, аз ҷумла ҷавобгарии моддии ҳокимияти умум, бастани қарордодҳои тиҷоратии давлатӣ бахшида шудааст. Олимони англис дар он андеша ҳастанд, ки дар умум ҳуқуқи маъмурӣ фарогири соҳаҳои махсуси ҳаёти ҷамъиятӣ, ба монанди банақшагирӣ, андозбандӣ, муҳоҷират низ мебошад [15, 8].

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА), ки намояндаи дигари маъмули оилаи ҳуқуқи умумӣ эътироф мегардад, ҳуқуқи маъмурӣ - маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии танзимсозандаи фаъолияти муассисаҳои маъмурӣ ва шахсони мансабдори онҳо мебошад. Ҳуқуқи маъмурии ИМА фаъолияти меъёрэҷодсозӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ ва ҷазодиҳандагии агентиҳои маъмурӣ, расмиёти дахлдор, инчунин масоили назорати фаъолияти онҳоро аз ҷониби мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ дақиқ меомӯзад. Гуфтан мумкин аст, фаъолияти агентиҳо, ки бо шумораи хеле зиёд дар сатҳҳои мухталиф- федералӣ, штатӣ ва маҳаллӣ таъсис меёбанд, дар маркази диққати ҳуқуқи маъмурии ин кишвар қарор дорад. Яке аз қисматҳои муҳими ҳуқуқи маъмурӣ - дастрасии шаҳрвандон ва агентиҳо ба иттилоот маҳсуб меёбад. Хусусияти ҳуқуқи маъмурии ИМА, ки ба аксар кишварҳои оилаи ҳуқуқи англусаксонӣ хос аст, афзалияти ҷанбаҳои расмиётӣ ва мурофиавӣ мебошад [6, 31].

Дар давлати ҳамҷавори мо – Ҷумҳурии Исломии Эрон соҳаи баррасишаванда аз нигоҳи сохтор бештар ба ҳуқуқи маъмурии франсавӣ шабоҳат дошта, ҳуқуқи идорӣ номида мешавад. Истилоҳоте, ки ҳамкасбони эронии мо барои ифодаи зуҳуроти мухталифи маъмурӣ-ҳуқуқӣ истифода мебаранд, нисбат ба мафҳумҳои дар забони тоҷикӣ умумқабул тавофут зоҳир менамояд. Масалан, ҳокимияти иҷроия - “қувваи муҷрия”, хизмати давлатӣ -“истихдоми давлатӣ”, суди маъмурӣ - “додгоҳи идорӣ”, идора (идоракунӣ) - “мудирият” ёдрас шуда, истилоҳи “давлат” фаъолияти ҳукумат ва баръакс, мафҳуми “ҳукумат” тамоми мақомоти давлатиро дар назар дорад. Тавре шиносоӣ бо китоби дарсии яке аз ҳуқуқшиносони варзидаи эронӣ оғои доктор М.Мотаманӣ – “Ҳуқуқи идорӣ” собит менамояд, низоми соҳаи мазкур, асосан, ниҳодҳои зеринро дар бар мегирад: сохтори идораи марказӣ ва маҳаллӣ, хизмати давлатӣ, фаъолияти полис, вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои маъмурӣ, ҷавобгарии мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни умумӣ, фаъолияти судҳои маъмурӣ [8].

Аз эҳтимол дур нест, ки баҳри таҷдиди соҳаи баррасишавандаи ҳуқуқ дар Тоҷикистон низ истифода аз истилоҳи “идорӣ” роиҷ гардад. Табдили ном ба ҳуқуқи идорӣ ҷанбаи муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Пеш аз ҳама, он имкон медиҳад, ки тасаввуротҳои забонзадаи ҳаммаъносозандаи ин соҳаи ҳуқуқ сирф бо татбиқи ҷазоҳои маъмурӣ аз байн бардошта шаванд. Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта дар доираи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва худидоракунии маҳалии

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳозира - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), ки дар ҷумҳурӣ ягона маркази таълимии ҳуқуқшиносӣ маҳсуб меёфт, тағйири номи ҳуқуқи маъмурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Он замон дар тамосу машварат бо олимону коршиносони ватанӣ ва ҳамкасбони хориҷӣ ба хулоса омадем, ки истилоҳи "маъмурӣ" бештар фарогири мазмуни қонунгузории соҳа мебошад ва аз табдили ном худдорӣ гардид. Бо назардошти афзоиши ҳаҷми қонунгузории соҳавӣ бо пешниҳоди кафедраи мазкур ба нақшаи таълимии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бори нахуст фанни мурофиаи маъмурӣ ворид карда шуд, ки он замон иқдоми назаррас дар таҳсилоти олии кишварҳои пасошуравӣ маҳсуб меёфт.

Сонияи, ҳама омилҳои зарурӣ барои анҷоми табдили ном ташаккул ёфтаанд ва ҳуқуқи идорӣ номидани ин соҳаи ҳуқуқ аз нигоҳи методологӣ низ муфид буда, баҳри инъикоси мавзӯи танзим дар номгузории он имкон медиҳад. Чунин табдили ном ба таҷдиди низоми ин соҳаи ҳуқуқи миллӣ ва тағйири номгузории соҳаи мурофивӣ низ мусоидат хоҳад кард. Тавре маълум аст, дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони ватанӣ андешаҳо ҷиҳати тарҳҳои мухталифи расмиёти маъмурӣ баён шудаанд [7, 12-14]. Ба андешаи мо, барои Тоҷикистон қабули тарҳи классикӣ ояндабахш мебошад, зеро он ба рушди мурофиаи судии тахассусӣ фазои фаррохи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, ба тафриқаи меъёрҳои соҳавии мурофиавӣ суръат мебахшад. Дар натиҷа унсурҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси низоми соҳа аз нигоҳи нав мураттаб мегарданд. Ҳамзамон, баҳри устувор нигоҳ доштани мавзӯи танзим аломати муҳими тавсифдиҳандаи муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ – иштироки тарафи ҳатмӣ дар симои ҳомилони ҳокимияти иҷроия набояд аҳамияти худро гум кунад.

Таваққуфи ҳамкасбонро дар тавсифи ҳуқуқи маъмурии муосир то андозае фаҳмидан мумкин аст, зеро ба низоми маъмурӣ-ҳуқуқӣ хислати мураккаб ва пуртаззоди рушд хос мебошад. Ин ҳолат бо чанд омил муайян мегардад. Аввалан, теъдоди санадҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ бо чунон суръат афзуда истодааст, ки ҳатто мутахассис дар назардошти ҳама навовариҳои он душворӣ мекашад. Табиист, ки ҳаҷми санадҳои ҳуқуқӣ нисбат ба маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятии идорӣ зудтар рушд менамояд. Сонияи, марҳилаи муосир аҳамият ва нақши ҳуқуқи маъмуриро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла танзими мабдавии муносибатҳои бозорӣ, собит намуд, ки ба маърифати нақш ва ҷойи қонунгузории маъмурӣ ва соҳаи дахлдори ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ таҳаввулоти ҷиддӣ ворид намуд. Ин ҳолат дар афзоиши бесобиқаи қонунҳои соҳавӣ, ки ҷанбаи баръалои маъмурӣ-ҳуқуқӣ доранд ва меъёрэҷодии маъмурӣ инъикос ёфт. Сонияи, дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ майлони устувори танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад. Ба иҷрои ҳар ду функсияи махсуси ҳуқуқ – танзиму ҳифз сафарбар шудани ҳуқуқи маъмурӣ беҳамто будани онро нишон дода, собит менамояд, ки мазмуни қонунгузории он аз мавзӯи танзими соҳа майдони васеътар касб намудааст.

Биноан, ин зайл майлон танҳо хоси ҳуқуқи маъмурии тоҷик нест. Масалан, олими намоёни ҳуқуқи маъмурии россиягӣ - В.А.Юсупов бо назардошти хислати умумии ин соҳаи пешбари ҳуқуқи оммавӣ таклиф дорад, ки он "бузургсоҳа"-и низоми ҳуқуқии давлат эътироф гардад [14, 11]. Умуман гирем, дар кишварҳои хориҷ ҳуқуқи маъмурӣ ҳаргиз соҳаи шахшуда нест, он дар ҳоли доимии рушд буда, байни олимону мутахассисони амалия мубоҳисаҳо дар атрофи ислоҳоти он идома доранд. Вале як ҷанбаъ баръало аён аст: ин зайл баҳсҳо сатҳи баланди илмӣ дошта, бо зарурати ифодаи танҳо манфиатҳои давлатӣ маҳдуд намегарданд. Бархе аз олимони олмонӣ нисбати зарурати ташаккули "илми нави маъмурӣ" андеша баён карда, меҳвари онро

натиҷабахшии қарори қабулшуда баррасӣ менамоянд. Тадқиқотчиёни соҳавии англис таъкид доранд, ки сохтор, раванд ва майли фаъолияти мақомоти маъмурияти умум тағйир пазируфт. Ин зайл дигаргуниҳо бо гузариш аз идораи мартаботӣ, фармонфармоӣ-назоратӣ, меъёрӣ-уҳдадорсозӣ ба танзим ва афзоиши ҳузури "давлати танзимӣ" бо истифодаи қонунҳои нарм, бюрократияи нарм, ҳавасмандгардонии усулҳои ғайриҳуқуқии ҳалли баҳсҳо бо давлат алоқаманд мебошанд. Маъмуриятшиноси маъруфи россиягӣ Д.Н.Бахрах менависад, ки мағзи ҳуқуқи маъмурӣ – низоми тамоси маъмурияти умум бо шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо буда, вазифаи асосии он – таъмини ҳуқуқии ҳуқуқу ухдадориҳои конститутсионии шаҳрвандон маҳсуб меёбад [2, 36]. Яке аз олимони намоёни америкоӣ - П.Грейг таъкид дорад, ки барои фаҳмидани табиат ва мақсадҳои ҳуқуқи маъмурӣ таҳқиқи тарзи ташкили ҷомеа, навъи демократия, низоми сиёсӣ зарур мебошад. Ба симои ҳуқуқи маъмурӣ, ба ақидаи ӯ, фалсафа низ таъсир дорад, ки асоси сиёсати давлатиро ташкил медиҳад. Нақши мавзуҳои алоҳидаи ҳуқуқ, ки шомили ҳуқуқи маъмурӣ мебошанд, танҳо дар дохили ҳамин қолаб комилан мувофиқ маърифат мегарданд [16, 4].

Ин андеша қобили дастгирист ва татбиқи он нисбати Тоҷикистон муфид мебошад. Ҷорӣ гаштани ҳама гуна ниҳодҳои пешқадами маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди адлияи маъмурӣ ё ин ки расмиётҳои маъмурӣ, бидуни матраҳи масъалаҳои нисбатан бунёдӣ, ки бо демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, даст кашидан аз афзалияти усулҳои полисии ҳалли мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ, тағйирот дар фарҳанги ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд, боиси натиҷаи дилхоҳ намегарданд. Гузориши масъала моро ба матраҳи маҷмӯӣ (комплексӣ) ҳидоят менамояд, ки бояд зимни ислоҳоти ҳуқуқи маъмурӣ ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин тавр, чанд хулосае рӯйи кор меоянд, ки барои матраҳи масъала нисбати мавзӯи танзими ҳуқуқи маъмурӣ зарур мебошанд. Дар анъанаҳои ҳуқуқии аврупоӣ нигоҳи умумӣ нисбати ҳуқуқи маъмурӣ - андӯхти диққат ба масоили фароҳам овардани фишанҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз амалҳои зиддиҳуқуқии маъмурияти давлатӣ мушоҳида мешавад. Таъкиди ин нуқта, албатта, маънои онро надорад, ки ҳуқуқи маъмурӣ ба масоили ташкили маъмурияти давлатӣ сарукор надорад, баръакс, таъсис, шаклу усулҳои фаъолияти он дар маркази ҳуқуқи маъмурӣ қарор дорад. Дар ин масъала мавқеи консептуалии арзишӣ муҳим мебошад, ки тибқи он тамоми фаъолияти маъмурият аз нигоҳи мувофиқат ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқӣ баҳогузорӣ шуда, бо фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон ва дигар субъектҳои ғайридавлатӣ таъмин гашта, тавассути судҳо ё мақомоти шабеҳисудӣ (квазисудӣ) назорат мешавад.

Марҳилае фаро расидааст, ки ниёзи ҳуқуқи маъмурии тоҷикро ба ислоҳот ошкор месозад. Ин зарурат аз меъёрҳои конститутсионӣ манша мегирад, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф менамоянд. Бо назардошти ҳамин муқаррароти заминавӣ, ки ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд нигаронида шудааст, нигоҳи қаблӣ, ки дар шароити афзалияти давлат дар ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, ҳама гуна дахолати онро ба иқтисодиёт, фарҳанг, ҳаёти шахсӣ ва ғ. дуруст мешумурд, бояд таҷдид ёбад. Баррасии ҳуқуқи маъмурӣ ҳамчун соҳае, ки сирф ба хизматрасонии давлат, идораи давлатӣ ва фаъолияти полисӣ сафарбар шудааст, кофӣ нест. Нақши муассири ин соҳаи мустақили низоми ҳуқуқи миллӣ тасдиқи онро на танҳо ҳамчун василаи таъмини тартиботу амнияти ҷамъиятӣ тақозо дорад, балки ба "сипари" шаҳрванд табдил ёфтанашро зимни амалҳои зиддиҳуқуқии ҳомилони ҳокимияти иҷроия (маъмурияти давлатӣ дар умум) ба рӯзнома мегузорад.

**Адабиёт**

1. Административное право зарубежных стран. Учебник / Под ред. А.Н.Козырина и М.А.Штатиной. М., 2003.
2. Бахрах Д.Н. О предмете административного права // Государство и право. 2003. № 10.
3. Бельский К.С., Елисеев Б.П., Кучеров И.И. Полицейское право как подотрасль административного права // Государство и право. 2001. №12; Бельский К.С. Полицейское право: Лекционный курс. М., 2004.
4. Брэбан Г. Французское административное право /Пер с фр. Под ред. и со вступ. ст. С. В. Боботова. М., 1988.
5. Иброҳимов С.И. Адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: падидаи ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон. Душанбе, 2011. С.14.
6. Никеров Г.И. Аминистративное право США. – М., 1977.
7. Марифхонов Р.Н. Проблемы правового регулирования административных процедур в Республике Таджикистан. Автореф. дис....к.ю.н. М., 2013.
8. Мотаманӣ М.Т. Ҳуқуқи идорӣ (бо ҳуруфоти арабӣ). Теҳрон, 1387 (ҳиҷрӣ). -484с.
9. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. Душанбе, 2013.
10. Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. Душанбе, 2007.
11. Советское административное право. Учебник. М., 1940.
12. Старилов Ю.Н. О сущности и новой системе административного права: некоторые итоги дискуссии // Государство и право. 2000. №5; Подопригора Р.А. О состоянии и проблемах административного права в Республике Казахстан // Научные труды "Әділет". 2001. №1.
13. Штобер Р. Хозяйственно-административное право. Основы и проблемы. Мировая экономика и внутренний рынок. Пер с нем. М., 2008.
14. Юсупов В.А. Административное право - мегаотрасль в правовой системе государства // Вестник Евразийской академии административных наук. 2013. №1.
15. Endicott T. Administrative Law. Second Edition. - Oxford University Press, 2011.
16. Graig P. Administrative Law. Seventh edition. Sweet and Maxwell. 2012.
17. Singh M. German Administrative Law in Common Law Perspective. 2 ed. - Berlin, Haidelberg: Springer, 2001.
18. Портали Интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://portali-huquqi.tj

## РЕФОРМА АДМИНИСТРАТИВНОГО ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА – ВЕЛЕНИЕ ВРЕМЕНИ

**РАЗАКОВ БАХАДУР ХАЯТОВИЧ,**
доктор юридических наук, профессор кафедры коммерческого и антикоррупционного права Таджикского государственного университета коммерции,
734061, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти ½.
Тел.: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru

*Статья посвящена вопросам развития административного права Таджикистана на современном этапе, где автор обращает внимание на необходимость его реформирования. Отмечается, что современная роль этой самостоятельной отрасли системы национального права предопределяет не только его восприятия как средства обеспечения общественного порядка и безопасности, но и ставит на повестку превращения в надежный «шит» граждан при неправомерных действиях носителей публичной власти. По результатам обобщения*

*юридической мысли и зарубежной практики обоснованы предложения по модернизации системы административного права и внедрению в правовую жизнь передовых административно-правовых институтов.*

***Ключавые слова:*** *административное право, предмет административного права, реформа адинистративного права, зарубежное административное право, управленческое право.*

## REFORM OF THE ADMINISTRATIVE LAW OF TAJIKISTAN IS THE IMPERATIVE OF THE TIME

**RAZAKOV BAKHADUR KHAYATOVYCH,**
Doctor of Law, Professor of the Department of Commercial and Anti-Corruption Law of the Tajik State University of Commerce,
734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, ½, Dehoti, st.
Phone: (+992) 918-61-79-80. E-mail: razzokov_b@mail.ru

*The article is devoted to the development of the administrative law of Tajikistan at the present stage, where the author draws attention to the need for its reform. It is noted that the modern role of this independent branch of the system of national law predetermines not only its perception as a means of ensuring public order and security, but also puts on the agenda of turning into a reliable "shield" of citizens in case of illegal actions of public authorities. Based on the results of the generalization of legal thought and foreign practice, proposals are substantiated for the modernization of the system of administrative law and the introduction of advanced administrative and legal institutions into the legal life.*

***Key words****: administrative law, subject of administrative law, administrative law reform, foreign administrative law, management law.*

УДК: 347.6

# РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МЕРОСГУЗОРӢ АЗ РӮИ ВАСИЯТ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail Khalil-77@mail.ru
**РАҲИМОВ ИЛҲОМ МАҲМАДОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.:(+992)934-08-43-22. E-mail: ilhom@mail.ru

*Мақолаи мазкур роҷеъ ба баъзе масъалаҳои меросгузорӣ аз рӯи васият бахшида шудааст. Дар он муаллифон масъалаи ҳуқуқ ба васиятро ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи конститусионии шаҳрванд ба мерос мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар раванди омӯзиш моҳият ва мазмуни масъаларо муайян намуда, ҳолати субъектҳои ҳуқуқ ба васиятро (шаҳрвандони Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд) таҳлил менамоянд. Дар бораи ҳуқуқ ба мерос доштани кӯдаконе, ки баъди фавти модар зинда таваллуд шудаанд ва кӯдакони дар натиҷаи бордоршавии сунъӣ таваллуд шудаанд бо дарназардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида менамоянд. Фикру андешаҳои олимон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои зикршуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории меросии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мерос, ворис, ворисӣ, васият, ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқ ба васият, қобилияти ҳуқуқдории меросгузор, қобилияти амалкунии меросгузор.*

Васият яке аз масъалаҳои мубрами институти ҳуқуқи меросии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вай яке аз шаклҳои зоҳиршавии қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Агар шаҳрванд (меросгузор) бо шакли муқарраркардаи қонун доир ба тақдири молумулкӣ ба он тааллуқдошта, дар ҳолати фавти худ фармоиш намояд вай васияткунанда ҳисобида мешавад ва худи ҳуҷҷате, ки дар он чунин фармоиш ифода ёфтааст, васият ҳисобида мешавад [1-52]. П. С. Никитюк дар назарияи ҳуқуқи маданӣ категорияи махсуси субъекти ҳуқуқӣ васиятиро фарқ намуда, онро дар навбати худ ба дорандаи қобилияти ҳуқуқдории васиятгузор ва қобилияти амалкунии васиятгузор ҷудо менамояд [2-118]. Аммо нуктаи назари мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ дастгирӣ наёфта, дар қонунгузорӣ ифодаи худро наёфтааст, зеро ҳуқуқи васият ва ҳуқуқи меросгузорӣ яке аз шаклҳои умумии зоҳиршавии қобилияти ҳуқуқдории мадании ҳар як шаҳрванд, унсури вазъи ҳуқуқии он ва ҳуқуқи субъективии он мебошад. Дар бораи ҳуқуқ ба васияти молу мулк дар қ. 1 м.18 КМ ҶТ [3-23], ки мазмуни асосии қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро муайян мекунад, гуфта шудааст. Дар ҳуқуқ оид ба васият дар навбати аввал принсипи салоҳияти ихтиёрдорӣ намудани молумулкӣ ба шаҳрванд дар ҳуқуқи соҳибмулкӣ тааллуқдошта ифодаи худро ёфтааст. Ба назари мо мавқеи П.С.Никитюк решаи худро аз ҳуқуқи римӣ мегирад, ки тибқи он қобилияти ҳуқуқдории умумӣ на ҳама вақт ба қобилияти ҳуқуқдории фаъоли меросгузор (testamenta factio activa) мутобиқат мекард. Қонунгузор ягон хел қобилияти амалкунии махсусро барои тартиб додани васият муқаррар накардаанд. Бинобар сабаби он, ки васият аҳди яктарафа мебошад вай бояд ҳамаи шартҳои эътиборнок будани аҳдҳои ҳуқуқиро ифода намояд. Ин ба он маъно аст, ки аҳд амале мебошад, ки барои муқаррар

кардан, тағйир додан ё қатъ гардидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ равона карда шудааст (м. 167 КМ ҶТ). Аҳдро метавонад шахсе содир намояд, ки дорои қобилияти бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданиро дорад. Барои худ уҳдадориҳои маданиро бавуҷуд оварда, ва онҳоро иҷро менамояд, яъне бо таври дигар ифода намоем шахс бояд дорои қобилияти амалкунӣ бошад (қ. 1. м. 22 КМ ҶТ). Ҳамчун қоидаи умумӣ қобилияти амалкунии ҳуқуқӣ дар ҳаҷми пурра барои шаҳрванд аз синни ба болиғ расидан, яъне бо баробарӣ ба синни 18 расидан, ба вуҷуд меояд. Дар ҳолате, ки санади қонунгузорӣ барои то ба ҳаждаҳсолагӣ ба никоҳ дохил шудан иҷозат медиҳад шаҳрванде, ки ба ин синну сол нарасидааст, қобилияти пурраи амалкуниро аз лаҳзаи ба никоҳ дохил шудан ба даст меорад (қ. 2 м.22 КМ ҶТ).

Аз гузориши зикршуда маълум мегардад, ки ҳуқуқ ба васият аз лаҳзаи ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидани шаҳрванд ба вуҷуд меояд ё ин ки аз лаҳзаи аҳди никоҳ бастан, агар ки охирон то ба синни болиғ расидан анҷом дода шавад. Нуқтаи назари мазкурро аксарияти муаллифон, инчунин таҷрибаи судӣ ва нотариалӣ дастгирӣ менамояд. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ ба дигар нуқтаи назар ҳам дучор шудан мумкин аст. Масалан, донишманд П. С. Никитюк чунин меҳисобад, ки шахсоне, ки то ба синни 18 солагӣ расидан никоҳ бастаанд ҳуқуқӣ васият карданро доро намебошанд, инро ба он асоснок менамояд, ки қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, ба монандӣ “қобилияти ба даст даровардани ҳуқуқҳои маданӣ ва барои худ уҳдадориҳои маданиро ба зимма гирифтан”, дар муқоиса бо қобилияти амалкунии васиятгузор ҳамчун “қобилият ба вуҷуд овардани ҳуқуқ ва уҳдадории дар ҳолати фавти худ барои дигарон”, як чиз намебошад.

Ҳамзамон, ба он ҳавола менамояд, ки дохил шудани ноболиғ ба никоҳи ба расмият даровардашуда, на танҳо барои вай ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро ба вуҷуд намеоварад, балки барои вай қобилияти ҳуқуқдории мурофиавиро низ ба вуҷуд намеоварад [4-119,120]. Нуқтаи назари мазкурро асоснок эътироф кардан мумкин нест, зеро тибқи қисми (2 м. 22 КМ ҶТ) ноболиғе, ки никоҳи қонунӣ дорад қобилияти амалкуниро дар ҳаҷми пурра ба даст меорад, аз он ҷумла ҳуқуқ ба васиятро. Дар ин бора гуфтаҳои М.Ю. Баршевскиро дар бораи оне, ки меъёрҳои дигар соҳаи ҳуқуқ наметавонанд ба ҳайси (маҳак) критерия дар ин ҳолат баромад намоянд, бояд асоснок шуморид. Аввало барои он, ки масъалаҳои қобилияти амалкунии маданӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба васият танҳо аз тарафи меъёрҳои қонунгузории маданӣ ба танзим дароварда мешавад. Сониян, ҳуқуқ ба васият ва ҳуқуқи интихоб кардан ё интихоб шуданро ба ҳам муқоиса кардан мумкин нест. Зеро онҳо ба категориҳои гуногуни ҳуқуқӣ дохил мешаванд [5-62]. Шахсоне, ки аз қобилияти амалкуни пурра маҳрум карда шудаанд, ҳуқуқи содир кардани васиятро надоранд. Онҳо ба шахсони ғайриқобили амал дохил мешаванд.

Ноболиғони то синни 14 сола, инчунин шаҳрвандоне (новобаста аз синни сол), ки бо тартиби муқарраркардашудаи қонун бо сабаби бемориҳои руҳӣ ё камақли ғайриқобили амал эътироф карда шудаанд, низ чунин амалҳоро ҳуқуқи содир намудан надоранд. Аҳдҳоро аз номи онҳо намояндагони қонунии онҳо (падару модарон, фарзандхонкунандагон, васиён) содир менамоянд. Бо дарназардошти оне, ки васият аҳде мебошад, ки бевосита ба шахсияти васияткунанда вобаста аст, содир намудани он ба воситаи намояндаҳо ба моҳияти он мухолиф мебошад. Ҳамин тавр, намояндагони қонунӣ аз имконияти содир намудани васият аз номи он шаҳрвандони ғайриқобили амал кадоме, ки онҳоро муаррифӣ менамоянд, маҳруманд. Бо сабаби дар Кодекси маданӣ мавҷуд набудани ишора дар бораи қобилияти амалкунии меросгузор чунин ҳолат асос барои ақида ва пешниҳодҳои гуногун оид ба қобилияти ҳуқуқдории меросгузор дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбат ба ноболиғони аз синни 14 то 18 сола (қисман қобилияти

амалкунии ҳуқуқӣ дошта), инчунин шаҳрвандони болиғе, ки қобилияти амалкуниашон маҳдуд мебошад, мегардад.

Аз ҷумла масъала дар бораи содир намудани васият аз ҷониби қобилияти амалкунии қисман дошта ба вуҷуд меояд. Дуруст, ки ба чунин ҳолатҳо танҳо бо тариқи истисно дучор шудан мумкин аст. Мавқеи қонунгузор ва қисми зиёди муаллифон (В.И. Серебровский, Ю.К. Толстой, Н. К. Ягудин) ба он асос меёбад, ки шахсони қобилияти амалкунии қисман дошта, дорои ҳуқуқ ба васият намебошанд. Албатта, ки шахсони қобилияти амалкунии қисмандошта ҳақ доранд, бо розигии падару модарон, фарзандхонкунандагон ё парасторон аҳдҳоро содир намоянд. Дар баробари ҳамин тибқи моддаи 27 КМ ҶТ ноболиғони аз 14 то 18 сола бидуни ризоияти падару модар, фарзандхонкунандагон ва парасторонашон мустақилан музди меҳнати худ, стипендия ва даромадҳои дигари қонунии худро ихтиёрдорӣ намоянд, ҳуқуқи муаллифи ба асари илмӣ, адабӣ ё санъат, ихтироъ ё маҳсули дигари қонунан ҳифзшавандаи натиҷаи фаъолияти зеҳнии худро татбиқ намоянд, аҳдҳои хурди маишӣ бананд инчунин ҷавобгариро барои зарари расонидаашон ба зимма гиранд. Мафҳуми “ҳуқуқ ба васият” ба мафҳуми ихтиёрдорӣ кардан дохил мешавад, аз ин ҷо нисбат ба молумулки зикршуда ноболиғ дорои қобилияти ҳуқуқдории васиятгузор мебошад [6-65].

Ба ғайр аз ихтиёрдорӣ кардани музди меҳнат ноболиғон тибқи қонун ҳуқуқ доранд, дар муассисаҳои қарзӣ пасандоз гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд. Аз номи худ пасандоз гузоштан ва онро бе розигии намояндагони қонунии худ, дигар шахсон ва ташкилотҳо ихтиёрдорӣ намудан ба категорияи аҳдҳое дохил мешаванд, ки ба аҳдҳои хурди маишӣ тааллуқ надоранд ва ин амалҳо қобилияти муайяни зеҳниро талаб менамоянд. Ба ноболиғон додани ҳуқуқ оид ба анҷом додани чунин амалҳо ва ҳамзамон имконияти ихтиёрдорӣ кардани молумулки худро ба онҳо надодан, аз нуқтаи назари мо аз рӯи мантиқ начандон дуруст мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оиди ба ноболиғони аз синни 14 то 18 сола додани ҳуқуқ ба васиятро ҷонибдорӣ менамоянд. Қайд менамоянд, ки аз эҳтимол дур аст, агар ягон кас нисбати аз ҷониби ноболиғ гузаронидани музди меҳнаташро, масъалан ба фонди сулҳ ё ягон суратҳисоби хонаи кӯдакон, ки дар он ноболиғ тарбия гирифтааст, эрод гирад. Аз ин ҷо ба назари мо дуруст мебуд, агар ноболиғ ба ҳамин монанд амалҳоро (фармоишро) дар намуди васият анҷом медод. Дар м. 27 КМ ҶТ қонунгузор бе асос ҳуқуқи ноболиғро оид ба ихтиёрдорӣ кардани танҳо музди меҳнати худ ва стипендия, вале нисбати на ҳамаи молу мулк пешбинӣ накардааст. Барои он, ки молумулки ноболиғ метавонад аз ашёҳо, маблағҳои пулӣ ва ғайра иборат бошад, ки онҳо дар намуди туҳфа ва бо тартиби ворисӣ (меросӣ) гирифтаанд. Чунин молумулкро ноболиғи аз синни 14 то 18 сола бе розигии намояндагони қонунии худ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан надоранд. Вале васият фармоиши озод ва қатъии шаҳрванд нисбат ба молумулки худ дар ҳолати фавт мебошад. Ин тавсифи васият дар мухолифат ба талаботи розигии намояндаи қонунии ноболиғ мебошад [7-148].

Ба ақидаи мо нисбат ба ноболиғони дар боло номбаркардашуда, ҳуқуқ ба васиятро эътироф кардан лозим, вале танҳо ба молумулке, ки аз ҳисоби воситаҳои худ ба даст овардаанд, аз ҷумла музди меҳнат, стипендия ва мукофот (гонорар). Вале нисбат ба молумулке, ки онро ноболиғон бо роҳи дигар, аз ҷумла туҳфа ва мерос ба даст овардаанд, онро набояд татбиқ намуд. Таваҷҷуҳи зиёдро масъалаи тартиб додани васият аз тарафи шахсоне, ки қобилияти амалкуниашон бо сабаби истеъмоли машрубот ё маводи мухаддир аз тарафи суд маҳдуд карда шудааст, ҷалб менамояд. Дар таҷрибаи нотариалӣ ва судӣ шахсони мазкур аз ҳуқуқ ба васият маҳрум карда шудаанд. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ ба дигар мулоҳизаҳо низ дучор шудан мумкин аст. Масалан, Н.К.

Ягудин менависад, ки шахсони қобилияташон маҳдуд (суистеъмолкунандаи машруботи спиртӣ, маводи мухаддир) метавонанд танҳо бо розигии хаттии парасторони расман таъинкардашуда (муқарраркардашуда) васият тартиб диҳанд [8-26].

Ба ақидаи П.С. Никитюк агарчанде, ки бо розигии парастор васият содир карда шуда бошад, ҳам вай хусусияти як тарафагӣ ва шахсии фармоиши шаҳрвандро гум (аз даст намедиҳад) намекунад. Хусусияти шахсии он нигоҳ дошта мешавад, зеро он на дар асоси ваколат ва на намояндагӣ, балки шахсан аз тарафи васияткунанда содир карда мешавад [9-121,122]. Ба ақидаи Т. Д. Чипига ба шаҳрвандони категорияи мазкур бояд ҳуқуқи васият кардан дода шавад [10-7]. Дар ин ҳолат асосҳои зеринро бояд ба инобат гирифт:

1) шахси истеъмолкунандаи машрубот ё маводи нашъаовар аз тарафи қонун қобилияти амалкунии шаҳрвандиаш пурра маҳрум карда нашудааст, танҳо маҳдуд карда мешавад;

2) мақсади таъин намудани парастор нисбат ба шахсони зикршуда аз он иборат аст, ки ба шаҳрванд чунин истифодаи молумулки худ (музди меҳнат, предметҳои рӯзгор, маблағҳои амонатӣ ва дигар объектҳои моликияти шахсӣ) имконият дода нашавад, то ин ки бар зарари худи ӯ ва оилаи он, инчунин бар хилофи мақсади истифодаи ҷамъиятии молу мулк бошад;

3) васият баъди фавти меросгузор амалӣ карда мешавад ва ҳангоми дар ҳаёт будани он наметавонад, воситаи истифодаи молу мулк бо мақсади истеъмоли машрубот ва маводи нашъовар бошад [11-33,34].

Ҳаҷми қобилияти амалкунӣ шаҳрвандони зикршуда бо таври максималӣ маҳдуд карда шудааст. Онҳо ҳақ доранд, мустақилона танҳо аҳдҳои хурди маиширо содир намоянд. Содир намудани дигар аҳдҳоро инчунин гирифтани музди меҳнат, нафақа, дигар даромадҳо ва ихтиёрдорӣ намудани онҳоро танҳо бо розигии парастор содир карда метавонанд (м.31 КМ ҶТ). Агар мо ба чунин шаҳрвандон содир намудани амалҳои оддитаринро ба монандӣ: гирифтани музди меҳнат ё нафақа бовар накунем, он гоҳ дар бораи кадом қобилияти ҳуқуқдории васияти сухан рафтанаш мумкин аст. Имконнопазирии содир намудани васият ба монанди ҳама дигар маҳдудиятҳо пеш аз ҳама бо зарурияти ҳифзи манфиати оилаи шаҳрванди қобилияти амалкуниаш маҳдуд алоқаманд аст.

Бояд қайд намоем, ки қобилияти амалкуни васияткунанда дар лаҳзаи содир намудани худи васият муҳим мебошад. Васияти содиркардаи шахси қобили амал беэътибор намегардад, агар минбаъд васияткунанда қобилияти амалкунии худро гум намояд (масалан, бо сабаби ба беморecho рӯҳи дучор шудан ва онро дар ҳамин асос бо тартиби муқарраркарда ғайри қобили амал эълон кардан [12-118] ва баръакс агар васият аз ҷониби шахси ғайриқобили амал содир карда шуда бошад, он гоҳ чунин васият беэътибор ҳисобида мешавад, ҳатто агар минбаъд шаҳрванд қобили амал (масалан, шахси бемории руҳӣ дошта сиҳат шавад) гардад. Аз оне, ки васият минбаъд боэътибор ё беэътибор эътироф карда мешавад инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ ва ҳайати субъектҳои он вобастагӣ дорад. Агар нисбати меросгузор ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи меросӣ фикри ягона мавҷуд набошад ҳам оид ба меросгирони меросгирон ҳеҷ гуна шубҳа набояд бошад. Ворис шахсе мебошад, ки бо сабаби фавти шаҳрванд барои гирифтани мерос ба меросгирӣ даъват карда мешавад [13-14]. Ба ҳайси ворис ( меросгирон) ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ баромад карда метавонанд.

Меросгирон тибқи васиятнома ва бо қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар

ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда буда метавонанд (м. 1257 КМ ҶТ). Ҳамин тавр, кӯдакони мурда таваллудшуда ворис ҳисобида намешаванд [14-108].

Агар барои васияткунанда ҳолати қобилияти амалкунии он аҳамияти муҳим дошта бошад, он гоҳ барои ворис қобилияти амалкунӣ аҳамият надорад. Барои он, ки шахс ворис эътироф гардад, дорои қобилияти ҳуқуқдории умумимаданӣ будан кифоя мебошад. Тибқи қ. 1 м. 1257 КМ ҶТ ворис аз рӯи васият ва қонун шаҳрвандоне шуда метавонанд, ки дар лаҳзаи кушодани мерос дар ҳаёт мебошанд, инчунин кӯдаконе, ки ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар мебошанд ва баъди кушодани мерос зинда таваллуд мешаванд.

Мерос аз рӯи қонун шахси воқеӣ шуда метавонад, яъне шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд. Доираи меросгирон аз рӯи қонун ва тартиби эътироф намудани онҳо аз тарафи қонун аниқ муайян карда шудааст. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон се навбати ворисӣ аз рӯи қонунро муқаррар менамоянд. Ҳангоми ворисӣ аз рӯи васият кор тамоман дигар хел мебошад. Бо дарназардошти табиати фармоиши (ихтиёрдори) меросгузор меросгирон аз рӯи васият метавонанд шаҳрвандоне бошанд, ки ба доираи меросгирон аз рӯи қонун ҳам дохил шуданашон ва ҳам дохил нашуданашон мумкин аст, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ё давлат. Васияткунанда тақдири молумулкашро худаш ҳал менамояд ва мустақилона вориси худро таъин менамояд. Ҳамин тавр, васияткунанда ҳуқуқӣ мустақилан муайян кардани ҳайати субъектҳои муносибатҳои меросиро дорад. меросгирон аз рӯи васият метавонанд ҳам шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бошанд. Барои шахси ҳуқуқиро ба ворисӣ даъват намуданд, зарур мебошад, ки дар рӯзи кушодани мерос вай мавҷуд бошад. Масъалаи беэътибории меросгузор ба нафъи шахси ҳуқуқии дар рӯзи кушодани мерос мавҷуд набуда, тартиб дода шуда, бояд ҳамон тавре ҳал карда шавад, ки нисбат ба шаҳрвандон ҳал карда мешавад [15-151].

Диққати махсусро категорияи зерини меросгирон ба монанди шахсони дар мавриди дар ҳаёт будани меросгузоранда таваллуд нашуда ва баъди фавти он тавллудшуда (nasciturus), вориси ношоиста ва вориси ғоиб талаб менамояд. Барои равшанӣ андохтан ба моҳияти онҳо ҳамаи онҳоро бо тартиб баррасӣ менамоем. Қонун ҳуқуқи меросгириро ба шахсони дар мавриди дар ҳаёт будани меросгузоранда таваллуд нашуда ва баъди фавти он (nasciturus) таваллудшударо этироф менамояд. Дар КГ ҶШСТ чунин шаҳрвандон ба шумораи меросгирони имконпазирии ибтидои дохил мешуданд (м.524), [16-370] вале муносибатҳои ба категорияи мазкур алоқаманди меросгирон аз тарафи кодекс бо табри мукаммал ба танзим дароварда нашуда буд. Дар шароити ҳозира бошад дар Кодекси гражданӣ ба ин меросгирон қ. 1 м. 1257 КМ ҶТ бахшида шудааст. Тибқи он ба ҳайси ворис тибқи васиятнома ва қонун кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос таваллудшуда низ шомил буда метавонад. Бояд қайд намоем, ки кӯдаки вориси дар батни модарбуда зинда таваллуд шавад, он гоҳ меросгирони боқимонда ҳақ доранд, тақсими меросро танҳо бо ҷудо кардани ҳиссаи меросии ба ӯ тааллуқдошта анҷом диҳанд. Барои ҳифзи манфиатҳои кӯдаки навзод ҳангоми тақсим мумкин аст, ки намояндагони мақомати васӣ ва парасторӣ даъват карда шаванд. Ҳуқуқи меросгириро ба кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зиндатаваллудшуда эътироф намуда, набояд кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда субъекти ҳуқуқи меросӣ эътироф намуд. Қонун ҳисса ба мероси онҳоро дар молумулки меросӣ, ҳамчун субъекти оянда, имконпазир дар назар дорад. Ҳамин тавр, ҳолати дар батни модар будаи инсон, барои ҳуқуқ далели зарурӣ ба ҳисоб меравад. Чӣ тавре, ки Я.Р. Веберс қайд менамояд ҳуқуқи меросӣ аввалин ҳуқуқе буд, ки дар он ҳуқуқи шахси

дар батни модар буда, вале то лаҳзаи фавти меросгузор ҳанӯз таваллуднашуда ҳифз карда мешуд [17-19].

Тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯдакро ворис эътироф намудан талаб карда мешавад, ки вай зинда бояд таваллуд шавад (м. 1257 КМ ҶТ). Шарти муҳим зинда таваллуд шудани кӯдак мебошад. Чи қадар вақт зинда мемонад, нақши ҳалкунанда надорад. Ҳатто каме ҳам зиндагӣ намояд басанда мебошад. Бояд қайд намоем, ки ба шумули чунин меросгирон на танҳо фарзандони меросгузор балки ҳамаи меросгирони ибтидоӣ ҳам аз рӯи қонун ва ҳам аз рӯи васият дохил мешаванд.

Бояд қайд намоем, ки масъала дар бораи ҳуқуқҳои меросии кӯдаке, ки дар натиҷаи бордоршавии сунъӣ таваллуд шудааст, диққатҷалбкунанда мебошад. Расмиёти мазкур агарчанде, ки ҳоло характери умумӣ нагирифта бошад ҳам дар амалия ба чунин ҳолат дучор шудан мумкин аст. Аз инҷо зарурияти танзими ҳуқуқии он бавуҷуд меояд.

Ба ақидаи К.М. Илясова ҳуқуқи меросии кӯдаконе, ки дар натиҷаи бордоркунии сунъӣ таваллуд шудаанд бояд тибқи эҳтимолияти (презумпсияи) розигии ҳамсари фавтида муайян карда шавад [18-555]. Зеро ҳуқуқи меросгирии чунин кӯдакон аз розигии бевоситаи ҳамсарон доир ба анҷом додани расмиёти мазкур, яъне аз оне, ки бордоркунии сунъӣ то кушодани мерос ё баъди он бавуҷуд омадааст, вобаста мебошад.

Ҳеҷ шубҳае нест, ки агар бордоркунии сунъӣ то кушодани мерос ҷой дошта бошад, он гоҳ розигии ҳамсарон барои гузаронидани расмиёти мазкур мавҷуд мебошад. Дар натиҷаи он кӯдаконе, ки аллакай баъди кушодани мерос таваллуд шудаанд, меросгирони комилҳуқуқ ҳисобида мешаванд, вале эҳтимолияти мазкур бо тартиби судӣ мумкин аст аз тарафи шахсони ҳавасманд рад карда шавад, агар далелҳои кифояе пешниҳод карда шаванд, ки дар бораи мавҷуд набудани ризогии меросгузор гувоҳӣ диҳанд. Масъала то дараҷае мураккаб мегардад агар бордоркунии сунъӣ аллакай баъди кушодани мерос гузаронида шуда бошад. Ба ақидаи мо чунин фарзандонро ба доираи меросгирон ба шарте дохил намудан мумкин аст, ки агар мавҷудияти розигии фавтида барои гузаронидани бордоркунии сунъӣ пешаки мавҷуд бошад.

Дар қонун ҳолатҳое пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи он меросгирон ба меросгирӣ роҳ дода намешаванд. Чунин меросгиронро меросгирони ношоиста меноманд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба масъалаи мазкур диққати махсус дода мешавад. Ворисе имконпазир амалҳоеро содир намояд, ки роҳ додани он ба меросгирӣ мухолифи адолат бошад, дар чунин маврид вай сазовори ворисӣ дониста намешавад. Масалан, дар Франсия меросгирон ҳамчун ворисӣ ношоиста дар се ҳолат аз мерос дур карда мешаванд (м.727 ).

Дар навбати аввал онҳоеро аз меросгирӣ дур менамоянд, ки боиси маҳрум шудан аз озодӣ барои фавти меросгузор гардидаанд ё барои кӯшише, ки сабаби марги меросгузор гардидааст.

Дар навбати дуюм шахсоне ворисӣ ношоиста ҳисобида мешаванд, ки агар ба муқобили фавтида (меросгузор) айбдоркунии ҷиноятиро пешниҳод карда бошанд, ки дар натиҷаи он суд онро ба ҳукми қатл ҷазо дода бошад, ва минбаъд ин айбдоркуни аз тарафи суд буҳтон эътироф карда шуда бошад (аз соли 1982 ҳукми қатл дар Франсия бекор карда шуд, яъне асоси мазкур аз байн меравад).

Дар навбати сеюм агар ворис дар бораи куштори меросгузор маълумоте дошта бошад ва оиди он мақомоти судиро хабар накарда бошад [19-12].

Тибқи ҳуқуқи англисӣ шахсоне, ки боиси марги меросгузор гардидаанд аз ворисӣ дур карда мешаванд. Асоси онро қоидаҳои умумие ташкил медиҳад, ки мувофиқи он нафъе, ки дар натиҷаи фаъолияти ҷинояткорона ба даст оварда шудааст ғайриқонунӣ мебошад. Масалан шахсе, ки дар куштори барқасдона гунаҳгор дониста мешавад,

наметавонад, нафъеро гирад, ки аз васияти барои вай ё фавти қурбонии вай ба вуҷуд омадааст [20-30]. КГ ҶШСТ муқарраротеро дарбар мегирифт, ки тибқи он шахсоне, ки дар ҳаққи меросгузор, ё ягон касе аз ҷумлаи меросгирони ӯ ҷинояти вазнин содир кардааст, агар ин ҷиноят бо ҳукми ба қувва даромадаи суд тасдиқ гардида бошад, на аз рӯи қонун ва на аз рӯи васият барои мерос гирифтан ҳуқуқ надоштанд (қ.1.м.525 КГ ҶШСТ).

Ба ақидаи мо моддаи мазкур, начандон фаҳмо ифода карда шуда буд. Зеро аз мазмуни он маълум набуд, ки кирдори ҷиноятторонае, ки оид ба он дар моддаи мазкур гуфташуда буд, бояд, ки хислати бадқасдона дошта бошад. Ҳамин кирдор вақте, ки васият содир карда шуда буд, аҳамият дошт ё не, инчунин чӣ тавр сӯиқасдро баҳо дод, яъне амале, ки боиси марги меросгузор ё ягон ворис нагардидааст вале ҷой дошт, маълум нест.

Масъалаи мазкур то қабули Кодекси граждании даврони соҳибистиқлолӣ бо таври бояду шояд ба танзим даровarda нашуда буд. Акнун м. 1145 КГ ҶТ муносибатҳои ҳуқуқи меросро оид ба аз мерос бартараф намудани меросгирони ношоиста ба танзим медарорад. Меросгири ношоиста шахсе шуда метавонад, ки ҳуқуқи мерос гирифтан надошта бошад ё ин ки аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум карда шуда бошад [21-129]. Тибқи моддаи зикршуда меросгирони ношоиста ба се категория ҷудо мешаванд:

Ба категорияи аввал меросгирони ношоистае дохил мешаванд, ки қасдан меросгузор ё яке аз меросгирони имконпазирро аз ҳаёт маҳрум намуданд ё ба ҳаёти онҳо сӯиқасд карданд. Онҳо на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба ворисӣ ҳуқуқ надоранд.

Бояд қайд намоем, ки муқаррароти зикршуда, ба амали бадқасдонаи содиркарадшуда, аниқ ишора менамояд. Нисбат ба шахсоне, ки кирдори зидди ҳуқуқиро аз рӯи беэҳтитиётӣ содир кардаанд, меъёри мазкур набояд татбиқ карда шавад. Агар дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят (куштор, сӯиқасд, ворис номуккалаф бошад) амале, ки мумкин аст, ҳамчун асос барои дур кардан аз мерос баҳо дода шавад, боиси маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба мерос намегардад.

Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки дар ҳолате, ки васият ба манфиати вориси ношоиста баъди кирдори ҷиноятӣ содиркардашуда анҷом дода шуда бошад, ворис аз ҳуқуқи мерос гирифтан маҳрум намегардад. Зеро асоси фармоиши васиятиро иродаи васияткунанда ташкил медиҳад. Агар аз инҷо васияткунанда васиятро ба манфиати чунин ворис монда бошад, инчунин маъно дорад, ки вай онро бахшидааст. Мутаасифона масъалаҳои зикршуда дар КГ ҶТ бо таври муфассал ба танзим даровarda нашудааст.

Ба гурӯҳи дуюми меросгирони ношоиста шахсоне дохил мешаванд, ки қасдан ба меросгузор барои амалишудани охирин нияти ӯ монеа гардидаанд ва бо ин роҳ барои ба мерос даъват шудани худ ё шахсони наздикашон ё барои зиёд кардани ҳиссаи меросӣ ба онҳо марбута мусоидат кардаанд. Онҳо низ на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба ворисӣ ҳуқуқ надоранд (қ.2 м. 1145 КГ ҶТ).

Барои татбиқи меъёри мазкур бояд, ки амали зиддиҳуқуқии шахс ҳатман хислати қасдона дошта бошад. Дар ин ҳолат самти қасд аҳамият надорад. Шахс новобаста аз оне, ки бо мақсади гирифтани мерос амал кардааст ё амали зиддиҳуқуқии он бо дигар ниятҳо вобаста мебошад мумкин аст аз мерос маҳрум карда шавад. Натиҷаи амали зиддиҳуқуқӣ бояд даъват кардан ба мерос ё зиёд шудани ҳисса дар мерос бошад [22-9].

Амали зиддиҳуқуқии мазкур метавонад дар таҳдид, фиреб, зӯрӣ оид ба маҷбуран тартиб додани васият аз тарафи меросгузор ё мамоният кардан ба тартиб додани васият ё ин ки пинҳон кардани васият, маҷбур кардани ягоне аз меросгирон барои даст кашидан аз мерос ва ғайра бояд ифода ёбад.

Гӯруҳи сеюми меросгирони ношоистаро падару модар баъди фарзандоне, ки нисбат ба онҳо аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум гардидаанд ва дар лаҳзаи кушодани мерос ин ҳуқуқҳояшон барқарор нашудааст, инчунин падару модар (фарзандхондагон ва фарзандони болиғ, фарзандхондшудагон), ки аз иҷрои уҳдадориҳои бо амри қонун ба зиммаашон гузошташуда вобаста ба таъминоти меросгузор саркашӣ намудаанд, ташкил медиҳанд (қ.3. м. 1145 КГ ҶТ).

Бояд қайд намоем, ки қоидаи мазкур танҳо ба меросгузори аз рӯи қонун татбиқ карда мешавад. Бо сабабе, ки фармоиши меросгузор иродаи меросгузорро ифода менамояд, ҳуқуқи меросгузориро ба падару модарони ношоиста ва фарзандони ношоиста эътироф кардан номумкин аст, агар васияткунанда гуноҳи онҳоро бахшида бошад ва ба меросгирони ношоиста ҳамаи молумулки худ ё қисми онро гузошта бошад.

Ҳамаи ҳолатҳои оид ба аз мерос дур кардани меросгирони ношоистаро суд муқаррар менамояд. Дар ин сурат дар доираи кадом мурофиа шаҳрванд ворисии ношоиста эътироф карда мешавад, аҳамият надорад. Ҳолати ношоистагӣ мумкин аст, бо тартиби мурофиаи суди ҷиноятӣ, инчунин бо тартиби мурофиаи гражданӣ муқаррар карда шавад. Қоидаҳо оид ба меросгирони ношоиста ҳам ба дасткашии меросгузор ва ҳам ба меросгироне татбиқ карда мешавад, ки ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ доранд. Албатта ҳолати мазкур навоварии Кодекси граждании замони истиқлолӣ мебошад.

Ҳамзамон бояд қайд намоем, ки Кодекси гражданӣ меросгирони ғоибро муайян менамояд. Қонунгузории собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон то қабули Кодекси гражданӣ меъёрҳои танзимкунандаи чунин муносибатҳоро надоштанд. Ба меросгирони ғоиб ҳангоми гузаронидани муҳлати шаш моҳаи муқарраркардашудаи ҳуқуқ ба ворисӣ рад карда мешуд. Ба фикрамон ҷорӣ намудани категорияи меросгирони мазкур ба тағйирёбии расмиёти қабули мерос алоқаманд мебошад. Меросгирони ғоиб шахсоне мебошанд, ки ҷойи зисти онҳо маълум намебошад. Муқаррар кардани ҷойи зисти онҳо ва онҳоро ба меросгирӣ даъват кардан уҳдадории меросгирони дигар, иҷрокунандаи васиятнома ва нотариус мебошад. Агар ворисӣ ғоибе, ки ба меросгирӣ даъват карда шудааст, ҷойи зисташ (буду бошаш) маълум бошад ва дар давоми шаш моҳ аз мерос даст накашад, он гоҳ меросгирони дигар уҳдадоранд дар бораи тақсими молумулки меросӣ вайро хабардор намоянд. Дар ҳолате, ки баъди се моҳи чунин хабардиҳӣ ворисӣ ғоиб хоҳиши худро оид ба иштирок кардан дар тақсими мерос изҳор нанамояд, он гоҳ меросгирони боқимонда дар созишномаи байниҳамдигарӣ мустақилан бо дарназардошти ҷудо намудани ҳиссаи вай тақсими молумулкро анҷом медиҳанд. Агар дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодани мерос маҳалли зисти (буду боши) ворисӣ ғоиб муқаррар нагардад ва дар бораи аз тарафи ӯ рад намудани мерос маълумоте набошад, он гоҳ меросгирон метавонанд тақсими молумулки меросиро бо ҷудо кардани ҳиссаи ворисӣ ғоиб анҷом диҳанд (м.1183 КГ ҶТ).

Чӣ тавре, ки қайд намудем ба шумораи меросгирон қонунгузор, инчунин кӯдаконеро дохил менамояд, ки дар батни модар буда, ҳоло таваллуд нашудаанд. Фарқияти чунин меросгирӣ аз ворисӣ ғоиб дар он аст, ки ворисӣ ғоиб субъекти ҳуқуқ буда, кӯдаки дар батни модар буда, вале таваллуд нашуда танҳо ворисӣ эҳтимолӣ бо шарти зинда таваллуд шудани он мебошад. Бо сабабе, ки муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ намуди хело мураккаби муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад, мумкин аст таркиби субъектҳои он боиси тағйиротҳои дигар гарданд. Пеш аз ҳама чунин тағйиротҳо ба ҳодиса ва амалҳо, яъне фактҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошанд. Ба ин даст кашидани ворис аз ҳиссаи мероси худ, ба меросгирӣ даъват намудани навбатҳои минбаъдаи меросгирон ё ин ки таъин кардани ворис ва дигар ҳолатҳо дохил мешаванд.

**Адабиёт**


1. Серебровский В.И. Избранные труды, -М.: 1997,-С.52.
2. Никитюк П.С. Наследственное право и наследственный процесс. (Проблемы теории и практики). -Кишинев.:1973,-С.118.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 24 декабри соли 2022 қабул қарда шудааст ва аз 1-уми июли соли 2023 мавриди амал қарор гирифтааст. Садои мардум, №1-9 (4584-4592), 2 январи соли 2023.
4. Никитюк П.С. Наследственное право и наследственный процесс. (Проблемы теории и практики). - Кишинев.:1973.-С. 119 -120.
5. Барщевский М .Ю. Наследственное право. –М:1996, -С.62.
6. Барщевский М. Ю. Китоби зикршуда.
7. Антимонов Б.С. , Граве К.А. Советское наследственное право.- М.: 1955. -С.148.
8. Ягудин Н.К. Наследственное право в вопросах и ответах.-Ростов н/Д.: -2001. -С.26.
9. Никитюк П.С. Наследственное право и наследственный процесс. (Проблемы теории и практики), Кишинев.:1973.-С. 121 -122.
10. Чепига Т.Д. Наследование по завещанию в советском гражданском праве. Автореф. дис. канд. -М.: 1965. -С7.
11. Барщевский М .Ю. Правовое регулирование наследования по завещанию. Дис. канд. -М.: 1984.-С33-34.
12. Антимонов Б.С., Граве К.А.Советское наследственное право. -М. 1955. -С.152. Серебровский В.И. Избранные труды, М. - 1997. -С.118.
13. Ягудин Н.К. Наследственное право в вопросах и ответах. Ростов н/Д,-С.14.
14. Акатов А.А.Юридические факты в советском наследственном праве. Диссерт.канд. –Саратов.: 1987.-С.108.
15. Инцас В.Л. О Субъектах наследственних правоотношений.//Вестник Ленинградского Университета: 1947, №23.-С.151.
16. Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон.-Душанбе, Ирфон, 1975. –С. 370.
17. Веберс Я.Р. Основные проблемы право субъектный граждан в советском гражданском и семейном праве. Автореф. дис. докт.- М.: 1974. -С.19.
18. Гражданский кодекс Республики Казахстан (Особенная часть). Комментарий //Отв. ред. М.К.Сулайменов, Ю.Г.Басин. – Алматы. : 2006 –С. 555.
19. Серебровский В.И. Основные понятия советское наследственного права.//Советское государство и право, 1946. №7, -С.12.
20. Гренкова О.В. Наследование в Англии и Франции. (Сравнительно-правовое исследование). Дис.канд.-М.: 1991.-С30.
21. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.”Қисми сеюм”./зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимов М.З.-Душанбе.: 2013.-С.129.
22. Власов Ю.Н.,Калинин .В.Наследование по закону и по завещанию. –М.:2001. -С.9.


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ НАСЛЕДОВАНИЕ ПО ЗАВЕЩАНИЮ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**ГАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛИ,**
доктор юридических наук, профессор, ректор
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. E-mail: Khalil-77@mail.ru
**РАХИМОВ ИЛХОМ МАХМАДОВИЧ,**

ассистент кафедры административного право и государственой службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.:(+992) 934-08-43-22; E-mail: ilhom@mail.ru

*Данная статья посвящена некоторым вопросам наследования по завещанию. В ней авторы проанализировали вопрос о праве на завещание как составной части конституционного права гражданина на наследство. В процессе обучения определяют сущность и содержание вопроса и анализируют состояние субъектов, обладающих правом завещания (граждане Таджикистана, иностранные граждане, лица без гражданства). Выражают мнение о праве наследования детей, родившихся живыми после смерти матери и детей, рожденных в результате искусственного оплодотворения, с учетом действующего законодательства Республики Таджикистан. Проанализированы мнения ученых и законодательство Республики Таджикистан по указанным вопросам.*

***Ключевые слова:*** *наследственное законодательство Республики Таджикистан, наследование, наследник, правопреемство, завещание, право наследования, право завещания, дееспособность наследника, дееспособность наследника.*

## SOME ISSUES OF INHERITANCE BY WILL UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**GAFURZODA ABDUKHALIL DAVLATALI,**
Doctor of Law, Professor, Rector of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir, str.
Phone: (+992) 224-17-86; E-mail: Khalil-77@mail.ru
**RAKHIMOV ILKHOM MAHMADOVICH,**
Assistant of the Department of Administrative Law and Public Service of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir, st.
Phone: (+992) 934-08-43-22; E-mail: ilhom@mail.ru

*This article is devoted to some issues of inheritance by will. In it, the authors analyzed the issue of the right to a will as an integral part of a citizen's constitutional right to inheritance. In the learning process, the essence and content of the issue are determined and the state of subjects with the right to testament (citizens of Tajikistan, foreign citizens, stateless persons) is analyzed. Express an opinion on the right of inheritance of children born alive after the death of the mother and children born as a result of artificial insemination, taking into account the current legislation of the Republic of Tajikistan. The opinions of scientists and the legislation of the Republic of Tajikistan on these issues are analyzed.*

***Key words:*** *inheritance legislation of the Republic of Tajikistan, inheritance, heir, succession, testament, inheritance right, testamentary right, legal capacity of the heir, legal capacity of the heir.*

УДК: 340

# ПРИНСИПҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАСНИФОТИ ОНҲО

**ИБОДУЛЛОЗОДА АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛО,**
доктори илмҳои таърих, профессор, кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 918-62-91-62. E-mail: ahliddin_holov@mail.ru
**НАЗАРЗОДА ДАВЛАТХОН ҚУРБОНМУРОД,**
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 902-77-66-22. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*Мақолаи мазкур ба омӯзиши принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва таснифоти онҳо бахшида шуда, дар ин баробар ба татбиқи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии шахсони мансабдори ваколатдор ҳамчун шарти зарурии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳ равона гардидааст.*

*Омӯзиши масъалаи марбут ба татбиқи принсипҳои муайян ҳангоми ба намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагон аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар илми назарияи ҳуқуқ падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад, зеро он муҳимтарин ҳалқа дар низоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ мебошад, ки ин ҳама дар мақолаи мазкур матраҳ шудаанд.*

*Муаллифон равишҳои мавҷударо оид ба дарки бештари принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва таснифоти онҳо аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷии соҳавӣ таҳлил намуда, андешаҳои онҳоро ҷамъбаст намуда, хулосаҳои худро пешниҳод намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Принсипҳои ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таснифот, қонуният, адолат, инсондустӣ, ногузирӣ, асоснокӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, фардигардонӣ, саривақтӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, ваколат.*

Дар илми назарияи ҳуқуқ падидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад, зеро он муҳимтарин ҳалқа дар низоми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз унсурҳои таркибии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ҳадаф ва вазифаҳои он мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва татбиқи вазифаҳои он принсипҳо кумак мерасонанд. Асоси амалкарди чунин падидаи серпаҳлуи иҷтимоиву ҳуқуқиро чун ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба таври воқеъбинона маҷмӯи ғояҳо-принсипҳо ташкил мекунанд, ки ҷузъҳои таркибии онҳо ҳамдигарро ғанӣ ва амиқ мегардонанд ва ба таври диалектикӣ ба ҳам алоқамананданд. Чунин ягонагии ифодасозии принсипҳо томияти ниҳоди ҳуқуқии ҷавобгариро таъмин месозад, моҳияти онро ҳифз менамояд ва фаъолияти онро дар ҳаёти ҷамъиятӣ кафолат медиҳад.

Принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро, тавре дар адабиёти соҳавӣ қайд гардидааст, танҳо номгӯй не, балки низоми иборат аз "қисмҳои ба ҳам алоқаманд ва дар баробари ин, нисбатан махсусгардондашуда ташкил медиҳанд, ки бо ҳам дар робитаҳои гуногун, аз ҷумла робитаҳои силсиламартабӣ (иерархӣ) қарор доранд» [36, с. 230].

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ ба баррасии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷӯҳи хосса равона гардидааст, ки ин ба мо имкон медиҳад то дарк намоем, ки ин масъала ба қадри кофӣ аз ҷониби олимону коршиносони соҳа омӯхта шудааст ё не.

Сарфи назар аз тадқиқи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мавҷудияти маводи зиёд [7, с. 125-127], масоили мазкур ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Дар байни олимон ва мутахассисони бо амалия сару кордошта на танҳо доир ба масъалаи низоми ғояҳои асосӣ

– принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки дар баррасии мазмуни принсипҳои муайян низ ақидаи ягона вуҷуд надорад [12, с. 32-34].

Дар адабиёти соҳавӣ чунин қайд шудааст, ки аксар вақт дар байни принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ғояҳое номбар карда мешаванд, ки дар умум ҳуқуқро, инчунин ҳуқуқҳоеро ифода менамоянд, ки асоси ҳама ниҳодҳои ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз ҷумла ҷавобгарии ҳуқуқӣ: адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ ва ғайра. Дар ҳолатҳои дигар принсипҳои шаклҳои алоҳидаи хусусии ҷавобгарии ҳуқуқӣ (мувофиқи мақсад будани ҷазодиҳӣ) таъкид мегарданд.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз рӯи ақидаи А.А. Иванов ниҳоди ҳуқуқии байнисоҳавӣ буда, баробар ба ҳуқуқи гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ ва ғайра муносибат дорад. Аз ин рӯ, низоми принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд муносибати болоисоҳавиро ифода намояд ва ғояҳои асосии зеринро дар бар гирад – принсипҳои ифодакунандаи моҳияти он дар ҳама соҳаҳои ҳуқуқ, ки дар онҳо ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд аст.

Дар адабиёти илмӣ баъзе муаллифон принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун муқарраротӣ умумие мефаҳманд, ки бояд рафтори ҳуқуқиро ҳавасманд намуда, раванди танзими муносибатҳои дар заминаи ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷудомада ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро роҳнамоӣ намоянд [30, с. 200]. Муаллифони дуюм онҳоро ҳамчун ғояҳое мефаҳманд, ки дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки падидаи ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, муқаррар шудаанд [3, с. 27]. Гурӯҳи сеюм принсипҳоро ақидаҳои бунёдӣ мешуморанд, ки моҳият, хусусият ва мақсади институти ҷавобгариро ифода намуда, дар қонунгузорӣ дар шакли меъёрҳое, ки хусусияти танзими ҳуқуқиро муайян мекунанд, ифода ёфтаанд [2, с. 120]. Гуруҳи чорум принсипи ҷавобгарии ҳуқуқиро ғояҳои асосие медонанд, ки моҳият, табиат ва таъиноти ниҳодҳои ҷавобгариро ифода менамоянд [15, с. 66-69].

Чунин ақидаҳои гуногун дар бораи истилоҳи «принсипҳо» на танҳо ба фаҳмиши гуногуни институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби олимон, балки ба таъсири тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст.

Ба андешаи мо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории ҳуқуқӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи пешбининамудаи меъёри ҳуқуқ мебошад, ки дар рафтори ҳуқуқии субъектҳои аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасмандгардида ба амал меояд ва дар ҳолати вайрон шудани уҳдадорӣ ҳуқуқвайронкунанда ба ҳолати маҳкумият рӯбарӯ гардида, ба маҳрумияти дорои хусусияти моддӣ ё шахсӣ гирифтор мегардад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳс қарор дода мешавад таснифоти принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аст.

Ҳамчун принсипҳои умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар асоси сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва рушди ҷомеа ба андешаи М.В. Шавалеев принсипҳои қонуният, адолат, ногузирӣ, фардӣ, инсондӯстӣ ва гунаҳкорӣ дохил карда мешаванд [35, с. 10-12].

А.Н. Пугачев 4 принсипи ҷавобгарии ҳуқуқиро аз ҳам ҷудо намудааст: 1) қонуният; 2) ногузирӣ; 3) адолат; 4) ба мақсад мувофиқ будан [26, с. 143-144].

Ҳамчун принсипҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи нуқтаи назари В.С. Бялт бояд инҳоро номбар намуд: қонуният; адолат; ногузирӣ; саривақтӣ; ба мақсад мувофиқ будан; эътиборӣ; гуманизм [4, с. 340, 344-345].

Тибқи ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин такя дорад: қонуният, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, адолат, инсондустӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ [29, с. 690].

Ба андешаи А.А. Максимсева принсипҳои қонуният, ногузирӣ, адолат, мақсаднокӣ, самаранокӣ ва инсондустӣ бояд ҳамчун принсипҳои асосии ҷавобгарии

ҳуқуқӣ ҷудо карда шаванд. Маҷмӯи ин принсипҳо моҳият ва нақши ҷавобгарии ҳуқуқиро пурра тавсиф намуда, ба хусусиятҳои гуногуни фаъолияти он таъсир мерасонанд [19, с. 54-69].

Яъне аз чор то ҳафт принсипро олимон ҳамчун принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод менамоянд. Ба сифати принсипҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардани принсипҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморем: қонуният, адолат, ногузирӣ, ба мақсад мувофиқ, саривақтӣ, фардигардонӣ ва инсондустӣ.

Аз ин рӯ, таҳлили принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ифшои моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимтарини низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ мусоидат мекунад.

1. Қонуният ҳамчун принсипи фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, амнияти шахсиятро таъмин ва ҷамъиятро аз падидаҳои ҷамъиятии хавнок ҳифз менамояд. Бо ин нақши қонуният дар раванди пайдоиш ва мавҷудияти ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ қайдушарт мегардад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ оид ба қонуният чунин нуқтаи назар мавҷуд аст, ки он падидаест бо се шакл амал мекунад: ҳамчун принсип, усул ва низоми мутобиқ будани рафтори (фаъолият)-и иштирокдорони муносибатҳои ҷамъиятӣ ва натиҷаи он ба меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунҳое, ки дар асоси онҳо санадҳои зерқонунии меъёрӣ ва сарчашмаҳои дигари ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ифода меёбанд [1, с. 10].

Принсипи қонуният ҳамчун принсипи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад, ки вобаста ба нақши махсуси худ ба низоми принсипҳо дохил намешавад, аммо ба ақидаи П.П. Осипов «Қонуният пардаи ҳуқуқӣ мебошад, ки тамоми низоми принсипҳои мавҷудияти ҷавобгарии ҳуқуқиро тавсиф менамояд» [24, с. 74].

Дар баробари ин, тавре дар адабиёт дуруст қайд шудааст, қонунияти ҷавобгарӣ танҳо бо муқаррар намудани асосҳои он хотима намёбад. Қонуният на танҳо ба асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки ба тамоми раванди амалисозии он асар мекунад. Дар ин сурат, принсипи қонуният талаботи принсипҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва умумиҳуқуқии адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ, демократизм ва ғайраро ба амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ баробар намуда, ба сифати восита, ҳамзамон кафили татбиқи талаботи онҳо дар ин самти муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунад. Қонуният на танҳо асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷиҳати шаклҳои берунаи мавҷудияти он ҳисоб меёбад, балки боз мазмуни дохилии ниҳоди мазкур, моҳияти онро ташкил менамояд ва аз ин ҷиҳат қонуният ва фардикунӣ (чун принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ) ягона мебошанд [15, с. 66-69].

Принсипи қонуният, ҳамчун талаби риояи қатъӣ ва бемайлони қонунҳо аз тарафи муассисаҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо нишонаи зарурӣ ва асоси ҳамаи соҳаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

2. Ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ногузирии ягон чиз маънидод мегардад, дар адабиёти махсус, аз як тараф ҳамчун ногузирии муқаррарсозии на танҳо далели ҳуқуқвайронкунӣ ва шахси онро содиркарда дар ҷараёни фаъолияти бошуурона ва мақсадноки мақоми давлатӣ, балки боз ҳолатҳои ба чунин кирдор мушоияткунанда ва таркиб, ҳаҷми ҳуқуқ ва муҳлати ҷавобгарии шахси ба ҳуқуқвайронкунӣ роҳдода, ногузирии татбиқи ҷавобгарӣ фаҳмида мешавад [27, с. 88-92]. Аз тарафи дигар, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо таъмин намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ба муносибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ ҷалбгардида аз ҷониби давлат алоқаманд мебошад [20, с. 158].

Принсипи ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз лаҳзаи содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ мавриди амал қарор гирифта, дар раванди амалигардонии он татбиқ мегардад ва ҳамчун

принсипи қонуният ва фардикунӣ хусусияти ҷудонопазири ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода менамояд.

Ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба барқарорсозии мувофиқати муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳақиқати иҷтимоӣ равона шудааст. Н.С. Малеин нақши аҳаммияти ҳифзкунандаи принсипҳои ногузирӣ ва фардигардонии ҷавобгарии ҳуқуқиро қайд намуда, чунин мегӯяд: «Ҷазои сахттарин қодир нест ба ин дараҷа сахтгирона аз содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ нигоҳ дорад, мисли дарки фавран таҳти маҳкумкунии ҷамъиятӣ қарор гирифтан» [21, с. 51].

3. Фардигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ – талаботи ба таври ҳатмӣ ва амиқ ба назар гирифтани хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнок будани ҳуқуқвайронкунии содиршуда, хусусияти шахсияти гунаҳкор ва ҳолатҳое мебошад, ки ҷавобгариро вазнин ё сабук мекунанд.

Аксарияти олимони ҳуқуқшинос принсипи мазкурро ҳамчун принсипи заминавӣ баррасӣ менамоянд ё худ нақши фардигардониро дар низоми принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тадқиқ намуда, аҳаммияти ҳатмии амалигардонии онро қайд менамоянд.

Принсипи фардигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми муайян намудани чораи ҳуқуқӣ ва шаклҳои он, табиат, дараҷаи вазнинии ҳуқуқвайронкунии содиргардида, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ба назар гирифта мешаванд.

Аз ин рӯ, фардигардонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ меҳвари махсусест, ки қабул намудани қарори боадолатонаро нисбат ба шахси гунаҳкор таъмин менамояд.

Тавре М.Н. Малеин қайд менамояд, агар ҷавобгарӣ фардӣ гардонида шуда бошад, бо ин амал он шахсӣ гардонда шудааст, бинобар ин, инсондӯстонаю ҳақиқатпарастона аст [21, с. 51].

4. Қайд кардан ба маврид аст, ки принсипи аз ҳама “чандир” ва “бузургҳаҷм”-и ҷавобгарии ҳуқуқӣ принсипи адолат мебошад. Бо интихоби як нуқтаи назари муайян оид ба принсипи адолат ба он принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон, қонуният, ногузирии ҷавобгарӣ, принсипи гунаҳгорӣ ва инсондӯстӣ - умуман дар дохили ин «мегапринсип» тамоми принсипҳо ҷой гирифта метавонанд. Ин мавқеъ дар илм хеле маъмул аст [28, с. 183-187]. Баъзе муаллифон «суперчандирии» принсипи адолатро эътироф намуда, қайд мекунанд, ки он на ҳамаи принсипҳои ҷавобгариро дар худ фаро мегирад. Масалан, Б.В. Здравомислов ҳамоҳангии принсипи адолатро бо принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ошкор кардааст [11, с. 19].

Ба андешаи мо принсипи адолат маънои онро дорад, ки барои кирдорҳои ношоям таъин кардани ҷазо ғайриимкон аст, қонуне, ки намуди нави ҷавобгариро муқаррар мекунад ё қувваи пешинаро пурзур мекунад, набояд эътибори бозгашт дошта бошад, зараре, ки ҳуқуқвайронкунанда ба ҷабрдида расонидааст, бояд ҷуброн карда шавад, муҳлати ҷазо бояд ба вазнинии кирдори содиршуда мувофиқат кунад, масъулият бояд ба зиммаи шахси содирнамудаи кирдор гузошта шавад.

Ҷавобгарӣ ҳамон вақт адолатона аст, ки қонунӣ, ногузирӣ ва фардӣ буда, барои кирдорҳои гунаҳкор ба вуҷуд меояд ва ба талаботи инсонпарварӣ ҷавобгӯ бошад.

5. Принсипи ба мақсад мувофиқ буданро на ҳама олимон ба низоми принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ шомил кардаанд, вале ба назар мерасад, ки аҳамияти он барои дуруст татбиқ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳмияти бузург дорад. А.Ф. Чердансев такид менамояд, ки: “Ҷавобгарӣ бояд ба мақсадҳо мувофиқ бошад, ба мақсадҳое, ки барои онҳо муқаррар гардидааст, ноил гарданд” [31, с. 319]. Л.Морозов дар бораи принсипи ба мақсад мувофиқ будан чунин андеша иброз намудааст: “Принсипи ба мақсад мувофиқ

будан фардикунонии ҷазо ё ҷазоро бо назардошти вазнинии ҷиноят, шахсияти ҷинояткор, ҳолатҳои кирдор ва ғайра дар назар дорад” [23, с. 253].

Ба андешаи мо принсипи ба мақсад мувофиқ будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду ҷанба дорад. Ҷанбаи аввал – ҳангоми муқаррар намудани намуд ва андозаи нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ будан дар муайян кардани имконияти расидан ба ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ёрии чунин намудҳо ва чораҳои ҷавобгарӣ мебошад. Ҷанбаи дуюм – ҳангоми ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани шахси мушаххас, дар таҳлили ноил шудан ба ҳадафи адолат ва баробар будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои кирдори мазкур зоҳир мегардад, яъне ноил шудан ба ҳадафҳои вазифаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

Ҳамин тариқ, оид ба дарки моҳият ва принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти соҳавӣ баҳсҳои зиёде мавҷуданд ва онҳо ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Пеш аз ҳама, ин чунин маъно дорад, ки ҳама гуна падида вобаста ба он ки дар кадом ҳолат баррасӣ мегардад, метавонад хусусияти гуногун дошта бошад. Дар ин сурат, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳангоми аз чанд ҷиҳат баррасӣ гардидан хусусиятҳои гуногуни худро зоҳир менамояд, истисно нест.

**Адабиёт**

1. Афанасьев В.С. Обеспечение законности: вопросы теории и практики. Дисс. на соискание доктора юрид. наук. - М., 1993. – С. 10.

2. Базылев Б.Т. Юридическая ответственность (теоретические вопросы). - Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1985. - 120 с.

3. Белый И.П. Цели, функции и принципы юридической ответственности // В сборнике: Актуальные вопросы юридической науки и практики. Материалы III Межвузовской научно-практической конференции. – М., 2014. - С. 8-12.

4. Бялт В. С. Теория государства и права в схемах: Учебное пособие. – М.: Издательство Юрайт, 2021. - С. 340, 344-345.

5. Бялт В.С. Понятие и принципы юридической ответственности // В сборнике: Современное состояние и перспективы развития российского и международного законодательства. Сборник статей Международной научно-практической конференции. Ответственный редактор: Сукиасян Асатур Альбертович. – М., 2016. - С. 26-28.

6. Бялт В.С., Трипутин С.Н. Справедливость как принцип юридической ответственности // В сборнике: Преодоление правового нигилизма в современном обществе. сборник статей Международной научно-практической конференции. – М., 2017. – С. 18-20.

7. Бялт В.С., Чимаров С.Ю. Юридическая ответственность: понятие и принципы // Тенденции развития науки и образования. 2021. № 78-3. - С. 125-127.

8. Воронов С.И. Справедливость как принцип юридической ответственности // Актуальные проблемы пенитенциарной науки и практики. - 2015. - № 1 (3). - С. 8-10.

9. Геворгян К.М. Принцип целесообразности в механизме реализации юридической ответственности. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Казан. (Приволж.) федер. ун-т. - Казань, 2012. - 28 с.

10. Гуменюк Т.А. Справедливость как принцип права: законодательное установление и реализация при применении мер административной ответственности // Закон. - 2009. - № 9. - С. 69-84.

11. Здравомыслов Б. В. Понятие, предмет, задачи и принципы уголовного права. - М., 1996. - С.19.

12. Иванов А., Иванов Л.Л. Социально-правовая обусловленность требований принципа индивидуализации юридической ответственности // Закон и право. - 2005. - № 9. - С. 32-34.

13. Иванов А.А. Индивидуализация в системе принципов юридической ответственности // Журнал российского права. - 2008. - № 8 (140). - С. 72-77.

14. Иванов А.А. Принцип законности юридической ответственности. Монография. - Тольятти, 2010. - 164 с.

15. Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы. Государство и право. - 2003. - №6. - С.66-69.

16. Иванов А.А. Цели юридической ответственности, ее функции и принципы // Государство и право. - 2003. - №6. – С. 68

17. Калёнов А.А. неотвратимость как принцип юридической ответственности: условия и основания // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия: Право. - 2019. - № 1 (22). - С. 116-119.

18. Колпакова Е.Е. К вопросу о влиянии принципа законности на основания юридической ответственности публично - правовых образований // В сборнике: Юридические науки как основа формирования правовой культуры современного человека. сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции. - М. 2018. - С. 44-46.

19. Максимцева А.А. Понятие, значение и система принципов юридической ответственности // Вопросы российской юстиции. - 2022. - № 20. - С. 54-69.

20. Малаш Т.А. Принцип неотвратимости юридической ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. - М., 1996. - 158 с.

21. Малеин Н.С. Неотвратимость и индивидуализация ответственности. Сов. гос. и право. - 1982. - №11. – С. 51

22. Мироненко М.Б. Принципы юридической ответственности в системе принципов права // диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Саратов, 2001; Максимцева А.А. Понятие, значение и система принципов юридической ответственности // Вопросы российской юстиции. - 2022. - № 20. - С. 54-69.

23. Морозова Л.А. Теория государства и права. - М., 2005. - С. 253.

24. Осипов П.П. Теоретические основы построения и применения уголовно-правовых санкций. - Л., 1976. – С. 74.

25. Пугачев А.Н. Принципы юридической ответственности // Актуальные проблемы борьбы с преступлениями и иными правонарушениями. - 2013. - № 13-2. - С. 143-144.

26. Пугачев А.Н. Принципы юридической ответственности// Актуальные проблемы борьбы с преступлениями и иными правонарушениями. - 2013. - № 13-2. - С. 143-144.

27. Русских В.В. Неотвратимость как принцип юридической ответственности // Академический вестник Ростовского филиала Российской таможенной академии. - 2020. - № 2 (39). - С. 88-92.

28. Русских В.В. Справедливость как принцип юридической ответственности // Философия права. - 2019. - № 2 (89). - С. 183-187.

29. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С. 690.

30. Хачатуров Р.Л., Ягутян Р.Г. Юридическая ответственность. - Тольятти: Издание международной академии бизнеса и банковского дела, 1995. - 200 с.

31. Черданцев А.Ф. Теория государства и права: Учебник для вузов. - М., 2001. - С. 319

32. Чернявский А.Г. Принципы юридической ответственности // В сборнике: Принципы права. сборник статей по итогам круглого стола в Московском институте государственного управления и права. Сер. "Научная школа «Функции права и проблемы их реализации в правовой системе России»" Под редакцией Д.А. Пашенцева, А.Г. Чернявского. 2017. - С. 55-62.

33. Чернявский А.Г. Принципы юридической ответственности // Право и общество. - 2015. - № 3 (15). - С. 55-62.

34. Чураков А.Н. Принципы юридической ответственности: Автореф. дисс. … на соиск. канд. юрид. наук. - Волгоград, 2000. – 27 с.

35. Шавалеев М.В. О принципах юридической ответственности // Право и государство: теория и практика. - 2010. - № 6 (66). - С. 10-12.

36. Шадрин В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступлений. - М., 2000. – 230 с.

## ПРИНЦИПЫ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ

**ИБОДУЛЛОЗОДА АХЛИДДИН ИБОДУЛЛО,**
доктор исторических наук, профессор кафедры права, факультет история и права
Таджикский государственный педагогический Университет имени Садриддин Айни.
734003, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел.: (+992) 918-62-91-62; E-mail: ahliddin_holov@mail.ru
**НАЗАРЗОДА ДАВЛАТХОН КУРБОНМУРАД,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры права, факультет история и права
Таджикский государственный педагогический Университет имени Садриддин Айни.
734003, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел: (+992) 902 77 66 22; E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*Данная статья посвящена изучению принципов юридической ответственности и их классификации, при этом уделено внимание применению принципов юридической ответственности в процессе правоприменительной деятельности уполномоченных должностных лиц как необходимому условию обеспечения прав и свобод человека и гражданина.*

*Изучение вопроса, связанного с применением некоторых принципов при привлечении правонарушителей к различным видам юридической ответственности, имеет большое теоретическое и практическое значение. В теории права феномен юридической ответственности занимает одно из главных мест, так как является важнейшим звеном в системе регулирования общественных и государственных отношений, о которых говорится в данной статье.*

*Авторы проанализировали существующие подходы к пониманию принципов юридической ответственности и их классификации с точки зрения отечественных и зарубежных ученых, обобщили их мнения и представили выводы.*

***Ключевые слова:*** *Правовые принципы, юридическая ответственность, классификация, законность, справедливость, гуманность, неотвратимость, разумность, вероятность невиновности, индивидуализация, своевременность, правоприменение, полномочия.*

## PRINCIPLES OF LEGAL RESPONSIBILITY AND THEIR CLASSIFICATION

**IBODULLOZODA AHLIDDIN IBODULLO,**
Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Law, Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
734003 Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121 Rudaki ave.
Phone: (+992) 918-62-91-62. E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

**NAZARZODA DAVLATKHON QURBONMUROD,**
candidate of legal sciences, Associate Professor of the
Department of Law, Faculty of History and Law
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 902-77-66-22. E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

*This article is devoted to the study of the principles of legal responsibility and their classification, while paying attention to the application of the principles of legal responsibility in the process of law enforcement activities of authorized officials as a necessary condition for ensuring the rights and freedoms of man and citizen.*

*The study of the issue related to the application of certain principles when bringing offenders to various types of legal responsibility is of great theoretical and practical importance. In the theory of law, the phenomenon of legal responsibility occupies one of the main places, as it is the most important link in the system of regulation of social and state relations, which are discussed in this article.*

*The authors analyzed the existing approaches to understanding the principles of legal responsibility and their classification from the point of view of domestic and foreign scientists, summarized their opinions and presented conclusions.*

***Key words:*** *Legal principles, legal responsibility, classification, legality, justice, humanity, inevitability, reasonableness, probability of innocence, individualizat*

УДК 351.72

# МОЛИЯИ ОММАВӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ: ТАНЗИМИ МОЛИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

**РУСТАМЗОДА ҶУМАБЕК ЮНУС,**
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*Дар мақола масъалаи молияи оммавӣ дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ шудааст. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун модели нави фаъолияти бозорӣ иқтисодӣ равишҳои нави танзими ҳуқуқии равандҳои иқтисодиро муайян мекунад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки криптовалюта объекти комилан нави танзими ҳуқуқӣ буда, ба равишҳои куллан гуногун асос ёфтааст, ки танзими ҳуқуқиро ҳам дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва ҳам байналмилалӣ талаб мекунад. Барои он дуруст аст, ки дастгоҳи муайян карда шавад ва он танзими ягонаи ҳуқуқии криптовалютаро ба роҳ монад, зеро ноустувории қурби криптовалюта барои мақсадҳои истифодаи он дар дороии сармоягузорӣ оқибатҳои манфӣ низ дорад. Ба вуҷуд овардани режими мусоиди ҳуқуқии пайдоиш ва инкишофи технологияҳои муосир, истифодаи самараноки онҳо дар фаъолияти хоҷагӣ такмили меъёрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *криптовалюта, блокчейн, биткоин, иқтисоди рақамӣ, молия, молияи оммавӣ, субъект, функсия.*

Инсоният дар марҳалаи нави тараққиёти худ қарор дорад, ки онро инқилоби чоруми саноатӣ мешуморад [10, с.29]. Ин марҳалаи рушди инсониятро метавон давраи технологияҳои нав номид, ки аллакай ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсир расонида истодааст. Молия ба соҳаи фаъоли татбиқи ин технологияҳо табдил ёфтааст. Пул, ки асоси молия мебошад, аллакай шаклҳои моддии ифода ва хосиятҳои танзимкунандаи худро аз даст медиҳад, зеро дар иқтисодиёт воситаҳои алтернативӣ пайдо мешаванд, ки омодаанд ба ин ниҳоди анъанавӣ ҳамчун алтернативӣ амал кунанд.

Ба марҳалаи нави инқилоби саноатӣ гузаштани инсоният давлатҳоро ба амалӣ гардонидани сиёсати нав водор мекунад. Ин бесабаб нест, ки дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат**,** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022 ин масъала таъкид гардид, ки: “Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад” [6].

Мақсади татбиқи сиёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт мувофиқат намудани низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми рақобатпазири молиявӣ дар бозори ҷаҳонии рақамӣ мебошад. Зеро инқилоби нави саноатӣ ва технологияҳои наве, ки ҷорӣ карда шуда истодаанд, зарурати тағйир додани тамоми сохторҳои давлат ва ҷомеаро ба миён меорад.

Молияи оммавӣ дар шароити иқтисодиёти муосир бо суръатҳои гуногун ба иқтисодиёти рақамӣ табдил меёбад. Дар адабиёти муосир таърифҳои гуногуни ин категория - иқтисоди рақамӣ дода шудаанд. Аз ҷумла, Л.В. Лапидус онро ҳамчун маҷмӯи муносибатҳое муайян мекунад, ки дар раванди истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба технологияҳои онлайн асос ёфта, ба қонеъ кардани ниёзҳои (молҳои) ҳаёт нигаронида шудаанд [5, с.7].

Дар навбати худ, муаллифони китоби дарсии «Тиҷорати рақамӣ» дар таърифи иқтисодиёти рақамӣ - иқтисодиёте, ки асосан аз ҳисоби технологияҳои рақамӣ, бахусус транзаксияҳои электронӣ, ки бо истифода аз Интернет сурат мегирад, мефаҳманд [5, с.7].

Барои таҳқиқи илмии молияи оммавӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ моро мебояд, ки каме атрофи масъалаи истилоҳи худи "молия", "молияи оммавӣ" ва"пул" истода гузарем.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми "молия"- ро аксар вақт бо маънои пул ё ҳаммаънои он мефаҳманд. Аммо, агар молия ва пул ҳаммаъно бошанд, пас чаро барои як истилоҳ ду калимаи гуногун истифода бурда мешавад? Пас молия чӣ маъно дорад?

Дар чунин ҳолат ин масъалаи бамиёномадаро аз нигоҳи таърих дида мебароем. Дар адабиёти ҳуқуқи молиявии Федератсияи Россия қайд мешавад, ки истилоҳи «finansia» дар асрҳои XIII-XV дар Италия, аниқтараш дар шаҳрҳое, ки одамон бештар ба савдо машғул буданд, пайдо шуда, дар ибтидо маънои ҳама гуна пардохтҳои пулиро дошт [7, с.25].

Ҳамин тавр, пайдоиши ин истилоҳ давраи таърихии худро дорад ва он давраҳои муайянро паси сар намуда, то ин дам ба мо омада расидааст. Шуруъ аз асри XVII истилоҳи «finansia» (молия) эътибори байналмилалиро соҳиб гардид ва барои тамоми муносибатҳое, ки ба даромад ва хароҷоти давлат алоқамандӣ доштанд, истифода мегардад [8, с.175].

Истилоҳи номбурда пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад: муносибатҳои пулӣ байни ду субъект, яъне пул ҳамчун асоси моддии мавҷудият амал менамояд, субъектҳо дар раванди ин муносибатҳо ҳуқуқҳои гуногун доранд, дар ҷараёни ин муносибатҳо, фонди умумидавлатии маблағҳо – буҷет ташаккул меёбад, воридоти мунтазами маблағҳо ба буҷет бидуни таъмини ситонидани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои дорои хусусияти ҳатмии давлатӣ, ки тавассути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ ба даст оварда мешаванд.

Пул – ин категорияи иқтисодӣ мебошад, ки ифодакунандаи эквиваленти умумии молҳо, арзиши мол ё воситаи умумиэътирофшудаи мубодилаи молҳо аст. Ин маънои онро дорад, ки пул воситаи универсалӣ буда метавонад ба ҳама гуна маҳсулот дар бозор иваз карда шавад. Пул мубодиларо осон мекунад ва бо туфайли он ченаки ягонаи арзиш пайдо шуда, боиси кам кардани хароҷот мегардад [2, с.8]. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии пул хизмат ба сифати воситаи мубодила, яъне содда кардани мубодилаи мол байни одамон мебошад. Нақши пул дар иқтисодиёт тавассути иҷрои як қатор функсияҳои вай зоҳир мегардад, ки инҳоянд:

- ченаки арзиш;
- воситаи мубодила;
- воситаҳои пардохт;
- воситаҳои нигоҳдорӣ (захира) (андӯхт);
- пулҳои ҷаҳонӣ.

Дар замони қадим, дар асрҳои миёна ва асрҳои нав, функсияи ҷамъоварии пул дар ташаккули фондҳои калони пулӣ - сарвати шахсони алоҳидаи ашрофон, савдогарон, судхӯрон ва саррофон, соҳибони устохонаҳо ва истеҳсолоти ҳунармандӣ нақши муҳим мебозад. Гуфтан мумкин аст, ки ҷамъ шудани боигариҳои пулӣ дар дасти савдогарон, судхӯрон ва саррофон (бонкдорон) ба пайдоиши хонаҳои бонкӣ (Medici, Fugchers) сабаб шуд. Шаклҳои аввалини низоми бонкиро саррофӣ, судхӯрӣ ташкил медоданд, ки дар замони қадим савдоро пеш мебурданд. Саррофон аллакай дар Бобулистон (ҳазорсолаи III пеш аз милод), Юнони Қадим (асри IV пеш аз милод) ва баъдан дар Мисри Қадим ва Рими қадим мавҷуд буданд [2, с.8].

Дар асрҳои миёна дар Аврупо (Италия, Олмон, Голландия) муассисаҳои бонкмонанд таъсис ёфтанд, ки ба муомилоти молию пулӣ сабаб шуданд. Ин бонкҳо инҳоянд: Бонки британиявӣ барои савдои матоъ; Бонки пруссиягӣ барои савдои баҳрӣ; Хазинаи парижии баҳисобгирӣ; Бонкҳо хазинавӣ корхонаҳои савдоӣ; бонкҳои халқӣ, ипотекавӣ, косибӣ; ломбардҳо; бонкҳои амонатӣ; бонкҳои чекӣ ва дигарҳо.

Агар мо ба таърих нигарем, мебинем, ки ҳанӯз дар давраи ислоҳоти Дорои 1 намудҳои дирамҳои алоҳида ба монанди: шоҳӣ, сатрапӣ, минтақавӣ бо расми шоҳ, тангаи маҳаллии кишвари тобеи шоҳ истифода мешуданд. Тангаҳои Ҳахоманишинӣ асосан мисин ва нуқрагӣ буданд, ки дар онҳо расми шоҳ сикка зада шуда буд. Тилло бошад, ҳамчун ашё истифода мегардид.

Ҳамин тавр, инкишофи эволютсионии пулҳои ибтидоӣ, бо назардошти талаботи иқтисодии одамон ба он оварда расонид, ки оҳан ва мис ҳамчун ченаки мукаммалтари арзиши молҳо ва сипас, нуқра ва тилло ба кор бурда мешуданд, ки ин дар фаъолияти иқтисодии ҷомеа инқилобе ба амал оварда, дар муомилоти савдо ва пардохт ҷорӣ шуд.

Тартиби таҳия ва ҷойгиркунии пулҳои коғазӣ, иҷозатномаи онҳо аз ҷониби давлат ва ҷазо барои пулҳои қалбакӣ асоси қонунӣ дошт, яъне бо қоидаҳои махсусе танзим карда мешуданд, ки меъёрҳои аввалини ҳуқуқи молиявиро ташкил медоданд. Имрӯз онҳо қоидаҳои ҳуқуқи эмиссионӣ номида мешаванд ва зербахши ҳуқуқи молиявиро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, сифатҳои аълои тангаҳои нуқра ва тиллоӣ акнун на танҳо аз хосиятҳои иқтисодии онҳо, балки аз таҳримоти давлатӣ низ сарчашма мегирифтанд.

Қобили зикр аст, ки мафҳуми «молия» бо маъноҳои гуногун истифода бурда мешавад, ки таҳлили онҳо аз манфиат холӣ нест.

Ба ақидаи олимони Россия А.С. Чуева, П.М. Курдюк, И.Н. Иваненко пул воситаи ҳисоби иқтисодӣ мебошад. Мавҷудияти ҷомеаи мутараққӣ бе пул ғайриимкон аст [1, с.5].

Қайд кардан ба маврид аст, молия тамоми соҳаи муносибатҳои пулиро дар бар намегирад, танҳо он қисмеро, ки тавассути он фондҳои мақсадноки давлатӣ, воҳидҳои ҳудудии он, инчунин ташкилотҳо ва муассисаҳо ташаккул меёбанд, ба молия дахл дорад.

Аз рӯи мундариҷаи моддии худ, молия гуфта, фондҳои маблағҳои пулии давлатӣ, воҳидҳои ҳудудии он, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва дигар субъектони раванди буҷет фаҳмида мешаванд, ки барои эҳтиёҷоти ҷамъият ва тараққиёти истеҳсолот истифода бурда мешавад. Ба ибораи дигар, молия захираҳои молиявии кишвар ба шумор меравад.

Ҳамчун категорияи иқтисодӣ, молия гуфта, маҷмӯи муносибатҳои пулии иқтисодиро меноманд, ки дар рафти ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулии давлат, воҳидҳои ҳудудии он, инчунин корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, барои таъмини васеи такрористеҳсолӣ, амнияти кишвар ва дар маҷмӯъ барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ равона шудааст.

Ба маънои ҳуқуқӣ истилоҳи молия муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ фаҳмида мешавад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулоса омадан мумкин аст, ки истилоҳи молия ду гуруҳи муносибатҳоро дар бар мегирад,

1. Муносибатҳои молиявие, ки оид бо таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии маблағҳои марказонидашудаи пулӣ дар алоқаи зич қарор доранд (буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои фондҳои мақсадноки давлатӣ, буҷетҳои маҳаллӣ).

2) Муносибатҳои молиявие, ки бо ташаккул, ва истифодабарии маблағҳои ғайрибуҷетӣ яъне маблағҳое, ки дар ихтиёри ташкилотҳо қарор дошта, аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда нашуда, аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо ташаккул ёфтаанд, мебошад.

Бояд қайд кард, ки шарҳи дурусти моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии мафҳуми "молия" дар навиштаи яке аз машҳуртарин намояндагони мактаби пешазреволютсионии ҳуқуқи молиявии Россия В.А. Лебедев омадааст. Тибқи он молия на танҳо даромади омма ё фондҳои пулӣ, балки тамоми маблағҳои моддию шахсиро, ки давлат ва мақомоти он барои қонеъ кардани ниёзҳои ҷомеа дар ихтиёр доранд, ифода мекунад [2, с.11].

Аксарияти муаллифон бар он ақидаанд, ки мафҳуми «молия» дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ аксар вақт маҳз ҳамчун категорияи иқтисодӣ тафсир карда мешавад. Тибқи ақидаи олими Россия, Е.Н. Кондрат молия барои давлат пеш аз ҳама захираҳои моддӣ ва пулӣ мебошад, ки ба шарофати он буҷети давлатӣ ташаккул меёбад.

Олими дигари Россия, профессор Е.Ю. Грачёва мафҳуми молияро бо муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодӣ алоқаманд менамояд. Ба ақидаи ӯ онҳо воситаи иқтисодии тақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ мебошанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки раванди ташаккул ва ҳамчунин раванди тақсим ва истифодаи маблағҳои буҷетӣ, аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, “молия” ин истилоҳи иқтисодӣ буда, муносибатҳоро оид ба таҳия, ташаккул, тақсимот ва истифодабарии фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ дар бар мегирад, ки ин муносибатҳо дар як вақт бо қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ ба танзим дароварда мешаванд [8, с.176].

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, мафҳуми молияи давлатӣ оварда шудааст, ки мувофиқи он “молияи давлатӣ маҷмӯи муносибатҳои пулӣ вобаста ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои ҷамъшудаи воситаҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида истифода бурда мешаванд”, мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки моҳияти молия дар функсияҳои он зоҳир мешавад.

Ба ақидаи профессор Н.И. Химичева, функсияҳои асосӣ ва муайян кардани молия ин тақсимот ва назорат мебошад. Ҳамин тавр, тавассути молия тақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ, инчунин назорати истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ба миён меояд [9, с.21].

Ю.А. Крохина қайд мекунад, ки нақши молия дар он ифода меёбад, ки имконниятҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амалӣ намудани назорат аз болои ин муносибатҳо ба миён меояд [3, с.18]. Пас, тавассути истифодаи молияи давлат танзимкунии иқтисодиёт, таъсироти иҷтимоӣ ва равандҳои сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи танзимгар дар алоқа бо дахолати давлат тавассути молия (хароҷоти давлатӣ, андоз, қарзи давлатӣ) дар ҷараёни такрористеҳсолкунӣ қарор дорад. Бо мақсади танзими иқтисодӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ банақшагирии молиявӣ ва буҷетӣ истифода бурда мешавад. Нақши танзимкунандаи молия аз тарафи давлат дар ташкил намудани шароити муътадили иқтисодӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад [7].

Шаклҳои танзими давлатӣ гуногунанд ва аз омилҳои зерин вобастаанд: сатҳи рушди истеҳсолот, муносибатҳо дар ҷомеа, суботи сиёсии он, эҳтиёҷот ба маблағҳо, андозаи қарзи давлат, дараҷаи риояи қонунҳои молиявӣ ва ғайра.

Дигар функсияи молия ин назорат мебошад. Ин функсия имкон медиҳад, ки мунтазам назорати маблағҳои пулӣ ҳангоми тақсим ва истифодабарӣ ба роҳ монда шавад. Яке аз вазифаҳои муҳими назорати молиявӣ санҷиш ва тафтиши дақиқии қонунгузорӣ дар бораи молияи давлатӣ, саривақтӣ ва пурра татбиқ гардидани уҳдадориҳои молиявӣ дар низоми буҷетӣ, андоз, бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию қарзӣ, инчунин уҳдадориҳои мутақобилаи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо барои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтҳо мебошад.

Функсияи назоратӣ дар низоми молиявии оммавӣ яке аз мавқеи асосиро ишғол намуда, дар фаъолияти мақомоти молиявии давлатӣ зоҳир мешавад. Натиҷаҳои татбиқи амалии молия дар шакли танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва назорат аз болои онҳо дар татбиқ намудани сиёсати молиявии давлат зоҳир мешавад.

Ҳамин тавр, дар низоми молиявии оммавӣ чор функсияи асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки инҳоянд:

1) функсияи танзимкунӣ;
2) функсияи тақсимкунӣ;
3) функсияи назоратӣ;
4) функсияи ахборотӣ.

Ҳар яке аз ин функсияҳо дар низоми молиявии оммавӣ мавқеи хосаи худро ишғол менамояд. Бо дарназардошти таҳлили функсияҳо ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки молия ва пул унсурҳои гуногуни иқтисодиёт мебошанд. Агар пул ҳамчун воситаи пардохт ва гардиш амал кунад, пас молия функсияҳои тақсимот ва назоратро иҷро мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки хусусияти муҳимтарини фарққунандаи муносибатҳои молиявӣ, ин иштироки ҳатмии давлат дар онҳо мебошад. Намудҳои дигари муносибатҳои пулӣ аз доираи муносибатҳои молиявӣ берун баромада, аз ҷониби дигар соҳаҳои ҳуқуқ танзим карда мешаванд [3, с.19].

Ҳамин тариқ, ҳамаи муносибатҳои молиявӣ муносибатҳои пулӣ буда, аммо на ҳамаи муносибатҳои пулӣ муносибатҳои молиявӣ мебошанд. Масалан, муносибатҳои хариду фурӯш муносибаҳои пулӣ мебошанд, вале на молиявӣ, зеро онҳо дар марҳилаи тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ ба миён намеоянд.

Муносибатҳо оид ба музди меҳнат муносибатҳои пулӣ мебошанд, аммо дар фарқият аз муносибатҳои молиявӣ эквивалентӣ мебошанд. Ин аз он сабаб аст, ки музди меҳнати корманд ва ба ин маъно табиати ҷубронӣ дорад.

Фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда аз ҷониби корхона ба доираи соҳаи молия дохил карда намешавад, ин муносибатҳо хусусияти ҳуқуқи гражданиро доранд, аммо, пардохти андозҳо, ки объектҳояшон дар натиҷаи амалиёти корхона, яъне хариду фурӯш ба анҷом мерасад, ба муносибатҳои молиявӣ дохил карда мешаванд [2, с.9].

Қайд кардан зарур аст, ки то имрӯз дар байни олимони ватанию хориҷӣ оид ба таърифи молияи оммавӣ хамчун категорияи иқтисодию ҳуқуқӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Бинобар ин, бевосита гуфтан лозим аст, ки молияи оммавӣ на танҳо ҳамчун падидаи иқтисодӣ, балки ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ низ ташаккул ёфта, амал мекунанд.

Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, хусусан рушди технологияҳои нави молиявӣ – хизматрасониҳо ва воситаи электронии пардохтҳои зерини молиявӣ амалӣ карда истодаанд:

- воситаи электронии пардохтҳо ва интиқолҳо: хизматрасонии пардохтҳои онлайнӣ, хизматрасонии интиқоли онлайнӣ, мубодилаи асъори, кассаҳою терминалҳои смартӣ, хизматрасонии пардохтҳои оммавӣ;

- маблағгузорӣ: қарздиҳии истеъмолӣ, қарздиҳии тиҷоратӣ;

-идоракунии пул: робот-маслиҳатдиҳанда, барномаҳои банақшагирии молиявӣ, савдои иҷтимоӣ, савдои алгоритмии саҳҳомӣ, хизматрасонии мақсадноки пасандозҳо ва ғайра.

Масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ, ташаккул ва рушди объектҳои он дар заминаи блокчейни оммавии чунин криптовалютҳо ба монанди Биткоин (Bitcoin), Лайткоин (Litecoin), Эфириум (Litecoin) ва ғайра зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба истифодаи онҳоро ба вучуд овардааст. Гуфтан ба маврид аст, ки дар бораи табиати ҳуқуқии криптовалютҳо баҳсҳои хеле ҷиддие дар байни олимону муҳақиқон вуҷуд дорад, дар ҳоле ки яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин ин тахассусии криптовалютаҳо ҳамчун объекти хуқуқи маъданӣ мебошад, ки барои танзими ҳуқуқии амалиёт шароит фароҳам меорад. Дар айни замон, аксари кишварҳо кӯшиш мекунанд, ки вазъи криптовалютҳоро муайян кунанд ва танзими ҳуқуқиеро, ки ба манфиатҳои давлат ва тиҷорат мувофиқат мекунанд, ҷорӣ кунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки криптовалюта (cryptocurrency) ба мафҳуми пули электронӣ дохил намешавад, зеро он механизми пайдоиши дигар дорад, яъне барориши он тавассути эмиссияи ғайримарказонидашуда сурат мегирад, барои интиқоли он аз як субъект ба субъекти дигар миёнарав лозим нест.

Пулҳои электронӣ дар суратҳисоби махсуси виртуалӣ («ҳамён электронӣ») ба ҳисоб гирифта мешаванд. Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 феврали соли 2017, №1397 маблағҳои электронӣ - маблағҳо бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки қаблан аз ҷониби шахси воқеӣ ба таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ пешниҳод шудаанд ва аз ҷониби таҳвилгари хизматрасониҳои пардохтӣ иттилоот оид ба андозаи пулҳои бе кушодани суратҳисоби бонкӣ додашуда барои иҷрои уҳдадориҳои пулии шахси воқеӣ дар назди шахсони сеюм ба ҳисоб гирифта мешавад, мебошад [4].

Ба андешаи мо зери мафҳуми «криптовалюта» пули рақамӣ (виртуалӣ) фаҳмидан мумкин аст, ки сохтан ва назорати он ба усулҳои криптографӣ (алгоритмҳои математикӣ) асос ёфта, нисбат ба он ғайримарказикунонии пурра муқаррар карда мешавад (набудани кафолати (тасдиқи) дурустии амалиёти система, аз ҷумла имконнопазирии таъсир расонидан ба муомилоти иштирокчиёни система).

Ҳамин тариқ, криптовалюта як объекти комилан нави танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки ба равишҳои куллан гуногун асос ёфта, танзими ҳуқуқиро ҳам дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва ҳам байналмилалӣ талаб мекунад. Ба андешаи мо бояд дастгоҳе муайян карда шавад, ки он танзими ягонаи ҳуқуқии криптовалютаро ба роҳ монад, зеро ноустувории қурби криптовалюта барои мақсадҳои истифодаи он дар дороии сармоягузорӣ оқибатҳои манфӣ низ дорад. Барои мақсадҳои ҷамъоварӣ, ҳамчун воҳиди андозагирӣ ва тавлиди даромад, бо криптовалютаҳои кунунӣ дар шакли ба даст овардани даромади фоизӣ мушкилоти муайяне вуҷуд дорад, зеро дар айни замон даромаднокии як криптовалюта ба афзоиши тахминӣ ё камшавии арзишро ба миён меорад.

**Адабиёт**

1. Власов А.В. Деньги. Кредит. Банки: учебное пособие. Ростов н/Д: Феникс, 2013. С. 4-30.

2. Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Душанбе.: Матбааи АИДПҶТ, 2022. – 352 с.

3. Крохина Ю.А. Финансовое право России: учебник. 3-е изд., перераб. и доп. М.: Норма, 2008. С. 18.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» аз 24 феврали соли 2017, №1397.

5. Лапидус Л.В. Цифровая экономика: управление электронным бизнесом и электронной коммерцией: Монография. М.: ИНФРА-М, 2018. С. 7.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 16.01.2023).

7. Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография & под. ред. Е. Ю. Грачевой. — Москва : Проспект, 2021. — 235 с.

8. Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявӣ – ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ». – Душанбе, 2022. – № 1 (55) С. 166-174.

9. Финансовое право: учебник / отв. ред. Н.И. Химичева. 5-е изд., перерб. и доп. М.: Норма: ИНФРА-М, 2012. С. 23.

10. Шваб К., Дэвис Н. Технологии Четвертой промышленной революции / Пер. с англ. М.: Эксмо, 2018 (Top Business Awards). С. 29.

# ПУБЛИЧНЫЕ ФИНАНСЫ ГОСУДАРСТВА В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ: ФИНАНСОВ – ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ

**РУСТАМЗОДА ДЖУМАБЕК ЮНУС,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры
административного права и государственной службы
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*В статье рассматриваются публичные финансы государства в условиях развития цифровой экономики. Цифровая экономика как новая модель функционирования рыночной экономики предопределяет новые подходы в правовом регулировании экономических процессов. Автор приходит к выводам, что криптовалюта является абсолютно новым объектом правового регулирования, основанная на принципиально иных подходах, которые требуют отличного правового регулирования как на уровне национального, так и на уровне международного законодательства. Для чего справедливо потребуется определить понятийный аппарат, предусмотреть различное правовое регулирование в зависимости от выполняемой криптовалютой функции, например, нестабильность курса криптовалют несет в себе негативные последствия для целей ее использования в инвестиционном активе. Создание благоприятного правового режима для возникновения и развития современных технологий, их эффективного использования в экономической деятельности требует совершенствования правовых норм.*

***Ключевые слова:*** *криптовалюты, блокчейн, биткойн, цифровая экономика, финансы, публичные финансы, субъект, функция.*

# PUBLIC FINANCE OF THE STATE IN THE CONDITIONS OF THE DEVELOPMENT OF THE DIGITAL ECONOMY: FINANCE - LEGAL REGULATION

**RUSTAMZODA JUMABEK YUNUS,**
candidate of legal sciences, associate Professor of the
Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
Тел.: (+992) 939-27-10-10. E-mail: sirochiddin.rustamov@mail.ru

*The article deals with the public finances of the state in the context of the development of the digital economy. The digital economy as a new model for the functioning of a market economy predetermines new approaches to the legal regulation of economic processes. The author comes to the conclusion that cryptocurrency is a completely new object of legal regulation, based on fundamentally different approaches that require excellent legal regulation both at the level of national and international legislation. For which it is right to define the conceptual apparatus, provide for different legal regulation depending on the function performed by the cryptocurrency, for example, the instability of the cryptocurrency exchange rate has negative consequences for the purposes of its use in an investment asset. Creating a favorable legal regime for the emergence and development of modern technologies, their effective use in economic activity requires the improvement of legal norms.*

***Key words:*** *cryptocurrencies, blockchain, bitcoin, digital economy, finance, public finance, subject, function.*

УДК.342 (575.3)

# ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**АМИНОВ МУҲАММАДҶОН МАҲМАДРИЗОЕВИЧ,**
дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, мушкилотҳои ҳуқуқии амалигардонии хизмати давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон дар мақола, ташкили хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва алоқамандии он ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Дар мақола раванди ташаккули хизмати давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа таҳлил гардидааст. Нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дастовардҳои соҳа таҳлил гардидааст. Дар маҷмӯъ мушкилот ва рушди хизмати давлатӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо****: хизмати давлатӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, идоракунии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идораи давлатӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, замони муосир, давраҳои рушд, хизмати давлатӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ соҳибистиқлол дар вазъи мураккаби сиёсӣ ва шароити басо ногувори таърихӣ чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои барпо намудани кишвари демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ қадамҳои мустаҳкам гузошта, барои таҳкими низоми идоракунии давлат дар самти инкишофи ҷомеа заминаи воқеӣ фароҳам овард. Хусусан дар ин даврон яке аз соҳаҳои басо муҳими ҷомеа хизмати давлатӣ рӯ ба рушд намуда, дар ин самт рушди низоми нави сиёсӣ, пешравии иқтисоди миллӣ, ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, алоқаи ногусастани пайдо намуд.

Дар раванди идоракунии давлатӣ яке аз самтҳои асосии амалигардонандаи ҳокимияти давлатӣ, ки дар як вақт самти серпаҳлӯ ва фарох дониста мешавад, ин хизмати давлатӣ мебошад. Дар адабиёти илмӣ хизмати давлатӣ – ҳамчун намуди фаъолияти меҳнатӣ, ки дар асоси касбӣ аз тарафи кормандони мақомоти давлатӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва баамалбарории функсияи давлат амалӣ мегардад, муайян карда шудааст.

Дар ин баҳодиҳӣ оид ба муайян кардани мазмуни хизмати давлатӣ, вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва функсияи давлат, ки дар симои мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ ифода меёбанд, аз як тараф, ва фаъолияти меҳнатӣ оид ба баамалбарории функсияҳои давлат ва ҳалли вазифаҳои мушаххаси мақомоти давлатӣ аз тарафи дигар, фарқ карда мешаванд.

Хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон решаҳои амиқи таърихӣ дошта, давраҳои таназзулу эҳёро борҳо пушти сар намудааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки мақоми хизмати давлатиро дар замони Шуравӣ қонуни махсус танзим накарда, вазифаи ин қисми дастгоҳи давлатиро шуроҳои сатҳи гуногун ва мақомотҳои ҳизбӣ иҷро менамуданд. Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ин усули идоракунӣ нисбатан дигар гардида бошад ҳам аммо ҷавобгӯ ба талаботи замон нашуд.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, қабули Конститутсия, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҳаёти кишварро маҷрои ислоҳоти ҳуқуқиву идорӣ фаро гирифта, мукаммалсозии сохтори давлатӣ ва такмили тартиботи ҳуқуқӣ имконияти дигаргунсозию пешрафти дигар соҳаҳоро ба миён овард. Пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 хизмати давлатӣ ҳамчун институти мустақили маъмурӣ ба заминаи ҳуқуқӣ соҳиб гардида, иштироки бевоситаи шаҳрвандони ҶТ дар идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи баробар доштани онҳоро ба хизмати давлатӣ тибқи меъёри Конститутсия мустаҳкам гардонид.

Бо мақсади рушду такомул ва ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хизмати давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон (Агентии хизмати давлатӣ) таъсис ёфт, ки воқеан ҳам институти нав дар низоми давлатдории навинамон мебошад. Баъд аз он бо Фармони Президент 7 феврали соли 2001 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Аммо барои рушди минбаъдаи соҳаи хизмати давлатӣ, ташаккули ҷавҳари кадрии ин соҳаи муҳим зарур буд. Дар навбати худ, ташкили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ маҳаки асосии рушди захираҳои инсонии хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина ба такмилу таҳкими давлату давлатдории навини миллӣ мусоидат мекард[5:23].

Вобаста ба зарурати ба миён омадаи таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо дарки масъулияти баланди рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодӣ ва давлату давлатдории миллӣ барои ба роҳмонии таҳсили хизматчиёни давлатӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] аз 9 октябри соли 2002 дар назди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон(Агентии хизмати давлатӣ) Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003 Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун заминаи асосии амалисозии ин шакли фаъолият қабул гардид.

Дар ин замина бо мақсади танзими дурусти соҳа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав 5 марти соли 2007 қабул гардид, ки заминаи воқеии ислоҳоти хизмати давлатиро муҳайё кард. Санади меъёрӣ-ҳуқуқии мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намуд.

Афзалияти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар он аст, ки он дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил дода шудааст.

Дар робита ба ин бо таҷдиди сохтори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати баланд бардоштани нақши мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва бо мақсади ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ[1:19], таъмини банақшагирии стратегӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат, рушди хизмати давлатии касбӣ тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки ин ҳам яке аз нишонаҳои таваҷҷуҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми хизмати давлатӣ мебошад.

Бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” доираи талаботи меъёрҳои қонуни мазкур ба мақомотҳои зерини давлатӣ татбиқ мегардад.

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он ;
- дастгоҳҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи он ;
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ);
- дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);
- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, баробар карда мешаванд, ки номгӯи мансабҳои онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд[6]. Бо назардошти талаботи меъёри мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба хизмати давлатӣ шомил гардида, меъёрҳои санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳа ба он татбиқ мегардад. Зимнан мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз сохторҳои асоси дар низоми идоракунии давлатӣ баҳри амалигардонии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунанд. Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мебошанд, ки аз тарафи интихобкунандагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия интихоб шуда, дар доираи ваколати худ масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ҳал мекунанд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – мақомоте мебошад, ки дар ҳудуди воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд.

Бо инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурият ба миён меояд, ки муқаррароти қонунгузорӣ такмил дода шуда, ба талаботи ҷомеъа мувофиқ гардонида шавад[3:123]. Ҳамин аст, ки солҳои охир вобаста ба такмил ва рушди низоми давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яккатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" аз 17 май соли 2004, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Вилояти Мухтори Кӯҳистони БадахшОн" аз зумраи онҳо мебошад[7].

Мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ бахри иҷрои саривақтии фунсияҳои худ, санадҳои меъёри ҳуқуқи худро қабул менамояд, ки дар қаламрави воҳиди дахлдори марзию маъмурӣ ҳатмӣ буда, иҷроиш он ҳатми мебошад.[2:123]

Хизмати давлатӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар давраи рушд қарор дошта, зинаҳои такомули худро амали намуда истодааст.

Хулоса, хизмати давлатӣ дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо назардошти санадҳои меъёри -ҳуқуқӣ такмил ёфта, барои дар сатҳи зарури амали гардидани фаъолияти мақомотҳои дахлдорӣ низоми идоракунии давлатӣ таъсири мусбӣ расонида, барои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ таъсиррасон мебошад.

**Адабиёт**


1. Алиев З. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Давлат ва Ҳуқуқ. Душанбе 2007, №1
2. Ашӯрбой И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2007. С.334
3. Витрук Н.В. Проблемы свободы и прав человека в современной идеологической борьбе. - М., 1986. - С. 55-66
4. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. Душанбе - 2013. С.148.
5. Диноршоев А.М. Правовое регулирование разделения властей в Республики Таджикистан по Конституции 1994 года. // Государство и право. - 2005. - № 4. - С. 9.
6. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: Оли Сомон, 1997. - С. 379
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав, №233 аз 5 марти соли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3.
8. Қонуни конститутсионии Ҷумурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5.


## ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ В МЕСТНЫХ ИСПОЛНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНАХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ


**АМИНОВ МУХАМАДЖОН МАХМАДРИЗОЕВИЧ,**
доцент кафедры государственного управления и экономического права
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Насира, 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru



*В данной статье научному анализу подлежат правовые проблемы осуществления государственной службы в местных исполнительных органах государственной власти. При этом в статье научному рассмотрению подлежат организация государственной службы в Республике Таджикистан и ее отношение к местным исполнительным органам государственной власти.*

*В статье анализируется процесс становления государственной службы в местных исполнительных органах государственной власти и нормативно-правовые акты отрасли. Изучена роль местных исполнительных органов государственной власти в осуществлении государственной власти, проанализированы достижения отрасли. В целом проблемы и развитие государственной службы в органах местного самоуправления подвергнуты научному анализу.*



***Ключевые слова:*** *государственная служба, правовые основы, местное управление, органы местного самоуправления, государственное управление, правовые нормы,*

*современность, периоды развития, государственная служба в органах местного самоуправления, экономические и социальные предпосылки.*

## CIVIL SERVICE IN LOCAL EXECUTIVE BODIES OF STATE POWER

**AMINOV MUHAMADZHON MAHMADRIZOEVICH,**
Docent of the Department of Public Administration and Economic Law
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 Said Nosir str.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*In this article, the legal problems of the implementation of public service in local executive bodies of state power are subject to scientific analysis. At the same time, in the article, the organization of public service in the Republic of Tajikistan and its relation to the local executive bodies of state power are subject to scientific consideration.*

*The article analyzes the process of formation of public service in local executive bodies of state power and normative-legal acts of the field. The role of local executive bodies of state power in the implementation of state power has been studied, and the achievements of the sector have been analyzed. In general, the problems and development of the public service in local government bodies have been subjected to scientific analysis.*

***Key words:*** *public service, legal foundations, local administration, local government bodies, public administration, legal norms, modern times, development periods, civil service in local government bodies, economic and social background.*

УДК: 347

# НАҚШИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР АМАЛӢ ГАРДОНДАНИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНД БА МУСОФИРАТ ВА ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛӢ ЗИСТ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои нақши мақомоти давлатӣ дар амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират интихоби озоди маҳаллӣ зист таҳлил гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст. Чи хеле ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш интихоби озоди маҳалли зистро, кафолат медиҳад. Дар амалӣ гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон нақши судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва суди конститутсионии ҷумҳурӣ калон аст. Конститутсия ҳокимияти судиро ваколатдор менамояд, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолатро ҳифз намояд. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз аввалин вазифаҳои судро дар ҷумҳурӣ ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд мешуморад. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионӣ ба мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис ёфтааст. Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумхурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои мақомоти прокуратура муқаррар карда шудааст. Инчунин шахс метавонад барои ҳифзи ҳуқуқу озодии худ ба мақомоти ғайрисудӣ, ба шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва матбуот муроҷиат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомот, давлат, ҳуқуқ, конститутсия, маҳал, мусофират, ҷой, зист, масъала, озодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Бо назардошти роҳи таърихии пайдоиш ва эълони ин ҳуқуқ ба озодии ҳаракат чунин санади конститутсионию ҳуқуқии дорои аҳамияти байналмилалиро, ба монанди Хартияи Бузург аз соли 1215, ки тибқи он «ҳамаи тоҷирон ба ҳуқуқи озодии даромадан, баромадан ва дар Англия монданро дар назар доранд»[13].

Мансубияти гурӯҳӣ ба ҳуқуқи озодии ҳаракат, интихоби ҷои будубош ва иқомат, рафтан ва дохил шудан ба давлати шаҳрвандӣ ба назар гирифта мешавад, ки аз рӯи ҳар як ҷиҳат ба ҳуқуқҳои шахсӣ ё шаҳрвандӣ дахл дорад. озодихо, яъне. ваколатхои аз тарафи фард интихоб намудани доираи истиқлолияти худ башумор меравад[12,196-197].

Чи тавре, ки, Н.С. Вавилов қайд мекунад, ки мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ дар якҷояги бо институтҳои ҷамъиятӣ барои муҳайё кардани шароит барои иштироки самарабахши шаҳрвандон дар корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ нақши муасиро иҷро мекунанд[2,152-154].

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба таъмини ҳуқуқи шаҳрванд ба мусофират мақомотҳои давлатӣ бояд ваколатҳои зеринро иҷро намоянд:

1). дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои вобаста ба масъалаҳои мусофиратро ҳамоҳанг созанд;

2). ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ барои анҷом додани ин ё он навъи фаъолият, иҷозати дахлдор диҳанд;

3). равандҳои мусофиратро дар кишвар таҳлил ва пешгуӣ намуда, ба шаҳрвандон иттилоъ диҳанд;

4). квотаҳои мусофирати хориҷиро муаян ва пешниҳод манзур менамояд;

5). дар доираи квотаҳои тасдиқгардида кучонидан, қабул ва ҷобаҷокунии мусофиронро ташкил мекунад;

6). дархости хаттии шахсеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши дарёфти доими ва ё мувақати истиқоматро доранд, қабул мекунад ва асноди заруриро ба расмият медарорад;

7) бақайдгирии мусофирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ва бозгашт ба ҷумҳуриро амалӣ менамояд;

8) мусофирони ғайриқонуниро пешгирӣ менамояд, дар ҳолати ошкор намудани вайронкунии қоидаҳои истиқомат аз ҷониби мусофирон барои ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашидани онҳо мавод таҳия мекунад;

Бояд хотирнишон намуд, ки давлат мусоидат менамояд, ки мусофирон – яъне шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври муташаккилона ва бо розигии онҳо танҳо ба он кишварҳое фиристодашаванд, ки дар он ҷо ҳуқуқҳояшон ҳифз карда мешаванд.

Дар ҳамин росто қайд намудан зарур аст, ки кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои мусофирон дар хориҷа барои давлат ҳолатҳои зеринро ба вуҷуд меорад:

-дар давлати ҷоий дошта мавҷуд будани қонунгузории иҷтимоии ҳуқуқҳои мусофиронро ҳифзкунанда;

-мавҷуд будани шартномаҳои дутарафа ё бисёртарафаи давлати бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои мусофирон дар хориҷа;

-қабули тадбирҳои амалии мусбӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои мусофирон аз тарафи давлати будубош.

Аксари олимони ҷомеашинос ва демографҳо се шакли ҳаракати аҳолиро тазаккур медиҳанд:

- иҷтимоӣ;
- тиббӣ;
- муҳоҷиратӣ (мусофират).

Бояд қайд намуд, ки зери истилоҳи саёҳат, сафар, мусофират ё сайр— ҳаракат дар ҳама гуна қаламрав ё минтақаи обӣ бо мақсади омӯзиши онҳо, инчунин бо мақсадҳои таълимию маърифатӣ, варзишӣ ва ғайра мебошад. То асри XIX саёҳат яке аз сарчашмаҳои асосии иттилоот дар бораи баъзе кишварҳо (табиат, аҳолӣ, таърих, иқтисодиёти онҳо), табиати умумӣ ва шакли сатҳи замин буд.

Ба гуфтаи Р.В. Комбарова, шаҳрванд ба озодии ҳаракат ҳуқуқ дорад. Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат мураккаб ба ҳисоб рафта, он ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқҳои зерин фаҳмада мешавад:

- ҳуқуқи озоди ҳаракат дар дохили давлат;
- ҳуқуқи интихоби ҷои зист дар ҳудуди давлат;
- ҳуқуқи тарк кардани ҳудуди давлат ва бе мамониат баргаштан ба он[11,189-193].

Ҳамин аст, ки мақомоти давлатӣ бо он мақсад ташкил карда шудааст, ки вай тараққиёти тадриҷии ҷомеаро дар шароити навсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд»[6,9]. Ин падидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида ифодагари иродаи давлат ва халқи он ба шумор рафта, дар ҳаёт ҳамчун ҳаракати ҷавобӣ ба талаботи

иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ баромад мекунад, ки он таҷассумкунандаи мақсадҳои нисбатан беҳтар ва босифаттар ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад.

Чи хеле ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Зеро «омӯзиши рӯзгори давлатҳои пешин ва зинаҳои инкишофи илм далолат ба он мекунад, ки қабули унсурҳои пешқадами тамаддун, хоҳ таърихӣ бошад ва хоҳ замонавӣ, дар ҳадду ҳудуди муайян бояд аз дарвозаи илм вориди ҷамъияти ислоҳпарвар гардад, дар акси ҳол оқибатҳои вазнину нанговарро барои миллат ва халқият пеш хоҳад овард»[15,41].

Дар амалӣ гаштани ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон нақши судҳои умумӣ, судҳои иқтисодӣ ва суди конститутсионии ҷумҳурӣ калон аст. Конститутсия ҳокимияти судиро ваколатдор менамояд, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассиса, қонунияту адолатро ҳифз намояд.

Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз аввалин вазифаҳои судро дар ҷумҳурӣ ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд мешуморад. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди конститутсионӣ ба мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ, ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис ёфтааст. Ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тибқи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумхурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои мақомоти прокуратура муқаррар карда шудааст. Инчунин шахс метавонад барои ҳифзи ҳуқуқу озодии худ ба мақомоти ғайрисудӣ, ба шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва матбуот муроҷиат намояд.

Барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ дар таҷрибаи давлатҳо ташкили ниҳоди давлатию ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи инсон муқаррар шудааст. Яке аз ин гуна ниҳод Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (Омбудсмен) мебошад.

Қонун «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 муайян кард, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ мустақил буда, ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат) ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад. Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон воситаҳои мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пурра намуда, салоҳияти мақомоти давлатиро, ки ҳуқуқу озодиҳои вайроншударо барқарор менамоянд, бекор ва тағйир намедиҳад.

Вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд; такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он; ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳангоми гирифтани маълумот оид ба вайронкунии оммавӣ ва ҷиддии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ё дар ҳолатҳои аҳамияти махсуси

ҷамъиятӣ доштани ин амалҳо ё марбут ба зарурати ҳифзи манфиатҳои шахсоне, ки қобилияти мустақилонаи истифодаи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи худро надоранд, ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ дар доираи салоҳияташ санҷишҳо гузаронад.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд, риоя ва ҳимояи онҳо вазифаи давлат ва худидоракунии маҳаллӣ мебошад.

Тайи солҳое, ки пас аз қабули нахустин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.1994) сипарӣ гардиданд, ғояҳои конститутсионӣ дар меъёрҳои қонунгузориҳои соҳавӣ хеле тақвият ёфтанд ва дорои қобилияти ҳаётӣ будани худро собит намуданд. Дар натиҷа сохти комилан пурра ва муназзами татбиқи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои конститутсионӣ ба шакл дароварда шуд, ки он аз ҷузъиёти зерин иборат аст:

1) моҳият ва шартҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
2) субъектҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
3) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
4) ҳифзи қонунии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
5) воситаҳои фаъолона амалӣ гардонидани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо;
6) воситаҳое, ки таъминкунандаи дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳоро дар амал таъмин менамоянд.
7) марҳилаи мурофиавии дар амал татбиқ намудани ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳо.

Дар таҷрибаи татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодӣ ва уҳдадориҳо усулҳои зиёде оид ба таҷассуми имкониятҳои потенсиалӣ маълуманд. Теъдоди умумии чунин усулҳои имконпазир амалан номаҳдуд аст. Масалан, қонеъ гардонидани талаботи маънавии шахсият ҳангоми татбиқи моддаи 24-ум конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад кафолат дода мешавад, амалӣ мегардад[1].

Ҳуқуқ ба мусофират аз ҷумлаи ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб рафта, ин муайян намоии маҳалли будубоши хешро чӣ ба таври доимӣ ё муваққатӣ дар дохил ё хориҷӣ кишвар фаҳмидан мумкин аст.

Ҳуқуқи ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зистро ба ду мазмун фаҳмидан мумкин аст:

- ✓ Интихоби озоди маҳаллӣ зисти дохилӣ (яъне дар ҳудуди давлатӣ худ аз як вилоят ба вилояти дигар, аз як шахр ба шаҳрӣ дигар, аз як ноҳия ба ноҳияи дигар, аз як ҷамоат ба ҷамоати, дигар аз як деҳа ба деҳаи дигар);
- ✓ Интихоби озоди маҳаллӣ зисти хориҷӣ (яъне аз як давлат ба давлати дигар).

Ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохили давлат аз тарафи мақомоти давлатӣ ва аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа ба воситаи намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Тоҷикистон ҳимоя карда мешаванд [8,127].

Рушд ва таҳкими давлатдории ҳуқуқӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бидуни эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои байналмилалии инсон, ки дар сатҳи меъёрҳои эътирофшудаи байналмиллалӣ ва конститутсионӣ ифода ёфтаанд, ғайриимкон аст. Яке аз ин меъёрҳои маъмулӣ ҳуқуқи озодона мусофират, интихоби озоди маҳали зист, мебошад.

Чи тавре, ки муҳақиқи рус Ибрагимова Л.Р, қайд намудааст фаъолияти механизми давлатии ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат, баромадан ва дохил шудан ба давлат низоми ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи фаъолияти қонунии давлат мебошад [9,28].

Бояд қайд намуд, ки иштироки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар таъмини ҳуқуқи конститутсионӣ ба озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат, баромадан ва дохил шудан ба давлат маҷмӯи меъёрҳои дахлдори, ташкилию ҳуқуқӣ, фардию ҳуқуқӣ ва моддию молиявӣ мебошад, чораҳо, воситаҳо ва шароитҳое, ки таҳти назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба амалӣ намудани қонунии он аз ҷониби шаҳрванд дар ҳудуди муаян нигаронида шудаанд.

Дар ин росто А. Курманов, қайд мекунад, ки озодии ҳаракат, интихоби ҷои зист мувофиқи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофшуда, ҳуқуқи ҳар як шахс мебошад[10,117-125]. Ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва интихоби озоди маҳалли зист ба таври универсалӣ ва дар санадҳои асосие, ки онро ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф кардааст ва дар ҳама санадҳои ҳуқуқии байналмилалии бунёдӣ оид ба ҳуқуқи инсон муқаррар шудааст.

Ба андешаи Герасимов, П.Ю, мафҳуми ҷойи зист дар амалияи ҷаҳонии танзими ҳуқуқии озодии ҳаракат ва интихоби ҷойи истиқомат ба таври умум қабул карда нашудааст. Дар қонунгузории Русия ин мафҳум ва низоми бақайдгирии марбут ба он дар ибтидои солҳои 90-ум бо сабаби зарурати аз байн бурдани институти маҳалли зист, ки дар ИҶШС вуҷуд дошт, муқаррар карда шуда буд[4,28].

Чи тавре, ки Жадяева, Т.А, қайд менамояд ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба озодии ҳаракат, интихоби ҷои зист як ҳуқуқи асосӣ мебошад, ки дар Конститутсияи Федератсияи Россия мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд муқаррар карда шудааст. Асоси органикӣ ва ҳадафи асосии ин ҳуқуқ таъмини афзалияти дастурҳои инфиродӣ, дохилии рушди ҳар як фард мебошад. Бидуни озодии ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат ва истиқомат, ки давлат кафолат медиҳад, амалӣ намудани як қатор ҳуқуқу озодиҳои дигари дар давлат амалкунанда имконнопазир аст[7,28].

Ҳамин тавр А.М. Диноршоҳ иброз медорад, озодии ҳаракат ва интихоби ҷои истиқомат табиӣ ва ҷудонашаванда аст, ки ба ҳама аз рӯзи таваллуд тааллуқ дорад. Он ба арзёбии умумии ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазири инсон, ки новобаста аз вазъи ҷомеа, шаъну шараф ва озодии инсон, принсипҳои олии маънавӣ ва ахлоқии ӯ ва дар ин робита, пеш аз ҳама ӯро ҳамчун як мавҷудияти баландарзиши маънавӣ аз худсарии қувваи тавонои ҷомеа - қудрат, хоҳиши ҳукмронӣ ба фард ҳифз намояд[5,143].

Масалан, Н.В. Гузеева, дар заминаи фаъолияти сайёҳӣ, ҳуқуқ ба озодии ҳаракатро ҳамчун дастрасии озод ба захираҳои сайёҳӣ бо назардошти чораҳои маҳдудкунандае, ки дар кишвари истиқомати муваққатӣ қабул шудаанд, мефаҳмад[3,28].

Яке аз ҳуқуқҳои ғайримоддии инсон ин ҳуқуқи рафтуомади озод ва интихоби озодонаи ҷои зист мебошад, ки он ҳамзамон ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқи сафари озодона берун аз ҳудуд давлат ва бозгашти бемамониатро дар бар мегирад[4,28].

Ҳамин тариқ, ба гуфтаи Р.У. Рамазонов, амалӣ гардидани ҳуқуқ ба озодии интихоби ҷои истиқомат ба таври худкор боиси амалӣ гардидани ҳуқуқи озоди ҳаракат мегардад[14,].

Хулоса шаҳрванд дар дохили кишвар ва берун аз он имконияти озоди сафар карданро дорад. Вобаста ба имконият метавонад сафари муваққатӣ ва ё доимӣ намояд, ин ҳуқуқ аст, ки ӯро дар муносибатҳои ҳуқуқии мутлақ ворид менамояд. Яъне ӯ чунин ҳуқуқро дораду дигарон, ки ба сифати масъул баромад доранд, ӯҳдадор мебошанд, ки дар иҷрои он кӯмак намоянд.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.
2. Вавилов Н.С. Правовое регулирование деятельности институтов гражданского общества на местном уровне в Республике Марий Эл // Марийский юридический вестник. 2014. Вып. 11. С. 152-154.
3. Гузеева Н.В. Изменения в законодательном регулировании права туристов на свободу передвижения // «Современные проблемы сервиса и туризма». 2014. Том 8. № 3. С. 79 (с. 79 - 84).
4. Герасимов, П. Ю. Право каждого на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема дис.. авто.. 12.00.02, кан.. юри.. наук Герасимов, Павел Юрьевич. 2011г. 28с.
5. Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 143 с.
6. Диноршоев А.М. Правовое регулирование разделения властей в Республики Таджикистан по Конституции 1994 года. // Государство и право. - 2005. - № 4. - С. 9.
7. Жадяева, Т. А. Реализация права человека и гражданина на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства в Российской Федерациитема дис.. авт.. 12.00.02, кан.. юри.. наук Жадяева, Татьяна Алексеевна. 2006г 28с.
8. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. –С 127.
9. Ибрагимова Л.Р. Конституционное право на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства, выезд и въезд в Российскую Федерацию: вопросы теории и практикитема дис.. и авт.. 12.00.02, кан.. юриди.. наук Ибрагимова Люция Рашидовна 2020 г. 28с.
10. Курманов, А. О. Конституционном праве граждан на свободу передвижения, выбора места пребывания и жительства // Экономика и управление: научно-практический журнал. – №1 (139), 2018. – С. 117-125.
11. Комбаров Р.В. Право осужденных к наказанию в виде ограничения свободы на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства // «Законность и правопорядок в современном обществе». 2011. № 6. С. 189 (с. 189 - 193)
12. Краснослободцева Н.К. Соотношение понятий «свобода» и «права» человека // «Ленинградкий юридический журнал». 2014. № 4 (38). С. 80 (с. 75 - 82) и Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. М., 1995. С. 196-197.
13. Памятники истории Англии X – XIII вв.: Русский и латинский тексты Великой Хартии вольностей и других документов / Пер. и введение Д. М. Петрушевского. – М.: Соцэкгиз, 1937. – № XIII. – С. 96, 98, 100, 102, 104, 106, 108, 110, 112, 114, 116, 238.
14. Рамазанов Р.У. Конституционные основы деятельности органов прокуратуры и иных правоохранительных органов в обеспечении прав граждан на свободу передвижения, выбор места пребывания и жительства: Автореф.дис. … канд.юрид.наук. Махачкала, 2003.
15. Холиқов А.Ғ. Чанд масоили ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон. // Давлат ва ҳуқуқ. - 2005. - №4. - С. 41.

# РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В РЕАЛИЗАЦИИ ПРАВА ГРАЖДАН НА ПЕРЕДВИЖЕНИЕ И СВОБОДНЫЙ ВЫБОР МЕСТНОГО ПРОЖИВАНИЯ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР**
кандидат юридических наук, дотсент кафедры право и сравнительное правоведение
Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

*В данной статье анализируются вопросы роли органов государственной власти в реализации права граждан на свободный выбор места жительства. Его всестороннее изучение и анализ стали реальной необходимостью. Как известно, общественные отношения и практика правоприменения постоянно развиваются, и каждый период развития предъявляет свои требования и дополняется новыми конкретными ситуациями. Поэтому право, в свою очередь, должно улавливать пульс общественной жизни, выражать ее объективные запросы и служить этим задачам. В частности, Республика Таджикистан, как часть международного сообщества, как в недавнем прошлом, так и в новое время на всем протяжении своего развития гарантирует свободный выбор места жительства. Важна роль общих судов, хозяйственных судов и Конституционного суда республики в осуществлении защиты прав и свобод человека. Конституция уполномочивает судебную власть защищать права и свободы человека и гражданина, интересы государства, организаций и учреждений, законность и справедливость. Конституционный закон «О судах Республики Таджикистан» одной из первых задач суда в республике считает защиту прав, свобод человека и гражданина. Согласно статье 1 Конституционного закона «О Конституционном суде Республики Таджикистан» Конституционный суд создан в целях обеспечения верховенства норм Конституции и ее непосредственной реализации на территории Республики, защиты Конституция, права и свободы человека и гражданина. Защита социально-экономических, политических и иных прав и свобод человека и гражданина является одной из задач прокуратуры согласно Конституционному закону «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан». Также лицо может обращаться в несудебные органы, к должностным лицам, общественным объединениям и средствам массовой информации для защиты своих прав и свобод.*

***Ключевые слова:*** *власть, государство, Закон, Конституция, место, путешествовать, место, место жительства, Проблема, Свобода, Республика Таджикистан.*

# THE ROLE OF THE STATE AUTHORITY IN IMPLEMENTING THE CITIZEN'S RIGHT TO TRAVEL AND FREE CHOICE OF LOCAL RESIDENCE

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Law and Comparative Law of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, str.
Phone: (+992) 939-37-77-72. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru.

*This article analyzes the issues of the role of state authorities in realizing the right of citizens to freely choose their local residence. Its comprehensive study and analysis has become a real necessity. As is well known, public relations and practice of law enforcement are constantly developing, and each period of development presents its own requirements and complements it with new specific situations. Therefore, the law, in turn, should capture the pulse of public life, express its objective requests and serve these tasks. In particular, the Republic of Tajikistan, as a part of the international community, both in the recent past and in modern times, throughout its development, guarantees free choice of place of residence. The role of general courts, economic courts and the constitutional court of the republic is important in the implementation of the protection of human rights and freedoms. The Constitution authorizes the judiciary to protect the rights and freedoms of people*

*and citizens, the interests of the state, organizations and institutions, legality and justice. The constitutional law "On the Courts of the Republic of Tajikistan" considers one of the first tasks of the court in the republic to be protection of rights, freedom of man and citizen. According to Article 1 of the Constitutional Law "On the Constitutional Court of the Republic of Tajikistan", the Constitutional Court was established in order to ensure the supremacy of the norms of the Constitution and its direct implementation in the territory of the Republic, protection of the Constitution, rights and freedoms of man and citizen. Protection of socio-economic, political and other rights and freedoms of a person and a citizen is one of the tasks of the prosecutor's office according to the Constitutional Law "On the bodies of the Prosecutor's Office of the Republic of Tajikistan". Also, a person can apply to non-judicial bodies, officials, public associations and the press to protect his rights and freedom.*

***Key words:*** *authority, state, law, constitution, place, travel, place, residence, issue, freedom, Republic of Tajikistan.*

УДК: 342

# ОСНОВНЫЕ АСПЕКТЫ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**ГОИБЗОДА МЕХРАНГЕЗ АМОНУЛЛО,**
кандидат юридических наук,
Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003. Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 935-93-07-02. E-mail:s_amon@mail.ru
**РАХМОН ТАХМИНА БАХРОМ,**
ассистент кафедры акушерства и гинекологии
ГОУ «Республиканский медицинский колледж» Министерства здравоохранения и
социальной защиты населения Республики Таджикистан.
г. Душанбе, ул. Рахмон Набиев, 248.
Тел.: (+992) 908-58-55-35.
**ОДИНАЕВА САФАРМОХ НУРУЛЛОЕВНА,**
соискатель кафедры таджикского языка и документации
Академия государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан,
734003. Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 98-569-30-20.

*Анализируется основные направления государственной молодежной политики Таджикистана в современных социально-экономических условиях. В основе ее разработки и реализации лежит принцип конституционной гарантии равенства прав и свобод личности. Согласно соответствующим программам и планам социального развития страны с учетом местных особенностей и национальных традиций, законодательство о молодежной политике основывается на* Конституции*, нормативных правовых актов и непротиворечащих международным правовым актам, признанных Таджикистаном.*

***Ключевые слова.*** *Таджикистан, государственная молодежная политика, направления, реализация.*

Среди актуальных вопросов социально - политической жизни Таджикистана одно из важных мест занимают проблемы молодежи [1,4]. Изучение ее роли в новых социально-экономических условиях имеет огромное научное и практическое значение[1,3] вследствие специфических особенностей которые характеризуются многочисленными изменениями в нравственно культурных и национальных традиций[5,6].

При этом, безусловно, требуется перелом в политической культуре, общественном сознании для преодоления стереотипов, прошлых взглядов и неверных представлений [2,5].

Идеологический вакуум, характерный для общественной жизни начала 90-х годов минувшего века, был использован определенными силами для насаждения и культивирования политической нестабильности, формирования в молодежной среде, оппозиционных настроений, что ослабляло политическое сознание народа, усиливая религиозный фундаментализм и другие опасные тенденции в развитии политического суверенитета [1].

С учетом, создавшейся ситуации в стране, молодежная политика, прежде всего, направлялась на участие молодежи в строительстве демократического, правового, светского государства, на формирование у нее твердой веры в необходимость соответствующих преобразований и нового мировоззрения [2,6].

Социально-экономические преобразования последних десятилетий, массовая внешняя трудовая миграция, нарушения устоев семейных традиций, бедность, в значительной степени изменили традиционный уклад и образ жизни, что также отразилось на поведении населения, особенно молодежи[3,5]. Поэтому формирование современных политических взглядов у каждого человека, в духе молодежной политики является одной из главных задач при переходе к развитию демократического общества [4,6].

В связи с этим, использование творческого потенциала молодежи в процветании страны стало необходимым условием дальнейшего укрепление суверенитета страны, самой государственности, что невозможно без опоры на грамотных, талантливых и преданных своей отчизне молодых людей.

Предмет исследования - государственная молодежная политика, её особенности осуществления в условиях современного Таджикистана.

Цель и задачи исследования. Основные аспекты и реализация молодежной политики Таджикистана

Материалы и методы исследования. Научные статьи, рефераты, научно-популярные публикации в отраслевых научных журналах за 2020-2021 годы. Нами были использованы аналитический, сравнительный и описательный методы с целью обобщение опыта стран ближнего и дальнего зарубежья по реализации молодежной политики.

Результаты и их обсуждение. Рассматривая сложившуюся социально-экономическую ситуацию, установлено, что молодежь является одним из самых незащищенных слоев населения, наиболее подверженных воздействию радикальных и экстремистских идей. Однако, воздействовать на молодое поколение можно и в положительном ключе, продвигая идеи патриотизма, любви к Родине, здорового образа жизни и научно-культурного развития личности.

Молодёжь, стоит рассматривать в качестве самостоятельной социально-демографической группы, поскольку ей присущи определенные общественные отношения и общественные формы. При этом современная молодежь имеет ряд специфических черт, которые обусловлены ее сущностью, определяют ее предпочтениями. К социальным особенностям данной группы населения можно отнести позицию в отношении социальной структуры общества, возможности не только сохранять и наследовать, но и изменять сложившиеся устои и социальные нормы. Возникающие противоречия служат причиной возникновения проблем молодого поколения, проживающего в сельских регионах. Достаточно много разногласий вызывает вопрос определения возрастных рамок для такой социальной группы. Стоит отметить, что общепринятым понятием «молодежь» считается возраст от 14 до 30 лет. Именно, основываясь данным критерием, проводятся соответствующие исследования. Так, Таджикистан по медико-демографическим показателям среди СНГ, является одной из молодых стран, чей основной ресурс и трудовой потенциал составляют более 35% численности населения.

Молодежная политика закреплена законодательством и в качестве унифицированной системы направлена на решение комплекса проблем молодежи, привлекая и направляя все секторы в соответствующее русло. При этом, нормативно - правовую базу государственной политики в Таджикистане составляют принятые концепции, а также стратегии молодежной политики, в которой можно выделить несколько приоритетных направлений: стимулирование интереса к социальной практике и, соответственно предоставление достоверной информации о перспективных

возможностях; стимулирование созидательной активности; помощь в адаптации и социализации молодых людей, оказавшихся в сложной жизненной ситуации.

В Законе о молодежной политике установлены организационные, правовые, социально-экономические основы воспитания, становления и развития молодежи, определены принципы и меры по эффективному использования ее интеллектуального и духовного потенциала в интересах общества. Как известно, субъектами молодежной политики являются различные институты государственной власти, молодежные организации и объединения, политические партии, социальные группы.

Сегодня молодежное движение страны можно разделить на две группы - государственные и неправительственные. Первые, как правило, имеют определенную модель развития. Среди них по своему масштабу ярко выделяются, прежде всего, «Союз молодёжи Таджикистана» при Комитете молодежи и спорта при Правительстве Республики Таджикистан и «Авангард» при МВД Республики Таджикистан.

Следует отметить, что в стране создана правовая и институциональная база, гарантирующая защиту прав молодежи, где закреплены действующие меры по ее защиты и поддержке. Общество развивается благодаря креативным личностям, а таких молодых, особенно в сельской местности, очень много, и они с этими условиями, могут реализовать себя.

Таджикистан имеет великую историю, археологические памятники, материальные и письменные источники - богатейшее наследие, из которого молодежь может реализовать себя в различных номинациях; «Мудрость зари сиянье - книга», «Наука святоч-знаний», «Таджикистан - мой любимый край», «Песен о локоне», «Молодежь-будущее Таджикистана», а также информационные технологии, цифровую экономику, медицинский и экологический туризм и т.д.

Другим важным подходом в организации активной идеологической и воспитательной работы с молодежью считаем поэтапное форсирование и широкое применение новых инструментов, таких, как информационно-коммуникативные технологии (интернет, социальные сети, видео, телевидение), прежде всего персональные компьютеры с мульти - медийными средствами[2].

Система реализации государственной молодежной политики подразумевает комплексное законодательство, направленное на регулирование молодежных взаимоотношений, снижение социальной напряженности, оказание содействия и помощи молодежи, как в образовательной, так и в социальной сфере, а также финансовую поддержку осуществляемых мероприятий.

К основным задачам, подлежащим решению органами исполнительной власти на местах можно отнести: обучение, занятость; развитие физической культуры и спорта; подготовку к воинской службе, воспитание чувства патриотизма, гуманизма, преданности отчизне; формирование общественных организаций и служб, занимающихся работой с подростковой группой и молодежью; поддержку социально значимых программ, ориентированных на детей и молодежь; организацию досуга и содействие развитию творческого потенциала.

С другой стороны, молодежная политика является одним из важнейших направлений деятельности органов государственной власти, поскольку ее можно оценить как непосредственный вклад в будущее страны. Именно молодежь может одновременно быть как социально-демографической группой дестабилизирующей положение страны, в силу своей социальной незащищенности и недостатка общественного внимания, так и тем ресурсом, который сможет вывести Таджикистан на новый более высокий уровень развития.

В культурной и воспитательной работе следует широко использовать бесценное общечеловеческое культурное наследие, особенно патриотические и нравственные взгляды великих русских писателей, поэтов и ученых: А.С.Пушкина, М.Ю. Лермонтова, Л.Н. Толстого, А.П.Чехова, А.М.Горького, И.С. Тургенева, Т.Г. Шевченко, М.И. Ломоносова, С.В. Михалкова, М.А. Шолохова, С.П. Капица в т.ч. персидско - таджикских звезд поэзии и писателей Фирдоуси, Фараби, Джами, Хафиз, Саади, Хайям, Авиценна, Руми, Дониш, Шохин, Туграл, Айни, Мумин Каноат, Лоик, Гульрухсора Сафиева, Бозора Собира, Гульназар Кельди, Абдулхамид Самада, Ато Хамдама, Сорбона и других деятелей культуры и науки.

В новых социально-экономических условиях жизни, перед молодежью ставятся актуальные задачи по адаптации и особый подход к вопросу формирования нового мировоззрения, совершенствования сознания, общей и политической культуры поведения, в т.ч. веры в будущее.

Основу взаимной близости двух народов, особенно молодежи составляют общие корни индоевропейского генезиса, антропологическая и расовая близость, принадлежность к единой индоевропейской группе языков. История культурного и научного сотрудничества между русскими и таджикским народом насчитывает, более тысяче лет, и наша страна в минувшем веке получила мощное развитие.

За годы независимости, при непосредственной поддержке Правительства Республики Таджикистан и политики открытых дверей из разных регионов страны десятки тысяч молодых людей обучались в элитных высших учебных заведениях Российской Федерации, Европы и стран Азии.

Как известно, у истоков культурного взаимодействия двух народов стоял великий просветитель и дипломат Ахмади Дониш, заложивший основу взаимного познания двух великих культур. Факты взаимодействия культур народов России и Таджикистана находят свое подтверждение в работе многих молодых российских и таджикских ученых, писателей, поэтов и художников.

В Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан (2020 г.) подчеркивалось, что: «Целью нашей государственной политики в сфере молодежи является воспитание кадров, эрудированных и образованных специалистов, поколения, обладающего широким кругозором и патриотическими качествами». В частности, в послании этого года Лидер нации отметил: «Наша молодежь вносит ценный вклад в развитии всех социально-экономических сфер, её роль, начиная с участия в строительстве крупных объектов до службы в рядах Вооруженных сил - защиты государственной границы, стабильности, спокойствия государства и мирной жизни народа Таджикистана, достойна похвалы и является предметом гордости каждого из нас. В последние годы особенно заметен вклад молодежи в развитии спорта и его массовости, утверждение здорового образа жизни в обществе».

В результате принятия важных государственных документов до сегодняшнего дня проведены несколько международных, республиканских и региональных мероприятий, семинары, конкурсы, фестивали, а также форумы информационно- просветительского характера, каждая из которых сыграла важную роль в деятельности молодежи в политической, социальной, культурной, нравственной жизни и благоустройстве регионов страны.

Более того, в период обретения государственной независимости страны, открылись новые возможности для всестороннего развития молодежи, перерождение поколений в условиях преобразования общества свидетельствует о том, что

представители новых поколений являются более упорными, умственно способными, преемственно гибкими.

Устойчивость молодежной политики должна обеспечивать реализацией комплексных мер, определяющих функции, значимость и роль государственной политики по отношению к подрастающему поколению, направленной на создание правовых, экономических и организационных условий и гарантий для выбора молодыми гражданами своего жизненного пути, самореализации личности, на развитие и поддержку общественных объединений, движений и инициатив.

Молодежь страны занимает особое место в развитие научно-технического, производственного и духовного развития общества. Это особенность заключается в том, что получая передовые знания, опыт, старшего поколения, названные ценности становятся мощным жизненным фактором общественного прогресса.

Молодежная политика реализуется центральными и местными органами государственной власти, прежде всего; Министерством образования и науки РТ, Министерством труда, занятости и миграции населения РТ, Министерством здравоохранения и социальной защиты населения РТ, Министерством обороны РТ, Министерством внутренних дел РТ, Комитетом молодежи и спорта при Правительстве РТ и Комитетом по делам женщин и семьи при Правительстве РТ, а также общественными объединениями и инициативными группами.

Государственная молодежная политика Таджикистана является системой формирования приоритетов и мер, направленных на создание условий и возможностей для успешной социализации, и эффективной самореализации молодежи, для развития ее потенциала в интересах страны и, следовательно, на социально-экономическое и культурное развитие, обеспечение ее конкурентоспособности и укрепление национальной безопасности. Она формируется и реализуется органами местной исполнительной власти при участии молодежных и общественных объединений, неправительственных организаций и иных юридических и физических лиц.

**Литература**

1. Буриев Н.С. Государственная молодежная политика в Таджикистане. Автореф.канд. дисс. полит. наук. Душанбе.2014.-26 с.

2. Исаев, Г.Н. Информационные технологии: учебное пособие. -М.: Изд-во: Омега-Л. 2012. - 464 с.

3. Михалева О.В. Основные направления и приоритеты реализации молодежной политики в современном этапе в Российской Федерации// POLITICAL SCIENCE // Juvenisscientia. 2016 № 4. -С.33-36.

4. Оганов, Р.Г., Комаров, Ю.М., Масленникова, Г.Я. Демографические проблемы как зеркало здоровья нации // Профилактическая медицина. -2009.-№2.-С.3-8.

5. Стратегия государственной молодежной политики в Республике Таджикистан до 2020 года. Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 4 октября 2011 г., № 480.

6.Стратегия государственной молодежной политики в Республике Таджикистан на период до 2030 года. Утвержден постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 апреля 2021 г., № 166

## ҶАНБАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**ҒОИБЗОДА МЕҲРАНГЕЗ АМОНУЛЛО,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 935-93-07-02. E-mail:s_amon@mail.ru
**РАҲМОН ТАХМИНА БАҲРОМ,**
ассистенти кафедраи акушерӣ ва гинекологии
Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ»-и
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, к. Раҳмон Набиев, 248.
Тел.: (+992) 908-58-55-35.
**ОДИНАЕВА САФАРМОҲ НУРУЛЛОЕВНА,**
унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 98-569-30-20.

*Самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити кунунии иқтисодиву иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳия ва татбиқи он ба принсипи кафолати конститутсионии баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон асос ёфтааст. Тибқи барномаҳо ва нақшаҳои дахлдори рушди иҷтимоии кишвар бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ ва анъанаҳои миллӣ қонунгузорӣ дар бораи сиёсати ҷавонон ба Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфта, ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мувофиқат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, сиёсати давлатии ҷавонон, самтҳо, татбиқ.*

## MAIN ASPECTS OF YOUTH POLICY IN TAJIKISTAN

**GOIBZODA MECHRANGEZ AMONULLO,**
candidate of legal sciences,
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 935-93-07-02. E-mail:s_amon@mail.ru
**RAHMON TAKHMINA BAHROM,**
Assistant of the Department of Obstetrics and Gynecology of the State Educational Institution “Republican Medical College” of the Ministry of Health and Social Protection of the Population of the Republic of Tajikistan
Dushanbe, 248, Rahmon Nabiev st.
Phone: (+992) 908-58-55-35.
**ODINAEVA SAFARMOH NURULOEVNA,**
applicant of the Department of Tajik Language and Documentation
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 98-569-30-20

*The main directions of the state youth policy of Tajikistan in the current socio – economic conditions are analyzed. Its development and implementation is based on the principle of the constitutional guarantee of equality of rights and freedoms of the individual. According to the relevant programs and plans for the social development of the country. Taking into account local characteristics and national traditions, the legislation on youth policy is based on the Constitution, normative legal acts and consistent with international legal acts recognized by Tajikistan.*

***Key words:*** *Tajikistan, state youth policy, directions, implementation.*

УДК: 124.712

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАНБАИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БУРИЕВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе. кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-11-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*Баррасии масъалаи манбаи андоз дар адабиётҳои илмӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ карда мешавад. Муаллиф дар мақолаи мазкур манбаи андози заминро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *заминистифодабаранда, андозсупоранд, кадастри давлатии замин, манбаи андоз, манбаи андоз азқитъаи замин.*

Унсурҳои андоз гуфта воҳидҳои функсионалии дохилии ифодаёбандаро меноманд, ки дар маҷмӯъ сохтори ҳуқуқи андозро ташкил медиҳанд. Сохтори таркибӣ барои ҳамаи намудҳои андоз ва пардохтҳо ягона мебошад ва аз ин рӯ, он универсалӣ мебошад. Аммо ифодаёбии ин унсурҳо барои ҳар як намуди андоз бо хусусияти хос пешбинӣ шуда, дар натиҷа ҳар як андоз намуди алоҳидаи фардиро касб намуда, имконияти фарқ намудани андозҳо ва пардохтҳоро пешбинӣ менамояд [1, с. 35].

Андоз танҳо дар он сурат муқарраршуда ҳисобида мешавад, агар андозсупоранда, имтиёзҳои андозӣ ва ҳамаи унсурҳои андозро Кодекси андози ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар заминаи он қабулгардида муайян карда бошанд.

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов он унсурҳои тасвири андоз, ки бидуни онҳо уҳдадории андоз ва тартиби иҷрои онро наметавон аниқ ва муайян ҳисобид, усурҳои андозбандӣ номида мешавад [2, с. 143].

Воқеъан, яке аз унсурҳои асосӣ ва муҳим дар низоми андозбандӣ манбаи андоз ба ҳисоб меравад, ки барои ситонидани андози дахлдор асос мешаванд.

Ба андешаи С.Г. Пепеляев манбаи андоз - аломатҳое мебошанд, ки хусусияти воқеиро (на ҳуқуқиро) муайян мекунад ва барои ситонидани андози дахлдор асос мешаванд [3, с. 40].

Ба андешаи А.А. Ялбулганов манбаи андоз барои ҳисоб кардани андоз зарур аст, аммо он ҳамчун ҳолате, ки уҳдадории пардохти андозро ба вуҷуд меорад, яъне ҳамчун объекти андозбандӣ амал намекунад [11, с. 75]

Ба андешаи Н.Ш. Шонасридинов манбаи андоз - асоси баҳисобгирии андоз, ки ба воситаи тарзу усулҳои муҳосибӣ амалӣ мегардад фаҳмида мешавад [1, с.38].

Ба андешаи М.М. Соҳибов манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замини пешбинигардида ё масоҳати қитъаи замине, ки ӯ амалан истифода мекунад (дар ихтиёр дорад), ба истиснои заминҳои аз пардохти андоз озодшуда, мебошад [4, с. 216].

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов манбаи андоз барои ифодаи миқдории объекти андозбандӣ хизмат мекунад. Агар баъзан объекти андозбандӣ бо ягон тарзу усул ҳисоб карда баромада шавад, манбаи андозбандӣ як ҷузъи объекти андозбандӣ мебошад. Нисбати он меъёри андоз, бевосита татбиқ мегардадт (масалан, даромади пулӣ, нархи амволе, ки ҳамчун даромад ба даст омадааст) [5, с. 121].

Манбаи андоз ифодаи миқдории объекти андозбандӣ аст, ки аз рӯйи микёси андозбандӣ муайян карда шудааст. Ба сифати манбаи имконпазири андоз арзиши бозории онҳо ё арзиши инветаризатсионӣ ва ё арзиши суғуртавӣ ё худ арзиши ба тарзи дигар ҳисобгардидаи объекти андозбандӣ муайян гардидааст.

Манбаи пардохти андоз даромад буда метавонад, ки андозсупоранда аз фиристодани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ё худ дигар даромад ё маблағи қарзгирифта ва ё аз фурӯши амвол ба даст овардааст.

Аниқ муайян кардани тартиби ташаккули манбаи андоз, яке аз масъалаҳои асосиест, ки ҳангоми муайян кардани андоз пеш меояд. Муайян намудани меъёри андозе, ки андозсупоранда бояд супорад аз манбаи андоз вобаста аст.

Мутобиқи моддаи 28 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [6] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад. Барои ҳар андоз манбаи андоз ва тартиби муайянкунии он муқаррар карда мешавад.

Тибқи моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз 2 декабри соли 2010, №2755-VI [7] манбаи андозбандӣ баҳои мушаххаси арзишӣ, ҷисмонӣ ё дигар хусусиятҳои объекти мушаххаси андозбандӣ эътироф карда мешавад. Манбаи андоз ифодаи ҷисмонӣ, арзишӣ ё дигар хусусияти объекти андозбандӣ мебошад, ки ба он меъёри андоз татбиқ карда мешавад ва барои муайян кардани маблағи уҳдадории андоз истифода мешавад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур як объекти андозбандӣ метавонад якчанд манбаи андозбандиро барои андозҳо ташкил намояд.

Мувофиқи моддаи 12 Кодекси андози Ҷумҳурии Озорбойҷон аз 11 июли соли 2000, №905-IQ [8] манбаи андоз ифодаи миқдории қисми андозбандии объекти андозбандӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 53 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998, №146-ФЗ [9] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад.

Тибқи моддаи 11 Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон аз 1 ноябри соли 2016, №зр-165 [10] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад. Барои ҳар як андоз манбаи алоҳидаи андоз ва тартиби ҳисоб кардани он муқаррар карда мешавад.

Ба адешаи С.И. Калинин манбаи андоз аз қитъаи замин арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад. Манбаи андоз барои ҳар як қитъаи замин ҳамчун арзиши кадастрии он то 1 январи соле, ки давраи андоз мебошад, муайян карда мешавад.

Андозсупорандагон - ташкилотҳо ва андозсупорандагон - соҳибкорони инфиродӣ нисбати қитъаҳои замине, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, манбаи андозро дар асоси маълумоти кадастри давлатии замин мустақилона хисоб мекунанд.

Дар дигар мавридҳо манбаи андоз барои андозсупорандагоне, ки шахсони воқеӣ мебошанд, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси маълумоте, ки ба мақмоти андоз аз ҷониби мақомоти пешбурди кадастри давлатии замин, мақомоте, ки бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманкул ва ҳуқуқҳо ба он ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, барои шахсони воқеӣ, ки соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, тартиби муайян кардани манбаи андоз нисбат ба қитъаҳои замини дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифоданашаванда гуногун аст. Дар баробари ин тартиби ба таври меъёрӣ муқаррар намудани вазъи қитъаҳои

замине, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ё дар фаъолияти соҳибкорӣ истифоданашаванда вуҷуд надорад.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр дар амалия марбут ба тартиби муайян кардани манбаи андоз нисбат ба қитъаҳои замини мушаххас ҳолатқои баҳснок метавонанд ба миён оянд.

Масалан, агар ягон қитъаи замин аз ҷониби андозсупоранда - шахси воқеӣ барои зиндагӣ ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ҳамзамон, барои пешбурди соҳибкорӣ истифода шавад, дар ин ҳолат ба андозсупоранда метавонад бо мақомоти андоз оид ба масъалаи нисбати ки ҳисоб намудании андоз аз қитъаи замин пайдо шавад.

Илова бар ин, маълум нест, ки мақомоти андоз дар бораи тартиби истифодаи замин аз ҷониби андозсупоранда чӣ гуна маълумот пайдо карда метавонанд.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр ба мақсад мувофиқ аст, ки тартиби ягонаи муайян намудани манбаи андоз барои ҳамаи қитъаҳои замини ба шахсони воқеӣ, чи дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва истифоданашаванда муқаррар карда шавад [12, с. 101].

Н.А. Богуславская пешниҳод менамояд, ки соҳибкорони инфиродӣ аз уҳдадории пешниҳоди эъломияҳои андоз ва ҳисобот оид ба ҳисоб намудани пешпардохтҳо аз рӯйи андози замин озод карда шаванд, соҳибкорони инфиродӣ дар ин маврид ба шахсони воқеии дигар баробар карда шаванд, ки барои онҳо маблағи андоз аз тамоми қитъаҳои замин аз ҷониби мақомоти андоз мустақилона ҳисоб карда мешавад, зеро қитъаҳои замини ҳам барои фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва ҳам истифоданашаванда бо як меъёр андозбандӣ мешаванд [13, с. 212].

Ба андешаи Б.В. Ерофеев манбаи андоз нисбат ба ҳар як қитъаи замин ҳамчун арзиши кадастрии он ба 1 январи соле, ки давраи андозбандӣ мебошад, муайян карда мешавад. Нисбат ба қитъаи замине, ки дар раванди давраи андоз ташаккул ёфтааст, манбаи андоз дар ин давраи андозбандӣ ҳамчун арзиши кадастрии он дар рӯзи ба қайди кадастрӣ гузоштани ин қитъаи замин муайян карда мешавад.

Манбаи андоз нисбат ба ҳиссаҳо дар ҳуқуқи моликияти умумии қитъаи замин, ки нисбати онҳо шахсони гуногун андозсупорандагон эътироф шудаанд ё меъёрҳои гуногуни андоз муқаррар карда шудаанд, алоҳида муайян карда мешавад [14, с. 49].

Ба андешаи О.И. Крассов манбаи андози қитъаҳои замини дар моликияти умумӣ қарордошта барои ҳар як андозсупорандае, ки ин қитъаи заминро соҳиб мебошад, мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар моликияти умумӣ муайян карда мешавад. Манбаи андози қитъаҳои замине, ки дар моликияти умумӣ қарор доранд, барои ҳар як андозсупорандае, ки ин қитъаи заминро бо ҳиссаи баробар соҳибанд, муайян карда мешавад.

Агар ҳангоми ба даст овардани бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба шахс ҳуқуқи моликият ба он қисми қитъаи замине, ки молу мулки ғайриманқул ҷойгир аст ва барои истифодаи он зарур аст, гузарад, пас манбаи андоз барои шахси мазкур мутаносибан ба ҳиссаи ӯ дар ҳуқуқи моликият ба ин қитъаи замин муайян карда мешавад [15, с. 300].

Н.А. Богуславская чунин мешуморад, ки қаблан манбаи андоз майдони андозбандишавандаи қитъаи замин дар як сол ба ҳисоб мерафт ва бо гектар ё метри мураббаъ ифода карда мешуд. Ҳоло бошад, манбаи андоз на ҳамчун хусусияти физикии объекти андозбандӣ, балки ҳамчун хусусияти арзишии он муайян карда мешавад

Н.А. Богуславская манбаи андоз аз қитъаи заминро ба намудҳои мухталиф тасниф менамояд. Манбаи андози андози заминро вобаста ба таркиби субъектҳо чунин тасниф менамояд:

– манбаи андоз, ки андозсупорандагон - ташкилотҳо муайян менамоянд;

– манбаи андозе, ки андозсупорандагон - шахсони воқеие, ки соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, муайян мекунанд;

– манбаи андозе, ки андозсупорандагон – шахсони воқеие, ки соҳибкорони инфиродӣ намебошанд, муайян мекунанд [13, с. 167-169].

Ба андешаи Н.В. Вичерова манбаи андоз аз қитъаи замин арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад. Арзиши кадастрӣ аз арзиши бозорӣ, пеш аз ҳама бо сабаби дар сатҳи давлатӣ муқаррар намудани он фарқ мекунад. Арзиши кадастрӣ тавасути баҳои кадастри давлатӣ муайян карда мешавад.

Муайян кардани манбаи андозбандишаванда дар асоси арзиши кадастрӣ усули нисбатан танзимшаванда ва соддатар ба назар мерасад [16, с. 146].

Н.А. Христова чунин мешуморем, ки ҳангоми ҳисоб кардани андози замин, қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди якчанд маҳал ҷойгир аст, манбаи андоз бояд нисбат ба майдони қитъаи замине, ки дар ҳудуди маҳали дахлдор ҷойгир аст, ҳамчун ҳиссаи арзиши кадастрии қитъаи замин мутаносибан ба ҳиссаи майдони ишғолнамудаи қитъаи замин дар ҳудуди маҳали дахлдор, муайян карда шавад [17, с. 105].

Тибқи моддаи 271 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз 2 декабри соли 2010, №2755-VI [7] манбаи андоз аз қитъаи замин инҳоянд: арзиши меъёрии пулии қитъаи замин бо дарназардошти коэффисиенти индексатсия, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур муайян карда мешавад; масоҳати қитъаи замине, ки арзиши меъёрии пулии он гузаронида нашудааст.

Манбаи андозбандии саҳми (ҳиссаҳои) замин мувофиқи маълумоти қитъаҳои замине, ки ба онҳо шахсони воқеӣ ба сифати соҳибони саҳми замин ҳуқуқ доранд, муайян карда мешавад.

Тибқи моддаи 390 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998, N146-ФЗ [9] манбаи андоз ҳамчун арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад.

Таҳлил ва омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷа ва адешаҳои олимон ва ҳуқуқшиносон собит менамояд, ки дар бештар аз давлатҳои хориҷа ба сифати манбаи андоз аз қитъаи замин маҳз арзиши кадастрии қитъаи замин эътироф гардидааст.

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 [18] арзиши кадастрии қитъаи замин - арзиши қитъаи замин, ки дар асоси тавсифи қитъаи замин бо истифодаи усул ва қоидаҳои коркарди ахбори омор муайян карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи моддаи 351 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [6] манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда амалан истифода мебарад (дар ихтиёр дорад), ба истиснои замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 ба сифати манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи заминро эътироф намудааст.

Мисол. Ба Кооперативи тиҷоратии «А» тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда 10 гектар замини ба таври табиӣ обёришаванда ва 50 гектар заминҳои кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст. Дар соли 2021 кооперативии тиҷоратӣ аз 10 гектар замини обӣ 8 гектар ва аз 50 гектар замини лалмӣ 45 гектари онро барои истеҳсол (парвариш)-и маҳсулоти кишоварзӣ истифода намудааст. Дар ин ҳолат манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози ягонаи кишоварзӣ ин қитъаи заминҳои обёрии табиӣ ва кишти лалмӣ дар

ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодабарии он муқарраршуда, яъне 10 гектар замини обӣ ва 50 гектар замини кишти лалмӣ ҳисобида мешавад.

Мисол. Ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «С» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 8 гектар замини обӣ ва 40 гектар замини кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст. Аммо дар соли ҳисоботӣ хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «С» барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ амалан 12 гектар замини обӣ ва 55 гектар замини лалмиро истифода намудааст. Дар ин ҳолат, новобаста ба андозаи қитъаи замини тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодабарӣ ҷудошуда (8 гектар замини обӣ ва 40 гектар замини кишти лалмӣ), манбаи андози ягонаи кишоварзӣ аз рӯйи масоҳати қитъаи замини воқеан истифодашуда, яъне 12 гектар замини обӣ ва 55 гектар замини кишти лалмӣ ҳисобида мешавад.

Агар мо ба Кодекси замини ҶТ назар кунем, таъинот ва раванди кадастри заминро муайян намудааст. Мақсади кадастри давлатии замин аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад.

Кадастри давлатии замин маълумоти оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад.

Аз муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки яке аз мақсадҳои кадастри давлатии замин ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба асоснок кардани андозаи пардохти пули замин мебошад. Аз ин лиҳоз, дар таҳрири зерин ифода намудани қисми 1 моддаи 351 Кодекси андози ҶТ мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки тибқи моддаи 350 Кодекси мазкур объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.

Тибқи моддаи 1 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 [19] ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин - тибқи Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании ҶТ ҳуқуқи бадастовардашавандаи (бадастовардашудаи) истифодабарии бемӯҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросӣ ё дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замин тибқи Кодекси мазкур додашуда ё ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории замин истифода намудани қитъаи заминро то ба расмият даровардани он манъ намудааст. Мутобиқи моддаи 18 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 то ҳудуди қитъаи заминро муқаррар намудани мақомоти дахлдори танзими замин ва додани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро тасдиқ менамоянд, ба истифодаи қитъаи замин шурӯъ намудан манъ аст.

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ шахс дар он маврид сазовори номи заминистифодабаранда мегардад, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодабарии заминро соҳиб мебошад. Тибқи моддаи 17 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 [19] ҳуқуқи истифодаи замин бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, бо шартномаи иҷора, созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Шаҳодатномаи саҳми замин тасдиқ карда мешавад.

Шахсе, ки ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардидаро соҳиб набошад, ҳуқуқи мавриди истифода қарор додани қитъаи заминро надорад. Зеро пеш аз ҳама ӯ тибқи қонунгузории амалкунанда заминистифодабаранда намебошад. Доштани ҳуҷҷатҳои мазкур пеш аз ҳама мазмуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои заминистифодабарандаро муқаррар менамояд. Дар

ҳуҷҷатҳои зикргардида, шарту тартиби истифода бурдани қитъаи замин, асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин , ҳуқуқ ва уҳдадориҳои заминистифодабарандагон ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузории замин муқаррар гардидааст [20, с. 109].

Қобили зикр аст, ки қисми 2 моддаи 351 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844  заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, ба сифати манбаи андоз муайян намудааст.

Заминҳои зери биноҳо ва иншоотҳо заминҳое мебошанд, ки дар онҳо биноҳо ва иншоотҳо сохта шудаанд. Вобаста ба масъала мазкур зарур аст, ба Дастурамали Кумитаи андози ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул» аз 22 майи соли 2013 №12-Ф [23] назар намоем.

Тибқи банди 27 ва 28 Дастурамали мазкур манбаи андоз масоҳати умумии ишғолнамудаи объекти ғайриманқул, аз ҷумла масоҳати ҳар як ошёнаи бинои бисёрошёна мебошад.

Барои таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳо, ки баландии онҳо ба ҳисоби миёна зиёда аз 2 метр мебошад, ҳамчун манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад. Ба манбаи андоз таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда намешаванд, дохил намегарданд.

Мисол: Соҳибкори инфиродӣ “А” дар таҳхонаи бинои истиқоматии худ таҷҳизоти истеҳсолкунандаи қаннодӣ васл намуд. Масоҳати умумии таҳхона 100 м2 - ро ташкил мекунад.

Мисол. Шахси воқеӣ “К” бинои истиқоматии сеошёнаро, ки қабати болоии он пентхаус мебошад, дар ихтиёр дорад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ масоҳати умумии бинои сеошёна бо дарназардоштани пентхаус 600м2, яъне ҳар ошёна дар алоҳидагӣ, аз ҷумла пентхаус 200м2-ро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур манбаи андоз аз объектҳои ғайриманқул масоҳати 600м2-ро ташкил медиҳад.

Баландии таҳхона аз фарш то шифт зиёда аз 2 метрро ташкил мекунанд, бинобар ҳамин масоҳати таҳхона, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад объекти андозбандишавандаи андоз барои объектҳои ғайриманқул ба ҳисоб меравад ва манбаи андоз ба 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи ин таҳхона баробар мебошад 100м2 * 50/100 = 50 м2.

Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ, аз ҷумла гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво ва биноҳои дигари ёридиҳанда, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи чунин биноҳо дониста мешавад.

Мисол: Шаҳрванд “А” соҳиби гаражи масоҳати умумиаш 25 м2 (масоҳати ишғолнамудааш) мебошад. Бо мақсади ҳисоб намудани андоз барои объекти ғайриманқул ба 12, 5 м2 (25м2*50/100).

Ҳамзамон, вобаста ба масъалаи мазкур, Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59 [24] қабул гардидааст.

Ба масоҳати андозбандишаванда заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, дохил мешаванд.

Мисол: ҶДММ «С» истифодабарандаи 0,5 гектар замин буда, дар 0,3 гектари он бинои маъмурӣ бунёд намудааст. Новобаста ба он, ки 0,3 гектар замин зери бинои маъмурӣ мебошад, дар мисоли мазкур масоҳати 0,5 гектар қитъаи замини ҶДММ «С» ҳамчун манбаи андоз аз замин ба ҳисоб меравад.

Манбаи дигари андоз аз қитъаи замин минтақаҳои санитарии муҳофизати мебошад. Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 [21] минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ) - минтақае, ки бо мақсади кам кардани таъсири номатлуби беруна дар атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бунёд карда мешавад. Ҳангоми зарурати пешгирӣ ё кам кардани таъсироти зарарнок ба комплексҳои табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар атрофи ин ҳудудҳо метавонанд минтаққои муҳофизатӣ (буферӣ) бо фаъолияти хоҷагидории маҳдуд муқррар карда шаванд.

Минтақаи санитарии муҳофизатӣ - минтақаи махсуси дорои тартиби махсуси истифода мебошад, ки дар атрофи иншоот ва истеҳсолот, ки манбаи таъсир ба муҳити зист ва саломатии инсон мебошанд, муқаррар карда мешавад.

Минтақаҳои техникии коммуникатсияҳои асосии муҳандисии зеризаминӣ - сарҳади ҳудудҳое, ки барои сохтан ва истифодабарии нақлиёти рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ва иншооти муҳандисӣ ва коммуникатсия пешбинӣ ва истифода мешаванд.

Барои воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки ба чунин воҳиди алоҳида (филиал ё намояндагӣ) дар ҳудуди марзи маъмурии дахлдор вобаста шудааст.

Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯйи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуққои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Намояндагӣ воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад. Филиал воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми ё як қисми вазифаҳои он, аз ҷумла вазифаи намояндагиро иҷро мекунад [22].

Манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи он муқаррар шудааст ё амалан (бе ҳуҷҷат) истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҳлили қонунгузори ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа гуфтан мумкин аст, ки манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.

**Адабиёт**

1. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2012. – 352 с.

2. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ: нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: “Полиграф-групп”, 2022. – 536 с.

3. Основы налогового права (Зери таҳрири С.Г. Пепеляев). – М.: Инвест Фонд, 1995. – 496 с.

4. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 396 с.

5. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов). – Душанбе: «Деваштич», 2003. – 305 с.

6. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.12.2022).

7. Налоговый кодекс Украины от 2 декабря 2010 года №2755-VI (с *изменениями и дополнениями* по состоянию на 01.10.2022 г.).

8. Налоговый кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 11 июля 2000 года № 905-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 08.07.2022 г.)

9. Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая)" от 31.07.1998 N 146-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 23.09.2022).

10. Налоговый кодекс Республики Армения от 1 ноября 2016 года №зр-165.

11. Ялбулганов А.А. Правовое регулирование земельного налога в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – 297 с.

12. Калинин С.И. Проблемы правового регулирования местных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – 203 с.

13. Богуславская Н.А. Правовое регулирование местных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2006. – 254 с.

14. Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник для вузов / Б.В. Ерофеев; под науч. ред. Л.Б. Братковской. – 16-е изд., перераб. и доп. – Москва: «Юрайт», 2019. – 537 с.

15. Крассов О.И. Земельное право: учебник. – 4-е изд., пе - рераб. и доп. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2014. – 608 с.

16. Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 228 с.

17. Христова Н.А. Земельный налог в Российской Федерации (финансово-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 194 с.

18. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.12.2022).

19. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333. 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016. – №1363; 2021. – №1823. – №1824. – №1825; 2022. – №1902.

20. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 360 с.

21. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

22. Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999, №802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.12.2022).

23. Дастурамали Кумитаи андози ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул» аз 22 майи соли 2013 №12-Ф // Манбаи дастрасӣ: https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.12.2022).

24. Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59 // Манбаи дастрасӣ https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.12.2022).

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИСТОЧНИКА ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**БУРИЕВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 93-411-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*В данной статье автор рассматривает налоговая база земельного налога. В результате анализа установлено, что налоговая база для исчисления земельного налога является площадь земельного участка, признаваемого объектом налогообложения, с учетом его кадастровой стоимости.*

***Ключевые слова:*** *землепользователь, налогоплательщик, государственный земельный кадастр, налоговая база, налоговая база земельного налога.*

## LEGAL REGULATION OF THE SOURCE OF LAND TAX IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BURIEVA DILAFRUZ TOLIBOVNA,**
applicant for the department of administrative law and public service of the
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, str.
Phone: (+992) 93-411-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*In this article, the author considers the tax base of the land tax. As a result of the analysis, it was found that the tax base for calculating land tax is the area of a land plot recognized as an object of taxation, taking into account its cadastral value.*

***Key words:*** *land user, taxpayer, state land cadaster, tax base, land tax tax base.*

УДК: 342

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ АМАЛИЁТҲО БО КОРТҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ТАҒОЗОДА ДОСТОНИ ҒАЙРАТШО,**
унвонҷӯи кафедраи соҳибкори ва тиҷорати факултети соҳибкории
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, проспект Рудаки 17.
Тел.: (+992) 944-14-44-44. E-mail: dostonigairatsho@internet.ru

*Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, ки низоми бонкии мамлакат дар марҳилаҳои аввали рушд қарор дошт, таваҷҷӯҳи асосӣ ба мукаммал кардани низоми бонкӣ ва мутобиқ гардонидани он ба шароитҳои нави бонкдорӣ равона карда шуда буд. Дигар масъала бошад, дар таносуб бо дигар давлатҳои пешрафтаи дунё, ки дар онҳо воситаҳои электронии ҳисоббаробаркунӣ хеле барвақтар тараққӣ карда буд, давлати тозабунёди Тоҷикистон аз онҳо дар ин масъала то дараҷае ақиб монда буд. Ҳолатҳои зикргардида таъсири худро ба падидаи ҳуқуқии баррасишаванда бевосита мерасонад.*

*Ҳоло танзими ҳуқуқии амалиётҳо бо кортҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳи муҳим ба ҳисоб меравад, зеро таҷрибаи амалия нишон медиҳад, ки истифодаи фаъоли кортҳои бонкӣ пурра ба роҳ монда нашудааст. Аксари соҳибони кортҳои бонкӣ онро ҳамчун танҳо воситаи гирифтани музди меҳнат истифода мебаранд, ҳоло он ки имконият ва хизматрасониҳо тавассути кортҳои бонкӣ ниҳоят гуногунрангу манфиатбахш аст.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳум ва намудҳои кортҳои бонкиро аз нигоҳи амалия ва қонунгузорӣ таҳлил намуда, фикру ақидаҳои муфиди худро ҷиҳати такмили он пешкаш намудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҷрибаи давлатҳои Аврупоро, пеш аз ҳама Дания, Фаронса, Британияи Кабирро мавриди таҳлил қарор дода, проблемаҳои ҷойдошта ва бахри дуруст ҳал кардани онҳо фикру ақидаҳои худро асоснок намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *корти бонкӣ, Фаронса, Истиқлолияти давлатӣ, паём, молиявӣ, амалиёт.*

Дар тамоми дунё кортҳои бонкӣ яке аз воситаҳои паҳншудаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба шумор меравад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифодаи фаъоли онҳо оғоз шудааст, аммо кортҳои бонкии шахсони воқеӣ асосан барои гирифтани воситаҳои пули нақд истифода бурда мешаванд. Имрӯзҳо дар Тоҷикистон имкониятҳои кортҳои бонкӣ ба таври пурра истифода бурда намешаванд. Ҳамчун қоида, аксари соҳибони кортҳои бонкӣ онро ҳамчун танҳо воситаи гирифтани музди меҳнат истифода мебаранд, ҳоло он ки имконият ва хизматрасониҳо тавассути кортҳои бонкӣ ниҳоят гуногунранг аст.

Ба вазъияти истифодаи кортҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои зерин таъсир мерасонанд: сатҳи боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, сатҳи музди меҳнат дар кишвар, шумораи марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, ки кортҳои бонкиро ба сифати воситаи пардохт ва ғ. қабул мекунанд. Дар баробари ин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъзе мушкилиҳо дар танзими ҳуқуқии муносибатҳо оид ба истифодаи кортҳои бонкӣ ба чашм мерасад. Рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҳар як давлатро вазифадор мекунад, ки атрофи истифодаи имкониятҳои он диққат дода, ҷиҳати танзими дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти истифодаи воситаҳои мазкур дар қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид намояд.

Мувофиқан таҳқиқ ва омӯзиши танзими ҳуқуқии амалиётҳо бо истифодаи кортҳои бонкӣ дар қонунгузорӣ ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, дар аксари Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ҷиҳати такмил додани низоми

бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоду дастурҳои мушаххас дода мешавад. Масалан, дар Паёми имсолаи худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки "Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои ба низоми бонкӣ ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор пурра ҷорӣ кардани амалиёти ғайринақдӣ, аз ҷумла ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд" [6].

Ба мавҷудияти бозори кортҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқии он нав ташаккул ёфта истодааст ва айни ҳол на ҳама масъалаҳои танзими ҳуқуқиии амалиётҳои бо кортҳои бонкӣ ва пардохтҳои электронӣ пурра танзими худро ёфтаанд. Айни замон қонуни алоҳида, ки танзими тартиботи барориш ва ҳисоббаробаркунӣ бо истифода аз кортҳои бонкӣ вуҷуд надорад. Вобаста масъалаи танзими ҳуқуқии амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ якчанд дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон қабул гардидаанд. Масалан, Дастурамали № 190-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» аз 20-уми майи соли 2011, № 100 [1], Дастурамали № 193-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми апрели соли 2012, № 76 [2], Дастурамали № 237-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи пур кардани шакли ҳисоботи омории № 1-ВЭП Ҳисобот оид ба гардиши маблағҳои пулӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ» аз 28-уми июни соли 2019, № 237 [3] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ба андешаи мо, мушкилоти асосии ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои бонкӣ ин набудани танзими махсуси қонунӣ мебошад. Ҳоло ин амалиётҳо бо меъёрҳои умумии ҳуқуқи граждангӣ, қоидаҳо ва шартномаҳои ташкилотҳои пардохтӣ, ки дар доираи низомҳои пардохтии алоҳида муқаррар шудаанд, инчунин Дастурамалҳои зикргардидаи Бонки милии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки айни замон як санади меъёрӣ, ки махсус ба батанзимдарории амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ бахшида шудааст, мавҷуд аст, ки он Дастурамали № 190-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардо хтии бонкӣ» аз 20-уми майи соли 2001, № 100 [1] мебошад.

Низомномаи мазкур истилоҳотеро, ки ба ҳисоббаробаркунӣ бо кортҳои бонкӣ таалluқ доранд, муайян менамояд. Масалан, корти пардохтии бонкӣ - воситаи пардохтие мебошад, ки тавассути он дорандаи корт бо истифодаи рақами мушаххаскунандаи шахсии худ ва / ё дигар рамзҳое, ки дорандаи корти пардохтии бонкиро муайян менамояд, барои гузаронидани амалиёти аз ҷониби ношир пешбинишуда, ба суратҳисоби бонкӣ дастрасии фосилавӣ дорад.

Кортҳои бонкӣ тибқи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) вобаста аз манбаи пайдоиши маблағҳои пулии суратҳисоб:

– корти дебетӣ, ки тавассути он дорандаи корт метавонад маблағҳои пулии дар ташкилоти қарзии молиявӣ нигоҳ доштаашро ё дар доираи меъёри овердрафт, ки дар шартномаи пешниҳоди корт муқаррар шудааст, истифода намояд;

– корти кредитӣ, ки тавассути он доранда метавонад маблағҳои пулии аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ дар шакли қарз додашударо истифода намояд;

– корти пешпардохт, ки тавассути он доранда дар ҳудуди маблағи пешакӣ пардохтгардида барои гузаронидани амалиёт ҳуқуқ дорад ва дар суратҳисоби

умумикардашудаи кортии ташкилоти қарзии молиявӣ ба ҳисоб гирифта мешавад;

б) вобаста аз мансубият ба низомҳои пардохт:

– кортҳои локалӣ (дохилӣ), ки танҳо дар доираи шабакаи терминалии ташкилоти қарзии молиявӣ хизматрасонӣ карда мешаванд;

– кортҳои миллӣ, ки дар доираи шабакаи терминалии иштирокчиёни Низоми пардохтии миллии "Корти миллӣ" хизматрасонӣ карда мешаванд;

– кортҳои байналмилалӣ, ки дар доираи шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви низомҳои пардохти байналмилалӣ мебошанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он хизматрасонӣ карда мешаванд;

– корти муштаракнишон (кобейҷ корт) - корти пардохтии бонкие, ки аз тарафи ношир дар доираи ҳамкории ду низоми пардохтӣ бароварда шудааст.

Кобили зикр аст, ки вобаста аз мақсади истифодабариашон кортҳои дебетӣ ва ё кредитӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

– корти шахсӣ аз рӯи суратҳисоби кортие, ки ба номи шахси воқеӣ кушода шудааст, бароварда мешавад;

– корти иттиҳодиявӣ аз рӯи суратҳисоби кортие, ки ба номи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ кушода шудааст, бароварда мешавад;

– корти муштарактамға (кобренд корт) - корти пардохтии бонкие, ки дар доираи ҳамкории ношир ва шахси ҳуқуқӣ, ки ташкилоти қарзии молиявӣ нест, бароварда шудааст;

– корти беном - корти дебетиест, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ бе зикри ному насаби доранда дар рӯи корт ба шахсони воқеӣ (ба истиснои хизматрасонии шахсони воқеӣ дар доираи лоиҳаҳои нафақа ва музди меҳнат) бароварда мешавад ва муҳлати эътибори ин корт на зиёда аз 18 моҳ мебошад;

– корти маҷозӣ (виртуалӣ) - корти дебетиест, ки ба суратҳисоби кортӣ пайваст буда, танҳо барои пардохти мол ва хизматрасониҳо дар шабакаи Интернет пешбинӣ гардида, дар шакли электронӣ бароварда мешавад.

Аксари намудҳои кортҳои бонкӣ дар амалияи молу мулкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар баробари ин тайи солҳои охир бо баробари рушд кардани технологияи информатсионӣ амалиётҳое, ки кортҳои бонкӣ анҷом дода метавонанд тавассути телефонҳои мобилӣ низ мавриди истифода қарор дода шуда истодаанд. Агар бо чунин суръат технология рушд намояд шояд дар даҳсолаи наздиктарин ҷойи кортҳои бонкӣ (пластики)-ро пурра барномаҳои бар телефонҳои мобилӣ насбшаванда иваз намоянд. Дар чунин ҳолат қонунгузорро боз зарурат пеш меояд, ки роҳҳои нави танзими ҳуқуқии муносибатҳои бамиёномадаро коркард ва қабул намояд. Метавон қайд кард, ки қонунгузорӣ дар самти мазкур пайваста дар ҳоли рушд қарор доштанаш зарур аст, чунки танҳо қувваи қонун имкон дорад, ки дилхоҳ муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври муътадил ба танзим дарорад.

Қобили зикр аст, ки барои анҷом додани амалиёт бо истифода аз кортҳои бонкӣ ба даст овардани он зарур аст. Аз рӯи қоидаи умумӣ барои ба даст овардани корти бонкӣ шартномаи граждани-ҳуқуқӣ байни муштарӣ ва бонк оид ба амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ баста шавад. Тибқи қисми 115-уми Дастурамали № 193-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25-уми апрели соли 2012, № 76 [2] нашри кортҳои пардохтии бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзӣ мебошанд, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро доранд. Аз муқаррароти мазкур чунин бар меояд, ки бароришi кортҳои

бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода мешавад, аммо зери назорати қатъии Бонки миллии Тоҷикистон.

Қайд карда шуд, ки барои ба даст овардани корти бонкӣ аз ҷониби муштарӣ бастани шартнома талаб карда мешавад. Бидуни шартнома чуни факти ҳуқуқӣ анҷом додани дилхоҳ амалӣ шартномавӣ ғайриимкон аст. Қобили зикр аст, ки бастани шартнома розигии тарафҳоро талаб мекунад, ҳамчунин шартҳои шартнома низ бо созиши тарафҳо муқаррар карда мешавад. Дар баробари ин, дар баъзе ҳолатҳои қонунгузор ин ё он шартро ба сифати шарти ҳатмии шартнома эътироф мекунад, ки риоя накардани он боиси беэътибор эътироф кардани шартнома мегардад. Чунин муқаррарот дар қисми 1 моддаи 464-уми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] дарҷи худро ёфтааст, ки чуни наст: шартҳои оид ба мавзӯи шартнома, шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи шакли мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб меравнд. Яке аз шартҳои ҳатмии шартнома ин шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи шакли мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, эътироф карда мешаванд. Нисбат ба шартномаи ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ оид ба пешниҳоди корти бонкӣ Дастурамали № 190-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» аз 20-уми майи соли 2011, № 100 [1] дарҷи шартҳои иловагиро дар шартнома пешбинӣ кардааст, ки онҳо чунинанд:

– навъ ва андозаи ҳаққи хизмате, ки аз ҷониби дорандаи корт пардохт мешавад;

– давраҳо ва тарзи аз ҷониби ношир пешниҳод гардидани беруннависи гардиши маблағҳои пулӣ ва бақия дар суратҳисоби кортӣ;

– талаботи асосӣ дар хусуси аз ҷониби дорандаи корт риоя гардидани бехатарӣ (истифодабарии рақами мушаххаскунандаи шахсӣ, меъёрҳо, амали доранда дар ҳолати гум кардан ё дуздида шудани корт);

– тартиби хабардор кардани ношир дар ҳолати гум кардан, дуздида шудан ё аз ҷониби шахси беваколат мавриди истифода қарор гирифтани корт;

– тақсими масъулият байни тарафҳо ҳангоми гум кардан, дуздида шудан ё аз ҷониби шахси беваколат мавриди истифода қарор гирифтани корт;

– шартҳои боздошт ва мусодира намудани корт аз ҷониби ношир;

– тартиби баррасии баҳсҳо;

– тартиби бекор гардидани шартномаи пешниҳоди корт ва аз эътибор соқит намудани корт.

Мақсад аз ворид кардани шартҳои зикргардида дар шартнома на барои мушкил кардани вазъи иштирокчиёни муносибатҳои мазкур, балки ба хотири ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо равона шудааст. Дар ҳама соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ меъёрҳои императивӣ амал мекунанд, новобаста ба он ки соҳаҳои мазкур муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравнд. Риоя кардани чунин муқарраротҳои ҳатмӣ агар мушкил ҳам бошад, аммо баҳри беҳбудии муносибатҳои танзимшаванда равона карда шудааст.

Ҳангоми бастани шартномаи пешниҳоди корт ношир, яъне субъекти пешниҳодкунандаи корти бонкӣ уҳдадор аст ба он хизматрасонии хабаррасониро пайваст намояд, ки он ба дорандаи корт барои гирифтани огоҳиномаи электронӣ дар бораи амалиёти тавассути корти пардохтии бонкӣ анҷомдода имконият медиҳад. Муштарӣ аз лаҳзаи имзо намудани шартномаи пешниҳоди корт ва гирифтани корт, дорандаи корт ҳисобида мешавад. Имзои доранда дар ҳуҷҷате, ки аз гирифтани корт шаҳодат медиҳад, далели гирифтани корт аз ҷониби доранда мебошад. Ҳангоми

барориши кортҳои дебетӣ ва кредитӣ, ношир суратҳисоби кортӣ мекушояд. Дар асоси як суратҳисоби кортӣ метавонад якчанд корт бароварда шавад. Дар асоси дархости хаттии соҳиби суратҳисоби кортӣ, ношир метавонад ба шахсоне, ки аз ҷониби соҳиби суратҳисоб барои истифодаи маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда, ваколат дода шудааст, кортҳои иловагӣ барорад.

Ношир уҳдадор аст, ки дархосткунандаро то гирифтани корт бо шартҳои барориш, истифодаи корт ва тарифҳои дахлдор шинос намояд. Ношир оид ба хавфи амалҳои қаллобӣ бо корт ва чораҳои пешгирии онҳо дархосткунандаро огоҳ менамояд.

Ношир уҳдадор аст мунтазам истифодаи қаллобонаи кортҳои пардохтии бонкиро ошкор карда, маълумот дар бораи ҳолатҳои қаллобиро маҳфуз дорад ва барои пешгирӣ ва аз байн бурдани ҳолатҳои истифодаи қаллобонаи кортҳои пардохтии бонкиро аз ҷониби кормандон, дорандагони кортҳо, муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар ташкилотҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Аз сабаби нопуррагии низоми ҳуқуқии амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили танзими ҳуқуқии истифодаи кортҳои бонкӣ дар хориҷа, пеш аз ҳама дар мамлакатҳои Аврупо хеле диққатҷалбкунанда аст.

Қонунгузории Иттиҳоди Аврупо, ки ба танзими амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ равона шудааст, дар Тавсия «Дар бораи хариду-фурӯш (муомилот)-и тавассути воситаҳои пардохтии электронӣ, эмитентҳо ва нигоҳдорандагони онҳо амалишаванда» аз 30.07.1997 таҳти № 97/489/ЕС. Тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ набуда, яъне табиати ҳуқуқии ҳатмӣ надоранд. [4] Бо вуҷуди ин Тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) нуфузи зиёд доранд ва аксар вақт муқаррароти он ба қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ИА ворид карда мешаванд.

Тавсияҳои зикргардида назорати иҷрои муқаррароти он ва дар ҳолати иҷроиши ғайриқаноатбахши тавсияҳо ивази онро бо санади меъёрӣ-ҳуқуқиродар назар доранд. Ҳадафи Тавсияҳои ИА муқаррар намудани озодона истифода бурдани воситаҳои электронии пардохт ва пеш аз ҳама кортҳои бонкӣ, ки ба шарти озодона ҳаракат кардани сармоя дар ҳудудии Иттиҳоди Аврупо мувофиқ аст; баланд бардоштани боварии истифодабарандагон ба кортҳои бонкӣ ва ҳавасмандии истифодаи кортҳо ва қабули кортҳо аз ҷониби ташкилотҳои савдо ва хизматрасонӣ; муқаррар намудани талаботи камтарин барои иттилоъ додан ба нигоҳдорандагони корт ҳангоми бастани шартнома ва дар оянда нисбати амалиётҳо, ки бо истифода аз корти бонкӣ анҷом дода мешаванд, мебошад.

Тавсияҳои ИА номгӯи талаботи камтаринро ба мамлакатҳои аъзо нисбати муқаррар намудани уҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳо дар анҷом додани амлиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ ва талабот дар бораи иттилоъ додан ба нигоҳдорандаи корт дар бораи уҳдадорӣ ва масъулияташро дар бар мегиранд. Мамлакатҳои аъзо инчунин уҳдадоранд, ки амалиёти комилан мувофиқро ҳангоми ҳалли баҳсҳои байни эмитентҳо ва нигоҳдорандагони кортҳо дар мувофиқат бо амалиёти дида баромадани масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон анҷом диҳанд.

Ҳадафи Тавсияҳои ИА муқаррар кардани сатҳи баланди ҳифзи истифодабарандагон ҳангоми истифодаи воситаҳои электронии пардохт мебошад, ки ба он аз ҷумла уҳдадории эмитент оиди ҳифз намудани навиштаҷот равона шудааст, ки амалиётҳои анҷомдодашударо инъикос мекунад ва ҳангоми зарурат иҷро нашудани амалиётро дар натиҷаи аз кор мондани асбобҳои техникӣ исбот мекунад.

Бояд қайд кард, ки Кодекси таҷрибаи беҳтарини Иттиҳоди бонкии Аврупо аз рӯи пардохтҳо бо низоми кортӣ аз 14 ноябри соли 1990 аз тарафи Федератсияи бонкии Иттиҳоди Аврупо якҷо бо Иттиҳоди бонкҳои амонатии Аврупо ва Ассотсиатсияи

бонкҳои тиҷоратии ИА қабул шудааст. Ҳуҷҷати мазкур танҳо барои аъзои ин ташкилотҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад, вале нақши он хеле бузург аст, чунки ба иттиҳодияҳои номбурда шумораи зиёди ташкилотҳои қарзии Иттиҳоди Аврупо шомиланд. Босамарии санадҳои худтанзимкунии ташкилотҳо дар мамлакатҳои иқтисоди бозориашон устувор аз он ҷиҳат боло меравад, ки онҳо стандартҳои умумии ҳадди ақалли сифати молҳо ва хизматрасониҳо мегарданд.

Дар Дания муносибатҳо бо истифодаи кортҳои бонкӣ тавассути қонун дар бораи пардохт бо истифода аз кортҳо аз 6 июни соли 1984 ва қонуни муттаҳида (консолидированный) дар бораи кортҳо аз 12 сентябри соли 1994 танзим мешаванд.

Дар Фаронса муносибатҳои мазкур тибқи Қонуни пулӣ ва молиявӣ (Банди III, Боби II, моддаҳои L132-1- L132-6) танзим мешавад.[7] Дар кодекси номбурда кортҳои бонкӣ ва намудҳои онҳо тавсиф шудаанд, ташкилотҳое, ки кортҳои бонкиро бароварда метавонанд, муайян карда шуда, мафҳуми пардохтҳои бозхонднашаванда тибқи кортҳо (ба истиснои ҳодисаҳои аз корти гумшуда, дуздидашуда ва бо роҳи қаллобӣ истифода шудани он) ворид карда шудаанд, масъулияти нигоҳдорандаи корт дар ҳоли гум шудан ва дуздидани корт бо маблағи 150 евро (аз 1 январи соли 2003) маҳдуд шудааст, ки барои истифодаи ин маҳдудият нигоҳдоранда сари вақт бояд эмимтентро дар бораи гум шудани корт хабардор кунад. Мувофиқи кодекси номбурда муҳлате – 70 рӯз аз рӯи амалиёти баҳсшаванда муқаррар шудааст, ки дар давоми он нигоҳдоранда ҳуқуқ дорад дар бораи пардохт бо истифода аз корт шикоят кунад, ин муҳлат дар шартномаи байни нигоҳдоранда ва эмитент зиёд шуда метавонад, вале на зиёда аз 120 рӯз. Дар ҳолати амалиёти қаллобӣ бе истифодаи воқеии корт (масалан, пардохт дар шабакаи Интернет бо истифода аз маълумоти корти бонкӣ), инчунин дар ҳоли истифодаи корти бонкии қалбакӣ нигоҳдоранда ҳуқуқ дорад, ки аз рӯи амалиёти қаллобӣ шикоят кунад ва бояд маблағи амалиёт аз тарафи бонки эмитент дар давоми як моҳ аз рӯзи қабул кардани аризаи нигоҳдоранда, ба ӯ баргардонда шавад.

Дар Британияи Кабир муносибатҳои барориш ва гардиши кортҳои қарзии бонкӣ бо Қонун дар бораи қарзи истеъмолии соли 1974 танзим шудааст, инчунин Кодекси таҷрибаи боинсофонаи бонкӣ (ҳаммонанди Кодекси таҷрибаи беҳтарини иттиҳоди бонкии аврупоӣ аз рӯи низомҳои пардохтии кортӣ), ки дар асоси он ҳама намуди кортҳо истифода мешавад, аҳамияти бузург дорад. Бояд қайд кард, ки кортҳои дебетӣ дар Британияи Кабир дар сатҳи қонун танзим намешаванд, чунки Қонун дар бораи қарзи истеъмолӣ танҳо нисбати кортҳои қарзӣ истифода мешавад. Сабабҳои чунин вазъият пеш аз ҳама хусусияти таърихӣ дорад: солҳои 70-ум замоне, ки Қонун дар бораи қарзи истеъмолӣ таҳия ва қабул шуда буд, кортҳои дебетӣ вуҷуд надоштанд, чунки онҳо бо сабабҳои технологӣ асосан дар низомҳои электронӣ мавҷуданд, ки он солҳо чунин низом вуҷуд надошт.

Ҳуҷҷати асосӣ, ки дар ИМА амалиётҳоро бо кортҳои бонкӣ танзим мекунад, Қонун дар бораи интиқоли маблағи пулӣ ба тарзи электронӣ (Electronic Funds Transfert Act)-и соли 1978 мебошад, ки дар оянда боби 9-и Қонун дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон ҳангоми қарзгирӣ (Consumer Credit Protection Act) гардид. Ин қонуни федералӣ масъулияти нигоҳдорандаи кортро дар ҳолати амалиётҳои қаллобӣ танзим намуда, инчунин амали ислоҳро ҳангоми ба иштибоҳ роҳ додани бонк ворид кард. Дар ин асос ва барои иҷрои ин қонун Шӯрои федералии низоми захиравӣ «Дастуруламали Е» (Regulation E)-ро қабул кард. Инчунин бояд қайд кард, ки Қонуни федералӣ дар бораи шартҳои адолатнок ҳангоми қарздиҳӣ (Truth in Lending)-и соли 1968 ва Қонуни федералӣ дар бораи тарофаҳои боинсофона дар амалиёти қарзӣ (Fair Credit Billing Act)-и соли 1974 – боби 1-уми Қонун дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон

ҳангоми қарздиҳӣ (Consumer Credit Protection Act) гашта, барои иҷрои он Шӯрои федералии низоми захиравӣ «Дастуруламали Z» (Regulation Z), инчунин Тавзеҳоти расми (Official Staff Commentary)-ро қабул кард.

Мавҷудияти ду қонуни асосӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки кортҳои қарзӣ аз кортҳои дебетӣ хеле пештар пайдо шудаанд. Аз ин рӯ, дар Британияи Кабир низ танзими муносибатҳо бо истифода аз кортҳои қарзӣ дар қонуни ба қарздиҳӣ бахшидашуда инъикос ёфтааст. Вале дар тафовут аз Британияи Кабир кортҳои дебетии ИМА дар Қонуни махсус таҳияшуда дар бораи интиқоли маблағи пулӣ ба тарзи электронӣ инъикос ёфтаанд, ки қоидаҳои он аз бисёр ҷиҳат қоидаҳои Қонун дар бораи шартҳои адолатнок ҳангоми қарздиҳии соли 1968-ро, ки ба кортҳои қарзӣ тааллуқ доштанд, такрор мекунад.

Ба танзими ҳуқуқии амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашта, ҳатман бояд ба хулосае омад, ки қабули қонуни алоҳида, ки ба танзими муносибатҳо оид ба барориш ва истифодаи кортҳои бонкӣ равона шудааст, мувофиқи мақсад мебошад. Ин қонун бояд ба ҳимояи тарафҳои ғайрикасбии муносибатҳои нигоҳдорандаи корти бонкӣ – шаҳрванде, ки истифодабарандаи хизматрасониҳои молиявӣ мебошад ва муқаррар кардани уҳдадорӣ ва масъулияти тарафҳои амалиёт бо истифодаи кортҳои бонкӣ, аз ҷумла маҳдуд кардани масъулияти нигоҳдоранда аз рӯи амалиётҳои ғайриқонунии он равона шавад. Танзими қонунии муносибатҳои ҳуқуқӣ дар истифода бурдани корт ва ҳимояи манфиатҳои нигоҳдорандагон бояд боварии аҳолиро ба ин воситаи нави пардохтӣ баланд бардоранд ва ба зиёд шудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки ба нафъи ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ – давлат, ташкилоти қарзӣ ва шаҳрвандон аст, мусоидат намояд.

Ҳангоми таҳияи ин қонун истифодаи таҷрибаи қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ, ки дар боло қайд намудем, мувофиқи мақсад мебошад.

Мамлакатҳои Аврупо дар масъалаи танзими амалиётҳо бо истифода аз кортҳои бонкӣ таҷрибаи ғанӣ доранд ва ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдии шаҳрвандони онҳо, аз ҷумла бо истифода аз кортҳои бонкӣ нисбат ба ҳисоббаробаркуниҳо бо пули нақд хеле зиёдтар аст. Истифодаи ин таҷриба ба интегратсияи ҳар чи зудтари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҳуқуқии давлатҳои пешқадами дунё мусоидат хоҳад кард.

## Адабиёт


1. Дастурамали № 190-и Бонки миллии Тољикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонї тавассути кортњои пардохтии бонкї» аз 20-уми майи соли 2001, № 100. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.nbt.tj/upload/iblock/0d9/190%20%D1%82%D0%BE%D1%87%D0%B8%D0%BA%D0%B8%20(%D0%BD%D0%B0%D0%B2).pdf (санаи муроҷиат: 09.02.2021 с.).
2. Дастурамали № 193-и Бонки миллии Тољикистон «Дар бораи њисоббаробаркунињои ѓайринаќдї дар Љумњурии Тољикистон» аз 25-уми апрели соли 2012, № 76 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.nbt.tj/upload/iblock/0c2/ins_193__tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.05.2021 с.).
3. Дастурамали № 237-и Бонки миллии Тољикистон «Дар бораи пур кардани шакли њисоботи омории № 1-ВЭП Њисобот оид ба гардиши маблаѓњои пулї тавассути воситањои электронии пардохтї» аз 28-уми июни соли 2019, № 237 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.nbt.tj/upload/iblock/810/%D0%9B%D0%BE%D0%B8_%D0%B0%D0%B8%20%D0%94%D0%B0%D1%81%D1%82%D1%83%D1%80%D0%B0%D0%BC%D0%B0%

D0%BB%D0%B8%201-
%D0%92%D0%AD%D0%9F%20(%D0%B0%D1%81%D0%BE%D1%81%D3%A3)%2026.07.19.pdf (санаи муроҷиат: 27.04.2021 с.).
4. Европейское право: Учебник для вузов / Ответственный редактор Л.М. Энтин. - М.: НОРМА, 2004. – С. 26
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми I) аз 30 июни соли 1999., № 882. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=335 (санаи муроҷиат: 05.03.2020 с.).
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 сол. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 10.05.2021 с.).
7. Спиранов И.А. Правовое регулирование операций с банковскими картами: дис. канд. юрид. наук. - М., 2002. - С. 23-24.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ОПЕРАЦИЙ С БАНКОВСКИМИ КАРТАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ТАГОЗОДА ДОСТОНИ ГАЙРАТШО,**
соискатель кафедры предпринимательства и бизнеса
Таджикского национального Университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.:(+992) 944-14-44-44. E-mail: dostonigairatsho@internet.ru

*В условиях Республики Таджикистан, особенно в первые годы государственной независимости, когда банковская система страны находилась на ранних этапах развития, основное внимание было сосредоточено на совершенствовании банковской системы и адаптации ее к новым банковским условиям. Другой вопрос, что по сравнению с другими развитыми странами мира, где электронные средства учета были разработаны гораздо раньше, новообразованное государство Таджикистан несколько от них отстало в этом вопросе. Указанные ситуации оказывают непосредственное влияние на рассматриваемое правовое явление.*

*В настоящее время правовое регулирование операций с банковскими картами в Республике Таджикистан считается одним из важнейших вопросов, поскольку, практический опыт показывает, что активное использование банковских карт не налажено в полной мере. Большинство владельцев банковских карт используют ее как единственное средство получения заработной платы, ведь возможности и услуги через банковских карт чрезвычайно разнообразны и выгодны.*

*В данной статье автор проанализировал понятие и виды банковских карт с точки зрения практики и законодательства, а также представил свои полезние идеи по ее совершенствованию. Автор попытался проанализировать опыт европейских стран, прежде всего Дании, Франции, Великобритании, и обосновать свои идеи и взгляды на существующие проблемы и способы их правильного решения.*

***Ключевые слова:*** *банковская карта, Франция, государственный суверенитет, послание, финансовый, операция.*

## LEGAL REGULATION OF TRANSACTIONS WITH BANK CARDS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**TAGOZODA DOSTONI GAYRATSHO,**
Applicent of the Department of Entrepreneurship and Business,
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki ave.

Phone: (+992) 944 14 44 44. E-mail: dostonigairatsho@internet.ru

*In the conditions of the Republic of Tajikistan, especially in the first years of state independence, when the country's banking system was in the early stages of development, the main attention was focused on improving the banking system and adapting it to new banking conditions. . Another question is that, compared with other developed countries of the world, where electronic accounting tools were developed much earlier, the newly formed state of Tajikistan lagged behind them in this matter. These situations have a direct impact on the legal phenomenon under consideration.*

*Currently, the legal regulation of transactions with bank cards in the Republic of Tajikistan is considered one of the most important issues, since practical experience shows that the active use of bank cards is not fully established. Most bank card holders use it as the only means of obtaining wages, because the opportunities and services through bank cards are extremely diverse and profitable.*

*In this article, the author analyzed the concept and types of bank cards from the point of view of practice and legislation, and also presented his useful ideas for its improvement. The author tried to analyze the experience of European countries, primarily Denmark, France, Great Britain, and substantiate his ideas and views on existing problems and ways to properly solve them.*

***Key words:*** *bank card, France, state sovereignty, message, financial, operations.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 323.2**

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК ҲАМЧУН УНСУРИ МУҲИММИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ҲАРБӢ - ВАТАНДӮСТӢ

**ҲАЙДАРОВ РУСТАМ ҶУРАБОЕВИЧ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
**ГУЛЯМОВ ҶАМШЕД ФАЙЗУЛЛО ЕВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садраддин Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Тел.: (+992) 938-80-76-75.

*Дар мақолаи мазкур падидаи ватандӯстӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта аст. Ба ақидаи муаллифон тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун унсури муҳими татбиқи сиёсати ҳарбӣ-ватандӯстӣ, раванди таъсиррасонии ҳадафманд ба шахс баҳри ташаккул додани шахси ватандӯсту содиқ ва муҳофизи ҷасури Ватан мебошад.*

*Дар мақола таъкид мегардад,ки ватандӯстӣ инъикосгари муҳаббат ба Ватани хеш, алоқамандӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳои он мебошад, ки бо ҷаззобият ва ҷудонопазирии такрорнашавандагӣ ва ивазнашавандагии худ асоси маънавӣ — ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад, мавқеи шаҳрвандии ӯ ва талабот ба хизмати фидокорона ва ҷоннисорона ба Ватанро ифода менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ватан, ватандӯстӣ, сиёсати ҳарбӣ –ватандӯстӣ, хизмати ҳарбӣ,,идеяи миллӣ*

Ватандустӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, дар раванди ташаккулёбии давлатдории миллӣ ва амалияи сиёсӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Масъалаи ватандӯстию ватанпарастӣ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ нақши махсус мебозад. Маълум аст, ки ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимою сиёсӣ, пеш ҳама, ба шуури сиёсии шаҳрвандони мамлакат таъсиргузорӣ намуда, ҳамеша ҳамсафари давлату миллат мебошад.

Ватандӯстӣ ҳамчун объекти муҳими илмҳои сиёсӣ хусусиятҳои хос ва паҳлуҳои гуногун дорад, ки ҳангоми баррасии он хусусиятҳои бевоситаи сохти давлатдорӣ ва конститутсионии ҷомеа бояд ба инобат гирифта шавад. Пеш аз ҳама, ватандӯстӣ падидаи мураккаби иҷтимою фарҳангӣ буда, тарбияи ватандӯстӣ ҷузъи таркибии сиёсати ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар дилхоҳ давлати миллӣ ва соҳибистиқлол мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло муҳиммияти омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ватандӯстиро ба таври зерин асоснок намудан мумкин аст:

Якум, моҳияти ватандӯстӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он бояд муайян карда шавад, то ки алоқамандии он бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа нишон дода шавад.

Дуюм, бо мақсади хубтару беҳтар намудани сатҳу сифати тарбияи ватандӯстии ҷавонон ташаккулёбии минбаъдаи назарияи ватандӯстӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд амалӣ карда шавад.

Сеюм, тағйироти амиқ ва сифатнок, ки бечунучаро тағйироти мувофиқро дар афкори ҷомеа талаб менамоянд. Чунки бе дигаргунии фарҳанги сиёсӣ, бе тағйироти куллӣ дар рӯҳия ва тафаккур одатҳои ақидавии замони гузаштаро паси сар кардан ва

онҳоро бо тасаввуроти навин иваз кардан имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ташаккулёбии ақидаҳои муосири сиёсии ҳар як инсон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сохтори ҷомеаи башардӯстона, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ – яке аз вазифаҳои асосӣ ҳангоми гузариш ба сохтори нави ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Чорум, муҳиммияти ташаккулдиҳии ҳисси ватандӯстии аҳолии мамлакат бо манфиатҳои идеологии давлати соҳибистиқлол ва инчунин бо халои идеологӣ алоқаманд гардонида шуда, ин омил бо дарназардошти хусусиятҳои ҳаёти ҷамъиятии охири солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи ватандӯстӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле мубрам мебошад.

Ба назари мо сиёсати ҳарбӣ-ватандӯстӣ як қисми таркибии раванди ташаккули шуури ватандӯстӣ дар муҳити ҷавонон мебошад. Хусусиятҳои он асосан бо ҳадафи ба ҳифзи Ватан омода намудани шаҳрвандон вобаста аст. Тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ шаҳрвандонро на танҳо барои хизмати ҳарбӣ тайёр мекунад, балки иқтидори маънавии тамоми миллатро мустаҳкам менамояд, барои баланд шудани шуур ва фаъолияти ҷамъиятии шаҳрвандон мусоидат мекунад ва сулҳ суботро дар ҷомеа таъмин менамояд. Дар бораи асосҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ таърифҳои зиёде мавҷуданд, масалан: «тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро ҳамчун раванди муддавом, ҳадафманди ташаккул додани сифатҳои баланди ахлоқӣ, сиёсӣ ва равонии шаҳрвандон, мусаллаҳ намудани онҳо бо дониш, малакаву қобилиятҳои зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои дифоъи Ватан муайян кардан мумкин аст» [1,9].

Ба назари мо, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҳамчун унсури муҳими татбиқи сиёсати ҳарбӣ-ватандӯстӣ, раванди таъсиррасонии ҳадафманд ба шахс баҳри ташаккул додани шахси ватандӯсту содиқ ва муҳофизи ҷасури Ватан мебошад. Бинобар ин, тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ватандӯстӣ, раванди фаъоли таъсиррасонии мунтазам, нақшавӣ ва ҳамгирошудаи омӯзгорон, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба шуур ва рафтори ҷавонон ва умуман шаҳрвандон дар ҷараёни ҳаёт, таҳсил ва фаъолияти онҳо мебошад, ки бо ҳадафи дар онҳо ташаккул додани сифатҳои баланди маънавӣ-сиёсӣ, психологӣ, ҷангӣ ва ҷисмониро равона шудааст. Сифатҳои номбаршуда барои бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои мудофиаи Ватан дар ҳар шароит зарур аст

Дар ҳақиқат ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи арзишноке мебошад, ки ҳамгироии ҷомеаро таъмин менамояд ва ҳамчун меҳвари ягонагӣ, субот ва пешрафтаи он ба шумор меравад. Дар баробари ин, ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои умумиинсонӣ арзиши марказӣ мебошад. Он дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва махсусан дар шароити дигаргуниҳои ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Муттаҳидшавии одамон дар шакли як умумият, ташаккулёбии ваҳдати миллӣ, дарки идеяи миллӣ ва ташаккулёбии идеологияи умумӣ дар давоми асрҳои зиёд ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, дар асоси дарки ватандӯстии тоҷикон фарҳанги ҳуқуқию сиёсии онҳо падидаи хеле нодир ба шумор рафта, истиқлолияти сиёсию миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам мустаҳкамтар менамояд. Ба он характери умумимиллӣ, худфидосозӣ, ҷавонмардӣ ва монанди инҳо хос аст.

Ватандӯстӣ, ки ҳамчун муайянкунандаи воқеияти муосир баромад наменамояд, барои паси сар намудани бӯҳрони системавии ҷомеа ва давлат, институтҳои муҳимми он, махсусан ҳаёти сиёсии ҷомеа, ҳамчун яке аз сарчашмаи азнавсозиҳои муваффақ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ хеле зарур арзёбӣ мегардад. Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ табиат ва моҳияти сиёсӣ дорад ва аз ин рӯ он категорияи сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Яке аз нишонаҳои ватандӯстӣ ин дар амали ҳаррӯзаи доимии худ, хизмати кишвар ва халқу ватанро ба ҷо оварда, қарзи шаҳрвандиро иҷро кардан аст. Ватандӯсти ҳақиқӣ будан ин бо меҳнати ҳалоли ҳаррӯзаи худ баҳри ҷомеа нафъе овардан, бо амали доимии худ барои дигарон намунаи ибрат будан аст.

Ба ақидаи муҳаққиқон "на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар бисёр кишварҳои ҷаҳон дар гузашта ва дар ҳоли ҳозир масъалаҳои вобаста ба фарҳанги сиёсии ҷавонон ва тарбияву омодагии ҳарбӣ-сиёсии онҳо ҳамеша хеле муҳим мебошанд ва асосан дар сатҳи давлатӣ ва идораҳои давлатӣ ҳалли худро меёбанд. Аз ин рӯ дар Тоҷикистон имрӯз чун пешина масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон аҳамияти махсус дорад, ки мо дар ин бора дар бандҳои дигар қайд карда будем, вале мо изҳор медорем, ки имрӯз ҳукумат ба ҷавонон чун ба қувваи бузург такя менамояд ва давлат ҷавононро омода намуда, барои муҳофизати амнияти кишвар ва ҳадафҳои стратегияи ҳарбии кишвар истифода мебарад. Барои ҳамин омодагии ҷисмонӣ ва рӯҳии ҷавонон яке аз манбаъҳои муҳими давлат ва ҷомеаи мо буд ва мемонад" [2,128].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ, ки 23 декабри соли 2022 ироа намуданд, аз сокинони кишвар даъват ба амал оварданд, ки бояд ватандӯсту ватанпараст бошанд ва ҳаргиз фаромӯш насозанд, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошанд.

"Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.

Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст.Мо имсол «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027»-ро қабул намудем"[3].

Дар ҳақиқат тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, тарғиби фарҳанги миллӣ ва пешгирии майли бегонапарастӣ, мубориза идеологӣ бар зидди терроризм, экстремизм ва амсоли инҳо аз самтҳои аввалиндараҷаи тарбияи насли ҷавон ба шумор рафта, омӯзгорон ва падару модарон бояд насли ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯсию хештаншиносӣ тарбия намоянд.

Унсури мушаххаси тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ аз рӯи тамоюлҳо бештар аз фаъолияти амалӣ иборат мебошанд. Татбиқи амалии мазмуни мазкур ба он нигаронида шудааст, ки шаҳрванд нақш ва мавқеи худро дар хизмати Ватан дарк намояд. Ҳамчунин ӯ масъулияти баланди шахсиро барои иҷрои талаботи хизмати ҳарбӣ ва давлатӣ дар оянда дарк намуда , бояд эътиқоди қавӣ ба зарурати иҷрои вазифаи мухофизати Ватан дар шароити муосир ва ташаккули сифатҳои асосӣ баҳри иҷрои бомуваффакияти ӯҳдадориҳо дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳро дошта бошад.

Дар навбати худ бунёди унсури мушаххаси тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ пеш аз ҳама муҳаббат ба Ватан, садоқат ба қарзи шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ, шаъну шарафи ҷангӣ, далерӣ, матонат, фидокорӣ, шуҷоат ташкил медиҳад.

Имрӯз дар мазмуни тарбияи ҳарбию ватандӯстии шаҳрвандон арзишҳои зерини маънавию ахлоқӣ афзалият доранд: садокат ба асосҳои сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ба низоми мавҷудаи сиёсӣ; ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан; ҳифз ва рушди анъанаҳои беҳтарини Қувваҳои Мусаллаҳ; фидокорӣ ва қобилияти бартараф намудани душвориҳо; инсондустӣ ва ахлоқи воло;, масъулиятшиносӣ, оштинопазирӣ нисбат душманони миллат.

Дар байни арзишҳое, ки ин нуктаҳои дар боло зикршударо пурратар ифода мекунанд, ватандӯстӣ ва омодагӣ ба хизмати шоиста ба Ватан номбар кардан мумкин астт,зеро онҳо меҳвари мазмуни тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавононро ташкил медиҳанд.

“Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар давлатҳои соҳибистиқлоли миллӣ, ба монанди Ватани азизу маҳбуби мо – кишвари ормонии ҳазорсолаи ниёи ватандӯсту озодихоҳ, бо дарназардошти вазъи сиёсии бисёр мураккаб ва ҳассоси минтақа ва ҷаҳон, чолишҳои пайваста ва аксаран, пешгӯинашавандаи раванди ҷаҳонишавӣ, бо фарогирии мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи меҳнатдӯстӣ», «тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ» шарти асосии таъмини истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, якпорчагиву тамомияти арзӣ, амнияти комили давлат, таҳрики соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини рушди устувор, татбиқи механизмҳои «иқтисоди сабз» ва дар маҷмуъ, бақои давлату давлатдории миллист” [4].

Тарбияи ватандӯстӣ ҳарбӣ-ватандӯстӣ эҳёи ҳиссиётҳоро пешбинӣ намуда, маънои ташаккули ғояи баланди хизмат ба халқ, омодагӣ ба ҳимояи Ватан дар ҳар замон, пажӯҳиши анъанаҳои ҷангӣ ва саҳифаҳои дурахшон ва қаҳрамононаи халқи тоҷик ва Қувваҳои Мусаллаҳи онро дорад.

“Ватандӯстӣ як ҳадаф дорад - обод намудани Ватан, саҳм гузоштан дар рушди устувори кишвар”[5].

Ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик “ватандӯстӣ инъикосгари муҳаббат ба Ватани худ, алоқамандӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳои он мебошад, ки бо ҷаззобият ва ҷудонопазирии такрорнашавандагӣ ва ивазнашавандагии худ асоси маънавӣ - ахлоқии шахсиятро ташкил медиҳад, мавқеи шаҳрвандии ӯ ва талабот ба хизмати фидокорона ва ҷоннисорона ба Ватанро ифода менамоянд. 273 Ватандӯстии шаҳрванд нисбат ба умумияти сиёсӣ бо чунин категорияҳои иҷтимоӣ, ба монанди қарзи ватандорӣ, хизмат ба ватан ва ҷоннисорӣ намудан ба ватан алоқамандии зич дорад. Қарзи ватандориро метавон ҳамчун уҳдадории ахлоқии инсон барои манфиати Ватани худ шарҳ дод. Чун қоида, мафҳуми мазкур дар ҳолатҳои бuҳронӣ барои Ватан ҳангоми ҳимояи он аз душманони дохилӣ ва беруна, нигоҳдории ягонагӣ ва истиқлолияти он истифода бурда мешавад. Қарзи ватандорӣ дар ин ҳолат аз инсон талаб менамояд, ки тамоми саъю кӯшишашро ба татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона сохта, манфиатҳои шахсиашро фаромӯш созад ва ҳатто худро дар роҳи ватан фидо намояд” [6,272-273].

Ватандӯстӣ имрӯз як рукни асосии идеяи миллии Тоҷикистон мебошад. «Идеяи миллии мо тоҷикон дар дӯст доштани Ватан инъикоси худро меёбад ва ин ҳиссиёт дар қалби мо ҷойгир асту онро касе ба воситаи дастуру фармон ва ё тавассути шиорпардозӣ наметавонад интиқол диҳад. Миллате, ки идеяи миллӣ надорад, қурбонии таҷовузгарони хориҷӣ гашта, рӯ ба олами фано хоҳад овард. Агар ба маънидоди фалсафии ин падида рӯ оварем, идеяи миллӣ ба савол дар бораи маънии ҳастӣ ва ҳадафи мавҷудияти як

ҷомеаи муайяни таърихӣ, яъне миллат ва давлат, инчунин, рисолати маънавии миллати мушаххас посух медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои идеяи миллӣ аз он иборат мебошад, ки он фақат ба ҳадафи бузург – сифатан тағйир додани воқеият ва бо ин роҳ тағйир намудани тақдири миллат равона аст. Вобаста ба ҳар як давру замон вазифаҳои идеяи миллӣ тағйирпазиранд. Рисолати идеяи миллӣ дар он таҷассум мeёбад, ки як миллати мушаххасро аз як нуқтаи таърих ба марҳилаи нави тараққиёти ин миллат, яъне ба пешрафт ва ба фардои муваффақ интиқол медиҳад. Маҳз идеяи миллӣ моро илҳом мебахшад ва ба мо баҳри хизмат барои рушди Ватан неруи тозаи мудаввом медиҳад. Ба ғайр аз ин, идеяи миллӣ мунтазам бо амалия ва таҷрибаи муосири миллат дар ҳамоҳангӣ қарор ёфта, ба чолишҳои замони худ вокуниш нишон медиҳад» [5].

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳарбӣ-ватандустӣ дар дилхоҳ давлат аз фаъолияти гуногунҷанба, мунтазам, мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳоро оид ба ташаккули шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси баланди садоқат ба Ватан, омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ, муҳимтарин ӯҳдадориҳои конститутсиониро баҳри ҳифзи манфиати Ватан.дар назар дорад.

Ҳадафи сиёсати ҳарбӣ-ватандӯстӣ - ташаккули шуури шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар байни шаҳрвандон ҳамчун муҳимтарин арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ташаккули сифатҳо, маҳорат ва омодагӣ барои фаъолият баҳри ҳифзи кишвар мебошад. Мазмуни сиёсати ҳарбӣ-ватандустӣ, ки бо мақсаду вазифаҳои он арзёбӣ мегардад, бо хусусиятҳо, дараҷаи рушдии ҷомеа, вазъияти соҳаҳои иқтисодӣ,иҷтимоию сиёсӣ, маънавиёт ва дигар соҳаҳои ҳаёт иртибот дорад.

**Адабиёт**

1. Бублик Л. Военно-патриотическое воспитание: сущность и структура. — М.: Коммунист Вооруженных Сил, 1976, С. 9-10.
2. Абдураҳмонзода Р.А. Ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ҳарбии ҷавонон дар Тоҷикистон// Ахбори И ФСҲ АИ ҶТ, №1,2019,С.126-129
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»[манбаи электронӣ]// https:// president.tj/node/29823 (Санаи дастарсӣ:11.01.2023)
4. Насриддинзода Э. Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон,ҳамчун омили асосӣ ва муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа [манбаи электронӣ]// https:// //khovar.tj/2023/01/ tarbiyai-vatand-stii-sha-rvandon-amchun-omili-asos-va-ro-i-mu-imtarini-rushdi-davlat-va-omea-mulo-iza-va-bardosht-oi-emomal-nasriddinzoda-dar-oshiyai-payomi-peshvoi-millat/(Санаи дастарсӣ:11.01.2023)
5. Ҳайдаров Р.Ҷ. Ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ шоҳсутунҳои идеяи миллии тоҷиконанд [манбаи электронӣ]// https:// /jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44762(Санаи муроҷиат:11.01.2023)
6. Ҳайдаров Р.Ҷ.,Қурбонов С.М. *Моҳият ва хусусияти ватандустӣ: таҳлили консептуалӣ// Паёми ДМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон. №10,2018. -С.268-274.*

## ВОСПИТАНИЕ ПАТРИОТИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ РЕАЛИЗАЦИИ ВОЕННОЙ ПОЛИТИКИ - ПАТРИОТИЗМ

**ХАЙДАРОВ РУСТАМ ДЖУРАБОЕВИЧ,**
доктор философии, профессор,
Национальная Академия наук Таджикистана.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

**ГУЛЯМОВ ДЖАМШЕД ФАЙЗУЛЛОЕВИЧ,**
Соискатель кафедре политических наук,
Таджикский государственный педагогический Университет имени Садриддин Айнӣ.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121.
Тел.: (+992) 938-80-76-75.

*В данной статье изучен феномен патриотизма. По мнению авторов, военно-патриотическая подготовка является важным элементом реализации военно-патриотической политики, процессом целенаправленного воздействия на человека с целью формирования патриотически-лояльного человека и отважного защитника Родины.*

*В статье подчеркивается, что патриотизм является отражением любви к своей Родине, связи с ее историей, культурой, достижениями, которые своей притягательностью и неразделимостью воспроизводимости и незаменимости формируют духовно-нравственную основу человека, его гражданскую позицию и потребность в самоотверженное и бескорыстное служение представляет родину.*

***Ключевые слова:*** *Родина, патриотизм, военно-патриотическая политика, военная служба, национальная идея.*

## EDUCATION OF PATRIOTISM IN MODERN TAJIK SOCIETY AS AN IMPORTANT ELEMENT OF THE IMPLEMENTATION OF MILITARY POLICY – PATRIOTISM

**HAYDAROV RUSTAM JURABOEVICH,**
Doctor of Philosophy, Professor,
National Academy of Sciences of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Rudaki ave.
**GULYAMOV JAMSHED FAYZULLOEVICH,**
Applicant of the political science department of the
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki ave.
Phone: (+992) 938-80-76-75.

*In this article, the phenomenon of patriotism is studied. According to the authors, military-patriotic training is an important element in the implementation of military-patriotic policy, a process of purposeful influence on a person in order to form a patriotic-loyal person and a brave defender of the Motherland.*

*The article emphasizes that patriotism is a reflection of love for one's Motherland, connection with its history, culture, achievements, which, with their attractiveness and inseparability of reproducibility and irreplaceability, form the spiritual and moral basis of a person, his civic position and the need for selfless and disinterested service represents the homeland.*

***Key words:*** *Motherland, patriotism, military-patriotic policy, military service, national idea.*

УДК: 323

# ПИЛОТАЖНЫЙ АНАЛИЗ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЕКТОВ В СФЕРЕ ТРАНСПОРТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ.

**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
кандидат политических наук, ректор
Хорогского государственного университета имени Моёншо Назаршоев.
736000, Республика Таджикистан, город Хоруг, улица Ш.Шохтемур 109.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**ЗУЛФОНОВ БАХТИЁР БАХРОНОВИЧ,**
соискатель Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ryziev81@mail.ru

*В статье автор канстатирует то, что за время независимости Республики Таджикистан и в целом дорожная экономика сильно изменилась, реализованы инвестиционные проекты в сфере транспорта, автомобильных дорог, железной дороги. Дороги и их сооружения сильно разрушаются ежегодно от стихийных бедствий.*

*Для Таджикистана основными стратегическими проблемами, по-прежнему, являются расстояние до экспортных рынков и высокие транспортные расходы. Горная местность обуславливает повышение транспортных расходов из-за отсутствия выхода к морю, осложняя перевозки. Страна также уязвима перед стихийными бедствиями, такими как камнепады и оползни, дополнительно усложняющие дорожное сообщение. Ситуация усугубляется отсутствием надлежащего технического обслуживания, в результате чего многие дороги, мосты и другие объекты инфраструктуры находятся в плачевном состоянии и нуждаются в ремонте или полной реконструкции.*

*Именно эффективная работа аварийно-спасательных формирований, организованных за счет средств государственных дорожно-эксплуатационных учреждений путем мобилизации имеющихся возможностей, ресурсов и техники, сложная ситуация была устранена в кратчайшие сроки и восстановлено транспортное сообщение. Автором статьи также исследованно что за короткое время были построены и реконструированы тысячи км и автомобильной и железной дороги. Улучшилось услуга автомобильного транспорта, перевозки грузов, строительство мостов и в настоящее время в различных регионах республики продолжается строительства автомобильных дорог и других видов дорожных сооружений.*

***Ключевые слова**: автомобильные дороги, железные дороги, стратегические цели, развитие, экономика, дипломатия, государство, проекты, автомобиль, транспорт.*

Транспортный сектор играет одну из важных ролей в обеспечении устойчивого экономического развития страны и является одним из приоритетов страны. В целях своевременного и качественного выполнения поручений Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона и Правительства Республики Таджикистан Министерством транспорта были осуществлены определенные меры по обеспечению макроэкономических показателей.

Развитие транспортного сектора в Республике Таджикистан началось в 1997 году, в период независимости. В 90-е годы XX века только 42% дорог государственного значения и 20% дорог местного значения были с твердым покрытием, из которых 73% находились в неудовлетворительном состоянии, 26% - в среднем состоянии и только 1% - в хорошем техническом состоянии. В этот период одной из задач отрасли и

стратегических целей становится построение транспортной инфраструктуры для выхода страны из коммуникационного тупика, и чтобы стать транзитной страной [3,13]. Для реализации этой стратегической задачи Правительство Республики Таджикистан в тесном сотрудничестве с партнерами решает задачи по развитию единой дорожной сети, соединению международных транспортных коридоров, обеспечению регулярного транспортного сообщения с соседними странами, совершенствованию и адаптации документов к международным стандартам, определяя правовую базу сектора как приоритетную. Первый этап стратегической задачи - выход из коммуникативного тупика - реализован усилиями Правительства и при поддержке партнеров по развитию.

Следует констатировать факт, что сегодня у нас не только постоянная внутренняя транспортная сеть, но и налажено регулярное транспортное сообщение с соседними странами. Сотрудничество в области транспортной инфраструктуры со странами-донорами, включая Японию, Китайскую Народную Республику, Исламскую Республику Иран, США, Францию, и международными донорскими организациями (партнерами по развитию), такими как Азиатский банк развития, Исламский банк развития, Европейский банк реконструкции и развития, Кувейтский фонд арабского экономического развития, Фонд ОПЕК, Фонд Абу-Даби, Саудовский фонд развития, Всемирный банк, Азиатский банк инфраструктурных инвестиций, Фонд Ага Хана были созданы и дали эффективные результаты. Транспортная сфера в неуклонном развитии социально-экономической жизни страны как отрасль, обеспечивающая непрерывные хозяйственно-экономические связи, особенно в нашей стране, независимо от сложности рельефа и климатических условий, в то же время, находясь на торговый перекресток, соединяющий с развитыми странами [4,10].

В рамках инвестиционных проектов реализовались следующие компоненты: - «Совершенствование дорожных норм и институциональные реформы в дорожном секторе» (Реконструкция автодороги Душанбе-Турсунзаде - граница с Узбекистаном, участок дороги от памятника Сино до западных ворот Душанбе (на перекрестке 82); - Ремонт автомобильных дорог местного значения на территории проекта (30 км), безопасность движения (электроснабжение населенных пунктов и прилегающих к ним поселков, не обеспеченных линиями электропередач), содержание дорог по качественным показателям (177 км), проектирование, контроль проекта, аудит» (Проект развития коридора CARES 3 и 5 (Реконструкция дороги Восе-Ховалинг и асфальтирование второго слоя дороги на участке Сайрон-Карамык); - Закупка дорожно-ремонтной техники (проект строительство автодороги Куляб-Калаихумб, участок Шуробод-Шохин) приобретение оборудования для электронного расчета интенсивности движения и приобретение оборудования для проверки неровности дороги, закупка оборудования для взвешивания автомобилей на дорогах, разработка Программы развития транспорта до 2050 года (проект укрепление критической инфраструктуры для обеспечения устойчивости к стихийным бедствиям (строительство мостов в ГБАО) [6,31].

Превращение Республики Таджикистан в транзитную страну в регионе и использование ее транзитных возможностей является одной из основных целей развития страны, принятой Правительством Республики Таджикистан.

Мигрирующий из страны в страну капитал может вызвать неоднозначные последствия для национальных экономик. В этой связи возрастает значимость институциональных мер регулирования международного движения капитала. Наряду с мерами государственного контроля по привлечению инвестиций различные страны практикуют меры по предотвращению оттока (бегства) капитала из страны [8,25].

Решения о том, следует ли при этом инвестировать средства в здравоохранение, школьное образование или строительство дорог, принимаются в тесном сотрудничестве между правительством страны-реципиента, которое также зачастую само управляет соответствующими программами и проектами. При подготовке программ в обсуждение вовлекаются организации гражданского общества соответствующих третьих стран.

Что касается последствий неблагоприятного инвестиционного климата, то обычно выделяют два: отток капитала и т.н. «бегство мозгов» из страны. Очевидно, что такой подход является серьезным упрощением и не всегда позволяет верно оценить реальное положение дел в экономике страны. Кроме того, даже настроения (ожидания) предпринимательского состава неизбежно сказываются на его экономическом поведении [9,45].

Китайская сторона проявляет большой интерес к финансированию крупных и средних проектов по строительству автодорог, гидроэлектростанций, линии электропередач.

«Кроме того, потребуется инвестиционный план по новым сервисам навигации, контроля транспортных потоков и связи».

«После 2000 года начался процесс углубления и расширения двусторонних и многосторонних отношений Таджикистана с иностранными государствами, привлечения иностранных инвестиций в экономику страны» [13,39].

«Учитывая наследие относительно низкого уровня экономического развития, взаимосвязанность в Центральной Азии продвигалась главным образом за счет иностранных инвестиций. Хотя это замедлило, а в некоторых случаях весьма существенным образом полностью изменило распад физической инфраструктуры взаимосвязанности, оно также создало потенциальную региональную долговую ловушку и увеличило зависимость стран Центральной Азии от Китая, особенно в контексте Программы «Один пояс – один путь» 2013 года» [11,32].

Инвестиции Всемирного банка в программу под названием «Региональные связи в Центральной Азии» были вложены по инициативе правительств стран региона и последовательно, начиная с Кыргызстана и сейчас включая также Таджикистан. Завершение первых двух этапов программы позволит восстановить жизненно важные сети дорожной инфраструктуры, связывающие Кыргызстан, Таджикистан и Узбекистан в Ферганской долине [15,22].

Необходим проектный подход, причем каждый проект должен быть подкреплен всесторонней оценкой экономической и социальной эффективности на отраслевом, региональном и макроэкономическом уровнях, чтобы новые дороги не превратились в ведущие «в никуда», как это уже бывало.

Необходимо отметить, что развитие транспортной отрасли имеет огромное значение и выход из коммуникационного тупика является одной важнейших стратегических целей Республики Таджикистан. Таджикистан не имеет выхода к морским портам, поэтому в сфере транспортного хозяйства страны ключевое значение имеют автомобильные дороги и системы железных дорог. Эти виды транспорта имеют важное значение для развития экономики страны. Более 90% пассажирооборота и около 70% грузовых перевозок приходится на автомобильный транспорт. Республика Таджикистан является членом 10 международных программ в сфере транспорта, в том числе ЭСКАТО, ООН, ТРАСЕКА, ШОС, СПЕКА, ЭКО [13,89].

В транспортном секторе за последние годы были реализованы более 38 инвестиционных проектов, в результате которых сданы в эксплуатацию 2000 км автомобильных дорог, 240 мостов, 132 километра железнодорожных линий, 31.5 км

тоннелей и защитных сооружений против лавин. Эти инвестиционные проекты реализовались за счет привлечения иностранных инвестиций. К таким проектам можно отнести:

- Строительство автодороги «Душанбе - Дангара» совместно с «Эксимбанком» КНР на сумму 256,27 млн. долларов США;
- Строительство автодороги «Душанбе граница Узбекистана» совместно с Азиатским Банком Развития на сумму 131,2 млн. долларов США;
- Строительство автодороги «Душанбе граница Кыргызстана» совместно с Азиатским Банком Развития на сумму 76,5 млн. долл. США;
- Строительство автодороги «Куляб - Калаи-Хумб» участок «Шурабад- Шохон» совместно с Саудовским Фондом Развития, Фондом ОПЕК, Исламским Банком Развития, Кувейтским Фондом Развития и Фондом Абу-Даби на общую сумму 92,9 млн. долларов США.

Что касается железных дорог, то их протяжённость в Таджикистане составляет 935 км. Здесь важно отметить, что наша республика является участником соглашения Трансазиатской железной дороги (ТЖД), соединяющей железнодорожную систему с 28 странами в Азии и Европе. Данное соглашение вступило в силу с 11 июня 2009 года. Оно призвано облегчить грузовые и пассажирские перевозки в пределах Азии и между Азией и Европой [10.44].

Уже на протяжение нескольких лет Правительство Республики Таджикистан совместно с Правительствами Туркменистана и Афганистана осуществляет проект строительства железной дороги Туркменистан - Афганистан - Таджикистан. Предполагается, что данная железная дорога позволит создать благоприятные условия для повышения темпов социально-экономического развития региона. Авиаперевозки осуществляются как местными, так и международными авиакомпаниями. Таджикистан располагает 4 международными аэропортами в городах Душанбе, Худжанде, Курган-Тюбе и Кулябе.

В период государственной независимости были подписаны соглашения об авиационных сообщениях с 21 государством дальнего и ближнего зарубежья. Кроме того, отечественными компаниями «Таджик Эйр» и «Сомон Эйр» оказываются услуги гражданам по 33 авиамаршрутам в 9 стран дальнего и ближнего зарубежья [12,56].

3 сентября 2014 года в Душанбинском международном аэропорту был введен в эксплуатацию современный пассажирский терминал с пропускной способностью 500 пассажиров в час, построенный за счет средств Таджикистана и Франции.

Можно утвердить, что, опираясь на политику «открытых дверей», Таджикистан реализует институциональные и экономические реформы в целях создания благоприятного инвестиционного климата, бизнес-среды и интеграции в мировую экономику.

С учетом продолжения реформ в сфере постоянно совершенствуется законодательство страны, в частности приняты законы Республики Таджикистан «О концессиях», «Об инвестициях», «О свободных экономических зонах», «О защите и государственной поддержке предпринимательства», «Об инвестиционном договоре», «О партнерстве государства и частного сектора», «О реализации продукции», «О моратории на проверки субъектов предпринимательства», разработан и реализован ряд программ, другие стратегические документы. Всего действующим законодательством страны предусмотрено 109 видов инвестиционных льгот, в том числе 92 фискальные льготы и 17 нефискальных льгот на стимулирование инвестиционной и предпринимательской деятельности. В частности, новые товаропроводящие

предприятия освобождаются от налога на прибыль на срок от 2-х до 5 лет в зависимости от суммы инвестиций [11,56].

Если правительство сможет обеспечить восстановление или пуск в эксплуатацию инфраструктуры для основных услуг, те, кто пользуется этим преимуществом, скорее всего, будут рассматривать правительство как более отзывчивое, что может повысить авторитет правительства среди населения.

В мировой практике распространены три ключевых подхода, используемых для оценки, сравнения, ранжирования и выбора реализуемых проектов в транспортной сфере:

Анализ «выгоды-затраты» (Benefit-cost analysis, далее BCA).

Анализ совокупного экономического эффекта (Economic impact analysis).

Многофакторный анализ (Multi-criteria analysis) [5,67].

Крупные инфраструктурные проекты могут включать строительство таких объектов, как дороги, плотины, мосты и электростанции. Подобные инициативы часто реализуются в интересах национальной экономики или энергетической безопасности. Поскольку крупные инфраструктурные проекты, вероятно, будут влиять как на бизнес, так и на политические интересы, посредством лицензирования, тендеров или контрактов, они могут влиять на политическую экономию конфликтов, внося негативную или же положительную динамику в существующую вражду.

Тем не менее, несмотря на ограниченность инвестиционных ресурсов, с первых дней восстановления конституционного строя Правительством Таджикистана было начато строительство ряда объектов, имеющих важное государственное значение. Это, прежде всего, железная дорога Курган-Тюбе-Куляб, автодорога Куляб-Калайхумб-Хорог-Мургаб с выходом на Каракорумское шоссе, Анзобский автодорожный туннель, аэропорт г. Куляба, реконструкция аэропортов городов Душанбе и Худжанда, железная дорога Кофарниган-Яван и др. Эти усилия в сфере транспорта уже дают солидную отдачу: в 2005 году с открытием КПП Кульма-Карасу таджикско-китайский торговый оборот достиг 150 млн долларов [6,76].

Либерализация экономики и структурные преобразования в транспортном комплексе привели к развитию свободного рынка транспортных услуг и их интеграцию в развивающуюся рыночную экономику Таджикистана. Изменилась нормативно-правовая база и система управления транспортом.

«Для разработки теоретических подходов к определению роли и места транспортных коридоров в транспортных системах (а в особенности тех, что охватывают несколько стран) необходимо учесть следующие аспекты:

• транспортные коридоры – это магистральные направления, обеспечивающие (за счет многопланового развития транспортной инфраструктуры и коммуникаций в целом) использование интермодальных технологий, а также различные комбинирующие виды транспорта, оптимально расположенные многофункциональные транспортные терминалы и перегрузочные мощности;

• функционирование транспортного коридора должно обеспечиваться постепенным формированием определенных правовых условий, разработкой и принятием международных правовых актов (например, использование грузовых сопроводительных документов, обеспечивающих равноправное использование терминальных мощностей и других инфраструктурных объектов);

• страны-участницы тех или иных соглашений по МТК будут внедрять современные таможенные технологии, способствующие ускорению процедуры перевозки грузов и пассажиров;

• страны-участницы будут активно развивать транспортную инфраструктуру МТК на своей территории, создавать условия для удовлетворения потребностей пользователей, предоставляя сервис соответствующего международного уровня» [2,67].

Необходимо построить и реконструировать многие автомобильные магистрали, улучшить их дорожные покрытия, построить обходы населенных пунктов, развязки на разных уровнях и объекты дорожного сервиса, увеличить протяженность дорог общего пользования с твердым покрытием.

«Благодаря реализации концепции транзитно ориентированного проектирования (застройки городских территорий с учетом доступа общественного транспорта) можно уменьшить экологический след, сдерживать процесс разрастания городов и их автомобильную зависимость – делать города более «зелеными» и удобными для жизни» [4,88].

«Развитие общественного транспорта, а также разработка такого инновационного инструмента, как планы устойчивой городской мобильности, определены в качестве приоритетных направлений в Национальном плане действий по развитию «зеленой» экономики» [1,28].

Чтобы обеспечить эффективную работу автомобильного транспорта республики как для национальных перевозок, так и для международного транзита, требуется обеспечить согласование и гармонизацию в международном плане действующих в Таджикистане законодательных и нормативных положений в сфере транспорта. Национальная стратегия развития автомобильного транспорта Таджикистана ориентируется как на экономическое развитие страны, в том числе на добычу и экспорт полезных ископаемых, так и на использование транзитного потенциала. Для того чтобы такая стратегия стала эффективным рабочим инструментом, она должна базироваться на анализе текущих и перспективных транзитных возможностей республики и предусматривать систему конкретных, ориентированных на перспективу шагов по обеспечению выхода к морю перевозимых через территорию страны грузов. Правительство Республики Таджикистан несет главную ответственность за разработку единой системы норм и требований отчетности (например, по дорожному транспорту, по вопросам лицензирования и стандартов, которым должны отвечать автомобили, по вопросам доступа иностранных компаний, по визовому режиму и по вопросам, касающимся национальной безопасности) на автомобильном транспорте.

Наряду с этим частный сектор может сыграть важную роль в установлении отраслевых стандартов (например, в определении оперативной и правовой ответственности, в урегулировании споров, в области страхования), базирующихся на принятом республикой законодательстве и на международных соглашениях, в которых участвует Таджикистан.

Другими словами, основанием проведения промышленной политики является перераспределение доходов, инвестиций, потребления из настоящего в будущее.

**Литература**

1. Автомобильный транспорт Таджикистана 2008 – 2009 «Синяя книга» IRU Москва, 2009 С.163
2. Александров, Е.Л., Круглов В.Н. Мировая экономика и международные экономические отношения: Учебное пособие. – М.: Финансовый университет, 2017. – 112 с.-71 ISBN 978-5-7942-1401-7

3. Алиева, Р. Экономическое сотрудничество как фактор укрепления таджикско-российских отношений // Вестник Педагогического университета. -2019. -№2(79). - С.291-295.

4. Алимов, Р. К. О роли Китая в выходе Таджикистана из транспортного тупика / Р. К. Алимов //Китай в мировой и региональной политике История и современность. - 2015. - вып. 20 - том 20. - С. 298.

5. Богатуров, А.Д., Косолапов Н.А., Хрусталев М.А. Очерки теории и политического анализа международных отношений. - М., 2002;

6. Братерский, М.В. Экономические инструменты внешней политики и политические риски. Москва - 2010 С.-228.

7. Валлерстайн, И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире. - СПб., 2001; Gilpin R., Gilpin J.M. Global Political Economy: Understanding the International Economic Order. - Princeton, 2001;

8. Вельфенс, П. Основы экономической политики. - СПб.: Изд-во «Дмитрий Буланин», 2002. - С. 295.

9. Верхотуров, Д. «Китай создает Новый Шелковый путь». «Эксперт Казахстан» #21 (123) от 4 июня 2007, http://www.arba.ru/news/219812

10. Винокуров Е., Джадралиев М., Щербанин Ю. (2009) Международные транспортные коридоры ЕврАзЭС: быстрее, дешевле, больше. Отраслевой обзор. Евразийский банк развития. 34 с.

11. Внешняя политика Таджикистана в годы независимости / Под. общ. ред. Х. Зарифи. -Душанбе: Ирфон, 2011. - 340 с. (на тадж. яз.)

12. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1 / Под общ. ред. Х. Зарифи. - Душанбе: Ирфон, 2009. – 296 с.

13. Документ SPECA: «Варианты экономического развития Республики Таджикистан при различных сценариях притока инвестиций», 2003, стр. 8; http://www.unece.org/speca/tajik/annex.pdf

14. https://ru.wikipedia.org/wiki/ Дипломатия.

15. https://spravochnick.ru/mezhdunarodnye otnosheniya/sistema prinyatiya.

16. Developing Euro-Asian Transport Linkages», United Nations, New York.

# ТАҲЛИЛИ ОЗМОИШИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**КОМИЛБЕК АМИД ЁРБЕК,**
номзади илмҳои сиёсӣ, ректори
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109.
Тел.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**ЗУЛФОНОВ БАХТИЁР БАҲРОНОВИЧ,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ryziev81@mail.ru

*Дар матлаб муаллиф зикр кардааст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ соҳаи хоҷагии роҳ хеле тағйир ёфта, лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт, роҳи автомобилгард, роҳи оҳан амалӣ гардидаанд. Роҳҳо ва иншоотҳои онҳо ҳар сол аз офати табиӣ хеле хароб мешаванд.*

*Барои Тоҷикистон мушкилоти асосии стратегӣ масофа ба бозорҳои содиротӣ ва хароҷоти баланди нақлиёт боқӣ мемонад. Релефҳои кӯҳӣ аз сабаби набудани дастрасӣ ба бахр хароҷоти нақлиётро зиёд намуда, дастрасӣ ба нақлиётро душвор мегардонад. Кишвар инчунин ба офатҳои табиӣ, аз қабили сангрезӣ ва ярч осебпазир аст, ки алоқаи роҳро боз ҳам мушкилтар мекунад. Вазъият дар натиҷаи набудани нигоҳубини дуруст, дар ҳолати харобиовар мондани бисёр роҳҳо, купрукҳо ва дигар инфраструктураҳо ва ба таъмир ё азнавсозии куллӣ эҳтиёҷ доштани роҳҳо мушкилӣ ба миён меоварад.*

*Маҳз фаъолияти пурсамари воҳидҳои наҷотбахши садамавӣ, ки аз ҳисоби муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳо бо сафарбар намудани имконияту захираҳо ва техникаи мавҷуда ташкил карда шудаанд, ки ҳарчи зудтар вазъияти мушкилиоварро бартараф месозанд. Инчунин алоқаи нақлиётиро барқарор месозанд. Муаллифи мақола таҳқиқоти худ манзур менамояд, ки дар як муддати кутоҳ ҳазорҳо километр роҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳан аз таъмир бароварда ва аз нав сохта шудаанд. Бояд қайд намуд, ки айни замон хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ, кашондани бор, сохтмони купрукҳо беҳтар гардид ва ҳоло дар ноҳияҳои гуногуни кишвар сохтмони роҳ ва дигар намудхои иншоотхои роҳ идома дорад.*

**Калидвожаҳо**: *роҳҳои мошингард, роҳи оҳан, ҳадафҳои стратегӣ, рушд, иқтисод, дипломатия, давлат, лоиҳаҳо, мошин, нақлиёт, роҳҳо.*

## PILOTAGE ANALYSIS OF STATE INVESTMENT PROJECTS IN THE SPHERE OF TRANSPORT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE YEARS OF INDEPENDENCE.

**KOMILBEK AMID YORBEK,**
candidate in Political Science, Rector of
Khorog State University named after Miyonsho Nazarshoev.
73600, Republic of Tajikistan, Khorug town, Sh.Shokhtemur street 109.
Phone.: (+992) 935-57-58-55. E-mail: amid.komilbek@mail.ru
**ZULFONOV BAKHTIYOR BARONOVICH,**
Applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir, str.
Phone. (+992) 904-15-00-62. E-mail: ryziev81@mail.ru

*In the article, the author states that during the independence of the Republic of Tajikistan and in general, the road economy has changed a lot, investment projects have been implemented in the field of transport, roads and railways. Roads and their structures are severely destroyed every year from natural disasters.*

*For Tajikistan, the main strategic challenges remain the distance to export markets and high transport costs. Mountainous terrain increases transport costs due to the lack of access to the sea, complicating transportation. The country is also vulnerable to natural disasters, such as rock falls and landslides, which further complicate road communications. The situation is exacerbated by a lack of proper maintenance, leaving many roads, bridges and other infrastructure in a state of disrepair and in need of repair or complete reconstruction.*

*It was the effective work of emergency rescue units organized at the expense of state road maintenance institutions by mobilizing existing capabilities, resources and equipment that the difficult situation was eliminated as soon as possible and transport links were restored. The author of the article also studied that in a short time, thousands of km of both roads and railways were built and reconstructed. The service of road transport, transportation of goods, construction of bridges has improved, and at present, construction of roads and other types of road structures continues in various regions of the republic.*

**Key words:** *economy, diplomacy, state, projects, automobile, transport, roads, strategic goals, development, dead end, security, corridor, stage, cargo.*

УДК: 321

# ИНЪИКОСИ БАЪЗЕ ҶУЗЪИЁТИ ТЕМУР ВА ТЕМУРИЁН ДАР “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО”-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

**АҲМАДХОН МУРОДЗОДА,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
Тел.: (+992) 918-81-81-86.

*Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба инъикоси вазъи сиёсии аҳди Темур ва Темуриён дар “Тазкирату-ш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»* **с***ухан меравад. Муаллиф менависад, ки дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV “Тазкирату-ш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ”-и низ аз манобеи муҳими таърихӣ, ба вижа дар равшан сохтани таърихи салтанати Темуру Темуриён ҳамчун мадраки хаттӣ маҳсуб ёфтан, чун манбаъ ва маъхази адабӣ низ ба шумор рафта, дар баёни ҳолати шеъру шоирӣ ва муҳити адабии давр аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад. Муаллиф таҳлили муқоисавии ахбори Давлатшоҳи Самарқандиро бо маълумоти дигар муаллифони асримиёнагӣ низ анҷом додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар давраи баррасишаванда маҳз пас аз фавти Темур барои ба сари қудрат омадан байни намояндагони хонадони Темуриён Халил султон, Шоҳрух, Пирмуҳаммад, Улуғбек ва Абдулатиф ҷангу ҷидолҳо шурӯъ гардид, ки ин дар оянда боиси коста гардидани обрӯ ва эътибори онҳо гардид.*

***Калидвожаҳо:*** *Давлатшоҳи Самарқандӣ, Темуриён, Темур, Шоҳрух, Бобур, Абусаъид, Улуғбек, Абдулатиф, Ҳирот, маъхаз, вазъи сиёсӣ.*

“Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ (1438-таҳ.1494) доир ба рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ ва вазъи сиёсиву иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросони асри XV маълумотҳои арзишманде дар худ дорад.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба 153 шоиру нависанда, ки аз оғози ислом асри VII то замони ӯ охири асри XV умр ба сар бурдаанд, дар фаслҳои алоҳида маълумот медиҳад. Муаллиф дар асари худ дар баробари шарҳи аҳволи шоирон, донишмандон ва ҳунармандон ба таърихи давраи Темур ва Темуриён низ дахл кардааст. Аз ҷумла, дар бораи мубориза Темур ва лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои мухталиф, барои ба сари қудрат омадан, оид ба ҳаракати сарбадорони Хуросон, ҳамчунин қатлу ғорат, ваҳшониятҳои бемисли Темуриёнро дар замони ҳукмронии Шоҳрух, Мироншоҳ, Улуғбек, Бобур, Абӯсаид, Ҳусайн Бойқаро бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф асари худро 28 шавволи санаи 892/17 октябри соли 1487 ба анҷом расонда ба Алишер Навоӣ тақдим кардааст.

«Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ дар Бомбай, Лоҳур, Лондон, Теҳрон бо забонҳои гуногун нашр шудааст. Ҳанӯз соли 1818 ховаршиноси немис Фун Ҳаммер тазкираро ба немисӣ тарҷума ва ба табъ расонидааст. Ҳамчунин, соли 1843 Сулаймон Фаҳмӣ ин асарро ба туркӣ тарҷума карда, дар Истанбул зери унвони «Сафинат-уш-шуаро» нашр кардааст. Дар Эрон бошад ин асар аз ҷониби Муҳаммад Аббосӣ, Муҳаммад Рамазонӣ, Фотимаи Алоқаманд ва дигарон ба нашр расидааст.

Аз олимони тоҷик Муҳаммад Ансор ва Аъзами Худодод, соли 1999 қисмате аз матни ин асарро, «камтар аз сеяки тазкира»-ро [10, с. 15] аз хатти арабиасоси форсӣ ба хатти кириллӣ бозгардон ва нашр карданд. Дертар соли 2015 аз рӯйи нашри Эдуард Браун матни пурраи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз ҷониби Мухлиса Нуруллоева [11] ба тасвиб расидааст.

Аммо дар таърихнигории миллӣ бо сабабҳои номаълум то имрӯз паҳлуҳои гуногуни ин асари таърихӣ, бавижа давраи ҳукмронии хонадони Темур ва Темуриён аз назари муҳаққиқон дур мондааст.

Мутаассифона, дар тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ баъзе иштибоҳу ғалатҳо доир ба факту далелҳо, номҳои шаҳру деҳот ва ашхоси алоҳида роҳ ёфтаанд, ки ин норасоиҳо арзиши асарро коҳиш дода наметавонад.

Чун муаллиф шоҳиди бештаре аз воқеоти таърихии асараш аст, бад-ин сабаб низ ба он эътимоди бештар кардаанд. Беҳуда нест, ки як зумра муҳаққиқон ба монанди В.В.Батолд [6] О.Д.Чехович [27, с. 300-361] Б.А. Ахмедов [4, с. 5-66] Ҳусайни Мирҷаъфарӣ [26, с. 381] ва дигарон дар таҳқиқоти худ зимни омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз осори Давлатшоҳи Самарқандӣ истифода намудаанд.

Академик Б.Ғафуров дар китоби «Тоҷикон»-и худ роҷеъ ба «Тазкирату-ш-шуаро» -и Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин зикр менамояд: «Дар соли 1486 яке аз муқаррабони дарбори Султон Ҳусайн Бойқаро Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки аксар вақт аз суҳбатҳои Ҷомӣ ва Навоӣ баҳраманд мегардид, асари машҳури худ-«Тазкират-уш-шуаро»-ро ба вуҷуд овард» [9, с. 508].

Давлатшоҳ аз наздик будан бо Алишер Навоӣ ва Ҳусайн Бойқаро дар асари худ пайваста ёд кардааст. Ӯ ҳамчунин дар майдони ҳарб низ бо Ҳусайн Бойқаро якҷо будаанд. Тавре, ки дар тазкирааш менигарад: «Хусрави сафшикани таҳамтан бар саманди кӯҳпайкар савор шуда, ялону мубориизонро бар ҳарб таҳрис мекард ва дил медод. Мани бандаи муаллиф дар он масоф дар рикоби зафармаоб будам…ва кона золика фӣ муҳарраммилҳароми санати ситта ва сабъина ва самонумиата (яъне, ин дар моҳи муҳаррами боҳурмати соли 876-баробар бо моҳи июни соли 1471) буд» [11, с. 4].

Муаллиф аз муосирон ва ҳаммаслакони Исфизорӣ буда ва «Тазкирату-уш-шуаро»-ро дар соли 892/1486 тадвин намуда дар он ҷо аз Исфизорӣ зикре накардааст. Аз сабаби он, ки Давлатшоҳ аз нависандагон, шоирон ва олимон, аз ҳар табақа ҳамагӣ бист танро ном бурдааст, аз ҳамзамонони худ фақат се тан: Суҳайлӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоиро дар хотимаи асар зикр намудааст. Шояд ба ҳамин далел бисёре аз шуаро, фузало ва нависандагони Хуросонро, ки дар дарбори Ҳирот мезистанд ва муосири ӯ буданд, дар тазкираи ӯ номашон дарҷ нашудааст.

Бояд гуфт, ки муаллиф аз ҳуҷуми Темур ба Балх ва дастгир шудани амир Ҳусайн аз ҷониби лашкариёни ӯ иттило дода, аммо дар бораи чӣ гуна кушта шудани ӯ маълумот надодааст. Ҳамзамон, роҷеъ ба лашкаркашиҳои Темур маълумоти умумӣ додааст. Муаллиф синну соли Темурро ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой дар Утрор ҳафтоду ду сол ва як моҳу ҳаждаҳ рӯз нишон додааст [12, с. 576; 29, с. 468; 14, с. 188; 16, с. 487; 17, с. 406; 18, с. 437; 21, с. 1013]. Инчунин аз чор фарзанди ӯ Ҷаҳонгир, Умаршайх, Амироншоҳ ва Шоҳрух ёд кардааст.

Бино ба ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ пас аз марги Темур Халил султон ба сари қудрат омад. Халил султон аз рақибони худ осудахотир гашта, соҳиби тамоми хазинаву захираи Темур, ки дар зарфи сиву шаш сол аз минтақаҳои мухталиф бо роҳи ғоратгарӣ ҷамъ карда буд, гардид. Чи тавре, ки Шарафуддин Алии Яздӣ қайд мекунад: «ба арзи чаҳор сол аз маҷмуи он хазоину амвол ва шавкату ҷалол асаре боқӣ намонд» [29, с. 513].

Халил султон то марти соли 1409 дар Самарқанд ҳукмронӣ кард. 13 зулқайдаи 811/13 апрели соли 1409 ба шикаст дучор шуда, дар шимоли Самарқанд ӯ аз ҷониби амир Худойдод асир гардид [25, с. 279].

Шоҳрух Халил султонро 13 майи соли 1409 аз асирӣ раҳо намуда, Худойдодро дастгир ва ба қатл расонид. Шоҳрух баъди ба эътидол овардани вазъият ҳукумронии

Мовароуннаҳрро соли 1409 ба писари худ Улуғбек, Ҳисори Шодмонро ба мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир, Фарғонаро ба мирзо Мирак Аҳмад фарзанди Умаршайх вогузор кард. Бояд гуфт, ки Шоҳрух ҳангоми бозгашт аз Мовароуннаҳр Халил султонро бо худ 16 шаъбони 811/8 январи соли 1410 ба Ҳирот овард.

Баъди омадани Халил султон ба Ҳирот Шоҳрух ҳукумронии «…вилояти Рай, Қум, Ҳамадон ва Дайнавар то ҳудуди Бағдод бад-ӯ (яъне, Халил султон) арзонӣ дошт…»[12, с. 637]. 13 марти соли 1410 Халил султон бо лашкари 10 ҳазорнафара озими Ироқу Озарбойҷон барои аз байн бурдани туркманон гашт. Халил султон, ҳамагӣ дуву ним сол ҳукмронӣ кард. Ва 3-юми ноябри соли 1411 дар Рай вафот кард [12, с. 637; 21, с. 1059]. Ӯ ҳамагӣ бисту ҳашт сол умр дид.

Мувофиқи ахбори Ҳусайни Мирҷаъфарӣ [26, с. 86] ва Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ [19, с. 271], гӯё Халил султон дар Қошғар фавтидааст ва ҳамзамон ҳамсари ӯ Шодмулк худро бо ханҷар ба қатл расонида, ҳар дуро дар як гӯр ба хок супоридаанд. Бояд зикр сохт, ки Халил султон на дар Қошғар, балки дар Рай фавтидааст, зеро кулли сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд. Тибқи иттилои Е.Э. Бертелс гӯё Халил султон аз ҷониби Шоҳрух захр дода кушта мешавад [8, с. 3; 4, с. 25]. Ин фарзия то андозае воқеият дорад, зеро ки Шоҳрух аз Халил султон ҳанӯз ҳам хавфи ба муқобили ӯ бархостанро дошт.

Муаррих нисбати Халил султон чунин меафзояд: «Охируламр он ганҷро, ки соҳибқирон ба шамшери обдор ҷамъ карда буд, султон Халил ба сипар бахш кард. Чаҳор сол дар пойтахти Самарқанд ва диёри Мовароуннаҳр салтанат кард, оқибат Худойдоди Ҳусайнӣ ва Худойдоди Ҷатта ва Бердибек ва боқии умаро бар ӯ хуруҷ карданд. Сабаб он ки Шодмалик-оғо, ки аз кумгони амир Ҳоҷӣ Сайфуддин буда, аз рӯйи таашшуқ ба никоҳ дароварда буд ва он зан дар умури подшоҳӣ мадхал намуд ва умаро бартофтанд ва дар санаи иҳдо ашара ва самонумиата шоҳзода Халилро гирифта ба банди тилло муқайяд сохтанд ва гӯшу бинии Шодмалик-оғоро бибуриданд ва шоҳзодаро ба қалъаи Шохрухия маҳбус карда…»[12, с. 633].

Воқеан, тибқи иттилои сарчашмаҳо, Халил султон ошиқи зане бо номи Шодмулк буд ва дар ишқи ӯ достонҳо аз худ боқӣ гузошт. Ганҷинаҳои хунолуди Темур дар Самарқанд сарфи айшу ишрати Шодмулк гардиданд.

Бояд қайд кард, ки Шодмулк ҳамсари амир Сайфуддин яке аз сарлашкарони наздики Темур буд. Чи тавре ки Ибни Арабшоҳ қайд мекунад: «Халил султон Шодмулк-завҷаи амир Сайфуддинро ба занӣ гирифт ва ҳавои васли ӯ чунон вайро даррабуд, ки ба якбораш ба доми хеш даркашид…»[14, с. 224; 29, с. 513].

Ибни Арабшоҳ низ як омили асосии ноустувор будани давлати Халил султонро дар идора шудани мамлакат аз ҷониби ҳамсари ӯ Шодмулк мебинад. Аз ҷумла, дар фасли «Оташе, ки ба ҷони Халил султон даргирифт» чунин қайд мекунад: «Амре аз ҷониби ӯ ҷуз ба андешаи Шодмулк судур намеёфт…Халил султон зимоми кор ба дасти ӯ супурда…ва ин аз бисёре нодонӣ ва сабуксарӣ буд. Чӣ гуна растагор тавонад зист он кас, ки инон ба дасти занон супорад?» [14, с. 225; 1, с. 1067].

Тибқи ахбори Давлатшоҳ Мироншоҳ ҳафт сол дар Хуросон ҳукмрон буд ва баъд аз он Темур Хуросонро ба писари дигари худ Шоҳрух дод. Ҳамзамон, муаллиф зимомдории Шоҳрухро чунин тавсиф кардааст: «Ҳафт сол ба рӯзгори падар подшоҳи Хуросон буд ва чиҳилу се сол…дар мамолики Эрон ва Тӯрон ва диёри Ҳинду Турк салтанат карда» [12, с. 603-604]. Бино ба ахбори Давлатшоҳ Шоҳрух дар охири умри худ ба иқдоме даст зад, ки боиси коста шудани обрӯяш гардид. Шоҳрух ба қасди наберааш Муҳаммад Бойсунғур ба ҷониби Ироқ лашкар кашид ва дар Исфаҳон содоту акобир ва уламои онро гунаҳкор сохт ба хотири он, ки гӯё Бойсунғурро «гумроҳ» карда буданд. Шоҳрух султон Алоуддин, Қозӣ Имом ва Хоҷа Фазлуддини Туркаро, ки аз бузургони

уламои Исфаҳон буданд дар шаҳри Сова ҳукми куштан кард ва ба саъйи Гавҳаршодбегим он бузургони мазлумро бегуноҳ ба зории зор ба қатл овардананд. Мегӯянд, ки ду навбат ресмони Хоҷа Афзали Турка канда шуд ва ӯ фарёд мекард, ки бо Шоҳрух бигӯед ки ин кор бар мо лаҳзае беш нест, аммо панҷоҳсола номи неки худро зоеъ масоз. Бузургон чандон саъю талош карданд, муфид наяфтод ва он сурат бар Шоҳрух муборак наёмад. Бузургон вақте, ки ноумед гаштанд Шоҳрух ва ҳамсарашро дуои бад карданд. Баъд аз ҳаштод рӯзи ин воқеа 12 марти соли 1447 Шоҳрух дар Рай вафот кард.

Мавриди зикр аст, ки занони хонадони Темуриён дар корҳои давлатдорӣ бештар дахолат мекарданд, ки ин боиси коста гардидани обрӯй ва нуфузи онҳо мегардид. Хусусан, сарчашмаҳо аз дахолат кардани Гавҳаршодбегим ба корҳои давлатдорӣ куштаву зиндонӣ шудани як идда шахсиятҳои бонуфузро маҳз бо дастури ӯ шаҳодат медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар вақти вафоти Шоҳрух аз фарзандони ӯ танҳо Улуғбек зимомдори Мовароуннаҳр дар қайди ҳаёт буду халос, боқӣ шаш тани дигар дунёро тарк карда буданд.

Пас аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни намояндагони хонадони Темурӣ, Гавҳаршод, Улуғбек, Абдулатиф ва Алоуддавла мунокиша оғоз гардид, ки ин то андозае ба заиф гардидани давлатдории онҳо дар оянда боис гардид.

Шоҳрух низ ба амсоли Темур натавонистааст интиқоли қудратро ба вориси худ таъмин кунад. Ӯ бисёр мехост, ки писараш Муҳаммад Ҷӯкӣ (1401-1444) ҳокими Балх баъд аз сари ӯ ҳокими сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон бошад. Аммо Муҳаммад Ҷӯкӣ дар соли 1444 вафот кард аз панҷ писари Шоҳрух танҳо Улуғбек дар қайди ҳаёт буду халос [2, с. 618-619].

Аз марги Шоҳрух писараш Улуғбек воқиф гардид. Ҳангоми дар соҳили рӯди Ҷайҳун буданаш огаҳ гардид, ки Абубакр мирзо писари Муҳаммад Ҷӯкӣ, ки Хатлон, Арҳанг, Солисарой суюрғоли ӯ ба ҳисоб мерафт, лашкари зиёде ҷамъ оварда, Балх, Шибурғон, Қундуз, Бағлон то ҳудуди Бадахшонро ба зери тасарруфи худ даровварда, майли истиқлолхоҳӣ дорад. Улуғбек ӯро бо роҳи ҳилаву найранг ба худ ром сохта ва духтари худро ба Абубакр ба занӣ дод. Ҳамин тариқ, ӯро ба доми худ афтонд. Пас аз ин ҳам Абубакр аз даъвии истиқлолхоҳӣ даст накашид ва Улуғбек аз ин ҳолат воқиф шуда, ӯро ба Самарқанд ба зиндони Гӯксаро фиристод ва дар он ҷо пас аз чанде ба қатл расонид.

Тибқи иттилои муаллиф, Абубакр гӯё пеш аз қатли худ аз ҳилаю найранги Улуғбек воқиф шуда, рубоие бо чунин мазмун навишта, ба ӯ ирсол дошт:

Аввал, ки маро ба доми хеш овардӣ,
Сад гуна вафову меҳр пеш овардӣ.
Чун донистӣ, ки дил гирифтори ту шуд,
Бегонагие тамом пеш овардӣ.

Давлатшоҳ дар асари худ тааллуқ доштанаш мамлакати Табрезу Озарбойҷонро ба Мироншоҳ инъикос кардааст. Ҳамзамон, муаллиф аз асп афтидан ва осеб бардоштани Мироншоҳро чунин баён мекунад: «Рӯзе аз асп дарафтод ва димоғи ӯ қусур ёфт ва атиббо (табибон) чандон, ки муолиҷа карданд муфид набуд ва заъфи димоғ ӯро торӣ шуд, то оқибат ба мохулиё ва ҷунун анҷомид» [12, с. 587]. Пас аз бемор шуданаш даст ба вайронкорӣ ва беҳурматӣ нисбати бузургон зад. Чунончи ҷасади муаррихи барҷаста Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳро, ки дар Табрез аст, бо дастури Мироншоҳ устухонҳои ӯ аз хок берун карда шуд. Бо баҳонаи он ки Рашидуддин яҳудитабор аст, амр дод то дар гӯристони яҳудиён дафн карданд. Хонзода-ҳамсари Мироншоҳ тибқи иттилои

сарчашмаҳо гурехта ба Самарқанд, ба назди Темур омада, ӯро аз вазъи шавҳараш огоҳ месозад. Темур аз ин ҳолати писар гирён шуда ва як ҳафта бо касе сухан нагуфт ва лашкар ҷониби Озарбойҷон кашид. Бо дастури Темур дӯстону ҳамнишинони Мироншоҳро, ки иддае аз онҳо саромадони рӯзгор: Мавлоно Муҳаммади Қаҳистонӣ, Қутбиддини Нойӣ ва Абдулмӯъмини Гӯянда буданд, ба далели «гумроҳ» сохтани Мироншоҳ, дар ҳудуди Қазвин ба дор овехтанд.

Темур Мироншоҳро аз ҳукумати тахти Ҳалокухон (Озарбойҷон, Табрез, Рай, Дарбанди Боку, Ширвонот, Гелонот…) барканор кард ва бидуни муҷозот ӯро ҷузви мулозими худ сохт ва чаҳор соли тамом Мироншоҳ дар рикоби падари хеш боқӣ монд.

Мироншоҳ дар Озарбойҷон аз дасти Қара Юсуфи туркман, ки солҳои 810/1407-1408 бо ӯ ҷанг карда буд, кушта шуд, ё ривояти дигар, ки гӯё 14-уми рамазони соли 809 (22 феврали соли 1407), баъдтар устухони ӯро аз Озарбойҷон як нафар Шамси Ғӯрӣ ба Мовароуннаҳр бурда, дар Шаҳрисабз дафн карданд, вуҷуд дорад. Дар ин бора дар санги қабраш иттилооте нест. Тибқи иттилои академик В.В.Бартолд дар бораи интиқоли минбаъдаи ӯ аз Шаҳрисабз ба Самарқанд маълумоте нест [7, с. 452]. Дар ин бора дар катибаи санги мазор низ иттилооте дода нашудааст.

Ҳамзамон, оид ба вахшониятҳои Мироншоҳ дар мақолаи таърихшинос Ҳамза Камол «Мироншоҳ нусхае аз Темурланг» [15], ки бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ мавриди баҳс қарор додааст, маълумотҳои муфассал гирд оварда шудааст.

Тибқи ахбори Давлатшоҳ Мироншоҳ дар Хуросон нӯҳ сол ва дар Озарбойҷон ёздаҳ сол ҳукумронӣ карда буд [12, с. 590].

Ҳамзамон, муаррих дар рисолаи худ ҳуҷуми Улуғбекро ба Хуросон ва куштору ғорати мардумро аз ҷониби ӯ баён намудааст. Аз ҷумла, чунин менигорад: «баъд аз вафоти Шоҳрух…Улуғбек аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкар кашид…ва тамоми Хуросонро мусаххар сохт. Ва навад ҳазор лашкаре дошт ва дар он ҳуҷуму издиҳом Хуросон харобу беоб шуд. Ва осори он харобӣ алявм зоҳир аст…лашкариёни Улуғбек чун ғанимати беҳад ёфта буданд ва мехостанд, ки он ғаноимро ба ватан расонанд, фавҷ-фавҷ фирор менамуданд» [12, с. 649].

Бояд тазаккур дод, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ худ дар соли 852/1448 аз наздик шоҳиди ғорату чаповул дар Хуросон ва қаҳтию бечизӣ дар он остони балокӯш будааст [12, с. 602].

Лашкариёни Улуғбек вакте ки аз дарёи Ҷайҳун гузаштанд, мавриди ҳамлаи ӯзбакон қарор гирифтанд, иддае асир гардиданд ва сарвати зиёде ба дасти онҳо афтод. Улуғбек зимистонро дар Бухоро паси сар кард ва аз ҳамон ҷо ҷасади Шоҳрухро ба Самарқанд фиристод ва дар мақбараи Темур дафн шуд.

Қобили зикр аст, ки омили асосии хусумат ва душманӣ байни Улуғбек ва писараш Абдулатиф маҳз лашкаркашӣ ба Хуросон гардид. Байни Улуғбек ва писараш Абдулатиф дар наздикии деҳаи «Димишқ» аз ҳаволии Самарқанд дар шаъбони 853/1449 ҷанги шадид ба амал омад. Улуғбек бо лашкариёнаш дучори шикаст шуданд. Мутобиқи навиштаи Давлатшоҳи Самарқандӣ Улуғбек дар соҳили канали Суҷ ба таърихи ҳаштуми моҳи рамазон 853/27 октябри соли 1449 кушта шудааст [12, с. 651].

Улуғбек тайи солҳои (1411-1447) Мовароуннаҳрро идора намуд, дар сиккаҳо ва хутбаи намози ҷумъа номи падараш Шоҳрухро ҳамчун подшоҳ зикр намуд. Бино ба ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ ва Фасеҳи Хофӣ, Улуғбек тайи солҳои 1414, 1417, 1418, 1422, 1425 ва 1435 барои арҷ гузоштан бо падари худ Шоҳрух озими Ҳирот шудааст [3, с. 205-245-264-325-364-444; 21, с. 1070-1083-1088-1103- 1111-1128].

Бояд тазаккур дод, ки дар муайян намудани синну соли Улуғбек муаллиф ба иштибоҳ роҳ додааст: «…умри шарифи мирзо Улуғбеки Гӯракон панҷоҳу ҳашт сол буд

ва салтанати ӯ дар Хуросон ҳашт моҳ ва дар Самарқанд дар аҳди падараш Шоҳрух султон чиҳил сол буд» [12, с. 654]. Абдулатиф пас аз се рӯзи кушта шудани падар бародараш Абдулазизро низ ба қатл расонид.

Пас аз қатли Улуғбек аз ҷониби писараш Абдулатиф байни намояндагони хонадони темурӣ задухӯрдҳо барои соҳиб шудани тахту тоҷ оғоз шуд. Абулқосим Бобур, писари Бойсунғар бар Ҷурҷон соҳиб шуд ва дар соли 853/1449 Ҳиротро низ ба зери тасарруфи худ даровард. Абдулатиф пас аз қатли падар ба сарзамини Мовароуннаҳр қаноат карда, Хуросон бошад ба Абдулқосим Бобур мусаллам гардид. Бино ба иттилои Абдураззоқи Самарқандӣ «лашкари узбак, ки ҳар зимистон то панҷ фарсахи Самарқанду Бухоро метохтанд ва амволи бисёр ва асири бешумор мебурданд, он зимистон аз ҳайбати сиёсату сатвату савлати ӯ аз сад фарсах оҳанги он вилоят накарданд» [1, с. 687].

Абдулатиф бар хилофи падар бо аҳли дарвешу уламо муносибати нек надошт. Давраи кӯтоҳи ҳукмронии Абдулатиф аз назари мардуми оддӣ дар муқоиса ба давраи Улуғбек на он қадар хуб буд. Ӯ афродеро, ки дар иҷрои дастурҳояш хурдтарин хатоиҳоро содир мекарданд, бераҳмона ҷазо медод. Ва тибқи иттилои Мирхонд «Бағоят тундхӯй ва бо сиёсат буд ва бо гуноҳи андак укубати бисёр кардӣ ва ҳеҷ кас аз хосу муқаррабон ӯро маҷол набуд, ки аз фасоду салоҳи мамлакат бо ӯ сухан гӯяд, ё ба ҷиҳати некхоҳии ӯ ҳадис ба арз расонад» [16, с. 772]. Аз чунин кирдори номуносиби ӯ баръало аён буд, ки мардум низ ҷасорат карда наметавонистанд, ки алайҳи ӯ изҳори норозигӣ намоянд. Манбаъҳои таърихии он давр аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз рӯзҳои нахустини дар сари қудрат омадани Абдулатиф атрофиёни Улуғбек нақшаи аз байн бурдани ӯро ба миён гузошта буданд. Дар бисту шашуми рабеулаввал соли 854/9 майи соли 1450 пас аз шаш моҳи дар сари қудрат будан Абдулатиф дар асари сӯйқасд ба қатл расид. Бино ба иттилооӣ Абдураззоқи Самарқандӣ Абдулатиф ҳангоми бозгашт, аз Боғи Чанор ба ҷониби Самарқанд мавриди ҳамла қарор гирифт. Атрофиёни ӯ бо мушоҳидаи ин ҳол пароканда шуданд ва он гурӯҳ худро ба ӯ расонида, сарашро аз тан ҷудо карда, аз пеши тоқи мадрасаи Улуғбек овехтанд. Қотили аслии ӯро Бобо Ҳусайн муаррифӣ кардаанд [1, с. 696-697; 16, с. 772; 22, с. 42-43; 12, с. 651-652].

Муаллиф кушта шудани Абдуллатифро баъд аз ҳафт [12, с. 651]. моҳи ҳукмрониаш нишон додааст, ҳоло он ки кулли муаррихони аҳди темурӣ дар асарҳои худ шаш моҳ тасвир кардаанд. Аз ҷумла, Мирхонд муддати ҳукмронии Абдулатифро шаш моҳу ҳафт рӯз нишон додааст. [16, с. 772; 1, с. 696].

Дар шаби воқеаи Абдулатиф умарову акобири Самарқанд набераи Улуғбек писари Абдулатиф Абдуллоро ба подшоҳии Мовароуннаҳр бардоштанд, ҳукмронии ӯ низ дер давом накард.

Абӯсаид (1412-1469) бо кӯмаки бевоситаи қабилаҳои бодиянишини ӯзбак, ки зери роҳбарии Абдулхайрхон сарҷамъ гардида буданд, ҳокимияти Мовароуннаҳрро соли 1451 бе ҳеҷ як муқовимате аз дасти Абдулло султон, ки пас аз кушта гардидани Абдулатиф ба сари ҳокимият омада буд ва бо кушта гардидани Абдуллоҳ ба зери тасарруфи худ даровард [1, с. 710].

Абӯсаид солҳои 1451-1457 ҳокими Мовароуннаҳр буд. Дар ин муддат дар Хуросон набераи Шоҳрух Абулқосим Бобур (1452-1457) зимомдорӣ мекард. Тибқи иттилои Исфизорӣ Абӯсаид ҳамеша дар сар орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани тахти Ҳирот ва Хуросонро мепарварид. Абӯсаид соли 1454 ба Хуросон лашкар кашида як қатор минтақаҳоро ба зери тасарруфи худ даровард. Дар ин вақт Абулқосим Бобур (Бобур мирзо набераи Шоҳрух аст ва аз Заҳириддин Муҳаммад Бобур муаллифи китоби «Бобурнома» фарқ дорад) дар Мозандарон қарор дошт, вақте ки аз ин ҳодиса огаҳ мегардад аз роҳи Арҳангу Солисарой ба Ҳисори Шодмон омада ва аз он ҷониб ба

Самарқанд лашкар мекашад. Абӯсаид аз лашкаркашии Бобур огаҳ шуда, Ҷайҳунро убур карда ба Самарқанд нузул фармуд. Абӯсаид пас ҷанги Хуросон лашкариёни худро раҳо карда буд. Бобур бошад бе ҳеҷ як душворӣ дар наздикии Самарқанд қарор гирифт ва ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваст ва хуросониён талафоти зиёде доданд. Бино ба ахбори Исфизорӣ самарқандиён хуросониёни зиёдеро кушта ва асир гирифтанд [17, с. 203]. Байни ду подшоҳ зиёда аз чил рӯз ҷангҳо идома ёфта, Бобур ночор бо фаро расидани фасли сармо ба сулҳ розӣ шуд. Тибқи иттилои сарчашмаҳо Абӯсаид бо Мовароуннаҳр қаноат карда, ба заминҳои Хуросон дахолат намекард. [23, с. 52-53; 5, с. 115; 28, с. 36-44; 13, с. 383; 24, с. 58]. 25 декабри соли 1454 Бобур тарки Самарқанд карда, ба Ҳирот рафт.

Бобур ҳама вақт майл ба шаробнӯшӣ дошт ва ҳатто рӯзи маргаш марти соли 1457 аз нӯшидани шароб худдорӣ накард. Ҷасади ӯро аз Машҳад ба Ҳирот оварда дар гунбази мадрасаи Шоҳрух дафн карданд. Бояд хотирнишон сохт, ки тибқи иттилои сарчашмаҳо пас аз фавти Бобур дар Хуросон касе набуд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гирад, гарчанде ки даъвогарони тоҷу тахт зиёд буданд, вале ҳеҷ яке аз онҳо муваффақ нашуданд. Дар миёни довталабон ҳокими Мовароуннаҳр Абусаид тавонист ҳокимиятро бемуқовимат дар Хуросон ба даст орад. Ҳамин тариқ, аз соли 1457 Мовароуннаҳру Хуросон боз аз нав муттаҳид гардид.

Абӯсаид ҳокими Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Ҷаҳоншоҳи туркман соли 1467 талош кард, ки қаламравии ғарбии Эронро ба зери тасарруфи худ дарорад, аммо ӯ дар ҷанги зидди туркманҳо, ки вилоятҳои Озарбойҷон, Эрони Ғарбӣ ва Ироқро соҳиб буданд, дар мавзеи Қарабоғи Аррон соли 1469 асир афтода, кушта шуд.

Ҳамчунин, муаллиф дар асари худ номи ҳар як намояндагони Сарбадорони Хуросонро сарлавҳа қарор дода, дар бораи воқеоти давраи ҳар яке аз онҳо алоҳида-алоҳида маълумот додааст.

Муаллиф ҳамзамон дар асараш доир ба ҳаёту фаъолияти як идда шоирону муаррихони аҳди Темуриён ба амсоли Камоли Хуҷандӣ (1321-1401), Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), Шарафуддин Алии Яздӣ (вафот 1452-54), Мавлоно Муинуддини Натанзӣ маълумот дода, эҷодиёти онҳоро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи муаррих Мавлоно Муинуддини Натанзӣ чунин мегӯяд: «Ва аз фузалову шуаро, ки ба рӯзгори султон Искандар дар Ироқи Аҷам ва Форс зуҳур ёфтаанд, аз уламо Мавлоно Муинуддини Натанзӣ аст, ки дар илм сaромади рӯзгор будааст ва мақомоту ҳолоти Искандарӣ ва таърихи ӯ дар қайди иборат овардӣ» [12, с. 667].

Бояд гуфт, ки аз чи бошад, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ дар муқоиса ба муаллифони аҳди Темуриён аз суйқасд ба ҷони Шоҳрух дар соли 1427 ва вабое, ки соли 1435 Ҳирот ва булукоти гирду атрофи онро фаро гирифта, аз он мардумони зиёде ба ҳалокат расидаанд, ишора накардааст.

Ҳамин тавр, дар баробари дигар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XIV-XV «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳам аз манобеи муҳимми таърихӣ, бавижа дар равшан сохтани таърихи хонадони Темур ва Темуриён ҳамчун мадраки хаттӣ маҳсуб ёфта, чун манбаъ ва маъхази адабӣ низ ба шумор рафта, дар баёни ҳолати шеъру шоирӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳру Хуросон аз маъхазҳои нодир ба шумор меравад.

**Адабиёт**

1. Абдурразоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн.-Теҳрон, 1372.Ҷ. 4. С.1067.
2. Абдурразоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн.-Т.II.-қисми 2.Теҳрон, 1383.С.618-619.

3. Абдурразоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн.-Теҳрон, 1372.Ҷ. 3. С.205, 245; 264; 325; 364; 444.
4. Ахмедов Б.А. Улугбек и политическая жизнь Мавераннахра первой половины 15 в./В кн.: Из истории эпохи Улугбека.-Ташкент, 1965.-С. 5-66.
5. Бартольд В.В. Мир-Али-Шир и политическая жизнь, сборник «Мир-Али-Шир», Л., Изд-во АН СССР, 1928.-С.115;
6. Бартольд В.В. Улугбек и его время//Соч.II.Ч.-2.-М.: Наука, 1964.
7. Бартолд В.В. О погребении Тимура. С. 452.
8. Бертелс Е.Э. Навои. Опыт творческой биографии. М.-Л.: Изд.АН СССР, 1948. С.3
9. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.-Душанбе: Ирфон.-С.508.
10. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро/Гузиниши матн, нигориши дебочаву тавзеҳот аз Муҳаммад Ансор ва Аъзами Худодод.-Душанбе, 1999, С.15.
11. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро/Таҳияи Мухлиса Нуруллоева.-Хуҷанд: Ношир, 2015.
12. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкирату-ш-шуаро. Муқаддима, тасҳеҳ ва тавзеҳи дуктур Фотима Алоқа. Теҳрон, 1385. С. 576;
13. История народов Узбекистана, т.I, Ташкент, Изд-во АН УзССР, 1950.-С.383;
14. Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ. Теҳрон, 1381.-С.188;
15. Камол Ҳ. Мироншоҳ нусхае аз Темурланг//Зиндагӣ.-2005.-17 феврал, 24.-феврал.
16. Мирхонд. Равзату-с-сафо. Таҳзиб ва талхиси Аббоси Зарёб. Теҳрон, 1339. Ҷ.6. С.487;
17. Муъинуддини Натанзӣ. Мунтахаб-т-таворихи Муини.-Теҳрон, 1336 (1958). С.406;
18. Мирзо Муҳаммад Қосим ибни Мирзо Абдулхолиқи Бухорӣ. Темурнома. Ташкент, 1331 ҳ. С.437;
19. Муҳаммад Аҳмад Паноҳӣ. Темури Ланг-чеҳраи ҳаросангези таърих.-Интишороти. Ҳофизи навин, 1376. С. 271.
20. Муъинуддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ. Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот.-Теҳрон, 1338 ҳ.ш..-Ҷ.2,С.203;
21. Фасеҳи Хофӣ. Муҷмалу-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саид Муҳсин Ноҷӣ Насрободӣ.-Теҳрон.-1386.-С.1013.
22. Хондамир. Ҳабибу-с-сияр.-Ҷ.4, Теҳрон, 1380, С.42-43;
23. Хондамир. Таърихи ҳабибу-с-сияр фӣ ахбори афроди башар. Ҷ.4, Теҳрон, 1380, С.52-53;
24. Хамза Камол. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахра и Хорасана (XVI в.).-Душанбе: Дониш, 2012.-С.58.
25. Ҳофизи Абрӯ. Зубдату-т-таворих. Муқаддима, тасҳеҳ ва таъликоти Сайид Камол Ҳоҷ Сайиди Ҷаводӣ.-Теҳрон, 1380 ҳ.ш.-Ҷ.3, С.279.
26. Ҳусайни Мирҷаъфарӣ. Таърихи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Эрон дар давраи Темуриён ва Туркманон.-Теҳрон, 1388. 381 с.
27. Чехович О.Д. Из источников по истории Самарканда XY в.-В кн.: Из истории эпохи Улугбека, Ташкент, 1965, С.300-361.
28. Чехович О.Д. Оборона Самарканда в 1454 году//Известия Академии наук Узбекской ССР. Серия общественных наук, Ташкент, 1960, №4, С.36-44;
29. Шарафуддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Аббос. Ҷ.2. Теҳрон, 1336. С.468;

# ОТРАЖЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ПОДРОБНОСТЕЙ ТИМУРА И ТЕМУРИДОВ В "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО" ДАВЛАТШАХА САМАРКАНДИ

**АХМАДХАН МУРОДЗОДА,**
кандидат исторических наук, доцент
Государственный педагогический университет Таджикистана имени С.Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121.
Тел.: (+992) 918-81-81-86.

*В данной статье речь идет о политической ситуации в период правления Темура и Темуридов в "Тазкират-уш-шуаро"- Давлатшохи Самарканди. Автор пишет, что наряду с другими письменными источниками XIV-XV вв. важным историческим источником, особенно в освещение истории правлении Темура и Темуридов, а также одним из редких источников по поэзии и литературной среды данного периода являтся «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшохи Самарканди. Также автор произвел сравнительный анализ сведения Давлатшои Самарканди со сведениями других средневековых авторов. Автор отмечает, что в рассматриваемый период после смерти Тимура начались распи и ссоры между представителями Тимуридов – Халил Султан, Шахрух, Пирмохаммед, Улугбек и Абдул Атиф, что в дальнейшем привело к падению их репутации.*

***Ключевые слова:*** *Давтатшохи Самарканди, тимуриды, Тимур, Шахрух, Бабур, Абу Саид, Улугбек, Абдулатиф, Герат, источник, политическая ситуация.*

# REFLECTION OF SOME DETAILS OF TIMUR AND TEMURI IN THE "TAZKIRAT-USH-SHUARO" OF DAVLATSHOHI SAMARKANDI

**AHMADHON MURODZODA,**
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor
State Pedagogical University of Tajikistan named after S. Aini,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-81-81-86.

*This article deals with the political situation during the reign of Temur and the Temurids in "Tazkiratu-sh-shuaro" - Davlatshohi Samarkandi. The author writes that along with other written sources of the XIV-XV centuries. An important historical source, especially in the coverage of the history of the reign of Temur and the Temurids, as well as one of the rare sources on poetry and the literary environment of this period, is "Tazkirat-ush-shuaro" and Davlatshohi Samarkandi. The author also made a comparative analysis of the information of Davlatshoi Samarkandi with the information of other medieval authors. The author notes that in the period under review, after the death of Timur, quarrels and quarrels began between representatives of the Timurids - Khalil Sultan, Shahrukh, Pirmohammed, Ulugbek and Abdul Atif, which further led to a decline in their reputation.*

***Key words:*** *Davtatshokhi Samarkandi, Timurids, Timur, Shahrukh, Babur, Abu Said, Ulugbek, Abdulatif, Herat, source, political situation.*

УДК: 321

# “ЭТНОС”, “ХАЛҚ” ВА “МИЛЛАТ”: АЙНИЯТ, ТАФОВУТ ВА КОРБУРДИ СИЁСИИ ОНҲО ДАР ТАЪЛИМОТИ ГУНОГУН

**ҚОСИМОВА РАҶАБМО,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 121.
**ҲАМИДЗОДА ҲУСЕЙН ХАЛИФАБОБО,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-99-01-02.

*Мақолаи мазкур мафҳумҳои муҳим, аз ҷумла мафҳумҳои «этнос», «халқ» ва «миллат»-ро аз нигоҳи сифатан нав бозкушоӣ менамояд. Муаллиф кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст, ки то шабоҳат, тафовут ва айниятҳои мафҳумҳои мазкурро нишон диҳад. Бе дарку фаҳми тафовут ва айниятҳои мафҳумои мазкур ташхис кардани масъалаҳои миллӣ ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, таъкиди муаллиф бештар ба ҳамин масъала аст, ки пеш аз ҳама бояд истифодабарии вожаҳои мазкур вобаста ба мавқеъашон мантиқан дуруст ба роҳ монда шаванд.*

*Дар як вақт дар мақолаи мазкур шеваи корбурди истилоҳҳои «этнос», «халқ» ва «миллат» дар таълимоти мухталиф нишон дода шудааст. Муаллиф бештар мактабҳои этнологӣ ва этнополитологии Олмону Русияро бо ҳам муқоиса намудааст. Айнияту тафовути вожаҳои «этнос», «халқ» ва «миллат», ҳамчунин шаклҳои гуногуни истифода гардидани онҳоро дар мактабҳои фикрии Русия ва Олмон дар маъноҳои мухталиф дида баромадааст. Меҳвари мактаби русии этнологӣ ё этнополитологиро дар мақола андешаҳои А.Г.Дугин ташкил медиҳанд. Дар таҳлили мактаби олмонӣ андешаҳои Иоганн Фихте ва Карл Дитрих Эрдман ҳамчун асос қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *этнос, халқ, миллат, қабила, популизм, Катехон, гурӯҳҳои этникӣ, ренессанс, трансформатсия, маорифпарварӣ, омма, элита, Модерн, Посмодерн, анъана, миллатгароӣ.*

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи истилоҳи «этнос», «халқ» ва «миллат» ниҳоят печида ва баҳснок аст, зеро дар вақту фазои муйяни таърихӣ ин мафҳумҳо ҳамчун муродиф (синоним) ё чун муттазод (антоним) ва ё ҳамчун зермаҷмӯаи якдигар дар шаклу мақомҳои ғайричашмдошт истифода мешуданд. Фарқият ва шеваи истифодабарии мафҳумҳо вобаста ба ҳолати хос ҳанӯз як паҳлӯи масъала аст. Ҷанбаи дигари баҳсталаби истилоҳоти мазкур аз он иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо дар мактабҳои гуногуни фикрӣ ва таълимоти алоҳида ҷудо-ҷудо тавсиф ёфта, гоҳо маънидоднамоиҳо зидди ҳамдигаранд. Яъне, ҳар таълимот хусусиятҳои хоси худро дошта, нисбат ба мафҳумҳои «этнос», «халқ» ва «миллат» дидгоҳи арзишии худро ироа медорад. Аз ин ҷост, ки ҳангоми баҳсу баррасии мафҳумҳои мазкур то андозае зиддияту мухолифатҳо ошкор мегарданд, ки ин раванд табиист. Чун ҳар мактаби фикрӣ ва ҳар таълимоти сиёсӣ тамоми падидаву равандҳо ва категорияҳоро пеш аз ҳама дар доираи манфиатҳои гурӯҳи иҷтимое, ки онро офаридааст, шарҳу тафсир менамояд. Аз ин рӯ, ҳамаи шарҳу тафсирҳоро наметавон объективӣ унвон кард, барои он, ки унсури «манфиат» дар онҳо ба мушоҳида мерасад ва ҳар ҷо манфиат аст, субъективизм низ дар он ҷо бешакку шубҳа вуҷуд дорад. Мақсади асосии матлаби мазкур аз бозкушоии маъноҳои мутафовути вожаҳои «этнос», «халқ» ва «миллат» дар таълимоти гуногуни сиёсӣ мебошад. Барои дарки возеҳи масъала истифодаи ин мафҳумҳоро дар давраҳои гуногуни таърихӣ дида мебароем. Масалан, дар Русия ва Олмон асрҳои XIX ва XX мафҳумҳои ***«халқ»*** (ва

ҳосилаҳои он) ва ***«миллат»*** ҳамчун синоним ва ё антоним бо ҳам бархӯрд кардаанд. Дар Британияи Кабир ва Фаронса чунин сардаргумӣ вуҷуд надошт, гарчанде Ален ле Бенуа қайд менамояд, ки «анъанаи зиддиинқилобӣ то он даме, ки худро бо нишонаҳои ашрофигарӣ ва монархӣ алоқаманд медонад, аз рушду инкишофи миллат худдорӣ меварзад»[5, 441]. Аммо дар Олмон вазъият монанди Русия аст. Файласуфи бузурги олмонӣ Фихте асари машҳури худ бо номи «Сухан ба миллати немис»-ро (Reden an die deutsche Nation) менависад. Ҳамин тариқ, дар асри 19-ум ҷунбиши Вёлкиш (Völkisch) шакл гирифт, ки вожаи хориҷии Nation ба он номуносиб омад[2, 1]. Volk - халқ - аломати «популизм» мегардад (монанди «халқ»-и рус, ки маънои дугона дорад: ҳам «халқ»-и оддӣ ва ҳам ҷомеаи фарҳангӣ ва ҳатто ҳунарӣ, ки бо фарҳангу забон ва таърихи ягона алоқаманд аст).

Дар Рейхи Сеюм ва ИҶШС мафҳумҳо ба таври худсарона омехта карда мешуданд. Дар Иттиҳоди Шуравӣ мафҳуми «миллият» пирӯз шуд – чи дар шакли ҷомеаи сирфан этникӣ ё иддаои мушорикати сиёсӣ ва ё дар шакли боқимондаи «миллат»–и буржуазӣ дар як ҷомеаи сотсиалистӣ истифода мешуд. Дар робита ба ин дар ИҶШС «миллатҳо»-и ӯзбек, тоҷик, украинҳо ва озарбойҷониҳо пайдо шуданд ва сартҳо, русҳои хурд, тоторҳои Закавказ ё туркҳо, ки пеш аз инқилоб вуҷуд доштанд, мутаносибан аз байн рафтанд. Вазъиятро тезис дар мавриди ташаккули «умумияти нави таърихӣ»–«халқи советӣ» боз ҳам мураккаб мегардонад. Ин «халқ» бо ҳамроҳии Иттиҳоди Шуравӣ нобуд гашта, аз байн рафтанд, аммо «халқи сермиллати» Федератсияи Россия зоҳир шуд.

Дар Олмони гитлерӣ аз «миллат» суҳбатҳо доир мегардиданд, ки бар асоси он мардум (Volk) ва «ҷомеаи мардумӣ» (Volksgemeinschaft) бино шуда буд. Мағлубият ва шикасти Рейхи Сеюм шеваи истифодаи мафҳумҳои «халқ» ва «миллат»-ро наравшан боқӣ монд. «Се давлат-ду миллат-як халқ?» (Drei Staaten-zwei Nationen-ein Volk?) унвони эссее буд, ки соли 1985 аз ҷониби муаррихи муқими Кил (шаҳр дар Олмон) Карл Дитрих Эрдман дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ҷумҳурии Демократии Олмон ва Австрия нашр карда шуд[4, 1]. Дар ин ҷо мо истифодаи ҷолиби мафҳумҳои мавриди назарро мушоҳида менамоем. Олмон ва Австрия давлатҳои алоҳида буда, дорои миллати асосианд, Австрия як «миллат» ва Олмон дорои ду «миллат» мебошанд, дар маҷмӯъ як халқанд. Утришиҳо албатта аз ин дар хашманд, аммо ин як мисоли маъмулист.

То ба имрӯз дар Олмон калимаи «Volk» мафҳуми архаистӣ, популистӣ, фарҳангӣ, то андозае «пӯшида» аст, ки дар ниҳоят ифодакунандаи муроҷиат ба таърихи муштарак мебошад. Nation - мафҳуми либералӣ, ифодакунандаи пешрафт аст ва ба чаҳорчӯбаи сиёсии давлати муосири либералӣ, маҷмӯи шаҳрвандон ва интихобкунандагони он мувофиқ мебошад. Барои мисол, дар ин ҷо мебинем, ки Агентии федералии Олмон оид ба омӯзиши сиёсӣ (Bundeszentrale für politische Bildung) тафовути мафҳумҳои «халқ» ва «миллат»-ро барои кӯдакони олмонӣ чи гуна тавзеҳ медиҳад:

Одатан, вақте одамон дар бораи «халқ» ҳарф мезананд, манзурашон гурӯҳе аз мардум аст, ки гузашта ва баромади иҷтимоии муштарак, урфу одатҳои ба ҳам монанд доранд, бо як забон суҳбат мекунанд ё шабоҳатҳои фарҳангӣ миёнашон ба назар мерасад. Одамоне, ки чунин тасаввурот аз вожаи «халқ»-ро доранд, мехоҳанд, ки халқи «худ»-ро аз дигар мардум ҷудо намуда, байни онҳо фарқ гузоранд. Асосан онҳо муътақид бар онанд, ки мардумашон аз бақия халқҳо беҳтару бартар аст. Дар робита ба ин сиёсатмадорон ва нафарони алоҳида иддао менамоянд, ки афроди зиёде дар Олмон зиндагӣ карда, ба «халқ»-и немис алоқамандие надоранд. Аз он ҷое, ки ин афрод монанди аксари олмониҳо асолат, фарҳанг ва забони мушобеҳ надоранд, зоҳиран ба онҳо мутааллиқ нестанд. Баъдан, ин афрод аз ҷомеа ба ҳошия ронда мешаванд ва нисбат ба онҳо ҳар гуна таассуб сурат мегирад.

Ҳамчунин, касоне арзи ҳастӣ доранд, ки дар мавриди мардуми «оддӣ» суҳбат мекунанд ва аз ин тариқ миёни афроди зоҳиран маъмулӣ ва шахсони сарватманду таъсиргузор фарқияти бузург қоиланд. Махсусан, популистҳо мехоҳанд бо ин роҳ миёни мардум тухми кинаву адоват кошта, баъдан ба ҳадафҳои сиёсии худ бирасанд[1,1]. Ба ибораи дигар, дар ин замина «мардум» хеле шубҳанок ба назар мерасад: гоҳо муҳоҷиронро дӯст намедоранд, гоҳ сарватмандонро. Новобаста аз оне, ки дар Олмон як миллати ба истилоҳ «муд» ва ҷавон руйи кор омадааст, он ҳама чизашро аз даст додааст, ба ҷуз ишқу алоқа ба демократия:

Имрӯз бисёре аз одамон дар бораи «миллат» ҳарф мезананд, на дар бораи «халқ». Сухан дар бораи одамоне меравад, ки дар Олмон зиндагӣ мекунанд ва худро бо ин кишвар ва қоидаҳои демократии он озоду роҳат эҳсос менамоянд[1, 1].

Дар назди этносотсиологҳои Русия ва Олмон саволе матраҳ гардида буд: чӣ гуна метавон номенклатураи муназзамтаре эҷод кард, ки дар он мафҳумҳои «этнос», «халқ» ва «миллат»-ро ба навъе аз ҳам ҷудо кардан имконпазир гардад ва ба корбурди синонимие, ки дар гуфтори рӯзмарра ва ё изҳороти сиёсатмадорон хос аст, иҷозат надиҳад?

Ин аллакай хоси Макс Вебер аст, ки ибораи «воҳидҳои этникӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки дар он «халқ» воҳидҳои калонтаранд ва зергурӯҳҳои онҳоро «қабила» ё «этнос» меноманд. Илова бар ин, ба ақидаи Вебер этнос ҳам метавонад тақсимоти қабила бошад ва ё баръакс. Ӯ дар мавриди полиси юнонӣ ишора карда, қайд мекунад: зергурӯҳҳое, ки пеш аз полис вуҷуд доштанд ва дар он муттаҳид шудаанд, на «phylai», балки «ethne» номида мешуданд. Миллат ва ҳисси миллӣ барои Вебер маҳсули ҳамбастагӣ бо давлат, чун қоида, дар заминаи забони умумӣ ва сиёсати ҳокимияти ин давлатҳост.

Вилгелм Мюлман, ки яке аз этносотсиологҳои бузурги олмонии асри XX ба шумор меравад, аз консепсияи этнологи рус С.М.Широкогоров, ки мафҳуми «этнос»-ро ҳамчун «гурӯҳи одамоне, ки бо як забон ҳарф мезананд, асолати муштараки худро эътироф менамоянд, маҷмӯи расму оин ва сабки зиндагии хос доранд, ки муқаддас шуморида мешаванду аз урфу одатҳои дигар гурӯҳҳо ҷудо мегарданд» медонист, ҷонибдорӣ кардааст[8, 16].

Худи В.Мюлман дар давраҳои гуногун кӯшиш мекард, ки «этнос», «халқ» ва «миллат»-ро аз ҳам ҷудо намояд. «Этнос» барои ӯ соддатарин шакли ҷомеа аст. Халқ-шакли мураккабтар (чуноне, ки дар Вебер аст) қуллаи инкишофи маданию маънавӣ мебошад. В.Мюлман он ҷамъиятҳоеро, ки мо «гурӯҳҳои этникӣ» меномем, ҳамчун халқ намешуморад. Ҳамчунин, «мардуми ибтидоӣ» низ онҳоро ҳамчун гурӯҳҳои этникӣ мефаҳманд. В.Мюлман дар охири умраш мафҳуми «этнос» (ethnie), «демос» ва «халқ»-ро аз ҳам ҷудо кард. «Демос»-ин демократияи оммавии муосир аст, ки мафҳуми «халқ» дигар ба он дахл надорад, он ба истифодаи муосири Nation мувофиқат мекунад. «Халқ»-ро ба чизе ишора менамояд, ки дар Аврупо баъди пошхӯрии Империяи Рим ба вуҷуд омадааст, яъне ба ҷомеаи иерархии асримиёнагӣ[2, 1].

Монандии дигарро дар равшангарии этнологияи советӣ дар мисоли Бромлея мушоҳида менамоем: Ӯ мафҳуми «қабила»-ро ба ҷомеаи ибтидоӣ, «халқият»-ро ба давраи феодалӣ ва «миллат»-ро ба замони капиталистӣ ҷудо карда, мутобиқатии онҳоро муайян менамояд[9, 4-5].

***«Этнос», «халқ» ва «миллат» дар таълимоти А.Г. Дугин***

Агар ҳамаи гуфтаҳои болоро ба назар гирем, пас консепсияи этносотсиологии А.Г.Дугин, ки мафҳумҳои «этнос», «халқ» ва «миллат» дар он аз ҳам ҷудо шудаанд,

вориси пайвастатарин анъанаҳои этносотсиологии олмонӣ ва русӣ мебошад ва вижагиҳои муносибат ба мафҳумҳои «халқ» ва «миллат»-ро дар худ ифода менамояд.

Дар пайравӣ аз М.Вебер ва В.Мюлман Александр Дугин «этнос»-ро шакли соддатарин ва дар айни замон қисми решаи ҷомеае, ки дар заминаи боқимондаҳои қавмӣ ба вуҷуд омадааст, муаян намуда, истифодаи ин истилоҳро нисбат ба ҷомеаҳои архаистӣ маҳдуд менамояд.

«Халқ» дар ин низоми фаҳмишҳо аввалин ҳосилаи «этнос» дониста мешавад. Этносҳо ё аниқтараш якчанд қавме, ки аллакай ҷузъи таърих гаштаанд (дар натиҷаи ҳамкориҳои пуршиддит, забту футуҳот ва ташаккули сиёсатҳо) аз ҳолати мувозинат ва «бозгашти абадӣ», ки ба ҷамъияти архаистӣ хос аст, берун шуда, сохторҳои мураккаб: давлатӣ, динӣ, идеологӣ (фалсафӣ), иҷтимоӣ (фарққунонии синфӣ)-ро ба вуҷуд меоранд. Бо ҳамин асосҳо «халқ» ба вуҷуд меояд. Аксар вақт элита (агар ҳамавақт нагӯем) аллогенӣ (юн. allogenes - пайдоиш) буда, дар ибтидо як гурӯҳи этникии мутафовут аз табақоти поёнии ҷомеаро намояндагӣ мекунад, ки боиси эҷоди фарқияти лозимӣ дар идоракунӣ ва ҷудоии соҳибони қудрат аз зердастон мегардад. Шакли олии сиёсии мавҷудияти халқ империяест, ки дар он халқ на танҳо дар таърих зиндагӣ мекунад, балки рисолати мушаххаси таърихӣ ё кайҳонӣ дорад. Дар империяи масеҳӣ, ин идеяи Катехон (консепсияи катехонӣ ё катехоникӣ як мафҳуми теологӣ ва сиёсӣ аст, ки реша дар эсхатологияи масеҳӣ дорад: субъекти таърихӣ, чун қоида, ин ё он давлат, ки рисолати ҷилавгирӣ аз ғалабаи ниҳоии бадӣ дар таърих ва омадани Даҷҷолро дорад) ҷаҳонро аз омадани зиддимасеҳ нигоҳ медорад[6,36]. Халқият гуногунрангии нажодӣ ва майлу хоҳиши ягонагиро ба ҳам мепайвандад. Гуногунӣ - чун элита бо намояндагони гурӯҳҳои мухталифи этникӣ пурра мешавад, дар зинаҳои поёнӣ гурӯҳҳои гуногуни этникӣ мавҷуданд. Аммо ҳам дар элита ва ҳам миёни ҷамъиятҳои деҳқоние, ки тобеи он ҳастанд, фарояндҳои таомулӣ вуҷуд доранд. Дар ниҳоят, ҳамон муошират миёни поён (омма) ва боло (элита) сурат мегирад - болобудаҳо забон ва унсурҳои фарҳангии поиниҳоро аз худ мекунанд, поиниҳо бошад меъёрҳои сиёсиву динии аз боло фуруд омадаро аз бар менамоянд. Хулоса, ин ҷомеае аст, ки ҳам аз ҷиҳати умумӣ гуногун ва ҳам монанд мебошад ва ягонагии гуногунрангӣ дар он ҳосил мешавад.

Масалан, дар Русия пеш аз ислоҳоти Пётри Кабир (ва ҳатто баъд аз он) ҳамгироии ҷомеаҳои славянӣ, фин - угор ва дигар ҷомеаҳои этникӣ дар сатҳи табақаҳо бо бартарияти славянӣ (арзишҳои русӣ, аз қабили забон) сурат мегирифт. Дар боло интегратсияи аристократияи варангӣ, славянӣ, литвонӣ, тоторӣ ба амал омад, ки ҳама дар ниҳоят русӣ шуданд ва бо идеяи фарҳанг, пайдоиш ва рисолати таърихии ягона халқи рус ташаккул ёфт.

«Миллат» дар тарҳи А.Дугин холӣ аз ҳар гуна маънои мусбат аст (ба ҷуз ин ки аз ҷомеаи мадании глобалии фосиқон беҳтар аст), зеро ҳамаи он маонии мусбат қаблан ба мафҳуми «халқ» ҳамчун сохтори мураккаби ҷомеаи муқаддаси суннатӣ ихтисос дода шудааст. Барои тавсифи ин воқеият ҷорӣ кардани категорияи нав маъное надорад. Аммо вақте, ки сухан дар бораи Модерн меравад, ҳама чиз тағйир меёбад. Дар ин замина, мавқеи интиқодии конструктивистҳо – Э.Гелнер, Б.Андерсон ва Э.Хобсбаум то ҳадде пазируфта мешавад, ки барои онҳо «миллат» сохтори буржуазии даврони Модерн ҳисобида мешавад. «Миллат» нисбат ба «халқ» ҳамгунагии бештарро талаб дорад ва бештар ба ҳуввияти фардӣ такя менамояд, то ҳуввияти коллективӣ. «Миллат» - ин «ҷомеаи хаёлӣ» (imagined community), яъне ҷомеаи мураккабест, ки худро гӯё содда муаррифӣ мекунад ва бо ҳамбастагии сатҳи «этнос» (ҷамоаи архаикӣ) муттаҳид шудааст.

Миллат хостори суверенитет аст ва онро аз монархи муқаддас, ки қидсияти худро аз Худо мегирад, металабад. Умуман, ин маҳсули «соддасозии дуюмдараҷа» бо забони К.Н.Леонтев мебошад. Миллат мекӯшад, ки ҳамбастагии иҷтимоӣ дар ҷомеа барқарор гардад ва ё ҳатто таҳким ёбад. Ин дар ҳоле сурат мегирад, ки буржуа аллакай сутунҳои қадимии ҳамбастагиро заиф гардонидааст (диндорӣ, вафодорӣ ба Подшоҳ ва Калисо). Ҳамин тавр миллат индивидуализмро мепарварад ва дар маҷмӯъ ба гуфтаи Луи Дюмон роҳбурди фардии «ман» дар коллективи «мо» мебошад[5, 451]. Ин фардгароӣ дар ниҳоят ҳамбастагии ҷамъиятиро халалдор мекунад ва миллатгароӣ мавқеи худро ба глобализм дода, ягонагии асосии худро бо он дарк намекунад.

Гарчанде, унсурҳои алоҳидаи шуури архаикӣ ба истилоҳ «этникӣ» ва шуури анъанавӣ ба истилоҳ «халқӣ» дар ҳаёти рӯзмарра ва ҳам дар соҳаи маданият ба назар расанд ҳам, вале дар Ғарб раванди гузариш аз халқиятҳо ба миллатҳо тақрибан ба таври комил анҷом ёфтааст. Дар Шарқ ва Русия ба далели падидаи археомодерн будан, суҳбат аз «миллат» ба ин маъно душвор хоҳад буд. Аз паси намои модернистӣ тарҳи ҷомеаи суннатӣ ва Империя намоён аст.

***Оқибатҳои ҷорӣ намудани трихотомияи (мафҳумҳои сегона) «этнос», «халқ» ва «миллат» барои илм ва гуфтугӯи сиёсӣ***

Ҳоло бартарии чунин тақсимотро (умдатан байни халқ ва миллат) нишон медиҳем:

1. Дар он тафовути сохти ичтимоӣ ва психологияи коллективӣ, ақидаҳои одамони ҷамеаи анъанавӣ ва ҷомеаи муосирро дар назар мегирад, ки чунин муносибат дар равиши этносимволистии Э.Смит ва мафҳуми «миллатҳои қабл аз миллатчигӣ»-и Ҷ.Армстронг ба назар намерасад. Масалан, агар таърифи Э.Смитро гирем, як миллат «ҷамъияти номдор ва худмуайяншудаи башарӣ мебошад, ки аъзоёни он устураҳо, хотирот, намоду рамзҳо, арзишҳо ва суннатҳои умумиро мубодила ва нигоҳ медоранд, дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд ва бо он ҳамсонӣ пайдо мекунанд, фарҳанги умумӣ меофаранд ва онро паҳн месозанд ва ҳуқуқу қавонини умумиро риоя менамоянд» мебошад, ки он аз таърифи этноси Широкогоров танҳо бо ишора ба «оммавӣ будан»-и фарҳанг ва «ҳуқуқу қонунҳо» фарқ мекунад. Аммо дар ин вазъият чӣ гуна метавон мавқеиятҳои қабл ва баъд аз тағйиротҳои асосӣ дар сохтори иҷтимоӣ, сохти давлатҳои ҷаҳон ва худдаркнамоии инсони ғарбӣ дар асри модернро аз якдигар ҷудо кард?

Агар вонамуд намоем, ки давраҳои Реморматсия (Ислоҳот), Ренессанс (Эҳё), Маорифпарварӣ ва ғайра ҳеҷ маъное надоранд ва чизеро дар сохтори иҷтимоӣ ва дарки фардӣ ва ҷаҳон тагйир намедиҳанд, арзиш надорад. Илмитар ба назар мерасад, агар Модерн, Посмодерн ва Анъанаро аз ҳам ҷудо намуда, ба муҳтавои этносотсиологии Анъана номи мувофиқ гузорем.

Дар мавриди Англия, Фаронса ва Шотландия, ҷойҳое ки этносимволистҳо дар қарни XIV чизе шабеҳи миллатҳо пайдо намекунанд, пас тавсифи «миллат»-ҳо тавассути категорияҳои ҳуввияти ҷамъӣ дар миёни нухбагон (элита), номҳои муштарак, тасаввуротҳо оид ба пайдоиш ва хешу таборӣ, хотирот ва суннатҳои муштарак ва ҷудоии «мо» аз «онҳо» қонеъкунанда нест. Дар мавриди мафҳумҳои «этнос» ва «халқ» низ дақиқан ба ҳамин навъи муносибат рӯ ба рӯ мешавем. Фаҳмиши «миллат» ҳамчун «этноси соҳибдавлат ва дорои фарҳанги тавсеаёфта» аз ҳамин нуқс ранҷ мебарад-ду навъ ва ҳолати ба ҳам муқобили ҷомеа-Премодерн ва Посмодерн тасодуфан ё умдан (дидаву дониста) бо ҳам махлут шудаанд.

2. Ҷорӣ намудани мафҳуми «халқ» потенсиали харобиовари равиши конструктивиро ғайрифаъол месозад. Миллатҳо ба унвони чизе, ки ба ҷойи мардумони як ҷомеаи анъанавӣ ба вуҷуд меоянд, мавриди интиқод қарор мегиранд, аммо «халқ» на.

Агар конструктивистҳо (Э.Хобсбаум) тамоюл дошта бошанд, ки на танҳо миллатҳо, балки категорияҳое чун «қадимӣ» ва «анъана» ё ҳатто «этносҳо» тавассути буржуазия барои тавҷеҳи султаи худ дар Замони Нав эҷод гардидаанд, пас тақсими «этнос», «халқ» ва «миллат» аз ин гуна ифротигариҳо, яъне интиқоли беиҷозаи парадигмаи муосир ба ҷомеаҳои анъанавӣ ва архаистӣ худдорӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми «халқ» метавонад барои мутафаккирони мувофиқтарини «чап» ва «пасочап», ки аз мушкилоти марбут ба мафҳуми «миллат» огоҳанд, пуле бошад, вале онҳо мекӯшанд, ки ба муқобили глобализми либералӣ бидуни даст кашидан аз ҳуввияти этникӣ дар сохторҳои радикалии чап муқовимат кунанд (масалан, Ален Сорал дар Фаронса).

3. Мурочиат ба «халқ» хатари «миллатгароӣ»-и модернистӣ ва созандаро ғайрифаъол месозад, ки ҳангоми ишора ба «миллат» ҳамеша имконпазир аст. Аз он ҷое, ки кори конструктивистҳо маъруфият пайдо намуд, бахши ҷавонтарини ростҳо, ки таҳти таъсири Андерсон ва дигарон қарор дошт, ба сохтани натсионализм тавассути мурочиат ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, миллатсозӣ ва масхара кардани урфу одатҳо ҳамчун арзишҳои архаистӣ шурӯъ менамояд. Дар натиҷа бо рӯҳияи «пасоинсон русӣ ҳарф мезанад» гуфтумоне ба вуҷуд меояд, ки уфуқи фароинсоният дар ҳоли густариш қарор мегирад (Ин дар мисоли Е.Просвирнин равшан зоҳир гардид)[3, 1].

4. Дар баробари ин, ҷанбаи либералии мурочиат ба «миллат» ғайрифаъол мешавад, бахши дигари «миллатгароён» бар ин боваранд, ки чун тарафдори «давлати миллӣ» ҳастанд, бояд ҷонфидои «демократия», «пешрафт», «парламентаризм» ва «интихоботи озод» бошанд. Ҳамзамон, бояд ҷонибдори Навалнии зиндонӣ баҳри тика-тика гардидани Россия бошед (нигоҳи русҳо ба «миллат»-и либералӣ ва ташфиқоти Ғарб). Ҳамин тариқ, барои онҳое, ки худро «миллатгаро» мепиндоранд, вале дар асл муҳофизакор ва суннатпарастанд ва аз ҳуввияти этникӣ ва таърихӣ («халқ»), ки ба ҷаҳонбинии либералии кухан иртибот надоранд, барои аз нав дида баромадани мавқеъашон имконият фароҳам мешавад.

5. Империя ба унвони маҷмӯаи бисёре аз гурӯҳҳои қавмӣ ва табақотӣ холӣ аз ҳамбастагии иҷтимоӣ ва воқеӣ, ки ҳамаро ба ҳам пайванд месозад, зоҳир намешавад. Ё ҳатто «миллатҳо»-и мумтоз (хатари он чи дар муҳити муносиб «бисёрмиллатчигӣ» номида мешавад), аммо ба унвони як шакли сиёсие, ки дорои як ҳамбастагии этносотсиологӣ ва дар айни ҳол фарққунанда мебошад, «халқ» ҳаст. Халқ ва Империя ҳамчун тасодуф ва ҷавҳар алоқаманд нестанд: ҳарду ҳамдигарро меофаранд ва дубора эҳё мекунанд. Империя халқро бо хусуяиятҳои асосии худ ташаккул медиҳад, аммо мардум низ чеҳра ва имиҷи беназири Империяро меофаранд.

Империяҳо метавонанд аз ҷиҳати таърихӣ аз ҳамдигар фарқ кунанд: сермиллат будан, вале ба як фарҳанги ягона ба ҳуввияти возеҳи этникӣ ва идеяи рисолати таърихӣ майл доштан, яъне бар асоси як «мардум» (мардуми хон дар Чин ва русҳо дар Русия) ё аз ҷиҳати этникӣ бешаклтар будан, «халқҳо»-и мутафовутеро, ки дар яке ба ҳам намеоянд, муттаҳид менамояд, аммо аз ҷиҳати рисолати ҳамбастагӣ, аз ҷиҳати динӣ ва фарҳангӣ ба ҳам хеле наздиканд  (лоиҳаи Гиббелин дар Аврупои асримиёнагӣ).

Ҳамин тариқ, ҳар мактаби фикрӣ бо дарназардошти чаҳорчӯбаи фикрӣ – ақидатии худ ба масъалаҳои миллӣ баҳогузорӣ менамояд. Чун анъана манфиат дар меҳвари ҳама муносибатҳо қарор мегирад. Яъне, ҳар мактаби фикрӣ вобаста ба манфиатҳои идеологии худ ба падидаю равандҳо муносибат менамояд, шарҳу эзоҳ медиҳад ва масъалагузорӣ мекунад.

**Адабиёт**

1. "Drei Staaten, zwei Nationen, ein Volk“Ein Konzept "fürs Museum"? URL: https://www.bpb.de/themen/deutschlandarchiv/247587/drei-staaten-zwei-nat;
2. Ernst Wilhelm Müller.Der Begriff ‚Volk‘in der Ethnologie URL: https://download.uni-mainz.de/fb07-ifeas/Mueller/Volk.pdf;
3. https://katehon.com/ru/article/etnos-narod-naciya-kak etnosociologicheskie – kategorii;
4. Volk/ Nation URL: https://www.hanisauland.de/node/2540);
5. Бенуа А. Идея Империи/Против либерализма: (К Четвёртой политической теории). - Спб.: Амфора, 2009. С.441;
6. Дугин А.Г. Антикейменос. Эпистемиологические войны. Боги чумы. Великое пробуждение. М.: Академический Проект, 2022;
7. Цит по. Бенуа А. Идея Империи/Против либерализма: (К Четвёртой политической теории). - Спб.: Амфора, 2009. С.451;
8. Широкогоров С.М. Этнос. Исследование основных принципов изменения этнических и этнографических явлений. Кафедра Социологии Международных Отношений социологического факультета МГУ им М.В. Ломоносова. Москва, 2010г. С.16;
9. Этнография: Учебник / Под ред. Ю. В. Бромлея и Г. Е. Маркова. — М.: Высш. школа, 1982. С.4-5.

# “ЭТНОС”, “НАРОД” И “НАЦИЯ”: ИХ ЗНАЧЕНИЕ, ОТЛИЧИЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В РАЗЛИЧНЫХ УЧЕНИЯХ

**КОСИМОВА РАДЖАБМО,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121.
**ХАМИДЗОДА ХУСЕЙН ХАЛИФАБАБО,**
соискатель Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 918-99-01-02.

*В данной статье важные понятия, в том числе понятия «этнос», «народ» и «нация», расматривается с качественно новой точки зрения. Автор приложил много усилий, чтобы показать сходство, различие и назначение этих понятий. Невозможно диагностировать национальные проблемы без понимания различий и значений этих понятий. Поэтому акцент автора больше на этом вопросе, прежде всего, употребление этих слов должно быть логически правильным в зависимости от их положения.*

*В то же время в данной статье показано, как термины «этнос», «народ» и «нация» используются в разных учениях. Автор в основном сравнивал этнологическую и этнополитическую школы Германии и России. Он рассмотрел значения и различия слов «этнос», «народ» и «нация», а также различные формы их употребления в русской и немецкой мыслительных школах в разных значениях. Ось российской школы этнологии или этнополитики в статье формируют взгляды А.Г. Дугина. Анализ немецкой школы основан на идеях Иоганна Фихте и Карла Дитриха Эрдмана.*

***Ключевые слова:*** *этнос, народ, нация, племя, народничество, Катехон, этносы, ренессанс, трансформация, образование, масса, элита, Модерн, Постмодерн, традиция, национализм.*

# "ETHNOS", "PEOPLE" AND "NATION": THEIR SIGNIFICANCE, DIFFERENCE AND POLITICAL USE IN DIFFERENT TEACHINGS

**KOSIMOVA RAJABMO,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Political Science
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
**HAMIDZODA HUSSEIN KHALIFABABO,**
Applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 918-99-01-02.

*In this article, important concepts, including the concepts of "ethnos", "people" and "nation", are again revealed from a qualitatively new point of view. The author has made a lot of effort to show the similarities, differences and purpose of these concepts. It is impossible to diagnose national problems without understanding the differences and meanings of these concepts. Therefore, the author's emphasis is more on this issue, first of all, the use of these words should be logically correct depending on their position.*

*At the same time, this article shows how the terms "ethnos", "people" and "nation" are used in different teachings. The author mainly compared the ethnological and ethnopolitical schools of Germany and Russia. He considered the meanings and differences of the words "ethnos", "people" and "nation", as well as various forms of their use in Russian and German thought schools in different meanings. The axis of the Russian school of ethnology or ethnopolitics in the article is formed by the views of A.G. Dugin. The analysis of the German school is based on the ideas of Johann Fichte and Karl Dietrich Erdmann.*

***Key words:*** *ethnos, people, nation, tribe, populism, Katechon, ethnic groups, renaissance, transformation, education, mass, elite, Modern, Postmodern, tradition, nationalism.*

УДК: 327

# АҲАМИЯТ ВА ДУРНАМОИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБ ДАР ҚОЛАБҲОИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА

**НЕЪМАТОВ ИКРОМИДИН,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-70-58-75. E-mail: i.nemat@mail.ru
**БОЙМАТОВ УМЕДҶОН МАҶИДОВИЧ,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 901-06-58-06. E-mail: danila.dj.91@mail.ru

*Дар мақола масъалаи аҳамият ва дурнамои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб дар қолабҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ шудааст. Ҷаҳони араб яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар мақола омилҳои барқарор будани равобити хуб ва пойдори Тоҷикистон бо ҷаҳони араб инъикос шудааст. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати бисёрсамтиро пайгирӣ намуда, муносибатҳоро бо кишварҳои ҷаҳони араб чӣ дар самти дуҷониба ва чӣ бисёрҷониба инкишоф медиҳад. Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба нововбаста аз ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар, бухронҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ ҷараён доранд. Муаллиф қайд менамоянд, ки сатҳ ва умқи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араб тадриҷан ташаккул ёфта, натиҷаҳои назаррас дар ин самт возеҳ мебошанд.*

*Инчунин, дар мақола дурнамои самтҳои афзалиятноки муносибатҳо дар сатҳи бисёрҷониба ва дуҷониба таъкид гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳони араб, таърихи ҳамкориҳо, ҳамкориҳои мутақобила, Тоҷикистон, сиёсати дарҳои кушод, дуҷониба ва бисёрҷониба дурнамо.*

Баъди ба истиқлолият соҳиб гардидан дар муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ марҳилаи нав оғоз мегардад. Аз лаҳзаи касби истиқлолият Тоҷикистон аз ҷониби тамоми кишварҳои арабӣ ба расмият шинохта шуда, байни он ва аксари давлатҳои араб муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардидаанд.

Барқарор будани равобити хуб ва пойдори Тоҷикистон бо ҷаҳони араб аз якчанд омил бармеояд: 1) равобити таърихӣ байни гузаштагони тоҷику араб. Аз қадимулайём ниёгони ду халқ бо ҳам равобити наздики сиёсӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ доштанд. Замоне буд, ки порае аз сарзамини кунунии араб ҷузъи қаламрави давлатҳои гуногуни эронӣ ва баръакс сарзаминҳои тоҷикнишин тобеи хилофати араб буданд. 2) ягонагии динӣ. Ислом, ки дар асри VII дар нимҷазираи Арбистон арзи ҳастӣ намуда буд, тавассути лашкаркашии араб баъди як аср ба Мовароуннаҳр мерасад. Аз ҳамон замон мардуми диёр ба дини ислом мегараванд. 3) омили фарҳанг ва тамаддуни исломӣ мебошад, ки гузаштагони ҳарду халқ ҳамроҳ бо мардумони дигар дар асрҳои миёна ба вуҷуд овардаанд [9, с. 177].

Дар баробари авомили мазкур боиси яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтани равобит бо кишварҳои араб ин мақом ва манзалати муассири ин кишварҳо дар пешрафти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Истифода аз имконоти фаровони иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва сармоягузории онҳо ба инкишофи устувори Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

Ин самти афзалиятнок дар тамоми раванди истиқлолияти сиёсӣ ҳифз гардида, дар баромадҳои Пешвои миллат, Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олӣ ва санадҳои муайянкунандаи сёсати хориҷӣ – Консепсияҳои сиёсати хориҷӣ таҷассум меёфт.

Аз ҷониби дигар, яке аз ҳадафҳои асосии эъломи сиёсати дарҳои кушод ин ҷалби сармоя барои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, бунёди корхонаҳои муштарак ва дар маҷмуъ, таъмини зиндагии шоиста барои аҳолии кишвар ба шумор меравад. Ба ин хотир нақши кишварҳои араб дар Консепсияи сиёсати хориҷӣ чунин ифода ёфт: “Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истиқбол аз алоқамандии кишварҳои арабии ҳошияи Халиҷи Форс, аз қабили Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Давлати Қатар, Давлати Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, ба сармоягузории лоиҳаҳои иқтисодии Тоҷикистон, ки аҳамияти миллӣ ва минтақавӣ доранд, ба густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи мазкур саъй менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба нуфузу эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Мисри Араб дар сиёсати минтақа ва ҷаҳон ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ алоқаманд аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаи Африқоро ба ҳайси самти ояндадори ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногун арзёбӣ мекунад. Ба ин муносибат, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ва барқарор намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои арабии шимоли Африқо, мисли Шоҳигарии Марокаш, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии Тунис, Давлати Либиё сайъ хоҳад кард” [4].

Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлолият қабул шудан ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавиро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, пайгирона дар ин самт фаъолият менамуд.

Яке аз ин ниҳодҳои бисёрҷонибаи бонуфуз Созмони ҳамкории исломӣ маҳсуб мегардад, ки дар сиёсати хориҷии кишвари мо мақоми афзалиятнок дорад. Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) дуюмин Созмон аз ҷиҳати бузургӣ (пас аз СММ) дар саҳнаи ҷаҳонӣ мебошад, ки 57 кишвари мусулмоннишини Осиё, Африқо, Америкои Ҷанубӣ ва Созмони озодибахши Фаластинро муттаҳид намудааст [2, с. 183]. Ҳоло аҳолии кишварҳои аъзои СҲИ 1,5 млрд нафарро ташкил медиҳад, ки дар беш аз 60 давлати ҷаҳонӣ сукунат доранд [10].

Кишварҳои СҲИ 70% захираҳои нафт ва 50% захираҳои гази ҷаҳонро дар даст доранд. Умуман аз назари ҷойгоҳи ҳудуди ҷаҳони Ислом хеле васеъ буда, ҳудуди 26 млн км кв –ро дарбар мегирад, ки аз он кишварҳои араб -14 млн км мураббаъ, кишварҳои осиёӣ - 6,3 млн км мураббаъ ва давлатҳои африқоӣ -5,7 млн км мураббаъро соҳиб мебошанд. Имрӯз дар кишварҳои Аврупо: Британияи Кабир – 5 млн. нафар мусулмон, дар Олмон ҷамъияти мусулмонон – 3,7 млн. нафар, ки аз онҳо 100 ҳазор нафар олмонитаборанд, Фаронса 2,5 млн. нафар мусулмон, ки аз онҳо 500 ҳазор нафар француз, дар Россия - 25 млн. нафар мусулмон зиндагӣ менамоянд [15].

Бо назардошти авомили мазкур созмон яке аз ниҳодҳои ояндадори байналхалқӣ маҳсуб мегардад. Дар баробари иқтидор ва имконоти фавқуззикр ба хушбинӣ нисбати ояндаи созмон якчанд омилҳо таъсир мерасонад.

Омили дохилӣ – ин тағйиротҳои амиқе маҳсуб мешавад, ки тӯли даҳсолаҳои охир дар дохили ҷомеаҳои мусулмонӣ ба назар мерасанд. Дар ҷаҳони ислом дар сатҳи ҷамъиятӣ мавқеъҳои умумӣ нисбати масоили зиёд таҳия мешаванд, ки нисбати онҳо ҳукумати кишварҳои мусулмон мавқеи муттазод доранд. Ба он раванди ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба иттилоот ва ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ мусоидат менамояд.

Ин ҳолат дар кишварҳои Шарқи Наздик баръало возеҳ аст. Масалан, дар Миср, ки ҳукумати он яке аз иттифоқчиёни Исроил ба ҳисоб меравад, афкори ҷамъиятии аҳолии кишвар пурра ҷонибдори фаластиниён мебошад.

Ин ҳолат дар аксари кишварҳои мусулмонӣ ба назар мерасад. Вобаста ба ин ҳолат сарварони кишварҳо дар оянда маҷбур мешаванд, ки мавқеи нисбатан наздик ба мардумро ишғол намоянд.

Раванди наздикшавии мавқеи ҷомеа дар ҷаҳони ислом ва коркади мавқеи «умумиисломӣ» нисбати масоили муосир ба назар мерасад. Раванди мазкурро муҳаққиқ ва сиёсатшиноси франсуз Оливе Руа «эҳёи умма» яъне ҳолати асрҳои аввали ислом, ки ҷомеаи мусулмонӣ арзишҳо ва мавқеи умумӣ доштанд номидааст [12].

Омили хориҷӣ, дар дурнамо рафтор ва мавқеи Ғарб ба раванди тақвият ва наздикии мавқеи аъзои СҲИ мусоидат менамояд. Бозгашти аксари кишварҳои ғарбӣ ба арзишҳои насронӣ, афзоиши исломбадбинӣ (асосноккунии ғояҳои назариявӣ, аз ҷумла фарзияи “Бархурди тамаддунҳо [16]”), маҳдуд намудани ҳуқуқҳои ақаллиятҳои мусулмон, мавқеи якҷонибаи кишварҳои Ғарб нисбати қазияи Фаластин, муқовимат бо барномаи ҳастаии Эрон, мудовимат дар кори ташвиқу тарғиби «зиддитеррористӣ», таҳоҷуми руирости кишварҳои ғарбӣ ба давлатҳои исломӣ ва дар маҷмӯъ тезутунд гаштани равобити байнитамаддунӣ водор менамояд, ки кишварҳои созмон аз лиҳози пайгирии мавқеи ягона талош варзанд. Ҳаводиси рамзии эълони «лашкаркашиҳои салибӣ» аз ҷониби Ҷ. Буш, ҳуҷуми Ғарб ба Афғонистон ва Ироқ, нашри ҳаҷвияҳо нисбати пайғамбар, чорабиниҳои кишварҳои Аврупо зидди ҳиҷоб ва сохтмони масҷиду манораҳо, раванди мазкурро суръат мебахшанд. Муҳаққиқи сиёсии Амрико ва меъмори ғояи «бархурди тамаддунҳо» С.Хантингтон дар мусоҳибаи охирини хеш пешбинӣ намуда буд, ки дар оянда кишварҳои исломӣ метавонанд дар созмони мисли «Иттиҳоди аврупоии исломӣ» муттаҳид шаванд.

Бо назардошти ин омил метавон гуфт, ки дар оянда узвияти кишварҳои мусулмон дар СҲИ аз узвият ба СММ муҳимтар ва афзалиятноктар хоҳад гардид. Агар дар солҳои наздик СММ мавриди чорабиниҳои ислоҳотӣ қарор нагирад ва минбаъд низ ҳамчун механизми таъминкунандаи манофеи кишварҳои ғарбӣ баромад намояд, он барои кишварҳои мусулмон ҷолибияташро гум мекунад. Чунин ҳолат онҳоро водор менамояд, ки дар чаҳорчӯбаи СҲИ муттаҳид гарданд [12].

Созмон ба ҳайси овози ҷамъулҷамъи мусулмонони ҷаҳон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои аъзои он нақши калидӣ дорад. Он имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҳифзу нигоҳдории манфиатҳои олами исломро дар рӯҳияи пешбурди сулҳу салоҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон кафолат медиҳад. Созмони ҳамкории исломӣ ҳамчун афзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои мусулмон баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти кишварҳои аъзои он, инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот дар паҳнои олами исломӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кардааст[14, с. 319.].

Созмони ҳамкории исломӣ яке аз созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ ба шумор меравад. Нақши Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчун воситаи самараноки ҳамкории бисёрҷонибаи кишварҳои мусулмонӣ, дар таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти кишварҳои мусулмонӣ хеле муассир мебошад. Аз ин рӯ Тоҷикистон иштирок дар ин созмонро яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хориҷии худ меҳисобад.

Узвияти Тоҷикистон ба Созмони ҳамкории исломӣ ба ду омили муҳим асос меёбад:

Якум, Тоҷикистон, ки 90 фоизи аҳолиашро мусулмонон ташкил медиҳанд, ҷузъи ҷаҳони исломӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ возеҳ аст, ки он наметавонад берун аз

чаҳорчӯбаи созмони бонуфузе бошад, ки дар он масъалаҳое ҳал мешаванд, ки дар назди халқҳои мусулмонӣ истодаанд.

Дуюм, Тоҷикистон, ки барои он усули асосӣ дар сиёсати хориҷӣ алоқаҳои васеъ ва ҳамкории мутақобила бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба шумор меравад ва давраи мураккаби рушди иҷтимоӣ-иқтисодии худро паси сар менамояд, бо шарофати иштироки фаоли худ дар ин созмон, ки яке аз ҳадафҳои асосии он роҳандозӣ ва мусоидат ба ҳамкории наздики самаранок байни кишварҳои аъзои созмон ба шумор меравад, ба сифати узви комилҳуқуқ имконияти хубро барои ҳамкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди худ ба даст меорад [13, с. 597].

Бо назардошти иқтидор ва дурнамои созмон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Ҳамкории Исломӣ диққати асосиро ба масъалаҳои ҳамкории иқтисодӣ нигаронида аст. Мувофиқи қатъномаи сеюми конфронси сарварони давлатҳои Созмони ҳамкории исломӣ (Макка ва Тамора ноябри соли 1991) дар чаҳорчӯбаи Созмон Комитети доимамалкунанда доир ба ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (КОМСЕК) амал мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин созмону ниҳодҳоро василаи муҳими мубориза и дастаҷамъона бо хатару чолишҳои глобалии замони муосир, саҳнаи бебадали ҳаллу фасли ихтилофот ва мушкилот дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва васил аи муассири таҳкими амнияту суботи ҷаҳонӣ медонад ва бо мақсади саҳм гузоштан дар эҷоди низоми наву одилонаи муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳамчунин ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллии худ дар чаҳорчӯби онҳо ба таври фаъол ва густурда иштирок менамояд.

Дар ин замина муносибот бо Созмони ҳамкории исломӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият дорад.

Аз ин рӯ, самти арабӣ ва мусулмонии сиёсати хориҷии кишвари мо яке аз авлавиятҳо буда, зарурати гусариши равобити мутақобиларо бо ин кишварҳо тақозо менамояд.

Дохилшавии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 декабри соли 1992) ба онҳо имконият дод, ки дар муҳокима ва мураттабсозии масъалаҳои муҳимми инкишофи ҷаҳони мусулмонӣ дар дар охири қарни бистум ширкат варзанд. СҲИ ба сифати нозир дар гуфтушунидҳои байни тоҷикон баромад намуда, кафолати асосии иҷро шудани созишномаи байни мухолифин ва ҳукумати расмӣ гардид. Ҳамкории ниҳодҳои қарзу молия ва илмӣ-техникӣ рӯз аз рӯз густариш меёбад. Бонки рушди исломӣ мураттабсозии барномаҳои сармоягузориро дар якчанд лоиҳаҳои бузурги минтақаи Осиёи Марказӣ ба анҷом расонид [19].

Дар назди СҲИ 13 кумитаи доимӣ дар сатҳи вазирон, ки аз ҷониби президенти ин ё он давлати узв идора мешаванд (кумитаи Ал-Қудс, КОМСЕК, КОМСТЕК, ИСЕСКО, КОМИАК ва ғайра), 9 мақоми ёридиҳандаи СҲИ (кумита оид ба Афғонистон; кумитаи исломӣ оид ба ҳамбастагӣ бо мардуми Соҳили Африқо, кумита оид ба Фаластин; гурӯҳи тамос оид ба Ҷамму ва Кашмир; гурӯҳи тамос оид ба Босния ва Герсоговина) ва дигар сохторҳои махсус амал мекунанд, ки қароргоҳашон дар шаҳрҳои мухталиф- пойтахтҳои кишварҳои исломӣ ҷойгиранд. Дар чаҳорчӯби СҲИ зиёда аз 100 бонки исломӣ ва ниҳодҳои молиявӣ, ки калонтарини онҳо Бонки рушди исломӣ мебошад, фаъолият мекунанд [2, с. 185].

Яке аз самтҳои муносибати бисёрҷонибаи кишвар бо кишварҳои араб ин ҳамкорӣ дар самти илм, маориф ва фарҳанг ба шумор меравад. Аз ин ру, дар ҷараёни ҷаласаи 21-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СҲИ, ки 25 апрели соли 1993 дар

Исломобод баргузор гардид, Тоҷикистон низомномаи Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО)-ро имзо карда, ба он шомил шуд [18, с. 170].

Осиёи Марказӣ барои ҷомеаи исломӣ хеле ҷолиб буд, ки бо таваҷҷуҳ ба «бародарони кӯҳна»-и нав нигариста, инчунин ба иқтидори онҳо умедҳои муайяне дошта, арзишҳои ваҳдати умумиро тараннум мекарданд. Аз як ҷониб, қабули кишварҳои нави мусулмонии пасошӯравӣ ба ташаккули иқтидори нави сиёсӣ ва фарҳангии Созмон мусоидат кард; аз ҷониби дигар, тавсеаи ҷуғрофӣ инчунин ба сатҳи миқдорӣ ва сифатии мушкилоти СҲИ таъсир расонд. Дар ҳар сурат, қабули аъзои нав як ангезаи иловагӣ барои аз нав дида баромадани консепсияи ояндаи худи Созмон гардид [3, с. 67].

Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони ҳамкории исломӣ ба кишвари мо имконият дод, ки бо кишварҳои мухталифи ҷаҳони ислом робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодиро барқарор созад. Робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо ниҳодҳои молиявии минтақа ба таври самаранок инкишоф ёфта истодааст. Яке аз ин ниҳодҳо Бонки Рушди исломӣ мебошад, ки 18 декабри соли 1973 дар шаҳри Ҷидда тибқи қарори вазирони молияи кишварҳои аъзои СҲИ таъсис ёфт. Мақсади асосии ин бонк – муосидат намудан ба инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамолики аъзои СҲИ мебошад. Имрӯз 53 давлатҳои Африқо, Осиё ва Аврупо аъзоёни Бонки Рушди Исломӣ мебошанд. То моҳи июни соли 1992 маблағи умуми бонк 2 млн. динорро ташкил медод.

Бояд таъкид намуд, ки таваҷҷуҳи ҷонибҳо мутақобила буда, 23 ноябри соли 1994 Дабири кулли Созмони Конфронси исломӣ Ҳамид ал - Габид аз Душанбе боздид ба амал овард [2, с. 31].

Дар рафти сафари расмии президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов соли 1994 ба Қувайт, соли 1995 ба Абудабӣ, Дубай ва соли 1996 ба Арабистони Саудӣ як қатор созишномаҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ ба имзо расиданд. Роҳбарони давлатҳои араб ғояи дохилшавии Тоҷикистонро ба Бонки Рушди исломӣ дастгирӣ намуданд. 14 декабри соли 1996 баъди эътирофи созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Рушди исломӣ аз тарафи Маҷлиси Олӣ Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи бонки Рушди исломӣ гардид [11, с. 84].

Яке аз дастовардҳои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмон ин ширкати СҲИ дар гуфтушуниди байни тоҷикон дар Исломобод моҳи октябри соли 1994 мебошад. Баъдан ин созмон ба ҳайси нозири расмии ин чараён фаъолият намуда, ба гурӯҳи Робита–кафолат баъди имзои созишнома дохил гардид.

Саҳми СҲИ дар ҷараёни барқарорсозии сулҳ хеле баланд аст. Баъзе давлатҳои минтақа ба тақдир ва муайян намудани ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир карданд. Онҳо барои гурӯҳҳое, ки бештар манфиати онҳоро ифода мекард, кӯмакҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва молиявӣ мерасониданд. Ҳайати нозирони СММ тамоми ин нозукиҳоро ба ҳисоб гирифта, ба ҳайси мушоҳиди ҷараёни гуфтушунидҳо намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Ӯзбекистон, баъдан Туркманистон, инчунин САҲА ва СҲИ даъват шуда буданд. Ҷалби онҳо ба ин ҷараён барои ноил шудан ба мақсад самараи хуб дод. Ин ба он имкон дод, ки таъсири кишварҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон сусттар шавад. Беш аз ин иштироки онҳо ба оғози гуфтушунидҳо ва баъдан розигии тарафайн мусоидат намуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки нобобаста аз мушкилоти даҳсолаи аввали истиқлолият барномаи ислоҳоти иқтисодиро таҳия намояд, ки аз ҷониби ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ дастгирӣ ёфт. Барномаи ҳукуматӣ пеш аз ҳама аз тарафи бонки Исломии Рушд дастгирӣ ёфт, ки барои ҷумҳурӣ якчанд қарзҳои имтиёзнокро пешниҳод намуд [7, с. 68].

Аввалин бор дар таърихи робитаҳои Тоҷикистон ва СҲИ дар мулоқоти 8-ум моҳи декабри соли 1997 дар бораи кӯмаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон қарор қабул шуд. Ин ҳуҷҷат тамоми кишварҳои аъзои СҲИ ва ниҳодҳои молиявии исломиро барои саҳмгузорӣ дар ҷараёни бартарафсозии харобиҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон даъват мекунад.

Моҳи ноябри соли 1997 бо даъвати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Бонки Рушди исломӣ Аҳмад Муҳаммад Алӣ ба ҷумҳурии мо омад. Дар ҷараёни сафари ӯ якчанд созишномаҳо ба имзо расиданд. Тибқи яке аз ин созишномаҳо Бонки рушди исломӣ 3, 5 млн. доларро барои хариди таҷҳизоти тиббӣ ба маркази бемориҳои дили ҷумҳуриявӣ ҷудо намуд. Соли 1998 ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки рушди исломӣ дар бораи қарз дар ҳаҷми 8, 82 млн. доллар барои тармими макотиби миёна созишнома имзо намуд. Ду созишномаи дигар барои идомаи сохтмони роҳи нақлиётии Помири шарқӣ – Кулма- Қарокурум 200 ҳаз. доллар ва 80 ҳаз. доллар барои ободонии 6 ҳаз. га. дашти Данғара пешбинӣ шудааст [2, с. 45.].

Ибтидои асри XXI бо дигаргуниҳои куллӣ ҳаммаъно буда низоми пештараи муносибатҳои байналхалқӣ тағйир ёфт. Ҳодисаҳои сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк ва Вашингтон ва амалиёти зиддитеррористии баъд аз он ҷаҳони исломро бо арзишҳои мукаммали устувори равобити байнидавлатии худ дар баробари озмоишҳо қарор дод, ки дар фишори рӯзафзуни Исроил ба Фаластин амалиёти низомии Амрико бар зидди Афғонистон ва баъдан ба Ироқ таҷассум ёфт. Бесарусомонӣ, вазъи ноустувори сиёсӣ ва иқтисодӣ, дурнамои норавшан кишварҳоро водор менамоянд, ки нақш ва мавқеи худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нав дида бароянд, ва ба муҳити мавҷуда ва қоидаҳои нави бозӣ мувофиқат кунанд, то манфиатҳои давлатӣ ва ҳатто худи мавҷудияти кишварро самараноктар муҳофизат намоянд.

Албатта дар чунин шароит ба танҳоӣ татбиқи ин аҳдофи муҳим ниҳоят душвор буда, зарурати тақвияти равандҳои ҳамгироиро дар асоси фарҳанг, тамаддун ва бо истифода аз иқтидори минтақа ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ тақозо менамояд [8, с. 400].

Аз рӯйи мақсад Созмони Ҳамкории Исломӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои муҳими рушди иқтисодӣ дар заминаи пешрафти илмию техникӣ ва технологияи навтарин дар тамоми мамлакатҳои аъзои созмон мебошад, чунки дар аксарияти онҳо баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии сокинони он айни замон инкишофи соҳаи маориф, тандурусти инчунин таъмини иҷтимоии ва амнияти онҳо маҳсуб мегардад.

Дар баробари ин дар оғози ҳазораи сеюм омили фарҳангӣ муассир гардида, танҳо дар заминаи тамаддуни умумӣ метавон аз хатарҳои ҷаҳонишавӣ дар амон буд. Тавре, ки президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон борҳо изҳор доштааст. «Саҳми тамаддуни исломӣ дар раванди ташакулёбии фарҳанг ва тамаддуни башарӣ бебаҳс аст ва ин воқеиятро шахсиятҳои бузурги ҷаҳонӣ борҳо эътироф кардаанд. Ин тамаддун бо фарҳангҳои арзишманди бузурги инсонӣ ҳамкории созанда ва суннати ҳамзистиро решадор намудааст. Он метавонад ба пешгирии тамоюли харобиовари «бархурди таммадунҳо» мусоидат намуда тадбики раванди ҳамкори ва гуфтугуи созандаи таммадунҳо ва фарҳангҳоро таҳким бахшад.

Бо назардошти ин ҳақиқати таърихӣ кишварҳои мусулмон ва созмонҳои гуногуни байналмилалии исломӣ, қабл аз ҳама, Созмони конфронси исломӣ кушиш ба он доранд, ки дар ин марҳалаи нозук ва ҳассос барои таъмини шароити мусоиди ҳамкорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи эътибор ва симои воқеии ислом, пешгирии руҳияи зидди ислом ва мусулмонон, таблиғ ва ташвиқи фарҳанги сулҳ

иқдомоти заруриро амалӣ намояд. Аз ин рӯ Тоҷикистонро зарур аст, ки бо кишварҳои ҷаҳони араб равобити густурда ва мутақобилан судманд дошта бошад.

Бояд таъкид намуд, ки Роҳбари давлат дар баробари рушди ҳамкориҳои бевосита бо кишварҳои арабӣ, аз майдончаҳои бисёрҷониба низ самаранок истифода менамояд. Тавре Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Ба ақидаи мо, кишварҳои исломӣ муносибатҳои байни якдигарро ба як пояи нави иқтисодию фарҳангӣ баланд бардошта, ба ҳамаи нифоқҳои мавҷудаи байнашон хотима бахшанд, ба якдигар ба қадри имкон дасти ёрӣ дароз кунанд, то мардуми мусулмон соҳиби зиндагии ороми хушҳол гарданд». Ба фикри ӯ ҳамаи ин ва дигар масъалаҳои умдаи рӯз аз Созмон тақозо мекунанд, ки дар ҳалли чунин масъалаҳо «иқдоми ҷиддӣ андешад ва нақши созандагӣ дошта бошад» [17, с. 162].

Аз миёни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бори нахуст дар Тоҷикистон баргузор гаштани ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ (18-20-уми майи соли 2010) марҳилаи сифатан наверо дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистон бо мамолики араб ва умуман ҷаҳони ислом боз намуда, заминаи эътимоднокеро барои гузоштани гомҳои устувор дар ин арса фароҳам овард. Кишварҳои арабӣ низ дар навбати худ ба рушди Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо назардошти муносибатҳои дӯстона дар риштаҳои гуногун ба кишвари мо ёрӣ мерасонанд [18, с. 85].

Агар ақидаҳо, андеша ва пешниҳодҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар Созмони ҳамкории исломӣ гуфтааст, таҳлил намоем, онҳоро метавон ба се гурӯҳ ҷудо созем:

1) Ислоҳоти сохтори Созмон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори он ва мустаҳкам намудани нақши СҲИ дар саҳнаи байналмилалӣ.

2) Густариши ҳамкории фаъол байни кишварҳои аъзои созмон.

3) Роҳҳо ва усулҳои ҳалли масъалаи, алоқаманд бо таъмини некуаҳволии халқҳои мусулмонӣ.

Раванди асосии муосир, ки ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад, мантиқан тақозо менамояд, ки Созмони ҳамкории исломӣ, ҳамчун созмони бузурги ифодакунанадаи манфиатҳои ҷаҳони исломӣ ба талаботҳои мусулмонон дар ҷаҳони тағйирёбанда ҷавобгӯ мебошад.

Тоҷикистон пурра ислоҳоти мусоидаткунандаи баланд бардоштани нақши Созмони ҳамкории исломиро ба сифати сохтори бисёрҷониба ва босалоҳияти байналмилалӣ дастгирӣ намуда, дар навбати худ пешниҳодҳои пурмаҳсулро оид ба масъалаи мазкур ироа месозад.

Асре, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, марҳилаи бесобиқаи пешрафти илмӣ-технологӣ ва рушди босуръати мубодилаи иттилоотӣ дар тамоми ҷаҳон ба шумор меравад. Вале бо таассуф бояд қайд намуд, ки дар соҳаи илм, техника ва технология, инноватсияи зеҳнӣ дастоварди халқҳои мусулмонӣ алҳол маҳдуд ва каманд. Бо назардошти ин Эмомалӣ Раҳмон бо пешниҳод дар бораи он баромад намуд, ки, дар баробари таҳкими сохторҳои мавҷудаи илмӣ ва технологӣ, дар чаҳорчӯбаи СҲИ Хазинаи рушди илм ва технологияҳои нав ифтитоҳ ёбад.

Ислом, ба мисли тамоми динҳои ҷаҳонӣ, дар рушди фарҳанги умумиинсонӣ саҳми бузург дорад. Бо риояи усули қуръонӣ «Муъмин бародари муъмин аст», мусулмонон ба ваҳдати одамон на танҳо дар сатҳи «ваҳдати миллӣ», балки дар сатҳи ягонагии қавму нажодҳои мухталиф даст ёфтанд. Ин ваҳдати мустаҳкам, ки ба аҳкоми шариати исломӣ асос ёфтааст, дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ ба зуҳури низоми босуботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар гӯшаҳои мухталифи минтақаи бузург оварда ба таҳкими алоқаҳо байни халқу миллатҳои мухталиф мусоидат намудааст [13, с. 598].

Табиист, ки бо пешниҳоди роҳу усулҳои муфид ва мувофиқи маблағгузорӣ барои ҷонибҳо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рушди Тоҷикистонро дар ҷойи аввал мегузорад. Зеро ҷумҳурии мо, ки бо роҳи тағйиротҳои куллии иқтисодӣ равона мебошад, ба сармоягузориҳои бузурги хориҷӣ эҳтиёҷ дорад.

Нақш ва саҳми кишварҳои - донор, аз ҷумла кишварҳои мусулмонӣ дар маблағгузории барномаҳои кумаки иқтисодӣ хеле муассир ба шумор меравад.

Соли 2008 Бонки исломии рушд ба Тоҷикистон дар шакли грант ва қарзҳои имтиёзнок 122 миллиону 150 ҳазор доллари ИМА пешниҳод намуд. Ин маблағҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон – обёрии заминҳои бекорхобида, сохтмони роҳҳои автомобилӣ, бунёди нерӯгоҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ, тандурустӣ, маориф, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нушокӣ, такмил ва таҳкими низоми идораи давлатӣ ва соҳаи бонкӣ, қарздиҳии хурд равона шуданд.

Моҳи октябри соли 2007 дар асоси лоиҳаи «Таҷдиди хатти минтақавии интиқоли барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо Бонки исломии рушд созишномаи қарзӣ ба маблағи 7 миллион динори исломӣ ба имзо расид.

Ба ғайр аз ин, дар рӯзҳои кори иҷлосияи 11-уми СҲИ (12-14 марти соли 2008, шаҳри Дакар), аз рӯйи натиҷаи вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти БИР, созишнома дар бораи ҷудо намудани 13,7 миллион доллари ИМА барои татбиқи давраи дуюми лоиҳаи обёрии дашти Данғара ба имзо расид [13, с. 602].

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъол дар ин Созмонро яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муқаррар кардааст. Дар ин замина Тоҷикистон дар таҳкими нақши он дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, саъю талошҳои созандаро, ки ба ҳамкориҳои беш аз пеш густарда миёни кишварҳои аъзо нигаронда шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар робита ба ин, ҷавҳари мавқеи принсипиалии Тоҷикистонро он воқеият ташкил медиҳад, ки тадбирҳои дар чорчӯбаи ин Созмон андешидашаванда пеш аз ҳама бояд ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи мардум дар кишварҳои мусулмон, инчунин ноил гаштан ба рушди босубот ва инкишофи онҳо аз тариқи ба роҳ мондани сатҳи нави робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои аъзои он нигаронида шуда бошанд [6, с. 138].

Яке аз натиҷаҳои ҳамкориҳои зичи Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад, ки қарор дар ин маврид соли 2004 дар Конфронси 4-уми вазирони фарҳанги СКИ (Алҷазоир, 15-16 декабри соли 2004) қабул шуд [18, с. 171]. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи тамаддуни исломӣ, ҷиҳати муаррифӣ аз он ва умқи ҳамкорӣ бо ИСЕСКО як қатор чорабиниҳоро барпо намудааст, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои абармардони фарҳангу рисолати исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;
- эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод;
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- таҷлили 1310 солагии бузургдошти Имоми Аъзам дар соли 2009;
- ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Тоҷикистон;
- оғози корҳо оид ба бунёди калонтарин масҷиди ҷомеа дар шаҳри Душанбе ва тадбирҳои дигар барои ҳимоя ва густариши арзишҳои волои исломӣ ва ҳифзи сарватҳои маънавии ниёгон дар кишвар.

Ҳамин тавр, устуворшавӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони ҳамкориҳои исломӣ баҳри муаррифии кишвар дар ҷаҳони ислом ва таҳкими ҳамкориҳои густурдаи сиёсиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ кумак намояд, аз ҷониби дигар баҳри иштироки фаъоли кишвари мо дар раванди ҳамгароии ҷаҳони ислом ва ҳалли мушкилоти вуҷуддошта дар кишварҳои мусулмоннишин заминаи воқеӣ фароҳам овардааст [14, с. 322].

Кишварҳои мусулмон ва созмонҳои гуногуни байналмилалии исломӣ, қабл аз ҳама, Созмони ҳамкориҳои исломӣ кушиш ба он доранд, ки дар ин марҳалаи нозук ва ҳассос барои таъмини шароити мусоиди ҳамкорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи эътибор ва симои воқеии ислом, пешгирии руҳияи зидди ислом ва мусулмонон, таблиғ ва ташвиқи фарҳанги сулҳ иқдомоти заруриро амалӣ намояд. Аз ин рӯ Тоҷикистонро зарур аст, ки ин самти сиёсати хориҷиро ҳамчун омили муҳими худҳифозатӣ дар шароити мураккаби муносибатҳои байналхалқӣ пиндошта, баҳри истиқрор ва таҳкими равобити ҳасана ва мутақобилан судманд бо кишварҳои араб талош намояд. Маҳз дар самти арабии сиёсати хориҷӣ иқтидори бузурги истифоданашуда мавҷуд аст, ки истифодаи самараноки онҳо ба дурнамои хуби равобити мутақобила асос гузошта, дастовардҳои сиёсати хориҷии ҷонибҳоро афзоиш хоҳад дод.

Аз ҷониби дигар, дар самти бисёрҷониба тақвияти ҳамкорӣ, пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Созмони ҳамкории исломӣ ва сохторҳои иқтисодию фарҳангии он дурнамои мусбат дошта, яке аз заминаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва аҳдофи Стратегияи миллии рушд то соли 2030 мегардад.

**Адабиёт**


1. Воскресенский А.Д. Восток и Запад. - Москва, / Муравей, 2004. - 603 с. С-46
2. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. (Зери назари Зарифӣ Ҳ.) Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с. С- 183.
3. Карагулов А.О. Об этапах становления сотрудничества государств Центральной Азии с Организацией Исламского Сотрудничества. // Вестник ДА МИД Кыргызской республики им. Казы Дикамбаева. 2016. № 6. С. 66-70.
4. Консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. http://mfa.tj/?l=tj&cat=109&art=1072
5. Милославская Т.П., Милославский Г.В. Некоторые вопросы теории и практики финансово-экономической деятельности ОИК / Т.П. Милославская, Г.В. Милославский // Ислам: проблемы идеологии, права, политики и экономики: сборник статей / отв. ред. А.И. Ионова. - М.: Наука, 1985. С. 59-67.
6. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. 224 с.
7. Назаров Т. Н. Таджикистан, экономика, политика. международное сотрудничество. Душанбе, УИМИД РТ, 2001 г. 250 с.
8. Намазов Х. Ш., Переход от Организации Исламской Конференции к Организации Исламского Сотрудничества как главное обстоятельство интеграции в мусульманском мире// С.400-405.
9. Оймаҳммадов М., Муртазоев М. Иқтисодиёти ҷаҳон. Теҳрон “Нашри замон”, 802 с.
10. Организация исламского сотрудничества https://ru.wikipedia. org/wiki/Организация_исламского_сотрудничества
11. Раҳмонов Э. Ш. Точикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. –Душанбе: Ирфон, 1995.- 208 с.
12. Рахнамо А. Таджикистан и ОИК.// http://www.asiaplus.tj/articles/ 270/4843.html

13. Саидов З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. – Четвертое, дополненное издание (новая редакция). – Душанбе: ООО «Контраст», 2011. 624 с
14. Сафарализода А., Т. Самтҳо ва афзалиятҳои ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Созмони ҳамкориҳои исломӣ дар ибтидои асри XXI// Идоракунии давлатӣ. 2022 / №1 (55). С.312-323.
15. Теслова Е. Численность российской уммы достигла 25 млн человек. https://www.aa.com.tr/ru /ru/заголовки-дня/численность-российской-уммы-достигла-25-млн-человек/ 1081820
16. Хантингтон С. П. Столкновение цивилизаций. М., АСТ. 2006, 603 с.
17. Э.Раҳмон-бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Зарифӣ Ҳ.). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 272 с.
18. 25 қадам дар паҳнои олам. (Зери назари Аслов С.). - Душанбе: Ирфон, 2016, 220 с.
19. Final Report. https://www.icesco.org/en/wp-content/uploads/sites/ 2/2019/04/ ISESCO-Executive-Council-23-session-En.pdf

# ЗНАЧЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ В ДВУСТОРОННИХ И МНОГОСТОРОННИХ ФОРМАХ

**НЕМАТОВ ИКРОМИДИН,**
кандидат исторических наук, доцент
кафедры дипломатии и международных отношениях
Академии государственного управления при Президент Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Насира 33.
Тел.: (+992) 907-70-58-75. E-mail: i.nemat@mail.ru
**БОЙМАТОВ УМЕДЖОН МАДЖИДОВИЧ,**
соискатель кафедры права и международных отношений
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 901-06-58-06. E-mail: danila.dj.91@mail.ru

*В статье рассматриваются значение и перспективы сотрудничества между Республикой Таджикистан и арабскими странами в двустороннем и многостороннем формате. Арабский мир является одним из основных направлений внешней политики Республики Таджикистан. В статье показаны факторы восстановления хороших и стабильных отношений между Таджикистаном и арабским миром. В этом контексте отмечается, что в Республике Таджикистан действует политика многовекторности, развивает взаимоотношения со странами арабского мира как на двусторонней основе, так и на многосторонней. Двустороннее и многостороннее сотрудничество продолжается со времен гражданской войны в стране, политических и экономических кризисов в мире. Автор отмечает, что уровень и глубина сотрудничества Таджикистана с арабскими странами постепенно развивается, и налицо значительные результаты в этом направлении.*

*Также в статье подчеркивается перспектива приоритетных направлений отношений на многостороннем и двустороннем уровне.*

***Ключевые слова:*** *арабский мир, история сотрудничества, взаимное сотрудничество, Таджикистан, политика открытых дверей, двусторонняя и многосторонняя перспектива.*

# THE SIGNIFICANCE AND PROSPECTS OF COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH ARAB COUNTRIES IN BILATERAL AND MULTILATERAL FORMS

**NEMATOV IKROMIDIN,**
Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the
Department of Diplomacy and International Relations
Academy of Public Administration President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nasir str.
Phone: (+992) 907-70-58-75. E-mail: i.nemat@mail.ru
**BOYMATOV UMEJON MAJIDOVICH,**
Applicant of the Department of Law and International Relations
Kulyab State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 901-06-58-06. E-mail: danila.dj.91@mail.ru

*The article discusses the importance and prospects for cooperation between the Republic of Tajikistan and the Arab countries in a bilateral and multilateral format. The Arab world is one of the main directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. The article shows the factors for restoring good and stable relations between Tajikistan and the Arab world. In this context, it is noted that the Republic of Tajikistan has a multi-vector policy, develops relations with the countries of the Arab world both on a bilateral basis and on a multilateral basis. Bilateral and multilateral cooperation has been going on since the times of the civil war in the country, political and economic crises in the world. The author notes that the level and depth of cooperation between Tajikistan and the Arab countries is gradually developing, and there are significant results in this direction.*

*The article also emphasizes the prospect of priority areas of relations at the multilateral and bilateral level.*

***Key words:*** *Arab world, history of cooperation, mutual cooperation, Tajikistan, open door policy, bilateral and multilateral perspective.*

УДК:327.3(575.3)

# МАҚОМИ САРВАРИИ СИЁСӢ АЗ НИГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

**ФАЙЗОВ РАМАЗОН ХОЛМАДОВИЧ,**
номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи, С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-51-26-51.

*Дар мақолаи мазкур мақоми сарварии сиёсӣ аз нигоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсию иҷтимоии худ ба мақоми сарварии сиёсӣ, рӯ оварда, дар ҷомеа зарур будани сарвари оқилу дурандешро пурра ҷонибдорӣ менамояд. Аз ин рӯ дар мақола таълимоти Алии Ҳамадонӣ оид ба сарварии сиёсӣ, сиёсату давлат шакл ва намудҳои сарвари сиёсӣ шахсияти раҳбари давлат, ки сазовори эътибор аст, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар ҳамин замина Алии Ҳамадонӣ махсусан ба ҳокимон ва нақши онҳо дар идоракунии корҳои давлатӣ диққати махсус дода, онҳоро ба чор гӯрӯҳ тақсим кардааст: ҳокимони соҳиби ақлу заковат; ҳокимони бефаросати иблиси замон; ҳокимоне, ки майлу рағбати донишомӯзӣ доранд; ҳокимоне, ки золиманд. Алии Ҳамадонӣ чунин мешуморад, ки сарвари давлат бояд кишварашро ҳифз кунад ва қадри онро донаду он хатарҳое, ки ба давлат таҳдид мекунад пешгирӣ намояд. Назарияи сиёсии ӯ ба он асос ёфтааст, ки дар идоракунии давлат қобилияти кордонии подшоҳ нақши калидиро мебозад. Ин, пеш аз ҳама, ба руҳияи маънавии шахсе, ки зимоми давлатдориро дар даст дорад, вобаста аст.*

*Муаллифи мақола ба ин фикр аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ аз аҳамият холӣ набуда, барои ташаккули ҳувият ва бедорию худогоҳии миллии ҷомеа дар раванди ҷаҳонишавӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсат, давлат, сарвари сиёсӣ, сарвари давлат, Алии Ҳамадонӣ, сиёсат ва оини давлатдорӣ, ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, назарияи сиёсӣ.*

Ҷараёни омӯзиши таърихи гузаштаи ниёгон, аз ҷумла шаклҳои гуногуни интихоби сарварии сиёсӣ барои бунёду пойдор нигоҳ доштани давлат манфиатнок буда, барои ислоҳи баъзе масъалаҳои сиёсию иҷтимоии рушди давлатдори миллӣ кумак мерасонад.

Мутафаккирони форсу тоҷик низ дар қатори дигар мутафаккирони олам ақидаҳои пурарзиши худро оид ба сарварии сиёсӣ ва мақоми он дар ҷомеа мавриди таҳлил қарор дода онро дар асарҳои худ дар марҳилаҳои гуногун баён намудаанд. Ба ин мутафаккирон А.Форобӣ, А.Сино, А.М.Ғаззолӣ, А.Дониш, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон дохил мегарданд, ки хизматҳои барҷастаи онҳо дар омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳлили амиқи паҳлуҳои гуногуни сарварии сиёсӣ баён гардида, инсоният медиҳанд, ки масъалаҳои мубрами сиёсӣ ҳаллӣ худро ёбанд.

«Мафҳуми “сарвар” дар илми сиёсатшиносӣ аз забони англисӣ (tolead) гирифта шуда, маънояш баранда ё ин ки роҳнамо мебошад»[2,с.110.].

Яке аз чунин мутафаккироне, ки тарғиби шоҳи адолатпеша, яъне сарварии одилонаву оқилонаи сиёсиро баён намудааст ин Мир Сайид Алӣ ибни Шаҳобуддин ибни Муҳаммади Ҳамадонӣ буда аз зумраи бузургонест, ки бо осори рангину афкору андешаҳои баланди худ дар таърихи фарҳанги кишварҳои Шарқ мақоми арзанда дорад. Ӯ 12-уми моҳи раҷаби соли 714-и ҳиҷри қамарӣ, мутобиқ ба 2-юми октябри соли 1314-и мелодӣ, дар шаҳри ҳамадони Эрон чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Худи Алии Ҳамадонӣ ба зодгоҳаш ишора менамояд:

Пурсид азизе, ки Алӣ, аҳли куҷоӣ?
Гуфтам: ба вилояти Алӣ, к-аз Ҳамадонам,
Не з-он Ҳамадонам, ки надонанд Алиро,
Ман з-он Ҳамадонам, ки Алиро ҳама донам.

Алии Ҳамадонӣ баъди азият ва мушкилоти зиёде, ки дар даврони зиндагияш рӯ ба рӯ шуд, ба андешае омад, ки пешрафт ва ҳам ақибмонии ҷомеа ба шаклу шеваи давлатдории сарвари сиёсӣ сахт вобастааст. Хусусан, дар боби сиёсат ва оини давлатдорӣ. «Ҳоким дар вақти ҳукм намудан ва ё дар вақти сухан вақти хешро мадоро намояд, дуруштӣ накунад ва аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нагардад, ҳамчунин аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад» [5,с.124]. Амали ҷавонмардонаи ҳоким дар он ифода меёбад, ки ҳамаи одамон озодона кор кунанд, ҳар шаҳрванди ҷомеа бояд, неъматҳои моддиро ба дигарон баробар тақсим намояд, зуҳуроти номатлуб ва ҷангҳои хонумонсӯз маҳкум карда шавад ва ҳамкории одамон таъмин карда шавад.

Дар таърихи афкори сиёсии ҳама гуна халқу миллатҳо ва хусусан миллати тоҷик андешаҳоеро вохурдан мумкин аст, ки то ҳанӯз аҳамияти худро нигоҳдошта то ба имрӯз барои ҳама халқу миллатҳо аз манфиат холӣ нестанд. Масалан, «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарзи ҳокимияти хилофат, подшоҳӣ ва салтанатро, ки ба Ислом пайравӣ мекунад, эътироф менамояд. Дар байни мансабҳои нубувват ва ҳокимӣ фарқ мегузорад. Ҳокимӣ аз рӯи манфиатҳои қонун ва ҷомеа бар меояд. Ӯ одам алайҳиссаломро дар мансабҳои нубувват ва салтанат эътироф менамояд. Мансаби нубувватро Худо ба ашхоси хос медиҳад. Мансаби салтанат ва ҳоким ба хоҳиши ҳоким вобастааст. Аз ин хотир, ақидаи мутафаккир аз пешгузаштагон ва ҳамзамонони худ дар ин хусус ба куллӣ фарқ менамояд, яъне ӯ подшоҳиро пазируфтаи Худо намеҳисобад. Шоҳонеро, ки ба раият хайрхоҳ нестанд ва бадкирдоранд, ба «халифи иблис» шаҳодат медиҳад»[4, с. 58].

Таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик оид ба сиёсату давлат шакл ва намудҳои сарварии сиёсӣ, давлат шахсияти раҳбари давлат сазовори эътибор аст. Аз ин рӯ, гуфтан ба маврид аст, ки Алии Ҳамадонӣ дар тафаккури илми сиёсии Шарқ нақши амиқ гузоштааст. «Риштаи бисёр устувори давлатдорӣ, ба ақидаи ҳазрати Амирҷон, хиёнат накардани ҳокимон ва ягонагии қавму амали онҳост. Роҳбар ба қавли он ҳазрат, бояд ба сони мурғи ҳаво зирак, мисли пирони хирадманд дурандеш ва чун соҳибхонаи оқила сарфакор бошад. Ин ҳикмат имрӯз ҳам ба роҳбарони ҳамаи зинаҳои идораи давлатии мо хеле омӯзанда мебошад» [10, с.267].

Ғояҳои пешниҳодкардаи ӯ дар бораи давлат, сиёсат, қудрати сиёсӣ ва сифатҳои роҳбарияти сиёсӣ то ба имрӯз муҳим ва замонавианд. Масалан, Алии Ҳамадонӣ изҳор менамояд: «Фаросат бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки дар асоси ҳодисаҳои бавуҷудомада ва маонии вуқуи воқеаҳо дақиқназарӣ ва бо умқи диққату зиракӣ назар кунад ва дар мазҳари фаҳм ва ақл ҳақиқати ҳар ҳукумро мушаххас гардонад» [5, с.126]. Аз назари файласуф сарвари сиёсӣ пеш аз оне, ки ҳукм мебарорад бояд онро бисанҷад ва сипас ҳукм намояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии худ таъкид менамояд, ки на танҳо пешвоёни давлат, балки шаҳрвандон низ масъуланд қонунҳоро риоя намоянд, зеро риоя накардани қонунҳо қудрати сиёсиро заиф намуда ҷомеаро ахлоқан хароб менамояд. Алии Ҳамадонӣ чунин мешуморад, ки барои фаъолияти мӯътадили давлат ва рушди он роҳбари оқилу доно, дурандешу адлпеша зарур аст: «Эй азиз агар дар вилояти ту як гурусна ё бараҳна ё золим расида бошад ва туро аз ҳоли вай хабар набувад ва тафаққуди ҳоли вай накунӣ, туро аз мартабаи аҳли тақво ҳеҷ насиб набувад» [6, с.16].

Алии Ҳамадонӣ ҳамчун фарзанди даврони худ вазъи иҷтимоию сиёсии ҷомеа зиддиятҳою нофаҳмоиҳоро дарк намуда, чунин меҳисобад, ки шидатнокии ин зиддиятҳо бештар ба шахсияти сарвари давлат вобаста аст. Аз ин рӯ, вай таъкид менамояд, ки сарвари давлат (подшоҳ, султон, амир, хон, бек, халифа) бояд дорои таҷрибаи бой, донишманд, доно, одил ва ахлоқи пок дошта бошад.

Тибқи андешаи Алии Ҳамадонӣ ҳадаф ва вазифаи сарвари давлат на танҳо беҳтар кардани шароити зиндагии шахсии худ, балки беҳтар кардани шароити зиндагии мардум, кафолатдиҳандаи ҳифзи адолати иҷтимоӣ ва таъмини рушду инкишофи давлат мебошад: «Ҳоким, тибқи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, қабл аз ҳама баҳри он бикӯшад, ки бо адолату эҳсон ва раҳму шафқати хеш дар дили раият ҷой бигирад ва маҳбуби онҳо бигардад ва ҳарчи метавонад аз таккабур худдорӣ намояд ва дури биҷӯяд» [3, с. 8] Яъне талошҳои сарвар ба он равона бошад, ки шукуфоиро дар кишвар таъмин намоянд. Идеали сиёсии Алии Ҳамадонӣ, пеш аз ҳама ҳокими одил, соҳибмаърифат ва қавиирода мебошад, чунки чунин ҳоким рушди тамоюли ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро таъмин карда метавонад.

Дар доираи ақидаҳои иҷтимоию сиёсии хеш Алии Ҳамадонӣ махсусан ба ҳокимон ва нақши онҳо дар идоракунии корҳои давлатӣ диққати махсус дода, онҳоро ба чор гӯрӯҳ тақсим кардааст: ҳокимони соҳиби ақлу заковат; ҳокимони бефаросати иблиси замон; ҳокимоне, ки майлу рағбати донишомӯзӣ доранд; ҳокимоне, ки золиманд. «Шарти дигар он бошад, ки ҳар он чи дар кишвар сурат мегирад, ҳоким бояд воқиф бошад ва аз хавфу хатари ҳукумат ғофил набошад. Зеро, ба андешаи ӯ, давлатдорӣ ва мансаб воситае мебошанд, ки инсон метавонад, аз тариқи он саодату некномӣ ба даст биёрад ва баръакс метавонад гирифтори мусибату бадномии абадӣ гардад.» [7, с.71]

Алии Ҳамадонӣ чунин мешуморад, ки сарвари давлат бояд кишварашро ҳифз кунад ва қадри онро донаду он хатарҳое, ки ба давлат таҳдид мекунад пешгирӣ намояд. Назари сиёсии ӯ ба он аст, ки дар идоракунии давлат қобилияти кордонии подшоҳ нақши калидиро мебозад. Ин пеш аз ҳама ба руҳияи маънавии шахсе, ки зимоми давлатдориро дар даст дорад вобаста аст. «Мутафаккир давлатро асоси қувваи адолат ва сарвари сиёсиро ченаки он меномад. Аз сабаби оне, ки идораи халқ ба ҳокимият вобастагӣ дорад, заиф будани сарвар ва сустиродагии зердастон ба ҳокимият хатар эҷод карда метавонад. Некномии сарвари сиёсӣ дар дасти худи ӯст, агар қудраташро ба низоми муайян дароварда тавонад, онгоҳ мушкилиҳои зиёди ҷомеаро ба осонӣ ҳал карда метавонад. Тафаккури ояндабини надоштани сарвари сиёсӣ ва ҳал накардани муаммоҳои кӯчак, оҳиста-оҳиста ҷомеаро ба бӯҳрони иқтисодӣ, фарҳангӣ сиёсӣ ва ғайра гирифтор мекунад. Рисолати бузӯрги ҳар як сарвари сиёсӣ ин худшиносӣ ва таъмини адолат мебошад. Алии Ҳамадонӣ сарварони сиёсиро аз рӯйи хислатҳояшон ба ду гурӯҳ ҷудо намудааст. Сарварони беҳтарин ва бадтарин. Барои мутафаккир сарвари беҳтарин ҳамонест, ки халқ ба ӯ эътимод ва дар баробари ин сарвар низ ба халқ содиқ бошад. Ба гурӯҳи дуюм бошад, ҳамон сарваронеро дохил намудааст, ки халқ ба ӯ нафрат дорад ва ӯ низ содиқ нест» [9, с.314].

Алии Ҳамадонӣ таваҷҷуҳи бештарро ба шахсони тасодуфие, ки дар идоракунии давлат мавқеъ гирифтаанду ба ҳар роҳу восита суду манфиатҷӯян, равона карда, таъкид менамояд, ки подшоҳ аз онҳо бояд дурӣ ҷӯяд ва кӯшиш ба харҷ диҳад, ки дар атрофи худ аҳли илм ва шахсони поксириштро ҷалб намояд. Маълум аст, ки дар баъзе мавридҳо қисме аз мансабдорон бо истифода аз мансаби худ нисбати раият беадолатона рафтор менамоянд, ки ин ба нуфузу эътибори сарвар таъсири манфӣ мерасонад. «Алии Ҳамадонӣ ба шоҳону ҳокимони замонаш рӯ оварда изҳор менамояд, ки фарҳангу маърифат сифати олӣ ва мартабаи баланди онҳо мебошад. Аз ин рӯ, ободии мулк ва мустаҳкамии салтанат, аввалан, дар адлу инсоф ва баъдан, дар маърифатпарварию хирадмандии шоҳону амирон мебошад. Маҳз бо туфайли донишу хирад ва фаросати баланди шоҳону сарварон пояи мамлакат устувору раият осудаҳол аст. Маърифат чашмаест, поку зулол ва бояд амру фармоишоти шоҳону ҳокимон аз ин сарчашмаи нодир бархурдору бо насиб бошад»[1,с.134].

Аз ин хотир подшоҳ бояд ба зердастонаш ҳама вақт назорати доимӣ дошта бошад, зеро нуфузу эътибори подшоҳ, рушду тараққиёт ва шукуфоии давлат ба онҳо вобаста аст.Чунки Алии Ҳамадонӣ таъкид менамояд, ки сарвар маҳз ба воситаи адолатҷӯийю поквиҷдонӣ дар дили мардум ҷой мегирад. Дар воқеъ аз дидгоҳи мутафаккир агар шоҳ одил бошад, мулк ободу халоиқ саодатманду дилшод хоҳад гардид.

Дар замони муосир сарварии сиёсӣ яке аз унсурҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад ва нақши он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа рӯз то рӯз меафзояд. Бинобар ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои сиёсӣ барои миллатҳои ғайр намунаи ибрат шудааст ва ҳар миллате орзу дорад, ки мисли ӯ роҳбари сиёсӣ дошта бошад. «Фаъолияти пурсамар ва бисёрҷабҳаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси роҳбари давлат, ки ба мушкилтарину ҳассостарин марҳилаи таърихи тоҷикон бунёд ва таҳкими аркони давлати соҳибистиқлол ва таҳкими сулҳу субот рост меояд, ҳамчун достони мардонагию ҷасорат, бунёдкорию созандагӣ ва навҷӯию навовариҳо дар саҳифаҳои таърихи ин миллати фарҳангию куҳанбунёд бо ҳарфҳои заррин абадӣ нақш бастааст».[8, с.112].

Дар воқеъ мо бо ниёгони хеш тавассути иқдомҳои наҷибонаи Пешвои миллат ошно шудем. Аксар ҷавонон то эълон нагардидани 700- солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз осори ин мутафаккир пурра ошноӣ надоштанд. Таҳия ва нашри меъроси гузаштагон, суханрониҳо дар симпозумҳои байналмиллалӣ ба муносибатӣ 700- солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки бо ибтикоротӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои сиёсӣ дар ду даҳсолаи охир анҷом пазируфт, барои соҳибмаълумот гаштани ҷавонони пажӯҳишгар кӯмак кард ва нақши муҳиме дар ташаккул ва  рушди ҷаҳонбинии илмии онҳо  гузошт.

Ҳамин тавр Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид менамояд, ки подшоҳ аз ғурур дур бошад, чунки хусумат нисбати ӯ дар ҷомеа пайдо мегардад. Аслан дар ҷомеа қисме аз мардум на ҳамеша сиёсати подшоҳро дастгирӣ менамоянд ва ҳастанд шахсоне, ки сиёсати пешгирифтаи подшоҳ ва ҳатто худи ӯро низ танқид менамоянд. Дар баробари ин мутафаккир дар таълимоти хеш ба подшоҳон қоидаҳои тиллоии ахлоқро талқин намуда, таъкид менамояд, ки подшоҳро зарур аст дар ҳама гуна муносибатҳо меъёрҳои ахлоқиро риоя намояд.

Дар маҷмӯъ хоксорӣ ва дурандешии подшоҳ аз чашми мардум пинҳон нест, ва ӯро зарур аст, ки чунин сифатро дар ботинаш нигоҳ дорад. Зеро ба даст овардани эҳтироми мардум барои подшоҳ корест басо мушкил. Вай танҳо дар он маврид метавонад ба он муваффақ шавад, ки мардум дар ҳақиқат нисбати худ аз тарафи подшоҳ ғамхорӣ эҳсос кунад ва эҳсос намояд, ки подшоҳ онҳоро эҳтиром, ниёзҳошонро иҷро менамояд ва ӯ воқеан дар муносибат оддӣ ва хоксор аст.

## Адабиёт


1. Асозода Ҳ., Баротов И.И. Андешаҳои сиёсиву иҷтимоии Алии Ҳамадонӣ / Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2020. №2 с129-134.
2. Абдураҳмон Маҳмадов Сиёсатшиносӣ  Душанбе. 2010.- 442с.
3. Абдураҳмон Маҳмадов Ҳар, ки моро ёд кард. Маҷмӯъаи мақолаҳо  Душанбе. 2005.- 138с.
4. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ Ҷ II Душанбе «ЭР-граф» 2019.– 684с.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук (таҳиягарон Асоев Ҳ., Турдиев Қ.) Душанбе «Ирфон» 2008.- 340с.
6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи Қуддусия Кӯлоб. 1993.- 30с.

7. Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У., Сафарализода Х.Қ. Сиёсатшиносӣ Душанбе. 2018.- 416с.
8. Файзов Р. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сароғози таърихи навини мо. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эъмори давлатдории миллӣ», (ш. Кӯлоб, 10-ноябри соли 2022). – Душанбе: ЧДММ «Истиқлол - 2019»- 185с.
9. Ҷураев А.А. Хусусиятҳои сарвари сиёсӣ аз назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон- 2022. №3
с. 309-315
10. Эмомалӣ Раҳмон Чеҳраҳои мондагор. Душанбе «ЭР-граф» 2016 – 363с.

## ПОЗИЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО РУКОВОДСТВА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МИР САЙЕДА АЛИ ХАМАДАНИ

**ФАЙЗОВ РАМАЗОН ХОЛМАДОВИЧ,**
кандидат политических наук, кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени А. Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-51-26-51.

*В данной статье рассматриваются вопросы относительно места и значения политического руководства с точки зрения Мир Сайеда Али Хамадани. В своем общественно политическом учении Али Хамадони размышляет о качествах политического лидера и полностью поддерживает идею о необходимости мудрого и дальновидного лидера в обществе. Поэтому в статье проанализированы учения Али Хамадани о политическом лидерстве, политике и государстве, формах и типах политического лидера, личности лидера государства, заслуживающих признания. В рамках общественно-политических взглядов Али Хамадони уделял особое внимание правителям и их роли в управлении государственными делами и разделял их на четыре группы: правители с интеллектом; безжалостные правители; правители, заинтересованные в обучении; правители-тираны. Али Хамадони считает, что глава государства должен защищать свою страну, знать ее ценность и предотвращать опасности, которые угрожают государству. Его политическая теория состоит в том, что деловые способности лидера играют ключевую роль в управлении государством. В первую очередь это зависит от морального духа человека, который руководит государством.*

*Автор статьи делает заключение, что комплексное изучение общественно-политических взгдядов Али Хамадони имеет особое значение и создает благоприятную основу для формирования национального самосознания и политической зрелости общества в условиях глобализации. .*

***Ключевые слова:*** *политика, государство, политический лидер, глава государства, Али Хамадони, политика и обряды государственности, общественно-политические взгляды, политическая теория.*

## THE POSITION OF THE POLITICAL LEADERSHIP FROM THE POINT OF VIEW OF MIR SAID ALI HAMADANI

**FAYZOV RAMAZON KHOLMADOVICH,**
Candidate of political science, department of political science
Kulob State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, 16, S. Safarov str.
Phone: (+992) 988-51-26-51.

*In this article, the position of political leadership is studied from the point of view of Mir Syed Ali Hamadani. In his political and social opinion, Ali Hamadoni turned to the position of political*

*leader and fully supports the necessity of a wise and visionary leader in the society. Therefore, in the article, the teachings of Ali Hamadani on political leadership, politics and the state, the forms and types of the political leader, the personality of the leader of the state, who deserve recognition, have been analyzed. In this context, Ali Hamadoni paid special attention to the rulers and their role in the management of state affairs and divided them into four groups: rulers with intelligence; the ruthless rulers of the devil of the time; rulers who are interested in learning; rulers who are tyrannical. Ali Hamadoni believes that the head of the state should protect his country, know its value and prevent the dangers that threaten the state. His political theory is based on the fact that the business ability of the king plays a key role in state management. This, first of all, depends on the morale of the person who is in charge of the state.*

*The author of the article is of the opinion that the comprehensive study of Ali Hamadoni's social and political thoughts is not without importance and provides a favorable basis for the formation of the national identity and awakening of the society in the process of globalization.*

***Key words:*** *politics, state, political leader, head of state, Ali Hamadoni, politics and rites of statehood, social and political opinions, political theory.*

**УДК: 323**

# ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ФАЛСАФӢ-СИЁСИИ ҶАВОНОН

**АҲМАДЗОДА ДИЛНОЗА ДАВРОНАЛӢ,**
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 937-57-11-22. E-mail: ahmadzoda8923@gmail.com

*Дар заминаи таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷавонон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ муаллиф қайд менамояд, ки дар Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо баррасии сатҳу сифати татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии ҷавононро пайдо менамоем, балки дар он баррасии муассири татбиқи чораҳои мушаххаси соҳа ба назар расида, дурнамо ва барномарезии сиёсати хориҷии ҷавонон, ки барои ҳифзи манфиатҳои кишвар, афзудани обрӯву эътибори байналхалқии Тоҷикистон равона гардидаанд, муайян карда шудаанд.*

*Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мавзуҳои муҳиме мақоми таъкидӣ доранд, ки ҳар дафъа онҳо бо баррасии нав, афкори тоза, мазмуни мантиқии ҷавҳарӣ ҷило дода, таъкидгари ҷанбаҳои муҳими истиқлол ва ҳувияти миллат мебошанд. Аз ҷумлаи чунин мазмунҳо таъкиди асос ва сарчашмаҳои истиқлолият, ҳувияти миллӣ, манфиати миллӣ, арзишҳои муҳимтарини миллӣ мебошанд, ки масъалаи таваҷҷӯҳи махсуси давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон махсуб меёбад. Дар ҳамаи Паёмҳо ҷавонон идомадиҳандаи роҳи падарон, насле ном гирифта мешаванд, ки ояндаи кишвару миллат ба дасти онҳо супорида мешавад. Рисолати мазкур ҳамчун масъалае матраҳ мегардад, ки аҳаммияти дутарафа дорад. Аз як ҷониб масъулияти насли имрӯза, ки сохтмони давлати мустақилро ба ӯҳда доранд ва аз тарафи дигар- масъулияти насли оянда, ки меросбари он ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, сиёсати давлатии ҷавонон, манфиатҳои миллӣ, Паём, сиёсати байналмилалии ҷавонон, истиқлолияти сиёсӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҷаҳонбинӣ, манфиатҳои ичтимоӣ-иқтисодии давлат, ташкилотҳои байналмилалӣ, соҳаи ҷавонон, ҷавонон, муқовимат, таҳдидҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, тарбияи ҷавонон, ислоҳот, соҳаи маориф.*

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳамасолаи худ ба масъалаи ҷавонон ва махсусан, вобаста ба мавқеи онҳо дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди давлатдории миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Чунончӣ, дар Паёми соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рисолат ва мавқеи ҷамъиятии ҷавонон ибрози андеша намуда, таъкид доштанд, ки «ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад»[1].

Анъанаи ироа ва пешниҳоди Паём аз ҷониби Сарвари давлат, шахси аввали сиёсати мамлакат бештар дар таҷрибаи кишварҳои низоми демократӣ дошта, давлатҳои демократии классикӣ-шакли идоракунии ҷумҳурии президентӣ, парлумонӣ ва монархияи конститутсионӣ (ҳуқуқи монарх, ҳокими мутлақ бо конститутсия маҳдуд карда мешавад) роиҷ аст[2]. Таҳлили ин намуди муоширати сиёсӣ нишон медиҳад, ки он таърихи тӯлонӣ дошта, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мавриди истифода қарор

доштааст. Ҳамин тавр, агар дар Англияи асрҳои XIII дар ҷаласаи Парлумон «нутқи тахтии» шоҳ садо диҳад, аз аввали ташкилшавии Америка он дар шакли суханронии Президенти он (1790) дар назди сенаторони Конгресс, дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар шакли Паёми Котиби генералии ҳизб ба Шӯрои Олии Иттиҳод, баъди пошхӯрии он ва таъсиси кишварҳои алоҳидаи мустақили пасошӯравӣдар Паёми сарварони ин кишварҳо ба вакилон татбиқ мегардад. Дар ин мухит, аксарияти кулли сарварони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - Президенти Федератсияи Россия аз соли 1994, Президентони Украина, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Гурҷистон, Арманистон, Озарбойҷон ва ғайра маъмул мебошанд[3].

Ироаи Паёми Сарвари давлати тоҷикон аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, мутобиқи боби чаҳоруми он, ки «Президент» ном дошта, моддаи 6-ми он салоҳияти Президентро муайян менамояд ва банди аввали он Президентро дар муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар мувазaф менамояд, мутобиқи моддаи 70 бошад, Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад ва масъалаҳоеро, ки зарур мешуморад, дар муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.[4] Ҳамин тавр, Паёми Президенти мамлакат ба Парлумон пояи қонунӣ ва ҳуқуқӣ дошта, он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд ва аз вазифа, ҳуқуқ, салоҳиятҳои конститутсионии сарвари давлат тибқи қонуни асосии мамлакат сарчашма мегирад.

Ҳар як Паёми алоҳида тибқи вазифа, мақсаду маром ва хусусиятҳои хоси худ марбут ба марҳилаи муайяни инкишофи мамлакат буда, дар он ҳадафҳои асосӣ ва барномаҳои мушаххасгардидаи ояндаи наздик, миёнамуҳлат, инчунин перспективаи рушди устувору бонизоми давлату ҷомеаи алоҳида, ба таври таҳлилӣ, возеҳу равшан, дар появу заминаҳои асосноки илмӣ ҷой дода мешаванд. Дар Паёмҳо ҷамъбасти ин барномаҳо ва натиҷаҳои бадастомада қайд гардида, баҳодиҳии айниву зеҳнии татбиқи нақшаҳои пешин, бо муайян кардани самҳои афзалиятноки рушд ифода мегарданд.

Чун анаъана Паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дошта, дар доираҳои сиёсӣ онро ҳамчун заминаи конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаккули стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мешуморанд. Ҳамзамон, паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти як ҳуҷҷати сиёсиро доро аст, ки бо воситаи он мавқеи сарвари давлат оид ба самтҳои гуногуни сиесати дохилӣ ва хориҷӣ ба ҷомеа муаррифӣ мешавад. Бо итминони комил гуфтан мумкин аст,ки нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиесати муосири давлат хеле бузург аст.

Аҳамияти дигари Паёми солонаи Президент аз он иборат аст, ки дар ин ҳуҷҷат нишондиҳандаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеа сабт мегарданд; самтҳои рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеа муайян карда мешаванд; идомаи мантиқии сиёсати давлат инъикос мегардад; самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти давлатӣ муайян карда мешаванд” [5].

Таърихи тамаддуни башар нишон медиҳад, ки рушду нумуи кишвару давлатҳо дар ҳамаи ҷанбаҳояш- сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар як он ба вуҷуд омада, ҳадди ақал дар давоми 4-5 соли андешаронӣ оид ба тадбирҳои мақсаднок, интихоби роҳу равишҳои ноил гардидан ба ҳадафҳо, фаъолияти муттаҳиди мақсаднок, ҳадафрас ва пайгирона оғоз мегардад. Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳам тибқи ҳамин қонунсолорӣ рушд карда, баъди нобасомониҳои солҳои аввалин, аз солҳои 1994 ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ шуруъ кард ва ба таври умум соли 1997 ба суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ расид. Минбаъд кишвари тоҷикон устуворона ва пайгирона дар роҳи рушд қадам зада, имрӯз дар байни кишварҳои ҷаҳон ҳамчун мамлакати ба таври динамикӣ инкишофёбанда муаррифӣ гардида, бо

дастовардҳои назарраси худ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар арсаи байналхалқӣ ҷою мақоми хосаи шинохтаеро соҳиб гардидааст.

Маҳз дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои таърихии рушди кишвар таъкид мегардад, ки аз ҷумлаи онҳо ба имзо расидани ҳуҷҷати сарнавиштсози Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ- 27- уми июни соли 1997, расидан ба Ваҳдати миллӣ, таъмину таҳкими сулҳу субот ва амнияту оромӣ дар ҷомеа, инчунин масъалаҳои калидии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошанд. Дар онҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва мушаххас мегарданд. Агар ба таври мушаххас ба масоили дар Паёмҳо матраҳшаванда назар намоем, онҳоро метавон ба таври зайл номбар кард: масъалаҳои иқтисодӣ; иҷтимоӣ; маориф; илму фарҳанг; таълиму тарбия; тандурустӣ; варзиш; масъалаҳои оила, занон, ҷавонон; беҳтар кардани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии мардум; таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат, амният ва субот дар ҷомеа; мубориза алайҳи қонуншиканӣ, терроризм, экстремизм; пешгирӣ аз паҳншавии фарҳанг ва ғояҳои бегона ва дигар зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мазмун ва муҳтавои хеле пурарзиш, ҳадафрас ва ифодагари вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии мамлакат, дурнамо ва паёмадҳои хушоянди фардои миллат, орзуву омоли халқи тоҷик дар роҳи бунёди Тоҷикистони ободу озод ва шукуфону мутараққӣ мебошад.

Вақте бевосита ба таваҷҷуҳи сарвари сиёсии давлат нисбати масъалаи ҷавонон назар мекунем, возеҳу равшан мешавад, ки дар ҳамаи паёмҳо нисбат ба ин масъала диққати махсус дода мешавад. Дар Паёми соли 2000 дар мавриди ҷавоншавии ҳайати Парламент истода гузашта Ҷаноби Олӣ изҳор доштанд: «Дар айни ҳол ҳузури ҷавононро дар кори Парламент хотирнишон кардан бамаврид аст. Зеро ҷавонон ворисии ояндаи роҳу равиши ҷомеаи демократӣ ва мақомоти олии қонгузори мамлакат мебошанд» [6]. Масъалаи табодули наслҳоро дар ҳама соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун яке аз шароитҳои ҳалкунандаи таъмини ояндаи миллат баррасӣ намуда, сарвари сиёсии кишвар аз ин давра минбаъд доимо нисбати масъалаи иштироки амалӣ ва фаъолонаи ҷавонон дар арсаи сиёсӣ, байналхалқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро яке аз масоили муҳими умури давлатдории давраи истиқлолият қарор медиҳад.

Дар мавриди умури хориҷии кишвар Сарвари давлат таъкид менамоянд, ки сулҳу ризоияти миллии кишвар бо дастгирӣ ва миёнаравии ҷомеаи ҷаҳонӣ ғайриимкон буд. Дар ин самт бояд пеш кӯмак ва дастгириҳои бесобиқаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо ва намояндагону нозирони онҳоро махсус таъкид намуданд, ки аз аввалин рӯзҳои таъсиси кишвари мустақили тоҷикон бо мо ҳамкорӣ карданд. Нақши ҷомеаи ҷаҳонӣ дар истикрори сулҳу оштии миллӣ, ба раванди созандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузаштани кишвар ба андозаи зиёд аз ҳамин ҳамкорӣ, ки сароғози муносибатҳои байналхалқии кишвари ҷавон буданд, хеле барҷаста аст. Эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи СММ барои истиқрор ва бо боварӣ нисбати қудрату тавони худ, дар фаъолиятҳои бисёрҷонибаи сохтмони ватан ва ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва мустақил иқдом кардани он хеле муҳим буд. Тавре дар Паёми соли 2000 омадааст: «Дар баробари саъю кӯшиши СММ ба раванди истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон 8 кишвари дӯст иштирок ва мусоидат намуданд, ки як иддаи онҳо, масалан Россия, аз оғоз ва кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Эрон, Покистон ва Афғонистон дар ин раванд саҳми

арзандаи худро гузоштанд” [6]. Дар Паёми соли 2000 инчунин таъкид меравад, ки дар баробари ҳайати нозирони СММ ҳиссаи Комиссари Олии он оид ба гурезагон ва Фонди байналхалқии кӯдакон дар истиқрори сулҳу оштии миллӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мамлакат, расонидани кӯмаки башардӯстона, бозгашти гурезаҳо ба Ватан ва таъмини онҳо бо хонаю ҷой сазовори қадрдонист [6]. Дар паёми мазкур инчунин нақши Барномаи тараққиёти СММ дар рафъи низоъ ва амалӣ гардонидани барномаҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии кишвар арзанда дониста шуда, ҳамкориҳои гуногунмазмуни Ҳукумати Тоҷикистон бо созмонҳои миёнарав ва пеш аз ҳама бо СММ, ҳайати нозирони он ҷиҳати ҳарчӣ зудтар ноил гардидан ба сулҳу омодагӣ ва ризоияти миллӣ таҷрибаи муҳимми истиқрори сулҳ дар минтақаи даргир арзёбӣ гардид. Сарвари давлат пеш аз ҳама ба ҷавонон муроҷиат карда, зарурати омӯзиш, таблиғ ва вусъат додани таҷрибаи мазкурро таъкид намуданд [6].

Вижагиҳои сохтордиҳии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, дар он Президенти кишвар чанд ҷанбаро махсус таъкид карданд. Яке аз таъкидҳои асосӣ он буд, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар солҳои охир умуман самаранок буда, он бештар барои устувор намудани раванди оштиимиллӣ, инкишоф додани муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамсоягӣ, гузоштани асосҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ нигаронида шуда буд [6].

Масъалаи муҳимми дигаре, ки дар Паём таъкид ва шарҳи муфассали худро ёфтааст, масъалаҳои иқтисодӣ буда, дар он оид ба сатҳу сифати иҷрои Барномаи панҷсолаи ислоҳоти иқтисодӣ ва татбиқи давра ба давраи он сухан рафт. Дар ин маврид таъкид гардид, ки татбиқи Барномаи мазкур барои муътадилгардонии макроиқтисодӣ, беҳбуди идорашавии иқтисоди кишвар, дигаргунсозиҳои сохторӣ, аз ҷумла ислоҳоти кишоварзӣ,суръатбахшии хусусигардонӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва барҷаста дорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеаи кишвар ба роҳ мондани саноат муайян гардид. Сарвари кишвар ёдрас гардиданд, ки таҷрибаи кишварҳои пешқадами ҷаҳон рукну фишанги асосии рушд будани саноатро собит месозад. Дар шароити Тоҷикистон бе мавҷудияти саноати пешрафта таъмин намудани сатҳи баланди зиндагонии мардум, иҷтиқлолият ва бехатарии иқтисодӣ, ҳалли муваффақиятноки масъалаҳои иҷтимоӣ аз имкон берунаст. Инкишофи саноати дорои технологияи пешқадам на танҳо ба некуаҳволии моддии мардум, балки барои болоравии маънавиёт ва рушди зеҳнии ҷавонон мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, аҳаммияти таҳсили ҷавонон дар макотиби олӣ ва махсуси соҳаҳои саноатии дохил ва хориҷи кишвар, аз ҷиҳати мутахассисони миллӣ таъмин кардани соҳаи саноат, фароҳам овардани шароити рушди соҳибкории саноатӣ ва иштироки сармояи дохилӣ дар ин раванд хеле муассир дониста шуд. Татбиқи чораҳои мазкурро ҳангоми муайян намудани мақом ва манзалати соҳаи саноат дар иқтисодиёти мамлакат, муқаррар намудани дурнамои тараққиёти он мо бояд маҳз аз ҳамин мавқеъ назар кунем ва баҳо диҳем [6]. Дар Тоҷикистон бо барқарории сулҳ раванди бебозгашти он имкон дода, ки чорабиниҳои ба демократикунонии ҷомеа равона гардида, дар ҳаёти сиёсии кишвар идома ёбанд.

Дар Паёми соли 2000 гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи ҷустуҷӯ ва омӯзиши имкониятҳои амалӣ кардани натиҷаҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ эълом дошта шуда, дар марҳилаи нави давлатдорӣ қарор доштани Тоҷикистон, гузошта шудани заминаҳои устувор барои рушди муносибатҳои гуногунҷабҳаи байналхалқӣ бо кишварҳои ҷаҳон, имконияти иштирок ва тақвият додани равандҳои ҳамгироӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар ташкилоту иттиҳодияҳои байналхалқӣ, кишварҳои Осиё ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, кишварҳои ҳамсояро пайдо кардааст [6].

Дар ин маврид ба масъалаи тарбия ва омода кардани кадрҳои миллии баландихтисос махсус таваҷҷуҳ карда шуда, мушаххасан таъкид гардид, ки он вазифаи бағоят муҳим мебошад. Тайёр намудани кадрҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ камбудии кишварро ба кадрҳои болаёқат, ки дар асоси муносибатҳои бозорӣ кор карда метавонанд, бояд ба кори реструктуризатсия ва эҳёи саноат, баланд бардоштани мақоми он дар ҳаёти ҷомеа самаранок хоҳад буд. Дар ин самт бояд бештар ба мутахассисоне такя намуд, ки пойбанди тафаккури кӯҳнаи қолабӣ нестанд ва мувофиқи шароити нави имрӯза фаъолият карда метавонанд. Ниёзмандии кишвар ба мутахассисони соҳаҳои гуногун-саноат, нафту газ, бонку молия, алоқа, авиатсия, туннелсозӣ, техникаи электронӣ ва ғайра хеле зиёд буда, кадрҳои тарбиякарда нав бояд мувофиқи талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ ва иқтисоди бозорӣ фаъолият намуда тавонанд. Сарвари давлат дар ин робита таъкид карданд, ки «солҳои истиқлолият як чизро пурра собит намуданд: кадрҳои миллӣ аз ӯҳдаи ҳама гуна вазифаи масъулиятнок мебароянд ва ба нафъи халқу Ватан софдилона хизмат карда метавонанд» [6].

Соли 2000 масъалаҳои вобаста сиёсати ҷавонон дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор доштанд ва ин хусусият дар Паёми соли 2000 нақш ёфтааст. Ба масъалаи шуғли аҳолӣ таваҷҷуҳ карда сарвари давлат ба яке аз масоили мубрами сиёсати ҷавонон будани он ишора намуданд. Дар он гуфта мешавад, ки яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ масъалаи шуғли аҳолӣ ва беҳтар кардани сифати бозори дохилии меҳнат мебошад. Хусусиятҳои бекориро дар Тоҷикистон таҳлил карда, Президенти кишвар онро дар мавҷудияти зиддият-ҷойҳои корӣ ҳастанд, вале одамон бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла кам будани музди меҳнат, инчунин чандон мувофиқи талаб набудани фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо аз меҳнат барканор мондаанд, мушаххас намуданд.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои сиёсати ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини имкониятҳои рушд ва таҳсили ҷавонон дар дохил ва хориҷи кишвар ба шумор меравад. Масъалаи мазкурро мавриди диққати махсус намуда, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2000 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи марҳилаи дуюми ислоҳоти соҳаи маориф шарҳ онро доданд. Пеш аз ҳама таъкид гардид, ки бояд тамоми монеаҳои расидан ба таҳсилоти ҳатмии 9–солаи духтарон бартараф карда шавад [6]. Инчунин вазифа гузошта шуд, ки сифати маълумот бояд меъёри асосии ислоҳот бошад. Ислоҳоти соҳаи маориф ба дигаргунсозии система ва мундариҷаи тайёр кардани муаллимон ниёзманд аст. Бояд теъдоди хонандагон, шумораи мактабҳои олӣ ва баланд бардоштани сифати маълумот, беҳсозии мактабҳои олӣ дар Тоҷикистон аз самтҳои асосии ин ислоҳот муайян карда шавад. Президенти кишвар сатҳу сифати таълимро дар назар дошта чунин афзуданд: «Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи маориф дар асоси шартномаву қарордодҳо оид ба табодули донишҷӯён бо кишварҳои дигар чандон хуб ба роҳ монда нашудааст». Шумораи ҳамагӣ 600 нафар ҷавонписарону духтарон аз Тоҷикистон бо истифодаи грантҳо ва стипендияҳои пешниҳодгардида дар Россия, Чехия, Америка, Хитой, Англия, Олмон, Австрия, Швейтсария, Франсия ва ғайраҳо таҳсилкунандаро хеле нокифоя номида, ин шумораро барои инкишофи соҳаҳои электроника, навовариҳои технологии муосир ва кашфиёте, ки пешрафти мамлакатро мувофиқи талаботи замон таъмин карда тавонад хеле ночиз шуморид [6].

Дар ин мавриди таъкид гардид, ки дар шароити имрӯза ислоҳоти куллии сохтор ва низоми идоракунии илм ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ ногузир ва амри воқеӣ гардидааст. Ин чораҳои бевосита ба татбиқи сиёсати байналхалқии ҷавонон дахл дошта, аз онҳо фаъолияти бештарро дар роҳи аз бар кардани донишҳои муосиру пешқадам дар дохил ва хориҷи кишвар, ҳарчӣ бештар кӯшиш кардан ҷиҳати аз худ намудани

электроника, навовариҳои технологии муосир ва кашфиёте, ки пешрафти мамлакатро дар соҳаҳои муосири илму техника ва технологияҳо таъмин менамояд, бо дониши рақобатпазир барои ватану миллат хизмат намудани онҳоро талаб менамояд. Ин вазифа бояд яке аз самтҳои асосии мақомоти марбут бошад. Айни замон таъкид гардид, ки ҷавонони барои таҳсил ба хориҷи кишвар сафарбаршуда бояд арзишҳои миллӣ ва сарватҳои маънавии халқи тоҷикро фаро гирифта бошанд, то ин ки бо ифтихори миллӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва эҳтироми ҳамдигар мусаллаҳ буда, минбаъд барои таъмини истиқлолияти фарҳанги мамлакат мусоидат намоянд.

Президенти кишвар нақши созандаи фарҳангро дар муқовимат ба фишорҳои иттилоотии беруна таъкид карда афзуданд, ки «бояд дар хотир дошт, ки яке аз бузургтарин дастовардҳои давраи истиқлолият ба вуҷуд овардан ва ба қувваи пешбарандаи ҷомеа табдил ёфтани тафаккури давлатдорӣ, эътимоди умумихалқӣ оид ба пойдории давлати миллӣ, тараққиёти устувори сиёсиву иктисодӣ ва фарҳангии кишвар мебошад». Ин асосҳои маънавиро пеш аз ҳама дар фазои маънавии ҷавонон мустаҳкам намуданро таъкид карда, чунин ҳидоят намуданд: «Рушду нумӯи ҳамаи соҳаҳои фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла адабиёт, театр, мусиқӣ, рассомӣ ва ғайра омили муҳимтарини ташаккули афкори созандаву бунёдкорона, хулоса, асоси пешрафти шуури ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад» [6].

Дар Паёми соли 2003 ба Маҷлиси Олӣ (4-уми апрел) пеш аз ҳама ба зарурати муқовимати шадид ба чунин зуҳуроти номатлуб монанди пайдоиш ва густариши терроризм ва экстремизм, ифротгароӣ ва ҷаҳолат сухан рафта, барои ин барҳам додани нодориву қашшоқиро ҳадафи кори давлат муайян карда шуд. Ба ҷавонон, ки ба синну соли коргарӣ расидаанд, муроҷиат карда, нисбати онҳо даъвати фаъолона амал кардан барои рафъи камбизоатӣ дар кишвар карда шуд. Дар ин Паём Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз таҷрибаи таҳлилҳои СММ дар мавриди имконияти ҳалли мушкилот аз лиҳози технологӣ хабар дода, изҳор намуданд, ки ҳамаи онҳо ислоҳшавандаанд. Ин хулосаи коршиносони СММ ба таври муташаккилона ҳал кардани проблемаҳои глобалиро пеш гузошта зарурати пайванд ва ҳамоҳангсозии кӯшишҳои муштараки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба таври қатъӣ талаб менамояд. Оид ба истифода аз таҷрибаи прагматикии давлатҳои пешрафта сухан карда, Пешвои миллат чунин шарҳ доданд, ки прагматизм маънии дақиқан мувофиқ гардонидани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ бо манфиатҳои миллии кишвар, ҳимояи фаъоли онҳо дар арсаи байналхалқӣ ва бо ёрии омилҳои берунӣ мусоидат намудан ба ҳалли проблемаҳои байналхалқӣ мебошад. Бинобар ин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси нишондодҳои Паёми соли 2015 ба Маҷлиси Олии кишвар таҳия ва қабул гардид, заминаи хуби ҳуқуқии рушди ин тарзи маъмурияти давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад [6].

Дар Паёми мазкур дар мавриди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, оид ба ташаккул додани ҷомеаи шаҳрвандӣ ибрози андеша намуданд. Мафҳуми истилоҳи ҷомеаи шаҳрвандиро шарҳ дода, Сарвари давлат таъкид карданд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд якҷоя пайдо мешаванд, мазмуну мундариҷаи ҳамдигарро пурраву комил месозанд ва равнақ меёбанд. Танҳо одамони озод соҳибмулку соҳибихтиёр метавонанд ҷомеаро ташкил диҳанд, ки онро метавон ҷомеаи шаҳрвандӣ номид. Дар айни ҳол қабл аз ҳама маҷмӯи муносибатҳои ғайридавлатӣ ва ғайрисиёсиро дар назар дорад, ки доираи муносибатҳои махсуси афроди озод ва иттиҳодияҳои онҳоро дар бар мегирад. Барои ин умумияти сатҳи баланд ва мукаммали инсонҳоро ташаккул додан зарурати рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон дар асосҳои қонунӣ зарур аст.

Дар Паёми соли 2004 (30-уми апрел) волоияти қонун, интизом ва масъулият бо мафҳуми демократия пайванд дода шуда, асосҳои онро риояи интизоми қатъии иҷроия вобаста карда шуд. Таъкид карда шуд, ки ҳадафҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми тоҷик фарҳанги ягонагӣ, фарҳанги сулҳу субот ва созандагӣ, таҳаммул ва инсондӯстӣ, фарҳанг таъмини волоияти қонун, эҳтирому риояи ҳуқуқҳои инсон ва хулоса фарҳанги демократия мебошанд [6].

Дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ мақоми нави геополитикӣ ва геостратегии Осиёи Марказӣ таъкид гардида, мақсад ва манфиатҳои давлатҳои бузург дар атрофион, диққати кишварҳои Авруосиёро ҷалб кардани захираҳои табииву шабакаҳои коммуникатсионии минтақа мавриди андеша қарор гирифт. Дар заминаи дурнамои рушди минтақа пешгӯӣ карда шуд, ки ҳодисаҳои марбут бо Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XX1 омили муайянкунандаи моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ мегардад. Сарвари давлат дар ин Паём махсус таъкид намуданд, ки «Тавре ки аз таҳлили мухтасари фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва мақомоти зинаҳои гуногун бармеояд, то имрӯз ба хотири таҳкими Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ободии Ватан, оромии ҷомеа ва болоравии обрӯву нуфузи давлатамон дар арсаи байналхалқӣ кори зиёде анҷом дода шудааст. Вале аз миёни ҳама корҳои анҷомдода ва комёбиҳои бадастовардаамон дар ин давра мехоҳам оромии ҷомеа, сулҳу суботи сиёсӣ ва сарҷамъии мардумамонро махсус таъкид намоям. Сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҳақиқат неъмати бузург аст ва ба қадри он расидан барои ҳар як шахси бонангу номус ва худшиносу худогоҳи миллат фарз мебошад». Алалхусус, ки тарбияи ҷавонони ватандӯст ва соҳиби тафаккури озод, ки имконияти қабули қарори мустақилонаро дошта, кӯшиши боло бурдани сатҳи камбизоати мардум ва оилаи худро дорад, вазифаи асосии сиёсати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

“Имруз мо шоҳиди он ҳастем, ки гурӯҳҳои террористӣ бештар бо ҷавонон сарукор дорад.Ҷавонон аз нигоҳи сиёсӣ ва идеологӣ як бахши фаъол ва қобили меҳнати ҷомеа мебошанд, ки накши мусбати онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ яке аз омилҳои муҳими рушди ҷомеа мебошад. Ҷавонон бо сифати як нерӯи ниҳоят пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҳаёти ҷомеаи навини мо шинохта ва эътироф шудаанд. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро “Соли ҷавонон” эълон намуда буд. Ҷомеаи тамаддунсози тоҷик бояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ диҳад. Корҳои таблиғотиро дар минтақаҳои осебпазири кишвар ва барои гурӯҳи осебепазир роҳандозӣ бояд кард” [7].

Дар эъломияи СММ дар мавриди сиёсати давлатии ҷавонон диққати махсус додан ба ниҳоди оила таъкид мегардад. Дар он гуфта мешавад, ки дар сиёсати пешгирӣ аз моилшавии ҷавонон ба зуҳуроти номатлуб бояд пеш аз ҳама дар ниҳоди оила сурат гирад, зеро он хурдтарин ва асоситарин қисми ҷомеа буда, давлатҳо ба мустаҳкамшавии ниҳоди оила, барномаву накшаҳои ҷавонон бояд аҳаммияти аввалиндараҷа ва маблағгузории зарурӣ диҳанд.

Паёми соли 2006, ки 20-уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, ба санаи муҳими таърихӣ- понздаҳумин солгарди истиқлолияти кишвар бахшида шуда буд. Дар он таъкид гардид, ки Тоҷикистондар эътироф ва эҳтироми меъёрҳои аз ҷониби умум пазируфташудаи ҳуқуқи байналхалқӣ, ки онҳоро аввалин маротиба дар таърихи давлати соҳибистиқлол аз соли 1992 ба тасвиб расонидааст, содиқ боқӣ монда, сиёсати ҷавонони худро низ дар арсаи байналхалқӣ мувофиқи онҳо ба роҳ мондааст.

Дар Паём гуфта шуд, ки Тоҷикистон аввалин кишварест, ки дар байни 82 давлати рӯ ба инкишоф барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола бо дастгирии СММ самтҳои асосии Стратегияи Миллии Рушдро барои солҳои 2007-2015-ум таҳия намуд. Мақсади асосӣ аз он ҷорӣ намудани низоми самарабахш ва шаффофи идораи давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад [6].

Боиси тазаккур аст, ки асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҷавонон, ки дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҷониби СММ матраҳ ва назорат карда шудааст, дар ниҳоди дигари муҳимми байналхалқӣ Иттиҳоди Аврупо низ аз ҷониби 28 кишвари Европа, ки дар қитъаи Авруосиё ҷойгиранд, асоси ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар ҳудуди Шартномаи соли 1993 Маастрих эътироф гардид. Он 4 самти асосиро дарбар гирифта дар татбиқи ҳамкориҳо бо кишварҳои дигар бунёдӣ ба ҳисоб меравад: чорабиниҳои ташаккулдиҳандаи фазои умумии фарҳангӣ, муҳити ягонаи илм ва маориф, сиёсати умумии иҷтимоӣ, кор бо ҷавонон ҳамчун давомдиҳандагони сиёсати Иттиҳоди Аврупо [8].

Дар татбиқи ҳамкориҳои худ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди сиёсати байналхалқии ҷавонон Иттиҳоди Аврупо аз ҳамин ҳадафҳо роҳнамоӣ пайдо менамояд.

Дар Паёми соли 2006 ҳафт ҳадафи рушди Ҳазорсола ба чунин шакл матраҳ гардид:

Якум-фароҳам овардани муҳити муносиб барои рушди инсон, тақвияти нерӯи ақлонӣ, такмили минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ;

Дуюм- таъмин кардани шаффофият дар равандиислоҳоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти мубориза бар зидди коррупсия ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа;

Сеюм- дар баробари таҷдиди сохтори иқтисодиёт таъмин намудани рушди босуръат ва муназзами тамоми соҳаҳои он;

Чорум- фароҳам овардани фазои мусоид барои афзоиши сармоягузории хориҷиву дохилӣ ва рушди соҳибкорӣ;

Панҷум- татбиқи сиёсати мутавозини буҷетӣ, нигоҳ доштани қобилияти харидории асъори миллӣ ва тадриҷан паст кардани сатҳи таваррум;

Шашум – такомули минбаъдаи низоми идоракунӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ барои ширкаткунандагони бозори иқтисодӣ;

Ҳафтум – бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодӣ тақвият бахшидани иқтидори содиротии кишвар [6].

Дар баробари матраҳ гардидани ҳадафҳои рушд, дар Паём вазъияти муосири ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони оғози асри XX1 дар татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналхалқии Тоҷикистон дар мавриди ҷавонон муҳокима гардида, таъсири дарозмуддати манфии он ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҷавонон, аз тарафи сарвари давлат ба чунин шакл мушаххас гардонида шуд:

Аввал-ташаккули Тоҷикистон дар вазъияти буҳрони шадиди сиёсиву идеологӣ ва баъдан-ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти даврони баъди низоъ, мавҷуд набудани сохтор ва механизмҳои фаъоли идораи давлат ва ҷомеа, инчунин мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва даҳолати хориҷӣ сурат гирифт.

Дуюм - давлати тозаистиқлоли мо ҳамзамон бо таъсис ва таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии сиёсиву идорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама дар бахши иқтисод ногузир ба ислоҳоти бунёдӣ даст зад, ки ин иқдом табиатан равандҳои иҷтимоиро шиддат мебахшад ва барои фаъолияти доманадори неруҳои сиёсии дохилӣ ва талошу

кӯшишҳои таъсиррасонии доираву гуруҳҳои гуногуни минтақавию байналхалқӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

Сеюм- ҷаҳонишавӣ чун дар ҳама ҷо барои асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқиву маънавӣ, симо ва сирати миллии мо хатари ҷиддӣ эҷод намуд. Ба ин сабаб талоши мунтазам ва қотеъонаи мо барои ҳифзи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти дохилӣ ва хориҷии давлати ҷавони Тоҷикистонро ташкил дод ва силсилаи чораҳои доманадорро тақозо намуд.

Чорум- Дар натиҷаи таъсири ҷиҳатҳои хоси ҷаҳонишавӣ фаъолияти доираҳои террористӣ, экстремистӣ ва қочоқи маводи мухаддир, ки пештар доманаи нисбатан маҳдуд доштанд, хеле васеъ гардид ва ин падидаҳо ба хатарҳои ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфтаанд. Тоҷикистони тозаистиқлол дар хатти аввали муқовимат бо онҳо таҳти фишори шадид қарор гирифт.

Панҷум- ҷаҳонишавӣ ба тавозуни беҳтари муносибатҳо ва суботи бештари низоми байналхалқӣ ва инчунин ба рафъи хатари эҳтимолии бархурд мусоидат карда натавонист ва ба рафъи хатари эҳтимолии бархурди тамаддунҳо комёб нашуд, ки чунин вазъ барои ҳамаи давлатҳо ва кишварҳо, дар навбати аввал, давлатҳои ҷавон хатари нисбатан ҷиддӣ дорад [6].

Дар Паёми соли 2006 инчунин афзалиятҳои миллии мазкур ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд пешбинӣ гардидаанд, ки сиёсати байналхалқии ҷавононро низ дарбар мегиранд:

1. Ислоҳоти идораи давлатӣ идома дода мешавад, ки он ба такмили низоми идоракунӣ ниигаронида шуда, хусусияти хосаш шаффофияти фаъолияти тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

2. Рушди соҳибкории хурду миёна ва густариши ҷалби сармоя таъмин карда мешавад, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи миоликият, риояи қонуният дар ин самт ва рушди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ асос ёфтааст.

3. Инкишофи нерӯи инсонӣ бо роҳи зиёд кардани ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, иштироки фаъолонаи аҳолӣ дар раванди рушди давлат ва таҳкими шарикии иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Татбиқи афзалиятҳои зикршуда барои бунёди давлати пешрафта ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин, алалхусус барои ҷавонон ва ҳамгироии онҳо дар муҳити байналхалқӣ шароит фароҳам меоварад, ки дар он ҳамаи аъзои ҷомеа барои истифодаи дастовардҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ имкониятҳои баробар хоҳанд дошт. [6]

Ҳоло давраи ҷавонӣ хеле зиёдтар тӯл мекашад, нақшҳои иҷтимоии ҷавонон тағйир ёфта, ҷавонон бештар худбин ва инфиродӣ шудаанд. Бинобар ин барои ҷавонон воридшавӣ ба ҷомеа хеле мушкил буда, кӯшиши онҳо барои иҷтимоишавӣ наҳамеша бобарор аст. Дар ин маврид ҷомеаи ҷаҳонӣ барои Тоҷикистон даъват менамояд, ки дар соҳаи сиёсати ҷавонон равияҳои европавиро мавриди тафаккур гиранд. Масалан, чунин самтҳоро, ки дар «Китоби Сафед»-и Иттиҳоди Аврупо матраҳ гардидаанд, монанди фаъол кардани мавқеи шаҳрвандии ҷавонон, вусъат бахшидани соҳаву имкрониятҳо барои таҷриба, рушди мустақилияти ҷавонон, истеҳкому суботи арзишҳои европавӣ дар муҳити ҷавонон ва ҳоказо. «Китоби Сафед» бо мақсаде таҳия гардидааст, ки барои Иттиҳоди Аврупо дар таҳияи низоми нави ҳамкорӣ дар соҳаи ҳамкориҳо дар самти сиёсати байналхалқии ҷавонон кӯмакгар бошад [9].

Дар маркази диққати сиёсати ҷавонон дар арсаи байналхалқӣ истифодаи шаффофи усули ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон ва мавриди таваҷҷӯҳқарор доштани масъалаи ҷавонон ҳангоми таҳияи дигар сиёсатҳо, ки бевосита марбути ҷавононанд, боқӣ мемонанд.

Дар Паёми соли 2006 таъкид гардид, ки раванд ва тамоюлҳои мазкур масъалаи дигари муҳиммтарини глобалӣ-тақвият бахшидани низоми байналхалқиро ба амри ҳаётӣ ва таъхирнопазир табдил доданд. Ҳалли ин масоил дар сурати таъмини дахлнопазирӣ ва эътирофи накши танзимкунандаи усул ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, риояи соҳибихтиёрии давлатҳо ва баробарҳуқуқии субъектҳои равобити байнидавлатӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои волои умумиинсонӣ ва ҳамкории созанда имконпазир аст [6].

Дар Паёми соли 2008, ки 25-уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид, дар навбати аввал ҷамъбасти натиҷаҳои татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар заминаи татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 пешниҳод гардид. Дар он паём иброз гардид, ки се ҳадафи стратегии кишвар бояд дар вақти накшавӣ татбиқ гарданд ва «сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат дар навбати аввал ба таъмин кардани рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, беҳбудӣ бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои тарбияи насли солиму бомаърифат равона шудааст» [6].

Дар он гуфта шуд, ки дар зарфи 17 соли истиқлолият барои Тоҷикистон бори аввал имкон даст дод, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва корхонаҳои ватанӣ, дар ҳаҷми умумии 136 миллион сомонӣ бунёди Неругоҳи обии барқии “Роғун” вусъат бахшида шавад [6].

Ба мардуми кишвар ва пеш аз ҳама ба ҷавонони сарбаланди тоҷик муроҷиат карда шуд, ки дар ин сохтмони таърихии аср фаъолона иштирок намоянд.

Ҳамин тавр, Паёми соли 2009, ки 15 -уми апрел ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардид, аз татбиқи бомароми бобарори сиёсати иҷтимоӣ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар, даъват ба иштироки шаҳрвандон ва корхонаву ташкилотҳои ватанрӣ дар бунёди неругоҳҳои барқӣ обӣ ва иншооти инфраструктурӣ, мусоидат ба ҷалб ва воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ, чорабиниҳои мусоидатгар ба рушди соҳибкорӣ ва тиҷорат, гузариш ба сарфи нерӯи барқ ва билохира матраҳ ва таъмини иҷрои таъмини амнияти ғизоӣ бо роҳи рушди кишоварзӣ дарак дод [6].

Маҳз дар ҳамин Паём тавозуни манфии рушди илмҳои гуманитарӣ бар илмҳои техникӣ ҳамчун масъалаи муҳити тарбияи кадрҳо ва таъмини кишвар бо мутахассисони зарурӣ мавриди муҳокима қарор дода шуда тасмимҳои давлат дар роҳи ислоҳи он пешниҳод гардиданд. Таъкид карда шуд, ки «имрӯз дар мамлакат ба маблағи умумии 6,4 миллиард сомонӣ лоиҳаҳои инвеститсионӣ мавриди татбиқ қарор доранд, вале бинобар нарасидани мутахассисони бомаҳорати соҳаҳои иқтисодӣ ва муҳандисию техникӣ 80 фоизашонро ширкатҳои хориҷӣ ва танҳо 20 фоизи онҳоро ширкатҳои ватанӣ амалӣ менамоянд». Дар заминаи ҳадафи сиёсати давлатӣ дар бахши ҷавонон иборат аз тарбияи кадрҳо ва мутахассисони донишманду соҳибмаърифат, насли дорои ҷаҳонбинии васеъ ва хислатҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ муайян карда шуд [6].

Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2010, ки 24-уми апрел ироа гардида, аз таҳлили вазъи кишвар дар солҳои истиқлолият иборат буд, дар мавриди сиёсати байналхалқии ҷавонон аз ин қишри муҳимми ҷомеа даъват ба амал овард, ки дар корҳои азими бунёдкориву созандагӣ боз ҳам фаъолона иштирок намоянд. Зеро Ҳукумати кишвар тасмим гирифтааст, ки бунёдкориро вусъат бахшида, садҳо иншооти хурду бузурги таъминоти иқтисодиву иҷтимоиро сохта ба истифода диҳад. Дар ҳошияи ин, зарурати баланд бардоштани фарҳанги шаҳрдориву шаҳрсозӣ ҳамчун мероси арзишманди ниёгон ба миён омадааст, ки ин пеш аз ҳама вазифаи ҷавонон мебошад.

Бинобар ин, рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шуда, бояд тибқи он сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Тавре Пешвои миллат таъкид намуданд, «Ин вазифа низ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар соҳаи маориф буда, барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем» [6].

Дар ин Паём Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инчунин иброз доштанд: «Мо инро борҳо аз минбарҳои баланд таъкид кардаем ва имрӯз низ иброз медорем, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ягон масъалае вуҷуд надорад, ки онро бо нияти нек ва ҳамкории созандаи кишварҳои ҳамсоя ҳал кардан ғайриимкон бошад. Ин мавқеъ, қабл аз ҳама, ба ҳаллу фасли масоили обу энергетика дар минтақа дахл дорад, ки ҳамеша вирди забонҳост ва калиди ҳалли ин масъаларо мо метавонем боз ҳам бояк калима ифода намоем: Ҳамкорӣ!» [6].

Паёми соли 2012, ки 20—уми апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардид, ба таҷлили ду санаи бузургу тақдирсози давлати Тоҷикистон, яъне 20 солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва 15 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ пешниҳод гардид.[6]

Дар робита бо сиёсати ҷавонон ва самтҳои дохиливу хориҷии он дар Паёми мазкур махсус истода гузашта, аз ҷумла оид ба аҳаммияти хоса додан ба он, ташаккул ёфтани институтҳои муҳимми кор бо ҷавонон дар сатҳи ҳукуматӣ ва муассисаҳои таълимӣ, вусъат додани ширкати ҷавонон дар сиёсат таъкид карда шуд. Оид ба заминаи татбиқи бобарори сиёсати ҷавонон дар шакли санадҳои зарурии меъёриву ҳуқуқӣ ва Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон, ташвишовар будани вазъи қонунувайронкунии ҷавонону ноболиғон хабар дода шуд. Махсусан таъкид гардид, ки «Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бо ҷалби аҳли ҷомеа, бахусус падару модар бояд наслеро тарбия карда ба воя расонем, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ, донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ ба ниёзмандиҳои ҷаҳони муосир мувофиқ бошад». Дар Паём гуфта шуд, ки нақш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хеле назаррас мебошад. Раванди ташаккули маърифати сиёсӣ моро водор месозад, ки ба ҳар як падидаву ҳаводисе, ки дар кишварамон ва минтақаҳои мухталифи олам ба вуқуъ меоянд, баҳои воқеӣ дода, мавқеи худ ва манфиати ватанамонро ҳимоя карда тавонем.

Зарурати вусъат бахшидани ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла сиёсати байналхалқии ҷавонон шарҳ дода, Сарвари давлати тоҷикон чунин андешаронӣ намуданд: «Мо аз ҷониби худ тарафдори самимии ҳамкориҳои минтақавӣистифодаи муштараки имконот ва ҳаллу фасли мушкилот аз тариқи гуфтушунидҳои созанда ҳастем.… Ҳама нияту ҳадафҳои мо на танҳо ба нафъи кишвари худамон, балки ба манфиати ҳамаи ҳамсоягон, ҳамаи шарикони минтақавии мо мебошанд ва бо нақшаву мақсадҳои минтақавӣ ҳамоҳангиву созгории комил доранд. Мо танҳо ба манфиати худ ва бар зарари касе кор карданӣ нестем, балки сидқан тарафдори ҳамкориҳову ҳамшарикии баробарнафъи минтақавӣ ҳастем» [6].

Маҳз дар ҳамин Паём оид ба сатҳу сифати ҳамкориҳои чандинсолаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ бори дигар баррасӣ ва арзёбӣ гардиданд. Дар ин маврид алалхусус гуфта шуд: «Робитаҳои густурда ва серҷанбаи мо бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои мухталифи он мисли пештара аз таваҷҷуҳи хос бархурдор хоҳад буд. Зеро мо аз аъзои фаъоли Созмони Милал ҳастем ва ҳамкориҳои худро бо ин ниҳоди муҳимми ҷаҳонӣ баланд арзёбӣ мекунем. Дар як муддати кутоҳи таърихӣ аз ҷониби он пазируфта шудани се ташаббуси мо-эълони Соли байналхалқии оби тоза, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» ва Соли байналхалқии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 мавқеи аз ҷониби ҷомеаи байналхалқӣ эътироф гардидани сарварии

Тоҷикистонро дар ин раванд собит сохт ва таҳким бахшид. Сиёсати хориҷии созанда ва ба ҳамкории густардаву васеъ равонагардидаи мо дар маҷмӯъ бояд вазифаи анъанавии худ-мусоидати ҳамаҷониба ба рушди устувори кишвар, таъмини амнияту оромии мамлакат ва сатҳи шоистаи зиндагии мардуми онро ба тариқаи беҳтарин иҷро намуда, фардои ободи Тоҷикистонро таъмин намояд» [6].

6-уми апрели соли 2013 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶумҳурииТоҷикистон ироа гардид, ки дар он дар заминаи таҳлили омилҳои рушд, дар бораи беҳтар шудани вазъи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар солҳои истиқлолият сухан рафта, тадбирҳои иловагии судманд ҷиҳати афзун кардани нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар ва дар ин замнаи фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагии аҳолӣ пешниҳод гардиданд. Алалхусус таъкид гардид, ки бинобар мавҷуд будани манбаъ ва иқтидорҳои бузурги захиравӣ, «…сатҳи зиндагии аҳолӣ тадриҷан баланд гардида, табақаи миёнаҳол афзоиш меёбад. Тоҷикистон аз давлати камдаромад ба қатори давлатҳои бо даромади миёна арзёбишаванда ворид мегардад» [6]. Дар он дар баробари вазифаи фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа, вазифаи тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, масъулиятшинос, соҳиби донишу таҷрибаи муосир ва дорои қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯза мебошад.

Дар ин Паём бори дигар вазифаҳои давлат ва миллат дар рушди давлатдорӣ хотирнишон ва мушаххас гардида, ба таври зайл ташреҳ ёфтаанд. Ҳадафи якум-ҳифз ва таҳким бахшидани  давлатдории миллӣ, ҳадафи дуюм-ҳамаҷониба густариш додани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус наврасону ҷавонон, хадафи стратегии дигар- таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, муттаҳид кардани тамоми гуруҳу қишрҳои ҷомеаи кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол-Ватани маҳбуби ҳамаи мо»; ҳадафи чорум-ҳарчӣ бештар густариш додани фарҳанги сулҳ ва решадор сохтани ваҳдату ризоияти миллӣ ҳамчун дастоварди нодиртарини мардуми Тоҷикистон; ҳадафи панҷум-фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва ҳар кадоми моро доир ба ҳалли масоили ҷавонон дарбар мегирад; ҳадафи шашум –ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои волои халқи куҳанбунёдамон дар шароити ҷаҳонишавӣ; ҳадафи ҳафтум- арҷгузорӣ ва эҳтироми забони давлатӣ, яъне забони шевову ширин ва шоиронаи тоҷикист [6].

Дар Паёми соли 2019, ки моҳи апрел ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардида буд, тозатарин роҳнамои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар дар мавриди ҷавонон мебошад, рафти татбиқи он дар давоми 28 соли истиқлолияти кишвар баррасӣ гардида, гуфта мешавад: «Мо то имрӯз барои пешрафти соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, татбиқи сиёсати ҷавонон, занон ва оила ва рушди варзиш корҳои зиёдеро ба анҷом расонидем» [6].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  яке аз муҳимтарин масъаларо дар татбиқи сиёсати мазкур иборат аз идома додани кори тарбияи насли наврас, ба илму дониш ҷалб намудани онҳо, муқобилат нишон додани тамоми ҷомеа нисбати майлу рағбатҳои онҳо ба фарҳангу машғулиятҳои ғайру номатлуб номид ва ба ин мазмун таъкид кард: «Аммо дастовардҳои роҳбарияти кишвар ва кӯшишҳои ҷомеа аз мо талаб мекунад, ки назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва

ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад». Таъкид гардид, ки беш аз 257 ҳазор нафар ҷавонон, ки 30 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Таҳлили амиқи масъалаи мазкурро идома бахшида дар ин рабт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин пешниҳод карданд: «Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 -2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карда шаванд». Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мо талаб менамоянд, ки таваҷҷуҳи ҷавононро ба таърихи халқи тоҷик ҷалб намоем, зеро: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем». Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад.

Таваҷҷуҳи амиқ нисбати таърих, фарҳанг ва шаъну шарафи миллии тоҷикон сипари хубест дар муқовимат нисбати фишорҳои ҷаҳонишавӣ ва фарҳангии бегона ва ба ин мазмун таъкид мегардад:… дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад» [1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо рисолати меросбарии ҷавононро таъкид карда, огоҳии бештари онҳоро аз рӯйдодҳои сиёсӣ, давлатӣ, байналхалқии кишвар талаб менамоянд. Дар Паёми соли 2019 низ ба ин таъкид гардида гуфта мешавад, ки «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса,ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳиммтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад».

Бинобар ин, нисбати фаъолиятҳои бештари огоҳонаи сиёсӣ ва иҷтимоии ҷавонон таъкид карда шуда, иштироки ҷавонон дар арсаи байналхалқӣ, аз тариқи ширкат дар корҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, варзишӣ, илмӣ ва табодули таҷрибаро дар арсаи байналхалқӣ бо ҳамсолони хориҷии худ аз он роҳҳое ба ҳисоб меравад, ки таҳкими сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва афзоиши обрӯву эътибори мусбати Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз қадамҳои ҷавонон дар арсаи сиёсати дохиливу хориҷӣ, азму талоши ҷавонон дар ободии Ватан, кӯшишҳои насли ҷавони кишвари мо дар дарки масъулияти баланди ватандорӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, онро дар мисоли ободкориҳои ҷавонони пойтахт, таҳти сарварии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ташаббус ва кору пайкори гурӯҳи соҳибкорони ҷавони тоҷик дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ медонанд, ки тавонистанд дар муддати кӯтоҳ эътибори сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб намуда татбиқи муҳимтарин ҳадафҳои рушдро дар кишвар пайгирӣ намоянд. Имрӯз дар кишвар 10 ҳазор иншооти варзишӣ

фаъолият дошта, тайи солҳои 2011-2018 қариб 2200 иншооти соҳаи варзишӣ бунёд ва 1059 иншоот таъмиру таҷдид гардидааст. Танҳо дар соли 2019-ум 358 иншооти варзишӣ, аз он ҷумла зиёда аз 200 иншоот дар пойтахти кишвар сохта шудааст. Дар ин кор Роҳбари давлат аз онҳо иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати олиро талаб намуда таъкид карданд, ки амалӣ гардидани нақшаҳои ҷавонон нишон медиҳад, ки «роҳи интихобкардаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад» [1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусан шоистаи таҳсин будани саҳми ҷавонон, дар ҳифзи Модар – Ватан, дар тамоми ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ, хизмати содиқонаи онҳо дар ҳимояи сарҳади давлатӣва дигар сохторҳои ҳарбӣ, варзиш, иштироки фаъолонаи ҷавонон дар  дар сохтмони нерӯгоҳу корхонаҳои азими кишвар, аз ҷумла Нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” ва корҳои бунёдкориву созандагӣбаҳои баланд дода, таъкид карданд, ки сафи ҷавонон дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла саноату сохтмон, маорифу тандурустӣ ва кишоварзӣ низ торафт афзоиш ёфта истодааст.

Феълан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди рушди ояндаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷавонон дастуру супоришҳои мушаххас дода, алалхусус таъкид намуданд, ки барои таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон сохтору мақомоти марбута вазифадор  карда шуданд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, “Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030” дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур гардад. Дар он бояд дар оянда низ ба оммавигардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим, диққати аввалиндараҷа диҳем ва барои тандурустии аҳли ҷомеа, шароити боз ҳам беҳтар фароҳам оварем. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзишро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи миллии олимпӣ ва федератсияҳои варзиш навъҳои мухталифи варзишро васеъ ҷорӣ карда, ҷиҳати баргузор намудани мусобиқаҳо мунтазам чораҷӯӣ кунад.

Ҳамзамон бо ин, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки дар давоми даҳ соли оянда дар ҳар як деҳа ва маҳалҳои аҳолиашон аз 100 хоҷагӣ зиёд як муассисаи томактабӣ, як толор ва як майдони варзишӣ бунёд карда, ба оммавӣ шудани варзиш ва солимгардонии аҳолӣ мусоидат намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон  муқовимат ба экстремизм ва терроризмро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти кор бо ҷавонон муайян намуда, дар ин робита таъкид карданд, ки «Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст. Инсоният дар симои терроризми байналхалқӣ бо душмани бераҳму шафқат ва маккоре рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон ваҳшоният рӯй намегардонад. Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд...»

Сохтору мақомоти марбута, алалхусус Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш вазифадор карда шуданд, ки бевосита бояд бо гузоштани садди устувор ба ташвиқу тарғиби тундгароии динӣ машғул шуда, ҷавононро ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кунанд

ва онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Дар ин маврид таъкид гардид, ки «Шарти муҳимми ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад».

Такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», ки соли 1999, яъне 20 сол пеш қабул шуда, пешгирии ҳамаҷониба аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти созмонҳои экстремистиву террористӣ мебошад, аз он чораҳое муҳимме ном бурда шуд, ки дар сатҳи дохилӣ ва хориҷӣ барои пешгирии ҷавонон аз майлу рағбатҳои номатлуб муассир мебошанд.

Ҳамин тавр, сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷавонон дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба чунин хулосаҳо расидем:

– дар Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо баррасии сатҳу сифати татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии ҷавононро пайдо менамоем, балки дар он баррасии муассири татбиқи чораҳои мушаххаси соҳа ба назар расида, дурнамо ва барномарезии сиёсати хориҷии ҷавонон, ки барои ҳифзи манфиатҳои кишвар, афзудани обрӯву эътибори байналхалқии Тоҷикистон равона гардидаанд, муайян карда шудаанд;

– сарвари давлати тоҷикон барои ҳалли мушкилоти асосии кишвар дар сохтмони давлати мустақил ва соҳибистиқлол самтҳои асосии онро муайян намуданд, ки аз ҳалли масъалаи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ ва ба роҳ андохтани энергетикаи худ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои мазкур бо даъвати бевоситаи Пешвои миллат бевосита бо иштироки фаъолонаи ҷавонон вобаста буда ҳал гардида истодаанд. Бинобар ташаббусҳои байналхалқии Тоҷикистон имрӯз онро дар арсаи ҷаҳон ҳамчун ташаббускори ҳалли байналхалқии масъалаҳои об ва бунёдгузори самти нави дипломатияи ҷаҳонӣ -«дипломатияи об» мешиносанд;

– ҳамкориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавонон, ки бо ба рӯзномаи ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ ворид намудани номгӯи зиёди проблемаҳои глобалии марбут ба ҳаёт, идомаи насли инсон, таъмини аҳолии замин бо об ва ғизо, таъмини дастрасӣ ба захираҳои асосӣ ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимро дар назар дорад, дар асоси роҳнамоиву ҳидоятҳои илҳом ва рӯҳияафзои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқ мегарданд;

– дар Паёмҳои Сарвари давлати тоҷикон мавзуҳои муҳиме мақоми таъкидӣ доранд, ки ҳар дафъа онҳо бо баррасии нав, афкори тоза, мазмуни мантиқии ҷавҳарӣ ҷило дода, таъкидгари ҷанбаҳои муҳими истиқлол ва ҳувияти миллат мебошанд. Аз ҷумлаи чунин мазмунҳо таъкиди асос ва сарчашмаҳои истиқлолият, ҳувияти миллӣ, манфиати миллӣ, арзишҳои муҳимтарини миллӣ мебошанд, ки масъалаи таваҷҷӯҳи махсуси давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон маҳсуб меёбад. Дар ҳамаи Паёмҳо ҷавонон идомадиҳандаи роҳи падарон, насле ном гирифта мешаванд, ки ояндаи кишвару миллат ба дасти онҳо супорида мешавад. Рисолати мазкур ҳамчун масъалае матраҳ мегардад, ки аҳаммияти дутарафа дорад. Аз як ҷониб масъулияти насли имрӯза, ки сохтмони давлати мустақилро ба ӯҳда доранд ва аз тарафи дигар- масъулияти насли оянда, ки меросбари он ба ҳисоб меравад;

– дар таҳияи сиёсати байналхалқии ҷавонони Тоҷикистон воқеияти ҷаҳони муосир ба назар гирифта мешавад. Он дар дарки зарурати диверсификатсия шудани

ҷавонони муосир дар самти этникӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва забони асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун неруи ҷавони корӣ ҷавонон имрӯз метавонанд дар кишварҳои дигар кору фаъолият намоянд. Бо назардошти ҳадафҳо ва хавфу хатарҳои матраҳшуда сиёсати байналхалқии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти рушди меъёрҳои аврупоии соҳаи маориф, махсусан, аз тариқи таълим ва тарвиҷи забонҳои хориҷӣ, дастгирии муҳаррикии донишҷӯён ва устодон, махсусан, қабули академии дипломҳо ва даврахои таҳсил; мусоидат ба ҳамкорӣ байни донишгоҳҳо; рушди табодули иттилоот ва таҷриба оид ба масъалаҳои марбут ба низоми таҳсилотӣ; ташвиқи рушди табодули ҷавонон ва устодон; ташвиқи таҳсилоти фосилавӣ дар асоси қонунӣ. Фарқияи боризи ҷавонони муосир аз ҳамсиннонашон дар солҳои пеш аз чанд ҷанбаи бунёдӣ ба назар мерасад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975
2. Набиев В., Сабуров Х., Шарипов Ш. Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С.3.
3. Саидов Ш. Паём: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти сиёсии он // Паёми ормонҳои миллат. Мавод аз Конфронси илмӣ-назариявии вилоятии «Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол». – Хуҷанд, 2017. – С.184.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Ганҷ, 2016. –С.42.
5. Ҳайдаров Р.Ҷ. Тоҷикистон дар масири таҳкими Истиқлоли давлатӣ:ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ. -Душанбе: -“Шоҳин С”, 2020.-С.68.
6. Набиев В., Сабуров Х., Шарипов Ш. Паём ва рисолати созандаи он. Нашриёти Нури маърифат. 2017. - 520с
7. Ҳайдаров Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиесӣ(дар ҳаммуаллифӣ) // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ. №2, 2018. - С.91
8. Гарчев А.Н. Молодежная политика в Европейском Союзе: национальный и наднациональные уровни: дис. … канд. полит. наук. –М., 2019. –С.123.
9. Шварцмайр Б. Европейский молодежный форум: голос молодых людей в формулировании Европейской молодежной политики. –М., 2007. –С. 5


# ПОСЛАНИЯ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ИСТОЧНИК РАЗВИТИЯ ФИЛОСОФО-ПОЛИТИЧЕСКОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ МОЛОДЕЖИ


**АХМАДЗОДА ДИЛНОЗА ДАВРОНАЛИ,**
соискатель Института философии, политологии и права имени А. М. Баховаддинова Национальной Академии наук Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 937-57-11-22. E-mail: ahmadzoda8923@gmail.com



*На основе анализа и исследования ежегодных посланий Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона показано место внутренней и внешней молодежной политики в инициативах Президента страны и в политике государства и правительства.*

*Автор отмечает, что Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своих ежегодных*

*Посланиях, уделяет особое внимание вопросам молодежи, особенно их места в системе общественных отношений и развитии национальной государственности.*

*Одним из важнейших аспектов международной молодежной политики Республики Таджикистан является обеспечение возможностей развития и образования молодежи внутри и за пределами страны. Уделив указанному вопросу особое внимание, Президент страны уважаемый Эмомали Рахмон в Послании 2000 года о втором этапе реформ сферы образования дал ее толкование. Прежде всего, было подчеркнуто, что необходимо устранить все препятствия перед образованием девушек. Также была поставлена задача, что качество образования должно стать основным критерием реформы. современных технологических нововведений и открытий, способных обеспечить прогресс страны в соответствии с требованиями времени.*

*А также автор подчеркивает, что Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон одним из вопросов в реализации молодежной политики, назвал продолжение работы по воспитанию подрастающего поколения, их вовлечению в науку и знания, противодействие всего общества к их интересам к нежелательным культурам и видам деятельности.*

*В целом, в ежегодных Посланиях Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона можно найти не только оценку уровня и качества реализации внутренней и внешней молодежной политики, но и прослеживается рассмотрение эффективности реализации конкретных мер сферы; определены перспективы и планирование внешней молодежной политики, направленные на защиту интересов страны, повышение международного имиджа и авторитета Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, молодежная политика, национальные интересы, государственность, международная молодежная политика, политическая независимость.*

## MESSAGES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AS A SOURCE OF DEVELOPMENT OF THE PHILOSOPHICAL AND POLITICAL WORLD VIEW OF YOUTH

**AHMADZODA DILNOZA DAVRONALI,**
Applicant of the Institute of Philosophy,
Political Science and Law named after A. M. Bahovaddinov of the
National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir, str.
Phone: (+992) 937-57-11-22. E-mail: ahmadzoda8923@gmail.com

*Based on the analysis and study of the annual messages of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, the place of internal and external youth policy in the initiatives of the President of the country and in the policy of the state and government is shown.*

*The author notes that the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in his annual Messages, pays special attention to youth issues, especially their place in the system of public relations and the development of national statehood.*

*One of the most important aspects of the international youth policy of the Republic of Tajikistan is to provide opportunities for the development and education of young people inside and outside the country. Paying special attention to this issue, the President of the country, respected Emomali Rahmon, in his Address of 2000 on the second stage of reforms in the field of education, gave its interpretation. First of all, it was emphasized that all obstacles to the education of girls must be removed. The task was also set that the quality of education should become the main criterion for the reform. modern technological innovations and discoveries capable of ensuring the progress of the country in accordance with the requirements of the time.*

*And the author also emphasizes that the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, one of the issues in the implementation of youth policy, called the continuation of work on educating the younger generation, their involvement in science and knowledge, the opposition of the whole society to their interests in undesirable cultures and activities.*

*In general, in the annual Messages of the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, one can find not only an assessment of the level and quality of the implementation of internal and external youth policies, but also a consideration of the effectiveness of the implementation of specific measures spheres; the prospects and planning of foreign youth policy aimed at protecting the interests of the country, increasing the international image and authority of Tajikistan were determined.*

***Key words:*** *Leader of the nation, youth policy, national interests, statehood, international youth policy, political independence.*

УДК 321.013

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛ ВА ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

**САФАРОВ БОБОҶОН САФАРОВИЧ**
ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 949-49-49-64. E-mail: Safarov.b _ 94@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи заминаҳои ташаккул ва татбиқи ҳукумати электронӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Хусусан роҳи ташаккули ҳукумати электронӣ ба андешаи муаллиф ин аз усулҳои анъанавии идоракунӣ даст кашидан ва ба арзишҳои модернистӣ рӯ овардан мебошад. Чунки дар шароити нави идоракунии давлатӣ аксарияти давлатҳои ҷаҳони якум ба ҳукумати электронӣ рӯ оварданд. Сабаби чунин рӯ оварӣ ҳам дар самаранок будани ҳукумати электронӣ мебошад. Дар баробари ин муаллиф чунин қайд мекунад, ки системаи нишондиҳандаҳои сифати идоракунии давлатиро ташкил намуда, ҳавасмандии фаъолияти сохторҳои ҳукумати электрониро дар асоси натиҷаҳои мониторинги мунтазам арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар шароити муосир баҳодиҳии ҷамъиятии самаранокии ҳукумати электронӣ аҳамияти бузург дорад, ки дараҷаи қонеъ гардонидани манфиатҳо ва ниёзҳои шаҳрвандони алоҳида ва тамоми ҷомеаро инъикос мекунад. Давлат ҳамчун институти асосии иҷтимоӣ баромад карда, кӯшиш менамояд, ки ба дигаргуниҳои ба амаломада дар ҷамъият ҷавоб гардонад ва дар баробари ба амал баровардани тағйироти худ бо мақсади ба вуҷуд овардани сохтори ҳукумати электронӣ, ки ба қонеъ гардондани талаботи шаҳрвандон нигаронида шудааст, кӯшиш менамояд. Дар рафти чунин тағйирот мақомоти ҳокимияти иҷроия саъй доранд, ки бисёре аз иқдомҳо ва расмиёти онҳоро, ки иштироки бевоситаи шаҳрвандонро тақозо мекунанд, кам карда, дар баробари татбиқи ҳалли мухталифи техникӣ, ки системаҳои иттилоотии ҳокимияти давлатиро стандартикунонӣ намуда, имкон медиҳанд, ки онҳо бо ҳам пайваст шаванд. Дар шароити ҳукумати электронӣ оммаи мардум бо масрафи ками вақт ва сармоя натиҷаи зиёд ба даст меоваранд. Дар як ҳалат ба андешаи муаллиф ташаккули ҳукумати электронӣ имкон дорад, ин рӯ овардан ба арзишҳои иттилоотӣ ва Интернети босуръат фароҳам овардан барои идоракунӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳукумати электронӣ, иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, технологияи иттилоотӣ, коммуникатсия, самаранокии идоракунӣ, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, арзишҳои демократӣ, симои хизматчии давлатӣ.*

Ҳукумати электронӣ як падидаи нав дар доираи илмҳои сиёсӣ буда, аммо аз лиҳози назариявӣ дар доираи илмҳои сиёсии ватанӣ чандон рушд накардааст. Дар баробари ин дар бораи ҳукумати электронӣ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ корҳои зиёде илмӣ бахшида шудаанд, ки дар он рушди сиёсии давлат ва ҷомеа, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти қонунгузорӣ, ки ба ташкил ва фаъолияти ҳукумати электронӣ ва субъектҳои он ва самтҳои гуногуни такмили ин фаъолият омӯхта ва пешниҳод карда шудаанд. Айни замон дар доираи илмҳои сиёсӣ таърифи ягонаи мафҳуми ҳукумати электронӣ вуҷуд надорад [3,с.186], ҳарчанд дар бисёре аз санадҳои байналмилалӣ, ин истилоҳ истифода мешавад. Аммо ин санади сиёсиву ҳуқуқӣ бо истифода аз истилоҳи “ҳукумати электронӣ” мӯҳтавои онро пурра ифшо намекунад. Дар ин маврид метавон ба хулосае омад, ки муҳаққиқон маънои ин мафҳумро дар шакли умумӣ баррасӣ карда, онро танҳо ба хизматрасонии давлатӣ ва пешниҳоди иттилоот фаро гирифтаанд.

Сабаби асосӣ дар он аст, ки мафҳуми ҳукумати электронӣ аз рӯйи принсипҳои гуногун таркиб ёфтааст. Баъзе муҳаққиқон ба таърифҳои тавсифӣ бартарӣ дода, дар айни замон ба дигаргуниҳое, ки ҳам дар худи ҷомеа ва ҳам дар сохторҳои алоҳидаи он дар ҷараёни ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ба амал меоянд, таваҷҷӯҳ мекунанд. Бархе

аз муҳаққиқон дигар танҳо ҷанбаи амалии "ҳукумати электронӣ"-ро таваҷҷуҳ карда, имконоти мухталифи истифодаи баъзе аз воситаҳои онро ошкор мекунанд. Аммо дигар формулаҳо вуҷуд доранд, ки ба ҳалли технологӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва инчунин ба ҳадди аксари самаранокии идораи давлатӣ нигаронида шудаанд. Ҳар яке аз ин принсипҳо ба таври худ боварибахш ба назар мерасанд, зеро он паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти ҳукумати электрониро инъикос мекунад. Ба гуфтаи муҳаққиқ Бачило И.Л. ҳукумати электронӣ як системаи ҳокимият ва ниҳодест, ки ба фароҳам овардани шароите нигаронида шудааст, ки дар онҳо ташаккули чунин параметрҳои давлатиро таъмин карда мешавад, ки дар он онро ҷомеаи иттилоотӣ ҳисоб кардан мумкин аст[1,с.123-130]. Муҳаққиқ Буринов М.А. бошад мафҳуми «ҳукумати электронӣ»-ро ба маънои васеъ тафсир намуда, нишон медиҳад, ки он бояд дар заминаи ислоҳоти пурихтисостарин идораи давлатӣ қабул карда мешавад [6, с.17-19].

Ҳукумати электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои расонидани хадамоти давлатӣ, беҳтар намудани муносибатҳо бо шаҳрвандон ва ниҳодҳо, байни мақомоти давлатӣ мебошад. Баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки моҳияти ҳукумати электронӣ оптимизатсияи расмиёти идоракунӣ мебошад. Аз ҷониби баъзе муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки ба ин соҳа тамоми ҷанбаҳои марбут ба истифодаи шоҳроҳҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ дохил карда шаванд. Дар тафсири ҳукумати электронӣ мактабҳои «радикалӣ» ва «мӯътадил» низ мавҷуданд. Тарафдорони самти аввал бар ин назаранд, ки тавассути ташкили ҳукумати электронӣ муносибатҳои дохили ташкилӣ хусусияти дигар пайдо карда, тамоми маҷмӯи муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дигаргун мешаванд. Тарафдорони самти дуюм бар ин назаранд, ки консепсияи мазкур таҷдиди идораи давлатиро тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ инъикос намуда, дар ниҳояти кор имкон медиҳад, ки самаранокии он дар расонидани хизмат ба шаҳрвандон афзоиш ёбад. Ҳамин фикрро Н. Федосеев пешниҳод мекунад, ки ҳукумати электронӣ ба маънои маҳдуд навсозии ҳокимияти иҷроия дарбар мегирад [16, с.10-11]. Дар бораи модернизатсия, ки дар шакли умумии он бояд такмил додани талаботи имрӯза барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои ба миён гузоштašуда фаҳмида шавад, бояд гуфт, ки дар мамлакати мо он бо навовариҳои баланди технологӣ, ки татбиқи он на ҳамеша ба пешравии дилхоҳ оварда мерасонад, зеро навсозии технологӣ танҳо ҳамчун воситаи ба даст овардани мақсад хизмат карда метавонад ва ҳар як мақсад метавонад такмили алоҳидаро талаб кунад. Дар натиҷа чунин омехтаи мақсаду воситаҳо ба нобарорӣ таҳдид мекунад. Агар ҳадафи рушди технологӣ, ки дар он инъикос ёфтааст, бо ҳадафҳои дигар, на камтар аз аҳамиятнок ҳамроҳ набошанд, сарнавишти мушобеҳеро интизор аст. Умуман, мавзӯи навсозӣ, пеш аз ҳама, ба равандҳои сиёсии дар кишвар ҷойдошта таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Аҳамияти мавзӯи модернизатсия ҳамчун идея, ҳамчун амалияи татбиқи қонун ва ҳамчун сиёсатмадор маҳз бо суханони Ю.Н. Старилова, ки модернизатсияе, ки дар ҳар як ҷомеа ва давлат сурат мегирад, ҳамеша талабот хоҳад буд, зеро он яке аз роҳҳои рушд ва мутобиқсозии онҳо ба воқеияти нави низоми ҳуқуқӣ, тамоми консепсияҳои ҳуқуқӣ, институтҳои давлатӣ, намудҳои гуногуни фаъолияти давлат, мақомоти ҷамъиятӣ, , қонунсозӣ, қоидасози маъмурӣ мебошад [11, с.220].

Ба гуфтаи муҳаққиқ Ю.Н. Старилов, навсозии воситаҳои ташаккули чунин меъёрҳои маъмурӣ, ниҳодҳо ва соҳаҳои зерсохтор, ки кафолати зеринро медиҳанд: ошкорбаёнӣ ва дастрас будани идоракунии давлатӣ; додани шакли нави системаи идоракунии давлатӣ, ки ба талабот ва стандартҳои муосир ҷавобгӯ мебошад; риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; огоҳии ҷомеа аз фаъолияти идоракунии давлатӣ; асоснокии ҳар як санади маъмурии қабулшуда; қонунӣ будани идораи давлатӣ

ва бартараф намудани маъмурияти зиёдатӣ; эътимоди мардум ба мақомоти маъмурӣ мебошад[8,с.54]. Аксари муҳаққиқон чунин мешуморад, ки модернизатсия маънои муайян кардани номутобиқатии байни моделҳои муфид, сатҳи зиндагӣ, ки аллакай дар дигар давлатҳо таҳия ва татбиқ шудааст ва он шаклҳои кӯҳнашудаи дар ҷомеаи мо мавҷудбуда, инчунин оқилона бартараф кардани ин номувофиқатӣ, холигоҳро дорад. Илова бар ин, ин дигаргунсозиҳо бояд дар ҳамон ҳолати мушаххас ва замоне анҷом дода шаванд, ки онҳо қодир ба натиҷаи мусбӣ оварда метавонанд. Монеаи асосӣ дар навсозӣ набудани муттасил дар идораи давлатӣ мебошад. Ба гуфтаи профессор В.Г. Садков, рушди мақсаднок, хеле муассир ва устувори ҳар як давлат, пеш аз ҳама, бо мавҷудияти модели консептуалии ояндадори ҷомеа, таъсиси системаи ягонаи қонунҳо, ташаккули сохтори муассири мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Ба ин муносибат такмил додани фаъолияти мақомотҳои давлатӣ бояд аз инҳо иборат бошад:

-ислоҳоти сохторӣ ва функсионалии системаи идоракунии давлатӣ бо мақсади бартараф намудани ҳолатҳои такрорӣ дар иҷрои вазифаҳо аз ҷониби сохторҳои қудратӣ;
- истифодаи арзишҳои демократӣ дар идоракунӣ, тағир додани системаи ақидаҳо оид ба вазифаҳо ва аҳамияти ниҳодҳои давлатӣ ва ба онҳо додани ваколатҳои ҳалли проблемаҳои маҳаллӣ, инчунин ҳуқуқи иштирок кардан дар таҳияи қарорҳои ҳукумат;
- автоматикунонии равандҳои идоракунии давлатӣ барои кам кардани имкониятҳои худсарии кормандони давлатӣ, мубориза зидди фасоди идорӣ, мустаҳкам намудани институтҳои худидоракунӣ;
- ҷорӣ намудани иттилооти автоматикунонидашуда ва таҳлили системаҳо;
- ташаккули симои хизматчии давлатӣ тавассути таҳия ва татбиқи кодекси одоби рафтор[13, с.10-12].

Гузашта аз ин, зарур ба назар мерасад, ки системаи нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳои давлатиро ташкил намуда, ҳавасмандии фаъолияти сохторҳои идоракуниро дар асоси натиҷаҳои мониторинги мунтазам арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар шароити муосир баҳодиҳии ҷамъиятии самаранокии идоракунии давлатӣ аҳамияти бузург дорад, ки дараҷаи қонеъ гардонидани манфиатҳо ва ниёзҳои шаҳрвандони алоҳида ва тамоми ҷомеаро инъикос мекунад. Давлат ҳамчун институти асосии иҷтимоӣ баромад карда, кӯшиш менамояд, ки ба дигаргуниҳои ба амаломада дар ҷамъият ҷавоб гардонад ва дар баробари ба амал баровардани тағйироти худ бо мақсади ба вуҷуд овардани сохтори идоракунии давлатие, ки ба қонеъ гардондани талаботи шаҳрвандон нигаронида шудааст, кӯшиш менамояд. Дар рафти чунин тағйирот мақомоти ҳокимияти иҷроия саъй доранд, ки бисёре аз иқдомҳо ва расмиёти онҳоро, ки иштироки бевоситаи шаҳрвандонро тақозо мекунанд, кам карда, дар баробари татбиқи ҳалли мухталифи техникӣ, ки системаҳои иттилоотии ҳокимиятро стандартикунонӣ намуда, имкон медиҳанд, ки онҳо бо ҳам пайваст шаванд. Дониш ва таҷрибаи амалӣ дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ рӯз то рӯз тағирёбандатар мешаванд, ки ин ба низом овардани онҳо барои таҳлили минбаъда истифодаи самаранокро тақозо мекунад[10, с.299]. Чунин равандҳо танҳо давлатро ба сатҳи сифатан нав, тарзи нави муносибат бо шаҳрвандон – ба истилоҳ ҳукумати электронӣ тавсиф мекунанд.

Консепсияи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ "ҳукумати электронӣ" -ро ҳамчун системаи самараноки пешниҳоди хидмати давлатӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ муайян кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки ҳукумати электронӣ ба мафҳуми бештари амалӣ муттаҳид шудани тамоми сохторҳои маъмуриро бо тамоми вазифаҳои гуногуни онҳо дар як сохтори ягона бо ҳамбастагии баланди равандҳои дохилӣ (равандҳои ҳамоҳангсозии қарорҳои идоракунӣ, гардиши ҳуҷҷатҳои дохилӣ) дар назар дорад. Ин як имкони дарёфти роҳи ҳалли мусбати

мушкилоти фасод дар амудии қудрат аст, ки барои ҳама системаҳои “анъанавӣ” маъмул аст. Аммо ҳукумати электронӣ на танҳо роҳи навсозии сохторҳо ва муносибатҳои мавҷуда мебошад[12, с.221]. Шояд ин идеяи мустақили дигаргунсозии куллии худи принсипҳои ташкили идораи давлатиро ифода мекунад. Ташаккули ҳукумати электронӣ ҳанӯз ба охир нарасидааст, муносибати ягона ба фаҳмиш ва дарки вазифаҳои он аксар вақт танҳо то сатҳи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ коҳиш меёбад. Аммо пас аз он бояд дар бораи ҳукумате сухан гӯяд, ки дар фаъолияти худ аз имконоти фанновариҳои нави иттилоотӣ истифода мекунад. Дар ин робита, дар гузориши СММ «Ҳукумати электронӣ дар чорроҳа» таъкид шудааст, ки ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ маънои онро надорад, ки технологияҳои нави иттилоотӣ дар оянда хизматчиёни давлатиро иваз мекунанд[4,с.423]. Маънои он дар он аст, ки тамоми фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ чӣ дар фаъолияти дохилӣ ва чӣ дар муомила бо шаҳрвандон бояд ба низоми пурқувват, самаранок ва бехатари электронӣ асос ёбад. Ин барои он зарур аст, ки махзани маълумотҳои мақомоти иҷроияи сатҳи гуногун ба ҳам мувофиқ бошад ва имкони мубодилаи иттилоот дошта бошад ва барои роҳати шаҳрвандон чунин хадамот дар назар дошта мешавад, ки дар он онҳо бе тарки макони худ, ба худ ҷалб карда тавонанд. Агар дар бораи соҳаи харидҳои давлатӣ сухан ронем, пас онҳо бояд тавассути савдои кушоди электронӣ анҷом дода шаванд. Ҳамин тариқ, ҳукумати электронӣ дар ҷанбаҳои зерин муаррифӣ мешавад[2, с.137-138]:

- ҳамчун воситаи таъмини давлат бо дурнамои таърихӣ ва сатҳи зарурии рақобатпазирӣ дар байни институтҳои ҷомеа дар асри иттилоот;
- ҳамчун намунаи фаъолияти давлат дар шароити «иқтисоди нав» ва омили ташаккули «иқтисоди нав»;
- ҳамчун воситаи дастгирии ягонагии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, маъмурӣ ва шаҳрвандии кишвар ва воситаи таъмини ягонагӣ ва муттасилии идоракунии давлатӣ;
- хамчун маданияти нави ташкилӣ-идоракунии дастгоҳи давлатӣ;
- ҳамчун воситаи таҷдиди низоми идораи давлатӣ ва усули рафъи “фосилаи иттилоотӣ” байни сатҳҳо ва шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, воситаи таъмини чандирӣ ва мутобиқшавии системаи идоракунии давлатӣ.

Маълум аст, ки мафҳуми ҳукумати электронӣ бисёрҷанба аст, зеро татбиқи он, пеш аз ҳама, бо тағйироти сохторӣ дар системаи идоракунии давлатӣ, яъне бо тағир додани ҳаҷм, хусусият ва тамаркузи вазифаҳои ҳокимияти иҷроия алоқаманд аст[9, с.78-87]. Чунин ба назар мерасад, ки консепсияи муосири истифодаи тамоми имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроия ниёз дорад, ки ба табиати мураккаби раванди ҷорӣ намудани ин гуна технологияҳо ба системаи идоракунии давлатӣ пурра ҷавобгӯ бошад. Ин пеш аз ҳама ба таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ-техникӣ дар робита ба татбиқи иқтидори идоракунии технологияҳои ба истилоҳ нави «абрӣ» дар системаи хизмати давлатӣ дахл дорад. Дар зери фишори ҷомеа дастгоҳи давлатӣ дар низоми сиёсии демократӣ бояд ташкилоти ҷамъиятие бошад, ки барои муколама бо оммаи мардум кушода бошад[5, с.101].

Чунин рафтори маҷбурии ҷамъиятӣ дар давлати демократӣ танҳо нақши бузургро дар идоракунии давлатӣ ба таъминоти иттилоотии он вогузор мекунад, ки робитаи ҳокимиятро бо ҷомеа муқаррар мекунад. Маҳз барқарор намудан ва нигоҳ доштани чунин робита яке аз самтҳои асосии кори тамоми системаи идоракунӣ дар давлати демократӣ мебошад, ки ба талаботи шаффофият ва ошкорбаёнии идоракунии давлатӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо вуҷуди ин, ҷомеаи иттилоотӣ як демократияи комилан дигар аз механизми анъанавии он аст. Мутаносибан, ин як сатҳи дигари таъмини иттилоотии қабули қарорҳо дар системаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар навбати худ муҳаққиқ

В.И. Сарафанов қайд мекунад, ки дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ шумораи корбарони беназорати технологияҳои пешрафта, ки қодир ба амали ба истилоҳ «коммуникатсия-назорат»-ро доранд, пайваста меафзояд. Бо дарназардошти ин, як навъ «демократияи параллелӣ» ба вуҷуд меояд, ки танҳо тавассути дастгирии иттилоотию коммуникатсионӣ мустаҳкам мегардад. Мутаносибан, ин чолишҳои бевоситаи ҳокимияти давлатӣ ва асоси бечуну чаро барои баланд бардоштани сатҳи бахшҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти дастгоҳи идоракунии давлатӣ мебошад, зеро дар акси ҳол дастгоҳи давлатӣ рақобатро бо сохторҳои идоракунӣ аз даст медиҳад.

Соният, консепсия бояд ба эҷоди механизмҳои ислоҳи стратегияи умумии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ мусоидат намояд. Дар навбати худ, консепсия бояд механизмҳои муосири банақшагирии молиявиро дар робита ба татбиқи иқтидори идоракунии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла ташкили хариди давлатӣ пешбинӣ намояд. Дар асоси таҳлили фаъолияти қонунгузорӣ, қонунгузории амалкунанда ва таҳқиқоти илмӣ оид ба мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии «ҳукумати электронӣ» мафҳуми зерин пешниҳод карда мешавад: «ҳукумати электронӣ» системаи институтҳои маъмурию ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам амалкунанда ( шаклу усулҳои идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоракунӣ, расмиёти маъмурӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ, регламентҳои электронии маъмурӣ, иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва хизматрасонии давлатӣ), ки қисми механизми умумии танзими маъмурию ҳуқуқӣ мебошанд ва ҳамкории электронӣ дар доираи системаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва ҳам ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо дар соҳаи хизматрасониҳои давлатӣ мебошад.

Хусусиятҳои ин низом бояд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи мураттаб ва тасдиқ карда шаванд, инчунин дар принсипҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти иҷроия, мақомоти он, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ инъикос ёбанд. Мафҳуми «ҳукумати электронӣ»-ро бидуни дахл накардан ба масъалаи хусусиятҳои хоси он пурра баррасӣ кардан мумкин нест. Аз ҷониби муҳаққиқон аломатҳои "ҳукумати электронӣ" чунин муайян карда шудаанд:

- кам шудани доираи салоҳияти маъмурӣ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва хизматрасонии давлатӣ, паст шудани нақши омили субъективии кадрҳо дар раванди таҳия ва қабули санадҳои (қарорҳои) маъмурӣ;
- пурзӯр намудани амали принсипи самаранокӣ дар таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ тавассути истифодаи захираҳои электронии иттилоотӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии меъёрҳои маъмурӣ;
- ташаккул додани сатҳи дахлдори шаффофият дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ бо роҳи ба таври автоматӣ огоҳ намудани хизматрасониҳо ё мақоми назораткунанда дар бораи чараёни татбиқи онҳо, инчунин ташкили низоми ягонаи мониторинг дар раванди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар муассисаҳои давлатӣ (ҳамчун шарти муҳимтарини самаранокии танзими маъмурию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ);
- ба таври назаррас коҳиш додани ҷараёни кори коғазӣ ва гузаштан ба ҷараёни электронии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим;
- таъсиси механизми ҳуқуқии ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори мақомоти иҷроия барои риояи номатлуби талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқи ҳангоми иҷрои расмиёти муайяни маъмурӣ ва амалҳои маъмурӣ бо истифодаи назорати автоматии амали онҳо[15, с.46-53].

Унсурҳои сохтории ҳукумати электронӣ инҳоянд:

а) тартиби иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ; ваколатҳои мақомоти давлатӣ оид ба таъмини ҳамкории иттилоотии байни онҳо ва ҳам ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо ҳангоми татбиқи субъекти ҳуқуқии маъмурии онҳо; низоми ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти вебсайтҳои расмии мақомоти давлатӣ; таъмини дастраси маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ; фардикунонии ҳамкорӣ барои кор бо маълумоти шахсӣ;

б) ҳамкории электронии байниидоравӣ, таъмини фаъолияти самараноки системаҳои иттилоотӣ, ки ҷузъи ҳукумати электронӣ мебошанд;

в) захираҳои иттилоотӣ (маълумотҳои электронӣ, таснифҳо, маълумотномаҳо, реестрҳо);

г) кафолати амнияти иттилоотии ҳукумати электронӣ (аз ҷумла имзои электронӣ). Дар мавриди охирин унсури сохторӣ сухан ронда, бояд қайд намуд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти маъмурии мақомоти иҷроия ба ташаккули анвоъи зиёди таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ мусоидат намуд, ки номгӯи онҳо мунтазам васеъ мегардад. Вобаста ба ин, масъалаи тадқиқот ва таҳлили илмии он тезу тунд гардида, зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқии таъмини амният дар ин самт ба миён меояд [7, с.118-120].

Мафҳуми ҳукумати электронӣ ба мо имкон медиҳад, ки вазифаҳои зеринро ҷудо кунем, ки ба талаботи шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ ба мубодилаи иттилоот, назорат ва ғайра ҷавобгӯ бошанд.

1. Вазифаҳои иҷозатдиҳӣ (аккредитатсия, аттестатия, бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ, ҳамоҳангсозии қабули қарорҳои инфиродӣ бо дигар мақомоти иҷроия, баҳисобгирӣ ва ғ.).

2. Вазифаҳои назоратӣ (баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ).

3. Функсияҳои меъёрӣ (таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои гуногуни иттилоотии мақсаднок, инчунин ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо бо дигар мақомоти иҷроия).

4. Функсияҳо оид ба додани ваколатҳо (ба маркази бисёрфунксионалии хизматрасонии давлатӣ  додани ваколатҳо).

5. Функсияҳои бозгашт (хабардиҳӣ, ҷамъбасти амалияи татбиқи ҳуқуқ, тавзеҳот ва ғ.)

6. Функсияҳои таъмини гардиши ҳуҷҷатҳо.

7. Функсияҳо барои омӯзиш.

8. Мониторинг (мониторинги дохилии сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва мунисипалӣ, ки аз ҷониби мақомоти иҷроия амалӣ карда мешавад).

9. Вазифаҳои пешгӯӣ ва банақшагирӣ[14, с.172-173].

Асоси ҳукумати электрониро маҳз тавассути меъёрҳои маъмурӣ ташкил медиҳад, зеро онҳо манфиатҳои ҷамъиятиро таъмин намуда, дар системаи танзими муносибатҳои идоракунӣ принсипи ташкилкунанда мебошанд. Аз ин лиҳоз, баррасии заминаи ҳуқуқии ташаккул ва фаъолияти он мантиқӣ ва мувофиқ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ ҳукумати электронӣ дар шароити муосир ягона роҳи таъмини самараноки идоракунии давлатӣ ва аз байн бурдани фасоди идорӣ мебошад. Дар баробари ин сабаби аз байнрави бюрократияи дағал дар сохторҳои идоракунии давлатӣ мешавад.

**Адабиёт**

1. Авакова Э.Б. Социологический анализ образования как системы формирования интеллектуального капитала в информационном обществе // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. – № 2 – 2019.

2. Административное право / Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов. – М.: Норма:Инфра-М, 2010.
3. Амелин Р.В. Модернизация российского права : теоретико-информационный аспект : дис. … д-ра юрид. наук. – Краснодар, 2006.
4. Амелин Р.В. Правовые аспекты разработки и применения автоматизированных информационных систем в государственном и муниципальном управлении : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2010.
5. Бачило И.Л. Информационное право: учебник для магистров. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2012.
6. Буринов М.А. Электронное правительство как фактор совершенствования регионального управления в условиях информационного общества // Государственная власть и местное самоуправление. – 2013. – № 3.
7. Информационное общество: правовые вопросы социальных и демократических процессов в условиях использования информационных технологий (ежегодный теоретический семинар) // Государство и право. – 2011. – № 8.
8. Ковалева Н.Н. Административно-правовое регулирование использования информационных технологий в государственном управлении: автореф. дис. … доктора юрид. наук. Саратов, 2014.
9. Ковалева Н.Н. Государственное управление в информационной сфере // Государство и право. – 2013. – № 2.
10. Сафаров Б.С. Механизмҳои технологии легитимигардонии институтҳои ҳокимияти давлатӣ // Идоракунии давлатӣ.-2021.-№3(52)
11. Старилов Ю.Н. Конституцию – в жизнь! (Видны ли горизонты «реализации» Конституции России в области административного права?) / Вестник Воронежского государственного университета: серия Право. – Воронеж, 2013. – № 2(15).
12. Ступников О.А. Административная процедура размещения заказов: проблемы теории и практики: дис….канд. юрид. наук. – Воронеж, 2011.
13. Стырин Е.М. Международный опыт использования государственно-частного партнерства для реализации проектов электронного правительства. М.: Изд. дом Гос.ун-та— Высшей школы экономики, 2010.
14. Стырин Е.М. Электронное правительство: взаимодействие государственного и частного секторов. Российско-французский семинар // Вопросы государственного и муниципального управления. 2010. – №.4.
15. Терещенко Л.К. Доступ к информации: правовые гарантии // Журнал российского права. 2010. – № 10.
16. Федосеева Н.Н., Чайковская М.А. Понятие и сущность концепции электронного государства // Российская юстиция. – 2011. – № 11.

# ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ И ВНЕДРЕНИЯ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

**САФАРОВ БОБОДЖОН САФАРОВИЧ,**
ассистент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при Президента Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 949-49-49-64. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*В данной статье рассмотрен вопрос об основах формирования и реализации электронного правительства. В частности, путь формирования электронного правительства, по мнению автора, заключается в отказе от традиционных методов управления и обращении к*

*модернистским ценностям. Потому что в новых условиях государственного управления большинство стран первого мира обратились к электронному правительству. Причиной такого развития является эффективность электронного правительства. При этом автор отмечает, что можно организовать систему показателей качества государственного управления и оценить мотивацию деятельности электронных государственных структур по результатам регулярного мониторинга. В современных условиях большое значение имеет общественная оценка эффективности электронного правительства, отражающая степень удовлетворения интересов и потребностей отдельных граждан и всего общества. Выступая в качестве основного социального института, государство пытается реагировать на изменения, происходящие в обществе, и, реализуя собственные изменения, пытается создать структуру электронного правительства, направленную на удовлетворение потребностей граждан. В ходе таких изменений органы исполнительной власти стараются сократить многие свои действия и процедуры, требующие непосредственного участия граждан, наряду с внедрением различных технических решений, унифицирующих информационные системы органа государственной власти и позволяющих им работать совместно. , чтобы подключить В условиях электронного правительства массы людей могут добиться больших результатов с небольшими затратами времени и денег. В одном случае, по мнению автора, возможно формирование электронного правительства, это обращение к информационным ценностям и предоставление быстрого интернета для управления.*

***Ключевые слова:*** *электронное правительство, информация, информационные ресурсы, информационные технологии, информационная безопасность, информационные технологии, связь, эффективность управления, ветви власти, государственное управление, демократические ценности, имидж государственного служащего.*

# BASIS FOR THE FORMATION AND IMPLEMENTATION OF E-GOVERNMENT

**SAFAROV BOBOJON SAFAROVICH,**
Assistant of the Deportment of Human Resource Management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, str.
Phone: (+992) 949-49-49-64. E-mail: Safarov.b__94@mail.ru

*This article discusses the issue of the basics of the formation and implementation of e-government. In particular, the way to form e-government, according to the author, is to abandon traditional management methods and turn to modernist values. Because in the new conditions of public administration, most of the first world countries have turned to e-government. The reason for this development is the effectiveness of e-government. At the same time, the author notes that it is possible to organize a system of indicators of the quality of public administration and evaluate the motivation for the activities of electronic government agencies based on the results of regular monitoring. In modern conditions, the public assessment of the effectiveness of e-government, which reflects the degree of satisfaction of the interests and needs of individual citizens and the whole society, is of great importance. Acting as the main social institution, the state is trying to respond to the changes taking place in society, and, implementing its own changes, is trying to create an e-government structure aimed at meeting the needs of citizens. In the course of such changes, executive authorities are trying to reduce many of their actions and procedures that require the direct participation of citizens, along with the introduction of various technical solutions that unify the information systems of a public authority and allow them to work together. to connect In an e-government environment, masses of people can achieve great results with little investment of time and money. In one case, according to the author, it is possible to form an electronic government, this is an appeal to information values and the provision of a fast Internet for management.*

***Key words:*** *e-government, information, information resources, information technology, information security, information technology, communication, management efficiency, branches of government, public administration, democratic values, public servant image.*

УДК: 331.1

# РАВИШИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ КАДРӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРВАНДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАЧАМАРДОВ АБУБАКР НАЗРИШОЕВИЧ**,
аспиранти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идоракунии сиёсии
Институти илмҳои ҷамъиятии
Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия.
119571, Федератсияи Россия, ш. Москва, хиёбони Вернадский, 82.
Тел.: (+7 ) 996-136-50-98. E-mail: abubakr.did@gmail.com

*Ташаккули хизмати давлатӣ ҳамчун институти сиёсӣ дар форматсияи навин ба тағйироти миқдорӣ ва сифатии ҳайати кадрҳо таъсири бевосита гузошта, қоидаву технологияҳои нав барои хостагирӣ, такмили ихтисос ва болоравии мансабӣ ба кор бурда мешавад. Технологияҳои муосири кадрӣ рӯз то рӯз ҳамчун воситаи баландсифат ва муассири давлат дар самти навсозии хизмати давлатӣ баррасӣ мешаванд.*

*Маълум аст, ки хизмати давлатӣ дар таъмини рушди давлату давлатдорӣ ва фароҳам овардани фазои устувори иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа нақши муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, ислоҳоти идораи давлатӣ ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар кишварҳои дигари пасошӯравӣ яке аз афзалиятҳои муҳимми рушди низомнок ба шумор меравад.*

*Идоракунии давлатӣ бо сиёсати кадрҳо зич алоқаманд буда, як соҳаи хеле муҳим ва стратегии хизмати давлатиро фаро мегирад. Нақши асосиро дар идоракунии ҳар як давлат сиёсати кадрии давлат бо равиши назариявии ба худ хос мебозад.*

*Муаллиф дар асоси сарчашмаҳои гуногун моҳияти сиёсати кадриро дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ таҳлил намуда, ҷиҳатҳои назариявии ин мавзуро баррасӣ намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати кадрӣ, низом, хизмати давлатӣ, идораи давлатӣ, консепсия, ҳизб, стратегия;*

Давлат ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ сиёсати худро дар самтҳои гуногун амалӣ месозад. Бақои давлатдорӣ низ аз татбиқи босамари сиёсати давлатӣ маншаъ мегирад. Сиёсати давлатӣ ин нақши фаъоли субъектҳои сиёсӣ ва маъмурӣ ҳангоми ташаккул ва амалигардонии идораи давлат ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатӣ ҳадафҳоро барои идоракунии давлат муайян намуда, самти онро бо маҷмӯи тадбирандешӣ ва чорабиниҳо мушаххас менамояд. Яке аз муҳимтарин унсури сиёсӣ ва идоракунӣ раванди кор бо кадрҳо маҳсуб гардида, тибқи корбурди назариявӣ ва амалӣ бо номи сиёсати кадрӣ маъмул гардидааст. Сиёсати кадрӣ аз рӯи таъиноти худ падидаи муҳимми иҷтимоист. Барои муваффақона татбиқ намудани он дар ҳаёти ҷамъиятӣ пеш аз ҳама ба асоснокунии назариявии он таваҷҷуҳ мешавад. Амалияи дилхоҳ раванд, падида ва ниҳодҳои гуногун бо донишҳои назариявӣ тафсир гардида, барои маърифати илмии онҳо замина мегузорад. Маърифати илмӣ бидуни донишҳои назариявӣ ғайриимкон мегардад. Аз ин лиҳоз, барои таҳқиқи илмии сиёсати кадрӣ дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ арзёбии назариявии он ногузир аст. Ба андешаи Разоққов Б.Ҳ. марҳилае фаро расидааст, ки ниёзро ба такмили минбаъдаи унсурҳои давлатдорӣ, таҷҳизи фаҳмишҳо, бознигарии қолабҳои солҳо шаклгирифта ошкор мебояд [8, с.22]. Сиёсати кадрӣ дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи сиёсӣ ва маъмурӣ баъди дастёб шудан ба истиқлоли давлатӣ мавриди амал қарор гирифт. Истиқлоли давлатӣ замина фароҳам овард, ки сиёсати кадрии миллӣ ва мустақил рӯи кор омад. Даврони Шӯравӣ ин сиёсат аз ҷониби номенклатураи ҳизбӣ ба таври махфӣ ё пӯшида тарҳрезӣ ва амалӣ мегардид. Дар сатҳи давлатӣ сиёсати кадрӣ ташаккул наёфта буд. Дар шароити навин ва тағйирёбандаи ҷомеа ин ҳолат ба куллӣ иваз гардид. Масъалаи сиёсати кадрӣ миёни илмҳои сиёсӣ, ҳуқуқ, сотсиология, таърих, менеҷмент ва иқтисод хелле рӯзмарра ва муҳим гардид. Масъалаи методологии

таносуби сиёсати кадрӣ ва дигар намудҳои сиёсати давлатӣ аҳамияти илмӣ дорад. Баҳс байни намояндагони мактабҳои гуногуни илмӣ дар бораи он меравад, ки оё сиёсати давлатии кадрҳо намуди алоҳида ва мустақили сиёсати давлатӣ (дар баробари намудҳои иттилоотӣ, миллӣ, ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҷавонон, экологӣ) аст ё сиёсати давлатии кадрҳо фаъолияти давлат оид ба таъмини самтҳои мазкур бо захираҳои инсонӣ мебошад [5, с.115]. Бинобар ин зарур мешавад, ки барои посух ҷустан ба ин дидгоҳи соҳибназарон моҳият ва мафҳуми ин унсури давлатиро шарҳ дод. Сиёсати кадрӣ мафҳуми ягона ва умумиэътирофшуда надорад. Новобаста аз оне, ки дар баъзе санадҳо шарҳи расмӣ дорад, аммо дар фарҳангномаҳо ва таҳқиқоти олимон назарҳои гуногун мавҷуд аст. Зимни ҷустуҷӯ дар Донишномаи сиёсӣ ду тарзи мафҳуми “сиёсати кадрӣ” шарҳ ёфтааст. Тибқи шарҳи якум, сиёсати кадрӣ - ин стратегияи гуногунсамти кор бо ҳайат, ки усул ва моделҳои гуногуни кор бо кадрҳоро фаро мегирад. Ҳадафи он таъсиси ҳайати устувор, масъулиятнок ва сермаҳсул, ки ба талаботи тағйирёбандаи муҳити беруна ба таври кофӣ лаёқати мутобиқшавӣ дошта бошанд. Дар тафсири дуюм, сиёсати кадрӣ ҳамчун раванди умумӣ ва самтҳои асосии тайёркунии кадрҳои давлатӣ, ҳарбӣ, хоҷагидорӣ ва ғ. махсуб мегардад. Бо маълумоти пешгӯишаванда эҳтиёҷоти микдорӣ ва сифатии кадрҳоро дар асоси ҳолат ва дурнамои тараққиёти ҷомеа ва таҳаввулоти технологӣ муайян мекунад[6]. Аз ин мафҳумҳо бармеояд, ки сиёсати кадрӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои муайянест, ки бо тағйиротҳои ҷомеаи муосир иқтидорҳои кадрииро мутобиқ намуда, дар ин миён босуботӣ, салоҳиятмандӣ ва натиҷабахшии кадрҳоро ба инобат бояд гирифт. Зарурати чунин баррасӣ аз он сабаб мебошад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва муҳити ҷомеаи навин ҳамеша тағйироти рӯзмарра ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, сиёсати кадрӣ бо тағйироти замон падидаҳои навро соҳиб гардида, аз лиҳози назариявӣ низ тағйир меёбад. Профессор А.И. Турчинов мафҳуми сиёсати кадриро ба ду тарз маънидод мекунад. Дар маънои васеъ – ин “фаъолият ва низоми муносибатҳои субъекти идоракунӣ нисбати кадрҳо ва иқтидори кадрӣ мебошад. Дар маънои маҳдуд ин –“ фаъолият ва низоми муносибатҳои субъекти идоракунӣ нисбати кадрҳо оид ба нигоҳдории ҳокимият ва мубориза барои ҳокимият мебошад” [10, с.45]. Чунин андеша ба воқеияти иҷтимоӣ ва низоми сиёсӣ вобастагии зич дорад. Яке аз ченакҳои асосии мубориза байни субъектҳои сиёсӣ ин мавқеъгирии санҷидашудаи онҳо нисбати кадрҳо мебошад. Дар масъалаи нигаҳдории ҳокимият элитаи ҳукумрон кӯшиш менамояд то сиёсати кадрие мавҷуд бошад, ки хизматчиёни давлатӣ новобаста аз фаъолияти касбӣ ба принсипи давлатдории элитаи ҳукумрон, сиёсати ҳукумат ва роҳбари давлат ҳамеша садоқатмандона муносибат намоянд. Субъектҳои идоракунии сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар гурӯҳҳои сиёсӣ зимни муборизаи сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимият аз сиёсати кадрӣ ҳамеша кор мегиранд. Дар барномаҳои пешазинтихоботии худ мардумро ба он боварманд менамоянд, ки дар сурати соҳиб гардидани ҳокимият корпуси кадриро ба интизориҳо ва талаботи мардум мутобиқ мегардонанд. Лаврентьев С.Н. оид ба нақши ҳизби сиёсӣ дар равандҳои кадрӣ чунин меҳисобад, ки: “дар амалияи сиёсӣ чунин қолабе шакл гирифтааст, ки иштирокии ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ фақат хоси низоми сиёсии шӯравӣ арзёбӣ мегардад... Ҳамзамон, таҷрибаи воқеии сиёсии ҷаҳон тасдиқ мекунад, ки ҳизбҳо дар равандҳои кадрӣ бешубҳа иштирок менамоянд. Чи хеле ки маълум аст, дар шароити ҷумҳриҳои парламентӣ (Италия, Германия, Юнон, Исроил ва ғ.) ҳукумат аз ҳисоби вакилони ҳизбе, ки аксарияти овозҳоро дар парламент соҳиб гардидааст, ташкил мегардад. То замоне, ки ҳукумат аз пуштибонии аксарияти парламент бархурдор аст, дар ҳокимият мемонад. Дар сурати изҳори нобоварии аксарияти парламент ҳукумат ё ба истеъфо меравад, ё ин ки тавассути сардори давлат

парламент пароканда гардида, интихоботи нав таъин мегардад [2]. Аз ин нуқтаи назар сиёсати кадрӣ зимни нигоҳдории қудрат ва мубориза барои ҳокимият баръало ба назар мерасад.

Лозим ба зикр аст, ки сиёсати кадрӣ аз дигар намудҳои сиёсати давлатӣ бо мавзӯи худ фарқ мекунад. Мафҳуми сиёсати кадрӣ аз рӯйи мазмун нисбат ба мафҳуми "сиёсати давлатии кадрҳо", ки дар он фақат давлат чун субъект баромад мекунад, васеътар аст. Сиёсати кадрӣ дар таркиби дигар ниҳодҳо: сохторҳои тиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, коллективҳои меҳнатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳо низ дохил мешаванд.

Агар ба мавзӯи сиёсати кадрӣ дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ намоем ин пеш аз ҳама сиёсати давлатии кадрҳоро инъикос менамояд. В.В. Черепанов сиёсати давлатии кадриро ба маънои васеъ ва маҳдуд ҷудо намудааст. "Дар маънои васеъ зери мафҳуми сиёсати давлатии кадрӣ низоми мақсад, вазифа, афзалият ва принсипҳои расман эътирофгардидаи фаъолияти давлат оид ба танзими ҳамаи равандҳо ва муносибатҳои кадрӣ дар мамлакат фаҳмида мешавад. Дар маънои маҳдуд мафҳуми сиёсати давлатии кадрӣ-ин ифодаи стратегияи давлат оид ба ташаккул, рушди касбӣ ва талабот ба иқтидори кадрии кишвар дониста мешавад. Ин илм ва санъати танзими равандҳо ва муносибатҳои кадрӣ дар ҷомеа мебошад [11, с.316]. Муаллиф сиёсати давлатии кадрҳоро бо нақши меҳварии давлат дар танзими равандҳои кадрӣ баррасӣ намудааст. Нишондиҳандаи раванди кадриро метавон тағйироти теъдоди вазифавӣ, сохтори ташкилию штатӣ, тавсифи иҷтимоии кадрҳо, монанди синну сол, ҷинс, таркиби миллӣ, сатҳ ва соҳаи маълумот, собиқаи кор, тахассус, мақомоти иҷтимоӣ ва ғайраро кадрҳо номид. Ба ин маънӣ, ба нишондиҳандаҳои алоқамандии раванди кадрӣ аз кор рафтани кадрҳо, куҳансол шудани кадрҳо, сатҳи интизоми меҳнат, натиҷаи имтиҳонҳои тахассусӣ ва ғайраро бояд дохил кард [3, с.51].

Ба андешаи Мирзозода И.Х. сиёсати давлатии кадрӣ, пеш аз ҳама маънои стратегияеро дорад, ки дар маҷмӯъ на танҳо бо мақомоти давлатӣ, балки бо татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, манфиатҳои миллӣ, мақсадҳои миллӣ ва монанди инҳо алоқаманд аст[4, с.73]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ чунин қайд намуданд, ки сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ба таъмини самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ нигаронида шудааст [7].

Дар адабиёти илмие, ки ба таҳлили масоили таъминоти кадрӣ бахшида шудаанд, аксаран таҳти мазмуни сиёсати кадрӣ дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ роҳи бардавом ва фаъолияти мунтазами давлатро оид ба ташаккули корпуси босамари хизматчиёни давлатӣ, хостагирӣ, тайёркунӣ, истифодаи оқилонаи онҳо бо назардошти ҳолат ва дурнамои рушди ҷомеа, ояндабинии талаботи миқдорию сифатӣ ба нерӯи хизматчиёни давлатӣ, фаҳмида мешавад. Дар таҷрибаи давлатдории бисёр кишварҳо ба сиёсати давлатии кадрҳо муносибати консептуалӣ намуда, консепсияи махсус қабул менамоянд. Консепсия ин маҷмӯи ғояҳои тасдиқшуда ва илман тарҳрезишуда мебошад. Тибқи он коршиносони соҳа вазъи таъминоти кадрии давлатро арзёбӣ намуда, вазифа, мақсад ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатро оид ба масоили кадрӣ бо назардошти манфиатҳои рӯзмарраи ҷомеа дар консепсия дарҷ менамоянд. Консепсия ҷанбаи методологӣ дошта, дар асоси он барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рушд ва тавсеаи идоракунии захираҳои инсонӣ ва такмили иқтидори кадрӣ дар мамлакат, қабул мегардад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №582 тасдиқ гардидааст. Дар Консепсияи

мазкур мафҳуми “сиёсати кадрҳо” ва “сиёсати давлатии кадрҳо” дар алоҳидагӣ шарҳ дода шудааст. “Сиёсати кадрҳо - низоми тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, ки татбиқи онҳо барои таъмини масъалаҳои интихоб, қабул, ҷобаҷогузорӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва истифодаи кадрҳо имкон медиҳад. Сиёсати давлатии кадрҳо - фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар самти таъсиси низоми яклухти ташаккул ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтидори кадрҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки ба ҳалли самараноки вазифаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигаронида шудааст. Сиёсати давлатии кадрҳо ҷузъи таркибии сиёсати миллӣ буда, ҳамчун фишанги пуриқтидори таъсиррасон ба ҳама соҳаҳои ҳаёти давлат хизмат менамояд[1]. Мавриди қайд аст, ки то қабули консепсияи болозикр заминаҳои назариявӣ ва консептуалии сиёсати давлатии кадрҳо дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ бо якчанд ҳуҷҷатҳои давлатӣ ба таври ҷузъӣ инъикос гардида буд. Хусусияти фарқкунандаи Консепсияи мазкур дар он аст, ки сиёсати давлатии кадрҳоро дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба таври ниҳодина (институтсионалӣ) ва низомнок дар бар мегирад. Қабули ин санад сиёсати давлатии кадриро ҳамчун институти мустақили идораи давлат муаррифӣ намуд. Яке аз санадҳои муҳимми стратегӣ ва ислоҳотӣ дар давлатдории навини Тоҷикистон ин Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713 тасдиқ шудааст. Аз мазмун ва дурнамои санади мазкур маълум мегардад, ки такмили сиёсати кадрӣ дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ва афзалиятноки ислоҳот муқаррар шудааст. Гузашта аз ин, шарҳу эзоҳи мафҳумҳо низ дар он сурат гирифта, Замимаи 2-и Стратегияи мазкур тафсири мафҳумҳои асосиро фаро мегирад. Барои муқоиса ба ҷустуҷӯи мафҳуми “сиёсати кадрӣ ” таваҷҷӯҳ гардид, аммо дар ин санад ба ҷойи он мафҳуми “идоракунии захираҳои инсонӣ” дарҷ гардидааст. Мувофиқан, идоракунии захираҳои инсонӣ - фаъолияти субъектҳои татбиқи сиёсати кадрӣ (мақомоти идоракунӣ, маъмуриятҳо, роҳбарон, кормандони хадамоти соҳаи кадр) дар соҳаи идоракунии кормандон мебошад. Он ба ҷустуҷӯ, арзёби, интихоб, инкишофи касбии кормандон, асосноксозӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба иҷрои вазифаҳое, ки дар назди мақомоти давлатӣ вогузошта, нигаронида шудааст [9]. Дар ин ҷо субъекти идоракунии захираҳои инсонӣ на ин ки давлат, балки дигар субъектҳои хоҷагидор низ ишора гардидааст. Амалан “идоракунии захираҳои инсонӣ” ва “сиёсати давлатии кадрӣ” дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ алоқамандии зич дошта, тариқи занҷиравӣ якдигарро пура менамоянд. Дар ин ҷо ду унсури асосии давлатдорӣ, яъне идоракунӣ ва сиёсат дар ҳамоҳангӣ қарор мегиранд. Коршиноси соҳаи хизмати давлатӣ Эргашева Ф.Ф. зимни таҳқиқи идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ аз равандҳое ишора намуданд, ки самтгирии онҳо тавассути сиёсати давлатии кадрҳо муайян мешавад. Муаллиф чунин нигоштааст, ки: “Раванди идоракунии захираҳои инсонӣ як қатор технологияҳои кадрӣ ва чорабиниҳоро дар бар мегирад: ҷалб кардан (банақшагирии кадрҳо, интихоб, ҷобаҷогузории кормандон, иҷтимоишавӣ), рушд (таҳсил ва болоравии мансабӣ), иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (нақшагирии фаъолият, ҳавасмандкунӣ, баҳодиҳии фаъолият ва идоракунии музди меҳнат), таъминот (муносибатҳои меҳнатӣ, интизоми хизматчии давлатӣ, дида баромадани арзу шикоятҳо, таъминоти иҷтимоӣ ва аз кор озод кардан)” [12, с.29].

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки сиёсати кадрӣ дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ ин фаъолияти мақомоти давлатӣ,

роҳбарони онҳо ва кормандони зерсохторҳои кадрӣ баҳри ҷалб, истифодаи оқилона ва баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳоро дар мансабҳои хизмати давлатӣ, фароҳам овардани шароит барои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро дар назар дорад. Асоси онро иҷрои босифати ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти пурсамари мақомоти давлатӣ ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, мавзӯи баррасишуда стратегияи кадриро дар назар дорад, ки фарогири ҷустуҷӯ, интихоб, баҳодиҳӣ, такмили ихтисос, ҳавасмандгардонии фаъолияти самараноки хизматчиёни шаҳрвандӣ мебошад, ки мақсади он иҷрои самараноки функсияҳои мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, №582 [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=15507&language=tj (Санаи муроҷиат: 20.06.2022)
2. Лаврентьев С.Н. Партия как субъект кадровой политики: теоретико-методологические основы // Социология власти. 2011. №7. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/partiya-kak-subekt-kadrovoy-politiki-teoretiko-metodologicheskie-osnovy (Санаи муроҷиат: 16.06.2022).
3. Латыпов Р.Ф. Государственная кадровая политика в постсоветской России: политические функции, модели, воздействие на эффективность политической власти и управления: дис. д-ра полит. наук [Текст] /Р. Ф. Латыпов. – М.: РАГС, 2010. –473 с.
4. Мирзозода, И.Х. Ташаккули сиёсати кадрӣ дар низоми идоракунии / И. Х. Мирзозода // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. – 2021. – № 4(76). – С. 72-82.
5. Нуриддин П.Р. Политика, государство и кадры как категории научного исследования: теоретические аспекты темы // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему: «Проблемы и пути укрепления и совершенствования независимости Таджикистана» (12 мая 2021 г.) –Душанбе, 2021– 300 с.
6. Политическая энциклопедия [Электронный ресурс] Режим доступа: https://politike.ru/termin/politika-kadrovaja.html (дата обращения: 29.03.2022).
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Оли Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Парламенту аз 15.04.2008 [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ http://www.president.tj/ru/node/867 (Санаи муроҷиат 18.06.2022)
8. Раззоков, Б. Х. Некоторые актуальные вопросы развития таджикской национальной государственности / Б. Х. Раззоков, А. Е. Комилбек // Укрепление национальной государственности Таджикистана в годы независимости: материалы республиканской научно-теоретической конференции, 21–24 апреля 2021 года. – Душанбе:, 2021. - 429 с.
9. Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти 2006, № 1713 [Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: http:http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=4327&language=tj (Санаи муроҷиат: 20.06.2022)
10. Турчинов А.И. Кадровая политика как социальное явление // Управление персоналом: учебник. М., Уп РАГС, 2002. -488 с
11. Черепанов В.В. Основы государственной службы и кадровой политики: учебник для студентов / В.В.Черепанов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2010. - 679 с.

12. Эргашева Ф. М., Мухамедова Д.Х. Стандарты управления человеческими ресурсами на государственной службе Таджиикистана. –Душанбе: ООО “Хирадмандон”, 2020. −210 с

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ПОДХОД О КАДРОВОЙ ПОЛИТИКЕ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ГРАЖДАНСКОЙ СЛУЖБЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**БАЧАМАРДОВ АБУБАКР НАЗРИШОЕВИЧ,**
аспирант кафедры политологии и политического менеджмента
Института общественных наук Академии народного хозяйства и
государственной службы Президент Российской Федерации.
119571, Российская Федерация, г. Москва, пр. Вернадского, д. 82.
Тел.: (+7) 961-36-50-98; E-mail: abubakr.did@gmail.com

*Формирование государственной службы как политического института в новой формации оказало непосредственное влияние на количественные и качественные изменения кадрового состава, а также применены новые правила и технологии для подбора персонала, повышения квалификации и продвижения по службе.*

*Изо дня в день современные кадровые технологии рассматриваются как качественный и эффективный инструмент государства, стремящегося модернизировать госслужбу.*

*Общеизвестно, что государственная служба играет важную роль в обеспечении развития государства, государственности и создании стабильной социально-политической и культурной атмосферы общества. В связи с этим реформирование государственного управления как в Республике Таджикистан, так и в других странах постсоветского пространства является одним из важнейших приоритетов системного развития.*

*Государственное управление тесно связано с кадровой политикой и охватывает очень важное и стратегическое направление государственной службы. Главную роль в управлении любым государством играет кадровая политика государства с присущей ей разработанным теоретическом подхода.*

*Основываясь на различных источниках, авторы проанализировали сущность кадровой политики в системе государственной службы и рассмотрели теоретические аспекты данной темы.*

***Ключевые слова:*** *кадровая политика, система, государственная гражданская служба, государственное управление, концепция, партия, стратегия;*

## THEORETICAL APPROACH OF PERSONNEL POLICY IN THE CIVIL SERVICE SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BACHAMARDOV ABUBAKR NAZRISHOEVICH,**
Postgraduate Student, Department of Political Science and Political Management,
Institute of Social Sciences, Academy of National Economy and
Public Administration President of Russian Federation.
119571, Russian Federation, Moscow city, 82, Vernadsky Ave.
Phone: (+7) 961-36-50-98, E-mail: abubakr.did@gmail.com

*The formation of the civil service as a political institution in the new formation had a direct impact on the quantitative and qualitative changes in the personnel, and new rules and technologies were applied for recruitment, advanced training and career advancement.*

*Day after day, modern personnel technologies are considered as a high-quality and effective tool of the state seeking to modernize the civil service.*

*It is well known that the civil service plays an important role in ensuring the development of the state, statehood and creating a stable socio-political and cultural atmosphere in society. In this*

*regard, the reform of public administration both in the Republic of Tajikistan and in other countries of the post-Soviet space is one of the most important priorities for systemic development.*

*Public administration is closely related to personnel policy and covers a very important and strategic area of public service. The main role in the management of any state is played by the personnel policy of the state with its inherent developed theoretical approach.*

*Based on various sources, the authors analyzed the essence of personnel policy in the civil service and considered the theoretical aspects of this topic.*

***Key words:*** *personnel policy, system, civil service, public administration, concept, party, strategy;*

УДК: 327

# ҶАҲОН ДАР ОСТОНАИ БУҲРОНИ ГИДРОПОЛИТИКӢ

**АБДУЛҲАЕВ АБДУЛВОҲИД ИЛҲОМҶОНОВИЧ,**
ассистенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-43-44-74. E-mail: vah1d4344@inbox.ru

*Маврид ба зикр аст, ки дар шароити муосир ҷаҳон дар остони бӯҳрони ҷиддии соҳаи об қарор дорад. Масъалаи камбуди оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар даҳсолаи охир торафт ба мушкилоти зиёд табдил меёбад, ки ҳарчи бештар ба худ таваҷҷуҳи хоси оламиёнро ҷалб карда, қабул ва татбиқи тадбирҳои умумӣ ва таъсирбахшро ногузир гардонида истодааст. Сабаби аслии чунин ҳолати ногувор, пеш аз ҳама, афзоиши аҳолӣ ҷаҳон, пурзӯршавии таъсироти техногунии фаъолияти инсон ба ҳолати экосистемаҳо ва дар паёмад шиддатнок гардидани мушкилоти экологии минтақа ва ҷаҳон, инчунин тағирёбии иқлими сайёра дониста мешавад.*

*Мавиди зикр аст, ки норасоии об барои рушди кишварҳо ва халқҳо дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла ҳифзи саломатӣ, амнияти озуқаворӣ, баробарии гендерӣ, муҳайё сохтани ҷойҳои корӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, маориф, саноат, иқдомҳои сулҳофарӣ ва амсоли инҳо мушкил эҷод менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *об, буҳрон дар соҳои об, камбуди оби нӯшокӣ, захираҳои об, ташаббусҳои байналмилалӣ, геополитикӣ ва геостратегӣ, Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар, покизагӣ ва наҷоти сайёра, обшавии пиряхҳо.*

“Кишвари мо, ҳарчанд ки дар саргаҳи ташаккулёбии захираҳои оби тоза қарор дорад ва соҳиби беш аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ аст, аз масъалаи глобалии танқисии оби тоза худро канор гирифта наметавонад.”

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷаҳон имрӯз дар остони бӯҳрони ҷиддии соҳаи об қарор дорад. Масъалаи камбуди оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар даҳсолаи охир торафт ба мушкилоте табдил меёбад, ки ҳарчи бештар ба худ таваҷҷуҳи хоси оламиёнро ҷалб карда, қабул ва татбиқи тадбирҳои умумӣ ва таъсирбахшро ногузир гардонида истодааст. Сабаби аслии чунин ҳолати ногувор, пеш аз ҳама, афзоиши аҳолии ҷаҳон, пурзӯршавии таъсироти техногунии фаъолияти инсон ба ҳолати экосистемаҳо ва дар паёмад шиддатнок гардидани мушкилоти экологии минтақа ва ҷаҳон, инчунин тағирёбии иқлими сайёра дониста мешавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки имрӯзҳо бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ гардидааст, дар ҳали ин гуна масъалаҳо бетараф буда наметавонад. Зеро мушкилиҳои мазкур имрӯзҳо зиёд гардида симои худро дар шаклҳои гуногун ба вуқуъ овардааст. Омилҳои мазкур ба технологияи муосири муқовимат дар ин самт ниёз дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт муваффақ ва пешсаф аст.

Бояд ёдовар гардид, ки мардуми тоҷик дар ҳама давру замон бо ҳамсоягон дар ҳалқаи дӯстию ҳамкорӣ зиндагӣ карда, ҳунару сабақи ниёгони худро ба онҳо низ ёд медод. Аз ин хотир дар баробари манфияти худ миллати тоҷик манфияти ҳамсоягонро низ ба эътибор мегирад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор дар низоми сиёсии олам ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаҳои геополитикӣ ва геостратегии ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки дар марзҳои он қисмати хеле зиёди захираҳои оби ташаккул ёфтааст.

1 октябри соли 1999 аз минбари Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки раёсати онро Тоҷикистон ба уҳда дошт, баромад намуда истода, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати кулли иштирокчиёни ин Ассамблеяро ба масъалаи болозикр ҷалб намуданд. Сарвари давлати тоҷикон пешниҳод намуданд, ки барои ҳалли ин мушкилӣ чораҳои бетаъхир андешида шавад ва тамоми кишварҳои сайёра дар ҳамдилию ҳамдигарфаҳмӣ баҳри он талош намоянд. "Ҷомеаи ҷаҳонӣ ин пешниҳодҳоро қабул намуд, зеро Ҳукумати Тоҷикистон тавонист, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи муҳими рӯзмарраи инсоният ҷалб намояд" [2].

Тоҷикистон барин кишвари ҷавон, ки дар он замони аввали соҳибистиқлолӣ ба гирдоби тазодҳои дохилӣ гирифтор шуд, ки аллакай дар оғози садаи нав барои ҳалли масоили глобалӣ талош меварзид ва аз ҷумлаи ташаббускорони асосии ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим ба ҳисоб мерафт. Ин гуна фаъолнокӣ ва хушбинии кишвари моро пеш аз ҳама ба хиради азалӣ ва асолати Пешвои муаззими миллат марбут донистан, басо хушоянд аст. Президенти кишвар аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадан ба масъалаҳои эҳёи фарҳанги миллӣ, болобардории нуфузи сиёсии кишвар ва масъалаҳои обу иқлим диққати махсус додаанд. Маҳз тавассутиояндабинии амиқ ва таҳлили илмии масъалаи мазкур Тоҷикистон ташаббусҳои ҷаҳонии худро баҳри ҳифзи неъматҳои инсонӣ пешниҳод намуд. Ин гуна сиёсат агар аз як тараф ба муаррифии Тоҷикистон дар саросари сайёра сабаб гардад, аз тарафи дигар мамлакати моро ҳамчун яке аз асоситарин ташаббускорони ҳалли масъалаи обу иқлим муаррифӣ мекунад.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон, ки қисмати зиёди захираҳои обии минтақа дар ҳудуди он қарор дорад, дар ҳудуди худ мушкилии обро камтар эҳсос мекунад. Новобаста ба ин низ Тоҷикистон ва роҳбари хирадманди аз масъалаҳои муҳими глобалӣ дур нестанд ва мушкилии аҳолии ҷаҳонро мушкилии худ меҳисобанд. Дар ҳақиқат об неъмати бебаҳост. Покиву покизагӣ ва наҷоти сайёра ба об вобаста аст. Мутаассифона давоми солҳои охир масъалаи норасоии оби ошомиданӣ дар қисмати зиёди кишварҳои сайёра эҳсос мешавад. Мушкилии норасоии об тибқи баъзе назарсанҷиҳо зиёда аз 1,5 миллиард аҳолии сайёраро фаро гирифтааст ва боз ҳамин қадари дигар ба мушкилии норасоии оби тозаи ошомиданӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Ҳамасола шумори эҳтиёҷмандон ба об меафзояд ва давоми солҳои охир ҳолати бавуҷудомадаро ҳолати фоҷиавӣ номидан мумкин аст. Ин муаммо аллакай дар даҳсолаи охири қарни гузашта, ҳолати густурдаро ба худ касб намуд ва ҳалли он ба вазифаи муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ  дар чорабинии "Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар" дар доираи Конфронси оби СММ -2023 чунин қайд намуданд: "Итминон дорам, ки кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дар заминаи анъанаҳои созанда ва арзишҳои безаволи Наврӯз бо нерӯи тоза ва нақшаҳои созанда дар роҳи татбиқи Даҳсолаи "Об – барои рушди устувор" ва дигар ҳадафҳои глобалии вобаста ба об саъю кушиш ба харҷ дода, ҳамкориро ба хотири истифодаи оқилонаи захираҳои об, дигар сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист густариш хоҳанд бахшид. Имрӯз мо мизбонии ҳамоиши бузурги таърихӣ – Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028"-ро ба уҳда дорем. Мо ин шарикиро ҳамчун намунаи ҳамкориву ҳамдилӣ, хусусан миёни кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ, болооб ва поёноб арзёбӣ мекунем."

Баъди ин баромади худ сарвари давлат қариб дар ҳама чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ки бо нутқи муфассал иштирок мекунанд, диққати иштирокчиёнро ба масъалаи марбут ҷалб менамоянд. Маҳз ин қавииродагӣ ва устуворандешагии пешвои тоҷикони ҷаҳон ба

он оварда расонид, ки дар давоми ду даҳсолаи охир кишвари мо ба яке аз кишварҳои муҳимтарин дар ҳалли масоили экологӣ табдил ёфт. Инро бо он асоснок кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон шуруъ аз соли 2015 узви Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об мебошад [4].

Давоми бист соли охир дар сатҳи байналмилалӣ, аллакай пешниҳодҳои зиёди Тоҷикистон эътироф шудаанд ва аз ҷониби ниҳодҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ то соли сипаришуда 4-тои он қабул гардида буданд:

- соли 2003 – “Соли оби тоза”;
- солҳои 2005-2015 – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об-манбаи ҳаёт”;
- соли 2013 – “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об”;
- солҳои 2018-2028 – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об – барои рушди устувор”.

Давоми ин бистсола Тоҷикистон мизбони як қатор чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ буд. Дар ҳамаи ин чорабиниҳо шахсан сарвари кишвар иштирок ва суханронӣ менамуданд.

Гузашта аз ин қайд намудан зарур аст, ки тӯли ин солҳои Тоҷикистон барои ҳалли мушкилиҳои минтақаи Осиёи Марказӣ талош ба харҷ дода истодааст. Хусусан масъалаи пешгирии хушкшавии баҳри Арал барои минтақаи Осиёи Марказӣ бисёр масъалаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Хушбахтона Тоҷикистон дар ин масъала низ фаъол буда, аз ҷумлаи кишварҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал мебошад. Инчунин ҳамасола масъалаҳои норасоии обу қувваи барқ, ки Тоҷикистон яке аз истеҳсолкунандагони асосии он дар минтақа ба ҳисоб меравад, дар гуфтушунидҳои сатҳи гуногуни минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад [1].

Ташаббусҳои Тоҷикистон чӣ хеле қайд карда шуд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ зуд дастгтри ёфт. Ин аст, ки сарвари Тоҷикистон соли гузашта дар ҷараёни суханронӣ дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки моҳи марти соли 2021 дар шакли видеоконфренсия баргузор гардида буд, диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалаи бисёр муҳим ва дар айни замон ташвишовар нигаронидаанд. Дар ин баромади худ сарвари давлат қайд намуданд, ки солҳои охир ҷомеаи ҷаҳониро хатари бисёр ҷиддии обшавии пиряххо, ки манбаи асосии оби тозаи ошомиданӣ мебошад, таҳдид менамояд. Дар мисоли Тоҷикистон Пешвои миллат хатари обшавии пиряхҳоро дар натиҷаи гармшавии иқлим қайд намуда гузаштанд:

Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим, пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи мо дигаргунӣ ворид месозад. Бояд қайд намуд, ки обшавии бузургтарин пирях воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи гуфтаҳои болост. Ман пиряхи Федченкоро ки зиёда аз 75 км дарозӣ дорад, дар назар дорам. Пажӯҳишҳо нишон медиҳад, ки фақат дар тӯли 70-80 соли охир пиряхи Федченко зиёда аз як км ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хешро дар назди инсоният вазифадор мешуморанд, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур кӯшиш намоянд ва имконоти заруриро истифода баранд. Ин буд, ки дар рафти ҳамин мулоқоти зикршуда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди худро, ки ҷиҳати ҳифзи пиряххо аз обшавӣ ба ҷаҳониён иброз намуданд: “Дар ин робита пешниҳод менамоям, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардида, рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад. Дар ин қарина ҳамчунин мехоҳам бори дигар пешниҳоди Тоҷикистонро оид ба таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки метавонад захираҳои молиявиро аз сарчашмаҳои гуногун ҷиҳати пиёда намудани иқдомоти зарурӣ ва татбиқи амалҳо ба хотири ҳифзи пиряхҳо аз обшавии босуръат ва нобудшавӣ такон хоҳанд дод” [5].

Ҳангоми таҳлили мавзӯи мазкур моро зарур меояд, ки то масъалаи ҳаётан муҳимми ҷомеаи ҷаҳониро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор диҳем. Бояд махсусан қайд намуд, ки дар масъалаи мазкур кишварҳои қудратманде, ки нуфузи баландро дар арсаи байналмилалӣ соҳибанд хомӯширо ихтиёр намуданд. Тоҷикистон, ки дар масъалаҳои обу иқлим нисбат ба дигар кишварҳо эминтар аст, худро канора гирифта наметавонад. Ин бори дигар далолат аз асилзодагӣ ва поктинати ин миллати тоҷбарсар шаҳодат медиҳад. Тоҷикистон эҳсос менамояд, ки мушкилоти номбаршудае, ки имрӯзҳо кишварҳои ақибмондаи Африқо, Осиё ва Амрикои Ҷанубиро фарогир аст, метавонад, рӯзе хатари ҷиддие ба Тоҷикистон ва минтақа низ ба миён орад.

Бояд гуфт, ки моҳи ноябри соли 2022 ҳангоми суханронӣ аз минбари баланди Иҷлосияи 27-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯ оварда, чӣ гуна хатари ҷиддӣ доштан ва паёмадҳои ногувори обшавии пиряххоро шарҳ доданд ва бори дигар ташаббуси ҷониби худро оиди эълон намудани соли 2025 ҳамчун “Соли ҳифзи пиряххо” ба эшон хотиррасон намуданд [6].

Санаи 14-уми декабри соли 2022 Маҷмааи кулли СММ Қатъномаи махсусро қабул намуд, ки тибқи он ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо”, муайян намудани рӯзи 21-уми март чун Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо ва инчунин таъсиси Фонди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш қабул карда шуд ва бори дигар аз боварӣ ва эътимоди онҳо ба Тоҷикистон ва сарвари муаззами онҳо шаҳодат медиҳад.

Қабули ташаббуси навбатии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид ба дӯши хукумат ва ҷониби Тоҷикистон масъулияти нав ва вазнинеро бор намуд. Тоҷикистон мувazзаф гардид, ки соли 2025 дар пойтахти мамлакат шаҳр Душанбе “Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо”-ро баргузор намояд. Ин аз ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ масъулияти баланд ва иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандиро талаб менамояд, ки мо ба чунин чорабинии бонуфузи байналмилалӣ мутобиқ бошем.

Дар баробари ин, ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои милливу байналмилалӣ ва мақсаднок гузаронидани Конфронси болозикр вазорату идораҳо, ташкилоту муассиса, ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилоти байналмилаливу ҷамъиятии дар ҳудуди кишвар фаъолияткунандаро зарур аст, ки мушкилот, масъалаҳо, мавзӯъҳо ва таҳқиқоти илмиву амалии марбут ба ҳифзи прияххоро коркард намуда, ҷиҳати чораандешии дарозмуҳлат дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои баррасӣ дар ҳамоиши мазкур пешниҳод созанд [3].

Ҳамин тариқ доир ба масъалаи ҳаётанмуҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ҳаёт аз он сарчашма мегирад, Ҷумурии Тоҷикистон бетараф набуда дар самти бақою устуворӣ ва шафофу беғубор нигоҳ доштани гидрополитикаи ҷомеаи ҷаонӣ ниҳоят ташабускор аст, ки ин ташаббусҳо аз ҷомеаи ҷаҳони пайваста дастгири меёбад.

**Адабиёт**

1. Маликзода Н.Ғ. “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои байналмиллалии аҳамияти глобалидошта.” 12.11.2020. http://dushanbe.sud.tj/press/prezidenti-um-urii-to-ikiston-va-tashabbus-oi-bajnalmillalii-a-amijati-globalidoshta

2. Мусоҳибаи директори Институти марбут ба масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ Ориф Амирзода бо рӯзноманигори АМИТ “Ховар” Лайло Тоирӣ. Манбаъ: Таджикистан смог внести ценный вклад в решение глобальных проблем за короткий период (9-09-2022). https://tajsohtmon.tj/ru/tajikistan_ru/13802-tadzhikistan-

smog-vnesti-cennyy-vklad-v-reshenie-globalnyh-problem-za-korotkiy-period.html. Санаи муроҷиат: 12.02.2023
3. Мусоҳибаи Эмомалӣ Насриддинзода - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита дар Телевизиони Тоҷикистон. Манбаъ: АМИТ «Ховар».
4. Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. Манбаъ: Иштирок дар мулоқоти Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об. www.mfa.tj/tg/main/view/1677. Санаи муроҷиат: 12.02.2023
5. Суханронӣ дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27). 07.11.2022 – Миср. Манбаъ: http://www.president.tj/node/29562. Санаи муроҷиат: 12.02.2023
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим. 03.03.2021. Манбаъ: Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. www.mfa.tj/tg/main/view/7217. Санаи муроҷиат: 12.02.2023

## МИР НА ПОРОГЕ ГИДРОПОЛИТИЧЕСКОГО КРИЗИСА

**АБДУЛХАЕВ АБДУЛВАХИД ИЛХОМДЖОНОВИЧ,**
ассистент кафедры психологии и социологии управления
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 988-43-44-74. E-mail: vah1d4344@inbox.ru

*Стоит отметить, что в современных условиях мир стоит на пороге серьезного водного кризиса. Проблема нехватки питьевой воды и рационального использования водных ресурсов в последнее десятилетие все больше становится проблемой, которая привлекает к себе все более особое внимание мира, делая неизбежным принятие и реализацию общих и действенных мер. Основной причиной столь неприятной ситуации является, прежде всего, рост населения земного шара, усиление техногенного воздействия деятельности человека на состояние экосистем и, как следствие, обострение экологических проблем в регионе и мире, а также изменение климата планеты.*

*Стоит отметить, что нехватка воды создает проблему для развития стран и народов во всех сферах, включая охрану здоровья, продовольственную безопасность, гендерное равенство, создание рабочих мест и занятость, образование, промышленность, мирные инициативы и тому подобное.*

***Ключевые слова:*** *вода, водный кризис, нехватка питьевой воды, водные ресурсы, геополитические и геостратегические инициативы, Вода и Новруз – два источника жизни человека, чистота и спасение планеты, таяние ледников.*

## THE WORLD IS ON THE THRESHOLD OF A HYDROPOLITICAL CRISIS

**ABDULKHAEV ABDULVAKHID ILKHOMJONOVICH,**
Assistant of the Department of Psychology and Sociology of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nasir street, 33.
Phone: (+992) 988-43-44-74. E-mail: vah1d4344@inbox.ru

*It should be noted that in modern conditions the world is on the verge of a serious crisis in the water sector. The problem of shortage of drinking water and rational use of water resources in the last decade has become more and more a problem that attracts more and more special attention of the world, making the adoption and implementation of common and effective measures inevitable. The main reason for such an unpleasant situation is, first of all, the growth of the world's population, the increased technogenic impact of human activities on the state of ecosystems and, as a result, the*

*aggravation of environmental problems in the region and the world, as well as climate change on the planet.*

*It is worth noting that water scarcity creates a problem for the development of countries and peoples in all areas, including health protection, food security, gender equality, job creation and employment, education, industry, peace initiatives, and the like.*

***Key words:*** *water, water crisis, lack of drinking water, water resources, international, geopolitical and geostrategic initiatives, Water and Nowruz - two sources of human life, cleanliness and salvation of the planet, melting glaciers.*

УДК: 327

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ ИНФОРМАЦИННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РАЗЛИЧНЫХ СЕТЯХ

**МИРСАИДОВА НАФИСАБОНУ САЙФУЛЛОЖОНОВНА,**
докторант (PhD) Института экономики и демографии
Национальной Академии наук Таджикистана.
734024. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 44.
Тел.: (+992) 939-77-00-97. E-mail: nsynsy387@gmail.com

*В данной статье рассматривается основы обеспечения информационной безопасности в различных сетях. Также дана подробная информация о локальной, региональной и глобальной сетях. Подробно описана работа компьютерной сети, ее составляющие, принцип работы программ и способы защиты данных при различных угрозах. Также говориться о корпоративной сети, ее видах, программах и принципе ее работы. В данной сети тоже могут быть угрозы разных типов, из-за которых могут быть утеряны ценные данные с организаций или даже государственных учреждений. И для предотвращения и борьбы с несанкционированным доступ к закрытой информации, а также ее потере, в статье дана информация о защите важных данных путем использования различных программ, а также возможностях шифрования.*

***Ключевые слова**: Информационная безопасность, компьютерная сеть, программное обеспечение, корпоративная сеть.*

Актуальность этой темы заключается в том, что изменения, происходящие в экономической жизни Таджикистана - создание финансово-кредитной системы, предприятий различных форм собственности и т.п. - оказывают существенное влияние на вопросы защиты информации. Долгое время в нашей стране существовала только одна собственность - государственная, поэтому информация и секреты были тоже только государственные, которые охранялись мощными спецслужбами.

Проблемы информационной безопасности постоянно усугубляются процессами проникновения практически во все сферы деятельности общества технических средств обработки и передачи данных и, прежде всего вычислительных систем. Объектами посягательств могут быть сами технические средства (компьютеры и периферия) как материальные объекты, программное обеспечение и базы данных, для которых технические средства являются окружением. Каждый сбой работы компьютерной сети, это не только "моральный" ущерб для работников предприятия и сетевых администраторов. По мере развития технологий платежей электронных, "безбумажного" документооборота и других, серьезный сбой локальных сетей может просто парализовать работу целых корпораций и банков, что приводит к ощутимым материальным потерям. Не случайно, что защита данных в компьютерных сетях становится одной из самых острых проблем в современной информатике. На сегодняшний день сформулировано два базовых принципа информационной безопасности, которая должна обеспечивать: - целостность данных - защиту от сбоев, ведущих к потере информации, а также неавторизованного создания или уничтожения данных. - конфиденциальность информации и, одновременно, ее доступность для всех авторизованных пользователей. Следует также отметить, что отдельные сферы деятельности (банковские и финансовые институты, информационные сети, системы государственного управления, оборонные и специальные структуры) требуют специальных мер безопасности данных и предъявляют повышенные требования к надежности функционирования информационных систем, в соответствии с характером и важностью решаемых ими задач.

**Общие сведения о компьютерных сетях**

Компьютерная сеть - это совокупность компьютеров, объединенных каналами связи.

Компьютерные сети используются для организации коллективной работы, доступа к общим информационным ресурсам и организации общения между пользователями сети.

Каналы связи различаются как по типу проводящей среды (проводная и беспроводная), так и по физической реализации (коаксиальный кабель, оптическое волокно, спутниковый канал, радиосвязь, лазерный или инфракрасный сигнал и др.). Существует несколько вариантов классификации компьютерных сетей.

По территориальному признаку различают сети:

- Локальные (Local Area Network), которые ограничиваются размерами помещения, здания либо группы рядом стоящих зданий.
- Региональные (Metropolitan Area Network), которые являются объединением локальных сетей в пределах территории, или корпоративные для крупной организации, имеющей удаленные друг от друга офисы. Частным случаем региональной сети является городская публичная сеть крупного мегаполиса.
- Глобальные сети (Wide Area Network) строятся на основе региональных сетей [1].

Локальная сеть — это группа компьютеров, которые могут связываться друг с другом, совместно использовать периферийное оборудование (например, жесткие диски, принтеры и т.д.) и обращаться к удаленным центральным ЭВМ или другим локальным сетям. Локальная сеть может состоять из одного или более файл-серверов, рабочих станций и периферийных устройств. Пользователи сети могут совместно использовать одни и те же файлы (как файлы данных, так и файлы программ), посылать сообщения непосредственно между рабочими станциями и защищать файлы с помощью мощной системы защиты.

Объединение компьютеров в сети позволило значительно повысить производительность труда. Компьютеры используются как для производственных (или офисных) нужд, так и для обучения.

Кроме всего прочего, в некоторых сферах деятельности просто невозможно обойтись без ЛВС. К таким сферам относятся: банковское дело, складские операции крупных компаний, электронные архивы библиотек и др.

**Обеспечение безопасности в компьютерных сетях**

При рассмотрении проблем защиты данных в компьютерной сети, прежде всего, возникает вопрос о классификации сбоев и нарушений, прав доступа, которые могут привести к уничтожению или нежелательной модификации данных. Среди таких потенциальных "угроз" можно выделить:

1. Сбои оборудования: - сбои кабельной системы; - перебои электропитания; - сбои дисковых систем; - сбои систем архивации данных; - сбои работы серверов, рабочих станций, сетевых карт и т.д.
2. Потери информации из-за некорректной работы персонального оборудования (ПО): - потеря или изменение данных при ошибках ПО; - потери при заражении системы компьютерными вирусами.
3. Потери, связанные с несанкционированным доступом: - несанкционированное копирование, уничтожение или подделка информации; - ознакомление с конфиденциальной информацией, составляющей тайну, посторонних лиц;
4. Потери информации, связанные с неправильным хранением архивных данных.

5. Ошибки обслуживающего персонала и пользователей: - случайное уничтожение или изменение данных; - некорректное использование программного и аппаратного обеспечения, ведущее к уничтожению или изменению данных [2].

В зависимости от возможных видов нарушений работы сети многочисленные виды защиты информации объединяются в три основных класса:

- средства физической защиты, включающие средства защиты кабельной системы, систем электропитания, средства архивации, дисковые массивы и т.д.
- программные средства защиты, в том числе: антивирусные программы, системы разграничения полномочий, программные средства контроля доступа.
- административные меры защиты, включающие контроль доступа в помещениях, разработку стратегии безопасности фирмы, планов действий в чрезвычайных ситуациях и т.д. Следует отметить, что подобное деление достаточно условно, поскольку современные технологии развиваются в направлении сочетания программных и аппаратных средств защиты [3]. Наибольшее распространение такие программно-аппаратные средства получили, в частности, в области контроля доступа, защиты от вирусов и т.д.

Организация надежной и эффективной системы архивации данных является одной из важнейших задач по обеспечению сохранности информации в сети. В небольших сетях, где установлены один-два сервера, чаще всего применяется установка системы архивации непосредственно в свободные слоты серверов. В крупных корпоративных сетях наиболее предпочтительно организовать выделенный специализированный архивационный сервер. Хранение архивной информации, представляющей особую ценность, должно быть организовано в специальном охраняемом помещении. Специалисты рекомендуют хранить дубликаты архивов наиболее ценных данных в другом здании, на случай пожара или стихийного бедствия.

Разновидностью программных средств обеспечения безопасности компьютерных сетей является защита от компьютерных вирусов. Вряд ли найдется хотя бы один пользователь или администратор сети, который бы ни разу не сталкивался с компьютерными вирусами. На сегодняшний день дополнительно к тысячам уже известных вирусов появляется 100-150 новых ежемесячно. Наиболее распространенными методами защиты от вирусов по сей день остаются различные антивирусные программы. Однако в качестве перспективного подхода к защите от компьютерных вирусов в последние годы все чаще применяется сочетание программных и аппаратных методов защиты. Среди аппаратных устройств такого плана можно отметить специальные антивирусные платы, которые вставляются в стандартные слоты расширения компьютера.

Проблема защиты информации от несанкционированного доступа особо обострилась с широким распространением локальных и, особенно, глобальных компьютерных сетей. Необходимо также отметить, что зачастую ущерб наносится не из-за “злого умысла”, а из-за элементарных ошибок пользователей, которые случайно портят или удаляют жизненно важные данные. В связи с этим, помимо контроля доступа, необходимым элементом защиты информации в компьютерных сетях является разграничение полномочий пользователей [4].

В то же время в такой системе организации защиты все равно остается слабое место: уровень доступа и возможность входа в систему определяются паролем. Не секрет, что пароль можно подсмотреть или подобрать. Для исключения возможности неавторизованного входа в компьютерную сеть в последнее время используется комбинированный подход - пароль + идентификация пользователя по персональному

“ключу”. В качестве “ключа” может использоваться пластиковая карта (магнитная или со встроенной микросхемой - smart-card) или различные устройства для идентификации личности по биометрической информации - по радужной оболочке глаза или отпечатков пальцев, размерам кисти руки и так далее.

Оснастив сервер или сетевые рабочие станции, например, устройством чтения смарт-карточек и специальным программным обеспечением, можно значительно повысить степень защиты от несанкционированного доступа. В этом случае для доступа к компьютеру пользователь должен вставить смарт-карту в устройство чтения и ввести свой персональный код. Программное обеспечение позволяет установить несколько уровней безопасности, которые управляются системным администратором. Возможен и комбинированный подход с вводом дополнительного пароля, при этом приняты специальные меры против “перехвата” пароля с клавиатуры. Этот подход значительно надежнее применения паролей, поскольку, если пароль подглядели, пользователь об этом может не знать, если же пропала карточка, можно принять меры немедленно.

Смарт-карты управления доступом позволяют реализовать, в частности, такие функции, как контроль входа, доступ к устройствам персонального компьютера, доступ к программам, файлам и командам. Кроме того, возможно также осуществление контрольных функций, в частности, регистрация попыток нарушения доступа к ресурсам, использования запрещенных утилит, программ, команд DOS [5].

Напоследок, хотелось бы детализовать приведенную выше классификацию способов обеспечения безопасности компьютерных сетей и в следствии этого упомянуть о таком способе защиты компьютерных сетей от несанкционируемого доступа, как использования определенных служб безопасности, которые указывают направления нейтрализации возможных угроз безопасности. Существуют следующие службы безопасности:

-аутентификация;
-обеспечение целостности;
-засекречивание данных;
-контроль доступа;
-защита от отказов.

Сервисные службы безопасности являются ответственными за обеспечение основных требований пользователей, предъявляемых к телекоммуникационным системам (с точки зрения ее надежности). Причем данные службы должны функционировать во всех трех плоскостях: менеджмента, управления и пользовательской.

Количество соединений защиты должно быть равно количеству установленных служб защиты. То есть, если для данного виртуального соединения одновременно требуется аутентификация, конфиденциальность и достоверность данных, то устанавливается три самостоятельных соединения защиты [6].

Совокупность сервисных служб защиты информации, обеспечивающих требования пользователей, образуют профиль защиты.

За установку и прекращение действия той или иной службы отвечают агенты защиты. Согласование служб защиты между агентами происходит через соединения защиты. По этим соединениям производится обмен информацией защиты.

Самый простой вариант организации соединения защиты — это когда агенты защиты размещены в пределах конечных систем пользователей. В данном случае конечные системы и агенты защиты взаимодействуют с сетью через интерфейс “пользователь – сеть + защита”.

Агенты защиты для виртуального соединения (канала либо тракта), который установлен между конечными системами пользователей, последовательно выполняют следующие действия:
-определяют вид сервисных служб защиты, которые должны быть применены к данному виртуальному соединению;
-согласовывают службы защиты между собой;
-применяют требуемые службы защиты к данному виртуальному соединению.

**Общие сведения о корпоративных сетях**

Информационные системы, в которых средства передачи данных принадлежат одной компания, используются только для нужд этой компании, принято называть сеть масштаба предприятия корпоративная компьютерная сеть (КС). КС-это внутренняя частная сеть организации, объединяющая вычислительные, коммуникационные и информационные ресурсы этой организации и предназначенная для передачи электронных данных, в качестве которых может выступать любая информация. Тем самым основываясь на вышесказанное можно сказать, что внутри КС определена специальная политика, описывающая используемые аппаратные и программные средства, правила получения пользователей к сетевым ресурсам, правила управления сетью, контроль использования ресурсов и дальнейшее развитие сети. Корпоративная сеть представляет собой сеть отдельной организации [7].

Корпоративная сеть - система, обеспечивающая передачу информации между различными приложениями, используемыми в системе корпорации. Корпоративной сетью считается любая сеть, работающая по протоколу TCP/IP и использующая коммуникационные стандарты Интернета, а также сервисные приложения, обеспечивающие доставку данных пользователям сети. Например, предприятие может создать сервер Web для публикации объявлений, производственных графиков и других служебных документов. Служащие осуществляют доступ к необходимым документам с помощью средств просмотра Web.

Серверы Web корпоративной сети могут обеспечить пользователям услуги, аналогичные услугам Интернета, например, работу с гипертекстовыми страницами (содержащими текст, гиперссылки, графические изображения и звукозаписи), предоставление необходимых ресурсов по запросам клиентов Web, а также осуществление доступа к базам данных. В этом руководстве все службы публикации называются “службами Интернета” независимо от того, где они используются (в Интернете или корпоративной сети).

Корпоративная сеть, как правило, является территориально распределенной, т.е. объединяющей офисы, подразделения и другие структуры, находящиеся на значительном удалении друг от друга. Принципы, по которым строится корпоративная сеть, достаточно сильно отличаются от тех, что используются при создании локальной сети. Это ограничение является принципиальным, и при проектировании корпоративной сети следует предпринимать все меры для минимизации объемов передаваемых данных. В остальном же корпоративная сеть не должна вносить ограничений на то, какие именно приложения и каким образом обрабатывают переносимую по ней информацию. Характерной особенностью такой сети является то, что в ней функционируют оборудование самых разных производителей и поколений, а также неоднородное программное обеспечение, не ориентированное изначально на совместную обработку данных.

Для подключения удаленных пользователей к корпоративной сети самым простым и доступным вариантом является использование телефонной связи. Там, где

это, возможно, могут использоваться сети ISDN. Для объединения узлов сети в большинстве случаев используются глобальные сети передачи данных. Даже там, где возможна прокладка выделенных линий (например, в пределах одного города) использование технологий пакетной коммутации позволяет уменьшить количество необходимых каналов связи и - что немаловажно - обеспечить совместимость системы с существующими глобальными сетями [8].

Подключение корпоративной сети к Internet оправдано, если вам нужен доступ к соответствующим услугам. Во многих работах бытует мнение по поводу подключения к Internet-у: Использовать Internet как среду передачи данных стоит только тогда, когда другие способы недоступны и финансовые соображения перевешивают требования надежности и безопасности. Если вы будете использовать Internet только в качестве источника информации, лучше пользоваться технологией "соединение по запросу" (dial-on-demand), т.е. таким способом подключения, когда соединение с узлом Internet устанавливается только по вашей инициативе и на нужное вам время. Это резко снижает риск несанкционированного проникновения в вашу сеть извне.

Для передачи данных внутри корпоративной сети также стоит использовать виртуальные каналы сетей пакетной коммутации. Основные достоинства такого подхода - универсальность, гибкость, безопасность

**Обеспечение безопасности в корпоративных сетях**

В результате изучения структуры информационных сетей (ИС) и технологии обработки данных разрабатывается концепция информационной безопасности ИС, предложенная в работе профессора Х.А. Андриашина, и профессора С.Я. Казанцева, на основе которой проводятся все работы по защите информации в ИС. В концепции находят отражение следующие основные моменты [9]:

- организация сети организации
- существующие угрозы безопасности информации, возможности их -реализации и предполагаемый ущерб от этой реализации;
- организация хранения информации в ИС;
- организация обработки информации;
- регламентация допуска персонала к той или иной информации;
- ответственность персонала за обеспечение безопасности.

Развивая эту тему, в этой работе, на основе концепции информационной безопасности ИС, приведенной выше, предлагается схема безопасности, структура которой должна удовлетворять следующие условия:

- Защита от несанкционированного проникновения в корпоративную сеть и возможности утечки информации по каналам связи.
- Разграничение потоков информации между сегментами сети.
- Защита критичных ресурсов сети.
- Криптографическая защита информационных ресурсов.

Для защиты от несанкционированного проникновения и утечки информации предлагается использование межсетевых экранов или брандмауэров. Фактически брандмауэр – это шлюз, который выполняет функции защиты сети от несанкционированного доступа из вне (например, из другой сети).

Различают три типа брандмауэров:

- Шлюз уровня приложений Шлюз уровня приложений часто называют прокси – сервером (proxy server) - выполняет функции ретранслятора данных для ограниченного числа приложений пользователя. То есть, если в шлюзе не организована поддержка того или иного приложения, то соответствующий сервис

не предоставляется, и данные соответствующего типа не могут пройти через брандмауэр.

- Фильтрирующий маршрутизатор. Фильтрующий маршрутизатор. Точнее это маршрутизатор, в дополнительные функции которого входит фильтрование пакетов (packet-filtering router). Используется на сетях с коммутацией пакетов в режиме дейтаграмм. То есть, в тех технологиях передачи информации на сетях связи, в которых плоскость сигнализации (предварительного установления соединения между УИ и УП) отсутствует (например, IP V 4). В данном случае принятие решения о передаче по сети поступившего пакета данных основывается на значениях его полей заголовка транспортного уровня. Поэтому брандмауэры такого типа обычно реализуются в виде списка правил, применяемых к значениям полей заголовка транспортного уровня.
- Шлюз уровня коммутации. Шлюз уровня коммутации – защита реализуется в плоскости управления (на уровне сигнализации) путем разрешения или запрета тех или иных соединений.

В работе С.Н. Новикова, а также в работе профессора Х.А. Анд риашина, и профессора С.Я. Казанцева особое место отводится криптографической защите информационных ресурсов в корпоративных сетях. Так как шифрование является одним из самых надежных способов защиты, данных от несанкционированного ознакомления. В настоящее время в корпоративных сетях они устанавливаются только на тех рабочих местах, где хранится информация, имеющая очень высокую степень важности [10].

Так согласно классификации средств криптографической защиты информационных ресурсов, в корпоративных сетях они делятся на:

Криптосистемы с одним ключом, их часто называют традиционной, симметричной или с одним ключом. Приведенная модель предусматривает, что ключ шифрования генерируется там же, где само сообщение. Однако, возможно и другое решение создания ключа – ключ шифрования создается третьей стороной (центром распределения ключей), которой доверяют оба пользователя. В данном случае за доставку ключа обоим пользователям ответственность несет третья сторона. Вообще говоря, данное решение противоречит самой сущности криптографии – обеспечение секретности передаваемой информации пользователей.

Криптосистемы с одним ключом используют принципы подстановки (замены), перестановки (транспозиции) и композиции. При подстановке отдельные символы открытого сообщения заменяются другими символами. Шифрование с применением принципа перестановки подразумевает изменение порядка следования символов в открытом сообщении. С целью повышения надежности шифрования шифрованное сообщение, полученное применением некоторого шифра, может быть еще раз зашифровано с помощью другого шифра. Говорят, что в данном случае применен композиционный подход. Следовательно, симметричные криптосистемы (с одним ключом) можно классифицировать на системы, которые используют шифры подстановки, перестановки и композиции.

Криптосистема с открытым ключом. Она имеет место только если пользователи при шифровании и дешифровании используют разные ключи КО и КЗ. Эту криптосистему называют асимметричной, с двумя ключами или с открытым ключом.

Подводя итоги, хотелось бы отметить, что проблемам компьютерной безопасности в компьютерных и корпоративных сетях в должно придаваться особое значение. Правильно иерархически построенная система доступа к данным, современное оборудование, штат квалифицированных работников, отвечающих за

компьютерную безопасность - это гарант безопасности государственной информации, а вместе с тем и государства. В этом нельзя сомневаться. Как-то один мудрец сказал: "Чем больше вы даёте, тем больше к вам возвращается". И правда, - чем больше будет уделено внимания проблемам компьютерной безопасности, тем больше будет уверенности в том, что данные особой важности не будут потеряны при малейшем сбое в работе оборудования или при несанкционированном доступе. Так же хотелось бы подчеркнуть, что никакие аппаратные, программные и любые другие средства, и организаторские работы различных видов не смогут гарантировать абсолютную надежность и безопасность данных, но в то же время свести риск потерь к минимуму возможно лишь при осознанном, комплексном подходе к вопросам компьютерной безопасности.

**Литература**


1. Ведеев Защита данных в компьютерных сетях. М.: Открытые системы, № 3. 2001г. С.5-9.
2. С.В. Сухова. Система безопасности NetWare. № 4.М.: Сети. 2000г. С.13-18.
3. Феоктисов Г.Г. Информационная безопасность общества, личность и средства массовой информации.М.: Информатика и вычислительная техника, №1-2.5. 1996г. С.20.
4. С.Н. Новиков. Защита информации в сетях связи с гарантированным качеством обслуживания. Новосибирск. 2003. С.12.
5. Косарев Е.Д., Ерёмин А.В. Компьютерные системы и сети. М.: Финансы и статистика. 1999 г. С.124.
6. Комиссаров А.Ю., Подлесный А.В. Идентификация пользователя ЭВМ и автора программного продукта. М.: ЭКЦ МВД России, 1996. С.25.
7. И.Б. Львов, Г.Г. Казеева, И.А. Морев. ИНФОРМАТИКА. ВЛАДИВОСТОК. 1999-2001гг. С.27.
8. Информатика и математика для юристов. Под ред. Х.А. Андриашина, С.Я. Казанцева. М.: ЮНИТИ-ДАНА, закон и право. 2001. С.100.
9. С.Н. Новиков. Защита информации в сетях связи с гарантированным качеством обслуживания. Новосибирск. 2003. С.18-31.
10. О.Э. Згадзай, С.Я. Казанцев, Л.А. Казанцева.М.: ИНФОРМАТИКА ДЛЯ ЮРИСТОВ 2001г.
11. Комиссаров А.Ю., Подлесный А.В. Идентификация пользователя ЭВМ и автора программного продукта.М.: ЭКЦ МВД России, 1996г.
12. И.Б. Львов, Г.Г. Казеева, И.А. Морев. ИНФОРМАТИКА. ВЛАДИВОСТОК. 1999-2001гг.
13. Олифер В.Г., Олифер Н.Д. Компьютерные сети: принципы, технологии, протоколы. Питер, 1999г.
14. М.Рааб. Защита сетей наконец-то в центре внимания.М.: Компьютеруорлд. № 29. 1999г.
15. И. Б. Львов, Г. Г. Казеева, И. А. Морев ИНФОРМАТИКА. ВЛАДИВОСТОК. 1999-2001 гг.
16. Хидирзода М.У., Музафарзода Ф. Миссия Лидера Нации – Эмомали Рахмона в сохранении мира и восстановлении национальных интересов. Душанбе. Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 2022.

# ТАЪМИН НАМУДАНИ БЕХАТАРИИ ИТТИЛООТ ДАР ШАБАКАҲОИ ГУНОГУН

**МИРСАИДОВА НАФИСАБОНУ САЙФУЛЛОҶОНОВНА,**
докторант (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
734024. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айни, 44.
Тел.: (+992) 939-77-00-97. E-mail: nsynsy387@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур асосҳои таъминоти амнияти иттилоотӣ дар шабакаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Азҷумла ба мафҳумҳои шабакаҳои ҷудогона, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ маълумоти муфассал дода мешавад.Фаъолияти шабакаи компютерӣ, принсипҳои асосии он, ҷузъҳои таркибии он, принсипи кори барномаҳова пешниҳоди усулҳои ҳифзи онҳо ҳангоми таҳдидҳи гуногун хеле васеъ тавсиф карда мешаванд. Инчунин дар бораи шабакаи корпоративӣ, намудҳои он, барномаҳо ва тарзи фаъолияти онҳо сухан меравад. Дар ин шабакҳо низ имконияти вуҷуд доштани таҳдидҳои гуногун  мавҷуд мебошад, ки сабаби гум шудани маълумоти боарзиши корхонаҳо, ҳатто мақомоти давлатӣ шуда метавонанд. Барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти маҳфуз, инчунин лағви он, дар мақола ахборот доир ба ҳимояи маълумоти муҳим бо истифода аз барномаҳои гуногун, инчунин имконоти рамз гузорӣ пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иттилотӣ, шабакаи компютерӣ, таъминоти барномавӣ, шабакаи корпоративӣ.*

# ENSURING INFORMATION SECURITY IN DIFFERENT NETWORKS

**MIRSAIDOVA NAFISABONU SAYFULLIJONOVNA,**
Doctoral (PhD) student of Institute of Economics and Demography,
National Academy of Sciences of Tajikistan,
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 44, S. Aini, str.
Phone: (+992) 939-77-00-97. E-mail: nsynsy387@gmail.com

*This article discusses the basics of information security in different networks. Detailed information about local, regional and global networks is also provided. Computer network operation, its components, program operation principle and methods of data protection in case of various threats are described in detail. The corporate network, its types, programs and the principle of its work are also mentioned. There may also be threats of different types in this network, which may result in the loss of valuable data from organizations or even government agencies. And in order to prevent and combat unauthorized access to and loss of sensitive information, the article provides information about protecting important data through the use of various programs, as well as encryption capabilities.*

***Key words:*** *Information security, computer network, software, corporate network.*

УДК: 33(5+53:496)

# ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИЮ ГУМАНИТАРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКИЯ

**ТУРСУНОВ ҲУСЕН ЮЛДОШОВИЧ,**
докторант (PhD)-и шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992) 92-755-57-67. E-mail: tursunovhusen.tj@gmail.com

*Дар мақола ҳамкориҳои иқтисодию гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия зери таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва гуманитарӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тарафайн ба ҳисоб рафта дар давоми 30 сол ҷонибҳо дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Ва метавон қайд намуд, ки дурнамои ин ҳамкориҳо умедбахш буда, баҳри боз ҳам қавитар гаштани муносибатҳои дуҷониба нақши калидиро хоҳад бозид. Зеро ҷонибҳо ба ин самти ҳамкориҳо диққати аввлиндараҷҷа дода истодаанд. Дар партави ҳамкориҳои иқтисдию гуманитарӣ миёни ду кишвар метавон қайд намуд, ки то ба имрӯз ҷонибҳо як қатор созишномаҳоро ба имзо расонида дар доираи ин чандин лоиҳаиҳои хурду бузургро дар самтҳои мухталиф татбиқ намудаанд ва баъзеи онҳо дар ҳоли амалишавӣ қарор дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои дуҷониба, иқтисод, тиҷорат, кӯмакҳои гуманитарӣ.*

Ҳамкориҳои иқтисодӣ, яке аз муҳимтарин унсурҳои муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки кишварҳоро дар меҳвари худ ба ҳам мепайвандад. Зеро яке аз мақсадҳои асосии давлатҳо дар замони муосир, ин расидан ба нуқтаи охирини рушди устувор ва таъмини пешравии иқтисодӣ ба шумор меравад [1]. Ин ҳам бошад дар шароити замони муосир барои давлатҳое, ки бо ин мақсад сиёсати худро дар арсаи байналмилалӣ пеш бурдан мехоҳанд бидуни густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо дигар кишварҳо ва табоддули молу моҳсулод, сармоягузорӣ ва дар ин чорчӯба дар миёни ҳамдигар ҷорӣ намудани кӯмакҳои моддию техникӣ имконнопазир мебошад. Яъне метавон қайд намуд, ки тавссути додугирифти тиҷоратӣ кишварҳо метавонанд раванди тараққиёти худро тезонида дар айни замон ҳамкориҳои худро бо дигар давлатҳо тақвият бахшанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз рӯзҳои аввали расидан ба соҳибистиқлолӣ ва таъсис додани сохтори сисёсати хориҷии худ бо дигар кишварҳо, инчунин бо онҳо ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва роҳҳои густариш додани онро яке аз мақсадҳои асосии худ қабул карда буд ва то имрӯз низ робитаҳои иқтисодию сармоягузории хориҷӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсуси худро доро мебошад. Дар ин росто қобили қайд аст, ки то имрӯз дар ин самт Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидааст ва рӯз то рӯз барои фароҳам овардани шароити мусоид дар Тоҷикистон баҳри сармоягузорон ва шариконии иқтисодие, дар инҷо кору фаъолият мекунанд, қонуну қарорҳои нав ба нав қабул шуда истодааст. Махсусан дар чорҷӯбаи Сртатегияи Миллии рушд барои то соли 2030 ва илова бар ин ҷиҳати иҷро шудани "ҳадафи чоруми миллӣ-саноатнунонии босуръати кишвар" инчунин эълон шудани "2022 – 2026 солҳои рушди саноат" ба исҳесолкунандагон, сармоягузорон ва тоҷирони хориҷӣ як қатор афзалиятҳо пешнид карда шуд.

Ҷумҳурии Туркия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати тоҷик ҳамчун як кишвари дӯсту бародар эътироф карда шудааст. Зеро чи гунае, ки таърих гувоҳ аст, ин ҳарду миллат дорои пайвандҳои ногусастанӣ ва мероси муштараки таърихӣ мебошанд,

ки онҳоро фарзандони нобиғаи тоҷик аз ҷумла Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Низомулмулк, Имом Абуҳанифа ва ғайра ба ҳам пайванд месозанд.

Ин буд, ки аз рӯзҳои аввал, ҳамкориҳо миёни Тоҷикистону Туркия баъд аз чандинсолаҳо бидуни ягон мамонеъ ташаккул дода шуд. Ва ин ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун то имрӯз бо ҷаҳду талоши бевоситаи ҳукумати ҳарду кишвар ва ҷалби ҳамаи имкониятҳои мавҷудани тарафайн дар ин самт, густариш ёфта истодааст.

Робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва гуманитарӣ бошанд, яке аз самтҳои муҳим ва фарогири ҳамкориҳои тарафайн ба ҳисоб мерав止. Зеро ҷонибҳо аз рӯзи аввал барои густариши ин самтҳо диққати бештар зоҳир намуда буданд.

Бо дар назардошти таҳаввулотҳо ва вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақа, тақвият бахшидани робитаҳои иқтисодӣ ба манфиати ҳарду кишвар мебошад, ки инро чунин шарҳ додан мумкин аст: Тоҷикистон дар баъзе самтҳо, хусусан дар саноати сабуку вазнин ва инноватсиякунонии соҳаҳои мухталифи кишвар ба ҷалби технологияи баландсифат ва нархи наонқадар гарондошта эҳтиёҷ дорад ва мушкилоти худро тавссути густариш додани робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо Туркия бартараф кардан мехоҳад. Аз ҷониби дигар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин роҳ кӯшиш менамояд, ки пайвандҳои иқтисодию тиҷоратии худро бо кишварҳои Аврупоӣ аз тариқи қаламрави Туркия ба роҳ монад.

Густариши робитаҳои иқтисодию гуманитарӣ барои Туркия низ аз манфиат холӣ нест. Зеро, ки Ҷумҳурии Туркия дар раванди ғасбшавии бозори калонҳаҷми Осиёи Марказӣ аз ҷониби давлатони абарқурдат бенасиб будан намехоҳад. Ва густариши ҳамкориҳои иқтисодию гуманитарӣ бо Тоҷикистон ба Туркия имкон фароҳам меоварад, то ин ки дар ин минтақа ҳам аз ҷиҳати иқтисодию сармоядорӣ ва ҳам аз ҷиҳати таблиғу тарғиби фарҳангу оини туркӣ ба худ ҷойгоҳи махсусро касб намояд [2].

Ин буд, ки соли 1993 аввалин ҳамкориҳои иқтисодӣ зери муҳокимаи тарафайн қарор гирифт ва 8 - уми апрели ҳамин сол “Созишнома барои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ” миёни ҳарду кишвар ба имзо расонида шуд [3]. Дар айни замон тибқи моддаи IX – и ҳамин созишнома “Комиссияи муштараки иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Туркия” таъсис дода шуд, ки ин комиссия то имрӯз 12 нишасти худро барпо намудааст.

Инчунин дар ҳамин сол “Созишнома миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Экзимбонки Туркия барои додани қарзи молиявӣ ба миқдори 50 млн. доллари США” дар шаҳри Анқара ба имзо расид. Дар ин асос содироти равған, шакар, техника ва таҷҳизотҳои саноатӣ, доруворӣ ва дигар намуди молу маҳсулот сармоягузорӣ карда мешуд [4, с. 150]. То имрӯз дар чорчӯбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ навсозии Фурудгоҳи Байналмилалии Душанбе ва Кӯлоб ба маблағи 8 милион доллари амрикоӣ, таъмири агрегадҳои негӯгоҳҳои барқии обӣ ва ба истифода додани хати телефонҳои хонагӣ барои 2500 истифодабаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Туркия ба анҷом расонида шудааст [4, с. 140].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон бори охир соли 2013 аз Ҷумҳурии Туркия дидан намуда ҳангоми ин сафар аз ҷониби Ректори Донишгоҳи Салчуқи дар шаҳри Кония буда бо унвони фахрии Докторӣ сарфароз гардонида шуд. Дар ин боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар форуми тиҷоратие иштирок варзид, ки дар он зиёда аз 700 соҳибкорон ширкат доштанд. Дар ин форум аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ба соҳибкорону тоҷирон як қатор имкониятҳо пешниҳод гардид, ки ин ҳам фаъолияти соҳибкорону сармоядоронро оссонтар ҳам дар рушди соҳаҳои гуногун дар кишварамон манфиатовар буд. Натиҷаи ҳамаи ин кӯшишу талошҳои тарафайн буд, ки ҳаҷми тиҷорати тарафайн дар охири соли 2013 ба 655 млн. доллари америкоӣ расид, ки дар таърихи ҳамкории тиҷоратии ду кишвар то имрӯз ҳамчун

нишондоди рекордӣ боқӣ мондааст [2, с.130]. Дар соли 2020 бошад новобаста аз таъсири манфии пандемияи COVİD -19 ба иқтисод ва гардиши молу маҳсулот дар байни кишварҳо, гардиши молу маҳсулот дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия нисбати ба соли пешин 17% зиёд шуда ба ҳаҷми 323 милион доллари америкои расид [5].

Дар заминаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии миёди ду кишвар то имрӯз дар Тоҷикистон як чанд корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ба таври муштарак бунёд карда шудаанд, ки калонтарини онҳо Акиа – авесто отомотив индастрий, Кока – Колла – нӯшокиҳои Тоҷикистон ва ғайра мебошанд [6, с. 82].

Илова бар ин дар Тоҷикистон бо маблағгузории пурраи соҳибкорони турк як қатор ширкату корхонаҳое, ки самти фаъолияташон гуногун мебошад таъсис дода шудаанд, ки калонтарини онҳо “Бурсел Ҳолдинг”, “Кайнак”, “Анка” ва ғайра мебошанд [6, с. 84].

Дар давоми 20 соли охир ширкатҳои сохтумонӣ ва саонатии туркӣ зиёда аз 120 лоиҳаро дар ҳаҷми 600 млн долларии ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба итмом расонидаанд. Дар айни ҳол бошад зиёда аз 80 ширкатҳои туркӣ дар соҳаҳои гунонгун алахусус саноати вазнин ва сабук, текстил ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди худро ба роҳ монда истодаанд [7]. Ҳамаи инҳо дар навбати худ аз як тараф ба баланд шудани сатҳи зиндагии омма, дастрасии аҳолӣ ба молу маҳсулот ва хизматрасонии босифат аз тарафи дигар бошад ба паст шудани сатҳи бекорӣ дар кишвар мусоидат менамояд.

Ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҷониби Туркия дар солҳои 2007 – 2020 бошад 221,7 млн. доллари амрикоӣ ва ё худ 2%- и хизматрасонии молиявӣ, саноат ва савдоро ташкил медиҳад. Дар соли 2021 бошад сармоягузоории Туркия – 25,2 млн. доллари амрикоӣ худ 7,4 фоизи сармояи хориҷиро ташкил медиҳад, ки асосан ба истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, истеҳсоли обҳои минералӣ ва дигар обҳои зарфшуда, истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизотҳои таъиноти умумӣ равона карда шудааст [8]. Бояд тазаккур дод, Ҷумҳурии Туркия аз миёни сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар соли 2018 ҷойи 2- юм ва дар соли 2019 бошад ҷойи 4 -умро касб намуда буд [9]. Ин дар айни замон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шароит ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар кишвари мо рӯз от рӯз хуб шуда истодааст ва аз тарафи дигар бошад, ҳам ҳукумати Тоҷикистон ҳам ҳукумати Туркия ва ҳам соҳибкорони Туркия барои қавитар намудани ҳамкориҳои дуҷониба ба бештар намудани самарранокии он ба манфиати миллии ҳар ду двалат мусоидат намуда истодаанд.

Аз рӯи нишондодҳои омории соли 2020 ҳаҷми тиҷорат дар байни ду кишвар 323 миллион доллари америкоиро ташкил медиҳад, ки ин нишондод нисбат ба як соли пешин 17% фоиз зиёд мебошад. Тоҷикистон аз Туркия маҳсулотҳои саноатӣ, масолеҳи сохтумонӣ, озуқаворӣ, таҷҳизотҳои гуногун ва пӯшокаро ворид намуда ба Туркия алюминий, абрешим ва пахтаи коркардкардашуда, равғанҳои саноатӣ ва пӯсту чарм содир менамояд. Дар соли 2021 ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки ҳаҷми содиротро нисбат ба воридот зиёд намуда, мувозинати савдои хориҷиашро бо Туркия хуб нигоҳ дорад [10].

Робитаҳои гуманитарӣ. Дар радифи густариши робитаҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар инчунин ҳакориҳои гуманитарӣ ва роҳандозӣ намдудани кӯмакҳои башардӯстона дар миёни Тоҷикистону Туркия рӯз то рӯз ба худ шакли фаррохтареро касб намуда истодааст. Дар ин самт бошад асосан саҳми ҷониби Туркия хеле назаррас мебошад. Зеро Ҷумҳурии Туркия бо таъсис додани дафтарҳои кории ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатии туркӣ дар Тоҷикистон, ки самти фаъолияти онҳоро кӯмакҳои гуманитарӣ ташкил медиҳад, кӯшиш ба ҳарҷ дада истодааст, ки то ҷойе, ки имкониятҳои

мавҷудаи ин кишвар даст медиҳанд, ба Тоҷикистониён дасти кӯмаки худро дароз намояд.

Дафтари "Агентии Туркӣ оид ба Ҳамкорӣ ва Рушд" (TİKA) яке аз ниҳодҳои давлатии Туркия ба ҳисоб меравад, ки дар соли 1991 барои пиёда кардани сиёсати нарми ин кишвар ва бо ин восита дар раванди азнавбақароркунии мезанизмаҳои давлатӣ ва таъсиси инфрасохтори соҳаҳои гунонун дар давлатҳои навтаъсиси Осиёи Миёна ва дигар давлатҳое, эҳтиёҷ ба дастгирии моддию техникӣ доранд таъсис дода шудааст [11]. Дафтари ин ниҳод дар Тоҷикистон бошад соли 1996 ба фаъолияти худ оғоз намуд. Бинобар маълумоти додаи - сухангӯи дафтари TİKA дар шаҳри Душанбе Азимҷон Ҳаитбеков, ин ниҳоди туркӣ барои саҳмгузор будан дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон, то соли 2021 зиёда аз 400 лоиҳаҳоро ба маблағи зиёда аз 30 миллион доллари амрикоӣ дар соҳаҳои гуногун алалхусус тандурустӣ, маориф, илм, кишоварзӣ, обёрикунӣ, таҷҳизотонидани ниҳодҳои давлатӣ ва таъминоти инфрасохтории онҳо, ба роҳ мондани курсҳои омӯзишӣ барои кормандони соҳаҳои гуногун ва ғайра дар манотиқҳои гуногуни кишварамон амалӣ кардааст [12]. Ҳамзамон бояд, қайд намуд, ки ин дафтар дар баробари расонидани кӯмуакҳои моддию техникӣ ба корҳонаю муассисаҳои давлатию хусусӣ, инчунин ба шахсони воқеъи низ мустақиман кӯмакҳои моддию техникии худро ба шакли кӯмакҳои яквақтаина мерасонад.

## Адабиёт


1. Fatih Mehmet Öcal. Türkiye'nin sanayileşme sürecine genel bakış: 2000-2013. Selcuk University Journal of Social and Technical Researches Volume:8, 2014, p. 14-25. C-2.
2. Türkan BUDAK. Global Geoeconomic Rivalry in Central Asia and Turkey. Bilge Strateji, Cilt 5, Sayı 9, Güz 2013, ss.125-142. C – 128 – 129.
3. https://ticaret.gov.tr/yurtdisi-teskilati/orta-asya/tacikistan/ikili-anlasmalar/iki-ulke-arasinda-ticaretin-altyapisini-olusturan-anlasma-ve-protokoller (Санаи воидшавӣ: 21.04.2022)
4. Akçalı, Pınar, "Bağımsızlıktan Günümüze Türkiye-Tacikistan İlişkileri", Uluslararası İlişkiler, Cilt 2, Sayı 5 (Bahar 2005), s. 138-160. C.150.
5. https://www.aa.com.tr/tr/ekonomi/turkiye-ile-tacikistan-arasindaki-ekonomik-iliskiler-derinlesiyor/2390908 (Санаи муроҷиат: 25.01.2022)
6. Gulyam YULDASHEV. Bağimsizliktan sonra Tacikistan Cumhuriyeti ile Türkiye Cumhuriyeti arasindaki diş siyaset, ekonomik güçlendirme ve gelişmeye yönelik ilişkiler. t.c. gazi üniversitesi sosyal bilimler enstitüsü uluslararasi ilişkiler ana bilim dali uluslararasi ilişkiler bilim dali. ankara – 2013.ss. 154. c. 82 – 84.
7. https://www.deik.org.tr/uploads/turkiye-tacikistan-ticari-ekonomik-ve-kulturel-iliskileri-sonuc-raporu.pdf (санаи воридшавӣ: 12.05.2022).
8. https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3b858f73c.pdf (санаи воидшавӣ 12.05.2022).
9. MEHMED ÖZKAN.DEİK. Türkiye-Tacikistan ticari, ekonomik ve kültürel ilişkileri webinarı. 8 aralık 2020, Zoom Online Konferans Sistemi. C. 3.
10. https://www.aa.com.tr/tr/ekonomi/turkiye-ile-tacikistan-arasindaki-ekonomik-iliskiler-derinlesiyor/2390908 (санаи воридшавӣ: 12.05.2022).
11. BURÇİN HAFİZE TARCAN. Orta Asya ve Türkiye. Karabük Üniversitesi. Uluslararasi İlişkilerde Gündeme Dair-Ii : Rusya-Çin-İran Ekseninde Orta Asya. E – Bülten. Temmuz - 2017 Sayi : 2. Ss. 16-21. C.16.
12. Мусоҳиба бо сухангӯи дафтари ТИКА дар ш. Душанбе 10.03.2022.

# ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ГУМАНИТАРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И ТУРЦИЕЙ

**ТУРСУНОВ ХУСЕН ЮЛДОШОВИЧ,**
докторант (PhD) отдела Среднего и Ближнего Востока
Института стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Рудаки 33.
Тел.: (+992) 927-55-57-67. E-mail: tursunovhusen.tj@gmail.com

*В статье рассматривается экономическое и гуманитарное сотрудничество между Республикой Таджикистан и Турецкой Республикой. Результаты исследования показывают, что торгово-экономическое и гуманитарное сотрудничество является одним из приоритетных направлений двустороннего сотрудничества, и за тридцать лет стороны добились значительного прогресса в этой сфере. Следует отметить, что перспективы этого сотрудничества многообещающие, и ключевую роль будет играть укрепление двусторонних отношений. Потому что стороны отдают приоритет этому направлению сотрудничества.*

*В свете экономического и гуманитарного сотрудничества между двумя странами следует отметить, что на сегодняшний день сторонами подписан ряд соглашений и реализован ряд малых и крупных проектов в различных сферах, а некоторые из них находятся в стадии реализации.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Турецкая Республика, международные отношения, двустороннее сотрудничество, экономика, торговля, гуманитарная помощь*.

# ECONOMIC AND HUMANITARIAN COOPERATION BETWEEN TAJIKISTAN AND TURKEY

**TURSUNOV HUSEN YULDOSHOVICH**
Doctoral student (PhD) of the Department of the Middle and Near East of the
Institute of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan Dushanbe city, Rudaki street 33.
Phone: (+992) 927-55-57-67. E-mail: tursunovhusen.tj@gmail.com

*This article examines economic and humanitarian cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkiye. The results of the study show that economic, trade and humanitarian cooperation is one of the priority areas of bilateral cooperation, and for thirty years the parties have made significant progress in this area. It should be noted that the prospects of this cooperation are promising, and the strengthening of bilateral relations will play a key role. Because the parties are giving priority to this area of cooperation.*

*In the light of economic and humanitarian cooperation between the two countries, it should be noted that to date, the parties have signed a number of agreements and implemented a number of small and large projects in various areas, and some of them are being implemented.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, Republic of Turkiye, international relations, bilateral cooperation, economy, trade, humanitarian aid.*

УДК: 323

# НАҚШИ НБО- И “РОҒУН” ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ХУРРАМЗОДА МУМИНШО ХУРРАМ,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-04-03-70. E-mail: khuramzoda83@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур масъалаи нақши НБО-и “Роғун” дар таҳкими истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст.*

*Муаллиф қайд менамояд, ки нақши НБО-и “Роғун” дар таҳкими истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи рушди ҳаёти ҷамъиятӣ, ифтихори миллӣ ва эҳёи принсипҳои инсондӯстиро дар худ таҷассум менамояд.*

*НБО-и “Роғун” аз лиҳози воқеаҳои таърихӣ ваояндабинӣ дар рушди ҳаёти ҷамъиятӣ, таҳким ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба ҳадафи стратегии кишвар, яъне Истиқлолияти энергетикӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.*

*Истиқлолияти энергетикӣ- ҳадафи стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои амалӣ гардидани мақсад, моҳият ваояндабинии ҳадафи мазкур бояд заминае ба мисли Роғун интихоб гардад, ки он бевосита ба дурнамои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва байналмилалии кишвар қиммати худро гум накунад.*

*Аз нуқтаи назари сиёсӣ, НБО-и “Роғун” қиммати худро дар таҳкими истиқлолияти энергетикии кишвар гум намекунад, зеро иншооти мазкур на аз рӯи хусусиятҳои таърихӣ, балки аз давраи эҳёи корҳои сохтмонӣ меҳвари асосии истиқлолияти энергетикии кишвар ба ҳисоб меравад.*

*Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, рафъи ҷанги таҳмилшудаи дохилӣ, имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ заминае буданд баҳри оғози сохтмонҳои бузург, аз ҷумла сохтмону ба истифодаи умум супоридани якчанд неругоҳҳои хурду калон, роҳу пулҳо ва нақбҳо аст. Аз ҷумла, эҳёи НБО-и “Роғун” заминаи воқеии истиқлолияти энергетикӣ баҳисоб рафта, он дар замони истиқлолияти давлатӣ падидаи нодиру арзишманд ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *истиқлолияти энергетикӣ, таҳкими истиқлолият, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, воқеаҳои таърихӣ, НБО-и “Роғун”, эҳёи сохтмон, моҳият ваояндабинӣ, рушди ҳаёти ҷамъиятӣ.*

Ҷойгоҳи махсусро дар таҳлилу баррасии нақши НБО-и “Роғун” дар таҳкими истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаҳои муҳими таърихӣ, муносибатҳои байналмиллалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ташкил менамояд, ки дар ин раванд нақши Пешвои миллат хеле назаррас мебошад.

Барои омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзӯи мазкур, моро зарур аст, ки ба таърихи неругоҳ назар карда, мухтавоии таърихӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии онро рӯи кор намоем.

Дар ин самт, нақши мутахассисони соҳа ва шахсиятҳои бонуфузи кишвар ба монанди В.С. Бахтин, О.Н. Лозин, П.В. Якимова, А.А. Попов, Г.Каменский, А.В. Количко, Леонид Георгиевич Осадчий, Евгений Семёнович Скрипо, Борис Петрович Соболев, Н.Г. Савченков, Ҷ. Расулов, Р. Набиев, Қ. Маҳкамов, А. Додобоев, И. Ҳаёев ва А. Мирзоев назаррас мебошад.

Агар ба таърихи лоиҳаи Неругоҳи барқи обии “Роғун” назар кунем, маълум аст, ки омодасозии лоиҳаи бунёди неругоҳ солҳои 70-ум аз тарафи шуъбаи осиёимиёнагии пажӯҳишгоҳи гидропроекти Маскав дар шаҳри Тошканд оғоз меёбад.

Соли 1932 дар харитаи захираҳои обию энергетикии СССР, мутобиқи аввалин тадқиқотҳои ҷуғрофии олимони Иттиҳоди Шӯравӣ бо роҳбарии И. Караулов, неругоҳи барқи обие бо номи «Сичароғ» пайдо шуд.

Моҳи марти соли 1938 ба мавзеи ҳозира сохтмони НБО-и "Роғун" аввалин кошифон омаданд ва мавзеи бунёди неругоҳро муайян карданд. Ба ин гурӯҳи кошифон олимони овозадори соҳаи барқ Каменский ва Гандин сарварӣ мекарданд.

Саргеологи экспедитсияи ҷустуҷӯии Роғун А.В. Количко ёдовар мешавад, ки охири солҳои 50 ва аввали солҳои 60-уми асри гузашта аз мавзеи бо ҳам пайвастшавии шохобҳои дарёҳои Вахш ва Сурхобу Хингоб то обанбори Норак барои интихоби дарғоти оянда 12 қитъаи зери санҷиши геологӣ қарор дода шуда буд, ки ҷои ҳозира обанбори сохташудаистода низ ба ҷумлаи онҳо дохил мешуд.

Солҳои 1966-1967 дар ин қитъа корҳои тадқиқотӣ ва асосноксозии техникӣ-иқтисодӣ авҷ гирифта буд. Сармуҳандиси лоиҳа Леонид Георгиевич Осадчий ва саргеологи лоиҳа Евгений Семёнович Скрипо таъин гардида буданд [22, 3 ].

Субҳи 27 сентябри соли 1976 дар мавзеи собиқ Сари Пулак гирдиҳамоии бошукӯҳе созмон ёфт. Дар ҷараёни гирдиҳамоӣ Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Ҷ. Расулов суханронӣ кард ва моҳияти қарори Анҷумани XXIV КПСС-ро роҷеъ ба сохтмони Роғун дар Тоҷикистон шарҳ дод. Ҳозиринро ҳамчунин Вазири энергетикаи Иттиҳоди Шӯравӣ П.С. Непорожний табрик гуфт ва оғози сохтмони Роғунро марҳилаи рушди сиёсати энергетикӣ арзёбӣ кард. Баъди гирдиҳамоӣ, таркишҳои бунёдкорона садо доданд ва ба аҳли ҷаҳон паём расониданд, ки акнун сохтмони оянда боргоҳи нур оғоз шуд.

Моҳи сентябри соли 1976 бо мақсади ҷараёни бо суръати корҳо дар сохтмони Роғун, аввалин сохтмончиён ба Роғун омада, майдончаҳои сохтмонӣ дар баландии 1000 то 1700 м пайдо гардиданд. Ба омода гардидани трансформаторҳо ва гидротурбинаҳо дар Украина ва гидрогенераторҳо дар Свердловск корҳо ҳусни оғоз ёфтанд. Ҳамагӣ барои амалӣ намудани лоиҳаи неругоҳ зиёда аз 400 корхонаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҷалб карда шуда буданд [7, 68-76].

Оғози корҳоро дар неругоҳ аз кандани нақбҳои сохтмонӣ сар карданд, ки мувофиқи нақшаи лоиҳа бояд дарозии умумиашон тақрибан 70 км-ро фароҳам меоварад. Дар ин ҷода корҳо авҷ гирифта, ҳар моҳ кандани даҳҳо метр нақб аз ду тараф ба иҷро расонида мешуданд.

Моҳи декабри соли 1986 дар Роғун маҷлиси машваратии умумииттифоқии кормандони соҳаи гидроэнергетика баргузор шуд, ки дар он бунёдкорони сохтмон, намояндагони корхонаҳои ӣ, мутахассисон, лоиҳакашон, конструкторҳо, мошинсозон, нақлиётчиён иштирок доштанд. Ин ҷамъомад, аввалин маҳфили машваратии корхонаҳои ҳамҷавор дар ҷараёни "Эстафетаи коргарӣ" махсуб меёфт [1, 4-5 ].

Ҳадаф маҷлиси умумиитифоқӣ баррассии масъалаҳо доир ба тарбия намудани кадрҳои муҳандисӣ, мубодилаи таҷриба ва тезонидани корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии "Роғун" баҳисоб мерафт. Чунин усули кор имкон медод, ки доираи "Эстафетаи коргарӣ" васеъ карда шавад.

Дар ифтитоҳи маҳфил, котиби аввали КМ ПК Тоҷикистон Қ.М. Маҳкамов гуфт, ки шартҳои мусобиқаи сотсиалистии "Эстафетаи коргарӣ"-ро бояд бо моддаи "Тарбияи кадрҳои инженерӣ" пурра кард [6, 3-4 ].

Масъалаи дигари маҳфили машваратии "Эстафетаи коргарӣ" ба ҷуз аз тарбияи кадрҳои инженерӣ, боз механизми асоноккунии техникӣ-иқтисодии неругоҳ муҳокима ва баррасӣ гардида, таклиф ба миён меомад, ки лоиҳа аз тарафи мақомоти ваколатдор ва

комиссияи дахлдор мавриди омӯзиши пурра қарор дода шавад ва аз натиҷаи корҳои асоснокқунӣ хулосаҳои дахлдор пешниҳод карда шаванд.

Соли 1972 ҳаҷми пурраи асоснокқунии техникию иқтисодии Неругоҳи барқи обии Роғун ба анҷом расид. Асоснокқунии техникию иқтисодиро Вазорати барқи ИҶШС баррасӣ ва муҳокима карда, аз тарафи Комиссияи иқтисодии давлатии Госплани ИҶШС бо иштироки намояндагони ваколатдори тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ тасдиқ намуд. [10,1] Экспертизаи Асоснокқунии техникию иқтисодӣ, хулосаҳоро дар бораи боэътимодии техникӣ ва самаранокии баландии Неругоҳи Роғун комилан собит кард (се навъи дарғоти Неругоҳи Роғун баррасӣ гардид), арзу тӯли асосии неругоҳ ва обанбор пазируфта шуд.

Ҳамин тавр, тасдиқ намудани асоснокқунии лоиҳа, боэътимодии техникӣ ва самаранокии баландии сарбанди неругоҳ, яке аз муваффақиятҳои кори “Эстафедаи коргарӣ” ва марҳилаи амалӣ гардидани ҳадафҳои дарпешистода дар самти шурӯъ гардидани корҳои сохтмонӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар он рӯз, табели кории рақами 1 тартиб дода шуд. Онро аввалин сардори управленияи «Гидроспетстрой» - и Роғун Борис Петрович Соболев тартиб додааст. Коллективи хурдакаки интернатсионалӣ иборат аз намояндагони панҷ миллат ба вуҷуд омад [28, 12,4,3 ].

Ҳадаф аз пур кардани варақаи шурӯъи кор дар он буд, ки фаъолият дар неругоҳ тавассути ҷалби халқиятҳои ҳамҷавор бо як боварӣ ва эътимоди хоса ҷараён гирад ва ному насаби шахсони кордону фаъол дар таърихи сохтмон боқӣ монанд.

Дар ин варақа ҷуз ному насаби сардор, инчунин номи муовини ӯ В.С. Бахтин, маркшейдр О.Н. Лозин, кафшерчӣ П.В. Якимова, ронанда А.А. Попов ва боз ному насаби ду коргари маҳалӣ -Анвар Давлатов (аз деҳаи Майдон) ва Мардон Гулов (аз деҳаи Сичароғ) сабт шуд [29, 464].

Бояд ёдовар шуд, ки дар навбати аввал ҷолибияти марҳилаҳои таърихии НБО-и “Роғун”-ро ҳалли проблемаҳои муҳими оғози раванди корҳои сохтмонӣ ташкил медод, ки барои амалӣ гардидани мушкилоти зикршуда, бояд муҳокимаи лоиҳа ва ташхиси ҳамаҷонибаи он аз тарафи институтҳои дахлдори собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода мешуд ва хулосаҳои мусбати мақомотҳои ваколатдори ҳамон давра исботи онро менамояд, ки лоиҳаи НБО-и “Роғун” дар замони бунёдӣ ва эҳёи он ба нафъи давлат буда, аҳамияти он ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар қадамҳои устувор мегузорад. Аз ин рӯ, ҳамчун далели воқеӣ марҳилаҳои муҳими баҳодиҳии лоиҳаи Роғунро аз давраи собиқ Итиҳоди Шӯравӣ мисол овардан ба маврид аст.

Мураттабсозии лоиҳаи техникӣ соли 1974 шурӯъ гардида, моҳи ноябри соли 1978 ба анҷом расонида шуд. Моҳҳои ноябр ва декабри соли 1978, лоиҳа аз тарафи экспертизаи пажӯҳишгоҳи Гидропроект таҳти муҳокима қарор гирифт. [18, 1] Моҳи июни соли 1979 муҳокимаи он дар Шӯрои Илмию Техникии Вазорати барқи ИҶШС ба анҷом расид [19,1].

Моҳи октябри соли 1980, лоиҳа аз тарафи Экспертизаи асосии давлатии Гостройи (сохтмони давлатӣ) ИҶШС ва ГКНТ ИҶШС [11,1 ] ва моҳи ноябри соли 1980 бо фармони Шӯрои Вазирон тасдиқ карда шудааст.

Лоиҳа бо тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мувофиқа карда шуда, аз тарафи онҳо ҳамчун лоиҳаи минтақавӣ доир ба таъминкунандаи талаботи рӯзафзуни барқи тоза ва захираҳои об маъқул дониста шуд.

Соли 1990 лоиҳа аз тадқиқи махсуси мустақими назди Комиссияи давлатии экспертизаи Госплани ИҶШС гузашт ва боэътимодии иншооти сохташавандаи неругоҳ

мутобиқи маводи тасдиқшудаи лоиҳа ва ба ҳисоб гирифтани ҳамаи амалиёту санҷишҳо қабул гардид.

Зарурати гузаронидани ин санҷиш, ба он нигаронида шуда буд, ки бояд муамои Арал бо қабули як санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда ба назар гирифта шавад [13,1-2].

Санаи 27 сентябри соли 1976 дар раванди корҳои бомуваффақонаи Неругоҳи барқи обии "Роғун", ҳамчун ҷамъомади муҳими сиёсӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар ин рӯз ба хотири фаҳмонидани моҳияти қарори Анҷумани XXV-уми КПСС дар Сари Пулак гидриҳамоии калоне баргузор шуд, ки дар кори он Котиби аввали КМ ПК Тоҷикистон Ҷ. Расулов иштирок ва суханронӣ карданд.

Мақсад аз ташкили гирдиҳамоӣ дар фазои сиёсии кишвар оғози расмии корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии "Роғун" ба ҳисоб мерафт. [24, 4]

Дар ин гирдиҳамоӣ саҳми вазири барқ ва энергетикаи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ П.С. Непорожний зиёд буд. Ӯ оғози расмии корҳои сохтмониро дар неругоҳ ба тамоми сохтмончиён табрик гуфт ва чун анъана баъди гирдиҳамоӣ таркишҳои бунёдкорона садо дод.

Моҳи марти соли 1977 дар шаҳри Роғун ташкилоти ибтидоии комсомолӣ таъсис дода шуд, ки дар ҳайати ташкилот 20 нафар ҷавонон шомил буданд. [2, 3]

Ҳадафи таъсис додани ташкилоти ибтидоии комсомолӣ, ҷалби мутахассисони соҳа барои пешрафти корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ нигаронида шуда, саҳми ташкилоти мазкур дар эълон намудани сохтмони умумиитифоқии зарбдори комсамолии Роғун назаррас аст.

Натиҷаи фаъолияти ташкилоти ибтидоии камсомолӣ буд, ки 25 январи соли 1982 сохтмони Роғунро сохтмони умумиитифоқии зарбдори комсамолӣ эълон карданд [3, 3].

В.Я. Ненахов дар баробари ба роҳ мондани корҳои сохтмонӣ ба тарбияи кадрҳои маҳаллӣ, аз байни онҳо тайёр намудани аввалин тракторчиҳо, булдозеристҳо, челонгарон, ронандагон, андовагарон, сантехникҳо таваҷҷӯҳи хос дода, онҳоро ба омӯзишгоҳҳои ноҳияҳои Кофарниҳону Ёвон мефиристад ва баъдтар таҳсилашонро дар мактабҳои олии Русия, Украина ва Белорусия роҳандозӣ менамояд. Вай дар муҳлати ниҳоят кӯтоҳ, дар маҳалли Сари Пулак ду хонаи истиқоматӣ: яке барои муҷаррадон ва дигаре барои оиладорон омода месозад.

Тобистони соли 1977 дар муддати 36 рӯз бо ташаббуси ӯ мактаби таълимоти русӣ сохта шуд. Пас аз чандин соли масруфияти корӣ В.Я. Ненахов фурсат ёфта, барои истироҳат ба ш. Ленинград рафт ва баъди чанд вақт хабари даргузашти ӯ омад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти сохтмони Роғун ба нишони қадршиносӣ аз хизматҳои шоёни ин марди фидокор дар ободонии шаҳри Роғун ва сохтмони неругоҳ ҷасади ӯро аз шаҳри Ленинград ба Душанбе оварда дафн карданд.

Н.Г. Савченков аз ёрмандии ҳамаҷонибаи роҳбарияти ҷумҳурӣ дар кори сохтмони неругоҳ Ҷ. Расулов, Р. Набиев, Қ. Маҳкамов, А. Додобоев, И. Ҳаёев, А. Мирзоев низ ёдовар шуда, хизматҳои шоистаи сарпарасти неругоҳ, котиби ҳизби Коммунистии ҷумҳурӣ Додобоев А. Д.-ро махсусан қайд менамояд.

Дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, сохтмончиёни неругоҳ дар масофаи 21 км нақбҳо сохта, дар толори агрегатҳо 70 фоизи корҳо ва дар толори трансформаторҳо 80 фоизи корҳо ба сомон расонида шуда, 53 фоизи сохтмони иншооти манзилӣ омода буданд [15, 3].

Мутаассифона, тӯли гузашти солҳо аксари ин иншоот корношоям шуданд ва минбаъд масъалаи аз нав бунёд намудани он пайдо гардид.

Роҷеъ ба вазъи корҳои сохтмон ва сатҳи омодагии иншооти НБО Роғун, сардори ҳамонвақтаи иншоот Н.Г. Савченков чунин ёдовар мешавад, ки дар маҷмуъ соли 1992 дар иншооти Неругоҳи Роғун барои идомаи корҳои сохтмон ҷабҳаи васеи корҳо фароҳам омада буд, корҳо дар иншооти зеризаминӣ торафт вусъат меёфт. Лозим меомад, ки боз 30 метри дигар корҳо ба умқи замин идома ёбанд, баъдан аз поён ба боло корҳои бетонӣ ва васлу насби агрегатҳо ҷараён гирад.

Дар мавзеи сарбанд, дар соҳили дарё нақби намак сохта мешуд. Тозакунии деворҳои соҳил ва маҷрои дарё наздик меомад, аз се ду ҳиссаи таҷҳизоти асосӣ ворид гардида буд. Дар сохтмон ҳудуди 6 ҳазор мутахассисону кормандон фаъолият доштанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, таъминоти моддӣ-техникии сохтмон як андоза мураккаб шуд.

Дар нақбҳои зеризаминӣ раёсатҳои сохтмонии Русия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон, Қирғизистон ва дигар ташкилотҳои сохтмонии тресті Гидроспетсстрой» бо техникаҳои худ фаъолият доштанд. Тресті “Тоҷикгидроэнергострой” аз ҳисоби манбаъҳои моливу пулии “Роғун” дигар ташкилоту идораҳои худро таъмин менамуд, ёдовар мешавад Н.Г. Савченков.

Байни бунёдгарони Роғун ва ҳама муассисаву корхонаҳое, ки ба Роғун мошину дастгоҳу лавозимот мефиристанд, шартнома баста шуд. Дар он марҳилаҳои муҳими ҳалли масоили раванди корҳои сохтмонӣ мушаххасан муқаррар шуданд.

Муайян гардид, ки бо авҷ гирифтани корҳои сохтмонӣ ва амалӣ гардидани нақшаҳои дарпешистода, охири соли 1987 маҷрои дарёи Вахш тағйир дода мешавад.

Соли 1989 ба истифодадиҳии агрегати якуми неругоҳ дар назар дониста шуда буд. Ҳамзамон, мутобиқи нақшаи тарҳрезишуда, ҳануз соли 1990 анҷом додани сохтмони шаҳри Роғун ва соли 1993 пурра ба истифода додани неругоҳ муқаррар гардид.

Санаи 28 декабри соли 1987 маҷрои дарёи Вахш тағйир дода шуд ва об ба ҷониби нақби обгузари НБО-и “Роғун” равона гардид [16, 4]. Ба ин муносибат гирдиҳамоии пуршукӯҳе баргузор шуд, ки дар он бунёдгарони неругоҳ, роҳбарони ҳизбӣ, иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои комсомолӣ ва намояндагони ҳама муассисаву корхонаҳои ҳамҷавор иштирок доштанд.

Бо сабаби он ки дар вақти сохтмони нақбҳои обгузари №1 ва №2 мустаҳкамкунии конструктивӣ то ба охир иҷро нашуда буд, резишҳо ба амал омаданд ва он боиси корношоям шудани нақби обгузари №1 гардид [17, 3]. Санаи 23 июни соли 1993 сели даҳшатнок дарёи Вахшро банд кард ва дар натиҷаи аз кор баромадани нақби №2 дарғоти 40 метраи неругоҳро об шӯста, хароб кард. Заҳмати беш аз 20 сола ба якборагӣ зери сел монд. Бо ҳамин сохтмони неругоҳ ба пуррагӣ қатъ гардид.

Бисёр сохтмончиён, аз ҷумла мутахассисон, муҳандисон, ронандаҳо, кафшергарон ва хулоса коргарони соҳаҳои мухталифи неругоҳ парешон шуданд. Агар қисме аз онҳо ба ҳифзу нигоҳубини техника ва механизмҳои боқимондаи иншоотҳои Роғун ва таъмини кори насосҳои обкаш машғул гардида бошанд, қисми дигарашон аз рӯи шартномаҳои меҳнатӣ дар корхонаву муассиса ва идораҳои дигари ҷумҳурӣ, ба монанди роҳи оҳани Ёвон-Қурғонтеппа, Қурғонтеппа-Кӯлоб, сохтмони Неругоҳи “Сангтӯда-1”, Неругоҳи “Помир-1” ва нақби “Истиқлол” муваққатан ширкат меварзиданд.

Боиси зикр аст, ки тибқи ҳисобҳои муқаддимотӣ арзиши лоиҳавии неругоҳ дар замони шӯравӣ зиёда аз 3 млрд доллари амрикоӣ иборат будааст.

Барои бакорандозии агрегатҳои аввалини неругоҳ солҳои 1992-1994 мебоист 250-300 миллион рубли ҳамонвақта, ки қурбаш аз доллари ИМА баланд буд, аз худ карда мешуд. Вале ин гуна маблағ набуд.

Лозим ба ёдоварист, ки бо пошхӯрии ИҶШС маблағгузории муттамаркази сохтмони Неругоҳи Роғун хотима ёфт. Дар ҷумҳурӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ сар шуд ва Тоҷикистон барои идомаи сохтмон имконияти пуливу молӣ надошт. Аз бонкҳои марказӣ гирифтани қарз имконнопазир гашт.

Ҳамин тавр, ботадриҷ, баробари ба итмом расидани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу субот дар ҷумҳурӣ, бо таваҷҷӯҳ ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон НБО "Роғун" аз нав эҳё шуд.

Натиҷаи тадқиқ ва таҳқиқи иловагӣ, инчунин таҷрибаҳои истеҳсолӣ ва ахборе, ки дар ҷараёни сохтмони неругоҳ ҷамъ шудаанд, маводи фаровони дақиқ ба даст омаданд, ки ба шарофати ин кулли маълумоти муҳимтарини лоиҳаро хосатан дар боби муҳандисию геологӣ ва асоснокии зилзилашиносӣ тадбиқ созанд [12, 1].

Маълумоти ба дастомада дар хусуси боэътимодии НБО-и "Роғун" далели исботи он аст, ки дар неругоҳ мутахассисони касбӣ дар асоси хулосаҳои мусбии мақомоти дахлдори даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ кору фаъолият намуда, бахусус роҳбари ҳамон давраи сохтмон Н.Г. Севченко нақши онҳоро дар бунёди неругоҳ ҳамчун мақоми хоса арзёбӣ менамояд.

Неругоҳро мутахассисони олидараҷа бунёд карда истодаанд, ки ҳар яке дар сохтмон ҷой ва мақоми хосаи худро доро мебошанд. Н.Г. Савченков, ки неругоҳро солҳои 1978-1992 сарварӣ мекард, дар бораи мутахассисоне, ки дар ин сохтмони аср саҳмгузорӣ намудаанд ва баъзеашон ҳоло ҳам дар фаъолият ҳастанд, бо эътиқоди ба худ хос ҳарф мезанад [20, 1].

Бо вуҷуди самаранокии кори мутахассисони соҳа дар пешбурди корҳои сохтмонӣ ва хулосаю пешниҳодҳои пажуҳишгарону экспертони давлатӣ доир ба ҳолати боэътимоднокии НБО-и "Роғун" дар рушди ҳаёти ҷамъиятӣ, боз назари баъзе нафарон барои идома ёфтани корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ устувор набуд. Дар васоити ахбори оммо мақолае нашр шуд, ки муҳтавои он боиси ҳангомаҷӯӣ гардид.

Мухбири махсуси рӯзномаи «Парванда» Отахон Латифӣ 24 ноябри соли 1988 мақолае бо номи «Сарбанд» интишор кард, ки дар он омадааст: «Обанбори Роғун чандин миллиард метри мукааб оби баҳри Аралро мегирад. Арал боз ҳам хурд ҳам биёбони васеъ хоҳад шуд.Доираи таъсири тӯфонҳо васеъ мегардад. Бисёр шаҳру қишлоқҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон дучори чангу гард ва намаки зарравии атмосферӣ мегардад…» [14, 13-15].

Ин мақола ба мардуми ҳангомаҷӯ дастак шуд. Садои эътирози онҳо то ба Майдони Сурхи шаҳри Масква расид. Раиси Кумитаи давлатии сохтмону меъмории СССР Борис Елсин ба Тоҷикистон омад. Баъди мулоқот бо мардум, бо роҳбарону мутахассисони иншооти Роғун суҳбат ороста, аз ҷумла чунин гуфт: «Дар Сибири Русия мардум гуруснаанд вале дар Роғун бошад, иншооти бузурги нурро месозад» Ана ҳамин тавр, як ғалати миёншикан ба идомаи босуръати сохтмон монеаи ҷиддӣ гашт. Маблағгузорӣ аз марказ ба неругоҳ қатъ гардид. Ба рафти кор ҳисороти калон ворид гашт, техникаю, олот пахну парешон, мутахассисон бекор ва низоми кор гум шуд. Пас аз танаффуси бардавом ба вӯқуъ пайваст [28, 87-89].

Чунин андешаҳо дар фазои сиёсии кишвар дар масъалаи сохтмони НБО-и "Роғун" ҳамчун монеаи сиёсӣ аз ҷониби як нафар рӯзноманигор ва дастгирии ақидаи он аз тарафи бархе аз сиёсатмадорон вуҷуд дошт ва эътирозҳо дар доираи як мақола низоъеро ба вуҷуд овард, ки аз далелҳои хуҷҷатҳои техникӣ-иқтисодӣ ва пажуҳишҳои олимону мутахассисони соҳа доир ба эътимоднокии лоиҳаи Роғун ақидаи О.Латифӣ мантиқан

нодуруст буда, дар раванди таҳқиқ ба вуҷуд омадани чунин ҳангомаҳо қобили қабул ҳисоб нахоҳад шуд.

Андешаи собиқ сардори Управленияи «Ронгесстрой» Н.Савченко, ки садди обанбори Норак бо баландии 300 метр беҳтарин намунаи сарбандсозии тоҷикон аст, ба шарте таҳдоби сарбанд якуним киллометр бошад, ягон хавфу хатар ба бор нахоҳад овард, хушбинона аст [21, 3-4].

Аз ҳамин нуқтаи назар, хулоса бояд кард, ки сарбанди Неругоҳи барқи обии Норак аз рӯи хусусият, истифодаи ҷинсҳои кухӣ ва шаклгирӣ ба сарбанди НБО-и "Роғун" монанд аст. Дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба қавли мутахассиси рус Н. Севченко сарбанди Норак ҳамчун намунаи сарбандсозии тоҷикон ба ҳисоб меравад ва бо дарназардошти он ки НБО-и "Роғун" ва Норак дар соҳили дарёи Вахш мавҷудият доранд, аз лиҳози воридшавии оби тоза ба дарғот имконпазир мебошанд.

Дар самти дарозшавии умри НБО-и Норак, оби тагшини обамбори НБО-и "Роғун" мавқеи хосро ишғол менамояд. Ҳамин ҷиҳатҳо ва боз дигар механизмҳои самаранокии Неругоҳи барқи обии "Роғун" бо мақсади заминагузорӣ дар инкишоф ва пешрафти ҳаёти иҷтимоии кишвар ба назар гирифта шуда, нақш ва хосияти он дар таҳкими истиқлолияти энергетикӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Нақши Неругоҳи барқи обии "Роғун" иншооти тақдирсоз ва муҳимтарини иншооти гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин неругоҳи азим барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ заминаҳои боэътимод мегузорад [25, 85-96].

Дар барқарорсозии неругоҳ, нақши сиёсию ҷамъиятии Пешвои миллат назаррас буда, бо талашҳои созандаи он кас НБО-и "Роғун" ҷабҳаи заҳмати созанда арзёбӣ гардидааст ва дар доираи ҳадафи стратегии мамлакат марҳила ба марҳила агрегатҳои он мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешаванд.

Таъмини истиқлолияти энергетикии мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати давлати Тоҷикистон буда, дар доираи он бунёду барқарорсозии Неругоҳи обии Роғун бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷабҳаи заҳмати созанда ба хотири ободии Ватан эълон карда шуд [26, 182-204].

Сохтмони Неругоҳи барқи обии Роғун яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият ба ҳисоб меравад. [9, 182-204]

Дар авроқи таърихи башар эҳёи корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ саҳифаи нав ва рӯйдоди муҳимми ғалабаи миллат сабт мегардад.

Масалан «сиёсати давлат дар иртибот ба бунёди Неругоҳи Роғун ба мутакко ба сармояи миллӣ комилан солиму созанда аст. Мо ин сиёсати истиқлолхоҳӣ ва сарафрозҷӯиро дар сохтусози неругоҳҳои Зарафшон, Шӯроб, Даштиҷум ва корхонаҳои калон сармашқи фаъолияти худ қарор диҳем [27, 3].

Раванди корҳои сохтмонӣ дар НБО-и "Роғун" яке аз василаҳои баланд бардоштани таҷрибаи мутахассисони маҳаллӣ ва дар маҷмӯъ ғояи инкишофи таърихи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, омӯзиши ин падидаи таърихӣ ба рушди маънавиёти ҷомеа мувофиқи мақсад аст.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар партави сиёсати энергетикии Пешвои миллат дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта шуд [5, 4].

Хулоса таъриху ташаккули Неругоҳи барқи обии "Роғун" дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Тоҷикистон мавқеи меҳвариро ба худ касб намуда, ҷавҳари асосии онро ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тадқиқотии илмӣ- техникӣ, асосноккунӣ, гузаронидани маҳфилу гирдиҳамоиҳо, ҷалби мутахассисони касбӣ, тарбияи мутахассисони маҳаллӣ,

бунёди хонаҳои истиқоматӣ, хобгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар иншооти маишӣ ташкил медиҳад.

Махсусан, нақши сохтмончии кордону таҷрибадори соҳа В.Я. Ненаховро мисол овардан ба маврид аст, ки номбурда дар қатори корҳои сохтмонӣ дар неругоҳ ба масоили инкишофи соҳаҳои маорифу тандустӣ, фарҳанг ва дигар инфрасохтори маишии шаҳри Роғун диққати махсус дода, то ҳол иншооти зикршуда барои хоҷагии халқи шаҳри Роғун хизмат менамоянд.

Аз омӯзиши давраҳои таърихии давлатдории пеш аз мелод ва пас аз мелоди тоҷикон бар меояд, ки инсоният дар ҳама табадулот ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба озодии андеша ва зиндагии озод бирасад. Зеро Истиқлолият як неъмати бузург аст ва ба он расидан ҳам кори мушкил мебошад. Кӯшишу талоши инсоният буд, ки оқибат кишварҳо, миллатҳо ба истиқлолият расиданд.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои гуногуни ба даст овардани истиқлолияти энергетикии кишвар ҳамоно ба вусъати азим, бо истифода аз тамоми имконоти дохилии мамлакат, бо ҷалби сармоя ва ширкатҳои хориҷӣ, бо такя ба қудрати бузурги халқ, ки муроҷиати Пешвои худро дар мавриди ҳалли мушкилоти неруи барқ, хусусан бунёди Неругоҳи барқи обии "Роғун" бо самимияти комил истиқбол намуданд.

Бо дарназардошти аҳамияти назариявӣ пайдо кардани мавзӯи нақши НБО-и "Роғун" дар таҳкими истиқлолияти энергетикӣ мора зарур аст, ки муҳимияти мавзуъро бо якчанд далелҳо вобаста ба амалияи принсипҳои расидан ба истиқлолияи энергетикӣ пешниҳод намоем.

1.Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон НБО-и "Роғун" лоиҳаи ҳаётан муҳим буда, ба он масъалаи аввалиндараҷаи пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста аст. Бинобар ин, Неругоҳи барқи обии "Роғун" иншоотест, ки он дар фасли зимистон норасоии ба барқ доштаи Тоҷикистонро мусовӣ месозад ва саломатии шаҳрвандони худро ҳифз намуда, сатҳи камбизоатии аҳолиро хеле паст мефарорад.

2.Дар кишвар 99,9 фоизи барқ дар неругоҳҳо тавлид мегардад ва истеҳсоли ҳарсола тақрибан 18 млрд квт/соатро ташкил медиҳад. Қисмати асосии ин нишондод дар фасли тобистон истеҳсол мегардад, зеро обанборҳои неругоҳҳо аз ҳисоби обшавии пиряххо пур мешаванд ва маҳз ҳамин вақт имконияти бештар истеҳсол намудани ин маҳсулот фароҳам мерасад.

**Адабиёт**


1. Аюбов С. Самараи эстофета [Матн]: Коргарӣ дар сохтмони ГЭС-и Роғун // Комсомоли Тоҷикистон. – 1980. – 12 ноябр, 4-5 с.
2. Антонов, П. Гидроузели Роғун [Матн]: Оғоз ёфтани сохтмони ГЭС-и Роғун дар дарёи Вахш // Тоҷикистони советӣ. – 1977. – 7 январ , 3 с.
3. Бо амри дилу даъвати айёми безавол, бар Роғуну Атоммашу БАМ ой комсомол! [Матн]: Саҳифа бахшида ба комсомолону ҷавонони республика, ки дар сохтмонҳои умумииттифоқӣ иштирок мекунанд // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. – 14 май, 3 с
4. Ба истиқлолияти энергетикӣ хоҳем расид [Матн]: Нерӯгоҳи барқи обии Роғунро месозем // Боҷу хироҷ. – 2009. – 26 ноябр , С 4.
5. Вафо, М. Фидоии «Эстафетам коргарӣ» [Матн]: Аз фаъолияти меҳнатии коргари сохтмони ГЭС-и Роғун Л. Кульмич] // Тоҷикистони советӣ.–1987.–19 ноябр, 3-4 с
6. Давидзон, М. Там, где горы – горизонт [Текст]: О строительстве Рогунский ГЭС // Памир. – 1976. – № 9. – С.68-76.

7. Ибтидои корҳои бузург [Матн]: Репортаж аз маҳалли бастани пеши маҷрои дарёи Вахш дар даромадгоҳи Сарбанди ГЭС-и Роғун // Тоҷикистони Советӣ. –1987. – 29 декабр, 4 с

8. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Суханрониҳо ва муколамаҳои Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.1. – С.182-204.

9. Қарори КИД-и Госплани ИҶШС, №6 аз 27.02. 1974, 1 с

10. Қарор мутобиқи мактуби Гострой ИҶШС аз 16.10.1980, №380, 1 с

11. Қарор дар бораи гузаронидани санҷиш бо номаи Госплани ИҶШС №5799 аз 10.02.1990, 1 с

12. Қарори КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС №1110 аз 19.09.1988 "Дар бораи чораҳои комилан беҳтар кардани вазъияти экологӣ ва санитарӣ дар минтақаи баҳри Арал"

13. Латифи, О. Гнездо Камала [Текст]: О бригаде Рогунской ГЭС К. Хамсариеве // Агитатор Таджикистана. – 1987–№22–С.13-15, Латифи, О. Люди и Вахш: вчера строители Рогунской ГЭС повернули в рукотворное русло [Текст] // Правда. –1987–28 декабря, Латифи, О. Вода и энергия: "Робочая эстафета" продолжается [Текст]: На Рогунской ГЭС начато строительство машинного зала // Правда. –1987. –10 января

14. Мӯъминов, Ҷ. Ҳар рӯз-корнамоӣ дар Роғун [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. –1981. –12 июл, 3 с

15. Мадалиев, Э. К. Мархалаи халкунанда [Матн]: Маросими оғози кори бастаии маҷрои Вахш дар Роғун // ТОҶИКИСТОНИ СОВЕТӢ. – 1987– 27 декабр.

16. Музаффаров, И. Чаҳир [Матн]: Қоидаҳои коргари ГЭС - и Роғун оид ба комёбиҳои сохтмон // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 29 октябр, 3 с.

17. Протоколи шӯрои техникӣ №72 аз 26 декабри соли 1978,1 с

18. Протоколи №70 аз 27.06.1979.

19. Савченко Н.Г. "Рогунская ГЭС. Жемчужина Вахшского каскада" Москва, 2012, 1 с

20. С.Икандаров, «Кӯргиреҳи Роғун кай кушода мешавад?». «Минбари халқ», 4 августи соли 2007, Зиёев, М. Баландии Роғун сарбаландии миллат аст // Ҷумҳурият. – 2018. –14 март. с 3-4

21. Тадқиқотчиён пеш мераванд [Матн]: Дар бораи ГЭС-и нави Роғун // Тоҷиктстони советӣ. – 1968. – 4 сентябр. 1973, Юнусов, Ю. ГЭС-и Роғун ва тараққиёти Тоҷикистон [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1973. – 8 сетябр, 3 С.

22. Тихонов, Г. Оғози ГЭС-и Роғун [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1976. – 10 апрел, 4 с

23. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 1995. – С.85-96.

24. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн]: Иборат аз се чилд [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе, 2001. – Ҷ.1. – С.182-204; 205-216.

25. Ф.Абдуллоҳ, «Роғун – имтиҳонгаҳи номус ва ҳамбастагии миллӣ». «Ҷумҳурият», 1 январи сол 2010, С 3

26. Ш. Мусо, Ошёни Уқобон. Душанбе-12 саҳ., Поль, А. В добрый путь, "Цемент - 1" [Текст]: Маршрутами "Рабочей эстафеты" Душанбинского цементного комбината Минстрой материалов "Рогунстроя" и Таджикского специализированного управления "Гидроспецстроя" // Коммунист Таджикистана. –1986–3 октября, Солиев, У. Корзор дар дили кӯҳ [Матн]: Фоторепортаж аз сохтмони Гидроспестрой" - и участкаи рақами 5 - и ГЭС- и Роғун // Тоҷикистони Советӣ. – 1986. – 1 феврал., Казютин, А. Люди и скалы, последний раунд [Текст]: Рабочая эстафета между Рогунской ГЭС и Союзгидроспецстрой // Комсомолец Таджикистана. –1988– 30 октября.

27. Шералӣ Мусо. Президенти мо. Душанбе, «Адабиёти бачагона», 2014 саҳ 87-89.

# РОЛЬ РОГУНСКОЙ ГЭС В УКРЕПЛЕНИИ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ХУРРАМЗОДА МУМИНШО ХУРРАМ,**
соискатель кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 988-04-03-70. E-mail: khuramzoda83@gmail.com

*В данной статье изучен и обсужден вопрос о роли Рогунской ГЭС в укреплении энергетической независимости Республики Таджикистан.*

*Автор отмечает, что роль Рогунской ГЭС в укреплении энергетической независимости Республики Таджикистан воплощает в себе феномен развития общественной жизни, национальной гордости и возрождения гуманистических начал.*

*Рогунской ГЭС неразрывно связано со стратегической целью страны, т.е. энергетической независимостью, с точки зрения исторических событий и перспектив в развитии общественной жизни, укрепления и защиты национальных интересов.*

*Энергетическая независимость считается стратегической целью государства, и для реализации цели, сути и видения этой цели должна быть выбрана такая база, как Рогун, которая не теряет своего значения непосредственно для перспектив экономической, социальной и международной развития страны.*

*С политической точки зрения Рогунская ГЭС не теряет своего значения в укреплении энергонезависимости страны, ведь этот объект считается главной осью энергонезависимости страны не в силу своих исторических особенностей, а периода возрождения строительных работ.*

*После обретения государственной независимости, прекращения навязанной междоусобной войны, подписания соглашения о мире и национальном согласии они явились основанием для начала крупных строек, в том числе строительства и ввода в эксплуатацию нескольких малых и крупных электростанций, дорог, мостов и тоннелей. В частности, возрождение Рогунской ГЭС считается реальной основой энергетической независимости, и это считается редким и ценным явлением в эпоху государственной независимости.*

***Ключевые слова:*** *энергетическая независимость, укрепление независимости, защита национальных интересов, исторические события, Рогунской ГЭС, возрождение строительства, сущность и предвидение, развитие общественной жизни.*

# THE ROLE OF NPS- “ROGUN” IN STRENGTHENING THE ENERGY INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KHURRAMZODA MUMINSHO KHURRAM,**
Applicant of the Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 988-04-03-70. E-mail: khuramzoda83@gmail.com

*In this article, the issue of the role of the "Rogun" NPP in strengthening the energy independence of the Republic of Tajikistan has been studied and discussed.*

*The author points out that the role of the "Rogun" NPP in strengthening the energy independence of the Republic of Tajikistan embodies the phenomenon of the development of public life, national pride and the revival of humanitarian principles.*

*"Rogun" NPO is inextricably linked to the strategic goal of the country, i.e. energy independence, in terms of historical events and future development in the development of public life, strengthening and protection of national interests.*

*Energy independence is considered a strategic goal of the state, and for the realization of the purpose, essence and vision of this goal, a base like Rogun should be chosen, which does not lose its value directly to the prospects of economic, social and international development of the country.*

*From a political point of view, "Rogun" NPP does not lose its value in strengthening the country's energy independence, because this facility is considered the main axis of the country's energy independence, not because of its historical features, but from the period of revival of construction works.*

*After gaining state independence, ending the imposed internal war, signing the Agreement on peace and national consensus, they were the basis for the start of major constructions, including the construction and commissioning of several small and large power plants, roads, bridges and tunnels. In particular, the revival of the "Rogun" NPP is considered the real basis of energy independence, and it is considered a rare and valuable phenomenon in the era of state independence.*

***Key words***: *energy independence, strengthening of independence, protection of national interests, historical events, NPO "Rogun", revival of construction, essence and foresight, development of public life.*

УДК 321(575.3)

# ИНТИХОБОТ ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ДЕМОКРАТИКУНОНИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

**БАРАКОТОВ БОБОХОҶА САЙФУЛЛОЕВИЧ,**
унвонҷӯи институти сиёсатшиносии фалсафа ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail: Barakatov.96@mail.ru

*Масъалаи интихобот дар ҳайёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса дошта, дар таъмини самаранокии низоми идоракунӣ нақши муҳим мебозад. Имрӯзҳо омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур ба зарурати воқеӣ табдил ёфта, диққати бештари сиёсатшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Дар ҷомеаи мутамаддин масъалаи интихобот ба муҳимтарин масъалаи замон табдил ёфта, он бештар дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.*

*Муаллифон бар он назаранд, ки муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистонро устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ташкил медиҳад, ки ҷавҳари он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Бояд гуфт, ки раванди демократикунонии ҳайёти сиёсӣ, махсусан самаранокии мудирияти давлатдорӣ аз интихобот ва шаффияти он вобастагии амиқ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *интихобот, ҳуқуқи интихоботӣ, Конститутсия, қонуни интихоботӣ, парлумон, демократия, Ҳукумат, маъракаи интихоботӣ, иттилоот, ҳуқуқи башар, сиёсат, иродаи мардум, шаффоф, мафкураи шаҳрвандон, ҳуқуқи умумӣ ва баробарӣ.*

Интихобот унсури асосӣ ва зарурии сиёсат буда, дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Зуҳуроти мазкур дар ҳаёти ҷомеаи муосир ҳамчун қувваи таконидиҳандаи пешрафти ҷомеа баромад мекунад. Интихобот воситаест, ки тавассути он таҳкиму такмили сохторҳои давлатӣ таъмин мегардад.

Моҳияту хусусиятҳои интихобот дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар нишон дода шудааст: «Ҳар инсон ҳақ дорад, дар идораи корҳои кишвари худ бевосита ё тавассути намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад. Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати Ҳукумат бошад, ин ирода бояд дар интихоботи даврагӣ ва ғайрисохтакорона ифода ёбад, ки зимни ҳуқуқи умумӣ ва баробари интихоботӣ ба тариқи овоздиҳии махфӣ ё шаклҳои дигари дорои дараҷаи баробар, ки озодии овоздиҳиро таъмин кунанд, бояд баргузор гарданд» [10, моддаи 21].

Интихобот бо ҳама мураккабию ихтилофаш воситаи асосии сиёсати бунёдгар ва офаридгор аст. Вобаста аз сохти сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсии ҳукмрони ҷамъиятӣ сохторҳои гуногуни таркибии кишварҳои олам раванди интихоботро истифода менамоянд.

Тоҷикистон низ дар гузаштаи на чандон дур ва чӣ дар замони муосир дар раванди рушди давлатдории хеш интихоботро ҳамчун василаи таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ истифода менамояд. Раванди интихобот, ки мураккабу пурҷараён аст, масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад, ки ҳалли онҳо ва ба инобат гирифтани онҳо талаби рӯз аст. Махсусан, дар замони муосир, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократиро мақсади хеш қарор додааст, ташаккул ва таҳкими низоми интихоботии ҷавобгӯ ба талаботи замон воситаи хуби таъмини рушди минбаъда мебошад. Ҳолати зайл аҳамияти омӯзиши интихобот, системаҳои интихоботӣ, навъу шаклҳои онро ҳам аз ҷиҳати назарявию методологӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ рӯзмарра мегардонад. Аз ин хотир, дарки амиқу фаҳми дурусти моҳияту хусусиятҳои интихобот аҳамияти воқеӣ пайдо намудаанд.

Дар ҷомеаи демократӣ интихобот дар сатҳи гуногун, дар шаклҳои мухталиф ва ба таври васеъ баргузоркарда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташакул ва рушди қонунгузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст:

- ✓ Давраи аввал аз соли 1990 то соли 1994;
- ✓ Давраи дуюм аз соли 1994 то инҷониб.

Давраи аввал баъд аз қабули Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва Қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон», Изҳороти Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991».

Ҳамин тавр, 29 ноябри соли 1990 Қонуни ҶТ «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» қабул шуд.Санади дигаре, ки ба таърихи таъсис додани мансаби Президент дахл дорад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 сентябри соли 1991 ба шумор меравад.

Давраи дуюм бошад бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 июли соли 1994 №1042 ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. [3,670].

Ҳамзамон бо ин, яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар баррасии мавзӯи интихобот ҳуқуқи интихоботӣ мебошад. Маҳз он нишондиҳандаи муҳимми мавҷудият ва татбиқи принсипҳои демократӣ дар бораи волоияти ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон маҳсуб меёбад. Ҳуқуқи интихоботӣ ба сифати ҳуқуқи сиёсии шахс ҷиҳати ширкат варзидан дар ҳаёти сиёсии ҷомеа баромад намуда, давлат кафолати таъмини онро медиҳад.

Бояд гуфт, ки муҳаққиқ А.И.Имомов ҳуқуқи интихоботро дар Тоҷикистон ба се маъниву мафҳум ҷудо намудааст:

**“Якум,** чун ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби Президент, ба вакилии Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси маҳаллӣ.

**Дуюм,** чун шакли ягонаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва интихоби Президент.

**Сеюм,** чун падидаи демократӣ ва нишондиҳандаи тартиби идораи демократии давлат, чун маҳак ё мизони ошкор кардани татбиқи низоми тартиби демократӣ” [6, 144-151].

Ҳуқуқи интихобот яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тавассути моддаи 27-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. “Шаҳрвандони Тоҷикистон имконият доранд, ки тавассути интихобот ва раъйпурсӣ дар корҳои идоракунии давлати иштирок намоянд» .

Тавассути Конститутсяи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ масъулияти шаҳрвандонро дар корҳои идоракунии давлат ба миён оварда, иштироки шаҳрвандонро дар корҳои идоракунии давлат фаъол гардонид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд тавассути санадҳои меъёри - ҳуқуқи кафолат медиҳад, ки дар қаламрави ҷумҳури интихоботи озод ва шаффоф баргузор гарданд [5, 285] .

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри шаффоф ва озод гузаронидани интихобот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ», «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони

халқ», «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи интихоботии омехта мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳангоми интихоби вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ба сифати парламенти касбӣ амал менамоянд, 65 фоизи вакилон ё худ 41 нафар тавассути системаи интихоботии мажоритарӣ интихоб мешаванд, 35 фоиз ё худ 22 нафари вакилон мувофиқи рӯйхатҳои ҳизбӣ тавассути системаи интихоботии мутаносиб муайян мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ- Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду маҷлис иборат аст. Палатаи болоӣ - Маҷлиси миллӣ ва палатаи поёнӣ - Маҷлиси намояндагон мебошад.

Интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ бо таври зерин сурат мегирад. Аз чор се ҳиссаи Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он тариқи овоздиҳии пинҳонӣ намояндагони баробар (5 нафарӣ)-ро интихоб менамоянд. Дар баробари ин, аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро (8 нафар) -ро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин менамояд.

Интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ ва системаи интихоботии омехта сурат мегирад, дар он ҳеҷ гунна ҳадди нисоб (квота) муқаррар карда намешавад.

Дар ташкили инфраструктураи интихобот қариб ҳамаи шохаҳои ҳокимият ширкат меварзанд. Мақомоти ҳокимияти қонунбарор таҳкурсии меъёрҳои маъракаи интихоботро дида мебароянд.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия барои тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон маблағгузаронии интихоботро ба дӯш доранд, ки он аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд.

Мақомотҳои ҳокимияти судӣ баҳс ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии рафти маъракаи интихоботро ба танзим медароранд. Нақши тарғибу ташфиқи иттилоотӣ ба «ҳокимияти чорум» - воситаҳои ахбори омма таълуқ доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобот дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии махфӣ гузаронида мешаванд. Мавҷудияти давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бе ташаккули ақидаҳо ва арзишҳои сиёсӣ, бе иштироки бошууронаи шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ (хусусан интихобот) имконопазир аст. Озодиҳои сиёсӣ дар низоми озодиҳои инсон ва шаҳрванд гурӯҳи алоҳидаро ташкил дода, ҳамчун махсусияти ҷудонопазири ҷомеаи мутамаддин баромад мекунанд [8,10]. Воқеан ҳама озодиҳои сиёсӣ дар таҳкими самаранокии интихобот дар шароити муосири Тоҷикистон мусоидат намуда, имконияти бештари амалишавии ҳуқуқҳои сиёсиии шаҳрвандонро дар ҷомеа фароҳам меорад.

Қайд намудан зарур аст, ки демократия шароити муайяни ҳаёт ва консенсуси ҳамаи қувваҳои сиёсиро талаб менамояд. Агар ин ҳолат вайрон гардад ҳизб ё қувваи сиёсии ҳоким аз мақоме ва нақше, ки дар ҷомеа дорад истифода намуда, демократияро маҳдуд менамояд, ҷомеаро ба ҷараёни якҳизбӣ меорад. Равандҳои демократӣ муносбати маҳсусро талаб менамояд. Пеш аз ҳама заминаи иҷтимоии он бояд таҳким ёбад. Сатҳи мукаммали маданияти сиёсии одамон ба ривоҷи демократия такони пурзӯре медиҳад. [1,415] Масъалаи демократия ва равандҳои демократикунонӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини низоми сиёсӣ баҳисоб меравад, ки раванди маскур дар самти амалишавии

равандҳои итихобот иштрокии фаъолонаи шаҳрвандон дар ин самт ва инчунин самаранокии фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро фароҳам меорад.

Воқеан ҳам дар ҷомеаи муосир интихоботи демократӣ дар мақомотҳои ҳокимияти сиёсӣ ҳамчун ба сифати маъракаи муҳимми сиёсӣ баромад менамояд. Ҳадафи асосии онро қонунӣ гардонидани ҳокимият ва расмӣ гардонидани муносибати намояндагони ҷамъиятӣ дар системаи идораи давлатӣ ташкил менамояд. Ҳар як маъракаи интихобот истифодаи технологияҳои муайянро тақозо менамояд, ки интихоби он аз хусусиятҳои фарҳанги сиёсии ҷомеа низ вобаста мебошанд. Дар ин масир истифодаи василаҳои иттилоотӣ аҳамияти хос доранд.

Муҳаққиқи тоҷик Хидирзода М.У. дар асари худ "Интихобот василаи таъсиси ниҳоди Президентӣ" дар масъалаи муҳим будани унсури иттилоотӣ дар раванди ташаккули фазои интихоботӣ қайд мекунад, ки: "Иттилоот ҳамчун василаи муҳимми ташаккулдиҳандаи фазои интихоботӣ ба шумор рафта, бидуни он тасаввур кардани маъракаи мазкур номумкин аст". [9,126]. Маҳз дар раванди интихобот иттилооти дақиқ шарти муҳим ва заруриро иҷро менамояд.

Дар режими сиёсии демократӣ технологияи интихобот ба хотири таъмини муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаи шаҳравандӣ ва давлат истифода карда мешавад ва дар ин муносибатҳо ҳокимият тавассути интихобот ба намояндагони мардумӣ во гузаронида мешаванд. Дар натиҷаи гузаронидан ва истифодаи технологияҳои зарурии интихоботӣ фаъолияти сиёсии одамон самарабахш мегардад. Самарабахшии фаъолияти сиёсӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳокимият тавассути интихобот ба худ хосияти легитимиро мегирад ва аз тарафи дигар дар ҷомеа интихобот вазифаҳои асосии хешро ба сомон мерасонад инчунин номзадҳо тавассути интихобот манфиатҳои шаҳрвандони участкаҳои интихоботиро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ амалӣ месозанд.

Технологияи интихоботӣ ин василаест, ки маҷмуи воситаҳо ва усулҳои ҷамъоварӣ ва коркарди иттиллооти зарурӣ буда, барои ба даст овардани иттилооти нави сифатнок, ҳолати объект, раванди падидаҳо ва ҳодисаҳоро дар бар мегирад [4].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқи кишварро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳони ҳисобида озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас эълон мекунад. Илова бар ин, моддаи 8-и Конститутсияи Ҷумҳурӣ муайян мекунад, ки: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад» [7].

Маълум аст, ки дар замони ҳозира барои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот нақши асосиро ҳизбҳои сиёсӣ мебозанд, зеро пешбарии номзадҳо ба интихоботи мансабҳои давлатӣ, таҳия ва коркарди барномаи пешазинтихоботӣ, интихоби онҳо мувофиқи рӯйхати муайяни ҳизбӣ амалӣ гардонида мешаванд. Сиёсатшиноси олмонӣ Т.Элвайн мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихобиро қайд намуда менависад, ки: «Барои ҷой дар парлумон имрӯз фақат ҳизб мубориза мебарад. Интихобкунанда метавонад аз байни номзадҳои ҳизбӣ ё рӯйхати ҳизбҳо касеро интихоб намояд. Яъне ҳизбҳои сиёсӣ звенои муттаҳидкунанда дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ ва ҳукумат мебошанд» [2,327].

Дар асосҳои гуфтаҳои овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки низоми интихобот ин як раванди демократикунонӣ маҳсуб шуда, барои рушди минбаъдаи ҷомеа замина мегузорад. Дар интихобот мавқеи муайянро интихоби сиёсӣ ишғол менамояд, ки ба ташакулёбии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, корҳои сиёсии дохилию берунӣ ва ҷобаҷогузории қувваҳои сиёсӣ дар мамлакат таъсири амиқ мерасонад. Интихобот дар ҳаёти ҷомеаи муосир мақоми махсус дорад, он ба қувваи мутаҳаррики пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст.

Маврид ба зикр аст, ки интихобот имконият медиҳад, ки тамом сохторҳои ҷомеа дар асоси иродаи халқ интихоб гардида, рушди босамар ва ташаккули босуботи он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо самар таъмин гардад. Интихоботро ҳамчун василаи муҳимми демократикунонии ҳаёти ҷомеа маънидод намуда, хулоса кардан мумкин аст, ки маҳз тавассути он шаҳрвандон дар раванди ташаккули ҳокимият ва ниҳодҳои он бевосита иштирок мекунанд.

**Адабиёт**


1. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ. - Душанбе. 2010. - С.415.
2. Ellwein T/ Politische Wissenschaft. Beitrage zur A nalyse von Politik und Gesellschaft /T.Ellwein.-Westdeutscher Verlag GmbH? Op1aden,1987.-327 S.
3. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 670с.
4. История информатцоных технологий. (Дата обращение.: 26.12.2022). ru.m.wikipedia.org
5. Кенчаев Ш.Ю. Мухторов К.Т Ҳуқуқи Интихоботӣ Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд. 2011. – 285с.
6. Олимзода М. А. Ташакули қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Нақши конститутсия дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.// Маводи конференсияи илмӣ – назарявӣ. – Душанбе, 2021. – дар АИДНПҶТ. С. 144-151.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикитон. – Душанбе, 2016.
8. Саволу Ҷавобҳои маъмултарин оид ба интихобот. - Душанбе. 2009. - С- 10
9. Хидирзода М.У. Интихобот василаи таъсиси ниҳоди Президентӣ (таҷрибаи Тоҷикистон). - Душанбе. 2021. - С- 126
10. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар – СММ. Тоҷикистон, - 1999. Моддаи 21.


## ВЫБОРЫ И ИХ РОЛЬ В ПРОЦЕССЕ ДЕМОКРАТИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА


**БАРАКАТОВ БОБОХОДЖА САЙФУЛЛОЕВИЧ**
аспирант Института политических наук, философии и права им. Бахавиддинов
Национальная Академия наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 33.
Тел.: (+992) 938-27-62-62. E-mail: Barakatov.96@mail.ru



*Вопрос о выборах имеет особое значение в политической жизни Республики Таджикистан и в эффективности системы управления. Сегодня всестороннее изучение и анализ этого вопроса стало реальной необходимостью и привлекает внимание политологов.*

*Автор считает, что важнейшей целью государственной политики Таджикистана является сохранение основ конституционного строя, построение демократического, правового, светского и единого государства, сущностью которого является защита прав и свобод человека и гражданина. Следует сказать, что процесс демократизации политической жизни, особенно эффективность государственного управления, находится в глубокой зависимости от выборов и их прозрачности.*



***Ключевые слова:*** *выборы, избирательное право, Конституция, , закон о выборах, парламент, демократия, правительство, избирательная кампания, союз, права человека, политика, народное мнение, резонанс, народная идеология, генерал.*


## ELECTIONS AND ITS ROLE IN THE DEMOCRATIC PROCESS OF TAJKISTAN SOCIETY

**BARAKOTOV BOBOKHODZHA SAIFULLOEVICH,**
post-graduate student of the Institute of Political Sciences,
Philosophy and Law named after A.I. Bahaviddinov NAST.
34025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Rudaki ave.
Phone: (+992) 938-27-62-62. E-mail: Barakatov.96@mail.ru

*The issue of elections has a special status in the political life of the Republic of Tajikistan and has features in the effectiveness of the management system. Today, a comprehensive study and analysis of this issue has become a real necessity and has attracted the attention of political scientists. The issue of elections has become the most important issue of the time, and it is mainly analyzed and researched within the framework of political science.*

*The authors believe that the most important goal of the state policy of Tajikistan is to preserve the foundations of the constitutional system, build a democratic, legal, secular and unified state, the essence of which is the protection of the rights and freedoms of man and citizen. It should be said that the process of democratization of political life, especially the effectiveness of public administration, is deeply dependent on elections and their transparency.*

***Key words:*** *Elections, suffrage, Constitution, constitution, electoral law, parliament, democracy, government, election campaign, union, human rights, politics, popular opinion, resonance, popular ideology, general.*

УДК: 32.019

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИВИЮ КОНСЕПТУАЛИИ ИШТИРОКИ СИЁСӢ

**МИРЗОЕВА НУШОФАРИН ЗАФАРОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33.
Тел.: (+992) 904-37-98-98. E-mail: nushofarin.mirzoeva@bk.ru

*Мақола ба таҳлили ҷанбаҳои назариявии иштироки сиёсӣ бахшида шудааст. Дар он андешаҳои мутафаккирони Ғарбу Шарқ дар шакли муқоиса оварда шуда, раванди инкишофи демократия ва иштироки ҷомеа дар ҳаёти сиёсӣ таҳлил шудааст. Ҳамзамон, фикру ақидаҳои мутафаккирони форсу тоҷик низ дар мақолаи мазкур ҷамъоварӣ карда шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.*

*Иштироки сиёсӣ ҳамчун унсури муҳими демократия ба шумор рафта, коммуникатсияи байни ҳокимият ва оммаро ба танзим медарорад. Ҳамчун василаи таъмини иштироки ҷомеа дар ҳаёти сиёсӣ, демократия нақши хосса дорад. Дар заминаи таҳлили назария ва консепсияҳои гуногуни мактабҳои сиёсатшиносии олам маълум гардид, ки иштироки сиёсӣ дар доираи масъалаҳои муҳимми барои рушди ҷомеа зарурӣ омӯхта шуда, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *демократия, демократияи классикӣ, иштироки сиёсӣ, иштироки шаҳрвандӣ, воқеияти сиёсӣ, муносибатҳои демократӣ, принсип, тафаккури ҷомеа, қарори сиёсӣ, аъзои ҷомеа.*

Амалияи сиёсӣ собит месозад, ки қонунмандии ҳама гуна ҳокимият ва рушди ҳама гуна ҷомеа ба муносибати субъектони сиёсат ба раванду ҳодисоти дар он ҷараёндошта ва ширкати бевосита ва ё бавоситаи онҳо дар дигаргуниҳои ичтимоию сиёсии бавуқуоянда робитаи зич дорад. Аз ин нуқтаи назар, иштироки сиёсӣ ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи сатҳи ҳавасмандии шахс ҷиҳати таъсиррасонӣ ба қабули қарори сиёсӣ маънидод карда мешавад.

Иштироки сиёсӣ ҳамчун категорияи илми сиёсӣ дар робитаи зич бо дигар мафҳумҳо, аз он ҷумла рафтори сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ ва фарҳанги сиёсӣ омӯхта мешавад. Робитаи мазмунӣ ва сохторие, ки байни онҳо мавҷуд аст, ифодаи мураккабии иштироки сиёсӣ ҳамчун зуҳурот ва шакли рафтор дар ҷомеа мебошад, ки аз омилҳои гуногун, аз он ҷумла объективӣ ва субъективӣ вобаста мебошад.

М.Баретто ва Б.Зани мавзӯи мазкурро таҳқиқ намуда, фарқияти байни мафҳумҳои «иштироки шаҳрвандӣ» ва «иштироки сиёсӣ»-ро ҷудо мекунанд. Ба ақидаи онҳо: «Иштироки сиёсӣ ин фаъолиятест, ки мақсади таъсиррасонӣ дар сатҳи идоракунии мунисипалӣ, минтақавӣ ва ё федералиро дошта, инчунин ҷиҳати таъсиррасонии бавосита ба интихоби одамоне, ки сиёсатро татбиқ менамоянд, равона карда шудааст; иштироки шаҳрвандӣ – фаъолияти ихтиёриест, ки ба расонидани кумак ба дигарон, ноил шудан ба некуаҳволии ҷамъиятӣ ва ҳалли масъалаҳои ҷамоа, ки мустақилона ва ё дар ҳамкорӣ бо дигарон амалӣ шуда, ҳадафаш ба даст овардани дигаргуниҳои зарурӣ мебошад» [1,5-28]. Таснифи шаклҳои зикргардидаи иштироки сиёсӣ имконият медиҳад, ки доираи фаъолияти шахс муайян карда шавад. Ё худ принсипи маконӣ ва мақсаднокии таъсиррасонӣ ин ду шакли иштирокро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд: яке бевосита ба мақомоти давлатӣ ва шахсони дар он қарорқабулкунанда ва дигаре дар асоси ихтиёрӣ иштирок дар фаъолияти ҷамоаро дар бар мегирад. Содданамоӣ дар таснифи иштироки сиёсӣ, ки аз ҷониби олимони зикргардида истифода шудааст, бахри дарки амиқи хусусияти иштироки сиёсӣ имконият фароҳам меоварад.

Демократияро ҳамчун василаи таъмини иштироки мардум дар қабули қарори сиёсӣ маънидод намуда, Й.Шумпетер менависад, ки: "Берун аз ҳудуди демократияи "бевосита" теъдоди хеле зиёди шаклҳои имконпазири иштирок мавҷуд аст, ки дар доираи он мардум имконият дорад дар қабули қарорҳо оид ба идоракунии давлатӣ ва ё таъсир расонидан ба он ва назорати онҳое, ки ин идоракуниро дар амал татбиқ менамоянд, иштирок намоянд. Вале ҳеҷ кадоме аз ин шаклҳои номбаршуда, хусусан онҳое, ки амалан фаъол ҳастанд, наметавонанд ҳамчун "идоракунии халқ" маънидод шаванд" [9,691]. Масъалаи иштироки сиёсии мардум дар раванди қабули қарор ва идоракунии давлатӣ, ки нишонаи асосии демократияи классикӣ маҳсуб меёбад, ба ақидаи Й.Шумпетер асос барои номгузорӣ намудани он ҳамчун идоракунии мардум шуда наметавонад. Ин фикри худро мутафаккир бо он асоснок мекунад, ки: "Ҳар як аъзои ҷомеа, мақсадҳои умумиро ба инобат гирифта, манфиатҳои худро дарк ва арзёбӣ , хуб ва ё бад будани онҳоро муайян карда намуда, дар зиёд намудани ин ҳама хубиҳо ва кам намудани бадиҳо  иштироки фаъол ва масъулиятшиносона меварзад. Ҳама аъзои ҷомеа дар якҷоягӣ корҳои ҷамъиятиро назорат мекунанд" [10,638].  Таҳлили ақидаҳои минбаъдаи Й.Шумпетер имконият медиҳанд, ки асоснокии фикри дар боло зикргардидаро муайян намоем. Зеро ба ақидаи ӯ фаъолияти идоракунии давлатиро мардум ба кумита ва идораҳои муайян вогузор менамояд, ки онҳо дараҷаи салоҳиятнокии заруриро соҳиб буда, метавонанд ин равандро самаранок татбиқ намоянд. Яъне, ҳамин тариқ ӯ ақидаҳои худро дар бораи демократияи бавосита ё элитарӣ асоснок мекунад. Иштироки сиёсии мардум ҳамчун марҳилаи ба сиёсат овардани шахсони алоҳида, аз он ҷумла элитаҳои сиёсӣ арзёбӣ гардида, идоракунии минбаъдаро ба онҳо вогузор менамояд.

Таҳлили ақидаҳо ва консепсияҳои олимони ғарб нишон медиҳад, ки онҳо зери мафҳуми "иштироки сиёсӣ" ҳам иштироки алоҳидаи шахс ва ҳам иштироки гурӯҳӣ ва оммавиро дар назар дошта, ҳар яки онҳо вобаста ба ин шаклҳои иштирок фикру ақидаҳои худро асоснок баён намудаанд. Таҳлили назариячиёни демократияи элитарӣ нишон медиҳад, ки онҳо иштироки оммавиро дар сиёсат намепазиранд, ҷонибдорони назарияи демократияи иштирок ё партисипаторӣ бошад, баръакс, ҷонибдори иштироки васеи омма дар раванди қабули қарор мебошанд. Ҳамзамон бо ин тавсифи веберӣ иштироки сиёсиро ҳамчун касб низ маънидод мекунад, ки ба он дар асоси касбӣ машғул мешавад.

Олими дигари рус В.Л.Римский иштироки сиёсиро ҳамчун василаи муҳимми ҳифзи шахс аз назарфиребии сиёсӣ маънидод мекунад. Ҳам замон бо ин таъкид мекунад, ки: «Сатҳи нисбатан пасти иштироки сиёсии шаҳрвандон ба таври маъмулӣ бо пурзӯршавии танзими давлатии амалияи сиёсӣ иваз карда мешавад. Вале шаҳрвандон, ки амалан аз расмиёти қабули қарорҳои сиёсӣ дур шудаанд, қарорҳои қабулнамударо қонунӣ намешуморанд ва ба онҳо итоат намекунанд. Дар натиҷа ба ҷойи итоати бештаре, ки мақомоти давлатӣ чашмдор буданд, пастшавии сатҳи
боварии шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои он, меъёрҳо, қонунгузорӣ ва сиёсатмадорону ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд. Омиле, ки ба ҳалли ин масъалаҳо барои ҳокимияти давлатӣ мусоидат мекунад, боло бурдани сатҳи иштироки сиёсии шаҳрвандон мебошад» [4].

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили назария ва консепсияҳои гуногуни мактаби сиёсатшиносии рус маълум гардид, ки иштироки сиёсӣ дар доираи масъалаҳои муҳимми барои рушди ҷомеа зарурӣ омӯхта ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Таҳқиқи масъала нишон дод, ки олимони рус иштироки сиёсиро василаи ифодаи хусусияти режими сиёсӣ, унсури фарҳанги сиёсӣ, нишондиҳандаи сатҳи иҷтимоишавии сиёсӣ,

зарфиятҳои равонӣ ва ҷузъи таркибии психологияи сиёсӣ маънидод намудаанд. Чунин мавқеи илмӣ имкон додааст, ки масъалаи мазкур аз паҳлуҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Ҳамзамон бо ин, ба инобат гирифтан зарур аст, ки иштироки сиёсӣ ифодаи баъзе хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии ҷомеа низ мебошанд, ки дар ҳар ҷо ба шакли гуногун зуҳур мекунад. Дар таҳқиқотҳои олимони рус вобаста ба ин масъала низ мавқеъҳои илмии устувор ҷой доранд, хусусан вақте, ки сатҳи таъсири манфиатҳо ба иштироки сиёсии шахс мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи иштироки сиёсӣ дар асарҳо ва таҳқиқотҳои олимони ватанӣ низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Сиёсатшиноси тоҷик Муҳаммад Абдураҳмон масъалаи иштироки сиёсиро баррасӣ намуда, онро бо фаъолияти сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ монанд мешуморад. Аз ҷумла қайд мекунад, ки: «Худи мафҳумҳои фаъолияти сиёсӣ, иштироки сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ ба ҳам монананд ва дар адабиёти илмӣ тавъам истифода мешаванд. Иштироки сиёсӣ ё амали сиёсӣ ин ҷалби аъзои ҷомеа ба ин ё он шакл ба раванди муносибатҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мебошад» [2,159]. Дар идомаи ин фикр сиёсатшинос қайд мекунад, ки вобаста ба шакли иштирок сатҳи фаъолнокии шахсӣ ё гурӯҳи метавонанд фарқ кунанд, зеро ҳар як нафар иштирокчӣ дорои хусусият ва хислатҳои худ буда, вобаста ба он метавонад фаъол ё ғайрифаъол, таҳаммулпазир ё агрессивӣ бошад [3,183]. Мо низ ба ақидаи муаллиф дар масъалаи фарқкунандагии сатҳи иштироки сиёсӣ вобаста ба хусусияти иштирокчиён розӣ ҳастем. Зеро яке бо ангезаҳои ҷолиб метавонад фаъолона дар раванди сиёсӣ иштирок намояд, дигаре нисбати онҳо бетафовут бошад.

Сиёсатшиноси тоҷик С.С.Ятимов дар чаҳорчӯбаи таҳлили масъалаҳои идеологӣ таъсири ғояҳоро ба рафтор ва сатҳи иштироки сиёсии шахс арзёбӣ намудааст. Аз ҷумла ӯ қайд мекунад: «Бояд иқрор шуд, ки ҳама гуна фаъолияти инсон, ки мавриди танқиду азнавсозӣ қарор намегирад ва ба воқеияти иҷтимоӣ мутобиқ намегардад, мунтазам таназзул ёфта, бесамар, ақибмонда ва хатарнок мешавад. Ҳолатҳое пеш меоянд, ки субъектҳои алоҳида новобаста ба шакли тафаккурашон, барои дар шуури мардум ҷой кардани тасавурроти шахшудаву бепоя талош намуда, ҳатто дар ин самт амалҳои мушаххасеро анҷом медиҳанд, ки барои ҷамъият, давлат ва миллат оқибатҳои ногувор доранд» [11,32]. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки таъсири идеологии мақсадноке, ки аз ҷониби қувваҳои манфиатдор расонида мешавад, тамоюли иштироки сиёсии шахсро муайян карда метавонад. Хусусан вақте, ки ин тамоюл ба муқобили амнияти давлату ҷомеа нигаронида шудааст, иштироки сиёсии шахс метавонад хусусияти деструктивӣ дошта бошад. Ҷанбаи идеологӣ, ки С.Ятимов ба он бисёр такя мекунад, воқеан ҳам омили таъсиррасонест, ки шакли рафтори сиёсӣ ва сатҳи иштироки сиёсӣ шахсро муайян мекунад.

Субъектҳои сиёсатро ҳамчун унсурҳои асосии такмилдиҳандаи ҳаёти сиёсӣ маънидод намуда, С.Ятимов онҳоро ба се гурӯҳ тақсим мекунад: “1.Субъектҳои сиёсие, ки талабот ва манфиатҳои дарозмудати миллиро бошуурона, аниқ тассавур мекунанд. Онҳоро мудом бо таҷрибаи таърихӣ ва муосир дар муқоиса мегузоранд. Аз он хулоса мебароранд.Оядаи миллатро ҳамчун нақша, идея ва арзишу ормонҳо дар амал пайгирӣ менамоянд. 2.Субъектҳои сиёсие, ки функсия ва вазифаҳои асосии худро мефаҳманд. Иқтидори тахассусӣ ва зеҳнии амалӣ кардани онҳоро доранд. Аммо дар таъмини талабот ва манфиатҳое, ки аз онҳо интизорӣ меравад, «шамъи дилро сарфа» мекунанд. «Парвои қавли носиху панди адиб» (Саъдӣ) надоранд. Дампо ҳастанд. Рӯзгор мебаранд. 3.Субъектҳои сиёсие, ки манфиатҳои фундаменталии сиёсӣ ва дурнамои онро барои дарозмуддат сарфи назар мекунанд.Ба хотири имконоти сиёсии лаҳзагӣ, аз ҷиҳати стратегӣ суолбарангез, ба аъмоли барои манфиатҳои миллӣ(давлати миллӣ, фарҳанги

миллӣ) хатарнок даст мезананд. Бошуурона фаҳмида, вориди системаи геополитики мубориза бар зидди осудагӣ ва амнияти сарзамини аҷдодии хеш гаштаанд.Дар ин система, тавассути пул, мол на ҳамчун субъект-шахсият, балки ба ҳайси абзор (инструмент), бозича кор мекунанд..» [12]. Тавсифи пешниҳоднамудаи сиёсатшинос имкон медиҳад мо дар бораи хусусияти иштироки сиёсии онҳо хулоса барорем. Ҳапр кадоми онҳо дар заминаи соҳибии ангезаҳои муайяни сиёсию иҷтимоӣ дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Ба ақидаи мо, таснифоти пешниҳоднамуда С.Ятимов баро муайян намудани сатҳи иштирок ва шакли иштироки сиёсии субъектҳои сиёсат заминаи боэътимоди илмӣ шуда метавонад.

Файласуфи тоҷик М.У.Хидирзода ба таҳқиқи масъалаи иштироки сиёсӣ рӯ оварда, онро ҳамчун принсипи асосии татбиқи демократия мешуморад. Вобаста ба ин қайд мекунад, ки: «Барои бунёди ҷомеаи воқеан ҳам демократияю, дунявию ҳуқуқбунёд на танҳо устувор намудани мавқеи ҳокимият, балки фаъолгардонии тамоми субъектҳои сиёсат зарур мебошад. Субъектҳои сиёсат, аз шаҳрвандони одӣ сар карда, то ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ қодиранд, ки ба раванди созандаи иҷтимоӣ ворид гардида, дар татбиқи ислоҳоти соҳаҳои гуногун бо ҳокимияти сиёсӣ ҳамдастӣ намоянд» [5,75]. Аз ин нуктаи назар иштироки фаъоли субъектони сиёсат ҳамчун омили пешрафти ҳокимият маънидод шуда, саҳми онхо дар татбиқи ҳадафҳо муайян инъикос карда мешавад.

М.Хидирзода инчунин дар таҳқиқотҳои худ ба масъалаи иштироки электоралӣ низ диққати ҷиддӣ додааст. Ӯ қайд мекунад, ки: «Иродаи интихобкунандагон ҷиҳати иштирок кардан ё накардан, ба ягон номзад овоздодан ё надодан, ба муқобили ҳама ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо баромад намудан ё худ бюллетени интихоботро пур нокарда, холӣ ба қуттии овоздиҳӣ партофтан, озод аст. Ин озодӣ яке аз муҳимтарин принсипҳои интихобот ба ҳисоб меравад» [6,18]. Озодии иродаи интихоботро дар раванди овоздиҳӣ ва иштроки шахс дар интихобот ва ё раъйпурсӣ М.Хидирзода таъкид намуда, ҳамзамон риояи принсипҳои демократияро дар масъалаи интихоб ва иштироки озод ҷонибдорӣ менамояд.

Сотсиологи шинохтаи тоҷик Ш.Шоисматуллоев нақши меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоиро дар муайян намудани шакли иштирок ва рафтори сиёсӣ муҳим мешуморад. Ӯ менависад, ки: «Маҷмуи асосҳои арзишию мазмунӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ рафтори шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои аҳолиро дар ҷомеаи муосир муайян мекунанд» [7,13].

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили се мактаби илмӣ – ғарбӣ, русӣ ва ватанӣ, мо имкон пайдо намудем, ки оид ҷанбаҳои назариявию консептуалии иштироки сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ ва шакли ифодаи муносибати шахс ба равандҳои сиёсӣ маълумоти заминавиро таҳлилу баррасӣ ва ба низом дарорем. Ин амал имкон дод, ки дар бораи масъалаи мазкур донишҳои зарурии назариявӣ ҳосил гардида, минбаъд дар раванди таҳлили масъалаҳои амалии иштироки сиёсии шахс истифода карда шаванд.

Ҳамчун, ҷанбаи дигари муҳиме, ки ба даст оварда шуд, муайян намудани умумияту фарқиятҳои дар назарияҳои олимони мактабҳои гуногун мебошад. Дар ин масир мо ошкор ва асоснок намудем, ки муҳити арзишӣ ва фарҳангӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ низ ба шаклгирии назарияҳои гуногун дар ин самт таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Хусусан таъсири ин омил аз ҷониби олимони ватанӣ махсус қайд шуда, унсурҳои зикргардида ҳамчун омили таъсиррасон ба шакли иштироки сиёсии субъектони сиёсат қайд шудаанд.

Ҷанбаи дигаре, ки умумияти ақидаҳои олимони мактабҳои гуногуни илмӣ муайян карда шуд, ин мавқеи онҳо оид ба хусусияти мураккаб доштани иштироки сиёсӣ ва ҷой доштани мавқеъ ва нуктаҳои назари гуногун оид ба моҳият ва мазмуни он мебошад.

Дар баробари ин қайд намудан зарур аст, ки агар дар таҷрибаи мактабҳои сиёсии ғарбӣ ва руссигӣ заминаи устувори методологӣ ва консептуалӣ дар самти омӯзиши масъалаи иштироки сиёсӣ мавҷуд бошад, дар мактаби илмии ватанӣ ин масъала омӯзишҳои ҳаматарафа ва бунёдиро тақозо мекунад. Зеро то ба ҳол дар илми сиёсии ватанӣ ягон таҳқиқоти бунёдии сирф ба ҳамин масъала бахшидашуда мавҷуд нест. Масъалаҳои рафтори сиёсӣ, муоширати сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии иштирокчиёни раванди сиёсӣ агар дар таҳқиқотҳои алоҳида мавриди баррасӣ қарор гирифта бошанд ҳам, масъалаи иштироки сиёсӣ аз диди сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ин ҳолат зарурати омӯзиши масъаларо баро олимони ватанӣ дучанд мегардонад. Зеро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ шаклҳои иштироки сиёсӣ низ дигагун шуда истодаанд. Аз ин рӯ, зарурати воқеии омӯзиши масъалаи мазкур ва аз диди назариявию консептуалӣ ва амалӣ асоснок намудани он ҷой дорад

**Адабиёт**


1. Barrett M., Brunton-Smith I. Political and Civic Engagement and Participation : Towards an Integrative Perspective //Journal of Civil Society. 2014. 10 (1). P. 5–28.
2. Махмадов А.Н. Риторика и политическая полемика [Текст] /А.Н.Махмадов. – Душанбе, 2015. –С.159 (183)
3. Махмадов А.Н. Риторика и политическая полемика [Текст] /А.Н.Махмадов . – Душанбе, 2015. –С.159 (183)
4. Римский В.Л.Цели и мотивы политического и общественного участия российских граждан [Электронный ресурс] / В.Л.Римский/ Режим доступа: https://www.rapn.ru/partner/files/rimskyi.pdf (дата обращения: 4.02.23)
5. Хидирова М.У. Ҳокимияти сиёсӣ [Матн] /М.У.Хидирова . – Душанбе, 2011. –С.75. 112с.
6. Хидирзода М.У. Интихобот ва таъмини ҳамгиройии иҷтимоӣ дар ҷомеа.[Матн] /М.У.Хидирзода/ – Душанбе, 2021. - С.18.
7. Шоисматуллоев Ш., Миров Ф.С. Умумияти арзишҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили стратегии таъмини ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ [Матн] / Ш.Шоисматуллоев, Ф.Миров/ Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,- №3 (1), -2017. –С.13. (12-18)
8. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия [Текст] /Й.А.Шумпетер - М., 2008. - С. 691.
9. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия [Текст] /Й.А.Шумпетер М., 2008. - С. 638.
10. Ятимов С.С.Идеология ва манфиатҳои миллӣ [Матн] / С.С.Ятимов - Душанбе, 2015.- С.32 (192)
11. Ятимов С. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ. «Тоҷикистон» №7.14.02.2018.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ УЧАСТИЯ ПОЛИТИЧЕСКИЙ


**МИРЗОЕВА НУШОФАРИН ЗАФАРОВНА,**
соискатель кафедры политологии
Национальная Академия наук Таджикистана.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33.
Тел.: (+992) 904-37-98-98. E-mail: nushofarin.mirzoeva@bk.ru



*Статья посвящена анализу теоретических аспектов политического участия. В ней сравниваются идеи западных и восточных мыслителей, анализируется процесс развития демократии и участия населения в политической жизни. В то же время в данной статье*

*также собраны и проанализированы мнения персидских и таджикских мыслителей.*

*Политическое участие считается важным элементом демократии и регулирует общение между правительством и общественностью. Демократия как средство обеспечения общественного участия в политической жизни играет особую роль. На основе анализа теории и концепций различных школ политической науки мира стало ясно, что политическое участие изучается и исследуется в рамках важных вопросов, необходимых для развития общества.*

***Ключевые слова:*** *демократия, классическая демократия, политическое участие, гражданское участие, политическая реальность, демократические отношения, принцип, общественное мышление, политическое решение, члены сообщества.*

## THEORETICAL AND CONCEPTUAL ASPECTS OF PARTICIPATION POLITICAL

**MIRZOEVA NUSHOFARIN ZAFAROVNA,**
Applicant of the Department of Political Science
National Academy of Sciences of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 904-37-98-98; E-mail: nushofarin.mirzoeva@bk.ru

*The article is devoted to the analysis of theoretical aspects of political participation. It compares the ideas of Western and Eastern thinkers, analyzes the development of democracy and the participation of the population in political life. At the same time, this article also collected and analyzed the opinions of Persian and Tajik thinkers.*

*Political participation is considered an essential element of democracy and regulates communication between the government and the public. Democracy as a means of ensuring public participation in political life plays a special role. Based on the analysis of the theory and concepts of various schools of political science in the world, it became clear that political participation is studied and researched within the framework of important issues necessary for the development of society.*

***Key words:*** *democracy, classical democracy, political participation, civic participation, political reality, democratic relations, principle, public thinking, political decision, community members.*

УДК: 327

# БУҲРОНИ ГИДРОПОЛИТИКӢ ВА ТАШАБУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: (+992) 989-17-17-47. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru

*Имрӯзҳо зарурат пеш омадааст, ки бо дарназардошти ғуборолуд гардидани фазои геополитикиии ҷамеаи ҷаҳонӣ, махсусан тағйирёбии иқлим ва дигар хавфу хатар ва таҳдидҳои табиӣ ва сунъии ҷомеаи ҷаҳонӣ моро зарур меояд, ки ҳиради азалии инсониро дар роҳи оромию осудагӣ ва иқболи баланди осоиштагии аҳли башар равона намоед.*

*Аз ин хотир муҳаққиқ қайд менамояд, ки доир ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳои геосиёсӣ ва геополитикӣ мутахассисони соҳавиро баҳри рафъи барҳурди буҳронҳои гидрополитикӣ дар шароити муосир зарур мешуморем. Зеро имрӯзҳо ҳолатҳои мазкур бисёр нигаронкунанда ва ташвишовар гардида истодааст, ки он метавонад бузургтарин таҳдид ба насли башар бошад.*

***Калидважаҳо:*** *гидрополитика, ташабусҳои байналмилалӣ, оби нӯшокӣ, минтақаи кӯҳистон, пиряххо, гармшавии иқлим, таҳдиду хатарҳо, низоми сиёсии олам, манфиатҳои миллӣ, захираҳои обӣ, энергияи сабз, иқтисоди сабз, шафофу беғубор, геополитика, самараноки сарватҳои табиӣ.*

Дар шароити муосир махсусан тағйирёбии вазъи геополитикӣ ва геосиёсии сиёсати ҷаҳонӣ имрӯзҳо мушкилоти зиёди сайёравӣ ва бӯҳрони гидрополитикиро ба вуҷуд овардааст, ки ин таҳдиди муҳимтарини аҳли башар хоҳад буд. Имрӯзҳо, ки асри ҷаддид суръати баланди тараққиётро соҳиб гардидааст, дар баробари ин мушкилотҳои гуногуни глобалиро ба вуҷуд овардааст, ки муҳимтарини онҳо ин ярокгардонии башитоб ба ҳисоб меравад, ки озмоиши ин гуна ихтироотҳо метавонад ба насли башар ва ҳаёти осудагию осоиштагии ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди муҳим бошад. Ҳамчунин масъалаи мазкур яке аз воситаҳои муҳимтарини мусоидаткунӣ дар самти буҳрони гидрополитикӣ буда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Ҷаҳон имрӯз дар остони бӯҳрони ҷиддии соҳаи об қарор дорад. Масъалаи камбуди оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар даҳсолаи охир торафт ба мушкилоте табдил меёбад, ки ҳарчи бештар ба худ таваҷҷуҳи хоси оламиёнро ҷалб карда, қабул ва татбиқи тадбирҳои умумӣ ва таъсирбахшро ногузир гардонида истодааст. Сабаби аслии чунин ҳолати ногувор, пеш аз ҳама, афзоиши аҳолии ҷаҳон, пурзӯршавии таъсироти техногунии фаъолияти инсон ба ҳолати экосистемаҳо ва дар паёмад шиддатнок гардидани мушкилоти экологии минтақа ва ҷаҳон, инчунин тағирёбии иқлими сайёра дониста мешавад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки имрӯзҳо бо мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ гардидааст, дар ҳали ин гуна масъалаҳо бетараф буда наметавонад. Зеро мушкилиҳои мазкур имрӯзҳо зиёд гардида симои худро дар шаклҳои гуногун ба вукуъ овардааст. Омилҳои мазкур ба технологияи муосири муқовимат дар ин самт ниёз дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт муваффақ ва пешсаф аст.

Бояд ёдовар гардид, ки мардуми тоҷик дар ҳама давру замон бо ҳамсоягон дар ҳалқаи дӯстию ҳамкорӣ зиндагӣ карда, ҳунару сабақи ниёгони худро ба онҳо низ ёд медод. Аз ин хотир дар баробари манфияти худ миллати тоҷик манфияти ҳамсоягонро низ ба эътибор мегирад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ташаббускор дар низоми сиёсии олам ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаҳои

геополитикӣ ва геостратегии ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки дар марзҳои он қисмати хеле зиёди захираҳои оби ташаккул ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки табиат бо тамоми ҳастияш гуворост, вале об асоси зиндагӣ, саломатӣ ва зебоӣ буда, накӯтарин муъҷизаи беҳамтоӣ олам аст. Об хосиятҳои созанда, вайронкунанда, барбоддиҳанда, маҳлулкунанда ва ҳомии ҳамагуна мавҷудот ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо яке аз мушкилиҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ истифодаи оби тоза мебошад. Бояд гуфт, ки қариб 80% кишвари ҷаҳон дучори ин мушкилот гардидаанд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, нисфи аҳолии ҷаҳон бо сабаби олуда гаштани об дар шароити зиддисанитарӣ зиндагӣ мекунад. Ҳамасола дар ҷаҳон бештар аз 5 миллион нафар дар натиҷаи истеъмоли оби ифлос вафот карда зиёда аз 3 миллиард нафар ба бемориҳои гуногун гирифтор мешаванд, ки ин муҳимтарин буҳрони гидрополитики ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин навъи буҳрони гидрополитикии ҷаҳони муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхори дар аҳли ҷомеаи башар намуда 5 ташаббусҳои байналмилалиро дар сиёсати ҷаҳонӣ роҳандози намудааст, ки инҳо мебошанд:

- соли 2003 – соли байналмилалии оби тоза, ки дар сессияи 55-ум бо Қарори Ассамблеяи СММ аз 20 декабри соли 2000 таҳти №55/196 қабул гардидааст;
- даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015, ки дар сессияи 58-ум бо Қарори Асамблеяи Генералии СММ аз 23 декабри соли 2003 таҳти №58/217 қабул гардидааст;
- соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об – 2013, ки дар сессияи 65-ум бо Қарори Асамблеяи СММ аз 20 декабри соли  2010 таҳти 65/154 қабул гардидааст;
- даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», 2018-2028, ки дар сессияи 71-ум бо Қарордоди Асамблеяи Генералии СММ аз 21 декабри соли  2016 қабул гардидааст;[8]
- 14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард. Мувофиқи ин қатънома дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад. [5] Ташаббусҳои мазкур ҷиҳати эҷоди заминаи устувор барои ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандгардонии талошҳо бо мақсади ҳаллу фасли мушкилоти марбут ба мудирияти масъалаҳои об роҳандозӣ шудааст.

Маълум аст, ки имрӯзҳо тарақиёти технологияи муосир ва саноатикунонии бошитоби ҷомеаи ҷаҳонӣ боиси тағйирёбии иқлим гардидааст, ки ин ҳолат ба обшавии пиряхҳо оварда расонидааст. Пиряхҳо, ки манбаъи бузурги захираҳои оби ошомидани ба ҳисоб меравад, обшавии онҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан диққати давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба худ кашидааст.

Роҷеъ ба масъалаи мазкур яъне гармшавии иқлим ва таъсири он ба табиат дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ишора гардидааст, ки: «Тибқи маълумотҳо аз 14 ҳазор пиряхе, ки дар кишвари мо ба қайд гирифта шудааст, дар давоми 40 соли охир бо сабаби гармшавии иқлим ҳазор пирях аз байн рафтааст ва ин раванд солҳои охир босуръат идома дорад. Бо дарназардошти чунин вазъ, Академияи илмҳо дар сохтори худ Маркази омӯзиши пиряхҳоро таъсис дода, мониторинги доимии пиряхҳо ва дигар сарчашмаҳои обии кишварро ҷиддӣ ба роҳ монад. Ҳамзамон бо ин, муассисаҳои илмии Академияро зарур аст, ки таҳқиқотро доир ба гуногунии

биологӣ, сарватҳои табииву зеризаминӣ, ҷустуҷӯи геологӣ, корҳои бостоншиносӣ ва омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик идома бахшанд».[6] Воқеан ҳам таъсири иқлим ва инчунин тағйирёбии он дар шароити муосир ба захираҳои оби таъсири бештар расонида истодааст.

**Кӯҳистони тоҷик -** Тоҷикистон бо амри тақдир дар минтақаи кӯҳистон ҷойгир шудааст. Дар бораи кӯҳистони тоҷик маълумотҳои зиёде иттилоъ додан мумкин аст. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо дарназардошти манофеи миллӣ вобаста дар ситоиши кӯҳистон, неъматҳои кӯҳистони тоҷик, аҳамият ва мавқеъи геополитикии кӯҳистони тоҷик дар низоми сиёсии олам дар шакли як доктринаи геополитикӣ кам донишмандонеро ёфтан мумкин аст, ки рисолати илмии хешро ба қалам додааст. Ҳоло он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сарзамини кӯҳсор буда 93% онро кӯҳҳо ташкил менамояд. Қариб 50 % ҳудуди Тоҷикистон дар баландии зиёда аз 3000 то 7495 м баландӣ ҷойгир аст.

Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони табиӣ мебошад ва ба қавле даҳ фоизи он ҳанӯз мавриди коркарду истифода қарор нагирифтааст. Пешрафти иқтисодиёти кишвар ва дараҷаи баландшавии сатҳи зиндагии мардум бошад, пеш аз ҳама, аз бозёфту мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани сарватҳои зеризаминӣ махсусан аз энергияи сабз вобастагӣ дорад.

Масъалаи детерминизми географӣ дар шароити Тоҷикистон дар замири таъсири иқлими кӯҳӣ ба рӯҳ, ҷисм, психика, ахлоқи одамон, таъсири он ба сохти иҷтимоию сиёсӣ, таъсиррасонии он ба таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, ҷомеа ва давлат мавриди пажӯҳиш бояд қарор гиранд».[1,18]

Зимнан бояд қайд намуд, ки яке аз мавзеъҳои асосии ҷойгиршавии давлат дар низоми сиёсии олам ин мақеи ҷойгиршавии ҷуғрофии вай мебошад. Нақши асосиро дар ин самт сарватҳои табиӣ (захираҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ) ишғол менамояд, ки аксари онҳо дар минтақаҳои кӯҳи ҷой гирифтаанд. Яке аз ин сарватҳои нодири минтақаи кӯҳи ин об ҳамчун энеогияи сабз маҳсуб меёбад.

Бояд зикр намуд, ки истифодаи иқтидори обии мамлакат (дарёҳои кӯҳӣ, кулҳои бешумор) имкон медиҳад, ки шароити зиндагии арзанда барои аҳли ҷомеа фароҳам оварем, ки он на пайомадҳои манфӣ дорад ва на манфиатҳои дигаронро сарфи назар менамояд. Аз ҷумла, истифодаи нақшавии захираҳои обӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ манфиатҳои давлатҳои дигари ҳамҷаворро низ ба инобат мегирад. Чуноне, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора шудааст: «Дар баробари зиёд шудани аҳолӣ дар минтақаи мо ва умуман, дар сатҳи глобалӣ, талабот ба захираҳои об босуръат афзоиш меёбад. Зимнан, таъкид менамоям, ки сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи об, дар айни замон, ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ низ нигаронида шудааст. Мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиати минтақа мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем. Истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 миллиард метри мукаабро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ таъмин менамояд».[4] Ишора кардан ба маврид аст, ки иқтидори обии Тоҷикистон яке аз манфиатҳои ҳайётан муҳими миллии мамлакат ба ҳисоб рафта, он ҳамчун унсури ҳайётии манофеи миллӣ мебошад. Об ҳамчун сарчашмаи ҳайёт буда, аксарияти сарчашмаи обҳои мусаффои Тоҷикистон дар минтақаҳои кӯҳи ҷойгир мебошад. Ҳамчунин метавон гуфт, ки минтақаи кӯҳистони тоҷик барои истифодаи энергияи сабз шароити басо муҳим фароҳам овардааст, ки ба он сохтумони НБО Норак, НБО Роғун, НБО Сангтуда ва монанди инҳо мисол шуда метавонанд.

Чуноне, ки президенти мамлакат дар суханрониҳои хеш дар ҷаласаи ЮНЕСКО дар Фаронса ишора намуданд, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои ҷавонтарини дунё баҳисоб меравад, ки сину соли миёнаи аҳолии Тоҷикистон 24- солро ташкил менамояд. Аз лиҳози экологи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи 135- ум қарор дорад, ки ин беҳтарин нишондиҳанда дар дунё башумор меравад. Тоҷикистон аз лиҳози энергияи сабз дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад, ки мо онро дар даҳ соли охир ба ҷойи 3–ум баровардани ҳастем, бо кадом роҳ?. Ин нишондиҳандаҳои беҳтаре, ки Тоҷикистон ба даст овардааст аз ҳисоби энергияи исеҳсолшаванда буда, 98 фисади энергияи истеҳсолшавандаи Тоҷикистон аз гидроэнергетика мебошад. Дар як объект, бо номи Роғун, ки қариб 15- ҳазор ҷавонон кор мекунанд, баъди 10- сол пурра ба истифода дода мешавад, ки Тоҷикистон бо ҷойи сеюм мебароянд. Яъне имрӯз аз лиҳози энергияи сабз, иқтисоди сабз Тоҷикистон ҷойи шашумро ишғол мекунад.[9] Бояд гуфт, ки воқеан ҳам иқтидори обии малакат ҳамчун манфиатҳои ҳаётан муҳими миллӣ буда, дар рушди устувор ва бақодории манфиатҳои миллӣ Тоҷикистон ва дурнамои рушди он аҳамияти басо муҳимро ишғол менамояд.

Ба масъалаи истифодаи захираҳои обӣ бояд ғамхорона муносибат намуд. Зеро масъалаи мазкур дар олами муосир ба яке аз масъалаҳои муқовиматбори сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон метавонад онро дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ҳамчун омили таъсирбахш ва ҳатто дар ҳолатҳои махсус, омили муайянкунанда истифода намояд. Аз ин рӯ, мақомоти идораи давлатиро зарур аст, ки низоми истифодаи самараноки оби тозаро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷи он таҳия намуда, дар асоси он амал намоянд.[1,129] Ҳамчунин метавон гуфт, ки захираҳои обӣ яке аз манфиатҳои ҳайётан муҳимми миллии Тоҷикистон буда, самаранок истифода намудани он барои рушди дурнамои манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти бештари амалишавии манфиатҳои миллиро ба вуҷуд меорад. Шароити истифодаи самаранокии энергияи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоид буда, минтақаи кӯҳистони он ва обҳои мусаффояш имконияти бештар медиҳанд, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии мамлакат ва дурнамои рушди он аз чунин шароит самаранок истифода намоем.

*Тоҷикистон бо* обҳои маъданӣ ва *обҳои* **минералиаш** *шуҳрати оламшумул дорад.* Таркиби химиявӣ ва хосияти физикии обҳои минералӣ ниҳоят гуногун аст. Дар Тоҷикистон чашмаҳои гарм ва хунуки обашон газдор фаровон мебошанд. Масалан дар Тоҷикистони шимолӣ (кӯҳҳои Қурама ва Муғул) чашмаҳои хунуки шифобахши радиоактивӣ ва каммаъдан мавҷуданд. Дар наздикии Истаравшан (25 километр дуртар) дар Ҳавотоғ чашмаи минералии гарми йоду бромдор ҳаст, ки дар заминаи он дармонгоҳи Ҳавотоғ сохта шудааст.

Қисми бештари чашмаҳои минералӣ дар нишебиҳои ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ҷой гирифтаанд. Оби ин чашмаҳо хунук ва гарм буда, ба обҳои гази карбонатдори нарзан монанд мебошанд. Ҳарорати чашмаҳои минералии Хоҷаобигарм, Обигарм, Явроз, Гармоба ба 38°- 98° мерасад. Дар Хоҷаобигарм, ки чашмааш радиоактивии гарм аст, дар баландии 1800м дармонгоҳи ҳозиразамон сохта шудааст. Дармонгоҳи «Хоҷаобигарм» дорои буғи радон буда, дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил машҳур мебошад. Дармонгоҳи «Обигарм» дар баландии 1300м ҷойгир буда, оби гарми ҳидрогенсулфидии он беҳамтост.[2,65]

Обҳои нарзани Сангхок ва Анзоби ҳавзаи рӯди Зиддиро (дар баландии қариб 3000 м) барои нушидан ва муолиҷаи бемориҳо истифода мебаранд. Каме ғарбтар аз шаҳри Душанбе (18км) дар деҳаи Шоҳамбарӣ чашмаи минералии хунук мавҷуд аст. Оби он гидрогенсулфид дошта, бо мақсади муолиҷа ва нӯшидан истифода мешавад. Ба

дармонгоҳи Шоҳамбарӣ на фақат аҳолии Тоҷикистон, балки мардуми дигар мамлакатҳо низ барои муолиҷа меоянд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки обҳои мусаффои кӯҳистони тоҷик хусусияти дармонбахшӣ дошта, таваҷҷӯҳи бештари давлатҳоро ба худ ҷалб намудааст.

Дар низоми олами муосир истифодаи оби тоза тадриҷаи хосияти мураккаб ва муқовиматро пайдо менамояд. Эҳтимолияти ба омили ташаккули моҷароҳои сиёсӣ баромад намудани он хеле зиёд аст. Махсусан, Ҷумҳурии Узбекистон ва дар оянда Ҷумҳурии Афғонистон метавонанд, бо Тоҷикистон оид ба масъалаи мазкур дар муқовимат қарор дошта бошанд. Аз ин хотир, моро зарур аст, ки тавассути барномаи мушаххас танзими масъаларо пешдастӣ намоем. Чуноне, ки дар паёми Президент қайд гардидааст: «Мо минбаъд низ ба мақсади тавсеаи бештари робитаву ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои шарик доир ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрам ва расидан ба ҳадафҳои мутақобилан судманд, инчунин, таъмини манфиатҳои Тоҷикистон ва мардуми он дар арсаи байналмилалӣ, талош хоҳем кард».[7] Воқеан ҳам, истифодаи самараноки сарватҳои табиии минтақаҳои кӯҳӣ ва махсусан энергияи сабз, ки яке аз манфиатҳои муҳимми миллӣ ба ҳисоб меравад муносибатҳои ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки аксарияти обҳои ошомидани аз пиряххо сарчашма гирифта барои истемол намудан ниҳоят муфид мебошад. Кӯҳҳои осмонбуси Тоҷикистон манбаи бузурги пиряххо буда, масоҳати умумии пиряххо тақрибан 8,5 ҳазор км$^2$ баробар аст, ки қариб 6 фоизи сарзамини ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Чунин ғуншавии миқдори ях дар натиҷаи ғуншавии барфҳои бисёрсола, ки тақрибаан дар баландиҳои 3000-3500 м сар мешаванд, ба вуҷуд омадааст. Пиряххо хусусан дар баландиҳои аз 3500 то 5300 м бештаранд, ки калонтарини онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- Федченко масоҳаташ 651,7 км² буда, дарозии он 77 км;
- ГруммГржимайло масоҳаташ 160 км² буда, дарозии он 36,7 км;
- Бивачной масоҳаташ 197 км² буда, дарозии он 27, 8 км;
- Гарме масоҳаташ 153 км², дарозии он 27,5 км;
- Савукдараи Калон масоҳаташ 69 км² буда, дарозии он 25,2 км;
- Ҷамъияти Географии масоҳаташ 81,8 км² буда, дарозии он 21,5км;
- Гандо масоҳаташ 55 км² буда, дарозии он 22,5 км;
- Зарафшан масоҳаташ 41 км² буда, тӯлаш 27 км. [10,138]

Пиряхи аз ҳама калони Тоҷикистон пиряхи Федченко мебошад, ки дар нишебиҳои шарқии қаторкуҳҳои Академияи илмҳо ҷой гирифтааст дарозиаш 77 м ва бараш 5 км ва ғафсиаш то 1000 м буда, дар пиряхи Федченко баландтарин истгоҳи обуҳавосанҷи сохта шудааст.

Пиряххои захираи бузурги об буда, дар кишоварзии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна аҳамияти ниҳоят калон дорад. Дар авҷи гармои фасли тобистон, ки барфҳои мавсими ҳама об мешаванд, пиряххо ба боғу бустон ва киштзорҳо оби ҳаёт медиҳанд. Бинобар ин, омӯзиши обшавӣ ва ҳаракати пиряххо нафақат аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти амали низ дорад.

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ бузургтарин манбаи гидрополитикӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати энергияи сабз ҷойи намоёнро ишғол менамояд, ки аксарияти манбаи гидрополитикии он аз пиряххо ва чашмаҳои мусафояш дарак медиҳад.

Бояд гуфт, ки саҳми Тоҷикистон дар ташакули манбаҳои оби Осиёи Миёна хеле бузург аст.  Масалан аз 115,6 км3 оби ҳавзаи бахри Арал қариб 90% он дар ҳудуди Тоҷикистон ва Қирғизистон ҷорӣ мешавад. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 947 дарёҳо ба ҳисоб гирифта шудааст, ки дар якҷоя бо дарозии 28 ҳазор км тул кашидааст. Ҳоло дар ҳудуди

ҷумҳурӣ ба ҳиссаи дарёҳо 64 км3, ба ҳиссаи кӯлҳо 44 км3 (аз ин миқдор 20 км3 онро оби тозаи нӯшоки ташкил медиҳад) ва бештар аз 6км3 оби тоза ба ҳиссаи обҳои зеризаминӣ рост меояд.[3,36]

Ҳамин тариқ доир ба масъалаи ҳаётанмуҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ҳаёт аз он сарчашма мегирад, Ҷумурии Тоҷикистон бетараф набуда дар самти бақою устуворӣ ва шафофу беғубор нигоҳ доштани гидрополитикаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ниҳоят ташабускор аст, ки ин ташаббусҳо аз ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста дастгири меёбад.

**Адабиёт**

1. Зокиров Г.Н. Минтақаи кӯҳистон. (Таҳқиқоти геополитикӣ). [Матн] / Г. Н. Зокиров. - Душанбе, 2016. - С- 18. 152 с.
2. Муҳаббатов Х.,Акобиров Ш., Раҳимов Ш. Географияи Тоҷикистон. [Матн] / Х. Муҳаббатов. ва диг. – Душанбе, 2020. -С. 65.
3. Муҳаббатов Х. «Об манбаи ҳаёт». [Матн] / Х. Муҳаббатов. – Душанбе, 2003. – С. 36. 210 с.
**4.** Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** 26.12.2018 12:21, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj/node/19088
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе http://prezident.tj/node/29823
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017 13:21, шаҳри Душанбе, http://www.president.tj/node/16771#isfara
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019 13:02, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj/node/21975#sangvor
8. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои байналмиллалии аҳамияти глобалидошта. [Захираи электронӣ]. URL: http://dushanbe.sud.tj/press/prezidenti-um-urii-to-ikiston-va-tashabbus-oi-bajnalmillalii-a-amijati-globalidoshta/ (Санаи муроҷиат: 22.01.2023)
9. Суханрониҳои Пешвои миллат – Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ЮНЕСКО дар Фаронса11/2019.
10. Ҳомидов Д. Р. Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин. [Матн] / Д. Р. Ҳомидов. - Душанбе, 2018. - С. 138. (470с.)

# ГИДРОПОЛИТИЧЕСКИЙ КРИЗИС И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ИНИЦИАТИВЫ ТАДЖИКИСТАНА В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ

**МУЗАФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
старший преподаватель кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@ mail.ru

*В наше время необходимо учитывать загрязнение геополитического пространства мирового сообщества, особенно изменение климата и другие естественные и искусственные опасности и угрозы мировому сообществу, направить извечную человеческую мудрость на путь мира и спокойствия и высокие шансы на мир для человечества.*

*По этой причине исследователь отмечает, что мы считаем необходимым проведение геополитических и геополитических исследований полевых специалистов по данному вопросу, чтобы исключить возникновение гидрополитических кризисов в современных условиях. Потому*

*что сегодня темные ситуации становятся очень тревожными и тревожными, которые могут быть самой большой угрозой для человечества.*

***Ключевые слова:*** *гидрополитика, международные инициативы, питьевая вода, горный регион, ледники, потепление климата, угрозы и опасности, мирополитическая система, национальные интересы, водные ресурсы, зеленая энергия, зеленая экономика, чистота, геополитика, эффективность использования природных ресурсов.*

## HYDROPOLITICAL CRISIS AND INTERNATIONAL INITIATIVES OF TAJIKISTAN IN WORLD POLITICS

**MUZAFARZODA FAZLIDDIN,**
Senior Lecturer of the Department of Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nasir, st.
Phone: (+992) 987-93-71-71. E-mail: muzafarzoda95@ mail.ru

*In our time, it is necessary to take into account the pollution of the geopolitical space of the world community, especially climate change and other natural and artificial dangers and threats to the world community, to direct the eternal human wisdom towards the path of peace and tranquility and high chances for peace for mankind.*

*For this reason, the researcher notes that we consider it necessary to conduct geopolitical and geopolitical studies of field specialists on this issue in order to exclude the occurrence of hydropolitical crises in modern conditions. Because today the dark situations are becoming very disturbing and unsettling, which can be the biggest threat to humanity.*

***Key words:*** *hydropolitics, international initiatives, drinking water, mountainous region, glaciers, climate warming, threats and dangers, world political system, national interests, water resources, green energy, green economy, cleanliness, geopolitics, efficient use of natural resources.*

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ КАРДАНИ МАВОДҲО БАРОИ ЧОП ДАР МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ СИЁСИИ “ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ”-И АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба шуъбаи таҳрир ва табъу нашри Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷаллаи илмӣ мақолаҳое нашр карда мешаванд, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ ва соҳаҳои илмии зерини мутобиқатдошта: **5.2. (08.00.00) - Иқтисод**; 5.2.3. - Иқтисоди минтақавӣ ва соҳавӣ; 5.2.4. - Молия; 5.2.5. - Иқтисоди ҷаҳонӣ; **5.1. (12.00.00) Ҳуқуқ**; 5.1.1.- Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ; 5.1.2. - Илмҳои ҳуқуқи умумӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ); 5.1.3. - Илмҳои хусусии ҳуқуқӣ (шаҳрвандӣ); **5.5. (23.00.00) - Сиёсатшиносӣ** 5.5.3.-Идоракунии давлатӣ ва сиёсати соҳавӣ; 5.5.4.- Муносибатҳои байналмилалӣ.

Муаллифони мақолаҳо бояд натиҷаҳои боэътимоди корҳои илмии анҷомдодашударо пешниҳод кунанд ва онҳо бояд аслӣ бошанд, инчунин қаблан дар дигар маҷаллаҳо нашр нашуда бошанд. Маълумоти дар тадқиқот инъикосёфта бояд дар шакли хаттӣ дақиқ баён гардида бошанд. Мақола бояд миқдори кофии маълумот оид ба масъалаи мавзӯи интихобшударо дар бар гирад. Муаллифи мақола пеш аз ба нашриёт фиристодани он бояд риояи имлои умумӣ, мутобиқати дурусти истилоҳот ва грамматикаи матнро бодиққат тафтиш кунад. Муаллифон бояд ба нусхабардории корҳои худ ва сохтакорӣ кардани матни мақолаи пешини хеш роҳ надиҳанд, онҳо метавонанд танҳо ҳамчун асос барои хулосаҳои нав истифода шаванд.

Ба ҳамаи мақолаҳои барои нашр пешниҳодгардида дар асоси қоида ва тартибе, ки мудирияти маҷалла муқаррар кардааст, аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдори соҳа тақриз дода мешавад. Қарор дар бораи имконияти нашри дастнависи мақола ба тариқи истисно пас аз гирифтани натиҷаҳои тақриз қабул карда мешавад.

## 1. ТАЛАБОТ БА МАЗМУН ВА ҲАҶМИ МАҚОЛА:

1.1. Ҳаҷми мақола бояд аз 15 то 25 ҳазор аломат (бо фосила, бо назардошти иқтибосҳо) ё 10-15 саҳифа бошад. Нашр кардани ҳаҷми хурдтар ё калонтари мавод бояд бо мудирияти маҷалла мувофиқа карда шаванд;

1.2. Мақола бояд дар мавзӯи муҳим навишта шуда, ба мавзуъ/масъалаи тадқиқшаванда дорои навоварии муайян бошад;

1.3. Мақола бояд натиҷаҳои тадқиқоти илмии дар асоси таҳлили сохторҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии маводи амалияи татбиқи ҳуқуқро инъикос намояд;

1.4. Мақола бояд индекси таснифоти даҳгонаи универсалӣ (УДК), ки нашрия аз рӯйи мавзӯи худ ба он тааллуқ дорад, дошта бошад. Барои ин муаллиф бояд ба шуъбаи иттилоотӣ-библиографии китобхонаи ҷойи кор (таҳсил) муроҷиат кунад ё бо истифода аз захираҳои интернетии дахлдор мустақилона онро муайян намояд;

1.5. Мақола бояд ба яке аз самтҳои (фаслҳо) маҷалла мувофиқ бошад;

1.6. Ҳамаи файлҳое, ки ба мудирияти маҷалла барои чоп фиристода мешаванд, бояд ҳамчун як файли бойгонӣ бо номи муаллифи мақола пешниҳод карда шаванд;

1.7. Дастнависҳои мақолаҳо ва дигар мавод ба муаллифон баргардонида намешаванд. Маводҳое, ки ба қоидаҳо мувофиқат надоранд, барои коркарди нави техникӣ ба муаллифон фиристода мешаванд. Мақолаҳое, ки ба муаллифон барои коркарди нави техникӣ фиристода шудаанд, бояд дар муҳлати тавсияшуда ба мудирияти маҷалла баргардонида шаванд. Дар сурати аз тарафи муаллиф такроран риоя накардани қоидаҳои муқарраргардида аз ҷониби мудирияти маҷалла, онҳо ҳуқуқ доранд, ки масъалаи чопи онро ба назар нагиранд;

1.8. Мақолаҳои пешниҳодшуда дар барномаи «Антиплагиат» тафтиш карда мешаванд. Агар аслияти матни мақола на камтар аз 75% бошад, мақола аз рӯйи меъёри аслият натиҷаи мусбии санҷиш мегирад, ки дар натиҷа мудирияти маҷалла дар бораи ба чоп қабул кардани он қарор қабул мекунанд. Дар сурати аслияти камтар аз 75% матн, яъне ошкор намудани плагиат дар матни мақола, бе ҳуқуқи коркарди минбаъда ё таҷдиди назар кардан, рад карда мешавад;

1.9. Барои эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳама гуна маълумоти дар нашрия чопшуда муаллифи он (муаллифон) ҷавобгар мебошад;

1.10. Ҳангоми истифодаи маводи чоп дар маҷаллаи илмии «Идоракунии давлатӣ» истинод ба он ҳатмист;

1.11. Нуқтаи назари муҳаррирон на ҳамеша бо нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ меояд. Муаллифон барои мундариҷаи мақолаҳо ва эътимоднокии далелҳо масъуланд.

## 2. ТАЛАБОТ БАРОИ ТАҲИЯИ МАТНИ МАҚОЛА:

2.1. Матни мақола дар файле, ки дар ҳама гуна шакли Word бо тамдиди .doc, .docx ё .rtf ҳифз шудааст, ба мудирияти маҷалла фиристода мешавад;

2.2. Сохтори мақола: унвони мақола, насаб, ном ва номи падари муаллиф/муаллифон (пурра нишон дода мешавад), маълумот дар бораи муаллиф, вазифаи ишғолкарда (категорияи омӯзандагон) (пурра нишон дода мешавад, аз ҷумла номи пурраи воҳиди сохторӣ), номи ташкилоте, ки муаллиф дар он кор (таҳсил) мекунад (номи пурраи расмиро нишон медиҳад), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; суроғаи ҷойи кор (таҳсил) - индекси почта, номи давлат (номи пурраи расмӣ нишон дода мешавад), макони зист, кӯча, хона; рақами телефон; суроғаи почтаи электронии(e-mail)-и муаллиф. Агар мақола аз ҷониби якчанд муаллиф таҳия шуда бошад, ном ва маълумот барои ҳар як муаллиф алоҳида нишон дода мешавад;

2.3. Аннотатсияи мақола (на камтар аз 150 ва на бештар аз 250 калима), калимаҳои калидӣ (дар ҳаҷми на камтар аз 6 ва на бештар аз 10 калима), (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), матни асосии мақола (мазмуни асосӣ), рӯйхати адабиёт. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 10 сарчашмаи илмиро дар бар гирад, аз он ҷумла манбаъҳое, ки муаллиф дар қисми асосии мақола истинод кардааст. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо тартиби алифбо оварда мешавад;

2.4. Матн бояд бо як шрифт - Times New Roman, андозаи шрифт - 14 пт, фосилаи сатр - якуним, сархат - 1,25 см бошад;

2.5. Калимаҳои «Аннотатсия», «Калидвожаҳо», «Адабиёт» бо ҳарфи нимсиёҳи ғафс дар сатри алоҳида, андозаи ҳуруф – 12 ст.

2.6. Ҷойгиркунии иқтибосҳо: истинодҳо дар қавсҳои мураббаъ ([19, с. 42]);

2.7. Рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 ва на зиёда аз 25 номгӯи адабиёти илмӣ) бошад. Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёт бояд ГОСТ 7.0.5-2008 библиографӣ ва ГОСТ 7.1-2003 библиографиро ба инобат гирифт. Муаллиф барои дурустии маълумоти дар рӯйхати библиографӣ овардашуда масъул аст.

## 3. БОЙГОНИИ МАҶАЛЛА

3.1. Бойгонии электронии ҳама маҷаллаҳоии нашршудаи «Идоракунии давлатӣ» дар шабакаи Интернет на камтар аз 5 (панҷ) соли тақвимӣ аз рӯзи нашрашон нигоҳ дошта мешаванд;

3.2. Сомонаи расмии маҷалла барои истинод (дар он рақами нашр ва мақола нишон дода шудааст): https://journal.apa.tj

## ПОРЯДОК ПРИНЯТИЯ МАТЕРИАЛОВ ДЛЯ ИЗДАНИЯ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ» АКАДЕМИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья представляется в редакционно-издательский отдел Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в печатном и электроном вариантах. В научном журнале печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований, соответствующие по следующим научным специальностям и соответствующим им отраслям науки: **5.2. (08.00.00) Экономика** - 5.2.3. Региональная и отраслевая экономика; 5.2.4. Финансы; 5.2.5. Мировая экономика **5.1. (12.00.00) Право** - 5.1.1.Теоретико-исторические правовые науки; 5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки; 5.1.3. Частно-правовые (цивилистические) науки - **5.5. (23.00.00) Политология** 5.5.3. Государственное управление и отраслевые политики; 5.5.4. Международные отношения.

Авторы публикаций должны предоставлять достоверные результаты проделанной научной работы, и они должны быть оригинальными, также не опубликованными ранее в других печатных изданиях. Данные, положенные в основу исследований, должны быть четко изложены в письменном виде. Статья должна содержать достаточное количество информации по выбранной тематической проблеме. Перед отправкой публикации в редакцию журнала, ее автор должен тщательно проверить общую орфографию, а также правильность написания соответствующих терминов и грамматику. Авторы должны не допускать дословное копирование собственных работ и их перефразирование, они могут быть использованы только как основа для новых выводов.

Все представленные для публикации научные статьи подлежат рецензированию со стороны компетентных специалистов в порядке и на основе правил, установленных редакцией. Решение о возможности публикации рукописи принимается исключительно после получения результатов рецензирования.

### 1. ТРЕБОВАНИЯ К СОДЕРЖАНИЮ И ОБЪЕМУ СТАТЬИ:

1.1. Объем статьи должен составлять от 15 до 25 тыс. знаков (с пробелами, с учетом сносок) или 10-15 страниц. Опубликование меньшего или большего объема материалов должно согласовываться с редакцией журнала;

1.2. Статья должна быть написана на актуальную тему, отвечать критерию новизны, содержать определенное новаторство в подходе к изучаемой теме/проблеме;

1.3. В статье должны быть отражены результаты научного исследования, основанного на анализе теоретических конструкций, нормативных актов, материалов правоприменительной практики;

1.4. В статье должны быть индекс универсальной десятичной классификации (УДК), к которому публикация относится по своей тематике. Для этого автор должен обратиться в информационно-библиографический отдел библиотеки по месту работы (учебы) либо самостоятельно определить его с использованием соответствующих Интернет-ресурсов;

1.5. Статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

1.6. Все файлы, направляемые в редакцию журнала для опубликования, должны быть представлены одним заархивированным файлом формата с названием фамилии автора публикации;

1.7. Рукописи публикаций и иные материалы, не возвращаются авторам. Материалы, не соответствующие правилам, направляются авторам на техническую доработку. Публикации, направленные авторам на техническую доработку, подлежат возврату в редакцию журнала в рекомендованный срок. В случае повторного несоблюдения автором публикации правил редакции журнала оставляет за собой право не рассматривать его публикацию;

1.8. Представленные статьи проходят проверку в программе «Антиплагиат». При выявлении оригинальности текста статьи не менее чем на 75 %, статья получает положительный результат проверки по критерию оригинальности, по итогам чего редакция принимает решение

о допуске её к публикации. В случае оригинальности менее чем 75 % текста, т.е. выявления в тексте плагиата, статья отклоняется без права ее дальнейшей переработки или доработки;

1.9. За достоверность и точность любых данных, указанных в публикации, ответственность несет ее автор (авторы);

1.10. При использовании печатного материала в научном журнале «Государственное управление» ссылка на него обязательна;

1.11. Точка зрения редакции не всегда совпадает с точкой зрения авторов публикаций. Авторы несут ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов приведенных в статье.

## 2. ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ ТЕКСТА СТАТЬИ:

2.1. Текст статьи направляется в редакцию в виде файла, сохраненного в любой версии Word с расширением .doc, .docx или .rtf. ;

2.2. Структура статьи: название статьи, ФИО автора / авторов (указывается полностью), информацию об авторе, занимаемая должность (категория обучающегося) (указываются полностью, включая полное наименование структурного подразделения), название организации, в которой работает (обучается) автор (указывается полное официальное наименование), ученая степень и ученое звание; адрес места работы (учебы) – почтовый индекс, государство (указывается полное официальное наименование), населенный пункт, улица, дом; адрес электронной почты (e-mail) автора. Если публикация выполнена несколькими авторами, имя и информация об авторе указываются по каждому из авторов в отдельности;

2.3. Аннотация публикации (объеме не менее 150 и не более 250 слов), ключевые слова (в количестве не менее 6 и не более 10 слов), (на таджикском, русском и английском языках), основной текст публикации (основное содержание), библиография публикации. Библиография должна содержать не менее 10 источников научного характера, в том числе на которые автор ссылался в основной части публикации. Литература в библиографии указывается в алфавитном порядке;

2.4. Текст должен быть набран одним и тем же шрифтом – Times New Roman, размер шрифта – 14 пт, межстрочный интервал – полуторный, абзацный отступ – 1,5 см.;

2.5. Слова «Аннотация», «Ключевые слова», «Библиография» печатаются полужирным шрифтом отдельной строчкой размером шрифта – 12 пт.

2.6. Положение сносок: ссылки в квадратных ([19, с. 42]) скобках;

2.7. Список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). При оформлении библиографии следует руководствоваться библиографическим ГОСТом 7.0.5-2008 и библиографическим ГОСТом 7.1-2003. Ответственность за правильность данных, приведенных в пристатейном библиографическом списке, несет автор.

## 3. АРХИВЫ ПУБЛИКАЦИЙ

3.1 Электронные архивы всех изданных журнал «Государственное управление» хранятся в сети интернет не менее чем в течение 5 (пяти) календарных лет с даты их выхода;

3.2. Официальный сайт журнала по ссылке (где размещены номера и публикации): https://journal.apa.tj

## PROCEDURE FOR ACCEPTANCE OF MATERIALS FOR PUBLISHING IN THE SCIENTIFIC JOURNAL "PUBLIC ADMINISTRATION" OF THE ACADEMY OF PUBLIC ADMINISTRATION UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article should be accepted to the editorial and publishing department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan in printed and electronic versions. The scientific journal publishes articles containing the results of scientific research corresponding to the following scientific specialties and their respective branches of science: **5.2. (08.00.00) Economy** - 5.2.3. Regional and sectoral economy; 5.2.4. Finance; 5.2.5. International economy; **5.1. (12.00.00) Law** - 5.1.1. Theoretical and historical legal sciences; 5.1.2. Public law (state law) sciences; 5.1.3. Private legal (civilistic) sciences; **5.5. (23.00.00)** - **Political science** 5.5.3. Public administration and sectoral policies; 5.5.4. International Relationships.

The authors of publications must provide reliable results of the scientific completed work, and they must be original, also not previously published in other publications. The data underlying the research, and should be clearly stated in writing. Also the article should contain a sufficient amount of information on the selected thematic issue. Before submitting a publication to the editors of the journal, its author should carefully check the general spelling, as well as the correct spelling of the relevant terms and grammar. Authors should not allow verbatim copying of their own works and their actuality, they can only be used as a basis for new conclusions.

All scientific articles submitted for publication are subject to review by competent specialists in the manner and on the basis of the rules established by the editors. The decision on the possibility of publishing the manuscript is made only after receiving the results of the review.

### 1. REQUIREMENTS FOR THE CONTENT AND VOLUME OF THE ARTICLE:

1.1. The volume of the article should be from 15 to 25 thousand characters (with spaces, including footnotes) or 10-15 pages. The publication of a smaller or larger volume of materials should be agreed with the editors of the journal;

1.2. The article should be written on a current topic, meet the criterion of novelty, contain a certain innovation in the approach to the topic/problem under study;

1.3. The article should reflect the results of a scientific study based on the analysis of theoretical structures, regulations, materials of law enforcement practice;

1.4. The article should have a universal decimal classification index (UDC), to which the publication belongs in its subject matter. Doing it the author must contact the information and bibliographic department of the library at the place of work (study) or independently determine it using the appropriate Internet resources;

1.5. The article must correspond to one of the directions (sections) of the journal.

1.6. Sending all files to the editors of the journal for publication must be submitted as one archived file with the name of the author of the publication;

1.7. Manuscripts of publications and other materials are not returned to the authors. Materials that do not comply with the rules are sent to the authors for technical revision. Publications sent to the authors for technical revision are subject to return to the editors of the journal within the recommended period. In case of repeated non-observance by the author of the publication of the rules of the editorial board of the journal, it reserves the right not to consider its publication;

1.8. Submitted articles are checked in the program "Antiplagiarism". If the originality of the text of the article is not less than 75%, the article receives a positive result of the check according to the criterion of originality, as a result of which the editors decide on its admission to publication. In case of originality less than 75% of the text of the detection of plagiarism, the article is rejected without the right to further processing or revision;

1.9. For all of the reliability and accuracy of any data specified in the publication, the author should be carry responsibility;

1.10. Using printed material in the scientific journal "Public Administration", reference to it is required;

1.11. The point of view of the editors does not always coincide with the point of view of the authors of publications. The authors are responsible for the content of publications and the reliability of the facts given in the article.

## 2. REQUIREMENTS FOR FORMING THE TEXT OF THE ARTICLE:

2.1. The text of the article is sent to the editorial office as a file saved in any version of Word with the extension .doc, .docx or .rtf. ;

2.2. The structure of the article: title of the article, full name of the author / authors (indicated in full), information about the author, position held (category of student) (indicated in full, including the full name of the structural unit), name of the organization in which the author works (studies) (indicates the full official name), academic degree and academic title; address of the place of work (study) - postal code, state (full official name is indicated), settlement, street, house; e-mail address (E-mail) of the author. If the publication is made by several authors, the name and information about the author are indicated for each of the authors separately;

2.3. Abstract of the publication (not less than 150 and not more than 250 words), keywords (in the amount of not less than 6 and not more than 10 words), (in Tajik, Russian and English languages), the main text of the publication (main content), bibliography of the publication. The bibliography should contain at least 10 scientific sources, including those cited by the author in the main part of the publication. References in the bibliography are listed in alphabetical order;

2.4. The text should be typed in the same font - Times New Roman, font size - 14 pt, line spacing - one and a half, paragraph indentation - 1.5 cm;

2.5. The words “Abstract”, “Keywords”, “Bibliography” are printed in bold type on a separate line, font size - 12 pt.

2.6. Position of footnotes: references in square brackets, as well as ([19, p. 42]);

2.7. List of used literature (not less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). When preparing a bibliography they should be guided by the bibliographic GOST 7.0.5-2008 and the bibliographic GOST 7.1-2003. The author is responsible for the correctness of the data given in the bibliographic list.

## 3. ARCHIVES OF PUBLICATIONS

3.1 Electronic archives of all published journal “Public Administration” are saved on the Internet for at least 5 (five) calendar years from the date of their release;

3.2. The official website of the journal is at the link (where the issues and publications are posted): https://journal.apa.tj

**ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ**
**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**PUBLIC ADMINISTRATION**
**2023 / №1 (60) 389 с.**

**Муҳаррири масъул:** Х. Мавлонов
**Муҳаррири русӣ:** М. Назирова
**Муҳаррири англисӣ:** М. Назирова
**Муҳаррири техникӣ:** А. Холмуродов

**Ответственный редактор:** Х. Мавлонов
**Редактор русского текста:** М. Назирова
**Редактор английского текста:** М. Назирова
**Технический редактор:** А. Холмуродов

**Executiye editor:** Kh. Mavlonov
**Russian text editor:** M. Nazirova
**English text editor:** M. Nazirova
**Technical editor:** A. Kholmurodov

**МУАССИС ВА НОШИР**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Нишонии идора:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сомонаи маҷалла: https://journal.apa.tj

**УЧРЕДИТЕЛЬ И ИЗДАТЕЛЬ**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
**Адрес редакции:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сайт издания: https://journal.apa.tj

**FOUNDER AND PUBLISHER**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
**The editorial office address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir str.
Tel.: +992 (37) 224-17-86. Fax: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Edition website: https://journal.apa.tj

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира, 33.